ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 654.197+004.07 (575.3) + (76.32+73:76.12 (2 Тоҷик))

**САФАРЗОДА МОҲИРА АМИРАЛӢ**

# НАҚШИ ТЕЛЕВИЗИОН ВА СОМОНАҲОИ ИНТЕРНЕТӢ ДАР ТАШАККУЛИ ИМИҶИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ

аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ

**Мушовири илмӣ**:

доктори илмҳои филологӣ, профессор

Муродӣ Мурод Бердӣ

ДУШАНБЕ – 2026

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ........................4**

**МУҚАДДИМА...........................................................................................5-21**

**БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА НАЗАРИЯВИИ ШИНОХТИ ИМИҶ ВА ИМИҶСОЗӢ...............................................................22-57**

1.1. Омилҳои таърихии зуҳур ва ташаккули назарияи имиҷ ва имиҷсозӣ....22-41

1.2. Усулҳои имиҷсозӣ дар контексти таъйиноти иҷтимоӣ, иттилоотӣ ва тарғиботии ВАО...........................................................................................42-57

**БОБИ II. ТАШАККУЛИ АСОСҲОИ СИЁСӢ-ҲУҚУҚИИ ИМИҶ ВА ИМИҶСОЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН....................58-95**

2.1. Имиҷи давлат ва вижагиҳои асосии он....................................................58-74

2.2. Асосҳои ҳуқуқии имиҷ ва имиҷсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон............75-95

**БОБИ III. СУЛҲИ ТОҶИКОН ВА ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР КОНТЕКСТИ ИМИҶИ ДАВЛАТ.....96-156**

3.1. Фарҳанги сулҳофарии Эмомалӣ Раҳмон ва имиҷи ваҳдатофарии Ҷумҳурии Тоҷикистон.........................................................................96-116

3.2. Ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон доир ба об.........................117-139

3.3. НБО-и «Роғун» ва инъикоси он ҳамчун нишони ваҳдату ормони миллӣ дар ВАО...........................................................................................140-156

**БОБИ IV. РАВАНДИ ТАШАККУЛИ ИМИҶИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТЕЛЕВИЗИОН ВА СОМОНАҲОИ ИНТЕРНЕТӢ.......................................................................157-235**

4.1. Инъикос ва баррасии сиёсати давлатии Тоҷикистон дар барномаҳои телевизион.............................................................................................157-182

4.2. Нақши сомонаҳои интернетӣ дар муаррифии Тоҷикистон..................182-213

4.3 Баррасии нуфузи Тоҷикистон дар ВАО-и кишварҳои ИДМ................213-235

**БОБИ V. ДАРЁФТ ВА ИНЪИКОСИ ВОҚЕИЯТҲОИ ИМИҶСОЗ ДАР ЖАНРҲОИ ПУБЛИТСИСТӢ....................................................236-302**
5.1. Истифодаи воқеиятҳои имиҷсоз ва ташреҳи онҳо дар жанрҳои хабарӣ.......................................................................................236-257
5.2. Шеваи баррасии мавзуъ ва масъалаҳои имиҷсоз дар жанрҳои таҳлилӣ ва публитсистӣ-бадеӣ..................................................................257-280
5.3. Вижагиҳои маводди сомонаҳои интернетӣ..........................................280-302

**ХУЛОСА.......................................................................................................303-308**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.........................................................................................309-310**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО).....................................................311- 358**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

АМА – Аморати Муттаҳидаи Араб

АМИТ – Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон

БЕЛТА – (АТБ) – Агентии телеграфии Беларус

ВАО – Воситаҳои ахбори омма

ВАОТ – Воситаҳои ахбори омма ва тарғибот

ВЭАО – Воситаҳои электронии ахбори омма

Ғ. – ғайра

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИТАР-ТАСС (АИТР-АТИИ) – Агентии иттилоотии телеграфии Россия – Агентии телеграфии Иттиҳоди Шуравӣ

НБО – Неругоҳи барқи обӣ

САҲА – Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

СМР – Стратегияи миллии рушд

СҲШ – Созмони ҳамкориҳои Шанхай

ТАЛКО (ШАТ) – Ширкати алюминии тоҷик

ТВ – телевизион

ҲТК – ҳуҷҷатҳои тарроҳии корӣ

ҶШС – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

CGTN (ШҶТЧ) – Шабакаи ҷаҳонии телевизионии Чин

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар замони муосир нақши воситаҳои ахбори омма, махсусан телевизион ва сомонаҳои интернетӣ, дар инъикоси фаъолияти сохторҳои ҳукумат, оммавигардонии ғояи миллӣ, муаррифии давлат ва ташаккули имиҷи он торафт бештар мегардад. Ба ин манзур, шаклдиҳии имиҷи давлат тавассути шабакаҳои телевизионӣ ва сомонаҳои интернетӣ яке аз ҳадафҳои муҳим маҳсуб ёфта, ҳар давлат мувофиқ ба имконоту вазъият консепсияи мушаххаси имиҷсозиро таҳия ва барои амалисозии он тамоми сохторҳои ҳукуматиро ҷалб менамояд.

Имиҷ ақида, образ, симои зоҳирӣ ё маънавии касе, чизе, воқеае, ҷое мебошад, ки дар ҷамъият ё шахсе ташаккул ёфтааст ва бо гуфтани ҳамон ифода ҳолате, амале, симое пеши назар меояд, ки воқеӣ буданаш имконпазир аст, аммо он метавонад хаёлӣ ё бофта низ бошад. Масалан, Фирдавсӣ Сиёвушро «фаришта» хондааст, одоби ашрофони замони худро Убайди Зоконӣ дини онҳо гуфтааст, Гитлерро Садриддин Айнӣ «Чингизи асри ХХ» номидааст ва ғайра. Яъне, имиҷ метавонад мусбат ё манфӣ бошад.

Имиҷро маъмулан месозанд ва ташаккул медиҳанд. Дар ин таҳқиқи диссертатсионӣ имиҷсозӣ танҳо ба маънои мусбат истифода шудааст.

Ҳарчанд мафҳуми имиҷ ва имиҷсозӣ дар миёнаҳои садаи ХХ оммавӣ гардид, нишонаҳои ибтидоии онро аз даврони атиқа ҷустан мумкин мебошад. Ба ин мазмун, дар адабиёти шифоҳӣ ва классикии тоҷику форс низ унсурҳои имиҷсозӣ мушоҳида мешавад. Намунаи олии он «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Ахлоқ-ул-ашроф»-и Убайди Зоконӣ, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Қобуснома»-и Кайковус, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ мебошад, ки дар онҳо роҳҳои ташаккули шахсияти инсон, тарғиби ғояи шоҳи одил ва давлати соҳибтамаддуну ҷомеаи баробар тавсиф шудаанд.

Бо тавлиди ғояҳои нави замонавӣ, пешрафти илму техника, ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, васеъ гардидани доираи эътибор, авҷ гирифтани мубориза

барои пайдо кардани мавқеъ дар олами пуртазоди иттилоотӣ ва омезиши илмҳои ҷамъиятиву иқтисодӣ дар муҳити илмҳои ҷомеашиносӣ самти тозае бо унвони имиҷелогия ба вуҷуд омад. Ба ин раванд тақсимоти нави ҷаҳонӣ, ки пас аз пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ ва системаи ҷаҳони сотсиалистӣ оғоз ёфт, сабаб шуд. Давлатҳо акнун бо шеваи нав ба ҳам шинос ва ҳамкор мешаванд, роҳҳои нави ҳамкорӣ меҷӯянд, зеро шакли рақобат тағйир ёфт. Дар ин раванд имиҷ нақши хоссу муайянкунанда мебозад.

Маълум аст, ки «Дар ҷаҳони муосир дар тақсимбандии умумӣ илмҳо ба гуманитариву дақиқ ҷудо мешаванд. Ҳар кадоме аз онҳо ҷабҳаҳои фарохро дар бар гирифта, аз даҳҳо шохаҳо иборат мебошанд» [54, с. 139]. Имиҷелогия низ чун яке аз шохаҳои илм дар навбати худ аз чанд паҳлу омӯхта мешавад. Шохаи сертаваҷҷуҳ ва фарогири имиҷелогия имиҷсозии давлат мебошад, ки дар раванди ташаккули он воситаҳои ахбори омма, махсусан телевизион ва сомонаҳои интернетӣ, нақши муҳим доранд. Дар замони мо бештари кишварҳо барои ташаккули имиҷи мусбати худ аз тамоми имкониятҳои ВАО – чи дар дохил ва чи берун аз он истифода мекунанд.

Яке аз унсурҳои муҳимми имиҷсозии давлат муаррифии арзиш ва дастовардҳои мамлакат дар дохил ва хориҷи кишвар мебошад. Муаррифӣ тавассути воситаҳои ахбори омма сурат мегирад. Маълум аст, ки ҳар гуна воситаи ахбори омма фаъолияташро бо дарназардошти манфиати муассис ба роҳ мемонад. Чи гуна сурат гирифтани фаъолияти ВАО ва нақши он дар ташаккули имиҷи давлат ба муассис сахт вобаста аст. Аз ин ру, ҳар давлат барои таъсиси воситаҳои ахбори оммаи худӣ кӯшиш менамояд, то имиҷи мусбаташро ҳифз кунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун давлати соҳибистиқлол барои ташаккули имиҷи мусбати худ кӯшишҳои зиёд менамояд. Раванди ташаккули имиҷи байналмилалии Тоҷикистон аз садаи XXI оғоз гардида бошад ҳам, заминаҳои шаклдиҳии он тавассути воситаҳои ахбори омма аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, махсусан баъд аз Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ, маншаъ мегирад.

Ҳамкорӣ бо ВАО-и беруна, аккредитатсияи журналистони хориҷӣ, даъвати онҳо барои боздид аз минтақаҳои кишвар, қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи ВАО, ки журналистонро ба муаррифии Тоҷикистони соҳибистиқлол водор мекунад, аз омилҳои сиёсиву иҷтимоие мебошанд, ки барои ташаккули имиҷи кишвар шароит фароҳам меоваранд.

Бо расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ тадриҷан омилҳои сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодиву ҳуқуқӣ ва касбӣ дар самти имиҷсозӣ фароҳам омад. Мафҳуми «имиҷсозӣ» дар қонун, стратегия, консепсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид карда шуд. Ин санадҳо сохторҳои гуногуни давлатро водор мекунанд, ки дар амалисозии сиёсати имиҷии Тоҷикистон бетафовут набошанд, дар амалигардонии он бо воситаҳои ахбори омма пайваста ҳамкории босамарро ба роҳ монанд.

Амали имиҷсозӣ, хосса ташаккули имиҷи давлат, ба як соҳа маҳдуд нашуда, он дар ҳамкории мудовими соҳаҳои гуногун натиҷаи мусбат медиҳад. Телевизиону сомонаҳои интернетӣ дар раванди имиҷсозӣ мавқеъ ва имконияти хоса доранд ва омӯзишу пажуҳиши нақши онҳо дар муаррифии давлату ташаккули имиҷи мусбати он аз ҳар ҷиҳат муҳимму аҳаммиятнок мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Пажуҳиши мавзуи мазкур дар илми журналистикаи тоҷик нисбатан нав буда, доир ба масъалаҳои шаклгирии имиҷи давлат тавассути воситаҳои ахбори омма, махсусан телевизион ва сомонаҳои интернетӣ, кори диссертатсионӣ анҷом наёфтааст. Танҳо дар бобу фаслҳои алоҳидаи корҳои диссертатсионӣ ва мақолаву маърузаҳои илмӣ доир ба мавзуъ ишораҳо ба назар мерасанд.

Дар кишварҳои хориҷа, аз ҷумла, Федератсияи Россия, Иёлоти муттаҳидаи Амрико ва кишварҳои Аврупо, доир ба мавзуи имиҷ ва имиҷсозӣ ва нақши ВАО дар ин раванд корҳои зиёди илмӣ анҷом ёфтаанд, ки дар онҳо нақши воситаҳои ахбори омма дар ташаккули имиҷи давлат аз паҳлуҳои гуногун таҳқиқ шудаанд. Бо сабаби он ки имиҷи давлат дар натиҷаи ба ҳам омадани омилҳои гуногун шакл мегирад, омӯзишу пажуҳиши он моро водор

мекунад, ки ба таҳқиқи олимони соҳаҳои гуногун рӯ биёрем. Аз ин рӯ, дар кори диссертатсионӣ адабиёти марбут ба мавзуи таҳқиқро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудем:

1. Адабиёти умумӣ доир ба имиҷ ва имиҷелогия. Ба ин гурӯҳ, пеш аз ҳама, осори мутафаккирону адибони классики форсу тоҷик – Абулқосим Фирдавсӣ, Низомулмулки Тусӣ, Убайди Зоконӣ, Саъдӣ Шерозӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигаронро метавон ворид намуд, ки дар онҳо андешаҳои илмию фалсафӣ доир ба ҳокимияти идеалӣ, заминаҳои устувори давлатдорӣ, консепсияҳои шоҳи одил ва давлати ормонӣ зикр гардидааст. Музокираҳои ин зумраро афкори бунёдии имиҷи қабл аз имиҷелогия донистан мумкин аст.

Аз ҷумла, Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» аз шоҳони зиёде ёдовар мешавад, ки пешрафт ё таназзули давлатҳояшон ба усули роҳбарии онҳо вобастагӣ дорад. Ӯ аз рӯзи ба сари тахт омадан то аз ҳокимият рафтани ҳар шоҳро тасвир намуда, зина ба зина ташаккул ёфтани шахсияти ӯро ҳамчун роҳбар ба қалам медиҳад. Фирдавсӣ барҷаста гардидани шахсияти роҳбар, обруву эътибор пайдо намудани ӯ, рушд кардани давлат ва шуҳратёр шудани ҳокимиятро ба омилҳои гуногун вобаста медонад [170]. Аз достонҳои «Шоҳнома» бармеояд, ки аз ибтидо ҳар давлат барои пайдо намудани обруву эътибор ва нуфузу манзалат аз роҳу усулҳои гуногун истифода менамудаанд, ки имрӯз ҳамон усулҳо чун унсурҳои асосии имиҷсозии давлат дониста мешаванд.

Унсурулмаолии Кайковус дар симои фарзандаш мардумро ба худсозӣ даъват намуда, тавассути панду андарзҳои гуногун таъкид менамояд, ки барои дар ҷомеа мавқеъ пайдо кардан ва соҳибэҳтром гардидан бояд шахсро дар руҳияи хислатҳои накуи инсонӣ тарбия намуд. Масъалаҳое, ки дар «Қобусома»-и Кайковус баррасӣ гардидаанд, дар назарияи имиҷсозии муосир заминаи асосӣ дониста шуда, дар ташаккули имиҷи инфиродӣ таъсири амиқ мегузоранд.

Асарҳои муҳаққиқон В. Шепел [183; 184; 185], И.К. Черёмушникова [180], И.В. Чернишёва [180], Б. Н. Хатунсев [173] дорои ҷанбаи қавии назарӣ

мебошанд. Ин муҳаққиқон дар бораи мафҳуму моҳияти имиҷ, заминаҳои илмии бунёдии имиҷ ва имиҷсозӣ, давраҳои ташаккули имиҷелогия, ҳамчун як шохаи мустақили илм, унсур, равия ва паҳлуҳои дигари рушди бренд ва имиҷ музокира намуда, баъзе вижагиҳои имиҷи давлат ва заминаҳои сохту ташаккули онро муайян кардаанд.

Виктор Шепел имиҷро маҷмуи муносибатҳо ва таассуроте медонад, ки дар шуури ҷомеа нисбат ба шахс, гурӯҳ, ташкилот, умуман, объект ташаккул меёбанд. Китобҳои ӯ махсусан «Имиджелогия. Секреты личного обаяния» [183], «Имиджелогия. Как нравиться людям» [184], «Менталитет руководителя» [185] барои дарки назарияи имиҷелогия, унсурҳо, ҳадафҳо ва технологияи имиҷсозӣ мусоидат намуданд.

Муҳаққиқон И. М. Синяева [78; 149], О. Н. Жилсова [149], В. М. Маслова [78], А.Ю. Панасюк [112; 113] ва дигарон, асосан, ба масъалаи стратегияҳои имиҷсозӣ, навъҳои он, имиҷсоз ва вазифаҳои ӯ таваҷҷуҳ кардаанд. Тавассути пажуҳишҳои ин муҳаққиқон доир ба вижагиҳои имиҷсозӣ, объекти имиҷсоз, консепсияи имиҷсозиву бренд, масъулияти имиҷсоз ҳамчун мутахассис ва амсоли ин метавон маълумот пайдо кард.

Дар пажуҳишҳои муҳаққиқони дигар З. Ш. Сайидзода [138; 139; 140], Э. Боулдинг [227], Э. А. Галумов [35; 37], Д.Н. Замятин [48; 49], Д.П. Гавра [34], А.Н. Чумиков [181] ва дигарон бевосита ба масъалаи омӯзиши имиҷи давлат таваҷҷуҳ шуда, муаллифон барои муайян кардани равишҳои мушаххаси имиҷ дар раванди имиҷсозии давлат кӯшидаанд. Ҳар як муаллиф консепсияи имиҷсозии давлатро ба таври худ шарҳу тавзеҳ намуда, ба ин ё он равиш бартарӣ додааст. Дар ин раванд воситаҳои имиҷсоз низ баҳогузорӣ гардидаанд. Масалан, муҳаққиқи тоҷик З. Сайидзода нақши воситаҳои ахбори оммаро дар раванди ташаккули имиҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ намуда, ба он назар аст, ки имиҷи давлат дар натиҷаи фаъолияти мунтазами ҳокимият ва идораи давлатӣ бо воситаҳои ахбори оммавӣ ташаккул меёбад [140, с. 5-6].

2.Асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, китобҳо дар бораи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мактаби давлатдории ӯ консепсияи таҳқиқро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, китобҳои «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат» [124], «Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ» [126], «Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ» [123] «Тоҷикон дар оинаи таърих»- и [128] муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои омӯзиши ҳамаҷонибаи таъриху тамаддуни миллати тоҷик, ташаккули Тоҷикистони соҳибистиқлол, раванди сулҳофарӣ, бунёдкорӣ, шакли давлатдории ҳуқуқбунёд ва дар ин замина ташаккули имиҷи Тоҷикистони соҳибистиқлол маълумоти муфид медиҳанд. Китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» баробари фаро гирифтани маълумоти мухтасари таърихӣ дар бораи фарҳангу тамаддуни тоҷикон, ҳамчунин, симоҳои таърихиеро ба хонанда манзур медорад, ки бо корнамоиҳои шоёни худ дар ҷомеа мавқеи хосса пайдо кардаанд.

**3. Таҳқиқи илмии монографӣ оид ба имиҷи давлат**

Ба таҳқиқу омӯзиши имиҷсозии давлат дар замони муосир таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардад. Аз ҷумла, муҳаққиқони рус И.К. Черёмушникова [224; 225], К. А. Кузина [202], Х. Дж. Айдоган [192], К. В. Киуру [201], А. Н. Соломатин [220], К.В. Мруг [208] дар корҳои диссертатсионии худ ин масъаларо мавриди омӯзиш қарор дода, тавассути таҳлилу баррасиҳо имиҷи Федератсияи Россияро дар ВАО-и давлатҳои гуногун ё имиҷи давлатҳои дигарро дар ВАО-и Россия бо шумули имиҷи роҳбарони сиёсӣ муайян намудаанд.

Дар фазои илмии Тоҷикистон ин мавзуъ нисбатан нав буда, дар бобу фаслҳои алоҳидаи диссертатсияи муҳаққиқони тоҷик Р.Э. Раҳмонова [213], И.И. Баротов [27; 193], О.Н. Зардова [200] ва дигарон ба масъалаи имиҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон то андозае равшанӣ андохта шудааст, ки барои омӯзиши баъзе паҳлуҳои мавзуъ ёрӣ мерасонанд.

Масалан, муҳаққиқи тоҷик И. Баротов ба ташаккули имиҷи давлатҳо дар замони таҳаввулоти ҷаҳонӣ таваҷҷуҳ намуда, муътақид аст ки: «Барои таъмини рушди устувори ҷомеа ва давлат, пеш аз ҳама, зарур аст, ки дар фарҳанги маънавии миллат тафаккури динамикӣ вуҷуд дошта бошад, то тавонмандии дурнамои миллиро дар шароити дигаргуниҳои нави ҷаҳонӣ таҳким бахшад. Тағйирёбии дараҷаи рушди ҷомеа ва давлат бештар ба сатҳи шуур ва тафаккури миллат вобаста аст» [193, с. 31].

Муҳаққиқ О. Зардова дар як фасли кори диссертатсионии худ ба таърихи ташаккули имиҷи Тоҷикистон рӯ оварда, онро ба оғози асри XXI мансуб медонад. Аз диссертатсияи Р. Раҳмонова дар мавриди мавқеи Тоҷикистон дар созмонҳои байналмилалӣ ва таъсири онҳо ба нуфузи Тоҷикистон маълумот пайдо кардан мумкин аст.

Аз тарафи дигар, китобҳое, ки арзиши илмиву таърихӣ доранд ва ба қалами сиёсатмадорону шоҳидони бевоситаи раванди давлатсозии навини тоҷикон мансубанд, дар кор васеъ истифода гардидаанд. Аз ҷумла, китобҳои Т.Н. Назаров [117], А. Достиев [45], О.Э. Раҳмон [117], С. Ятимов [190], И.К. Усмонов [163; 164; 168], З.Ш. Сайидзода [138; 139; 140], А.Ғ. Холиқзода [117], С.С. Фаттоев [117], Х.А. Сафарзода [116] ва дигарон. Тавассути ин китобҳо бо таърихи бунёди давлати навини тоҷикон, ки дар маркази тамоми воқеаҳо шахсияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меистад, метавонем зина ба зина бо раванди ташаккули шахсияти Пешвои миллат ҳамчун пешвои сиёсӣ ва дар ин раванд бо ташаккули имиҷи Тоҷикистон шинос шавем.

**3. Пажуҳишҳо доир ба нақши ВАО дар ташаккули имиҷи давлат.**

Асарҳои муҳаққиқони тоҷик И.К. Усмонов [165; 166; 167; 169], А. Саъдуллоев [146; 147; 148], А. Нуралиев [108], Б. Камолиддинов [60], А. Азимов [15; 16; 17; 18; 19], М. Муродӣ [88; 89; 90; 91; 92; 93; 94; 95; 96; 97; 98], М. Имомзода [54; 55], М. Абдуллоев [12; 13], Ҷ. Садуллоев, Ҷ [55], М. Муқим [82; 83; 84; 85], Қ. Мухторӣ [100], Б. Ҳошимзода [54], С. Хоҷазод [174], П. Гулмуродзода [146], С. Гулов [40], И. Ҳамидиён [171; 172;], муҳаққиқони

хориҷӣ Е.Л. Прохоров [120], С. Г. Корконосенко [65], А.Тертичний [156], В.В. Ворошилов [33], М.Н. Ким [62], В.Л. Свик [179], М. Дефлюр [43], С. Болл-Рокеач [43] ва дигаронро ба ин гурӯҳ шомил намудем. Осори онҳо ба мо имкон дод, ки имиҷсозиро дар контексти таъйиноти иҷтимоию иртиботӣ ва тарғиботӣ омӯзем. Ҳамчунин, ин китобҳо дар дарку маърифати имконоту вижагиҳои телевизион ва интернет, мушаххасоти жанрҳои публитсистӣ ва тарзи корбурди онҳо дар раванди имиҷсозӣ ба мо кумак расониданд.

Масалан, муҳаққиқ И. Усмонов дар китоби «Журналистика» атрофи махсусияти кори журналист ва вазифаҳои асосии ӯ андешаронӣ намуда, таъкид мекунад, ки дар пасманзари фаъолияти журналистӣ доимо тарғиб меистад. Дар китоби дигар «Жанрҳои публитсистика» атрофи имконоти жанрӣ дар раванди иҷрои вазифаҳои журналистӣ маълумоти мухтасар мавҷуд мебошад.

Ба масъалаи шинохт ва имконоти жанрӣ муҳаққиқ М. Муродӣ низ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, дар таҳқиқоти худ ба вазифаҳои асосии воситаҳои ахбори омма, махсусият ва имконоти жанрӣ, шинохти аудитория равшанӣ андохтааст.

Муҳаққиқ М. Муқим дар навиштаҳои худ бештар ба масъалаи муборизаҳои иттилоотӣ, ҷанги сард, мавқеи воситаҳои ахбори омма дар раванди тағйирпазирии ҷаҳон, нақши интернет дар ҷаҳони муосир ва махсусияти журналистикаи чандрасонаӣ таваҷҷуҳ намуда, дар ин замина ба масаъалаи ташаккули симои давлатҳо равшанӣ андохтааст.

Муҳаққиқ И. Ҳамидиён низ ба масъалаҳои PR, журналистикаи соҳавӣ, реклама, тарғибот, бренд-журналистика, имиҷи Тоҷикистон дар ВАО, имиҷмейкинг дар фазои иттилоотии Тоҷикистон ва имиҷи Пешвои миллат таваҷҷуҳ намудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ**. Мавзуи кори диссертатсионӣ ба барномаҳои таълимӣ ва илмии самтҳои журналистика, сиёсатшиносӣ, имиҷелогия, сотсиология ва таърих иртиботи амиқ дорад. Таҳқиқ як фасли корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи телевизион ва

радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 маҳсуб меёбад. Инчунин, кори диссертатсионии мазкур аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ бо мавзуъҳои пешбининамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №263 «Дар бораи стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030» мувофиқат мекунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ** ба таври мушаххас муайян намудани нақши воситаҳои ахбори омма, махсусан телевизион ва сомонаҳои интернетӣ, дар ташаккули имиҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои ноил гардидан ба ин мақсад ва муайян кардани консепсияи имиҷсозии давлат, ҳамчунин, воситаҳои амалисозии он тавассути ВАО иҷрои **вазифаҳои зерин** ба миён гузошта шудаанд:

- таҳқиқи заминаҳои таърихӣ, омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии имиҷ ва имиҷсозӣ;
- баррасии ҷанбаҳои илмиву назарӣ ва усулҳои имиҷсозӣ дар муҳити илмии замони муосир;
- пажуҳиши нақши воситаҳои ахбори омма, махсусан телевизион ва сомонаҳои интернетӣ, дар татбиқи стратегияи имиҷсозӣ;
- муайян кардани вижагиҳои асосии имиҷи давлат ва роҳҳои ташаккули он;
- тавассути баррасиҳои илмӣ муайян намудани асосҳои ҳуқуқии имиҷсозӣ дар Тоҷикистон ва имконоти амалигардонии унсурҳои имиҷсозӣ вобаста ба шароити мавҷуда;
- омӯзиши раванди сулҳофарии тоҷикон дар контексти имиҷи давлат;

– муайян намудани вижагиҳои имиҷи сиёсии роҳбари давлат ва таъсири он дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон;
– бо таҳлили барномаҳои гуногуни телевизионӣ муайян намудани нақши телевизион дар шаклгирии имиҷи сулҳофарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон;
– мушаххас намудани нақши телевизион ва сомонаҳои интернетӣ дар ташаккули имиҷи байналмилалии Тоҷикистон дар заминаи сиёсати хориҷии кишвар;
– баррасии нақши ташаббусҳои байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули имиҷи байналмилалии давлат ва мавқеи шабакаҳои телевизионии ватанӣ дар ин раванд;
– дарёфт ва асоснок намудани ғояи миллӣ ҳамчун василаи имиҷсоз дар маводди ВАО доир ба НБО-и «Роғун»;
– таҳлили мутаносиби барномаҳои шабакаҳои телевизиони давлатии Тоҷикистон (ТВ «Тоҷикистон», ТВ «Ҷаҳоннамо», ТВ «Варзиш», ТВ Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ») дар самти инъикос ва тарғиби сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– муайян кардани вижагиҳои маводди сомонаҳои интернетӣ дар робита ба масъалаи имиҷсозии Тоҷикистон;
– таҳлили муқоисавии барномаҳои телевизионӣ ва маводди сомонаҳои интернетии кишварҳои ИДМ доир ба воқеаҳои Тоҷикистон;
– муайян намудани нақши жанрҳои хабарӣ дар инъикоси воқеаҳои имиҷсоз;
– нишон додани имконот ва усулҳои корбурди жанрҳои таҳлилӣ ва публитсистию бадеӣ дар инъикос ва баррасии равандҳои имиҷсозии давлат;
– тариқи баррасиҳои муқоисавӣ муайян намудани вижагиҳои умумӣ ва хоссаи маводди сомонаҳои иттилоотӣ доир ба имиҷи давлат.

**Объекти таҳқиқ.** Барномаҳои шабакаҳои телевизиони Тоҷикистон, шабакаҳои телевизионии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, сомонаҳои

интернетии шабакаҳои телевизионӣ, сомонаҳои расмии агентиҳои иттилоотӣ ва маводди саҳифаҳои расмии интернетӣ дар бораи Тоҷикистон объекти таҳқиқро ташкил медиҳанд. Ба сифати сарчашмаҳои асосии амалии таҳқиқ маводди шабакаҳои телевизионии давлатӣ, аз ҷумла, ТВ «Тоҷикистон», ТВ «Ҷаҳоннамо», ТВ «Варзиш», ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва хориҷӣ – «Мир», «Россия 24», сомонаҳои расмии шабакаи телевизионҳои мазкур ва сомонаҳои АМИТ «Ховар», «Азия-Плюс» истифода шудаанд. Ҳамчунин, аз маводди сомонаҳои иҷтимоии YouTube, фейсбук, Instagram ва Telegram низ истифода гардидааст.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқ –** нақши телевизион ва сомонаҳои интернет дар раванди имиҷсозии давлат ва ташаккули имиҷи дохиливу берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Асосҳои назарии таҳқиқро,** пеш аз ҳама, осори мутафаккирони давраҳои гуногун аз қабили Арасту, Фирдавсӣ, Низомулмулк, Восифӣ, Кайковус ва дигарон ташкил намуда, барои шарҳу тавзеҳи назарияи имиҷи қабл аз имиҷелогия кумак намудаанд.

Таҳқиқоти назариии олимони тоҷик И. К. Усмонов [165; 166; 167; 168; 169;], А. Саъдуллоев [146; 147; 148], А. Нуралиев [108], Б. Камолиддинов [60], М. С. Имомзода [54; 55], А. Х. Азимов [15; 16; 17; 18; 19], М. Б. Муродӣ [88; 89; 91; 93; 95], М. А. Муқимов [82; 83; 84], М. А. Абдуллозода [12; 13], Ҷ. М. Садуллоев [55], Н. Н. Солеҳов [14], Ш. Б. Муллоев [14; 86], З. Муминҷонов [101; 102], Б. Ҳошимзода [54], Р. М. Бобоҷониён [169; 194], Қ. Мухторӣ [100], Н. Ш. Бозорзода [195], Т. Ҳасанова [222], С. Хоҷазод [174], А. А. Раҳимов [14], олимони рус Е.Л. Прохоров [120], С. Г. Корконосенко [65], А.Тертичний [156], В.В. Ворошилов [32], М.Н. Ким [62], В.Л. Свик [179], Б.А. Грушин [40], В.В. Тулупов [158], Я.Н. Засурский [110], В. Шепел [183; 184; 185], И. К. Черёмушникова [180; 225], Б.Н. Хатунсев [173], И.М. Синяева [78], В. М. Маслова [78], М.Ю. Матвеев [206], Э.А. Галумов [35; 37], Д.Н. Замятин [48; 49], Д.П. Гавра [34], А.Н. Чумиков [181], О.М. Тюкаркина [159; 160], Е.

Джанджугазова [44] ва дигарон дар вусъати муносибати рӯзноманигорӣ дар пажуҳиши масъала барои мо ҳамчун донишҳои назарӣ хидмат карданд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Дар диссертатсия бори аввал нақши ВАО, бахусус, телевизион ва сомонаҳои интернетӣ дар ташаккули имиҷи давлати Тоҷикистон, таҳқиқ шудааст. Дар иртибот ба ин:

– ҷанбаҳои таърихӣ, назарияи имиҷ ва имиҷсозӣ дар контексти пажуҳишҳои илмӣ муайян карда шуд;
– доир ба раванди ташаккули асосҳои сиёсӣ-ҳуқуқии имиҷ ва имиҷсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти тоза пешниҳод гардида, нақши ин омилҳо дар ташаккули вижагиҳои имиҷи давлат ва фазои имиҷсозӣ дар кишвар баррасӣ гардид;
– нақши ВАО, бахусус, телевизион ва сомонаҳои интернетӣ, ҳамчунин, оҷонсиҳои иттилоотӣ дар инъикоси сулҳи тоҷикон ва ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон ҳамчун омили созанда ва ташаккулдиҳандаи имиҷи давлат нишон дода шуд;
– роҳу усулҳои инъикос ва баррасии сиёсати давлатии Тоҷикистон дар барномаҳои телевизионӣ ва нақши сомонаҳои интернетӣ дар муаррифии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ муайян карда шуд;
– тариқи таҳлилу баррасиҳо дараҷаи инъикоси воқеиятҳои Тоҷикистон дар ВАО-и кишварҳои ИДМ таносубан муқоиса гардид;
– вижагиҳои жанрии маводди шабакаҳои телевизионӣ, сомонаҳои интернетӣ ва оҷонсиҳои иттилоотӣ доир ба воқеиятҳои имиҷсоз ва тарғиби ғояҳои ташаккулдиҳандаи имиҷи давлат таҳлил карда шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Омӯзиш нишон дод, ки имиҷсозӣ ва бунёди бренди давлат дар замони муосир яке аз масъалаҳои стратегии тамоми давлатҳо маҳсуб ёфта, маҳз тавассути ташаккули имиҷи мусбати худ давлатҳои алоҳида метавонанд дар сатҳи ҷаҳонӣ нуфузу эътибор пайдо кунанд.

2. Аз баррасиҳои илмӣ бармеояд, ки воситаҳои ахбори омма, махсусан шабакаҳои телевизионӣ, сомонаҳои интернетӣ ва оҷонсиҳои иттилоотӣ дар ташаккули имиҷи давлат нақши бориз доранд. Маҳз тавассути воситаҳои ахбори омма раванди иттилоърасонӣ, оммавигардонии дастовардҳо неру пайдо мекунад.

3. Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки ҳарчанд қонунмандиҳои имиҷ ва имиҷсозӣ мутаносибан умдаанд, аммо дар раванди имиҷсозии давлат консепсияи мушаххасе, ки барои ҳамаи давлатҳо мувофиқ бошад, мавҷуд нест. Ҳар кишвар вобаста ба мавқеи геополитикӣ, имконоту шароит ва вазъият аз равишҳои гуногун истифода менамояд. Яъне, имиҷсозӣ бештар хусусияти амалӣ доштааст.

4. Ташаккули имиҷи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар ибтидо ба таври ғайримақсаднок зуҳур ёфта бошад ҳам, заминаҳои ҳуқуқӣ ва нишонаҳои бунёди консептуалии имиҷсозӣ аз Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ маншаъ мегирад. Ин санаи таърихӣ раванди расидан ба сулҳу ваҳдати миллиро суръат бахшида, барои ташаккули имиҷи байналмилалии Тоҷикистон марҳилаи навро оғоз бахшид.

5. Дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши меҳварӣ дорад. Корномаи бунёдкорона ва созандаи Роҳбари давлат таваҷҷуҳи ВАО-ро ба воқеиятҳои имиҷсоз бештар гардонид, ки ин боиси фузун гардидани эътиқоду боварии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба миллату давлати тоҷик гардид.

6. Инъикоси раванди бунёди НБО-и «Роғун» дар воситаҳои ахбори оммаи дохилу хориҷи кишвар ҳамчун рамзи ваҳдату якдилӣ ва тавоноии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули имиҷи тоҷикон ҳамчун миллати созанда, бунёдкор, муттаҳид мусоидат намудааст.

7. Нақши шабакаҳои телевизионӣ дар муаррифии сиёсати созандагии ҳукумати кишвар муҳим арзёбӣ мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ба рушди соҳаи телевизион эътибори ҷиддӣ медиҳад. Зиёд гардидани шумораи шабакаҳои телевизионӣ фазои иттилоотиро пурра гардонида, барои аз паҳлуҳои гуногун муаррифӣ намудани дастовардҳои кишвар мусоидат менамояд.

8. Барномаву намоишҳои телевизионӣ, матолиби сомонаҳои интернетӣ ва оҷонсиҳои иттилоотӣ аз нигоҳи жанрӣ ва аносири ҳунарӣ гуногун буда, истифодаи моҳиронаи қолабҳои жанрӣ раванди имиҷсозиро ҷолиб ва муассир гардонидааст. Дар инъикоси ғояҳои имиҷсоз ва тарғибу ташвиқи онҳо бештар аз имконоти жанрҳои таҳлилӣ ва публитсистию бадеӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳои умумӣ ва натиҷаву пешниҳодоти диссертатсия метавонад дар такмили консепсияи имиҷсозии давлат ва таҳияву коркарди консепсияи имиҷи Тоҷикистон, ки ҳамчун давлати соҳибистиқлол, дорои вижагиҳои идоракуниву имконоти геополитикии хосса аст, мусоидат намояд. Маводди таҳқиқ барои васеъ намудани ҷаҳонбинии илмии журналистону кормандони бахшҳои робита бо ҷомеа, такомули донишҳои журналистиву сиёсӣ, дарки дурусти манфиатҳои миллӣ, вижагиҳои имиҷсозӣ, умумият ва тафовути имиҷ ва PR дар замони муосир таъсир мерасонад. Он барои ҷорӣ намудани самти нав дар журналистика, яъне нақши воситаҳои ахбори омма дар раванди имиҷсозӣ мусоидат менамояд, зеро дар ин раванд воситаҳои ахбори омма нақши намоёнро иҷро мекунанд.

Маводди диссертатсияро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, коркарди машғулиятҳои амалии соҳаҳои имиҷсозӣ, ВАО ва ташаккули имиҷи давлат истифода кард. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллифи диссертатсия, хусусан, дар рушди низоми воситаҳои ахбори омма, беҳтар шудани сифати барномаҳои телевизионӣ, истифодаи босамари имконоти интернетӣ ҳангоми таҳияи мавод барои сомонаҳои ВАО ва саҳифаҳои расмии сомонаҳои иҷтимоӣ дар самти имиҷсозии кишвар мусоидат намуда метавонад.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Нақши телевизион ва сомонаҳои интернетӣ дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон» ба шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мувофиқат менамояд. Дар доираи муқаррароти **бандҳои 7, 9 ва 11-и «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ** масъалаҳои зерин мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд:

- нақши воситаҳои ахбори омма дар ташаккули имиҷи давлат;
- махсусияти фаъолияти телевизион ва интернет дар контексти имиҷсозии давлат;
- заминаҳои ҳуқуқии имиҷсозӣ ва вазифаҳои телевизион дар амалигардонии сиёсати имиҷии Тоҷикистон;
- саҳми телевизион дар раванди сулҳофарии Тоҷикистон ва иникоси ҷараёни ваҳдатофарӣ дар кишвар;
- барномаҳои телевизионӣ ва маводҳои интернетӣ дар мавзуи ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон доир ба об ва таъсири онҳо дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон ҳамчун давлати ташаббускор;
- инъикоси равади сохтмони НБО «Роғун» ва бунёди имиҷи ҷадиди Тоҷикистон ҳамчун давлати созанда;
- аҳаммияти маҳорати касбӣ ва иқтидори эҷодии кормандони телевизион дар ташаккул ва таҳкими имиҷи Тоҷикистон.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми муаллиф дар омӯзиши назарии мавзуъ, баррасии нақши телевизион ва сомонаҳои интернетӣ дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон, омода намудани маърузаҳо доир ба мавзуъ ва суханронӣ дар ҳамоишҳои илмии сатҳи байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, таълифи монография, мақолаҳои илмӣ, илмиву оммавӣ зоҳир мешавад. Андешаҳои назарӣ, ҳамчунин, хулосаҳои илмӣ дар диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муҳаққиқ мебошанд**.** Тавсияҳои муҳаққиқ оид

ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар асоси хулосаҳои илмии диссертатсия ва омӯзиши муаллиф пешниҳод шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Масъалаҳои назарии гуногуни мабут ба имиҷ ва имиҷсозӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ (солҳои 2020-2025) баррасӣ шудаанд. Аз ҷумла, нуктаҳои меҳварии таҳқиқ аз ҷониби диссертант дар конференсияҳои байналхалқии илмию амалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо» (Душанбе, 23-юми октябри соли 2020), «Мактаби сиёсии Пешвои милллат» бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон (Данғара, 5-уми октябри соли 2021), «Мактаби сиёсии Пешвои миллат» бахшида ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ (Бохтар, 24-уми июни соли 2022), «Тамоюли рушди фаъолияти ВЭА-и муосир» (Тошканд, 22-юми ноябри соли 2023, онлайн), «Нақши ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархурди фарҳангу тамаддунҳо» (Бохтар, 11-уми апрели соли 2025), конференсияҳои ҷумҳуриявии «Нақши публитсистика дар шароити ҷаҳонишавӣ» (Душанбе, 22-юми сентябри соли 2020), «Масъалаҳои рушди публитсистика ва методикаи таълими журналистикаи муосир» (Кӯлоб, 19-уми декабри соли 2020), «Журналистикаи минтақавӣ дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» (Хуҷанд, 9-уми марти соли 2021), «Масъалаҳои илм ва таҳсилоти журналистӣ дар шароити ташаккули рӯзноманигории чандрасонаӣ» (Душанбе, 20-уми октябри соли 2021), «Пешвои миллат ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол» (Хуҷанд 16-уми ноябри соли 2021), «Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад» (Душанбе, 18-уми марти соли 2022), «Журналистикаи минтақавии муосир: талаботу тамоюли нав, таҷрибаи рушд» бахшида ба 110-солагии матбуоти тоҷик (Хуҷанд, 10-уми марти соли 2022), «Публитсистика ва баъзе масъалаҳои он дар даврони Истиқлолият» (Душанбе, 30-юми сентябри соли 2022), «Медиакоммуникатсияи маҷозӣ ва реклама: технологияҳои нав ва методологияи таҳқиқ» бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Рӯзи матбуоти тоҷик»

(Хуҷанд, 10-уми апрели соли 2023), «Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (2020-2040) (Душанбе, 18-уми майи соли 2023), «Нақши ВАО дар таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Кӯлоб, 10-уми ноябри соли 2023), «Услубшиносӣ ва медиалингвистика: проблема ва дурнамо» (Душанбе, 7-уми майи соли 2024), «Васоити электронии ахбор дар шароити вусъатёбии муборизаҳои иттилоотӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ» (Душанбе, 2-юми октябри соли 2024), «Масъалаҳои назарӣ ва амалии публитсистикаи тоҷик дар замони муосир» (Душанбе, 2025), «Нақши Президент дар бунёди сохтмонҳои азим ва ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон» (Душанбе, 14-уми ноябри соли 2025) ва конференсияҳои анъавии апрелӣ ба шакли гузориш матраҳ шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратмаҷлиси №4 аз 25-уми ноябри соли 2025) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 29 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 16 мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудаанд ва 1 монография инъикос ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, панҷ боб, сездаҳ фасл, хулоса, тавсияҳои оид ба истифодаи амалии таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 358 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад.

# БОБИ I
# ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА НАЗАРИЯВИИ ШИНОХТИ ИМИҶ ВА ИМИҶСОЗӢ

## 1.1. Омилҳои таърихии зуҳур ва ташаккули назарияи имиҷ ва имиҷсозӣ

Ҳар падидаи замони муосир таърихи тулонии инкишоф дошта, нишонаҳои онро дар давраҳои гуногун дар шаклҳои мухталиф мушоҳида кардан мумкин аст. Чунончи, нишонаҳои аввалини журналистикаро ба фаъолияти ҷорчиёну қаландарон, ровиёну воизон мансуб медонанд, унсурҳои имиҷ ва имиҷсозиро низ дар устураҳо ва эҷодиёти шифоҳии халқ мушоҳида намудан мумкин аст. Адолату хоксорӣ, ташаккули шахсияти инсон ва нуфузи ӯ, консепсияи шоҳи одил, ҳукумати раиятпарвар аз зумраи мавзуъҳои устураҳое мебошанд, ки ба эҷодиёти даҳонакии халқ мубаддал шуда, сипас, ба адабиёти бадеӣ роҳ ёфтаанд. Ба андешаи муҳаққиқ А. Раҳмонов: «Устураҳо нахуст тамоми пиндори мардуми ибтидоиро дар шакли рамзӣ ифода намуда, аз аввалин маросиму оинҳо, рафтору пиндори одамӣ ва муносибати ӯ ба табиат ва ҷамъият ҳамчун мавҳумоти офаридааш ба муқобили ҳама гуна амали неку бад нақл мекунанд» [130, с. 25]. Дар жанрҳои фолклории тоҷикон афсона, латифа, рубоӣ, ҳамоса низ тамоми орзуву омоли халқи тоҷик нуҳуфта, мубоҳизаи доимии қувваҳои некиву бадӣ ва мағлубияти Аҳриман чун образи манфӣ дарҷ гардидааст. Чунончи, муҳаққиқон В. Асрорӣ ва Р. Амонов зикр кардаанд: «Дев, ҷин, парӣ, албастӣ, аждар, Хизр ва ғайра, ки дар эҷодиёти халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Миёна, Афғонистон ва Эрон мавқеи калон доранд, образ ва маҳсули хаёлоти бадеии хосси ҷамъияти ибтидоӣ буда, бо таъсири тасаввуроту ақидаҳои дар протсеси мубориза инсон ба қувваҳои фавқулодаи табиат ба вуҷуд омада, тағйир ва такмил ёфтаанд» [24, с. 48]. Маҳз ҳамин образҳо дар пайдоиш ва

ташаккули имиҷи мусбату манфии намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа нақш гузоштаанд.

Ҳамчунин, дар афсонаҳои халқи тоҷик симои зоҳиру ботини қаҳрамон хуб ташаккул ёфта, доимо ҷамоли хубрӯён ва устувории паҳлавонон дар маркази таваҷҷуҳ будааст, ки ин барои шинохт ва муаррифии аслияти тоҷикон мусоидат менамояд. «Рӯйи моҳтобӣ», «гесувони ба қад», «зулфи парешон», «қомати сарв», «назокати пайкари одамӣ» ва амсоли ин ҳамчун муҳимтарин унсури ҳусни зоҳири одамӣ шинохта шуда, ақли расо, сухандонию суханварӣ, устуворӣ, самимияту муҳаббат ифодагари сирату ботин аст, ки дар замони муосир низ ҳамчун унсури имиҷи инфиродӣ шинохтаву истифода мешаванд.

Дар баробари ин, агар мубориза и халқи озодихоҳ муқобили золимӣ, аз як ҷониб, бо шӯришу исёнҳои мазлумон амалӣ мегардид, аз ҷониби дигар, ба воситаи эҷодиёти бадеии халқ, аз ҷумла, жанри латифаи ҳаҷвӣ мазаммат ва шинохта мешуд. Қаҳрамонони асосии латифаҳои халқӣ Афандӣ, Мушфиқӣ, мулло Насриддин бо танзу ишора ва ҷуръати хосса пайваста табақаи золимонро мулзаму шармсор мекарданд. Ин ҳам руҳияи озодихоҳии халқи тоҷикро нишон медиҳад.

Дар симои қаҳрамонони осори шифоҳӣ хислатҳои ватанпарастӣ, меҳнатдӯстӣ, инсонпарварӣ, муҳаббату самимият, дӯстиву рафоқат таҷассум гардидаанд. Ҷаззобият ва таъсирнокии ин гуна мавзуъ ва қаҳрамонҳо бештар дар достонҳои эпикӣ инъикосу тасвир ёфта, ҳанӯз дар солҳои пеш аз мелод ба гӯши ҷаҳониён мерасидааст, ки дар баробари муаррифии маҳорати офарандагию эҷодкорӣ, ҳамчунин, аз аҷдоди озодихоҳу ватанпарвар будани тоҷикон дарак медод. Аз маълумоте, ки таърихшиноси қадими Юнон Ҳеродот (солҳои 485 - 425 то мелод) дар бораи Хуросон ва Мовароуннаҳри қадим овардааст, садои достони халқӣ меояд. Ҷуғрофиядони қадимии Юнон Страбон дар асри I пеш аз мелод собит месозад, ки мардуми эронзамин достонҳои динӣ ва қаҳрамонӣ доштанд ва онҳоро якҷоя мехонданд. Ҳамчунин, бо ривояти олими Миср Ҳорис Митилленӣ (дар асри III мелод) Искандари Мақдунӣ дар

вақти юришаш дар Суза дар бораи қаҳрамонӣ – паҳлавонии Зарир суруд ва достонҳо шунидааст [178, с. 18-19].

Муборизаҳои қаҳрамононаи шоҳ Ҷамшед, Сиёвуш, Рустам, Кова ва дигарон мавзуи асосии ҳамосаҳои машҳури шифоҳӣ мебошанд, ки дар тули қарнҳо аз даҳон ба даҳон гузашта, симоҳояшон мукаммалу ҷаззобтар гардидаанд. Қисме симоиҳои таърихӣ бошанд ҳам, устураҳо онҳоро ба идеали ровиёну шунавандагон табдил дода, аз ҷониби дигар, чун симоҳои муаррифгари халқи тоҷик шинохта мешаванд. Аммо «Дар устура... танҳо қаҳрамониҳо таҷассум наёфта, тамоми пиндошти зеҳниву руҳии инсон нисбат ба оламу табиат, одаму маънавият инъикос гардидааст» [130, с. 25]. «Гӯрӯғлӣ» низ аз ин қатор истисно нест, ки сирф ғояи ватандӯстиву озодихоҳӣ дорад. Гӯрӯғлӣ гарчанде баҳодурзода аст, маҳз бо туфайли паҳлавонӣ ва далерии худ ин унвонро сазовор шудааст, асосан, ба идора кардани мамлакат, нигоҳ доштан ва намоиш додани шукӯҳу ҳашамати назаррабои Чамбул машғул мешавад. Боиси тазаккур аст, ки яке аз шартҳои асосии ташаккули имиҷи давлат дар замони муосир чеҳраи сиёсӣ, махсусан, симои сарвари давлат ба ҳисоб меравад, ки тавонад миллату сарзаминро дуруст муаррифӣ кунад. Чунин ғояро дар эпоси мардумии «Гӯрӯғлӣ» ба таври равшан мушоҳида мекунем. Дар баробари ин, ғояҳои дигар, ки дар замони муосир барои мустаҳкамии пояи давлати соҳибистиқлолу дунявӣ ва муаррифии кишвар ҳамчун сарзамини ободу осуда зарур ҳисобида мешаванд, яъне эҳтироми халқ ба зан, модар ва комилҳуқуқии онҳо дар интихоби ҳамсар, ташкили оилаи солим, тавлиди фарзанд, муҳаббат ба фарзанд, ҳаёти осоишта, дӯстӣ ва рафоқатро тарғиб намуда, зулм, хиёнат, худбинӣ ва амсоли ин хислатҳои бадро маҳкум месозад.

Устураҳо аз забон ба забон гузашта, то ҳадде мазмуну муҳтавои аслии худро аз даст медодаанд, ки «ба хотири бедории мардум, эҳёи маънавӣ ва ошно сохтани халқ бо гузашта Фирдавсӣ даст ба оинаи таърихи куҳан задааст ва қисме аз онро дар шакли достони ҳамосӣ гирд овардааст... Вай ба онҳо ба биниши шоирона дида дӯхта, дар сувари хаёли хеш дунёи куҳани Шарқро

тарроҳӣ намудааст ва симову чеҳраҳои тасаввуротии мардуми гузаштаро, ки ба тавассути хотираҳо ва навиштаҳои таърихӣ ба мерос ёдгор монда буданд, вориди «Шоҳнома» намудааст» [129]. Дар ин асар як зумра образҳои паҳлавоние мавҷуданд, ки дар ҳамосаҳои миллӣ ҷой доштаанд ё аз онҳо сарчашма гирифтаву бо номҳои дигар зикр мешаванд. Рустам қаҳрамони асосии достон, намунаи олии офаридаи шоир аст, ки барои дигар паҳлавонон намунаи ибрат мебошад. Қаҳрамонони дигари асар зина ба зина ба камол расида, дар натиҷаи худсозӣ ва таъсири омилҳои атроф ба шахсияти ангуштнамо табдил меёбанд. Аз ҷумла, Сиёвуш, ки бо заҳматҳои зиёди Рустампаҳлавон ҷавонмарди ҳамаҷониба обутобёфта гашта, чун сарви озода шинохта шудааст. Ба тасвири шоир:

Ба ҳар кунҷ-бар сесад истода буд,
Миён-дар Сиёвахши озода буд [170, с. 228].

Ана ҳамин ҷиҳат, яъне худсозӣ ва худмуаррифӣ имрӯз дар имиҷелогия унсури муҳим ҳисобида мешавад, ки барои татбиқи он гузоштани заминаҳои амалӣ шарту зарур мебошанд. Дар ташаккули шахсияти паҳлавонони «Шоҳнома» ин ҷиҳатҳо ба таври ошкорову равшан мушоҳида мешаванд.

Пеш аз ҳама, дар «Шоҳнома» тарғиби адолати шоҳӣ ва маҳкуми золимиву бехирадӣ ҷилва намуда, асоси устувории пояи давлат ва шаҳомату шукӯҳи он бо таҳлилҳои мантиқӣ нишон дода мешавад. Симои шоҳи идеалӣ, қарнҳо пеш аз Фирдавсӣ ҳам инъикос меёфт ва аввалин орзуву ормони мардуми ориёитабор дар мавриди шоҳи одилу раиятпарвар дар «Авасто» ва «Худойнома» зикр гардидаанд. Симои Куруши Кабир чун оқилтарин, боинсофтарин, камозортарин ва дурнадештарин шоҳаншоҳ [24, с. 27] дар осори таърихӣ мавқеи хоссаро касб намудааст.

Дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ консепсияи шоҳи одил дар симоҳои гуногун пурратар мегардад. Дар ин асар, махсусан, образи Нӯшервони Одил бо маҳорати хосса тасвир гардида, он ба дараҷаи мақбулияти имиҷи шоҳӣ табдил ёфтааст, ки имрӯз низ ба некӣ ёд мешавад. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки

дар замони Сомониён таълиф шудааст, ин сулоларо аз ҳама ҷониб мусбат муаррифӣ намуда, боиси боз ҳам боло бурдани нуфузи давлати Сомониён гардидааст. Ҳарчанд давлати мустақили тоҷикон – Сомониён зуд аз байн рафта, халқи тоҷик асрҳои зиёд дар як ҳолати парокандагӣ умр ба сар мебурд, орзуву омоли шоҳи одил коҳиш наёфта, балки хеле қувват гирифтааст. Бо вуҷуди он ки шароитҳои таърихӣ барои ба амал овардани он имконият намедоданд, халқ дар фазои хаёлоти худ оламеро мувофиқи умеду нияташ офарида, онро фикран ободу кардаву зебу зинат дода, барои мудофиаи он баҳодурони мағлубнашавандаро «сафарбар намуда», ба ин восита кӯшиш кардааст, ки дили пурошӯб ва таскиннопазири худро каму беш тасалло диҳад [24, с. 249]. Ба мавзуъҳои марбут ба масъулият ва нақши сарвар дар нуфузи давлат ва осудагии миллат мутафаккирону адибони тоҷик Абуалӣ ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Низомии Ганҷавӣ, Низомулмулк, Абунасри Форобӣ ва дигарон низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар такя ба устураҳои мардумӣ образи ҳокимон ва кишварҳои ормоние офаридаанд, ки барои ташаккули шахсияти шоҳони минбаъда як низомномаеро мемонанд.

Аксари мутафаккирону сиёсатдонон вазифаи бошарафи шоҳонро, пеш аз ҳама, ба дарки ҳақиқати ҳол ва дар заминаи он амал кардан донистаанд. Дар ин маврид, аз ҷумла, Низомулмулк фармудааст: «Андар корҳо шитобзадагӣ набояд кардан. Ва чун хабаре шунавад ё сирате бандад, андар он ба оҳистагӣ кор бояд фармуд, то ҳақиқати он падид ояду дурӯғ аз рост пайдо гардад, ки «шитобзадагӣ кори заифон аст, на кори қодирон» [107, с. 103].

Шинохти давлат бештар тавассути ҷомеаест, ки дар он умр ба сар мебаранд. Ҳар қадар сокинон дорои хислатҳои мусбат бошанд, ҳамон қадар миллат бо некномӣ ва давлат бо пешравӣ ёд мегардад. Барои ҷомеа роҳбари роҳнамое лозим аст, ки тавонад онҳоро муттаҳиду сарҷамъ намуда, аз пушти худ барад. Чунончи, Абунасри Форобӣ мавқеъ ва нақши ҳокимонро дар бунёди ҷомеаи идеалии «мадинаи фозила» асос дониста, хислатҳои вижаи ин гуна ҳокимонро таъкид медорад: «Ҳоким, ки худ донишманд ва хирадманд аст, аҳли

ҷомеаро аз паси худ мебарад. Имом ҳокими мутлақ аст. Ӯ соҳиби 12 сифати модарзод аст: камолоти ҷисмонӣ, борикбинию дурандешӣ ва зиракии табиӣ, ақл ва хотираи солиму мустаҳкам, бофаросат, хушбаён ва тозабаёнии андешаҳо, маърифатнокӣ, камхӯрокӣ ва камнӯшӣ, муҳаббат ба ҳақиқат, нафрат ба дурӯғ ва дурӯғгӯён, қадри шарафу номус, нияти нек ва ҳимматбаландӣ, нафрат ба чизу молу пул ва ҳар гуна унсурҳои ҳаётӣ, адолатнокӣ, нафрат ба беадолатию золимӣ, қайсарӣ, дар зарурат бо қатъият рафтор намудан, ҷасур будан». Аммо мутафаккир аз ҳама сифатҳо донишмандӣ ва адолатнокиро болотар мегузорад. Агар ин ду сифат набошад, марги давлат мерасад [52, с. 89]. Имрӯз ҳам ин вижагиҳо дар консепсияи имиҷсозии роҳбарон ба хубӣ мушоҳида гардида, аз ҷониби муҳаққиқони имиҷшинос ташаккул додани онҳо пайваста таъкид мегардад.

«Сиёсатнома» як навъ дастурамали сиёсии хонадони Салҷуқиён аст, аммо, тавре муҳаққиқ М. Муродӣ қайд мекунад, «мақсади муаллиф танҳо баррасии масъалаҳои сиёсии идораи давлат не, балки барқарор намудани адлу инсоф, ҷорӣ намудани тарзи оқилонаи давлатдорӣ, поквиҷдону порсо будани давлатдорон, аз пайи ободонии кишвару осоиштагии раият шудани шахсони масъул, бо мардум муомила карда тавонистан, дарди онҳоро шунидан ва амсоли ин мебошад. Аз ин назар афкоре, ки муаллиф ба давлатдорон талқин карданӣ мешавад, хусусияти оммавӣ пайдо мекунанд» [88, с. 22-23]. Воқеан, яке аз василаҳои ташаккули имиҷи шахс, ҳамчунин, давлат, оммавӣ кардани воқеияти ҳол аст, зеро имиҷ ҳосили шинохти мардум мебошад.

Дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ низ ҳикояту саргузаштҳои аҷиби табақаи болоӣ оварда шуда, адолатхоҳӣ, дурандешӣ, хирадмандии баъзе шоҳон, золимӣ, гумроҳию нодонӣ ва пастфитратии шоҳону ҳакимон баъзан бо номҳои аслӣ ва гоҳе дар симои қаҳрамон тасвир гардидааст. Аз нақлҳои нависанда аён аст, ки нуфузи давлат аз ҳар ҷиҳат ба ҳокимони адолатпешаву дурандеш вобастагӣ доштааст. Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, ки худ марди донишманду ҳунарманд буд, барои пешрафту камолоти инсон илму

ҳунарро зарур шуморидааст. Аз ин ҷост, ки дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» аҳли илму ҳунар ситоиш карда мешавад. Нақлу ривоятҳое, ки муаллифи асар дар бораи шоир ва мутафаккирони барҷаста чун Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ Сино, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон овардааст, фикри болоро пурра тасдиқ менамоянд. Нависанда дар ин нақлу ривоятҳо ҳаёту фаъолияти мардони бузургро моҳирона ба қалам додааст. Восифӣ дар бораи онҳо бо камоли эҳтиром, бо муҳаббату самимияти беандоза сухан меронад. Ин ҷиҳат аҳаммияти асарро ҳамчун муаррифгари сарватҳои зеҳнии миллати тоҷик болотар мебарад.

Воқеан, зуҳури унсурҳои имиҷ ва махсусан имиҷи шахсу давлатдорӣ, таърихи тулонӣ дошта, дар шаклу усулҳои гуногун намо ёфтаанд. Аксари муаллифони чунин асарҳо омили меҳварии худмуаррифии шахсро сухандониву суханварӣ донистаанд. Сухандонӣ, натанҳо босаводу донишманд будани шахсро нишон медиҳад, балки аз маърифати олами иҷтимоиву табиӣ, доираи ҷаҳонбинӣ ва хиради ӯ дарак медиҳад. Сухандон натанҳо диққати дигаронро ба худ ҷалб мекунад, балки ба шунавандагон таъсир мерасонад, онҳоро ба мавқеъ ва назари худ мутмаин месозад ва ба ин роҳ дар тасаввуроташон ҳамчун шахси фавқулода намудор мегардад. Ин аст, ки дар гузашта ва имрӯз низ, дар интихоби сарварон ба ин ҷиҳатҳо эътибор медиҳанд.

Чунин бартарият ва нуфузи сухандон боис гардида, ки адибону мутафаккирон дар осори худ ба ин масъала бештар таваҷҷуҳ намудаанд. Аз ҷумла, Унсурулмаолии Кайковус менависад: «Эй писар, бояд, ки мардум сухандону сухангӯ бувад ва аз бадон сухан нигоҳ дорад. Аммо ту, эй писар, сухан рост гӯй ва дурӯғгӯй мабош ва хештан ба рост гуфтан маъруф кун, то, агар ба зарурат дурӯғе аз ту бишнаванд, бипазиранд. Ва ҳар чи гӯйӣ, рост гӯй. Валекин рости ба дурӯғ монанд магӯй, ки дурӯғи ба рост монанд беҳ, ки рости ба дурӯғ монанд, ки он дурӯғ мақбул бувад ва он рост номақбул» [59, с. 40].

Ҷойи тазаккур аст, ки сухандонӣ бо рост гуфтан ва дар мавқеи худ устувор будан манзалат пайдо мекунад. Сухани дурӯғ умри дароз надорад, ҳақиқати он

зуд ифшо ва обрӯйи соҳибсухан коста мегардад. Ин андеша таъкид ба он мекунад, ки сухан бояд аз воқеият маншаъ гирад ва ба ҳаёти мардум иртибот дошта бошад. Маҳз маншаи воқеият ва тавъамӣ бо зиндагии мардум ба сухан муҳиммӣ, аҳаммиятнокӣ ва муассирӣ мебахшад. Дар ин ҳолат «сухан коргар мешавад», амал мекунад ва натиҷа медиҳад. Дар баҳси мо натиҷа, пеш аз ҳама, обрӯй ва нуфузи соҳибсухан аст, ки миёни мардум ва ҷомеа ҳамчун шахсият намудор мегардад. Ба ин мазмун метавон гуфт, ки дар гузашта ва имрӯз низ, яке аз принсипҳои имиҷсозӣ дар асоси ростгуфториву ростамалӣ ташаккул додани шахсияти худ аст. Дар ҳолати ошкор шудани гуфтор ва амали дурӯғин нуфузи соҳибсухан аз байн намеравад, балки таносуби манфӣ пайдо мекунад. Яъне, ӯ миёни мардум нуфузашро бой медиҳад. Ин ҳолатҳо дар ҳикояву пандҳои «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ низ зиёд ба мушоҳида мерасанд, ки вобаста ба мавзуот хонандаро ба худсозӣ даъват менамояд.

Тавре ишора шуд, унсурҳои имиҷ ва имиҷсозӣ дар даврони Атиқа низ маъмул будааст. Нақши имиҷи мусбати давлат дар рушди давлатдорӣ ва рушду пешрафти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар осори мутафаккирони юнонӣ ба таври фаровон тавзеҳу баррасӣ гардидааст. Аз ҷумла, Афлотун барои пешравии давлат, фаъолияти босамари қувваҳои корӣ ва зеҳниро зарурӣ ҳисобида, чунин маънидод намудааст: «Зарур аст, ки посбонон ва ёрдамчиёни онҳо дар баробари итоаткорӣ барои расидан ба дараҷаи олии касби худ талқин карда шаванд, то мутахассиси моҳир бошанд. Ҳамин гуна таваҷҷуҳ ба мутахассисони дигар соҳаҳо низ зоҳир намудан ҳатмист» [118]. Аз ин таъкидҳо бармеояд, ки пешравии иқтисодиёти ҳар гуна давлат ва муаррифии миллат ба меҳнатдӯстии халқ вобастагии зиёд дорад.

Муҳаққиқи рус В. Шепел решаҳои таърихии имиҷ ва имиҷсозиро баррасӣ намуда, аз ҷумла, афзудааст: «Ба ин масъала Гиппократ равшанӣ андохта, барои муайян кардани табъи одамон аз ифодаи чеҳра истифода намуданро пешниҳод кардааст. Арасту дар «Риторика» ва «Дар бораи пайдоиши ҳайвонот» дар бораи психологияи ифодаи ҳаракати одамон ибрози андеша намудааст. Табиби Рими

қадим Гален таълимотеро бо номи «физиогномия» офаридааст. Паратселсус дар ташхиси беморон маълумотҳои зиёди физиогномиро истифода бурд ва психотерапевт Ломбросо намудҳои физиогномии ҷинояткоронро тартиб дод...» [185]. Ҳамаи ин заминаи асосии шинохти шахс, муайян намудани вижагии рафтору гуфтор ва арзишҳои инсон дониста шуда, дар раванди ташаккули имиҷи инфиродӣ унсури муҳим дониста мешавад.

Унсурҳои имиҷсозӣ дар таҷрибаи давлатдории Юнону Рим низ маъмул будааст. Чунончи, муҳаққиқ И. К. Черёмушникова қайд намудааст: «Таъсиси империяи Рум бидуни пайдоиши ба истилоҳ «афсонаи румӣ», ки як қисми он офариниши парастиши императорӣ буд, ба амал омада наметавонист. Ҳар як зуҳури император нақшаҳои ҳадафмандона буда, мақсад аз он дар як саф гузоштани император бо худоён аст. Дар ҳаёти сиёсии замони қадим амалҳое ба назар мерасанд, ки дар замони муосир ҳамчун офариниши симои шахсияти сиёсӣ тасниф карда мешаванд [225]. Аз ин ва далелҳои боло бармеояд, ки ҳарчанд истилоҳи имиҷ дар замони муосир пайдо шудааст, аммо он моҳиятан ва аҳдофан таърихи тӯлонӣ дошта, дар ташаккули имиҷсозии замони муосир бе таъсир набудааст.

Дар ибтидои садаи XX бо ташкили давлатҳои нав, ҷумҳуриҳои алоҳида, доманаи илмҳои иҷтимоӣ васеъ ва омӯзиши масъалаҳои имиҷ ва имиҷсозӣ бо назари тоза дар шароити ҷадид шуруъ гардид. Пажуҳишгоҳҳо ва ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар шинохти моҳият, нақш ва василаҳои имиҷсозӣ кӯшидаанд. Дар заминаи чунин кӯшишҳо шинохти назарӣ ва амалии имиҷ дар марҳалаҳои гуногун ҷараён гирифт. Раванди ташаккули имиҷро муҳаққиқи имиҷшинос И.К. Черёмушникова ба се марҳалаи асосӣ ҷудо намуда, чунин маънидод кардааст: Давраи аввал «пеш-консептуалӣ» ё «пешазимиҷелогӣ» тулонӣ буда, то солҳои 1920-юм давом мекунад. Дар ин марҳила дар асарҳои олимон маълумоти умумие пайдо намудан мумкин аст, аммо ҳадафи онҳо шарҳи моҳияти мафҳум нест. Дар инъикоси фарҳанги рӯзгор, дар асарҳои бадеӣ, рӯзнома ва ёддоштҳо ақидаю

тахминҳои консептуалие, ки барои шарҳи маърифатию идеявии табиати имиҷ аҳаммияти зиёд доранд, кам нестанд.

Дар солҳои 1920-1930 давраи дуюми ташаккули мафҳуми «имиҷ» оғоз мегардад, ки ақидаҳои илмӣ дар бораи равандҳои ба вуҷуд омадани имиҷ асосан дар соҳаи сотсиология ва психология ташаккул меёбанд.

Давраи сеюми омӯзиши падидаи имиҷ аз солҳои 70-ум дар Ғарб ва солҳои 90-ум дар Россия бо пайдоиш ва таъсиси имиҷелогия ҳамчун як фанни мустақил алоқаманд аст [225].

Дар замони муосир рушди техника ва технология ба дараҷае расидааст, ки пешрафти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқро бидуни он тасаввур карда наметавонем. Бо рушди техникаву технологияҳои касбӣ, хосса воситаҳои электронӣ, тахайюли бофтаи одамон, ки замоне танҳо дар афсонаҳо тасвир мешуд, дар амал татбиқ гардид. Ҳоло кӯшиш ва талош барои расидан ба дастовардҳои ҷадиду ҳайратовар идома доранд. То имрӯз ҳамон хаёлоте воқеӣ шуданд, ки онҳоро асрҳо пеш одамон дар заминаи дониш, дидгоҳ ва ҷаҳонбинӣ хаёлан мебофтанд. Имконот ва шароити имрӯза дидгоҳ ва тасаввуроти инсонҳоро дар бораи олам дигаргун менамояд. Орзуи соҳиб шудан ба оинаи ҷаҳоннамову қолини паррон дар гузашта монд, имрӯз ширкатҳои истеҳсолкунандаи телевизору ҳавопаймо тамоми навъҳои онро пешниҳод намуда, дар рақобати ҳамдигарӣ қарор доранд. Акнун хаёлоти инсоният, образи одами паррон, сайр намудан дар замону макони гуногун, барқарор кардани робита бо дигар сайёраҳоро дорад. Ба қавле, мо ҳоло дар саргаҳи тараққиёти технологӣ қарор дорем. Ин далели он аст, ки дар оянда офаридаҳои инсонӣ аз имрӯза ҳам ҳайратовар мешаванд. Башарият ҳамеша дар фикри кашфиёту навгониҳо буда, барои ба даст овардани он кӯшишу талош менамояд. Ин аст, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонӣ пешравӣ ва таҳаввулот ба вуҷуд омада, ба шиддатнокии рақобатҳо таъсир мегузоранд. Муассисаҳои таълимӣ барои ҷалби муҳассилин усулҳои муосирро ҷӯё мешаванд, ширкатҳои бузурги истеҳсолӣ кӯшиш мекунанд, ки самти истеҳсолоти худро тағйир диҳанд, воситаҳои

ахбори омма контенти ба аудитория наздикро истифода мебарад, бозор барои зиёд шудани мизоҷ талош мекунад. Яъне, ҳама соҳаҳо дар ҳолати рақобатпазирӣ қарор доранд, аммо танҳо бо «нархи дастрас»-у «сифати олӣ» дар ин рақобатҳо пирӯз шудан чандон имкон надорад. Бартарии рақобат дар он аст, ки истеҳсолот беҳтару хубтар ва интихоби одамон зиёду васеътар мешавад, зеро ҳар ширкат барои муаррифии бренди худ ва ба ҳадди максималӣ нигоҳ доштани робита бо аудитория дар шаклҳои гуногун иттилоъ пахш мекунад. Дар ин ҳолат ахбору маълумот зиёд шуда, аудитория дар интихоби иттилоот мушкилӣ мекашад ва ҳамчунин дар қабули иттилооти гуногун шубҳа пайдо мегардад.

Имрӯз барои ҷалби таваҷҷуҳи аудитория марҳалаи мубориза фаро расидааст, зеро дар миёни анбуҳи рақибон мавқеъ пайдо кардану дар он мавқеъ устувор мондан кори душвор ва заҳматталаб аст. Танҳо ҳамоне аз худ дарак дода метавонад, ки амалаш хосса ва бартар бошад, таваҷҷуҳи дигаронро ҷалб карда, нигоҳ дошта тавонад ва ба ин васила ба тафаккури ҷомеа таъсир расонад. Ба ибораи илмии замона, он бояд имиҷи худро дошта бошад. Ба ин мазмун, дар замони муосир, айёми рақобатҳои шадид, дар ҳама соҳаҳо сохтани имиҷ ва пайваста коркарди он аз амалҳои шарту муҳим маҳсуб меёбад. Муҳаққиқи рус А.Ш. Санатулова сабаби асосии заёд шудани таваҷҷуҳ ба имиҷро ба бештар гардидани имконоти интихоби маҳсулот барои одамон нисбат дода, зикр мекунад, ки таваҷҷуҳ ба имиҷ дар солҳои охир аз сабаби мушкилоти шадиди интихоби одамон (интихоби молу хидматҳо, ҳизбҳои сиёсӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ, роҳбарон) ва рақобат дар бозорҳои мухталиф – истеъмолӣ, сиёсӣ ва ғайра муҳим гардид. Барои фурӯши маҳсулот, хидмат ё ҷалби интихобкунандагон, бомуваффақият рақобат кардан дар бозор, ширкат, созмони ҷамъиятӣ, донишгоҳ ё бонк бояд барои худ симои мувофиқ эҷод кунад [53, с. 87]. Ба андешаи муҳаққиқи дигар, «Таваҷҷуҳи амалӣ ба имиҷ ҳамчун падидаи рӯзмарра низ бо гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ алоқаманд аст, ки дар он ҳиссаи аҳолӣ дар соҳаи истеҳсолот кам шуда, шумораи одамоне, ки дар

касбҳои «инсон-инсон» кор мекунанд, меафзояд» [224]. Дар асл соҳаи фаъолияти ба қавле «инсон – инсон», яъне ҳамкории бевосита бо одамон, робитаи мутақобила, таъсиррасонӣ ба тафаккур бештар гардидааст. Барои хуб ба роҳ мондани иртибот бо аудитория имиҷи инфиродии мутахассис нақши бориз дорад.

Истифодаи оммавии истилоҳи «имиҷ» аз солҳои 60-уми асри XX оғоз шуд. Ҳарчанд солҳои 30-юми асри гузашта Зигмун Фрейд кӯшиш намуд, ки истилоҳи «имиҷ»-ро оммавӣ гардонад, аммо ин кор ба ӯ муяссар нашуд. Дар солҳои 1960-ум мафҳуми «имиҷ» дар муносиботи бозорӣ ҳамчун обзори муборизаҳои иттилоотӣ барои ба даст овардани истеъмолкунанда ба вуҷуд омад ва баъдан он ҳамчун соҳаи имиҷшиносӣ шакл гирифт, ки асосгузораш иқтисоддони амрикоӣ К. Болдуинг аст. Дар ин маврид сиёсатшинос Л. Г. Мартишова низ ишора намудааст: «Тахмин меравад, ки истилоҳи «имиҷ» аз осори З. Фрейд сарчашма мегирад, ки солҳои 30-юми асри гузашта ба табъ расида буданд.

Дар Россия истилоҳи «имиҷ» тақрибан дар миёнаҳои солҳои 90-уми асри XX дар робита ба «имиҷи қудрат», «имиҷи сиёсатмадор» васеъ истифода мешуд. Муҳаққиқон бар ин назаранд, ки бори аввал дар Иттиҳоди Шуравӣ нисбат ба давлат, кишвар онро доктори илми фалсафа О. Феофанов соли 1974 дар асари худ «Реклама ва ҷомеа» бо таҳлили механизмҳои таъсири равонӣ ба инсон ва ҷомеа дар хориҷи кишвар ба муомилоти илмӣ ворид кардааст. Нисбат ба фард «имиҷ»-ро ҳамчун истилоҳ В.М. Шепел дар ҷанбаи ҷолибияти визуалии шахс маъмул гардонидааст» [183].

Бино ба баррасиҳои ин муҳаққиқ дар Россия аввалин таҳқиқот доир ба масъалаҳои имиҷ дар солҳои 1990-ум аз ҷониби Г. Почептсов, Е.Н. Богданов, В.Г. Зикин, В. С. Комаровский, М.Н. Руткевич ва дигарон ба анҷом расонида шудааст. Таҳқиқи мо нишон дод, ки ҳанӯз соли 1925 муҳаққиқ ва журналист Б.Н. Хатунсева дар таҳқиқи илмиаш бо номи «Дар бораи табиати ҳокимият. Таҷрибаи омӯзиши асосҳои иҷтимоию психологии ҳокимият» («О природе

власти. Опыт исследования социально-психологических основ власти») ба ташаккули образи зоҳирӣ эътибори хосса зоҳир намуда, онро ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ва тобеънамоии атрофиён арзёбӣ кардааст [173]. Ин ишора ба он мекунад, ки аз ибтидо масъалаи имиҷ ва имиҷсозӣ бевосита ба фаъолияти журналистӣ иртибот доштааст. Ин аст, ки имрӯз низ ташаккули имиҷ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ бидуни истифодаи босамари фаъолияти иттилоотӣ, хосса ВАО ғайриимкон мебошад.

Дар муҳити илмии Тоҷикистон истилоҳи «имиҷ» нисбатан дертар мавриди истифода қарор гирифтааст. Ин мафҳумро дар 10 соли охир, аслан дар корҳои илмии муҳаққиқони соҳаҳои ҳуқуқ, сиёсат, журналистика, иқтисод вохӯрдан мумкин аст. Таносубан имиҷ ва имиҷшиносӣ ҳам аз ҷиҳати назарӣ ва ҳам амалӣ бештар дар соҳаи сиёсату сиёсатшиносӣ маъмул мебошад. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумат ва фармонҳои Президети кишвар оид ба баланд бардоштани имиҷи давлат нуктаву ишораҳои назариву дастурӣ ҷой доранд. Аз ҷумла, дар Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 30-юми апрели соли 2008 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст, барои пешбурди сиёсати иттилоотӣ-имиҷсозӣ таҳия, қабул ва амалисозии чораҳои махсус шарту зарур ҳисобида шудааст. Ҳамчунин, дар Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 зикр шудааст, ки пешравӣ дар тамоми самтҳо ба назар гирифта шудааст ва ин ба ташаккули имиҷи давлат ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар бетаъсир намемонад [11].

Имрӯз истилоҳи «имиҷ» маъмул ва серистеъмол гардидааст. Агар дар оғози омӯзиши имиҷелогия бештар ибораҳои «имиҷи давлат» ва «имиҷи шахс» истифода мешуданд, имрӯз доираи фарогирии ин ибораҳо васеъ гардида, ибораҳои амсоли «имиҷи муаллим», «имиҷи корхона», «имиҷи соҳибкор», «имиҷи сиёсатмадор» ва ғайра ба вуҷуд омада, шакл гирифтанд. Ҳарчанд қонуниятҳои имиҷ ва имиҷсозӣ баҳси имиҷелогия аст, аммо дар аксар маврид масъалаҳои марбут ба он дар иртибот ва алоқамандӣ бо дигар илмҳо:

журналистика, сиёсатшиносӣ, фалсафа, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ, педагогика, маркетология, ҳуқуқшиносӣ таҳқиқ карда мешавад.

Дар мавриди мафҳуму моҳияти истилоҳи «имиҷ» андешаҳои муҳаққиқон гуногун аст. Махсусан, баъзе забоншиносон муодили ин истилоҳро дар забони тоҷикӣ ба мафҳумҳои «тасвир» ва «симо» нисбат медиҳанд. Ин гурӯҳ ба он назаранд, ки дар адабиёти илмию таълимӣ на истилоҳи «имиҷ», балки тарҷумаи он истифода шавад. Ба андешаи инҷониб, калимаи тоҷикии «симо» мафҳуми истилоҳи умумихалқии «имиҷ»-ро пурра ифода карда наметавонад, чунончи, калимаи «образ»-и русӣ низ ҷойи истилоҳи «имиҷ»-ро гирифта натавонист. Дар луғати онлайнии «Вожаҷӯ» мафҳуми имиҷ «имож» шарҳ ёфтааст, ки то ҳадде ба мафҳуму моҳияти имиҷ наздик аст, вале ҳамоно истифодаи истилоҳи «имиҷ»-ро дар таҳқиқоти илмӣ беҳтар медонем. Муҳаққиқони соҳа низ бештар бар он андешаанд, ки истилоҳи имиҷ гарчанде дар ҳар забон муодили худро меёбад, аммо ҳеҷ як муодил моҳияти онро пурра ифода карда наметавонад. Тавре муҳаққиқи рус Е.В. Смирнова дарёфтааст: «Мафҳуми «имиҷ» тамоми маҷмуи шаклҳои тасвири равониро дар бар мегирад: тасвирҳо, мафҳумҳо, рамзҳо, арзёбӣ, эҳсосот, инчунин, сохторҳои ҳавасмандкунӣ ва шаклҳои рафтор» [219, с. 16], ки ҳеҷ як ифодаи дигар ҳамаи инро фаро гирифта наметавонад.

Бино ба шарҳи луғати Уэбстер «имиҷ тақлид ё муаррифии сунъии шакли берунии ашё ва махсусан шахс мебошад. Ин тасаввуроти шахс, маҳсулот ё муассисаест, ки бо ёрии таблиғот, ташвиқ ва тарғиб дар шуури омма ҳадафмандона ташаккул ёфтааст».

Чунонки дар боло зикр гардид, дар замони мо имиҷ мавзуи баҳси соҳаҳои гуногуни илм гардида, шинохти он бо назардошти вижагиҳои соҳаҳои ҷудогона ба таври мухталиф сурат гирифтааст. Ба ин мазмун, агар дар луғоти равоншиносӣ он ҳамчун «симои стереотипии объекти мушаххасе, ки дар шуури омма вуҷуд дорад» [64], тавзеҳ ёфта бошад, дар сотсиологияи идоракунӣ ва имиҷелогия ба мазмуни «симои инфиродие, ки тавассути воситаҳои ахбори

омма, гурӯҳи иҷтимоӣ ё кӯшишҳои шахсӣ барои ҷалби таваҷҷуҳ офарида шудааст [184], маънидод мегардад.

Дар илми ҳуқуқ имиҷ ҳамчун «шакли умумӣ, аз ҷиҳати эмотсионалӣ пуркардашудаи инъикоси воқеияти ҳуқуқӣ дар шуури ҷамъиятӣ ва шахсӣ дар шакли маҷмуи ақидаҳо дар бораи қонунҳо ва усулҳои таъсири иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ» [211] шарҳ ёфта, мутахассиси технологияи коммуникативӣ А.Б. Зверинсев онро «идеяи нисбатан устувори ягон объект» [51] номидааст. Дар таърифи маркетологи машҳур Ф. Котлер имиҷ «дарки ҷомеа дар бораи ширкат ё маҳсулоти он» [66] аст.

Ҳамин тавр, доир ба мафҳуми «имиҷ» шарҳу тавзеҳҳо гуногун бошанд ҳам, дар онҳо умумияти маъноӣ ва тақвияти мазмуну моҳият ба мушоҳида мерасад. Дар баробари ин, агар баъзе бар он назар бошанд, ки имиҷ дар ҳар кас ва ё ҳар ашё вуҷуд дорад ва танҳо имиҷсозон онро тағйир медиҳанд ё ба шакли муайян медароранд, гурӯҳи дигар имиҷро образи дурӯғин меҳисобанд, ки бо ҳадафи муайян сохта мешавад. Онро танҳо стреотипҳое медонананд, ки тавассути ВАО паҳн мегарданд: «Яке аз қоидаҳои эҷоди имиҷ чунин аст: «вайрон кардани стереотипи мавҷуда ҳеҷ маъно надорад, аммо шумо бояд стереотипи худро дар асоси ақидаи вуҷуддошта бунёд кунед. «Ҳамин тариқ, имиҷ як қолаби навест, ки дар заминаи стереотипи мавҷуда офарида шудааст» [202, с. 21].

Ба андешаи мо, имиҷ образе мебошад, ки дар асоси воқеият, ҳадафҳои хосса, стратегияи муайян барои аудиторияи мушаххас тарҳрезӣ мегардад. Бидуни инҳо ҳеҷ гуна имиҷ шакл гирифта наметавонад. Ҳар он чӣ ки пеш аз шаклгирии имиҷи мушаххас дар ҳаёти инсонӣ (корхона, мутахассис, давлат) мавҷуд аст, эътибору обрӯ ва манзалати ӯст, ки заминаҳои имиҷ маҳсуб меёбанд. Дар асоси тахайюл ва маълумоти бардурӯғ имиҷ сохтан номумкин аст, зеро пасомади он бар зарари кор буда, номи объектро якумра манфӣ мегардонад, ки аз ин ҳолат раҳоӣ ёфтан кори саҳл нест. Аз ин лиҳоз, коршиносон таъкид менамоянд, ки «…ҳар гуна тасвиреро, ки шумо ба

чаҳониён пешкаш карданӣ ҳастед, бояд, пеш аз ҳама, инъикоси моҳияти ботинии шумо буда, дар асоси он устувор гардад» [30]. Махсусан, дар замони беҳудудии иттилоот бо ҳеҷ гуна дурӯғ ва устураҳои ғайривоқеӣ имиҷи мусбат сохтан имкон надорад. Расидан ба образи хоста кори мушкил буда, вақти тулониро талаб мекунад. Дар шаклгирии имиҷ баъзе тавсифҳое мавҷуданд, ки объект ҳоло ба он нарасидааст, аммо дар наздиктарин фурсат мувофиқ шудан ба имиҷи ваъдагӣ дар назар аст. Муҳаққиқи бритониёӣ Э. Сэмпсон дар ин хусус дуруст қайд кардааст: «Тасвир дар берун он чизеро таблиғ мекунад, ки дар дарун аст. Аммо ин ваъда ҳам буда метавонад. Ваъдаест, ки имиҷи беруна малакаҳо, салоҳият ва арзишҳои таблиғкардаашро пешкаш мекунад» [153].

Раванди кори имиҷро имиҷсозӣ ё бо истилоҳ «имиҷмейкинг» меноманд. Имиҷсозӣ маҷмуи донишҳои назариявию амалӣ ва қобилияти корбурди техникаву технологияест, ки барои ба шакл даровардани имиҷи объект (шахс, ашё, ширкат, маҳсулот) равона мешавад. Он як шохаи имиҷелогия буда, бештар хусусияти амалӣ дорад. Дар адабиёти илмию таълимӣ онро технологияи мухобиротӣ низ меноманд. Объекти имиҷ метавонад шахс, ширкат, молу маҳсулот ва ё чизи дигар бошад. Дар ин раванд мизоҷ шахси фармоишгар ба ҳисоб рафта, имиҷ ба объект равона мегардад [143].

Ҳарчанд аз рӯйи технология дар имиҷсозӣ умумиятҳо зиёданд, аммо имиҷи ҳар объект муносибат ва стратегияи хоссаро талаб мекунад. Бо назардошти ин, муҳаққиқон В.М Шепел [185], И.М. Синяева, О.Н. Жилсов [149], В.М. Маслова [78], А.Ю. Панасюк [113], М.Ю. Матвеев, Е.Б. Перелигина ва дигарон доир ба навъҳои имиҷ андешаҳои гуногун иброз намудаанд. Аз ҷумла, А.Ю. Панасюк пешниҳод мекунад, ки имиҷ аз рӯйи омилҳое, ки онро ташкил медиҳанд, гурӯҳбандӣ карда шаванд. Дар ин замина намудҳои зерини имиҷ ҷудо карда мешаванд: имиҷи одатӣ (аз лотинии habitus - намуди зоҳирӣ) - андеша дар бораи шахс аз рӯйи намуди зоҳирии ӯ (либос, пойафзол, ороиши мӯй, лавозимот ва ғ.); имиҷи экологӣ – андеша дар бораи субъект дар асоси муҳити зиндагӣ, ки ӯ офаридааст – хона, коргоҳ, мошин ва ғайра; имиҷи

возехшуда – ақидае дар бораи шахсе, ки дар асоси махсули таҷдидшудаи ӯ - предметҳо, ашёҳое, ки ӯ сохта, офаридааст, ташаккул ёфтааст; образи шифоҳӣ - ақида дар бораи шахс аз рӯйи маҳсули лафзии ӯ - одам чӣ мегӯяд, чӣ тавр мегӯяд, чӣ ва чӣ тавр менависад; тасвири кинетикӣ – андешае, ки ба маҳсули кинететикии шахс асос ёфтааст [113]. Муҳаққиқи дигари рус Г.Г. Почепсов бошад, типологияи тасвирро дар асоси равишҳои функсионалӣ ва муқоисавӣ таъкид мекунад. Ба андешаи ӯ, равиши функсионалӣ бо якчанд вариантҳои имконпазири имиҷ тавсиф карда мешавад: оинасон, ҷорӣ, дилхоҳ, корпоративӣ ва сершумор [119].

Муҳаққиқ М. Матвеев дар рисолаи худ ин андешаро ҷонибдорӣ намуда, афзудааст: «Муҳимтарин хусусиятҳои имиҷ хислати бисёртарафа, самти иҷтимоӣ ва функсионалии он мебошад. Имиҷи одам аз тасвири оина (андеша дар бораи худ), симои касбӣ (симои одам ҳамчун намояндаи касби муайян) ва симои ҳозира иборат аст, ки дар тағйирёбандаи афкор ва баҳодиҳии одамони гуногун ифода меёбад». Дар идома ин муҳаққиқ имиҷи ширкатро ба берунаву дохилӣ ҷудо намуда, вижагиҳои онҳоро чунин шарҳ додааст: «дар робита ба ташкилот навъҳои имиҷи беруна (аз ҷониби аҳолии маҳаллӣ баҳо мегирад), дохилӣ (муносибати кормандон ба кор, услуби идоракунӣ, муносибати коллектив, фарҳанги ташкилӣ) ва мустақилро (аз худи ташкилот) ҷудо кардан мувофиқ аст, ки таҳти таъсири идеяи умумии ташкилотҳои шабеҳ дар шуури ҷамъиятӣ, тасвирҳои бадеӣ, адабиёти бадеӣ, филмҳо ва ВАО ташаккул меёбад» [206].

Бо назардошти баррасиҳои муҳаққиқон мо ба чунин назарем, ки дар ҳолати ба шахс равона шудани имиҷ онро ба инфиродӣ ва тахассусӣ ва ҳангоми объекти бешахс равона шудани он ба дохилӣ ва берунӣ ҷудо намудан басанда аст.

Ҳамин тавр, бо ташаккул ва инкишофи илми имиҷелогия мафҳуми имиҷсоз ё ба истилоҳ имиҷмейкер пайдо шуда, шакл гирифт. Имиҷмейкер мутахассисест, ки унсурҳои имиҷсозиро аз рӯйи стратегияи муайян татбиқ

мекунанд. Ба таъбири имиҷолог В. Шепел «Имиҷмейкер мутахассисест, ки намуди зоҳирии эстетикии ҷолибро ба вуҷуд меорад. Бо назардошти он ки ҳар як шахс дорои хусусиятҳои мусбат мебошад, бояд ба истилоҳи муосир «намуди бозаргонӣ» дода шавад. Албатта, ин маънои онро надорад, ки имиҷмейкер метавонад ҳар як камбудии одамонро ба бартарии ӯ табдил диҳад. Аммо ӯ метавонад барои пинҳон кардани онҳо кумак кунад» [183].

Аввалҳо дар сиёсати ҳукуматҳо, аз ҷумла, дар сиёсати шуравӣ фаъолияти имиҷсозон ҳамчун омили манфӣ дарк мешуд. Ба ин мазмун, имиҷро воситаи инҳисори афкори омма медонистанд. Азбаски дар ин раванд имиҷсоз шахси асосӣ ҳисобида мешуд, ба фаъолияти ӯ ба назари манфӣ менигаристанд. Баъдан, бо дигар шудани сохти иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ назарҳои илмиву оммавӣ ба имиҷ ва имиҷсозӣ тадриҷан дигар шуд. Ҳанӯз дар солҳои 1990-уми асри XX, вақте ки ҳукумати Россия мафҳуми имиҷро манфӣ ҳисобида, амали имиҷсозиро барои сиёсатмадорон рад менамуд, аз натиҷаи фаъолияти имиҷмейкерон гурӯҳи муайян ангушти ҳайрат мегазиданд. Чунонки баъдтар рӯзномаи «Московский комсомолец» (4.03.1997) навиштааст, аз хизмати имиҷсозон ғолиби интихоботи соли 1996 – Борис Елтсин бисёр хуб истифода намудааст. Дар 5 моҳи ҳамкории атрофиёни ӯ бо имиҷсозони амрикоӣ ҷонибдоронаш зиёд гардид. Ин ҳолатро муҳаққиқи имиҷелог Я. Панасюк чунин тавзеҳ намудааст: «Ҳама чиз дар ҳолати махфӣ анҷом дода шуд; радкунии фаврӣ дар матбуот пахн гардид: «Мо ягон имиҷмейкер надорем» ва он гоҳ охири моҳи майи соли 1996 фаро расид; рейтинги ин номзад ба мақоми президентӣ панҷоҳ дарсад шуд. Яъне, ҳатто аз рӯйи меъёрҳои амрикоӣ, дар тули панҷ моҳ даҳ маротиба боло бурдани рейтинг натиҷаи оличаноб аст! Бо чунин имиҷ номзад Б. Елтсин рақибони худро шикаст дода, президент шуд. Баъдтар, гӯё эҳтиром ба имиҷмейкери ҳирфаӣ, бо судури фармоне дар Маъмурияти худ вазифаи имиҷмейкери президентӣ ҷорӣ карда, духтараш Татяна Дяченко (ҳоло Юмашева)-ро ба ин вазифа таъйин намуд» [112, с. 7].

Ба иттилооти аксари муҳаққиқон, баъд аз он ки Б. Елтсин дар интихоботи президентии соли 1996 55%-и овозҳоро ба даст овард, калимаи «имиҷ» миёни сиёсатмадорони рус мавриди истифода қарор гирифта, тадриҷан истилоҳҳои имиҷсоз, стилист, мушовирони сиёсӣ пайдо шуданд («Московский комсомолец» 1997, 4 март). Аз ин бармеояд, ки дар Россия мафҳуми имиҷсоз ё ба истилоҳ имиҷмейкер миёнаҳои солҳои 90-уми асри гузашта мавриди истифода қарор гирифтааст.

Имиҷсозон бевосита ба омӯзиши ҳамаҷонибаи объект (ҷиҳатҳои мусбат ва манфӣ) ва тарҳрезии нақшаи имиҷи объект (вобаста ба образи дарназардошта ва аудиторияи муайян) машғуланд.

Имиҷсоз шахсест, ки баробари ба шакл даровардани ҳусни зоҳирии шахс дар ташаккули ботини ӯ – хислату рафтор, гуфтору муошират низ ёрӣ мерасонад. Стилист – таҳқиқгар, равоншинос, маркетолог дар симои имиҷмейкер аст. Ӯ аудиторияи муайянро омӯхта барои онҳо образи мувофиқ ба нақша мегирад. Вай бо даст кор намекунад, яъне мизоҷи худро орову торо намедиҳад, балки образи пурратаре меофарад. Аз хизматрасонии имиҷсоз, асосан сиёсатмадорон, ходимони ҷамъиятӣ, соҳибкорон, ситораҳои шоу-бизнес, журналистон ва нафарони дигаре, ки мехоҳанд дар маркази таваҷҷуҳ бошанд, истифода мекунанд. Аз ин рӯ, «Чунин мутахассис бояд дорои дониш ва салоҳияти касбӣ дар соҳаҳои психологияи иҷтимоӣ, сиёсӣ, психологияи дарк, психологияи муошират ва ғайра бошад» [143].

Имиҷсоз, пеш аз ҳама, шахсест, ки роҳу усулҳои имиҷсозиро хуб медонад. Ӯ ҷомеаро амиқ ва ҳаматарафа омӯхта дуруст дарк мекунад, аз усулҳои таъсиррасонӣ ба мафкураи мардум, қонунмандиҳои қабули иттилоот бархӯрдор аст ва роҳҳои бо омма дар иртибот буданро медонад. Имиҷсоз, махсусан, аз роҳу усулҳои муосири шаклгирии имиҷ тавассути воситаҳои электронии ахбори омма хуб огоҳӣ дошта, ба воситаи платформаҳои интернетӣ, радио ва телевизион шаклгирии имиҷи объектро ба роҳ монда метавонад. Вобаста ба набзи ҷомеа имиҷ метавонад тағйирталаб бошад, аз ин лиҳоз, имиҷсоз пайваста

ба омӯзиши аудитория машғул аст. Ӯ пайваста талош мекунад, то касеву чизеро беҳтару хубтар муаррифӣ кунад, аммо худаш дар ин миён бояд ноаён монад. Аудиторияи мақсаднок, ки объекти ӯро хуб пазируфтаанд, аз заҳматҳояш огоҳ нестанд, вагарна таваҷҷуҳи асосӣ маҳз ба имиҷсоз равона мегардад, ки ин аз доираи касбият дур аст. Тавре Я. Панасюк таъкид намудааст: «Нақши имиҷмейкер, аслан, сирф расмист, ӯ ҳақ надорад, ки аз объекти худ пеш гузарад. Вақте чунин мешавад, он одатан оқибатҳои манфӣ ба бор меорад. Масалан, вақте ки духтари президенти Россия Б. Елтсин Татяна Дяченко ба нақшҳои фаъолтар шуруъ кард, дар муҳити Россия муносибати манфӣ пайдо шуд» [112, с. 7].

Ҳамин тавр, баррасии омилҳои таърихии зуҳури имиҷ ва ташаккули назарияи имиҷсозӣ нишон медиҳад, ки нишонаҳои аввалин имиҷ ва имиҷсозиро дар устураву эпосҳои мардумӣ ва адабиёти шифоҳиву адабиёти классикӣ, осори муттафакирони гузашта дарёфтан мумкин аст. Унсурҳои ба шахс эътибору нуфуз ва обрӯ бахшидан ҳанӯз дар устураҳо ва адабиёти шифоҳии халқ пайдо шуда, баъдан, ба адабиёти бадеӣ ва сиёсии ҳикматангез маъмул гардидааст. Агар унсурҳои ибтидоии имиҷсозӣ дар шакли офаридани қаҳрамонҳои тахайюлӣ сурат гирифта бошанд, баъдан, чунин унсурҳо такмил ёфта, хислати воқеӣ ва иҷтимоӣ пайдо кардаанд.

Ин унсурҳо ҳарчанд оҳанги пандомезӣ ва тарбиявӣ доранд, аммо ба фаҳмиши имрӯзаи имиҷология омилҳои таъсиргузори имиҷсозӣ маҳсуб меёбанд, ки дар ташаккули имиҷи шахс, халқ, миллат, давлат истифода шуда метавонанд.

Ҳарчанд унсурҳои имиҷ ва имиҷсозӣ дар шаклҳои гуногун қарнҳо пеш зуҳур ёфта, истифода шудааст, аммо маърифати назариявӣ ва шинохти илмии он дар асри XX муяссар гардида, ҳамчун бахши илмҳои ҷамъиятшиносӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Мафҳумҳои имиҷ, имиҷмейкер, имиҷмейкинг ва амсоли ин ба илми имиҷология марбут бошанд ҳам, дар соҳаҳои сиёсат, сотсиология, журналистика тобиши вижа пайдо мекунанд.

## 1.2. Усулҳои имиҷсозӣ дар контексти таъйиноти иҷтимоӣ, иттилоотӣ ва тарғиботии ВАО

Нақши воситаҳои ахбори омма дар ташаккули ҷомеа, бунёду устувории пояи давлат муҳим арзёбӣ мегардад. Махсусан, дар замони муосир, ки нақши иттилоот дар равандҳои ҷаҳон баръало эҳсос шуда истодааст, аз воситаҳои ахбори омма иҷрои вазифаҳои муҳим беш аз ҳарвақта талаб карда мешавад. Дар назари аввал, вазифаи асосии ВАО расонидани иттилоъ аст, аммо, дар асл, воситаҳои ахбори омма барои иҷрои як зумра вазифаҳои мушаххас таъсис дода мешаванд. Муҳаққиқони соҳаҳои гуногун дар натиҷаи мушоҳидаву омӯзиш вазифаҳои воситаҳои ахбори оммаро аз дидгоҳи худ тавзеҳ намудаанд. Аз ҷумла, сиёсатшиноси амрикоӣ Ҳ. Лассуэл ба он назар аст, ки «ВАО дар ҷомеа вазифаҳои асосӣ доранд: иртиботи иттилоотӣ, назорат ва коллератсияи иҷтимоӣ, пешбурди фарҳанг ва назорат» [72, с. 48]. Чарлз Райт - яке аз шахсиятҳои шинохта дар самти омӯзиш ва рушди назарияи коммуникатсияи оммавӣ ба ин рӯйхат вазифаи фароғатбахширо низ илова намуда, навиштааст: «Вазифаи муҳимми ВАО таъмини иттилоот барои ҷомеа, пайванд кардани гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва фароҳам овардани фароғат мебошад» [121, с. 216]. Муҳаққиқони дигари хориҷӣ Д. Маккуэл [76], М. Дефлюр ва С. Болл-Рокеач [43] дар мавриди вазифаҳои ВАО андешаронӣ намуда, дар умум фикри ҳамдигарро такрор ё ба ҳадде пурра менамоянд. Муҳаққиқони рус Б.А. Грушин [39], М.С. Кармин [64]·, М.И. Бойченко асоситарин таъйиноти воситаҳои ахбори оммаро паҳн кардани иттилоот, назорату ҳамоҳангсозӣ, фароғатбахшӣ ва нигоҳ доштани арзишҳои фарҳангӣ медонанд.

Муҳаққиқони соҳаи журналистика В.В. Тулупов [158], Я.Н. Засурский [110] ва С.Г. Корконосенко [65] бошад, чанд вазифаи дигарро ба онҳо зам мекунанд. Мушаххасоти андешаи муҳаққиқ С.Г. Корконосенко чунин аст: «Вазифаҳои асосии воситаҳои ахбори омма иборатанд аз иттилоърасонӣ, ташаккули назари умумӣ, назорат бар фаъолияти мақомоти ҳокимият ва таъмин

намудани муҳокимаву гуфтугӯҳои иҷтимоӣ» [65, с. 45]. Ҳарчанд дар ин сатрҳо вазифаи назоратӣ то ҳадде ғалатӣ ба гӯш расад ҳам, дар воқеъ таҳлилу баррасӣ ва муҳокимаву танқиди фаъолияти оммавии сохторҳои гуногун далели он аст, ки воситаҳои ахбори омма нозир низ ҳастанд.

Олимони тоҷик низ дар такя ба ҳамин вазифаҳои мушаххасшудаву маъмул вазифаҳои иттилоотӣ, иртиботӣ, тарғиботӣ, иҷтимоӣ, тарбиявӣ ва фароғатбахширо таъкид менамоянд. Дар таҳқиқи ҳар кадом муҳаққиқ ба яке аз вазифаҳо бартарии бештар дода мешавад. Масалан, муҳаққиқ И. Усмонов дар навиштаҳои худ доимо ба вазифаи тарғиботии ВАО эътибор дода, ҳатто ВАО-ро ВАОТ [169] (воситаҳои ахбори омма ва тарғибот) ном бурда, менависад: «Албатта, ВАОТ тарбия мекунад, меомӯзонад, хабар мерасонад, саргарм мекунад, ба хариду фурӯш машғул мешавад ва наметавон ин вазифаҳо ё ҳадафҳоро сарфи назар кард. Аммо таблиғ, ташвиқ ва созмон додан дар ҳамаи бобатҳо вазифаи аввалиндараҷааш аст» [169, с. 35].

Муҳаққиқ Ҷ. Муқим дар мавриди таблиғ ва таъсири он ба афкори омма аз чанд ҷанба баҳогузорӣ намуда, ба он назар аст, ки тавассути ВАО таъсири иттилоъ ба тафаккури инсон самараноктар сурат мегирад [84]. Ба андешаи мо низ, маҳз тарғибот воситаҳои ахбори оммаро ба ҳадафи ниҳоӣ, яъне таъсиррасонӣ ва дар афкори омма ҷой додани андешае ё ба вуҷуд овардани афкори умум мерасонад. Муҳаққиқи дигари тоҷик М. Муродӣ, чанд вазифаи ВАО-ро муайян намуда, ба таври пурра шарҳу тавзеҳ медиҳад, ки онҳо функсияи иҷтимоӣ, иртиботӣ, иттилоотӣ, танзимкунӣ-арзишӣ, ташкилию иҷтимоӣ [88] мебошанд. Дар асл, дар фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи замони муосир иҷрои ҳама вазифаҳои болозикр ба хубӣ мушоҳида мегардад, аммо дар ҳолати имиҷсозӣ се таъйиноти асосии ВАО бештар таъсиргузор мебошад: иттилоотӣ, иҷтимоӣ ва тарғиботӣ.

Дар кадом вазъият ва замоне ки бошад, дар ҳалли масъала ва таъйиноте ки назди ВАО гузошта мешавад, тавассути вазифаи иттилоърасонӣ он хуб амалӣ мегардад. Дар раванди имиҷсозии давлат низ расонидани иттилои сареҳ ва

саривақтӣ унсури муҳимми муаррифии объект дониста мешавад, зеро ҳар қадар дар бораи фаъолияти бахшҳои гуногуни давлат иттилоъ бештар пахш шавад, ҳамон қадар аудитория маълумоти зиёд мегирад. Маълумоти пайваста дар бораи объект, махсусан иттилои интихобӣ, тасаввуроти мусбатро дар бораи объект зиёд менамояд, ки имиҷсозро ба ҳадаф наздик месозад. Дар иҷрои вазифаи иттилоотӣ муҳим сареҳият ва фаврият аст. Зарур аст, ки аудитория аз ВАО иттилои саривақтиро зуд ба даст биёрад, таасурот ва бардошти минбаъдаи ӯ ба иттилои аввалин вобастагии зиёд дорад. Аз ин лиҳоз, ВАО-и дохилиро зарур аст, ки дар пешниҳоди иттилоъ таъхир накарда, лаҷоми идораи афкори оммаро ба дасти журналистони иғвогар насупорад. Бояд дар назар гирифт, ки фазои иттилоотӣ имрӯз холӣ намемонад, агар мо пурра накардем, аз ҳисоби дигарон пур мегардад. Чунончи, муҳаққиқ С. Гулов таъкид медорад: «Имрӯз таъсири расонаҳои кишварҳои абарқудрат ба афкори ҷомеаи кишварҳои дар роҳи рушд қарордошта зиёд ба мушоҳида мерасад... Иттилоъ дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ба силоҳи муборизаҳо табдил ёфтааст. Ва ҳеҷ иттилое бидуни мақсад пахш намешавад» [40, с. 18]. Барои пешгирии ҳадафҳои хатарзо, ки тавассути иттилоъ ба фазои кишвари мо ворид мешавад, таъмини саривақтии иттилои сифатнок ба ҷомеа вазифаи аслии воситаҳои ахбори омма дониста мешавад.

Талаботи дигари иттилоъпахшкунӣ дар раванди имиҷсозӣ аксуламал ба танқид ва низоъҳо мебошад. ВАО-ро зарур аст, ки ҳамчун майдони мубодилаи афкор ва воситаи пешниҳоди посухи расмӣ ба назарҳои танқидӣ ҷавоб гардонад. Ҳадафи аксуламал, ки онро бештар вокуниш ва ҷавобгӯйӣ низ мегӯянд, кам кардани таъсири манфии иттилоъ, рушди шаффофият, итминон бахшидан ба аудитория ва идоракунии бӯҳрони бамиёномада мебошад. Муҳаққиқон муътақиданд, ки «Аксуламал ба талаботи ҷамъиятӣ ва вазъиятҳои танқидӣ унсури асосии идоракунии самарабахши имиҷи ташкилот мебошад. Муоширот бо ҷамъият тақозо мекунад, ки посухҳо саривақтӣ ва бо нақшаи

муқаррарӣ дода шаванд, ки ин ба нигоҳдории эътимод ва ташаккули муносибати мутақобилаи мусбат мусоидат менамояд» [183, с. 25].

Вазифаҳои иҷтимоии ВАО дар раванди ташаккули имиҷи давлат имконоти бештарро фароҳам меоранд. Худи раванди имиҷсозӣ усули муосири иҷрои таъйиноти иҷтимоист, зеро ҳадафи имиҷ ҳам ба вуҷуд овардани тасаввуроти мушаххас дар бораи объект аст, ки асоси воқеӣ дорад. Кори муҳимме, ки тавассути иҷрои ин таъйинот ба амал омада метавонад, ба вуҷуд овардани афкори омма ва муттаҳидсозии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Профессор И. Усмонов дар ин хусус қайд менамояд: «Албатта, воситаҳои ахбор дар ҳама ҷо як мақсад доранд – ба афкори иҷтимоӣ таъсир расондан, барои он аз воситаҳои шабеҳ истифода мебаранд – воситаҳои шабеҳ ба он маъно, ки вобаста ба шароити рушд, имкониятҳои моддӣ ва тахассусӣ, ҳатто вобаста ба шароити маънавии муҳит ин воситаҳо гуногун мешаванд, аммо натиҷае, ки ҳосил кардан мехоҳанд, вобаста ба сохти иҷтимоӣ ва ҳадафи иҷтимоию сиёсии воситаҳои ахбори омма ва таблиғ онҳо ҳамсон намешаванд» [167, с. 34]. Дар раванди имиҷсозӣ низ робитаи мутақобила доштан ба аудитория, бо ҳам овардани ҷомеаи ҳамфикр, муттаҳиду устувор намудани онҳо дар роҳи амалисозии идеяи мушаххас раванди муҳим ба ҳисоб меравад. Ҳамаи инро воситаҳои ахбори омма бо иҷрои вазифаҳои иттилоотӣ, иҷтимоӣ ва тарғиботӣ, ки дар контексти ташаккули имиҷи давлат сурат мегирад, ба хубӣ амалӣ мегардонанд.

Ҳар гуна хабар ба ду ҳадаф ба омма расонида мешавад. Ҳадафи аввал – бохабар гардонидани мардум аз иттилоъ, дуюм – тавассути иттилоъ таъсир расонидан ба афкор ва рафтори мардум. Дар мавриди аввал хабар ифодакунандаи воқеае мебошад, ки бо факту далел асоснок карда шудааст, дар ҳолати дуюм иттилоот бо назардошти мавқеъ, муносибат ва манфиати хабаррасон коркард шуда, руҳи тоза пайдо мекунад ва обуранги хос мегирад. Дар ин раванд ҳатто иттилои дар назар сода ҳам метавонад ба зарар ё манфиати иттилоърасон бошад. Аз ин лиҳоз, ҳама гуна воситаи ахбори омма кӯшиш мекунад, ки дар пешниҳоди иттилоот эҳтиёткор бошад. Дар ин раванд табиист,

ки ҳама гуна воситаи пахши иттилоъ манфиати худу муассисро пайваста боло мегузорад. Ба ин маънӣ метавон гуфт, ки ҳар як воситаи пахши иттилоъ ҳақиқатро ба тарзи худ мешиносад ва инъикос мекунад.

Аудитория дар қабули иттилоот ҳамон воситаи ахбори оммаеро интихоб менамояд, ки ба назараш воқеиёти рӯзро боваринок ва таъсирбахш пешниҳод менамояд. Боваринок ва таъсирбахшии пахши иттилоот ба омилҳои гуногун вобаста аст, ки муҳимият, рӯзмаррай, пуррагӣ, ҷолибӣ, сареъӣ, сиҳатӣ ва ғоянокӣ аз асоситарини онҳост. Иттилоот худ аз худ аз чунин омилҳо бархурдор намегардад, дар ин кор неруи инсонӣ зарур аст. Ин неру ба ғоя ва мақсади муайян иртибот гирифта, бо тавоноии ҳунару маҳорати эҷодӣ ҷило меёбад. Ҳар гуна маводди рӯзноманигорӣ ғояи хос дошта, ба мақсади муайян таҳия мешавад. Ба ҳар гуна мақсад дар ҳолате ноил мегардем, ки мухотаб ва ё аудиторияро бовар кунонида тавонем. Маҳз барои ба бовари аудиторияи худ даромадан ВАО аз роҳҳои гуногуни таъсиррасонӣ истифода мебарад. Яке аз роҳҳои таъсиррасонӣ тарғиб аст. Дар ин маврид муҳаққиқон навиштаанд: «Бояд дар хотир дошт, ки ҳар гуна фаъолияте, ки мақсадаш ба фикр таъсир расонидан аст, дар батни худ маънои таблиғро дорад. Яъне ба чизе бовар кунонидан, ё аз чизе дилхунук кардан мехоҳад. Ҳатто тарзи интихоб ва истифодаи ахбор низ хусусияти таблиғотиро дорад» [167, с. 79].

Дар асри XXI бо рушди техникаву технологияи замонавӣ мавқеъ ва нуфузи иттилоот дар ҳаёти иҷтимоӣ ва шахсии мардум бештар гардида, омилҳои таъсирпазирии он низ зиёд шуд. Асри навин асри иттилоот аст, зеро тамоми дунёро имрӯз иттилоот идора мекунад. Қудрат дар дасти ҳамонест, ки фазои иттилоотиро ба даст гирифтаву самти онро мушаххас менамояд. Ба таъбири Е.П. Прохоров «Ҳар касе ки дар бораи раванду ходисаҳои ҳаёти сиёсӣ иттилооти мушаххас ва саривақтӣ дорад, имконияти бештари таъсиррасониро аз худ менамояд. Иродаи худро ба дигарон бор менамояд» [120, с. 9]. Ин аст, ки имрӯз ВАО-ро аз чанд ҷониб меомӯзанд. Дар тамоми пажуҳишҳои соҳаҳои гуногун ВАО-ро воситаи муҳимми таъсиррасон ба афкори омма медонанд:

«ВАО яке аз неруҳои фаъол, қавӣ ва боварибахшест, ки шуури ҷомеаро ташаккул медиҳад, на танҳо афкори ҷамъиятӣ, балки равандҳои сиёсиро низ идора мекунад. Мардум андешаҳои худро дар бораи кишвар маҳз аз нашрияҳое, ки ба мавзуъҳои ҳассос дахл мекунанд ва назари худро дар бораи рӯйдодҳои рӯзмарра пешниҳод менамоянд, ташаккул медиҳанд» [193, с. 20].

Бо назардошти қудрати таъсиррасонии ВАО давлату ҳукумат барои ба вуҷуд овардани афкори омма дар мавриди сиёсати давр, сарҷамъии шаҳрвандон ва ваҳдату ягонагӣ, ҳамчунин, муаррифии давлат дар сатҳи байналмилалӣ аз онҳо, хоссатан аз телевизион ва интернет, васеъ истифода мебаранд, зеро воситаҳои ахбори оммаи муосир пуриқтидортарин воситаи иртиботу инҳисор ва муҳимтарин омили таъсиргузор ба ҷомеа буда, дар навбати худ имиҷи давлатро ташаккул медиҳанд. На танҳо дар замони муосир, балки дар ҳама давру замон ба вуҷуд овардани афкори омма дар бораи ин ё он масъала дар маркази таваҷҷуҳи воситаҳои ахбори омма қарор дошт. Вазифаи таблиғот аз ибтидои пайдоиши нишонаҳои журналистӣ мушоҳида мегардид. Воизону ҷорчиён дар баробари иттилоъпахшкунӣ, тарғибу ташвиқ низ мебурданд, яъне таваҷҷуҳи оммаро ба масъалае ҷалб кардан мехостанд [142]. Ҷорчиён хабареро пахш мекарданд, ки ба манфиати фармондеҳ буд. Воизон дар мавзуе сухан меронданд, ки манфиати ҳукуматдоронро бозгӯ кунад. Таърихи матбуоти тоҷик ҳам аз таблиғу ташвиқи хештаншиносӣ, илму маориф, саводноккунӣ ва бедории миллӣ сарчашма мегирад. Талошҳои пайвастаи саромадони матбуоти тоҷик Мирзо Сироҷи Ҳаким, Мирзо Муҳиддин, Садриддин Айнӣ, Саидризо Ализода ва дигарон барои таъсиси рӯзномае бо забони тоҷикӣ ба хотири ҳифзи забону фарҳанги миллӣ, ба вуҷуд овардани афкори омма дар мавриди саводнокӣ, сарҷамъию хештаншиносӣ буд. Аз таъсири рӯзномаҳо ҳокимони давр дар ташвиш буданд, ки бо баҳонаҳои гуногун рӯзномаҳоро бастан мехостанд. Чунончи, аз мақолаҳои аввалин рӯзномаҳои тоҷикӣ маълум мегардад, ба идораҳои рӯзномаҳо бо ҳар баҳона сӯиқасд низ ба вуқуъ меомад. Ин буд, ки мурочиат ба хилофиёни рӯзномаҳо зуд-зуд чоп мегардид: «Шумо

душманони забони форсӣ нестед, шумо хуб медонед, ки аз ин забон шуморо зараре намерасад. Матлаби шумо ҷойи дигар аст: Чун маҷалла нашри афкори фирқаи иштирокиюн аст ва маслаки ин фирқаро тавриҷ мекунад, лиҳозо шумо ба ин гуна баҳонаҳо мехоҳед маҷалларо нобуд кунед, пас, шумо дар ҳақиқат, дар зидди фирқаи иштирокиюн ҳастед» [22, с. 27].

Дар ин раванд дастгири асосии рӯзномаҳои тоҷикӣ Ҳукумати Шуравӣ буд. Ин ҳам бесабаб нест, зеро барои Иттиҳоди Шуравӣ матбуот беҳтарин воситаи тарғиби сиёсати давлату хукумат ба ҳисоб мерафт. Русҳо аллакай, хуб дарк карда буданд, ки «ҳамаи он чизе, ки воқеан рух медиҳад, танҳо бо инъикоси он дар ВАО ба воқеияти иҷтимоӣ табдил меёбанд. Яъне ВАО ба тарзи пӯшида оммаро ба худ моил мегардонад» [94, с. 121]. Бино ба навиштаи муҳаққиқ А. Азимов, «ҳанӯз соли 1918 дар назди Комиссарияти халқии оид ба кори миллатҳо нашриёти махсусгардонидашуда, аз ҷумла, нашриёти Шарқ, таъсис ёфт» [18, с. 7], ки ҳадафи асосии он чопи рӯзнома, маҷалла, китоб, брошюраҳои ҷамъиятӣ ва илмӣ буд, то ки онҳо дар кори тарғибу ташвиқ мусоидат намоянд. Чунонки С. Ализода таъкид намудааст: «Ягона мақсад ва маслаки мо хизмат аст дар роҳи истеҳкоми Инқилоб ва Ҳукумати Шуравӣ, мубориза намудан аст дар роҳи пойдории салтанати одилонаи иштирокиюн» [22].

Аз таърихи матбуоти ҷаҳон ва тоҷик бармеояд, ки дар ҳар давру замон матбуоти даврӣ дар баробари иттилоърасонӣ, фароғатбахшӣ, ҳамчунин, вазифаи таблиғу ташвиқро низ бар ухда доштааст. Чунончи, таъкид гардидааст: «Тамоми матбуот ҳатто дар иттилоъи якҷумлаӣ бетарафона чунон зада мегузорад, ки манфиати онро бозгӯяд. Лиҳозо, сарфи назар кардани калимаи таблиғ худфиребии маҳз асту бас» [169, с. 7].

Бо пайдо шудани воситаҳои электронии ахбори омма раванди таблиғот вусъати тоза пайдо кард. Радио бо хусусияти садоии худ, имконоти таъсиррасониро беш аз пеш намуд. Чунончи, муҳаққиқ ва собиқадори соҳаи радио А. Ализода навиштааст: «Таърих шоҳиди он аст, ки нутқи радиоӣ ҳангоми хуруҷҳои иҷтимоӣ, табаддулотҳо дар ҷомеа таъсирбахш аст. Маҳз дар

ҳамин вазъият нутқи буррову гузаро, ки қодир аст одамонро ба ваҳдату ягонагӣ даъват намояд, таъсирашро нишон медиҳад» [23, с. 55]. Воқеан чунин аст, зеро маҳз таъсири даъватҳои радиоӣ буд, ки ҳазорон гурезагони тоҷик баъди ҷанги шаҳрвандӣ ба ватан баргаштанд. Мурочиатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавассути барномаи «Хоки Ватан» намунаи оливу барҷаста аст: «Ҳама муштоқи дидори шумоянд ва бовар доранд, ки шумо имрӯзу фардо боз хоҳед гашт, дасти бародарони худ хоҳед гирифт ва Ватани ниёгони хешро обод, чароғи хонаи падариро равшан хоҳед кард...

Азизон, тоҷикон як Ватан доранд, вазифаи ҳар яки мост, ки онро азиз дорем ва ободаш кунем» [256].

Таърих гувоҳ аст, ки ин даъват бетаъсир ва бенатиҷа намонда, ҳадафҳо нишонрас шуданду ҳазорон муҳоҷир ба ватан баргаштанд.

Аз рӯзҳои аввали таъсис радио низ ба ҳаёти ҷомеа ворид гардид ва дар вазъиятҳои гуногуни сиёсӣ нақши муайян бозидааст. Дар замони пуртазоди имрӯз низ ин вазифаи пурмасъулро бар дӯш дорад. Бо убур кардани марзҳо дар муаррифии миллату давлат нақши бориз гузошта истодааст. Аксари муҳаққиқони соҳаи журналистика бар он назаранд, ки «телевизион ва радио дар низоми воситаҳои ахбори омма ҷойгоҳи муносиб дошта, чун воситаи тавонои тарғибу ташвиқ ва василаи сареи расонидани иттилоъ барои ташаккули афкори омма нақши бузург мебозанд» [17, с. 23].

Пайдоиши телевизион ва дар кӯтоҳтарин муддат меҳмон, балки «аъзо»-и ҳар хонадон шудани он аз тобеияти ҷомеа ба ин воситаи иттилоърасон дарак медиҳад. «Телевизион на танҳо дар равиши инъикоси афкори иттилоотӣ таҳаввулоти бузург ба амал овард, балки ҳамчун шакл ва натиҷаи таъсирро ба афкори ҷомеа хеле баланд бурд. ...вай хусусиятҳои радио, кино ва театрро дар як вақт дар худ инъикос менамояд ва ба ин шева метавон гуфт, ки вай ба василаи муколамаи одии ҳаётӣ, ба истилоҳ ба воситаи зиндаи гуфтугӯ табдил меёбад» [169, с. 1]. Муҳаққиқони дигар аз нигоҳи таъсири равонӣ ба махсусияти телевизион назар афканда, ба чунин хулоса омадаанд: «Фарқияти

асосии радио аз телевизион дар он аст, ки радио танҳо ба узви сомеаи инсон таъсир мегузорад, телевизион бошад, ба чашм, нигоҳ, андешаю хулосабарорӣ бевосита таъсир мегузорад» [42, с. 12], ки, воқеан, асоси илмӣ дорад. Дар мавриди таъсиррасонии телевизион ва нақши он барои ба вуҷуд овардани афкори омма корҳои зиёди илмӣ анҷом ёфтааст. Аксарияти муҳаққиқон ба имконоти таъсирбахшии ин воситаи ахбори омма қоиланд. Аз ҷумла, муҳаққиқи рус С.А. Зеленский қайд мекунад, ки «Барои инсони замонавӣ проблемаи мубталошавии инҳисори телевизионӣ мавҷуд мебошад. Рӯй гардонидан аз тамошои телевизион барои аксар ғайриимкон аст, зеро мавҷҳои телевизион аввал дар инсон нишонаҳои психопотологиро пайдо намуда, сипас, тавассути намоишҳо онҳоро зина ба зина рафъ менамояд ва ҳамзамон, бинандаро ба худ тобеъ мегардонад [51, с. 124]. Ба ин далел имрӯз телевизионро на ҳамчун дастоварди техникӣ, воситаи иттилоърасонӣ, балки минбари тарғибу ташвиқ, таъсиррасонӣ ё дастгоҳи асосӣ дар ҷангҳои иттилоотӣ меомӯзанд [144]. Ба ин манзур, телевизион имконият ва фазои мусоиди таъсиррасонӣ дорад. Мувофиқ ба андешаи муҳаққиқон И. Ҳамидиён ва Б. Абдураҳим «Телевизион қудрати бузурге дорад, ки метавонад дар мустаҳкамии иттиҳоди миллӣ, вусъати истиқлолият, давлати ҳуқуқбунёди воқеан демокративу шаҳрвандӣ мусоидат кунад» [171, с. 57]. Ин аст, ки дар тамоми кишварҳои олам ба таъсиси шабакаҳои телевизионӣ эътибори ҷиддӣ медиҳанд ва барои фаъолияти пурсамари онҳо тамоми шароит ва имкониятҳои техникиву моддӣ ва касбиву эҷодиро фароҳам меоранд.

Бо вуҷуди он ки матбуоти даврӣ, радио ва телевизион, агентиҳои иттилоотӣ бо вижагиҳои худ дар фазои иттилоотии кишвар ва берун аз он мавқеъ доранд, аммо низоми воситаҳои ахбори оммаи имрӯзро бидуни интернетжурналистика тасаввур кардан мушкил аст. Инернет оҳиста-оҳиста мавқеъ пайдо карда, дар фазои иттилоотӣ ҷойи намоёнро ишғол намудааст [176, с. 9].

Суръати ниҳоят баланд ва хосияти мултимедию интерактивии интернет боис гардид, ки мавқеаш аз телевизион болотар равад. Дуруст аст, ки каъсири расонаҳои интернетӣ на танҳо ҳудуди ҷуғрофӣ, балки ҳудуди фарҳангӣ ва ҳатто тамаддунӣ ҳам надорад. Онҳо ҳақиқати иҷтимоиро мақсаднок ва аз рӯйи нақша меофаранду ба танзим медароранд, аудитория ва ҷаҳонбинии онро ташаккул медиҳанд, барои дарки ҷаҳон дастурҳо муқаррар намудаву роҳи тафаккурро муайян карда, амалро ташвиқ менамоянд ва ғ. [105, с. 14]. Ин вижагиҳо сабаб шудааст, ки воситаҳои ахбори омма боз ҳам бештар ба ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа ворид гарданд ва давлату ҳукумат ба фаъолияти онҳо эътибори ҷиддӣ зоҳир намояд.

Дар баробари он ки интернет дар рушди ВАО таъсири амиқ гузошт, ҳамчунин, дар фазои иттилоотӣ чун воситаи ҷолиб, дастрас ва муассири дастрасии иттилоот бо хусусиятҳои вижа мавқеи муайян пайдо кард. Ба ин, пеш аз ҳама, рушди техника ва технологияи инноватсионӣ мусоидат кард. Маҳз бо шарофати доман густурдани интернет ва оммавӣ гардидани он монеаҳои дастрасӣ ба китоб, рӯзнома, радио, филм ва амсоли ин бартараф гардид. Аксари рӯзномаҳо тавассути интернет бо формати наву ранга дар дилхоҳ нуқтаи дунё, дар кӯтоҳтарин фурсат ба дасти хонанда мерасанд. Садои радиоро низ ҳамчунин, фарсаххо дур аз марзи кишвар метавонем шунавем. Ба андешаи профессор А. Азимов «ин ҳама натанҳо талаби давру замон, балки раванди ҷамиятӣ ва эҳтиёҷон ба радиои асри навин аст» [16, с. 5]. Дар баробари садо имрӯз симои ровиёни радиоро тавассути интернет мебинем, мушоҳида мекунему шоҳиди тамоми эҳсосу воқеаҳои дохили студияи радиоӣ мегардем. Андешаҳои «навори телевизионро дубора тамошо кардан ғайриимкон аст» ба ҳукми таърих даромад. Ҳар лаҳза метавонем навори телевизиониро ба пас гардонида, бодиққат тамошо кунему тамоми ҷузъиётро мушоҳида намоем. Омехтагии ҳамаи ин вижагиҳои ВАО боз як формати хосси интернет-мултимедияро ба вуҷуд овард, ки аз вижагиҳои асосии интернетжурналистика аст.

Инсони муосир дар гирдоби иттилоотӣ қарор дорад ва ҳазм намудани ин сарбории аз ҳад зиёди иттилоотӣ барояш кори саҳл нест. Агар солҳои пешин воситаи иттилоърасон дар муҳити оила қабул мешуд ва барои гирифтани иттилоъ вақту соати муайянро интизор шудан лозим меомад, дар замони муосир сарчашмаи иттилоъ бо дасту чашму гӯш пайваст гардидааст, ки албатта, ба тафаккуру рафтор, кирдору пиндор бетаъсир буда наметавонад. Ҷойи баҳс нест, ки «Моделҳои рафтор, меъёрҳои ахлоқӣ, сохторҳои иҷтимоӣ, ташаккули муносибатҳои байнишахсӣ, арзишҳо, манфиатҳо, мавҷудияти ҷомеа, масъалаҳои ҷанг ва сулҳ – комилан ҳама чиз зери таъсири ВАО аст. Бинобар ин, маҳз ВАО тасвири ҷаҳон, ҷаҳонбинии гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва шахсони алоҳидаро ташаккул медиҳад» [212].

Аз ин сабаб, тамоми кишварҳои дунё кӯшиш мекунанд, ки тавассути воситаҳои ахбори омма, махсусан телевизион ва интернет, ки нисбатан аудиторияи бештар доранд, образи мусбати худро созанд. Шаҳрвандони хориҷӣ дар бораи давлату миллати дигар маҳз аз маводди интернетиву телевизионӣ маълумот пайдо карда, тасаввурот ба вуҷуд меоранд. Ҳар қадар дар воситаҳои ахбори оммаи маъмул дастовард ва комёбиҳои миллату давлат инъикос гардад, ҳамон қадар он кишвар шинохта шуда, имконоти рушди робитаҳои тиҷоратӣ, сайёҳӣ, фарҳангиаш бештар мешаванд. «Бо рушди иттилоотикунонии ҷомеа воситаҳои ахбори омма ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, бахусус, ба шуури сиёсӣ ва рафтори шаҳрвандони кишвар таъсири беш аз пеш расонида истодаанд. Аз ин бармеояд, ки ин ё он маълумот аз куҷо пайдо мешавад, чи гуна ташаккул мeёбад ва пешниҳод мегардад, дар ҷомеа паҳн карда мешавад ва ба адресатҳои он – як гурӯҳи мушаххаси иҷтимоӣ ё интихоботӣ ё, масалан, шаҳрвандони кишварҳои дигар мерасад, аҳаммияти хосса дорад. Сухан, албатта, дар бораи ВАО меравад, ки на танҳо ҳамчун воситаи интиқоли объективии ахбор, балки ҳамчун созандаи асосии он амал мекунанд» [87]. Дар замони мураккаб ва пуртазоди ҷаҳонишавӣ, эътибор додан ба сарчашмаи иттилоъ ва назорати қатъии раванди иттилоотонӣ дар фазои кишвар барои ҳар

давлат зарур ва муҳим аст, зеро ВАО метавонад бо истифода аз қудрати таъсиррасонии худ манфиатҳои ғаразноки гурӯҳҳои муайянро татбиқ намояд. Тавре коршиносони соҳаи сиёсӣ дарёфтаанд, дар баъзе кишварҳо «...расонаҳо аз қолаби тафсирҳои классикӣ берун шуда, маҷмуан ба абзору аслиҳаи ҷиддии ҷанг табдил ёфтаанд. Унсури афкорсоз боз ҳам боло рафт ва имрӯз неруи муҳимми давлатдорӣ ба шумор мерававнд» [133]. Ин аст, ки муҳаққиқ И. Ҳамидиён маблағгузориро дар самти ташвиқи ҳифзи фазои иттилоотии кишвар амали ногузир донista, таъкид мекунад: «Дар ин замина, рақобатпазир намудани абзорҳои ватании ВАО дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ бисёр муҳим буда, масъалаи имиҷсозии кишвар дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон аз масъалаҳои калидӣ аст, ки мо дар ин масъала низ бояд бетараф набошем» [175, с. 165].

Маълум мегардад, ки чаро ҳукумати қисме аз кишварҳо воситаҳои ахбори оммаи худро назорат намуда, ба иттилои дохилӣ махсус таваҷҷуҳ мекунанд. Вақте дар хусуси ҷанги иттилоотӣ сухан меравад, ин раванд муҳим мебошад. Назорати пайвастаи ВАО маҳдудкунии озодии сухан набуда, балки яке аз роҳҳои муҳимми ҳифз аз ҳуҷумҳои иттилоотӣ ва пешгирии офариниши симои манфии давлат ба ҳисоб меравад, чунки «Воситаҳои ахбори омма доираи васеи усулҳои ташаккул ва идораи имиҷи давлатро доранд ва имрӯз онҳо тавонотарин ва серталабтарин василаи ин самт мебошанд, зеро борҳо самаранокии худро исбот мекунанд» [189, с. 122].

Набояд фаромӯш кард, ки воситаҳои ахбори омма муҳимтарин фишанги таъсиррасонӣ ба омма буданду боқӣ мемонанд ва дар ин робита, дар масъалаи ҳифзи давлат, сулҳу субот, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, пуштибонии арзишҳои ахлоқию миллӣ масъулияти онҳо садҳо маротиба меафзояд. Муҳофизати имиҷи давлат ва ҳамзамон нақш гузоштан дар раванди имиҷсозии давлат яке аз масъулиятҳои дигари воситаҳои ахбори омма гардидааст. Дар шароити муосир, махсусан, воситаҳои электронии ахбор ва интернет раванди имиҷсозии давлатро осонтар намудааст. Яке аз зинаҳои муҳимми шаклдиҳии имиҷ муаррифии образи мусбати давлат ба ҷаҳониён аст, ки тавассути шабакаҳои

телевизионии пайваст ба моҳвора ва интернет, тамоми сарҳадҳо убур шуда, иттилоъ ба ҷойи зарурӣ ва дар вақти зарурӣ мерасад. «Мавҷудияти воситаҳои иртибот, иттилоотонии баланд ва афзояндаи ҷомеа, инчунин, виртуализатсия ба бунёд ва фаъолияти имиҷ дар маҷмуъ ва бахусус, имиҷи давлат, мусоидат намуда, барои фаъолияти имиҷмейкерҳо майдони мусоид фароҳам меорад» [73, с. 15].

Албатта, тавассути ВАО натанҳо имиҷи давлатро ташаккул додан мумкин аст, балки ҳамчунин, ба имиҷи давлат метавон рахна ворид намуд [80, с. 128]. Табиист, ки идораи давлат бидуни камию костӣ буда наметавонад. Воситаҳои ахбори оммае, ки мухолифи давлат қарор мегиранд, пешравию дастовардҳои кишварро нодида гирифта, танҳо камбудиҳоро инъикос мекунанд. Ин амали онҳо барқасдона сурат мегирад, ки ҳосилаш паст задани обрӯву эътибори давлат аст. Воситаҳои ахбори оммае, ки ҷонибдори давлатанд, то муддате аз камбудиҳои бартарафшаванда сухан накушода, пайваста аз ободкориву пешравӣ далел меоранд ва дар афкори омма симои давлатро чун ҳукумати ободкор тасвир мекунанд. Ин маъноеро надорад, ки ВАО пурра ба тарғибот ва имиҷсозии сохта машғул шуда, аз вазифаи асосии худ – инъикоси холисонаи воқеиятҳои иҷтимоӣ сарфи назар намояд ва аз танқиди созанда даст кашад. Баъзан, бо сабаби паст будани савияи касбии рӯзноманигорон дар ВАО зиёдаравӣ ва сохтакориҳои беҳад дар симосозӣ ба мушоҳида мерасад. Ин раванд натанҳо аудиторияро дилгир мекунад, балки боварии ӯро коҳиш дода, водор мекунад, то ба сарчашмае рӯй орад, ки матлабаш «нав» ва воқеӣ бошад. Дар чунин ҳолат аудитория ба гирдоби иттилои фиребанда рӯбарӯ шуда, интихоби иттилоъи саҳеҳ барояш мушкил мешавад. Сарбории аз ҳад зиёди иттилоотӣ аудиторияро маҷбур месозад, ки ба сарчашмаи сода ва кӯтоҳбаёни ҷолиб рӯ оварад ва «мизоҷ»-и доимӣ гардад. Ҳангоме ки ҳамагон шоҳиди идоракунии дастандаркорони иттилоотанд, ҳар сарчашма кӯшиш мекунад, ки кӯтоҳ ва содабаёниро усули кори худ қарор дода, маводди мултимедиявии ҷолиб омода кунад ва бо ин роҳ аудиторияро ба даст гирад. Аз ин сабаб,

мувофиқ ба талаботи аудиторияи имрӯз – машҳур бо насли Z ва Y таҳия намудани маводди журналистӣ ба манфиати кор аст. Аудиторияи имрӯз дӯстдори робитаи дуҷониба (интерактив) буда, таъмин намудани чунин робита аз ҷониби сарчашмаи иттилоъ боиси пешравии кор мегардад.

Робитаи зичи тамоми сохторҳои давлат бо воситаҳои ахбори омма, аз як ҷониб, барои пешниҳоди маълумоти саҳеҳ мусоидат мекунад, аз ҷониби дигар, дар бештар омода шудани матолиби журналистии соҳавӣ низ замина мегузорад. Дар натиҷа, омма аз фаъолияти сохторҳои гуногуни давлатӣ, соҳаҳои гуногун маълумоти бештар мегирад, ки ин ҳам як навъ муаррифии низоми давлатдорӣ ва усули кори он аст. Ҳар қадар дар бораи ин ё он объект иттилои зиёд ва боварибахш паҳн шавад, ҳамон андоза имиҷи он хуб ва мусбат ташаккул меёбад. Пахши ҳар чи бештари иттилоъ доир ба соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар тавассути воситаҳои ахбори оммаи дохилӣ ва хориҷӣ барои муаррифии симои мусбати давлат манфиатовар мебошад. Чунончи, муҳаққиқи рус Л. Медовкина навиштааст: «Сохтани имиҷи давлат ин тавассути ВАО-и дохилӣ ва хориҷӣ пахш намудани иттилоъ дар хусуси дастовардҳои давлат дар соҳаи иқтисод, сиёсат, илму фарҳанг, табиат, таърих, вазъи равонии аҳолӣ ва ғайра мебошад. Усулҳои муосири имиҷсозӣ тавассути ВАО аз иттилои мухолифи имиҷи давлатбуда худдорӣ намудан ва пахш кардани хабарҳои бар нафъи давлат, ҳамчунин, аз усулҳои таъсиррасонӣ хуб истифода кардан аст» [89, с. 124].

Ҳар қадар дар ВАО-и ватанӣ ва хориҷӣ доир ба пешравиҳои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар, вазъу сатҳи некуаҳволии мардум, арзишҳои фарҳангиву тамаддуни қадимаи миллат ва зиндагии шоистаи шавҳрвандон иттилои дуруст ва одилона инъикос ёбад, ҳамон қадар нуфузи давлат дар дохил ва берун аз он боло меравад. Ин аст, ки тамоми давлатҳои дунё кӯшиш мекунанд, ба ВАО-и ҷаҳонӣ роҳ ёбанд. Барои роҳ ёфтан дар телевизион ё сомонаҳои интернетӣ ҳукумати кишварҳо маблағҳои зиёд сарф мекунанд. Чунончи, соли 2011 таҳти сарпарастии ширкати давлатии «ТАЛКО» дар

остонаи таҷлили 20-умин солгарди Истиқлоли давлатии ҷумҳурӣ ба хотири ошноии бештари ҷаҳониён бо Тоҷикистони муосир наворҳои таблиғотӣ дар бораи ҷумҳурӣ аз тариқи шабакаи телевизионии «Euronews» пахш карда шуд. Аз 25 август то 9 сентябри ҳамон сол ҳамарӯза дар шабакаи телевизионии «Euronews» наворҳо дар ҳаҷми 30 сония пахш гардиданд. Бинобар иттилои расонаҳо, арзиши ин тарҳ беш аз 120 ҳазор евроро ташкил додааст [80]. Ин гуна мисолҳо дар таҷрибаи давлатҳои пешрафта ва рӯ ба тараққӣ низ кам нестанд.

Чун имиҷи давлат қолаби шахшуда набуда, тағйирпазир ва доимо дар ҳаракат аст, ҳар як давлат кӯшиш мекунад, ки бо воситаҳои ахбори оммае, ки муаррифгари асосии кишвар ба ҳисоб мераванд, робитаву ҳамкории зич ба роҳ монда, пайваста аз вазъи сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, муносиботи бурунмарзии давлат вобаста ба вазъият онҳоро огоҳ гардонад, то дар марҳилаҳои ҳассос аз пахши иттилои барзиёд худдорӣ карда, ба иттилои лозима бештар таваҷҷуҳ намоянд.

Дар натиҷаи таҳқиқу омӯзиши масъалаҳои меҳварии ин боб ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Гарчанде имиҷелогия ҳамчун соҳаи мустақил дар асри XX ба миён омад, аммо мисли ҳама падидаҳои муосир нишонаҳои онро дар давраҳои гуногун мушоҳида намудан мукин аст. Заминаҳои имиҷсозӣ дар устураву эпосҳои мардумӣ, адабиёти шифоҳиву бадеӣ ва осори мутафаккирон ба хубӣ вомехӯранд.

2. Имрӯзҳо вобаста ба объект имиҷро дар соҳаҳои гуногун меомӯзанд. Аз ҷумла, ба ташаккули имиҷи давлат бештар сиёсатшиносон таваҷҷуҳ намуда, ба ташаккули имиҷи давлат тавассути воситаҳои ахбори омма муҳаққиқони соҳаи журналистика рӯ овардаанд. Ҳамчунин, имиҷро дар самти иқтисод, равоншиносӣ, суханварӣ, фалсафа ва ғ. меомӯзанд.

3. Яке аз унсурҳои имиҷсозӣ муаррифии объект аст. Воситаҳои ахбори омма дар ин раванд василаи бемисл дониста мешаванд. Аз ин лиҳоз, нақши онҳо дар раванди имиҷсозӣ зиёд мебошад.

4. Воситаҳои ахбори омма бо иҷрои вазифаҳои худ, махсусан вазифаҳои иттилоотонӣ, иҷтимоӣ ва тарғиботӣ дар раванди имиҷсозӣ таъсири амиқ мегузоранд.

5. Миёни дигар воситаҳои ахбори омма имконоти телевизион ва интернет дар ташаккули имиҷ бештар аст.

# БОБИ II
# ТАШАККУЛИ АСОСҲОИ СИЁСӢ-ҲУҚУҚИИ ИМИҶ ВА ИМИҶСОЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Имиҷи давлат ва вижагиҳои асосии он

Ба Истиқлолияти комили давлатӣ расидан барои ҳар миллат ҳадафи асосӣ маҳсуб ёфта, маҳз дар давлати соҳибистиқлол ҷомеа метавонад бо фарҳангу тамаддуни худ, дар доираи арзишҳои миллӣ, ҳувияти миллӣ зиндагӣ ва мероси ниёгонашро пуштибонӣ кунаду худро чун миллати мустақил муаррифӣ намоянд. Таҷрибаи давлатҳои рӯ ба тараққӣ нишон медиҳад, ки ҳифзи Истиқлолияти давлатӣ, нисбат ба соҳиб шудан ба он мушкилтар аст. Вазъи муташанниҷи солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон андешаҳои болоро собит мекунанд.

Барои ҳифзу нигоҳдории якпорчагии давлату сарҷамъии миллат, пеш аз ҳама, таҳкими сулҳу субот, амнияти милливу минтақавӣ ва дар тафаккури шаҳрвандон ҷой додани андешаи ватандӯстӣ, ифтихору ҳувияти миллӣ, пос доштани арзишҳои ниёгон, дониши сиёсӣ зарур ва муҳим мебошад. Бидуни ин омилҳо дар замони муосири хатарзои ҷаҳонишавӣ барои давлатҳо нигоҳ доштани мавқеи худ кори саҳлу осон нест. Ба миллат, давлат, фарҳанг, забон, иқтисод, умуман, тамоми соҳаҳои ҳаёти одамон, аз ҳар ҷониб таҳдидҳо мешаванд. Дар ин маврид дар китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих»-и Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон далелҳои зиёде оварда шуда, аз ҷумла, қайд гардидааст: «...дар кураи замин на танҳо марзбандии ҳавзаҳои геополитикӣ ва иқтисодиву стратегӣ низому шакли тоза мегиранд, балки ҳудуди тамаддунҳои қадиму ҷадид аз нав марзбандӣ гардида, миллатҳои хурду бузург доираҳои фарҳангу тамаддуни хешро аз ҳисоби ба ҳамдигар наздик гардонидани тамаддунҳои ҳамҷавор тавсеа мебахшанд. Давлатҳои тозаистиқлол аз фишори низомҳои худкомаи сиёсӣ раҳида, дар

талоши таҳкими истиқлолият, тақвият бахшидани худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ёфтани мақому манзалати муносиб дар ҷомеаи муосир ҳастанд ва эҳёи ҳайратангези давлату миллати хешро аз сар мегузаронанд» [128, с. 1].

Давлатҳои абарқудрат ба хотири боз ҳам пурзӯртар шудан ва ё нигоҳ доштани қудрати худ роҳҳои гуногун меҷӯянд, барои ҳадафҳои ниҳону ошкор роҳу воситаҳои мухталифро ба кор мебаранд. Ҳамаи ин бозиҳои сиёсӣ, ки тахтаи бузурги шатранҷро мемонад, аз чашми ҷаҳониён дур нест. «Воқеият нишон дод, ки дар доираи равандҳои пурталотуми ҷаҳонишавӣ, манфиатҳои геополитикии қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ ва мубориза ву рақобати онҳо баҳри манбаъҳои ашёи хом ва сарватҳои табиии сайёра, аз байн рафтани сарҳадҳои идеологии қаблӣ ҷараёнҳои мухталифи сиёсиву мазҳабии экстремистӣ ва террористӣ шакли фаромиллӣ пайдо намуда, барои истиқлолияти кишварҳои алоҳида, бахусус, кишварҳои хурд ба монанди Тоҷикистон, хатару таҳдидҳои муассир эҷод месозанд» [186, 10]. Дар ин раванд давлатҳои мазлум ва рӯ ба тараққӣ барои ҳифзи якпорчагии худ, амнияти кишвар, таъмини иқтисодиёти давлат иттиҳодияҳои муштарак таъсис дода, бар зидди ноадолатиҳо истодагарӣ мекунанд. Ҳамаи ин мубориза ва чораандешиҳо дар ВАО инъикос мегарданд.

Мушкилоти замони муосир, ки ба ҷангҳои иттилоотию сард, инҳисоркунӣ, қувваҳои нарм ва дигар падидаҳои таъсиррасон иртибот доранд, рақобати миёни кишварҳоро пурзӯр намуда, зарурати ташаккули имиҷи давлатҳои мустақилро ба миён овардаанд, балки ногузир гардонидаанд. Дуруст аст, ки «Дар амалияи сиёсӣ масъалаи имиҷ ҳамчун шакли зоҳирнашаванда дар ҳама давраҳои таърихӣ вуҷуд дошт» [199], аммо дар асри XXI ташаккули имиҷи давлат ба яке аз вазифаҳои муҳимми стратегӣ, махсусан, стратегияи хориҷӣ табдил ёфтааст. Имрӯз назарияи имиҷсозии давлат ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳар кишвар барои қувват бахшидани ин самт маблағи зиёде сарф мекунад, чунки «имиҷи давлат аз қудрат ва сатҳи рушди он гувоҳӣ медиҳад. Он ба ҷомеаи дохилӣ ва хориҷӣ имкон фароҳам меоварад, ки

дар бораи кишвар тасаввуроти мусбат дошта бошанд» [196, с. 136]. Ҳамзамон, «имиҷи давлат муҳимтарин воситаи устувор намудани мавқеи давлат дар саҳнаи байналхалқӣ маҳсуб мегардад» [197].

Мафҳуми «имиҷи давлат»-ро дар қатори истилоҳи «имиҷ» аввалин маротиба иқтисоддон Э. Боулдинг дар рисолаи худ «Национальные имиджи и международные системы» истифода намудааст. Сипас, бо дарки зарурати корбурди консепсия ва усулҳои имиҷи давлат муҳаққиқони дигар ба омӯзишу таҳқиқи он рӯ оварда, ибораи мазкурро васеъ истифода намудаанд. Имрӯз ба омӯзиши имиҷи давлат муҳаққиқони соҳаҳои сиёсат, иқтисод, фалсафа, сотсиология, таърих ва журналистика таваҷҷуҳ намуда, ҳар кадом ба омӯзиши масъалаҳои ташаккули имиҷи давлат муносибати хосса зоҳир менамоянд. Қисме аз олимон онро «мифҳои мавҷуда дар бораи давлат» [228], қисми дигар «стереотипҳои дар шуури аудитория ҷойдошта» [37] медонанд. Гурӯҳи сеюми муҳаққиқон имиҷи давлатро натиҷаи тарғиботи дар шуури омма бавуҷудомада дониста, менависанд: «Мафҳуми имиҷи давлат образи аз хусусиятҳои умумӣ таркибёфта (объективӣ ва ғайриобъективӣ) фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи таъсири бевосита ва бавосита ташаккул ёфтааст» [38].

Муҳаққиқони ҳар соҳа ин мафҳумро дар иртибот ба соҳаи фаъолияти худ шарҳу тавзеҳ додаанд. Ба ин маънӣ, сиёсатшиносон муътақиданд, ки «Имиҷи давлат маҷмуи тасвирҳои тамоми самтҳои дохилию берунии фаъолияти кишвар аст, аз суботи сиёсӣ дар зинаҳои ҳокимият ва сатҳи амнияти аҳолӣ то сиёсати фарҳангӣ ва иттилоотие, ки дар хориҷи кишвар пеш бурда мешавад [20]. Муҳаққиқони соҳаи маркетинг ва бренд имиҷи давлатро ҳамчун «Симои ҷуғрофии устувор ва гуногуншакли дорои хусусияти асосии мураккаб кардани сохтор ва баланд бардоштани дараҷаи бо ҳам пайвастагии унсурҳои асосии он» [48] медонанд. Муҳаққиқони иқтисоддон бар он назаранд, ки имиҷ (яъне имиҷи давлат) «тасвири предмете мебошад, ки дар мафкураи одамон ташаккул ёфта, нисбат ба он муносибати баҳодиҳӣ доранд» [113, с. 12]. Дар ин баробари имиҷ давлатро асоси муваффақият ва муносибати муваффақонаи мамлакат медонанд:

«...образи давлат ин асоси обрӯи кишвар аст, ки дар шуури ҷомеаи ҷаҳонӣ дар натиҷаи амалҳои муайяни субъектҳои он дар ҳамкорӣ бо ҷаҳони беруна ба даст омадааст» [53, с. 172].

Андешаҳои боло дар назари аввал мухолиф намоянд ҳам, мазмунан онҳо якдигарро пурра мекунанд. Аз рӯйи муносибате, ки олимон ба омӯзиши имиҷи давлат доранд, чандин равишҳои назариявӣ ҷудо карда мешаванд. Аз ҷумла, равишҳои геополитикӣ, маркетингӣ, брендинги миллӣ, арзишӣ-шаҳрвандӣ, сиёсӣ, коммуникатсионӣ ва ғайраҳо мебошанд.

Дар доираи равиши геополитикӣ мавқеи ҷуғрофии давлат, иқтидори ҳарбӣ ва сиёсӣ, захираҳои табиӣ, манфиатҳои миллӣ, муносибат бо давлатҳои ҳамсоя, нақш дар созмонҳои байналмилалӣ ва сатҳи таъсиргузорӣ ба равандҳои минтақаву ҷаҳон баррасӣ мешавад. Ҷонибдори асосии равиши геополитикӣ муҳаққиқи рус Д.Н. Замятин образи давлатро «ғояҳои мақсаднок ва возеҳ дар бораи фазои ҷуғрофӣ, аз ҷумла, рамзҳо, аломатҳо, тасвирҳо ва хусусиятҳои муайяни ҳудудҳо, кишварҳо, минтақаҳо, аз нуқтаи назари сиёсӣ нишон додани онҳо» [59, с. 157] медонад. Дар бештари мавридҳо дар ин равиш образи давлат худ аз худ ба вуҷуд меояд, аммо барои тағйир додани он нақшаҳои стратегӣ кашида мешавад, ки амалӣ намуданашон муҳлат ва заҳмати зиёдро талаб мекунад. Аз ҷумла, шаклгирии симои геофарҳангӣ, таърихӣ ва дигар ҷузъҳои марбут ба имиҷи геополитикии давлат таҳияи стратегияи мақсаднок ва дарозмуддатро тақозо менамояд.

Дар таҳияи тарҳи брендингӣ бошад, ба захираҳои моддии давлат ё ягон минтақаи муайян таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунанд. «Дар ин ҳол барномаи ташаккули имиҷ бештар ба соҳаи сайёҳӣ эътибор медиҳад ва ба равишҳои фарҳангӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ ва бренди иқтисодӣ такя менамояд» [46, с. 34]. Дар натиҷаи муаррифии ин ҷиҳатҳои давлат, ки унсурҳои асосии худмуаррифии кишвар ба ҳисоб мераванд, ҷалби сайёҳон, теъдоди сармоягузорону шарикони стратегӣ афзоиш ёфта, ба рушди иқтисодии давлат мусоидат менамояд. Ҷонибдорони асосии ин назария олимони рус А. Чумиков ва М. Бачаров низ

муътақиданд, ки симои давлат як навъ тамғаест, ки дороиҳои давлатро ифода мекунад. «Барои ҳар як давлат, бренд яке аз дороиҳои муҳимтарин ҳисобида мешавад, зеро он чизест, ки сармоягузорон ва сайёҳонро ҷалб мекунад» [226]. Дар ин маврид сиёсатшиноси рус О.М. Тюкаркина бренди миллиро на танҳо ҷараён (тренд)-и муосир, балки воситаи муҳим барои шаклгирии имиҷи давлат ва муаррифии он дар сатҳи ҷаҳонӣ диниста, иброз менамояд, ки брендинги миллӣ танҳо ҷараён (тренд)-и муосир нест, ки аз тарафи кишварҳо барои беҳтар шудани имиҷи худ корбаст гардида, ҳадафаш ба ҷониби мусбат тағйир додани андеша ва ё ребрендинг бошад. Асоси назариявии брендинги миллиро таҳқиқ дар самти коркарди бренди маркетингӣ ташкил медиҳад, ки арзиши бренди давлатро баҳогузорӣ намуда, дар ин замина, ба имиҷи кишвар таъсири мусбат мерасонад ва ҷиҳати бартарии рақобатпазир имконият фароҳам меорад [159, с. 56].

Равиши брендингӣ ба имиҷи давлат ҳамчун бренди рақобатпазири байналмилалӣ таваҷҷуҳ мекунад. Дар доираи ин равиш яке аз моделҳои маъруф модели шашкунҷаи бренди миллӣ мебошад, ки аз ҷониби Саймон Анхолт пешниҳод шудааст. Тибқи ин модел имиҷи давлат аз шаш унсури асосӣ: сайёҳӣ, содиротӣ, идоракунӣ, сармоягузорӣ ва муҳоҷират, фарҳанг ва мерос, инчунин, сармояи инсонӣ иборат мебошад. Барои шаклгирии бренди миллӣ С. Анхолт соҳаи сайёҳиро бештар бартарӣ медиҳад. Чун яке аз ҳадафҳои равиши брендӣ таъсир расонидан ба иқтисоди кишвар аст, рушди соҳаи сайёҳӣ ҳама имконотро барои расидан ба ин ҳадаф фароҳам меоварад. Кишваре, ки дорои имконоти сайёҳии табиӣ ва таърихӣ аст, ҷалби сайёҳону меҳмонон ба он низ бештар мегардад. Инкишофи соҳаи сайёҳӣ ба имиҷи иқтисодии давлат бе таъсир намемонад.

Мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ, олами набототу ҳайвоноти нодир, расму оин, ҳунарҳои дастии мардумӣ, ки хосси як минтақаанд, барои сайёҳон бетаъсир набуда, бо ҳамин хотирот ва эҳсосот ба ватан баргашта, бардошти худро ба дигарон нақл мекунанд. Яъне, воридшавии сайёҳон ба кишвар на

танҳо ба иқтисодиёт таъсир мерасонад, балки сайёҳон дар баробари дигар воситаҳои иттилоърасониву иртиботӣ воситаи оммавигардонии имиҷи давлат дониста мешаванд. Ин аст, ки ҳар давлат барои сайёҳон шароитҳои махсус фароҳам оварда, бо онҳо муносибати хосса зоҳир мекунад. Ҷашнҳои хоссаи миллӣ, ки фарҳанги миллатро бозгӯ мекунанд, барои сайёҳон ҷолиб аст. Аз ин лиҳоз, ҳангоми ташаккули соҳаи сайёҳӣ фестивалу ҷашнвораҳои пуршукӯҳ ташкил намудан роҳест барои муаррифии миллату давлат. Ҳамчунин, ташкили ҷашнвораҳои миллӣ, ташкили ярмаркаҳои фурӯши молу маҳсулоти кишвар, намоиши ҳунарҳои мардумӣ, дастовардҳои давлат дар хориҷи кишвар воситаи хуби ҷалбсозии сайёҳон ва муаррифии миллату давлат мебошад.

Сармояи инсонӣ низ аз ҷумлаи омилҳои муҳими муаррифии давлат дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудан ба ҷомеа ҳамчун қудрати зеҳнӣ бурди давлат буда, аз ҷониби дигар зиёд шудани захираҳои зеҳнӣ ва дастоварди онҳо дар соҳаҳои мухталиф унсури муҳимми имиҷсозӣ ба ҳисоб меравад, зеро: «Потенсиали зеҳнӣ ҳар қадар зиёд бошад, обрӯйи байналхалқии давлат ҳамон қадар баланд мешавад» [193, с. 34]. Ин ҳушдорӣ ҳукуматро водор мекунад, ки ба соҳаи таълим ва тарбияи ҷомеа дар тамоми зинаҳои таҳсилот ва тақвияти пайвастаи дониши мавҷудаи аҳолӣ дар заминаи таърих, ҳувият, ғояи миллӣ, худшиносӣ ва маънавиёт эътибори хосса зоҳир гардад.

Ҳар қадар миллат маданиву саводнок ва дар соҳаҳои мухталиф муваффақ бошад, ҳамон қадар истиқлоли фикрӣ дар он кишвар мустаҳкамтар мегардад. Ин омил низ ба устувории пояи истиқлоли давлатӣ мусоидат мекунад. Дар баробари ин, маҳз ҷомеа муаррифгари миллат буда, дар арсаи байналмилалӣ шаҳрвандон низ шаклдиҳандаи асосии имиҷи давлат ба ҳисоб меравper. «Бешубҳа, симои байналмилалии давлат дар заминаи рушди тадриҷии ҷомеа, инчунин, зери таъсири тафаккури муттаҳидкунандаи миллат, неруи зеҳнӣ ва равонии кишвар ташаккул меёбад» [193] – мегӯянд коршиносон, ки воқеист.

Шаҳрвандон дар ташаккули ҳам имиҷи мусбат ва ҳам манфии давлат нақшҳои марказиро мебозанд. Ҳар қадар чеҳраҳои шинохтаву муваффақ дар давлат зиёд бошад, ҳамон қадар нуфуз пайдо мекунад. Дастоварди варзишгарон дар бозиҳои олимпӣ, дастоварди фарҳангиёни ин ё он соҳа дар арсаи байналмилалӣ ё минтақавӣ, ҷоизаҳои гуногуни соҳаҳои илму саноат ва ғайра қадам ба қадам кишварро аз ҷонибҳои гуногун муаррифӣ менамояд. Дар ин замина, дар бораи давлат на тасаввуроти манфӣ (терроризм, нашъамандӣ, криминалӣ), балки тасаввуроти мусбат (сулҳу субот, оромӣ, пешравӣ) пайдо мегардад.

Яке аз равишҳои асосии ташаккули имиҷи давлат равиши коммуникатсионӣ мебошад, ки ба рушди бренди миллӣ мусоидат менамояд. Ин равиш имиҷи давлатро ҳамчун натиҷаи паҳн ва дарки паёмҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ шарҳ медиҳад. Дар равиши коммуникатсионӣ давлат барои сохтан ва паҳн кардани симои мусбати худ аз тамоми воситаҳои иртиботӣ, махсусан воситаҳои ахбори омма, васеъ истифода мебарад.

Ба андешаи олимони рус И. Рожков ва В. Кишмеркин ноил шудан ба бренди муваффақи миллӣ ба як қатор омилҳо ва самтҳои муҳими коммуникатсионӣ вобастагӣ дорад:

– Таъмини робитаи муассир бо аудиторияи мақсаднок;

– Табдил додани паёмҳои гуногун ба ҷараёни ягона ва ҳамоҳангии иттилоотиву назорати интиқоли онҳо;

– Таъмини самаранокии паёмҳо бо назардошти талаботи аудиторияи мақсаднок;

– Мусоидат ба қабули паёмҳо ва истифодаи амалии онҳо аз ҷониби аудитория;

– Ба вуҷуд овардани вокуниши мусбат нисбат ба иттилооте, ки ба интизориҳо ва манфиатҳои аудиторияи мақсаднок мувофиқат мекунад [135].

Гарчанде баъзе муҳаққиқон модели маркетингиро ҳамчун равиши мустақил баррасӣ мекунанд, таҳлил ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки он

бештар ҳамчун як шохаи равиши брендингӣ арзёбӣ мегардад, зеро ҳадафи ниҳоии ҳар ду равиш ба ташаккул ва таҳкими симои мусбати минтақа ё давлат ва мусоидат ба рушди ҳудудӣ равона шудааст. Дар ин замина тарҳҳои маркетингӣ, мисли тарҳҳои брендингӣ ба рушди минтақа ва ҷолибияти онҳо мусоидат менамоянд.

Ҳангоми истифодаи усули мазкур дар раванди ташаккули имиҷи давлат стратегияҳои рушди минтақаҳои кишвар татбиқ мегарданд. Дар баробари ин, иқтидори сиёсиро набояд нодида гирифт, зеро онҳо низ ба ташаккул ва таҳкими имиҷи давлат таъсири назаррас мерасонанд. Дар ин хусус муҳаққиқон Т.П. Лебедова ва Т.А. Михайленко таъкид мекунанд, ки «... ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодии он ба таъмини қудрати сиёсии давлат, афзоиши вазни он дар арсаи сиёсии ҷаҳонӣ ва баланд бардоштани самаранокии таъсиррасонӣ ба қабули қарорҳои сиёсӣ бевосита иртибот доранд... Маҳз равиши маркетинг таваҷҷуҳро ба зарурати гурӯҳбандӣ кардани аудиторияи мақсаднок ҷалб намуда, барои ҳалли ин мушкилот заминаи густурдаи назариявӣ ва методологӣ фароҳам меорад» [73, с. 16].

Дар маркази равиши сиёсӣ сиёсати давлат қарор дошта, таваҷҷуҳи асосӣ ба ташаккули имиҷи сиёсии давлат равона мегардад. Ин равишро, аслан, ба ду ҷузъи ба ҳам алоқаманд, ки якдигарро пурра мекунанд, ҷудо менамоянд: имиҷи дохилии давлат ва имиҷи берунии давлат. Аудиторияи имиҷи дохилӣ шаҳрвандони кишвар мебошанд. Таъмини сулҳу ваҳдат, иттиҳоду сарҷамъӣ, барои некӯаҳволии кишвар анҷом додани корҳои амалӣ: таъминоти иҷтимоӣ, дастгириҳои иқтисодӣ, дастрасӣ ба иттилоот, ҳамқадамӣ бо ҷаҳони муосир, имконоти рушди иқтисодиву маънавӣ омилҳои асосии ба даст овардани эътимоду боварии шаҳрвандон буда, барои шаклгирии имиҷи дохилии давлат омили асосӣ шуморида мешаванд. Ҳамаи ин барои гузоштани қадамҳои устувор баҳри нуфузи давлат дар сатҳи байналмилалӣ заминаҳо фароҳам меорад.

Муҳаққиқи тоҷик И. Баротов омилҳои ташаккули имиҷи байналхалқии давлатро ба ду гурӯҳ ҷудо менамояд: омилҳои мусбат ва омилҳои манфӣ. Ӯ омилҳои мусбатро ба таври зерин нишон додааст: амният; дипломатия; рушди илм ва сатҳи маърифатнокии аҳолӣ; муҳит ва табиати кишвар; савдои беруна; рушди сайёҳӣ; сатҳи истифодабарии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ; сарватҳои зеризаминӣ [26].

Ба андешаи мо, ба гурӯҳи субъектҳои ташаккулдиҳандаи имиҷи берунии давлат метавон дипломатҳо, роҳбарони сиёсӣ, шахсиятҳои маъруф ва дигар намояндагони кишварро, ки дар арсаи байналмилалӣ симои мусбати давлатро муаррифӣ менамоянд, шомил кард.

Бояд дар назар дошт, ки «Имиҷи сиёсии давлат дар муносибатҳои байналмилалӣ нақши муҳим дорад. Муваффақияти сиёсати хориҷӣ, рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ бештар ба он вобаста аст, ки имиҷи сиёсии кишвар чӣ гуна ташаккул меёбад [229]. Имиҷи сиёсии кишвар маҷмуи эътиқод ва эҳсосотест, ки мардум нисбат ба вижагиҳои сиёсии як минтақа нишон медиҳанд. Ҷузъҳои асосии онро имиҷи пешвои сиёсӣ, низоми сиёсиву ҳуқуқӣ, дараҷаи рушди демократия ва асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, озодии сиёсӣ ва озодии баён, дониши сиёсии мардум, фаъолияти шаҳрвандӣ, амалҳои сиёсӣ ва интихоботии он, ҳамчунин, ташаббусу амалҳои сиёсӣ, ки кишвар дар арсаи байналмилалӣ қабул мекунад, ташкил медиҳанд. Муҳаққиқ Г.С. Табатадзе низ ташаккули имиҷи байналмилалии давлатро ба имиҷи сиёсии он иртибот дода, се марҳиларо ишора кардааст: Марҳилаи аввал – офариниши фалсафаи сиёсати хориҷии давлат буда, ҷорӣ кардани консепсияи имиҷи сиёсати хориҷии давлат ва сарвари онро фаро мегирад. Марҳилаи дувум – стратегия, коркард ва банақшагирии барномаҳои дарозмуддатро дар сиёсати хориҷии давлат фаро мегирад. Марҳилаи савум–татбиқи барномаҳои фаврӣ ва кӯтоҳмуддат дар сиёсати хориҷии давлат буда, тактика ва роҳу воситаҳои расидан ба ҳадаф аст [154, с. 128].

Кишваре, ки ба ташаккул ва таҳкими имиҷи мусбати байналмилалии худ таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир намекунад, дар таҳкими мавқеи худ дар арсаи ҷаҳонӣ ва роҳандозии муносибатҳои устувори байналмилалӣ бо мушкилоти бештар рӯ ба рӯ мешавад. «То замоне ки давлат вуҷуд дорад, вай иштирокчии асосии сиёсати байналхалқӣ боқӣ мемонад» [184, с. 49]. Дар арсаи байналмилалӣ муаррифии образи мусбати давлат дар ҳама давру замон яке аз нақшаҳои стратегии давлат буд, ҳаст ва боқӣ хоҳад монд. Дар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, суханрониҳои сатҳи гуногуни сарони кишварҳо дар ин мавриод ишора ва таъкидҳо зиёданд.

Имиҷи байналмилалии давлат нишонаи соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти давлати миллӣ мебошад. Маҳз образи мусбати давлат имкон медиҳад, ки он миёни кишварҳои дигар ташаббусе нишон диҳад ва аз ҷониби шарикон дастгириро интизор шавад. Дар ин раванд, муносиботи дипломатии давлат ба падида, воқеа ва вазъияти гуногун ҷузъи муҳимми муносиботи сиёсӣ дониста мешавад. Ҳамчунин, бо роҳҳои дипломатӣ ҳал намудани низоъҳои бавуқуъомада нуфузи давлатро дар минтақа ва ҷаҳон боло мебарад, яъне имиҷи сиёсии давлат, ки заминаи асосии имиҷи байналмилалӣ шуморида мешавад, ба бахши дипломатӣ вобастагии зиёд дорад. Робитаҳои дипломатии давлат имкон медиҳад, ки сиёсати хориҷии кишвар хуб амалӣ гардад. Дуруст аст, ки «Давлат ҳамчун ниҳоди асосии низоми сиёсӣ ва субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои ҳаётан муҳимми стратегӣ ва геостратегии худ ҳамеша аз дипломатия истифода намуда, афзалиятҳои сиёсати хориҷии худро дар доираи манфиатҳои миллӣ амалӣ менамояд [30, с. 125]. Аз ин лиҳоз эътибори хосса зоҳир намудан ба соҳаи дипломатия барои нуфузи байналмилалии давлат муҳим арзёбӣ мегардад.

Чеҳраҳои сиёсӣ, махсусан, пешвоёни сиёсӣ дар муаррифии имиҷи сиёсии давлат саҳми бориз доранд. Дар раванди имиҷсозӣ пешвоёни сиёсӣ шахсиятҳои меҳварӣ маҳсуб меёбанд. Ҳар қадар сарвари давлат маҳорати хуби идоракунӣ дошта бошад, ҳамон қадар мардум ӯро эътироф мекунанд, дар атрофаш ҷамъ омада, ягонагии миллатро ҳифз менамоянд. Ин ҳолат боиси гузоштани қадами

дигаре – муаррифии миллат дар арсаи ҷаҳонӣ мегардад. Собит шудааст, ки нуфузу мавқеи давлат ба мавқеи сарвари он вобастагии зиёд дорад: «Имиҷи пешвои сиёсӣ дар ҷомеа ё нақши қонунияти қудрат дар ташаккули имиҷ ва шаъну шарафи роҳбари сиёсӣ кафолати имиҷи сиёсии давлат буда, ҳангоми қабули қарорҳои ҳаётан муҳим ба дигар соҳаҳои сиёсати он таъсир мерасонад» [193, с. 67]. Вақте Президент бо кордонӣ, дурандешӣ, таҳлилгарӣ, дипломатияи созанда, ҳамгироии мусбат бо давлатҳои пешрафта, ҳамкорӣ бо созмонҳои бонуфуз ва пешниҳодҳои башардӯстона худ ва миллаташро муаррифӣ мекунад, таваҷҷуҳи ҷаҳониён ба давлат зиёд гардида, хоҳиши ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногун низ меафзояд. Чунон ки муҳаққиқ Ф. Котлер зикр намудааст: «Имиҷи сиёсии роҳбари ҳукумат яке аз ҷанбаҳои асосӣ дар ба вуҷуд овардани афкори омма ба ҳисоб меравад» [66, с. 47]. Муҳаққиқон имрӯз ба омӯзиши шахсияти пешвоёни сиёсӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, бештар ба ҷанбаҳои чигунагии муттаҳидгардонии омма дар атрофи худ диққат медиҳанд.

Доир ба шалгирии имиҷи дохилӣ ё берунии давлат консепсия ва ё дастурамали ягонае вуҷуд надорад, баъзе муҳаққиқон асоси имиҷи давлатро дар унсурҳои ҷуғрофӣ, фарҳангӣ, этникӣ ва таърихӣ [44] арзёбӣ намуда, бархи дигар ба он имиҷи инфиродии хизматчиёни давлатӣ ва дипломатияи ҷамъиятӣ, имиҷи сиёсӣ, ҷалби сармоягузорон, имиҷи молу маҳсулоти миллӣ, имиҷи сайёҳиро илова мекунанд [73]. Олими рус Э. Галумов таъкид менамояд, ки «Дар ҷараёни шиносоӣ бо кишвар ба субъект пай дар пай саволҳо дода мешавад ва ҳангоми гирифтани ҷавоб дарки ӯ ташаккул меёбад: 1. Кишвар дар куҷо ҷойгир аст? 2. Чи ҷолибият дорад (аз ҷиҳати ҷойгоҳҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва табиӣ)? 3. Мардуми кишвар чӣ гунаанд (менталитет, хусусиятҳои маънавӣ)? 4. Дар кишвар чӣ истеҳсол мекунанд (чӣ кор карданро медонанд)? 5. Ҷомеа чӣ ҳадафҳо дорад? [37]. Дар асоси ҳамин саволҳо муаллиф мантиқи имиҷи давлатро бозгӯ мекунад. Аз ин лиҳоз, ба андешаи ӯ ҳангоми ташаккули имиҷи давлат ба образҳои сиёсӣ-ҷуғрофӣ, захираҳои табиӣ, маданӣ-фарҳангӣ, истеҳсолӣ-иқтисодӣ, арзишҳои миллӣ эътибори ҷиддӣ бояд дода шавад.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки имиҷи давлат ба як соҳа маҳдуд нашуда, он пайвастагии ҳамкории тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳимро фаро мегирад. Ба таъбири Э. Галумов, «Имиҷи кишвар маҷмуи хусусиятҳои объективии ба ҳам алоқаманди низоми давлатӣ (иқтисодӣ, ҷуғрофӣ, миллӣ, фарҳангӣ, демографӣ ва ғ.) мебошад, ки дар раванди рушди эволютсионии давлатдорӣ ҳамчун зерсистемаи мураккаби бисёромилаи тартиботи ҷаҳонӣ ташаккул ёфта, самаранокии робитаҳои онҳо тамоюлҳои рушди иҷтимоию сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодиро муайян мекунад. Ҳамчунин, дигар равандҳо дар мамлакат ин асосест, ки дар натиҷаи амалиёти муайяни субъектҳои он бо олами беруна дар шуури ҷаҳониён чӣ гуна эътибор пайдо мекунад» [37].

Ташаккули имиҷи давлат кори бонизом ва дастаҷамъиест, ки бидуни иттиҳоди тамоми сохторҳои давлатӣ амалӣ намудани он ғайриимкон аст. Нуфузи давлат барои шаҳрвандон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ он гоҳ боло меравад, ки дар тамоми соҳаҳо ободониву бунёдкорӣ анҷом ёбад, зеро давлат на аз як соҳа, балки аз тамоми самтҳо устувории худро таъмин мекунад. Чунончи, муҳаққиқи тоҷик С. Назаршоева дарёфтааст, «ин кор саъю кӯшиши зиёди касбӣ ва дастгирии молиявиро талаб карда, натиҷааш зуд ба даст намеояд. Барои баланд бардоштани имиҷи кишвар муносибати системавӣ лозим аст, ки дар ҳама самтҳо – аз сиёсати давлатӣ ва барномаҳои миллӣ то тиҷорати миллӣ, дин, санъат, матбуот ва ғайра бояд кор кунад» [104, с. 161].

Дар раванди имиҷсозӣ ҳар давлат вобаста ба имконоту шароит, мавқеи ҷуғрофӣ, ҳувият, таъриху фарҳанг ва иқтисодиёт равишҳои гуногуни имиҷсозиро интихоб мекунад. Муваффақ шудан дар як зина ҳукуматро водор мекунад, ки ба зинаи дигаре гузарад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зумраи ҳамон давлатҳоест, ки имрӯз барои ташаккули имиҷи байналмилалии он сохторҳои давлатию ниҳодҳои он саъю талош карда, аз чанд ҷиҳат муваффақ низ гардидаанд.

Агар дар умум аз солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон таҳлил намоем, имиҷи давлати мо то ҳадде ба таври стихиявӣ ба вуҷуд омадааст, зеро

ягон стратегия ё нақша барои шаклгирии имиҷи Тоҷикистон ва бунёди бренди миллӣ вуҷуд надошт. Соҳибистиқлолӣ ва якбора рӯбарӯ шудан бо ҷанги дохилӣ боиси пайдо шудани имиҷи манфии Тоҷикистон чун давлати ҷангзада гардид. Тамоми талоши ҳукумат барои бартарафсозии ҷанги шаҳрвандӣ ва пасомадҳои он равона шуда, ҳамзамон барои тағйир додани тасаввури ҷомеаи ҷаҳонӣ дар бораи Тоҷикистон кӯшишҳо мушоҳида мешуд, аммо барои ин воқеият лозим буд, сулҳи воқеӣ, давлати ҳуқуқбунёд, сарҷамъии миллат ва пешравии иқтисодӣ асоси онро ташкил медод, яъне имиҷ дар асоси воқеияти мавҷуда сохта мешавад. Давлате, ки дар вартаи ҷанги дохилӣ қарор дорад, дар бораи барномаи имиҷсозӣ фикр карданаш душвор аст, вале ба Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гардид, ки дар раванди ҳалли муҳимтарин ва мушкилтарин масъала – роҳи расидан ба сулҳ заминаҳои бунёдиро барои таҳияи нақшаҳои имиҷсозӣ асос гузорад. Ташкили Департаменти иттилоотӣ дар сохтори Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон (12.02.1993), ки бевосита ба паҳн намудани иттилооти воқеӣ ва мусбат дар бораи ин кишвар ба давлатҳои хориҷ машғул буд, намунаи онҳост.

Баъди расидан ба сулҳи комил Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як зумра корҳоеро ба анҷом расонид, ки дар бунёди симои ҷадиди кишвар ва миллат мусоидат намуданд. Омилҳои асосии имиҷи Тоҷикистон Пешвои миллат (чун рамзи сулҳу ваҳдату якдилӣ), Қаҳрамонони Тоҷикистон (арҷгузории сарсупурдагони давлати миллӣ), давлатдории миллӣ (сохтани пайкараҳои шоҳони гузашта, махсусан, Исмоили Сомонӣ нишони решаи таърихӣ доштани давлатдории тоҷикон; Куруши Кабир ва ғ.), таблиғи тоҷикият (ному насаби тоҷикӣ, либоси миллӣ), ислоҳи анъана ва муосир намудани он (танзими анъана ва расму оин), миллати фарҳангӣ (ҷашни солгарди бузургони илму адаб, тақдими китобҳои «Тоҷикон», «Шоҳнома», ворид намудани мероси фарҳангии миллат ба феҳристи Юнеско, ташкили озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ аз қабили «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон ва

тани азизи ман», «Шоҳномахонӣ») ва халқи мардикор (имиҷи манфӣ) ба ҳисоб меравад.

Ба ташаккули имиҷи «миллати фарҳангӣ», ки решаи таърихӣ дорад ва муҳимтарин арзиши миллати мо дониста мешавад, аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳ шуда бошад ҳам, дар солҳои охир ба ин ҷиҳат эътибори ҷиддӣ зоҳир мегардад. Аломати асосии миллати фарҳангӣ шаҳрвандони китобхону китобдӯст, бомаърифат, саводнок ва мутахассисони варзида мебошанд. Аз ин лиҳоз Ҳукумати кишвар ва бевосита Роҳбари давлат ба масъалаи тарбия ва дастгирии ҳамаҷонибаи шаҳрвандон кӯшишҳои зиёд менамоянд. Ҷорӣ кардани Квотаҳои президентӣ аввалан барои духтарони деҳот ва баъдан барои хонандагони болаёқати шаҳру навоҳии дурдаст, даҳҳо намуд квотаву грантҳои давлатӣ, лоиҳаву барнома ва озмунҳои гуногун, дастгирии соҳибкорон, варзишгарон ва олимони ҷавон ба хотири дарёфту кашфи истеъдодҳо мебошанд, ки Ҳукумати Тоҷикистон ва бевосита Президенти кишвар онҳоро меҷӯяду дастгирӣ менамояд. Ташкил ва гузаронидани озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон – ватани азизи ман», «Илм – фурӯғи маърифат» ва инъикоси шаҳомати баргузории онҳо тавассути шабакаҳои телевизиони Тоҷикистон насли навро чун насли закӣ ва китобхон мешиносонад. Чунончӣ, дар низомномаи яке аз озмунҳои пуршукӯҳ – озмнуи «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» омадааст: «Озмун бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти нерӯйи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни аҳолиҳои кишвар, аз ҷумла, хонандагони мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти итидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо, ходимони илм), калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун, омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот,

кормандони фарҳангу санъат ва дигар табақаҳои аҳолии кишвар доир мегардад».

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳадафҳои банақшагирифта зина ба зина татбиқ мешаванд. Иштироки қишрҳои гуногуни ҷомеа новобаста аз синну сол ва мавқеи иҷтимоӣ аз китобхониву китобдӯстии тоҷикон дарак медиҳад. Ҳангоми инъикоси раванди озмун тавассути телевизион ҳамин нукта ба назар гирифта шуда, аз намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа андешаҳо пешниҳод мегарданд. Махсусан, суханони зани хонашин ё мӯсафеди нафақахӯр атрофи китобу китобхонӣ, муҳаббаташон нисбат ба эҷодиёт ва бардошташон аз даври ҷумҳуриявии озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», эътимоди бинандаро ба аҳли адабу фарҳанг будани миллати тоҷик зиёд мекунад. Аммо воқеияти озмун бештар аз таваҷҷуҳи насли наврас нисбат ба китобхонӣ дарак медиҳад. Инъикоси номинатсияи адабиёти бачагона ва адабиёти шифоҳӣ таваҷҷуҳи бинандагонро зиёдтар ҷалб менамод. Иштирокчиёни ин номинатсия, аслан кӯдакони аз 7-8-сола то 10-12-сола мебошанд, ки ниҳоят зирак ва ҳозирҷавобанд, озодона андешаҳои худро баён мекунанд. Ин аз он дарак медиҳад, ки насли даврони истиқлол, хосса он насле, ки аз созандагиҳои даврони соҳибистиқлолӣ бархӯрдор гардидаанд, пойдевори мустаҳкам доранд. Ба раванди ташаккули ин насл нигариста, метавон хулоса кард, ки Тоҷикистон дар роҳи тарбияи сармояи инсонӣ талошҳои босамар намуда истодааст. Инъикоси шукӯҳу шаҳомати озмун ва суханронии озодонаи иштирокчиён тавассути телевизион дар ташаккули симои миллати китобхону китобдӯст ва имиҷи давлат бетаъсир намемонад.

Ғолибони ҳама даврҳои озмун бо маблағи калони пулӣ аз ҳисоби фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ гардида, сол то сол ин маблағ зиёд карда мешавад. Баъди ҷамъбасти озмун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои милат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ ва дигар вохӯриҳо бо қишрҳои гуногуни ҷомеа аз раванди озмун хулосабарорӣ

намуда, нуктаҳои хоссаро зикр мекунад. Аз минбари баланд дар ин мавзуъ сухан гуфтани Пешвои миллат исботи он аст, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба китобу китобхонӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, насли китобхону донишмандро асоси пояи давлати соҳибтамаддун медонад. Дар замони пурталотуми иттилоотӣ, рушди бемайлони технология ва интернет, ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо ҳавасмандгардонии ҷомеа ба илму фарҳанг ва китобу китобхонӣ кори саҳлу осон набошад ҳам, Ҳукумати Тоҷикистон ва бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист ин озмуни китобхониро шаҳомат бахшида, имиҷи миллати тоҷик – миллати бофарҳангро, ки решаи таърихӣ дорад, дубора ташаккул диҳад.

Ҳамаи амалҳои дар боло зикршуда гувоҳи онанд, ки бовуҷуди набудани барномаи мушахаси имиҷсозии давлат унсурҳои имиҷсозӣ дар амал мушоҳида мешаванд. Аммо таҳияи барнома ё консепсияи мушаххаси имиҷсозии давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарбияи мутахассисони соҳаи имиҷсозӣ мусоидат карда, имкон медиҳад, ки пайваста набзи кишварро омӯхта, вобаста ба замон ва вазъият баҳри тағйирпазирӣ, рушд ва ё иваз намудани имиҷи Тоҷикистон мусоидат кунанд, зеро имиҷ қолаби мушаххаси доимӣ набуда, тағйирпазир мебошад.

Аз ҷониби дигар, ташкили сохтор ва барномаи мушаххас вобаста ба масъалаҳои имиҷсозӣ боиси он мегардад, ки ин самт на дар контексти рушди соҳае, балки чун самти мустақилу устувор бо стратегияи муайян роҳандозӣ гардад. Масалан, агар Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аслан, барои рушди соҳаи варзиш, тарбияи варзишгарон ва барои ғолибияти онҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ мусоидат намояд ва барои инъикоси муваффақиятҳо бо ВАО ҳамкорӣ карда, то ҳадде Тоҷикистонро муаррифгар бошад, аммо дар сурати мавҷуд будани сохтори муайяни имиҷсозӣ метавонад нақшаи муайяни ҳадафнок барои муаррифии дурусти соҳа ва аз варзишгарони ғолиб сохтани чеҳраҳои ҷаҳонӣ мусоидат намояд.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушд ва ободии минтақаҳо масъул бошад, аммо имиҷсоз қодир аст, ки бренди минтақаро бунёд гузорад. Масалан, барои боз ҳам шинохта шудан ва бунёди бренди «Бадахшон – боми ҷаҳон» стратегияи мушаххасе таҳия намуда, ба кумитаи мазкур ва Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояду дар ҳамкорӣ натиҷаи судбахше ба даст ояд. Албатта, ин кор дар натиҷаи ҳамкорӣ ва ҳамдастии воситаҳои ахбори омма метавонад амалӣ гардад.

Ба ин маънӣ, ташаккули имиҷи давлат фаъолияти сарҷамъона ва иттиҳоди тамоми сохторҳои давлатиро тақозо менамояд, ки барои амалӣ намудани ҳадафи ягонаи стратегияи мушаххас кӯшиш менамоянд. Асосҳои сиёсии зарурати имиҷсозиро шароити таърихии зиндагии нави тоҷик ва давлати навсохти он муайян кард, зеро сохти нав, давлати нав ва ҳадафҳои ҳукумати навро ба халқи худ, ба давлатҳои ҳамсоя шиносонидан ва маъқул кунонидан зарур буд. Барои ин намунаи образҳои мушаххас зарур шуданд, ки онҳо ба категорияҳои гуногуни аҳолии кишвар, ба ҳамсояҳову ба дӯстони дуртар фаҳмо бошанд. Давлат барои халқаш чӣ мехоҳад ин созандаи имиҷ барои аудиторияи дохилӣ аст, давлат дар минтақа, дар дунё чӣ ҳадафҳоро амалӣ кардан мехоҳад, ин омили муайянкунандаи имиҷи байналхалқӣ мешавад.

Барои шаклгирии имиҷи давлат консепсияи муайяни ягона вуҷуд надошта, муносибати инфиродиро талаб мекунад, зеро ҳар давлат барои нуфузи худ вобаста ба имконот ва қудрат роҳҳои мухталифро интихоб менамояд. Бо назардошти ин, олимон равишҳои гуногуни имиҷсозиро муайян намудаанд, ки маъмултарини онҳо геополитикӣ, брендӣ, маркетингӣ, сиёсӣ ва ғайра мебошанд. Ҳар яке аз ин равишҳо ҷанбаҳои муайяни ташаккул ва рушди имиҷи давлатро инъикос намуда, барои дарки ҳамаҷонибаи ин падида замина фароҳам меоваранд.

## 2.2. Асосҳои ҳуқуқии имиҷ ва имиҷсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Баъди пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ ҷумҳуриҳои собиқ ба осонӣ истиқлолият ба даст оварданд. Дар чунин шароит барои давлатҳои навташкил сохтани имиҷи давлат бояд нисбатан осон ба назар мерасид, зеро бо ҳудуди муайяни ҷуғрофӣ, аҳолии мушаххас, бо сулҳу оромӣ, иқтисодиёти мукамал, сиёсати дохиливу берунаи мустақил таърихи навинро аз саҳифаи нав оғоз мекарданд, аммо дар амал ин раванд барои ҳамаи ҷумҳуриҳо яксон осон набуд. Вазъияти солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон – ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ симои давлату миллати тоҷикро, ки таъриху тамаддун ва фарҳанги чандҳазорсола дорад, барои чандсолаҳои минбаъда манфӣ муаррифӣ намуд. Муноқишаҳои дохилӣ – ҷанги бародаркуш дар таърихи миллати бофарҳанги тоҷик саҳифаи нангине гардид. Ҷомеаи ҷаҳонӣ таърих, фарҳанг, адабиёту забони қадимаи ниёгони тоҷиконро фаромӯш карда, ҳама дар бораи бародаркушии ин миллат менавиштанд. Давлатҳои шарики стратегӣ аз ҳамкорӣ канор мегирифтанд. Муҳаққиқону коршиносони соҳа қайд мекунанд: ...пас аз барҳам хурдани Иттиҳоди Шуравӣ шуруъ аз охири декабри соли 1991 теъдоде аз кишварҳои хориҷӣ Истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро эътироф намуда, қисме аз онҳо дар пойтахти он намояндагиҳои дипломатии худро ифтитоҳ намуданд. Дар баробари дигар ҷумҳуриҳои ИДМ Тоҷикистон аз 26 феврали соли 1992 ҳамчун иштирокчии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва аз 2 марти ҳамин сол ба узвияти Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуд, аммо ҳукуматдорони вақт натавонистанд низоми муносибатҳои байналмилалиро дуруст ба роҳ монда, ҷомеаи ҷаҳониро ба танзими вазъи ноороми ҷумҳурӣ ҷалб созанд. Баръакс, бо вусъати ташаннуҷи вазъи ҷумҳурӣ шуруъ аз тобистони соли 1992 муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ тадриҷан коҳиш ёфта, як қатор намояндагиҳои дипломатии хориҷӣ ҳайатҳои худро ихтисор ва ё фаъолияташонро дар ҷумҳурӣ муваққатан қатъ намуданд [188, 20].

Дар ВАО-и дохиливу берунӣ миллати тоҷик симои манфӣ гирифт. Ҳамаи ин талафоти моддӣ ва ҳам маънавӣ ба бор овард.

Ҷумҳурии Тоҷикистон 9-уми сентябри соли 1991 ба истиқлолияти сиёсии комил расида бошад ҳам, сиёсатшиносон амалӣ гардидани онро ба Иҷлосияи XVI Шурои Олии Тоҷикистон мансуб медонанд [77, с. 22]. Қатъи ҷанги шаҳрвандӣ, барқароркунии ҳокимияти қонунӣ, бартарафсозии паёмадҳои ҷанги дохилӣ ва дурнамои сиёсати дохиливу берунаи ҷумҳурӣ, шаклгирии имиҷи Тоҷикистон аз ҳамин Иҷлосия сарчашма мегирад. Дар рафти кори Иҷлосия чанд нуктаҳои муҳимму тақдирсоз дар мавриди бунёди давлати навини тоҷикон садо дода, ҳамчунин, ба заминаҳои аввалини ҳуқуқии имиҷсозии кишвар бунёд гузошта шуд. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мушаххас намудани рамзҳои давлатӣ, ки муаррифгари асосии кишвар ба ҳисоб меравaнд, заминаи муҳим шуморида мешавад. Имрӯзҳо маҳз парафшонии Парчами давлатии Тоҷикистон дар созмонҳои бонуфуз аз эътибори кишвар дарак медиҳад.

Заминаҳои боз ҳам устувортари ҳуқуқии имиҷсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз «Мурочиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон», ки аз ҷониби Раиси нави Шурои Олии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов 19-уми ноябри соли 1992 ироа гардида буд, дарёфтан мумкин аст. Инҷо зикри масъалаҳои муҳимми мурочиатномаро зарур медонем, ки иборатанд аз:

«1. Ворид шудани Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ;

2. Барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо ҳамаи мамлакатҳое, ки мехоҳанд бо Тоҷикистон дар асоси баробарҳуқуқӣ ва муносибатҳои фоидаовари тарафайн ҳамкорӣ кунанд;

3. Аъзо шудан ба созмонҳои байналмилалӣ;

4. Мустаҳкам кардан ва боз ҳам инкишоф додани алоқаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба бо Давлатҳои муштаракулманофеъ, пеш аз ҳама, бо Федератсияи Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон;

5. Дар асоси усули баробарӣ, ҳамкории дутарафаи судманд, ки кишварҳои хориҷӣ интихоб намудаанд, дахолат накарда, ба корҳои дохилии якдигар, барқарор намудани муносибат бо ҳамаи давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла, бо Афғонистон, Покистон, Чин, Эрон, давлатҳои дигари Осиёву Африқо ва Аврупою Амрико;

6. Ёфтани ҷойгоҳи муносиби худ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ» [125, с. 8].

Аз ин нуктаҳо бармеояд, ки новобаста ба вазъи душвори кишвар роҳбари нави ҷумҳурӣ барои муаррифии кишвар дар сатҳи байналмилалӣ нақшаҳои дурнамо мекашид ва барои он заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам меовард. Ворид намудани тағйирот дар сохтори Вазорати корҳои хориҷӣ ва дар ин замина бунёди Раёсати иттилоот дар сохтори вазорат низ дар асоси Мурожиатнома сурат гирифта, минбаъд барои таъмин намудани ВАО-и дохиливу берунӣ бо иттилоотии саривақтиву сареҳ хизматҳои шоён анҷом додааст. Чунончи, нахустин роҳбари ин Раёсат З. Сайидзода қайд намудааст: «Яке аз шаклҳои самарабахши кори Раёсати иттилоот дар самти таъмини дастрасии рӯзноманигорон ва ҷомеа ба манбаъҳои расмии иттилоот ин густариши робитаҳои ҳамарӯза бо ВАО-и дохилию хориҷӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои хабарнигорони онҳо дар иҷрои вазифаҳои касбӣ, пеш аз ҳама, ба таври фаврӣ ба даст овардани иттилооти боэътимод ва тасдиқшудаи давлатӣ аз «дасти аввал» буд...» [140, с. 55]. Минбаъд шумораи журналистони хориҷии аккредитатсияшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд шуда, ҳамчунин, вохӯрӣ, мизҳои мудаввар, сафари журналистон ба минтақаҳо ва чорабиниҳои гуногун гузаронида мешуд, ки он боиси пайдо гардидани номи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВАО-и хориҷӣ, махсусан, агентиҳои иттилоотии «Интерфакс», «ЮПИ», радиоҳои «Би-Би-Си», «Голос Америки», «Радио России», рӯзномаи «Правда» мегардид.

Ҳайати нави Ҳукумати Тоҷикистон хурдтарин имконотро барои муаррифии давлат дар сатҳи байналмилалӣ аз даст намедоданд. Нуктаи муҳимми дигари Мурожиатнома вобаста ба такмили Конститутсия буда, бо

назардошти арзишҳои байналмилалӣ қабул намудани Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол зарур дониста мешуд ва 6-уми ноябри соли 1994 тариқи райъпурсии умумихалқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Аҳаммияти таърихии Конститутсия дар он аст, ки – мегӯянд коршиносони соҳа, – ин ҳуҷҷати сатҳи олӣ давлати моро бо тамоми хусусиятҳои ҷаҳониаш таъсис дода, мустақилияти давлатро бо ҳама унсурҳояш, аз қабили ҳудуд, соҳибихтиёрӣ дар ҳалли масъалаҳои дохили давлатӣ, мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ, шаҳрвандӣ, қонунгузории мустақил, асъори миллӣ, қувваҳои мусаллаҳ ва ғайра мустаҳкам намуда, муносибати мутақобилаи давлат ва мақомоти давлатиро бо ҷомеа ва ниҳодҳои он ба вуҷуд овард [77, с. 22].

Муҳим аз ҳама, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро арзиши олӣ дониста, санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба онро, ки аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида, қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишвар эътироф намуд. Роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хуб дарк менамуд, ки «узви чунин созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо ва ғайра буданаш, проблемаи татбиқи ҳуқуқи инсон дар он хусусияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Дар баробари ин зарур буд, ки ҷанбаи дигари татбиқи ҳуқуқи инсон, ки бо ташаккули онҳо дар доираи ИДМ алоқаманд аст, ба назар гирифта шавад...» [139, с. 7].

Дар таҳияи қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Тоҷикистон ба нуктаҳои муҳимми санадҳои байналмилалӣ эътибори хосса зоҳир менамояд. Аз ҷумла, нуктаҳое, ки дар «Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар» ва «Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ» вобаста ба озодии сухан ва баёни андеша қайд мегарданд, дар Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои амалкунанда фаровон ба назар мерасад.

Дар моддаи 19-уми Эъломияи болозикр омадааст: «Ҳар инсон ҳаққи озодии ақида ва баён дорад; ин ҳақ озодии риояи бемамониаи ақида, ҷустуҷӯ, дарёфт ва интишори иттилоот ва афкорро ба ҳар васила, бидуни мулоҳизоти марзи давлатӣ, фаро мегирад» [2, с. 7].

Ҳамин мазмун дар санади дигари сатҳи байналмилалӣ «Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ» чунин зикр мегардад: «Ҳар як инсон ба изҳори озодонаи ақидаи худ ҳақ дорад; ин ҳақ озодии ҷустуҷӯ, ба даст овардан ва паҳн намудани ҳама гуна маълумот ва ғояро, сарфи назар аз марзҳои давлатӣ, шифоҳӣ, хаттӣ ё тавассути матбуот ё шаклҳои бадеии изҳор ё дигар усулҳо бо интихоби худ дар бар мегирад» [1, с. 7].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ ба нуктаҳои боло арҷ гузошта, онҳоро ба таври васеъ дар Конститутсияи кишвар ҷой додааст. Аз ҷумла, дар боби 2, моддаи 17 қайд шудааст, ки «Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад» [3]. Дар моддаи 30-и ҳамин боб кафолати озодиҳои инсон ва шаҳрванд пурратар тавзеҳ ёфтаанд: «Ба ҳар кас озоди сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад.

Таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст.

Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст...» [3].

Конститутсия шиносномаи миллат ба ҳисоб рафта, аз ҳар ҷониб давлатро муаррифӣ мекунад. Маҳз тавассути ин ҳуҷҷати олии кишвар мавқеи инсон ва эҳтирому ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои ӯро дар меҳвари сиёсати ҳукумат муайян намудан мумкин аст. Ин аст, ки «Санади олии ҳуқуқии Тоҷикистон дар қатори беҳтарин конститутсияҳои кишварҳои олам ном бурда мешаванд» [41, с. 15]

Баъди ба танзим даровардани низоми ҳуқуқии кишвар ва ба имзо расидани Созишномаи Истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ акнун ҳама талоши ҳукумат барои бартараф сохтани паёмадҳои ҷанги шаҳрвандӣ равона гардид. Аз ҳад

паст рафтани вазъи иқтисодии кишвар ҳукуматро водор мекард, то тамоми чораҳоро барои некӯаҳволии мардум андешад ва равона созад. Дар ин замина, дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ стратегияҳои рушди кишварро тартиб дода, барои амалии он ҳамаҷониба кӯшишҳои натиҷаовар мушоҳида мегардид. Аз ҷумла, дар Ҳуҷҷати Бонки Аврупоии азнавсозӣ ва рушд, Стратегия барои Тоҷикистон (1.06.2003) чунин зикр шудааст:

«Тайи ду соли баъди қабули стратегияи пештара барои Тоҷикистон дар августи соли 2001 кишвар дар татбиқи принсипҳои бисёрҳизбии демократӣ, гуногунандешӣ ва иқтисоди бозорӣ, ки дар моддаи 1 Созишнома дар бораи таъсиси БААР пешбинӣ шудаанд, ба дастовардҳои муайян ноил гашт. Баъди ҷанги харобкунандаи чандинсолаи шаҳрвандӣ вазъи Тоҷикистон ба эътидол омад ва муътадил гашт».

Нуктаҳои асосии созишномаи сулҳи миёни ҳукумат ва иттиҳоди мухолифини тоҷик, ки соли 1997 баста шуда буд, иҷро гардиданд. Гузаронидани раъйпурсӣ барои тағйирот ва иловаҳо ба Конститутсия, ташкили ҳукумати фарогир, инчунин, интихоботҳои президентӣ ва парламентии солҳои 1999 ва 2000, ки баробари ин ба тариқи лозима ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ набуданд, давраҳои асосии ин ҷараён гаштанд (Ҳуҷҷати бонки аврупоии азнавсозӣ ва рушд стратегия барои Тоҷикистон. Аз ҷониби Шурои директорон 1 июли соли 2003 тасдиқ шудааст).

Дар баробари ин дастовардҳо акнун зарурат пеш меомад, ки ҳуҷҷатҳои стратегии дарозмуҳлат қабул гарданд ва дар онҳо афзалиятҳо ва вазифаҳои рушди минбаъдаи кишвар муайян шавад. Маҳз дар асоси стратегияҳои миллӣ тамоми сохторҳои Ҳукумат бо ҳадафи ягонаи марказӣ муттаҳид гардида, барои пешрафти давлат корҳои амалӣ анҷом медиҳанд, ки он дар ташаккули имиҷи дохилӣ ва байналмилалии давлат заминаи асосӣ шуда метавонад. Аз ин рӯ, аввалин бор дар ҷумҳурӣ Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 (СМР-2015) бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2007 таҳия ва тасдиқ гардид.

Ҳадафи асосии он таъмини рушди бонизоми иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми Тоҷикистон буд. Расидан ба ҳадафҳои стратегӣ дар муҳлати муайяншуда эътимоду боварии шаҳрвандони кишварро ба ҳукумати кунунӣ, ба давлат зиёд менамуд, яъне барои шаклгирии имиҷи дохилӣ корҳои амалӣ анҷом дода мешуд.

Дар зинаи дигари қабули стратегияи миллӣ ҳадафҳои дигаре гузошта шуд, ки барои пешрафт ва нуфузи давлат мусоидат менамуд. Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (аз соли 2015), ки ҳадафи олии он «баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар дар пояи рушди устувори иқтисодӣ» мебошад, барои ба шакл даровардани имиҷи давлат таъсири мусбат гузошта метавонад. Бо мақсади расидан ба ин ҳадаф ҳалли чунин вазифаҳо дар тули 15 соли минбаъда муайян шудааст:

- таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ;
- раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ;
- таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат;
- вусъати шуғли пурмаҳсул [11, с. 6].

Раванди иҷрои ин вазифаҳо ва тарғибу ташвиқи оммавии онҳо метавонад нуфузи кишварро боло барад. Таҷриба нишон медиҳад, ки воқеан, ташкили ҷойҳои кори холӣ, эътибор додан ба сарватҳои зеҳнӣ, рушди соҳаи маорифу тандурустӣ, дастгирии соҳибкорон, кумакҳои яккарата ва чандкаратаву доимӣ ба оилаҳои эҳтиёҷманд ва ба ин васила боло бурдани вазъи зиндагонии мардум дар ташаккули имиҷи мусбати Тоҷикистон мусоидат намуд. Имрӯзҳо натиҷаи амалии ин стратегияи миллӣ ба хубӣ мушоҳида мегардад.

Барои ташаккули имиҷи байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳазораи нав бо қадамҳои устувори имиҷсозӣ ворид шуда, санади муҳимме қабул намуд, ки барои ташаккули имиҷи ҷаҳонии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии асосӣ ба ҳисоб мерафт. Ин ҳуҷҷат Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки омодагӣ ба танзими он соли 1999 оғоз шуда, 24-уми сентябри соли 2002 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид. «Таҳкими имиҷи

мусбати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дунё» яке аз самтҳои муқарраргардидаи Консепсияи мазкур дониста мешавад. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «мусоидат ба эҷоди воситаҳои самараноки таъсири иттилоотӣ ба афкори ҷамъиятӣ дар хориҷа ҷиҳати шинохти мусбати Тоҷикистон»-ро [9] таъкид мекунад, ки ин яке аз воситаҳои муҳимми ташаккули имиҷи берунаи давлат ба ҳисоб рафта, маҳз тавассути роҳ ёфтан дар ВАО-и хориҷӣ давлат метавонад ба ҷаҳониён муаррифӣ шавад. Ин аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ» дар доираи фаъолияти мақомоти хизмати давлатӣ чунин муқаррарот муайян кардааст:

«– ба паҳн кардани иттилоот дар бораи сиёсати хориҷию дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию маънавии кишвар дар хориҷи он мусоидат менамоянд;

– ба мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воситаҳои ахбори омма оид ба вазъи байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоот медиҳанд» [7].

Дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудааст, ки «Дар вусъати фазои иттилоотии ҷаҳонӣ дар баробари тамоюлҳои мусбати созанда, ки огоҳиро аз натиҷаҳои навтарини фаъолияти башарият таъмин мекунанд, ҳамчунин, равандҳои манфии хатарзо барои амнияти иттилоотии кишварҳо, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон нуҳуфтаанд. Бинобар ин, дипломатияи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат ба таъмини амнияти иттилоотии кишварро ҳадафи асосии худ қарор дода, дар доираи пайгирӣ ва татбиқи ин ҳадаф вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

– таъмини дарки воқеӣ ва дақиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби доираҳои васеи ҷомеаи ҷаҳонӣ;

– муаррифӣ ва тарғиби дастовардҳо ва дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, пешрафту комёбиҳои фарҳангӣ ва илмии он;

– ташвиқи фазои мусоиди кишвар барои сармоягузорӣ, ҳамкориҳои самарабахши иқтисодӣ ва рушди сайёҳӣ;

– мусоидат ба эҷоди воситаҳои самараноки таъсири иттилоотӣ ба афкори ҷамъиятӣ дар хориҷа ҷиҳати шинохти мусбати Тоҷикистон;

– мусоидат ба тавсеаи имкониятҳои воситаҳои ахбори оммаи кишвар дар фазои иттилоотии байналмилалӣ;

– ба роҳ мондани ҳамкории фаъоли байналмилалӣ дар соҳаи иттилоот;

– муқовимати саривақтӣ ва самаранок ба киберҷиноятҳо ва таҳдидҳои иттилоотӣ ба истиқлолияти давлатӣ ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаддасоти таърихӣ ва арзишҳои ахлоқиву маънавии халқи тоҷик» [7].

Ташаккули имиҷи байналмилалии давлат ба ҷалби сармоягузорон мусоидат карда, ба рушди иқтисодӣ ва робитаҳои тиҷоратӣ бетаъсир намемонад. Нақши воситаҳои ахбори омма дар Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар нашуда, балки дар банди алоҳида [40] таъкид мегардад:

«Боло бурдани симои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи иттилоотии ҷаҳонӣ бо истифодаи воситаҳои зерин имконпазир мебошад:

– дар шабакаҳои телевизионӣ ва радиоии ҷаҳонӣ ҷойгир кардани наворҳои видеоӣ ва аудиоӣ оид ба имкониятҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– сомонаи интернетии иттилоотии бисёрзабонаи ба таври доимӣ навшаванда барои сармоягузорон;

– кори мураттаб бо воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ оид ба боло бурдани симои мусбати сармоягузории кишвар, аз ҷумла, ахбороти мунтазами иттилоотӣ дар воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ, мақолаҳо ва нашрияҳои мавзуӣ, интишори наворҳои видеоии муаррифотӣ» [9].

Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз принсипҳоии асосии он «таъмин намудани шароити баробар дар дастрасӣ ба захираҳои сармоягузорӣ (дастрасии баробари

сармоягузорони ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ ба иттилоот, барномаҳои сармоягузорӣ, озмунҳои лоиҳаҳо ҷиҳати ворид намудан ба барномаҳои сармоягузорӣ ва ширкат дар озмунҳои сармоягузорӣ)» аст, ки барои имиҷи иқтисодии кишвар мусоидат мекунад. Принсипҳои дигар инҳоянд:

– ворид намудан ба барномаҳои сармоягузорӣ ва ширкат дар озмунҳои сармоягузорӣ);

– афзалиятҳои минтақавӣ ва кишвар: суръатбахшии раванди ҷалби сармоягузориҳо ба иқтисоди кишвар вусъатбахшии манбаъҳои воридоти сармоя ба кишварро, ҳам аз ҳисоби давлатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ мутараққӣ ва ҳам аз кишварҳои дорои бозорҳои босуръат рушдёбанда, бо дарназардошти эҳтиёҷот ва тамоюли рушди тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ, талаб менамояд. Дар амалишавии равишҳои имиҷи брендию имиҷи маркетингӣ хуб мусоидат карда метавонад.

Дар раванди имиҷсозӣ иттилоъ унсури муҳимму зарурӣ ба ҳисоб рафта, он ҳамчун омили пешбаранда ва муҳаррики нуфузи давлат донистa мешавад. Чунончи, дар Консепсияи сиёсати давлтии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Иттилоот ба захираи муҳимми стратегии ҷомеа табдил меёбад ва ба ин сабаб сифати ҳаёт, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, низоми маориф аз рӯйи сатҳ ва такомули истифодаи захироти иттилоотӣ муайян карда мешавад. Дар чунин шароит имиҷи давлат ҳамчун унсури муҳимми сиёсати давлатии иттилоотӣ, ки ба рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар таъсир мерасонад, ба технологияҳои иттилоотӣ бештар вобаста аст» [8]. Дар иртибот ба ин Консепсия метавон гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди фаъолияти телевизион ва таъмини босуръати интернетиву фаъолияти сомонаҳои иттилоотӣ корҳои назаррасе анҷом дода шудааст.

Дар мавриди ташаккули имиҷи давлат ва нақши марказӣ доштани ВАО, махсусан телевизион ва интернет, дар санадҳои болозикр нуктаҳои махсус мавҷуданд, ки дар татбиқи сиёсати имиҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон замина фароҳам меоваранд. Аз ҷумла, дар Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 20 апрели соли 2008 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасдиқ шудааст, зикр мегардад: «Таъсирноктарин ва босамартарин воситаи сохтани имиҷ ва таъминоти он матбуот ва воситаҳои ахбори омма мебошад. Матбуоти даврӣ, радио, телевизион, захираҳои фазои интернетӣ дар маҷмуъ муҳимтарин ниҳоди иҷтимоӣ буда, бо сабаби оммавӣ будан, теъдоди зиёди нашр, мудовимот ва афзоиш дорои имкониятҳои васеъ ва қудрати таъсир ба ташаккули афкор ва шуури омма маҳсуб меёбанд. Аз ин рӯ, ин ниҳод бояд фишанги асосии татбиқи сиёсати иттилоотию имиҷии давлат бошад». Дар санади мазкур барои амалии сиёсати давлатии иттилоотии кишвар иҷрои чанд вазифаи мушаххасе барои давлат вогузор мегардад, ки мавқеи воситаҳои иттилоърасонро дар шаклгирии имиҷи давлат муайян менамоянд:

«- бо дастгирии давлат таъсиси рӯзномаи оммавӣ бо забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русӣ, қирғизӣ ва забонҳои дигар бо нархи дастрас, ки он ба таври рамзи муайян ва ҳимоя карда мешавад;

- дар шабакаҳои глобалӣ ва минтақавӣ ташкили ҳузури онлайн, Конференсияҳои аудио ва видеои интернетӣ, омӯзиши афкори омма, нашри мавод;

- таҳия ва такомули воситаҳои эҷод ва муаррифии имиҷ, яъне маҷмуи технологияҳои рекламавӣ, сиёсӣ ва PR оид ба коркарди консепсияи сиёсати иттилоотию имиҷӣ барои хориҷиён бо назардошти хусусият ва навъҳои фарҳангҳои миллӣ» [8].

Иҷрои ин вазифаҳо аз ҷониби ҳукумат, махсусан, тавассути сомона ва телевизионҳои дохилӣ, бо забонҳои хориҷӣ таҳия ва пахш намудани мавод барои муаррифии симои давлат дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат мекунад. Коршиносони соҳа консепсияи мазкурро яке аз санадҳои зарурӣ ва қадами устувор дар сиёсати имиҷии Тоҷикистон донистаанд: «Пас аз истиқрори сулҳ дар кишвар зарурати ташаккули имиҷи мусбати Тоҷикистон дар назари на танҳо шарикони сиёсӣ, балки тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба миён омад. 30 апрели

соли 2008 бо фармони Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд. Дар консепсия самтҳои афзалиятноки соҳаи иттилооти давлатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ пешбинӣ шудааст. Сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷузъи таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат мебошад, самтҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ ва идоракуниро дар соҳаи иттилоот муқаррар кардааст. Яке аз онҳо таҳия, қабул ва татбиқи чораҳои пешбурди сиёсати иттилоотӣ ва имиҷии давлат мебошад» [105, с. 153].

Дар Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати имиҷии кишвар, махсусан банди алоҳидаро фаро гирифта, ВАО ҳамчун воситаи муҳимми шаклдиҳии имиҷи давлат دониста шудааст. Дар қисмати «Сиёсати иттилоотию имиҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин таъкид мавҷуд мебошад: «Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия, пешбурд ва дастгирии сиёсати иттилоотию имиҷии давлатро пешбинӣ мекунад. Имиҷи давлат аз фаъолияти мураттаб ва муназзам, ки талошу неруи воситаҳои ахбори омма, аҳзоби сиёсӣ, ҷомеаи илмӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва доираҳои тиҷоратиро ҳидоят ва муттаҳид месозад, иборат аст.

Таъсирноктарин ва босамартарин воситаи сохтани имиҷ ва таъминоти он матбуот ва воситаҳои ахбори омма мебошанд. Матбуоти даврӣ, радио, телевизион, захираҳои фазои интернетӣ дар маҷмуъ муҳимтарин ниҳоди иҷтимоӣ буда, бо сабаби оммавӣ будан, теъдоди зиёди нашр, мудовимот ва афзоиш дорои имкониятҳои васеъ ва қудрати таъсир ба ташаккули афкор ва шуури омма маҳсуб меёбанд. Аз ин рӯ, ин ниҳод бояд фишанги асосии татбиқи сиёсати иттилоотию имиҷии давлат бошад» [8]. Дар асл, зинаи муаррифӣ дар раванди имиҷсозӣ маҳз аз ҷониби ВАО ба роҳ монда мешавад, ки имиҷсозон ва муҳаққиқони соҳа онро қадами муҳимму асосӣ медонанд.

Нуктаҳои дигари муҳим вобаста ба имиҷсозии Тоҷикистон дар Паёмҳои ҳамасолаи Президенти кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ садо медиҳанд, ки дар онҳо пайваста ишораҳо дар робита ба

муаррифии образи мусбати кишвар дар арсаи байналмилалӣ мавҷуд буда, ба масъулини соҳаҳои мухталиф барои ташаккули имиҷи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ супоришҳои амиқ дода мешавад. Аз ҷумла, дар Паёми соли 2016 Пешвои миллат таъкид намуд, ки «Дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоштани эътибори ватани маҳбубамон – Тоҷикистон вазифаҳои аввалиндараҷаи мо маҳсуб меёбад. Ҷиҳати ноил шудан ба ин ҳадафи олӣ моро зарур аст, ки барои боз ҳам ободу зебо гардонидани ватани азизамон содиқона заҳмат кашем». Эътибори хосса зоҳир намудан ба имиҷи байналмилалии давлат сабабҳои амиқ дорад, зеро «имиҷи байналхалқии давлат инъикосгари сифатҳои асосиест, ки арзишҳои муайян доранд» [121, с. 76].

Бо назардошти ин, соли 2022 аввалин маротиба дар Тоҷикистон Комиссияи доимоамалкунанда оид ба баррасӣ ва арзёбии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радабандиҳои байналмилалӣ қабул гардид. Дар банди якуми «Муқаррароти умумӣ»-и Низомномаи он зикр шудааст, ки «Комиссияи доимоамалкунанда оид ба баррасӣ ва арзёбии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радабандиҳои байналмилалӣ (минбаъд – комиссия) бо мақсади беҳтар намудани мавқеи Тоҷикистон дар радабандиҳои байналмилалӣ, ташвиқи ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ва таҳкими симои кишвар дар арсаи байналмилалӣ таъсис дода мешавад». Вазифаҳои асосии ин комиссия низ андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати беҳтар намудани мавқеи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад. Комиссияи мазкур ваколатдор аст, ки барои расидан ба ҳадафҳои дарпешгузошта фаъолияти тамоми сохторҳоро оид ба боло бурдани мавқеи Тоҷикистон дар раддабандиҳои байналмилалӣ назорат карда, ҳамчунин, барои онҳо вазифаҳои мушаххас вогузорад.

Ҷаласаи Комиссия дар як сол на камтар аз ду маротиба гузаронида мешавад. Раиси комиссия – муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муовини раиси комиссия – раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, котиби масъул – муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аъзои комиссия аз роҳбарияти

тамоми сохторҳои ҳукумати кишвар ташкил ёфтааст. Дар асоси низомномаи комиссия ба ҳар кадом сохтор вобаста ба самти фаъолият вазифаҳои мушаххас супорида шудааст. Нахустин ҷаласаи Комиссия 9-уми ноябри соли 2022 таҳти роҳбарии муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлаталӣ Саид гузаронида шуда, «дар ҷаласа роҳбарони аввали вазорату идораҳои давлатӣ, мақомоти судӣ ва қудратӣ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва дигар аъзои Комиссия ширкат варзиданд.

Дар ҷаласа мақсад ва вазифаҳои Комиссия, ҳайати он, гузориш оид ба радабандиҳои байналмилалӣ ва Нақшаи кори Комиссияи доимоамалкунанда оид ба баррасӣ ва арзёбии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радабандиҳои байналмилалӣ барои солҳои 2022-2023 баррасӣ гардида, аз натиҷаи он қарорҳои дахлдор қабул шуданд. Ҳамчунин, дар чорабинӣ роҳбарони намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа тариқи маҷозӣ иштирок намуданд» [413] – хабар додааст сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бояд дар назар дошт, ки татбиқи сиёсати имиҷии Тоҷикистон, муаррифии давлат дар сатҳи байналмилалӣ ва ташаккули имиҷи мусбати Тоҷикистон тавассути воситаҳои ахбори омма, махсусан телевизион ва интернет, амалӣ мегардад. Маҳз ин ду воситаи муҳимми муаррифии замони муосир қодиранд, ки ҳадафҳои дарпешгузоштаро доир ба имиҷи давлат хуб ба роҳ монанд. Аз ин сабаб, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти воситаҳои ахбори омма эътибори хосса зоҳир намуда, фаъолияти озоди онҳоро дар доираи қонун таъмин намуда, барои ташаккули имиҷи мусбати Тоҷикистон тамоми воситаҳои ахбори оммаро водор месозад.

Таъмини озодии сухан ва фаъолияти озоди воситаҳои ахбори омма, аз як ҷониб, нишонаи давлати демократии комил бошаду дар ташаккули имиҷи сиёсии Тоҷикистони ҳуқуқбунёд таъсир гузорад, аз паҳлуи дигар вазифа ва уҳдадориҳое, ки дар бандҳои алоҳида ишора мешаванд, воситаҳои ахбори оммаро водор мекунад, ки дар замони пуртазоди иттилоотӣ манфиати миллату

давлатро ба инобат гирифта, зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд, ки ин дар раванди ташаккули имиҷи мусбати кишвар муҳим аст. Набояд фаромӯш кард, ки озодии комили бидуни хаос (бетартибӣ) танҳо дар доираи қонун вуҷуд дошта метавонад. Ҳар қадар аз ҷониби ҳукумат фазои иттилоотӣ дар доираи қонунгузорӣ танзим карда шавад, ҳамон қадар амнияти иттилоотӣ таъмин мегардад. Ҳарчанд баъзан банизомдарории фазои иттилоотиро бештар ба сензура омехта мекунанд, аммо ин ба доираи фаҳмиши нодуруст иртибот мегирад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, ки озодии суханро дар ҷумҳурӣ кафолат дода, дар баробари ин назорат менамоянд, аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегиранд. Аз ҷумла, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», «Дар бораи алоқаи барқӣ», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳимояи иттилоот», «Дар бораи имзои электронӣ-рақамӣ», Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузорӣ, ки соҳаи иттилоотӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим мекунанд, исботи онанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи иттилоот эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Муҳаққиқи соҳа С. Гулов менависад: «Истиқлолият имкон дод, ки заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти расонаҳо фароҳам оварда шудаву пайваста такмил ёбанд ва ин ҳама дар асоси Конститутсия сурат бигирад. Қабули ин аснод, пеш аз ҳама, ба иродаи қавии сиёсии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иртибот мегирад. Ва ин ки имрӯз дар фазои

иттилоотии мо расонаҳои моликият ва самташон гуногун фаъолият доранд, самари иродаи Пешвои миллатамон мебошад» [40, с. 15]. Дар асл маҳз дар даврони истиқлолӣ фаъолияти воситаҳои ахбори омма заминаҳои ҳуқуқӣ пайдо намудаву шумораашон бештар гардид.

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» ва «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» санадҳои муҳимми заминавие мебошанд, ки фаъолияти ВАО-и кишварро ба танзим медароранд. Дар баробари кафолати озодии сухан нуктаҳои муҳимме, ки дар ин қонунҳо омадаанд, ҷанбаҳои ҳуқуқии имиҷ ва имиҷсозии Ҷумҳурии Тоҷикистонро равшан мекунанд. Аз ҷумла, дар боби 2, моддаи 9-уми Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» вазифаҳои асосии телевизион ва радиошунавонӣ муқаррар шудааст, ки чанд банди он бевосита дар самти имиҷсозӣ равона шудаанд:

«-таҳия ва пахш намудани барномаҳои иқтисодӣ, публитсистӣ, фарҳангию маърифатӣ, таълимӣ, шавқангез, варзишӣ;

-инъикоси рамзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-мусоидат ба таҳкими робитаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Таҳия ва пахши иттилои саршор аз самтҳои гуногуни фаъолияти ҳукумат, дастоварду муваффақиятҳои соҳа воситаи муҳимми муаррифии кишвар аст. Банде, ки «таҳия ва пахш намудани барномаҳои иқтисодӣ, публитсистӣ, фарҳангию маърифатӣ, таълимӣ, шавқангез, варзишӣ»-ро талаб мекунад, телевизион ва радиоро ба муаррифии самтҳо, муаррифии кишвар, ташаккули имиҷ водор месозад.

Таъкиди хоссаи «инъикоси рамзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар қонун бесабаб нест. Унсури муҳимми имиҷсозӣ ин муаррифии рамзҳои хосси миллату давлат аст, зеро рамзҳо қобилияти дар хотира нақшбандӣ доранд. Ҳар қадар рамзи давлат бештар мавриди инъикос бошад, ҳамон қадар давлат шуҳрат меёбад. Дар такя ба ин банд инъикоси рамзҳои муаррификунандаи кишвар дар телевизион ҳадафнок сурат мегирад. Таҳияи лавҳаву роликҳои тарғиботӣ дар

мавзуи муқаддасоти миллӣ, таҳияи барномаҳои хосса вобаста ба Рӯзи парчами давлатӣ ва инъикоси таҷлили ин ҷашн дар барномаҳои иттилоотӣ исботи гуфтаҳоянд. Чунончи, муҳаққиқони соҳаи сиёсатшиносӣ қайд мекунанд: «Маҳз иртиботи рамзист, ки намуди маҷбуркунии ҳокимиятро инъикос мекунад, ки моҳияти сиёсатро ҳамчун соҳаи махсуси ҷамъият ошкор менамояд» [151, с. 6].

Аз банди дигар, «мусоидат ба таҳкими робитаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қудрати телевизион равшан намоён мегардад. Робитаи ҳамкорӣ миёни шабакаҳои телевизионӣ ҳар ду ҷонибро водор мекунад, то дар муаррифии кишварҳо саҳмгузорӣ кунанд. Бо ин васила пуле миёни кишварҳо гузошта шуда, ташаккули имиҷи байналмилалӣ низ роҳандозӣ мегардад.

Ҳамкорӣ ва фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи хориҷиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бандҳои дигари қонунҳои болозикр кафолат медиҳанд. Фаъолияти босамар ва объективонаи онҳо, ҳамкории дуҷониба дар бартараф намудани камбудиҳои мавҷудаи кишвар ва муаррифӣ гардидани дастовардҳои давлат мусоидат менамоянд. Дар банди якуми моддаи 32, боби 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» – «Фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин омадааст:

«1. Воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ ҳуқуқ доранд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намоянд. Ин фаъолият бо роҳи кушодани филиалҳо, намояндагиҳо ва ё аккредитатсияи журналистон сурат мегирад» [6]. Ҳамин мазмунро дар моддаи 25 ва 26-и боби дуюм ва моддаи 34-и боби панҷуми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» низ вохӯрдан мумкин аст.

Имкон додан ба фаъолияти ВАО-и хориҷӣ дар марзи чумҳурӣ равзанае ба ҷаҳон мебошад. Фаъолият дар фазои кишвар онҳоро водор мекунад, ки дар бораи Тоҷикистон чизе гӯянду нависанд. Ҳолатҳое мешавад, ки намояндагиҳои ВАО-и хориҷӣ бо далелҳои носанҷида ва амалисозии ҳадафҳои муғризона ба пахши иттилои иғвоангез даст мезананд ё иттилоеро пахш мекунанд, ки боиси

изтироб ва ташвиши ҷомеа мегардад. Дар ин ҳолат фаъолияти ВАО-и хориҷӣ то ҳадде дар муаррифии симои кишвар рахна ворид кунад ҳам, онро ба манфиат истифода намудан мумкин аст. Дар назарияи имиҷсозӣ гуфтем, ки ҳар қадар дар ВАО дар бораи давлат иттилои манфӣ ё мусбат бештар бошад, ҳамон қадар номаш вирди забонҳо мегардад. Аз суханони манфӣ (танқиди аз ҳад зиёд)-и журналистони хориҷӣ дар ҳоле ба манфиат истифода намудан мумкин аст, ки ВАО-и дохилӣ фавран ҷавобия, раддия ё воқеиятро аз диди ҳукумати худ бо далелҳои раднашаванда пешниҳод намуда тавонад.

Аз ҷониби дигар, фаъолияти ВАО-и хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон худсарона набуда, балки дар доираи муқаррароти қонун сурат мегирад. Аз ҷумла, дар боби 5, моддаи 34-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» омадааст: «Фаъолияти мухбирони хориҷии телевизион ва радиошунавонӣ аз тарафи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа оид ба телевизион ва радиошунавонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Вазъи ҳуқуқӣ ва фаъолияти касбии намояндагони ташкилотҳои телевизион ва радиошунавонии хориҷиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад» [5].

Фаъолияти босамари ҳирфаии кормандони эҷодиву техникии ВАО-и хориҷӣ барои журналистони дохилӣ боиси рақобати эҷодӣ ва мубодилаи таҷриба низ гардида метавонад.

Ҳамаи ин нуктаҳо аз он далолат медиҳанд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар давлатҳои пешрафта ва рӯ ба тараққӣ нақши воситаҳои ахбори оммаро дар ташаккули имиҷи давлат муҳим арзёбӣ мекунанд. Барои амалӣ намудани нақшаҳо дар самти ташаккули имиҷи давлат Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи телевизион ва интернет аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намуда, корҳои зиёди амалӣ анҷом дода истодааст. Аз ҷумла, агар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то даврони Истиқлолият ва баъди он то 12 сол танҳо як телевизиони сартосарӣ фаъолият мекард, баъди солҳои 2000-ум дар баробари

таҳаввулоту пешравӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаётӣ дарк гардид, ки фаъолияти телевизионҳои давлатӣ метавонанд дар пешрафти моддиву маънавии ҷомеа хуб мусоидат намоянд. Аз ин сабаб, баъди солҳои 2000-ум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайи ҳам шабакаҳои телевизионии сартосарӣ таъсис дода шуданд, ки аксарият хусусияти соҳавӣ доранд ва ин бартарӣ ба имконоти фарогирии аудиторияи васеъ мусоидат мекунад. Шабакаҳои телевизионӣ ба инъикос ва тарғиби ин ё он соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ тахассус гардидаанд. Аз ҷумла:

1. Телевизиони Тоҷикистон – инъикосгари масоили сиёсӣ;
2. Муассисаи давлатии Телевизиони «Сафина» – тарғибгари фарҳанги миллӣ ва таъмини фароғати мардум;
3. Муассисаи давлатии Телевизиони кӯдакону наврасон «Баҳористон» – таъмини фароғати насли наврас ва ҳамчунин, тарбиявию ахлоқӣ;
4. Муассисаи давлатии ТВ «Ҷаҳоннамо» – инъикосгари иттилооти дохиливу хориҷӣ;
5. Муассисаи давлатии Телевизиони «Синамо» –тарғибгари ҳунару санъати тоҷик;
6. Телевизиони мусиқии «Шаҳнавоз» – таъмини фароғат ва ҳунару санъати мусиқии тоҷик;
7. Муассисаи давлатии ТВ «Варзиш» ва дар заминаи он «Футбол» – инъикоскунанда ва тарғибгари олами варзишу футбол;
8. Муассисаи давлатии Телевизиони «Илм ва табиат» – тарғибгари илму маориф;
9. Муассисаи давлатии Телевизиони «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» – тарғибгари соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардуми кишвар дар арсаи олам;
10. Муассисаи давлатии Телевизиони «Душанбе» – муаррифгари пойтахти кишвар.

Дар баробари ин, шабакаҳои телевизионии минтақавии ТВ «Бадахшон», ТВ «Суғд», ТВ «Хатлон», ТВ «Кӯлоб» низ рушд карда, тавассути моҳвора ба пахши рақамӣ гузаштанд. Ин шабакаҳои телевизионӣ дар сурати фаъолияти

самаранок дар муаррифӣ ва бренди минтақа мусоидат карда метавонад. Дар баробари ин, таъсиси сомонаҳои расмии телевизионҳо имкон медиҳад, ки дар дилхоҳ вақт ва дилхоҳ ҷой бинанда барномаи хостаашро дарёфт ва тамошо кунаду назар ва шарҳи худро дар он ҷо сабт намояд.

Ҳамчунин, фаъолияти телевизионҳои хусусӣ низ дар таъмини фазои иттилоотии кишвар ва татбиқи сиёсати имиҷии ҳукумати кишвар мусоидат намуда метавонанд. Шумораи телевизионҳои хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар ҳоли имрӯз ба 18 расидааст.

Дар ин раванд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки зарурат ва талаботи замон ба рушди интернет чун сарчашма ва захираи муҳимми иттилоотӣ эътибори хосса зоҳир менамояд. Коршиносон таъкид мекунанд, ки: «Тоҷикистони соҳибистиқлол, аз оғози ворид шудан ба фазои рақамӣ, новобаста ба мушкилиҳои ҷуғрофии худ, инро яке аз ҳадафҳои стратегии рушд интихоб кард. Имконият паҳлуи ҳар як мушкилот аст. Тоҷикистони аз нигоҳи ҷуғрофӣ дар бунбаст, дар чунин мушкилии табиӣ имконияти воқеӣ барои бунёди инфрасохтори роҳҳои коммуникатсионии фаромиллиро дарёфт мекунад» [26, с. 144]. Воқеан, дар як муддат, дар баробари он ки сомонаҳои расмии иттилоотӣ фаъол гардиданд, ҳамчунин, тамоми вазорату корхонаҳои давлатӣ, мақомоти иҷроияи шаҳру ноҳияҳо ва ширкатҳои хусусиву тиҷоратӣ низ ба фаъол гардонидани сомонаҳои расмӣ машғуланд. Дар ин асно, фаъолияти блогнависон ва саҳифаҳои расмии шабакаҳои иҷтимоӣ низ назаррас аст. Чунончи, муҳаққиқон зикр мекунанд: «Вақте сухан дар бораи интернет меравад, ки он воситаи ахбори омма аст, аз блог ва блогнависон низ бояд ёдрас шавем» [170].

Аз омӯзиш ва баррасии масъалаи имиҷи давлат ва асосҳои ҳуқуқии имиҷсозӣ дар Тоҷикистон ба чунин натиҷаҳо расидан мумкин аст:

1. Имиҷи давлат дар натиҷаи ба ҳам омадани маҷмуи омилҳои гуногун шакл мегирад. Бо ин сабаб, он аз нигоҳи илмҳои гуногун, махсусан, сиёсатшиносӣ, иқтисод, равоншиносӣ, журналистика, фалсафа ва амсоли инҳо

ба таҳқиқ кашида мешавад. Назарияи гуногуни бавуҷудовардаи муҳаққиқон хилофи ҳамдигар набуда, балки андешаи як олим ақидаи дигареро пурратар мегардонад.

2. Ташаккули имиҷи давлат, фаъолияти системанок буда, фосилаи муайян ва вақти тулониро фаро мегирад. Он дар асоси имконоти мавҷуда дар ҳамкорӣ бо сохторҳои гуногуни Ҳукумат амалӣ мегардад.

3. Шаклдиҳии имиҷи давлат муносибати инфиродиро талаб намуда, вобаста ба воқеияту имконот ҳар давлат равишҳои муайянро роҳандозӣ карда, барои амалӣ намудани он кӯшишҳо менамоянд.

4. Заминаҳои ҳуқуқии имиҷсозӣ дар кишвар аз Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ, «Мурочиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон» аз ҷониби Раиси Шурои Олии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (19-уми ноябри соли 1992) ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарчашма мегирад.

5. Дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як зумра қонунҳои танзимкунандаи фаъолияти ВАО, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» ва ғ. қабул гардиданд, ки дар ташаккули имиҷи мусбати Тоҷикистон ҳамаҷониба мусоидат менамоянд.

# БОБИ III
# СУЛҲИ ТОҶИКОН ВА ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР КОНТЕКСТИ ИМИҶИ ДАВЛАТ

## 3.1. Фарҳанги сулҳофарии Эмомалӣ Раҳмон ва имиҷи ваҳдатофарии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҷрибаи сулҳи тоҷикон намунаи барҷастаи сулҳу ваҳдатофарӣ барои ҷаҳониён буда, мактаби сулҳпарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиқи омӯзиш гардидааст, зеро сулҳ барои мардуми тоҷик орзуи чандсолае буд, ки эҳтимоли зиёди ба ормони абадии миллат табдил ёфтан дошт, вале ба муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муяссар гардид, ки ба ин орзуи дерина ҷомаи амал пӯшонад.

Ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар таҷрибаи сулҳи тоҷикон яке аз мавзуъҳои мубрами илми сиёсатшиносӣ, таърих, журналистика ва публитсистика гардидааст. Гиреҳҳои сарбаста ва заҳмату талошҳо барои дарёфти роҳи ҳалли проблемаҳои бешумор муҳаққиқонро водор намудааст, ки ба омӯзиши ин мавзуъ аз чанд ҷанба ворид шаванд, зеро гузашти тоҷикон ва фароҳам овардани имконот барои ҳамкорию ҳамзистии миёни давлати дунявӣ ва исломигаро намунаи нодирест, ки ба кам давлатҳо даст додааст.

Навиштаҳои шоҳидони воқеа, ки бевосита дар раванди сулҳофарӣ иштирок намудаанд, аҳаммияти илмиву таърихӣ дошта, воқеаҳои солҳои 90-уми асри гузаштаи кишварро аз чанд паҳлу ифшо мекунанд. Махсусан, дар китобу мақолаҳои илмиву публитсистӣ, маърузаву баромадҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, омилҳои хуруҷи он, қадамҳои аввалин дар роҳи сулҳ, раванди ваҳдатофарӣ, мушкилоту муваффақиятҳои гуногуни солҳои аввали Истиқлол, бартарафсозии пасомадҳои ҷанг ва дигар паҳлуҳо кушоду равшан ва муфассал оварда шудааст [122; 123; 124; 125; 126; 127; 128]. Аз ҷумла, китоби

чаҳорҷилдаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо номи «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат» [124], ки фарогири тамоми суханрониҳо, мурочиат, мақолаву мусоҳибаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзи аввали ба сари ҳокимият омаданаш ҷамъоварӣ гардидаанд, барои таҳлилгарон сарчашмаи муътамад маҳсуб меёбад. Бо дарназардошти саҳми Президенти кишвар дар таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ асарҳои бешуморе дар бораи сиёсати хирадмандонаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯйи чоп омадаанд, ки нақши пешвои сиёсиро дар муттаҳидгардонии миллат, пойдории сулҳу субот, ободониву бунёдкорӣ ва рушди давлат барҷаста нишон медиҳанд [118].

Таҳлилу баррасӣ ва мушоҳидаҳои иштирокчиёни воқеаҳои сиёсии солҳои аввали истиқлолияти кишвар А. Достиев [45], И. Усмонов [162; 163; 164], С. Нурӣ [109] ва дигарон, ки дар шакли китобу мақолаҳои публитсистӣ навишта шудаанд, ҳамчун сарчашмаҳои таърихӣ хидмат мекунанд. Гарчанде ҳар муаллиф воқеаро аз нигоҳи худ шарҳ додааст, аммо дар ҳама навиштаҳо, ҳам ҷонибдорони ҳукумат ва ҳам ҷониби мухолифин сулҳи деринтизори тоҷиконро намунаи олӣ ва таҷрибаи нодир медонанд. «Беҳуда нест, ки таҷрибаи мо дар ҷодаи таъмини сулҳ, ба ватан, ба макони зист баргардонидани қариб як миллион гуреза ва ташкили ҳамгироии иҷтимоии онҳо аз тарафи ташкилоту созмонҳои бонуфуз, аз ҷумла, Созмони Милали Муттаҳид, САҲА воқеъбинона арзёбӣ шуд ва ҳамчун намуна ё модели нодири сулҳофарӣ эътироф гардид» [117]. Роҳбари Иттиҳоди мухолифин низ бар он назар буд: «Оре, дар таърихи чандҳазорсолаи тамаддуни тоҷикон ин ҷанги хеле ҳам хунину ва аз он ҳам бештар нангин амсоле надоштааст. Вале, хушбахтона, дер бошад ҳам, билохира хираду заковат бар кинаву адоват боло гирифт. Ҷонибҳо роҳи ҳалли сиёсии қазияро ҷӯё шуданд. Сулҳи тоҷикон низ бо шеваву усули ба даст омаданаш дар таърихи тамаддуни башарӣ назире надошт» [109, с. 3].

Раванди ҷанги шаҳрвандӣ дар воситаҳои ахбори оммаи дохилу хориҷи кишвар пайваста инъикос гардидааст. Аз ин рӯ, омӯзиши онҳо низ аз чанд паҳлу вазъияти солҳои ҷанг ва раванди сулҳи тоҷиконро бароямон ифшо

мекунад. Месазад, ки маводди ВАО дар солҳои 90-уми асри гузашта ба таври васеъ омӯхта шавад. Муҳаққиқон А. Абдуқодиров, Р. Бобоҷонова [194], А. Сабуров [214], Д. Маҳкамова [207], Т. Ҳасанова [222], А. Муродов [209] инъикоси вазъияти сиёсии Тоҷикистонро дар мисоли матбуоти даврии дохиливу хориҷӣ то ҳадде таҳлилу баррасӣ намудаанд, аммо чанд ҷанбаи муҳимми ин мавзуъ ниёз ба омӯзишу таҳқиқ дорад. Махсусан, нишон додани нақши журналистон дар раванди ҷанг ва роҳи расидан ба сулҳ, созанда будани сухани журналист ва таъсирнокии навиштаи ӯ, муттаҳид гардонидани мардум дар гирди сарвари давлат, ба вуҷуд овардани афкори омма дар мавриди якдилӣ, ватандӯстӣ, ҳамовозӣ ба сиёсати хирадмандонаи ҳукумат дар вазъиятҳои мушкили сиёсӣ ба манфиати кор аст. Махсусан, дар замони пуртазоди имрӯза, ки дунёро иттилоъ идора мекунаду хатари сухани журналист баробари силоҳи ядроӣ дониста мешавад, рӯ овардан ба омӯзиши паҳлуҳои номбурда метавонад давлату ҳукуматро аз ҳуҷумҳои иттилоотӣ то ҳадде ҳифз намояд.

Ба замми ин, объекти таҳқиқи аксарияти муҳаққиқони болозикр матбуоти даврӣ буда, нақши боризи телевизион ва радио дар марҳилаи ҷанги шаҳрвандӣ ба таври бояду шояд таҳқиқ нагардидааст. Олимоне, ки фаъолияти телевизион ва радиои тоҷикро дар солҳои аввали Истиқлол омӯхтаанд, ба ҷуз барномаи «Хоки ватан» ба дигар намоишу барномаҳои телевизиониву радиои солҳои 90-ум, ки инъикосгари раванди сулҳи тоҷикон буданд, кам таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Эҳтимол, сабабаш дар мушкилоти дастрасии маводди хазина ва ё умуман, маҳфуз нашудани барномаҳои солҳои мазкур бошад, аммо бо суҳбатҳои шахсӣ бо муаллифу коргардонҳои барномаҳои солҳои 90-ум хусусиятҳои мазмуну мундариҷаи ин барномаву намоишҳоро муайян намуда, хулоса баровардан мумкин аст.

Омӯзиши маводди воситаҳои ахбори омма дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ нишон медиҳад, ки журналистон дар ин давра нақши худро барҷаста иҷро карданд. Муҳаққиқ М. Муқим ба маврид навиштааст: «ВАО дар мунокишаҳои муосир нақши хеле муҳим мебозад. Дар ҷомеаи муосир бидуни ВАО

роҳандозии низоъ ва ҳалли он ғайриимкон аст. Натиҷаи ниҳоӣ бештар аз он вобаста аст, ки расонаҳо чӣ гуна мавқеъро ишғол мекунанд ва онҳо муноқишаро чӣ гуна инъикос мекунанд. Воқеан ҳам, аз инъикоси расонаҳо ташаккулёби афкори ҷомеа вобаста аст» [85, 275]. Дар асл, давраи ҷанги таҳмилӣ воситаҳои ахбори омма тавонистанд бо инъикоси пайвастаи вазъияти ноором ва талошҳои Ҳукумати кишвар таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба масъалаи сулҳи тоҷикон ҷалб намоянд ва роҳбари Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро чун сарвари сулҳхоҳу раиятпарвар муаррифӣ кунанд.

Нооромиҳо дар Тоҷикистон қабл аз истиқлоли давлатӣ, аз воқеаи баҳманмоҳ – моҳи феврали соли 1990 оғоз гардида, норизоиву саркашии гурӯҳҳои алоҳида дар дохили кишвар яке паси дигар ба амал омадааст. Нобоварӣ ва нафрат нисбати ҳамдигар, нопазироии ҳукумати давр ва набудани неруи муттаҳидкунанда боиси авҷ гирифтани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон гардидааст, ки хомӯш кардани алангаи он то рафт мушкилтар шудааст. Дигар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҷойи таърих, фарҳанг, адабиёту забони қадимаи ниёгони тоҷикон аз ҷангу хунрезӣ, гирдиҳамоӣ, гуруснагӣ, гурезаҳо сухан мекардаанд. Давлатҳое, ки дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ буданду Истиқлоли сиёсӣ ба даст оварданд, акнун бо ҳудуди муайяни ҷуғрофӣ, аҳолии мушаххас, бо сулҳу оромӣ, иқтисоди муътадил, бо тарзи давлатдории худ рӯ ба муаррифии давлати миллӣ меоварданд, аммо саҳифаи навини таърихи тоҷикон бо ҷанги бародаркуш оғоз гардид, ки барои ин миллати фарҳангиву мутамаддин амали нангине буд. Вазъияти солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон – ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ симои давлату миллати тоҷикро, ки таъриху тамаддун ва фарҳанги чандҳазорсола дорад, барои чандсолаҳои минбаъда манфӣ муаррифӣ намуд. Дар он солҳо барои ВАО-и дохилу хориҷӣ ҷанги тоҷикон мавзуи асосӣ гардидааст.

Давлатҳои шарики стратегӣ аз ҳамкорӣ канор мегирифтанд. Табиист, ки «роҳандозии сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ низ дар он шабу рӯз чун ҷузъи раванди умумии ҳаводиси кишварҳои пасошуравӣ сурат мегирифт. Ҳамин тариқ, пас аз

барҳам хурдани Иттиҳоди Шуравӣ шуруъ аз охири декабри соли 1991 теъдоде аз кишварҳои хориҷӣ Истиқлоли давлатии Тоҷикистонро эътироф карда, қисме аз онҳо дар пойтахти он намояндагиҳои дипломатии худро ифтитоҳ намуданд. Дар баробари дигар ҷумҳуриҳои ИДМ Тоҷикистон аз 26 феврали соли 1992 ҳамчун иштирокчии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва аз 2 марти ҳамин сол ба узвияти Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуда буд. Мутаассифона, ҳукуматдорони вақт натавонистанд низоми муносибатҳои байналмилалиро дуруст ба роҳ монда, ҷомеаи ҷаҳониро ба танзими вазъи ноороми ҷумҳурӣ ҷалб созанд. Баръакс, бо вусъати ташаннуҷи вазъи ҷумҳурӣ шуруъ аз тобистони соли 1992 муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ тадриҷан коҳиш ёфта, як қатор намояндагиҳои дипломатии хориҷӣ ҳайатҳои худро ихтисор ва ё фаъолияташонро дар ҷумҳурӣ муваққатан қатъ намуданд» [186]. Кам кишварҳое буданд, ки ба пойдории давлати тоҷикон эътимод мекарданд. Симои миллати тоҷик дар расонаҳои хориҷӣ ба таври манфӣ инъикос мегардид.

Дар ин шабу рӯз барои тоҷикону тоҷикистониён аз ҳама муҳим сулҳу якдилӣ ба ҳисоб мерафт, ки ба даст омадани он зери шубҳа буд. Гарчанде дар солҳои аввали ҷанг ҳам кӯшиши сулҳоварӣ мушоҳида гардидааст, «вале бенатиҷа. Шояд сабабаш дурӯягии муносибат ба сулҳ бошад» [168, с. 61]- мегӯянд шоҳидони воқеа, чунки «ҳеҷ кадоме аз ин даъвогарон масъулияти ҳалли масъалаҳои муҳимми ҷомеаро аз мавқеи манфиатҳои миллат, давлати миллӣ ва мардуми тоҷик ба уҳда намегирифт. Дар чунин вазъият иштирокчиёни Иҷлосия – вакилони халқ бо ҷиддият ва масъулиятшиносӣ даъвоҳои довталабонро шунида, санҷида, таҳлил намуда, ба хулосаи мантиқие расиданд, ки номзадии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба ҳайси роҳбари сиёсии мамлакат, Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистони тозаистиқлол ҷонибдорӣ намоянд ва чунонки ҳодисаҳои баъди Иҷлосияи XVI собит намуданд, ин иқдоми иштирокчиёни сессия ягона роҳи ҳалли дуруст, воқеӣ ва барои мамлакат тақдирсоз буд» [103, с. 71-72].

Раиси тозаинтихоби Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз самими дил сулҳи тоҷиконро мехост ва бо тамоми ҳастӣ ба он бовар дошту бо азми қавӣ аз пайи расидан ба сулҳи воқеӣ гардид. Садоқату масъулият дар кор, самимият дар гуфтор ва эътиқоду боварӣ ба сулҳи тоҷикон дар аввалин қасами ёдкардааш садо дод, ки аз самими қалб баромада, ба дили мардум ҷой гирифт: «Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфоии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман баояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам» [164, с. 4-7].

Нияту нақшаҳои худро муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз оғоз дар амал нишон дод: 26-уми ноябри соли 1992 бо аввалин қарори авф гуноҳи иштирокчиёни муқовимати сиёсӣ ва ҷангро бахшид. Раиси ҷавон хуб дарк мекард, зӯриву зӯроварӣ вазъиятро мушкилтару ҳадафҳоро дуртар мегузорад. Аз ин рӯ, дар тамоми баромаду суханрониҳои ӯ, ки тариқи ВАО инъикосу интишор гардидаанд, пайваста аз сулҳу ваҳдат сухан намуда, мардум ба якдиливу тифоқӣ даъват карда шудаанд, дар тамоми вазъият мавқеи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳ будаасту ҳаст.

Барои мардумро сарҷамъ кардану онҳоро ба рӯзҳои нек бовар кунонидан ба боварии мардум даромадан лозим буд. Аммо дар даврони бесару сомонӣ, ки ҳар нафар сӯиистифода аз мавқеъ манфиатҳои худро амалӣ мекард, барои роҳбари ҷавон ба даст овардани эътимоди ҷомеа кори саҳлу осон набудааст. Чун муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз миёни халқ руставу вазъияти равонии онҳоро хуб дарк мекард, ба неруи мардуми тоҷик эътимоди ҷиддӣ дошт. Дар ҳама ҳолат, нахуст ба неруи мардум такя мекард. Аз ин сабаб, баргардонидани гурезагон бар Ватан яке аз ҳадафҳои асосии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қадамҳои аввал барои расидан ба сулҳ будааст. Барои амалӣ намудани ин ҳадаф аз воситаҳои ахбори омма васеъ истифода мешуд. ВАО барои баргардонидани

гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ таблиғоти пайваста бурда, натиҷаҳои судманд ба бор меовард. Махсусан, муроҷиати бевоситаи роҳбари давлат тавассути телевизион ва радио (1.06.1993) беҷавоб намонд. Чунин суханони умедбахшу самимӣ боиси баргаштани ҳазорон гурезагон гардид: «Ба Ватан баргардед. Аммо мо ба шумо кӯҳи тилло ваъда намекунем. Ҳамин қадар мегӯем, ки як бурида ноне, ки дорем, якҷоя мехӯрем, як қатра обе, ки дорем, якҷоя менӯшем. Паҳлуи ҳамдигар истода, Ватани вайроншудаамонро обод мекунем, иқтисоди харобгаштаамонро барқарор менамоем» [125, с. 81].

Сарвари тоҷикон на танҳо тариқи телевизион ва радио ба мардум муроҷиат ва даъват мекард, балки дар давраҳои душвортарин назди мардум рафта, бо ҳар гурӯҳ вобаста ба масъалаҳои асосӣ суҳбату муроҷиат менамуд. Хусусияти аудиторияи худро хуб дарк намуда, мувофиқи вазъи онҳо масъалагузорӣ мекард. Моҳи июли соли 1993 ҳангоми нооромиҳо ба минтақаи Бадахшон рафта, мардумро даъват кард: «… вақти он расидааст, ки дӯстро аз душман фарқ кунем. Фарзандони худро насиҳат кунед. Ба онҳо фаҳмонед, ки давом додани ҷанг ба тамоми мардум бадбахтиҳои гӯшношунид меорад. Ба силоҳбадастон муроҷиат менамоям: аз ҷанги бемаънӣ даст кашед, силоҳро партоед» [124, с. 120]. Дар замоне ки минтақаҳои ҷумҳурӣ қариб иртиботро миёни ҳам гум карда буданд, ВАО ягона василаи бохабар шудани мардум аз вазъу аҳволи минтақаҳои гуногун ба ҳисоб мерафт. Бартарии асосии сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳам дар он буд, ки ҳангоми сафарҳои корӣ ҳамеша ҳамроҳ чанд мухбирро мегирифт, то ки онҳо мардумро аз воқеияти ҳол огоҳ намоянд. Дар ин миён кору пайкори худи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз назар дур намемонд. Ҷомеа шоҳиди ҷонфидоиҳои роҳбари давлат мешуд, ки дар маркази майдони ҷанг талош барои сулҳ мекунад, эътимоду боивариаш ба роҳбари роҳнамо зиёд мегардид. Имиҷи сулҳпарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зина ба зина шакл мегирифт.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳар чи зудтар расидан ба сулҳу субот ва таъмин намудани оромӣ дар кишвар чораҳои ҳамаҷониба

меҷуст. Роҳи кӯтоҳтарини расидан ба ободиро дар ҷалби созмонҳои байналмилалӣ медид. Дар натиҷа соли 1993 дувоздаҳ созмони байналмилалӣ, аз қабили Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки ҷаҳонӣ ва Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд, соли 1994 ҳашт созмони байналмилалӣ, 1995 ду созмон ва соли 1996 ду созмони дигар намояндагиҳои худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода, ба фаъолият шуруъ намуданд. Дуруст аст, ки «Фаъолсозии сиёсати хориҷии Тоҷикистон чун тамоми дастовардҳои давлату миллат пас аз Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун асосгузор ва роҳбари сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ба роҳ мондани муносибатҳои стратегӣ бо Федератсияи Россия ва муносибатҳои афзалиятнок бо кишварҳои ИДМ ба рушду густариши робитаҳо бо дигар кишварҳои ҷаҳон таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, эълон кард, ки дарҳои Тоҷикистон ба рӯйи ҳамаи кишварҳое, ки мехоҳанд, равобити судманду дӯстона дошта бошанд, боз аст» [139, с. 22].

Махсусан, аввалин суханронии Ҷаноби Олӣ дар Ассамблеяи 48-уми СММ, аз 29-уми сентябри соли 1993 аҳаммияти таърихӣ дошта, ин сана чун рӯзи кормандони хизмати дипломатӣ дар Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад, чунки маҳз дар ҳамин рӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ Тоҷикистони тозаистиқлолро чун давлати мустақили бо азму иродаи қавӣ рушдкунанда шинохт. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист таваҷҷуҳи ҷаҳониёнро бо суханони таъсиргузори худ ба масъалаи сулҳи тоҷикон ҷалб намояд: «Мо умедворем, ки номи Тоҷикистон аз рӯйхати минтақаҳои ҷанҷол ба наздикӣ хориҷ мешавад. Дар ин кор ба мадади ҷиддии Созмони Милали Муттаҳид дар барқарор кардани иқтисодиёти миллии аз ҷанг ва офатҳои табиӣ харобшуда умед мебандем, мамлакате, ки аз захираҳои табиӣ ғанист ва дорои пешомадҳои бузурги иқтисодӣ аст, барои эҳёи худ ба кумаку ёрӣ эҳтиёҷ дорад. Иҷозат фармоед, изҳори умед кунам, ки ба мамлакати мо, албатта, мувофиқи шартҳои маъмули амалияи ҷаҳонӣ ёриву кумак расонида мешавад» [127, с. 146]. Таҳлилҳои амиқ ва суханони

дурандешонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои баланд тариқи телевизиони кишвар инъикос гардида, ҷомеаро ба ояндаи дурахшон бовар мекунонд. Интизориҳо самар доданд. Созмони Милали Муттаҳид нисбат ба даргириҳои Тоҷикистон бетаваҷҷуҳ намонда, то ба сулҳи комил омада расидани кишвар талош намуд. Бо кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони СММ ва ҳайати нозирони он дар маҷмуъ 10 даври гуфтушунид, 3 машварат ва шаш мулоқот дар сатҳи олӣ миёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Роҳбари Иттилоҳоди неруҳои оппозитсияи тоҷик Абдуллои Нурӣ ба анҷом расидаанд. Гуфтугӯҳо дар Москва, Кобул, Теҳрон, Ашқобод, Алмаато ва шаҳрҳои дигар сурат гирифта, дар баробари ВАО-и дохилӣ воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ аз қабили бахши тоҷикӣ, форсӣ, дарии радиои «Озодӣ», радиои «Би-би-си», барномаҳои «Время», «Новости», бахши форсии радиои «Голос России», бахши форсии радиои Фаронса (RFI), ИТАР-ТАСС ҳам, пайваста аз раванди он иттилоъ пахш карданду дар баробари ин вазъияти ҳар як минтақаи Тоҷикистон аз назари онҳо дур намондааст. Ҳамаи ин ба раванди фаъолияти ҷонибҳо таъсир гузоштааст, ки ҳам ҷониби ҳукумат ва ҳам ҷониби мухолифин дар суханрониҳои худ ба журналистон мурочиати хосса намудаанд. Чунончи: «Рӯзноманигорони азиз, ҳамкорони холиси шумо таваҷҷуҳи фаъоли доираи васеи сиёсатмадорон ва ҷомеаро ба ҳалли сиёсии мушкилоти низоъ дар Тоҷикистон бедор карданд. Ба шумо саломатии бардавом ва дар ин айёми пурташвиш кори осуда таманно дорам» (Выступление руководителя делегации объединенной таджикской оппозиции Ходжа Акбара Тураджонзода на открытии непрерывного раунда межтаджикских переговоров в Ашгабате 30.11.19955 / хазинаи шахсии Усмонов И).

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба неруи журналистон ва қудрати воситаҳои ахбори омма эътимоди зиёд доштааст. Ба ғайр аз суҳбату суханрониҳои пайваста тариқи телевизиону радиои ватанӣ мақолаҳои ӯ доир ба сулҳу ваҳдат дар матбуоти даврии дохиливу хориҷи кишвар низ рӯйи чоп омадаанд. Аз

ҷумла, «Ҳадафи сиёсати мо манфиати мардум аст» («Садои мардум» – 1993. – 1-уми июл), «Тоҷикистон дар остонаи фардо» («Сегодня». – 1997. – 24-уми июл), «Умедҳо ва ташвишҳои Тоҷикистон» («Сегодня». – 1998. – 8-уми апрел), «Мо бо ҳукми тақдир бояд якҷоя зиндагӣ кунем» («Российская Федерация».– 1998. –№10), «Дирӯз, имрӯз ва фардои Тоҷикистон» («Теҳрон таймз». – 1998. – декабр). Дар баробари мақолаҳо, ҳамчунин, мусоҳибаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар матбуоти даврии кишварҳои гуногун ба нашр расидааст. Мусоҳибаҳои зери сарлавҳаҳои «Майдон ҷойи гуфтушунид нест» («Красная звезда». – 1994. – январ), «Ба фикрам, рӯзҳои сахт пушти сар шуданд» («Российская газета». – 1996. – 18 январ), «Мо ҷонибдори ҳамгироӣ бо ҳамаи мамлакатҳо ва пеш аз ҳама, бо Россия мебошем» («Российская Федерация».– 1996. – июн), «Тоҷикистон ба ҳамкорӣ бо ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон омода аст» («Президентский вестник».– 1997. – 10-уми декабр), «Ояндаи халқи мо сулҳу осоиш ва созгории миллист» («Синхуа», «Женмин жибао», «Тзинтзи жибао», «Гуанмин жибао», «Фачжи жибао».– 1998. – июл), «Ба сокинони сайёра сулҳ ва беҳбудӣ мехоҳам» («Собеседник». – 1999. – 3-юми феврал) хонандагонро шоҳиди эътимоду боварии сарвари давлат ба халқ, ба ваҳдат, ба ояндаи дурахшони Тоҷикистон намудааст, зеро дар ҳар мусоҳиба муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо боварӣ изҳор кардааст, ки Тоҷикистонро рӯзҳои нек интизор аст.

Ниҳоят, азми устувор ва талошҳои пайвастаи ҳукумат ва дигар ҷонибҳо ба Тоҷикистон сулҳ овард. 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия «Созишномаи истикрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба имзо расид. Мавзуи сулҳу ваҳдат сархати тамоми воситаҳои ахбори оммаи ҳам дохил ва ҳам хориҷи кишвар гардид. Махсусан, тавассути телевизионҳо шунавонидани матни созишнома ба мардум фараҳ бахшид. Дар телевизион пайваста барномаҳои тарғиботӣ таҳия ва пешниҳод гардидаанд, то мардум арзиши бебаҳои сулҳро дарк кунанду дубора ба хатои таърих даст назананд. Хисороти моливу ҷонии ин ҷангро аз ҳама бештар журналистон

диданду шоҳид буданд. Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки аввали солҳои 90-уми асри гузашта журналистони тоҷик, махсусан, кормандони телевизион имтиҳони вазнинеро аз сар гузарониданд. Гарчанде ба тамоми сохторҳои давлатӣ дар раванди ҷанги шаҳрвандӣ зиён расид, аммо воситаҳои ахбори омма чун дастгоҳи муҳимми идеологӣ ҳам хисороти молӣ ва ҳам талафоти ҷонии зиёд диданд. Нахустнаттоқи телевизиони Тоҷикистон Рафоат Абдусаломова дар бораи зарарҳои моддиву техникии телевизион дар даврони ҷанги шаҳрвандӣ чунин менависад: «Душманони миллат 13 стансияи телевизионӣ ва дастгоҳҳои мавҷпахшкуниро валангор сохта, ба яғмо бурданд. Баъдтар дар солҳои барқароркунӣ зарур омад, ки ... аз нав сохтаву таъмин карда шавад» [14, с. 36]. Дар бораи рӯзноманигорони қурбоншудаи даврони мудҳиш навиштаҳои зиёде мавҷуданд, ки бештарашон ба шоҳидони воқеа, журналистон ва собиқадорони телевизион мансуб мебошанд. Маълумоти нисбатан васеъ ва муфассалро дар бораи журналистони ҷонбохтаву беному нишоншуда дар китоби журналист, публитсист ва сиёсатшинос Олег Панфилов [115] ёфтан мумкин аст. Собиқадори телевизион Г. Умарова низ дар китоби худ «Телевизион ва воқеияти Тоҷикистон» бо эҳсосу таассуф дар бораи ҳамкорони ҳалокшудааш нақлҳо меорад. Ҳамчунин, номбурда дар ин китоб аз чанд барномае ёдовар мешавад, ки маҳз ба хотири шаҳидон таҳия гардидаанд. Ин барномаҳо бо унвони «Ёдбуд», «Шаҳидони гулгулкафан», «Садои ошно» дар солҳои 1991-1994 пешниҳоди бинандагон гардидаанд, ки «мақсадашон нишон додани бенавоӣ ва ҳисси бадбинӣ нисбати гурӯҳе будааст» [161, с. 28].

Муҳаққиқи соҳаи телевизион З. Эшматов сабаби ба чунин ҳол гирифтор шудани журналистонро ба майдони мубориза бадал гаштани телевизион дар солҳои бесарусомонӣ медонад: «Ибтидои солҳои аввали соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бастагӣ ба авзои сиёсӣ ТВ «Тоҷикистон» низ миёни ҷонибҳои даргир, ҳукуматдорону мухолифин чун объекти муҳимми стратегӣ ва идеологӣ ба майдони мубориза бадал гашт» [188, с. 92]. Он солҳо маҳз телевизион воситаи асосии таъсиррасон ба афкори ҷомеа ба ҳисоб мерафт.

Мардум ба намоишҳои телевизионӣ эътимоди зиёд доштанд, ки ба онҳо бетаъсир намемонд. Чунончи муҳаққиқони соҳа яке аз омилҳои асосии ба вуҷуд омадани муқовимати дохилиро дар нишон додани ду воқеаи сиёсӣ тавассути телевизион медонанд: чаппа кардани ҳайкали Ленин ва нишон додани пурсиши вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Навҷувонов аз тарафи раиси Шурои Олии кишвар Сафаралӣ Кенҷаев, ки нозукиҳои кори телевизионӣ ва этикаи касбии журналистӣ риоя нагардида буд [161, с. 34]. Ин намоишҳо боиси қисматшавии омма ва пайдо шудани эҳсоси нафрату маҳалгароии ҷомеаи тоҷикон гардиданд. Ин ғалати Раиси ширкати садо ва симои вақт Атахон Сайфуллоев мавриди танқиди коршиносон қарор гирифтааст.

Қудрати таъсиррасонии телевизионро ба назар гирифта, гурӯҳҳои мухталиф кӯшишу талош мекарданд, то идораи ин дастгоҳи идеологиро ба даст гиранд. Мувофиқи далелҳо, моҳи майи соли 1992 ТВ «Тоҷикистон» пурра ба дасти мухолифин қайд мекунанд. Муҳаққиқ И. Усмонов вобаста ба ин вазъ чунин менависад: «Рӯзи 5-уми май дар бинои Шурои Олӣ вакили мардумӣ муҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» Муродулло Шерализода кушта шуд. Ҳамон рӯз дар минтақаи ҷанубии шаҳри Душанбе 8 нафар ҷавон, дар минтақаи Оли Совети ноҳияи Ленин 11 нафар ҷавон кушта шуд. Ҷанг шуруъ шуд. Ҳамон рӯз (5.05.1992 – С.М.) ҷавонони Душанбе идораи телевизиони ҷумҳуриро ғасб намуданд» [168, с. 56]. Ин нуктаро муҳаққиқ дар китоби дигари худ «Соли Набиев» [164] низ зикр кардааст. Муҳаққиқ С. Хоҷазод ҳам далели таърихиро тасдиқ намуда, чунин навиштааст: «5-уми майи соли 1992 идораи асосии таблиғотии ҳукумат – Ширкати давлатии телевизион ва радиои Тоҷикистон ба дасти оппозитсия гузашт.

Роҳбари нави Ширкати давлатии телевизион ва радиои ҷумҳурӣ онро «мардумӣ» эълон кард ва дар марҳалаи аввал кӯшиданд ба минбари озоди ҳамаи қишрҳои ҷомеа табдил диҳанд, вале ин талош самар наовард...» [174, с. 16]. Баръакс, дар телевизион пайваста муқобилияту зӯровариҳо инъикос мегардидаст. Журналистонро маҷбур менамудаанд, то матнҳои ғайривоқеӣ ва

валвалаангезро пешниҳоди тамошобинон гардонанд. Чунончи, натток ва собиқадори телевизион Имомалӣ Тоҳиров дар яке аз мусоҳибаҳои худ ба саволи журналист, – «Барои натток мавридҳо мерасанд, ки дар давраҳои мушкилу тақдирсоз маҷбуран матнеро хонад. Агар чунин ҳолат сар зада бошад, он маврид шумо худро чӣ гуна ҳис намудед?», чунин ҷавоби кушоду равшан медиҳад: «Боре шуда буд – моҳи майи соли 1992. Матни омодасохтаи шахсони берун аз телевизионро бо дили нохоҳам хондам ва барои таскини дил чунин байти Мир Саид Алии Ҳамадониро зери лаб зам-зама кардаму аз студия баромада рафтам:

Дар ду олам нест моро бо касе гарди ғубор,
Ҳар ки моро ранҷа дорад, роҳаташ бисёр бод» [170, с. 351].

Барои хуб амалӣ намудани ҳадафҳо тавассути телевизион мухолифин ҷонибдорони худро ҳар чи бештар ба он ҷалб карда, охиран, бо истодагарӣ ва талаби зиёд ба онҳо муяссар гардид, ки муовини раиси созмони мардумии «Растохез» Мирбобо Мирраҳимовро ба вазифаи Раиси Ширкати давлатии садо ва симо расонанд. Сипас, дар намоишҳои телевизионӣ, махсусан, барномаи иттилоотии «Ахбор» хабарҳо якҷониба ва ҳатто бо обуранги дурӯғину бофта ва таҳқир пешниҳод гардида, боиси иғвоангезӣ, бадбинӣ, ҷудоиандозӣ ва маҳалгароии миллати тоҷик мегардиданд. Пайваста муқобили ҳукумат, кормандони давлатӣ ва Раиси Ҷумҳур бо нафрату бадбинӣ туҳмату буҳтон мезаданд: «...Раиси Ҷумҳур ва атрофиёни миллатфурӯши он дастаҳои беимони хешро бо силоҳи наву замонавии фаровон таъмин намуданд ва онҳо ба сари мардуми бесилоҳу бегуноҳ «бороии аҷал» мебоaранд» [242]. Ҳадафи асосии онҳо шӯрондани мардум муқобили ҳукумат буда, рӯйирост ба эътироз даъват мекарданд: «Бародарон, ҳамдиёрон, овози эътирозии худро баланд кунед!» [242].

Телевизиони тоҷик дар ин давра самти пахши барномаҳоро пурра тағйир дода, бо оёте аз китоби «Қуръон» оғоз менамуд. Намоиши барномаҳо аз шабакаҳои телевизиони Россияву Ӯзбекистон пурра қатъ гардида, намоишҳои

шабакаҳои телевизионии Эрон пахш мешуданд. Дар барномаи «Ҳидоят»-и ТВ «Тоҷикистон» руҳониёни эронӣ суханрониву изҳори назар мекарданд, дар барномаи «Пайванди бародарӣ» ҳатто барои кӯдакон намоиш пешниҳод мешуд. Намоишҳои телевизионӣ хислати динӣ пайдо карданд. Чунончи, директори вақти ТВ «Тоҷикистон» А. Комилзода баъдан изҳор намудааст: «Ман тавони ислоҳи вазъиятро надоштам. Ҳамин қадар тавонистем, ки дар телевизиюн аз дашному алфози қабеҳ истифода нашавад. Гурӯҳҳои мухталиф бидуни иҷоза ба истидию (студия – С.М.) рафта оёте аз «Қуръон» хондаву ибрози андеша мекарданд» [334]. Аммо, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки «дашному алфози қабеҳ» ҳам пешгирӣ намешуд.

Баъди Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъият дар кишвар тағйир ёфт. Ин вазъ ба сохтор ва кори Кумитаи садо ва симо низ бетаъсир намонд. Агар аз ин пеш раиси ҷумҳурии вақти Тоҷикистон ба телевизиюн парвое надошт.... Фишори мухолифон ба телевизиюн зиёд буд ва табиист ки андешаҳои онҳо бештар пахш мешуд [328]. Акнун, миёни роҳбари ҳукумат ва воситаҳои ахбори омма, махсусан Кумитаи телевизион ва радио робитаи зич барқарор гардид. Раиси Шурои Олӣ Эмомалӣ Раҳмонов пайи қадамҳои устувор дар роҳи расидан ба сулҳ пайваста бо журналистон дар ҳамкорӣ қарор дошт. Тавассути ВАО баромаду даъватҳо намуда, тавонист аввалан, журналистони созанда, баъдан тавассути онҳо ҷомеаро дар атрофи худ ҷамъ намояду ба ҳадафи ягона – сулҳу оромӣ равона гардад.

Охири соли 1992 баъди таъйини Бобоҷон Икромов – мутахассиси соҳаи телевизион ба вазифаи Раиси Ширкати давлатии садо ва симо вазъ тағйир ёфт. ТВ «Тоҷикистон» мавқеи ҳукуматро дастгирӣ мекард. Чун муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи баргардонидани гурезагонро яке аз масъалаҳои муҳимми давр меҳисобид, ТВ «Тоҷикистон» низ ба ин масъала эътибори ҷиддӣ зоҳир менамуд. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки қудрати сухан ва таъсиргузории ВАО пайваста бо онҳо, махсусан, бо телевизион ва радио дар иртибот буда, барои анҷоми корҳои муҳим ин дастгоҳҳои пурқудрати идеологиро ҷалб

менамуд, ки самараш имрӯзҳо аён аст. Чунончи, барномаи «Во ғарибӣ…» дар доираи амалишавии ниятҳои неки Ҳукумати кишвар ва комиссияи махсус барои баргардонидани гурезаҳо аз Давлати Исломии Афғонистон бо ибтикори сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис ёфт. Ин барномаро муҳаррир Шералӣ Мустафоқулов ва наворбардор Анвар Ғайбуллоев бевосита аз кишвари ҳамсоя Афғонистон аҳия мекарданд.

Барномаи «Во, ғарибӣ» аз барномаҳои машҳуру сербинанда ва нишонраси замон буд, ки барои баргардонидани гурезагон нақши бориз гузошта тавонист. Журналист Шералӣ Мустафоқулов 8-10 маротиба ба Ҷумҳурии Афғонистон сафар карда, бевосита аз ҳолу аҳволи гурезагон хабар гирифта, бо онҳо ҳамсуҳбат мешуд, ки ҳамаи ин дар навор бо маҳорати хосса ва суханони таъсирбахш инъикос мегардиданд. Ин бенатиҷа намонда, боиси баргаштани ҳазорон муҳоҷири фирорӣ шуд. Муаллифи барнома Ш. Мустафоқулов ҳаёти қаҳрамонони худро пайгирӣ карда, бо мисолҳои мушаххас ба бинанда мефаҳмонид, ки танҳо дар ватани худ метавон ором осуда зиндагӣ намоем [257]. Дар рисолаи номзадии муҳаққиқ И. Ҳабибулло муҳтавои мухтасари чанд бахши барномаи мазкур муфассал оварда шудааст.

Баъди бартараф шудани масъалаи гурезагон, аз соли 1994 инҷониб, масъалаи ваҳдату иттиҳод ва сарҷамъӣ мавзуи асосии барномаҳои телевизионӣ гардид. Журналисти ботаҷриба Шералӣ Мустафоқулов чанд маротиба шоҳиди бевоситаи ҷанфидоиҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гардида, баъди расидан ба оромиву осудагӣ барнома ва филмномаҳои таҳлилӣ таҳия намуд, ки тарғибгари сулҳу ваҳдат, иттиҳоду якдигарфаҳмӣ ва ҳамчунин, равшангари сафҳаҳои таърихи тоҷикон ҳисобидан мумкин аст. Дар тамоми ин намоишҳои телевизионӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун қаҳрамони сулҳофар дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад. Барномаи «Аз блокноти журналист» (соли 1997), ки аз ҷараёни ба имзо расидани созишномаи Истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ таҳия гардидааст, тамоми заҳмату талоши роҳбари давлатро дар роҳи расидан ба ин рӯзи фараҳ инъикос менамояд. Ба ҷуз ин барнома, муҳаққиқ С.

Хоҷазод аз чанд барномаҳои он даврон чун «Ҳукумат», «Минбар», «Сарқонуни мо», «Муколама», «Изтироб», «Қонун ва ҷомеа», «Меҳмонони Тоҷикистон», «Самараи Ваҳдат», «Меваҳои ҳамбастагӣ», «Ваҳдат», «Марзи муқаддас», «Ваҳдат – наҷоти миллат» [174] ёдоварӣ мешавад, ки маҳз пайгири мавзуи боло мебошанд.

Баъди ба имзо расидани «Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» яке аз вазифаҳои муҳимми Комиссияи оштии миллӣ ин ба мардум фаҳмонидани моҳияти созишнома ва аз мафкураи ҷомеа дур кардани образи душман, муаррифии оппозитсия ҳамчун яке аз ҷонибдорони сулҳ дониста мешуд. Дар ин кор низ телевизион воситаи асосӣ ба ҳисоб мерафт. Бо ин мақсад соли 1997 барномаи «Ваҳдат» таҳия ва пешниҳоди бинандагон гардонида шуд. Муаллиф ва суҳбаторо муҳаққиқ, публитсист Иброҳим Усмонов [428] буд, ки ҳамзамон раисии Комиссия оид ба масъалаҳои сиёсии Комиссияи оштии миллиро ба уҳда дошт. Барнома тули як сол идома ёфта, моҳе 2 маротиба пешниҳод мегардид. Дар барнома намояндагони ҳукумат, намояндагони мухолифин ва Созмони Милали Муттаҳид иштирок карда, моҳияти созишномаро мефаҳмониданд. Ҳамчунин, роҳи пешгирифтаи роҳбари давлатро барои расидан ба сулҳ роҳи дурусту ягона барои наҷоти миллат ва суботи доимӣ медонистанд.

Ба ғайр аз барномаҳои номбурда, бахшида ба 10-солагии Истиқлоли давлатӣ чанд барномаву филмҳои дигари диданӣ низ таҳия гардида, аз 10 соли мушкилӣ, талош, ҷонфидоӣ барои расидан ба рӯзҳои оромӣ нақл мекарданд. Аз ҷумла, дар «Даҳ қадами устувор», ки аз даҳ қисмат иборат буд, аз тамоми дастовардҳои кишвар ва ташаббусҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сухан мерафт. Филми «Шуълае баъд аз ғуруб» (2001) бахшида ба 10-солагии Истиқлоли Тоҷикистон ва ҷонфидоиҳои сарвари давлат барои расидан ба сулҳ; силсилабарномаи «Вақт довар аст», ки аз соли 2012 дар ҷашнҳои давлативу миллӣ – Рӯзи Истиқлоли давлатӣ, Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Рӯзи Иҷлосияи тақдирсоз бо истифода аз наворҳои бойгонӣ таърихи начандон дури тоҷикон

варақгардон мешуд. Собиқадори телевизион Р. Абдусаломова дар китоби худ аз чанд барномаву филмҳои телевизионӣ, аз қабили «Эҳё ва рушд», «Шуълае баъд аз ғуруб», «Рӯ ба хуршед», «Гуфтугӯйи мустақими телевизионӣ», «Тоҷикистон» [14, с. 120] ва ғайра ёдовар шудааст.

Аз саҳифаҳои матбуоти даврӣ дар бораи иштироки журналистони ТВ «Тоҷикистон» ва аз ҷониби коргардонҳои тоҷик пешниҳод шудани филмномаҳои телевизионӣ дар фестивалҳои сатҳи ҷаҳонӣ маълумот ёфтан мумкин аст, ки муаррифгари давлат ва тарғибгари сулҳи тоҷикон барои ҷаҳониён шуморида мешуданд. Аз ҷумла, дар ҳафтаномаи «Ҷаҳони паём» зери сарлавҳаи «Шинохти дигар» мусоҳибае чоп шудааст, ки Г. Муҳаббатова аз фестивали дар Фаронса баргузоршуда чунин ёдовар мешавад: «Моро хуш пазируфтанд. Ҳар як рӯзи фестивалро ВАО-и Фаронса хуб инъикос менамуд. Филмҳои тоҷиконро бо рағбати хосса манзури фестивал гардонида, аз бозгарди сулҳу осоиш дар Тоҷикистони мо ҳайратзада мешуданд ва ба саволи худ «чӣ тавр ба ин ноил шуданд?» аз филмҳои мо посух меёфтанд.

Мепурсиданд, ки чаро аз воқеаҳои даҳшатбори Тоҷикистон филме наовардед? Посух додем, ки тоҷикон табиатан сулҳдӯстанд ва созишу оштиро тарғибгаранд ва дар мисоли саргузашти хеш дигаронро ҳушдор месозанд, ки аз хусумату бадбинии ҳамдигарӣ парҳезгор бошанд» [261].

Насиба Ғуломова бошад, аз филми «Это мы» ёдовар мешавад, ки аллакай соли 1997 дар рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Германия борҳо намоиш дода шуд. Коргардони ин филмнома С. Умарова буда, ҳадафаш муаррифии миллати тоҷик ва сулҳи деринтизори Тоҷикистон буд. Худи ҳамон сол барномаи овозадори «Тоҷикони дунё» таҳия гардид. Муҳаррир С. Неъматова ва коргардон Ҳалим Сангин аз 15 давлати дунё 15 қисм омода намуданд. Барномаи мазкур аз ҳаёти тоҷикони бурунмарзӣ, самимияту муҳаббати онҳо ба ватан, эҳтиром ба сарвари сулҳофари кишвар, ифтихор аз ҳаммилатони ваҳдатофарашон таҳия мегардид. Тавассути ин барнома ҳамватанони бурунмарзӣ имкон доштанд, ки чун ҷузъи як оила аз ҳолу аҳволи ҳамдигар

бохабар шуда, бо миллату давлати тоҷикон ифтихор кунанд. Барномаи номбурда дар шакли фитта омода шуда, ба қаҳрамонон ва дигар ҳамватанони бурунмарзӣ, ки он замон имкони дастрасӣ ба Телевизиони Тоҷикистон надоштанд, ҳадя карда мешуд. Бояд зикр кунем, ки журналист С. Неъматова дар инъикоси раванди сулҳи тоҷикон низ бевосита нақш дорад. Аз баромади нахустини Пешвои миллат дар СММ маҳз С. Неъматова бо гузориши телевизионии худ ба мардум мужда расонидааст, ки рӯзноманигор Муҳаммади Эгамзод дар мусоҳибаҳои худ аз он ёдоварӣ мекунад [418].

Барномаи «Афкор», ки соли 1999 то 2001-ум моҳе ду маротиба тавассути Телевизиони «Тоҷикистон» пахш мегардид, дар бедории миллӣ, фаҳмонидани арзиши сулҳу ваҳдат нақш гузоштааст. Ин барнома аз ҷониби муҳаққиқ ва журналист С. Гулов дар жанри суҳбат таҳия гардидааст. Дар он ходимони илму сиёсат Кароматулло Олимов, Сайфулло Сафаров, Ниёз Мирзоев, Абдуқодир Маниёзов ва дигарон аз паҳлуҳои гуногун моҳият ва арзиши сулҳу ваҳдат сухан ронда, иттиҳоду сарҷамъиро дар атрофи сарвари давлат тарғиб намудаанд [429].

Нақши Хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар инъикоси раванди сулҳофарӣ ва талошҳои бевоситаи Пешвои миллат дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ тавассути телевизион муҳим аст. Шарҳу тавзеҳ ва баромаду гузоришҳои пайвастаи роҳбари хадамот З. Сайидов тавассути ТВ «Тоҷикистон», аз як ҷониб, мардумро бо иттилои саҳеҳу саривақтӣ бархӯрдор кардан бошад, аз ҷониби дигар, боиси оромии ҷомеа ва бо умеду боварӣ нигаристан ба ояндаи нек водор менамуд. Номбурда аз 15-уми ноябри соли 1995 ба ин вазифа таъйин шуда бошад ҳам, қаблан, дар вазифаҳои дигар низ пайваста тавассути телевизион баромадҳои судманд менамуд. Дар он давр миёни кишварҳои ИДМ З. Сайидов фаъолтарин котиби матбуотӣ ҳисобида мешуд, ки бо дониши баланди сиёсӣ ҷомеаро бо забонҳои русиву тоҷикӣ аз фаъолияти Президенти кишвар ва вазъи ҳукумат огоҳ менамуд. Он замони ноороми на ҳар кас ин масъулиятро ба уҳда мегирифт ва на ҳар кас аз уҳдаи

иҷрои он мебаромад. Аз ҷумла, номбурда дар мавриди шарҳу тавзеҳи мафҳуми «давлати дунявӣ» тавассути ТВ «Тоҷикистон» ҷасурона баромад карда, қонунҳои кишвар ва мавқеи Президентро пуштибонӣ менамуд. Дар яке аз баромадҳо қайд мекунад, ки даъвои баъзе доираҳои сиёсӣ, ки мақсади он аз матни Сарқонуни ҷумҳурӣ бардоштани мафҳуми «дунявӣ» мебошад, боиси тааҷҷубу таассуф аст. Зиёда аз ин, чунин даъво рӯйирост хилофи боби 10-уми Конститутсия мебошад. Намояндагони доираҳои номбурдаи сиёсӣ даъвои зиддиконститутсионии худро асоснок карданӣ шуда, дар аснои мулоҳизаронӣ дар ин мавзуъ мафҳумҳои «давлат» ва «ҷамъият»-ро махсус ва ё беихтиёр омехта мекунанд. Онҳо ба мардум талқин карданӣ мешаванд, ки гӯё давлати дунявӣ маънои ҷамъияти бединро дошта бошад, ки ин иштибоҳи дағал аст» [383]. Ҳамин тариқ мафҳуми ва ҳадафи давлати дунявиро тули зиёда аз се дақиқа равшану вазеҳ шарҳ медиҳад.

Ҳам дар раванди сулҳофарӣ ва ҳам баъди ба имзо расидани созишномаи Истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ миёни ҳукумат ва мухолифин Зафар Сайидзода аз раванди кори Комиссияи оштии миллӣ низ ҷомеаро огоҳ менамуд. Аз ҷумла, аз раванди ваҳдатофарӣ дар кишвар дар воситаҳои ахбори омма ҳам бо забони русӣ ва ҳам бо забони тоҷикӣ чунин таъкид мекунад: «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонов ба сиёсати истиқрори сулҳ, ризоияти миллӣ ва рушди босубот дар кишвар, ки аз 16-уми ноябри соли 1992 аз Иҷлосияи таърихии 16-уми парламенти ҷумҳурӣ оғоз гардидааст, содиқ буд, ҳаст ва хоҳад монд. Ин мавқеи усулии роҳбарияти кишвар бори дигар дар изҳороти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми майи соли равон собит гардидааст. Сарфи назар аз мушкиливу тазодҳои мавҷуда сардори давлатамон ба хотири раванди сулҳ ва ноил гардидан ба фарҷоми бомуваффақияти он ҷидду ҷаҳди хешро дареғ нахоҳад дошт...» Дар суханрониҳои З. Сайидов таҳлилу шарҳ низ мушоҳида мегардад, ки барои хотирҷамъии ҷомеа мусоидат намуда, ҳамчунин, эътимоди оммаро ба ҳукумат ва талошҳои сулҳпарваронаи сарвари давлат бештар менамуд [379].

Баъди пурра расидан ба сулҳи комил Ҷумҳурии Тоҷикистон пайи бартараф намудани зарарҳои моддӣ гардид, ки ҳамаи ташаббус ва амалҳои Президенти кишварро котиби матбуотии роҳбари давлат эзоҳ медод. Дар он даврони мушкил Хадамоти матуботии Президенти Тоҷикистон ба хотири боло бурдани имиҷи Тоҷикистон бо Вазорати корҳои хориҷӣ ҳамкориҳои зичро ба роҳ монда, барои ВАО-и хориҷӣ сарчашмаи иттилои саҳеҳу саривақтӣ ба ҳисоб мерафт.

Имрӯзҳо низ Хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз сарчашмаҳои асосии иттилои расмии саҳеҳ ба ҳисоб рафта, тавассути сомонаи расмӣ ва сомонаҳои иҷтимоӣ ҷомеаро бо иттилои сареҳу муҳим таъмин мекунад. Дар замони осудагии Ватан вазифаи асосии ин ниҳод муаррифии миллату давлат дар сатҳи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

Воситаҳои ахбори омма аз сулҳи деринтизору таҷрибаи бемисли тоҷикон гузоришҳо пахш намуда, дар маркази ҳама саҳнаҳои сулҳу ваҳдатофарӣ симои Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҷой додааст. Симои миллати тоҷикон дар ВАО чун миллати муттаҳид, қавиирода, сулҳпарвар оҳиста-оҳиста шакл гирифта, имрӯз ҷаҳониён тоҷиконро чун миллати соҳибтамаддун, дорои анъанаҳои давлатдорӣ, фарҳанги ғанӣ, ташаббускору созанда мешиносанд.

Боварии комили Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон охиран, ба Тоҷикистон сулҳу ваҳдат овард. Ба таъбири муҳаққиқ И. Усмонов: «Бузургтарин хизмати таърихии Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси роҳбари Тоҷикистон муайян ва амалӣ кардани роҳи сулҳи халқи тоҷик, наҷоти миллат аз гирдоби фоҷиабори ҷанг, ба ҳам овардани онҳое ки аз ҳам дур мешуданд, нигоҳ доштани киштии шикастаи ҳукумат аз ғарқу нобудшавӣ аст» [168, с. 4]. Маҳз иродаи қавӣ, азми устувор ва ҷонфидоиҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боис гардид, ки Тоҷикистон аз вартаи ҷанг раҳо ёфт. Бо дарназардошти саҳми бузург дар эҳё ва таҳкими давлатдории навини Тоҷикистон ва пойдории сулҳ дар Тоҷикистон Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 декабри соли 1999 бо унвони олии Қаҳрамони

Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд. Инъикоси пайвастаи вазъияти ноустувори сиёсии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри гузашта, ҷоннисориҳои роҳбари ҷавони Тоҷикистон барои расидан ба сулҳ ва ободии комил, талошҳо баҳри гул-гулшукуфии кишвар тавассути воситаҳои ахбори омма ҷомеаи тоҷикон ва ҷаҳонро водор кард, ки ба асосгузори сулҳи тоҷикон будани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қоил шаванд. Ин буд, ки соли 2015 мардуми тоҷик ба поси азхудгузаштагӣ ва муборизаҳои ҷоннисоронаи Сарвари худ дар бунёди давлати муосири Тоҷикистон ӯро ба мақоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат пешбарӣ карданд [4]. Соли 2016 тариқи райъпурсии умумихалқӣ ба Конститутсияи Ҷумурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, мақоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат дар Конститутсия мустаҳкам гардид. Мувофиқан, Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» [4] қабул карда шуд.

Имрӯз тоҷику тоҷикистониёнро бо роҳбари ташаббускору сулҳофар дар арсаи ҷаҳонӣ мешиносанду эътироф мекунанд.

Воқеан «Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дурахшонтарин чеҳрае мебошад, ки дар маснади муаззами роҳбарӣ паёмҳои миллии тоҷиконро дар паҳнои ҷаҳон интишор дод ва Тоҷикистонро бо ҳама сармояҳои бузурги таърихиву фарҳангӣ ва неруи иқтидори кунуниаш дар бунёди давлати миллии демократӣ дар арсаи ҷаҳонӣ бо камоли шоистагиву сарбаландӣ муаррифӣ намуд» [105, с. 9].

Сулҳофарӣ дар Тоҷикистон имиҷи байналмилалии давлати моро ташаккул дод, зеро дар охири асри XX Тоҷикистон ягона кишвари дунё буд, ки бо кумаки кишварҳои дӯст ва СММ тавонист дар мамлакат сулҳро барқарор кунад ва онро дар СММ сабт намояд. Муҳтавои ин раванд арзиши давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб мешавад, ки ӯ тавонист кишварро аз ҷанг баровварда, ба масъалаҳои дигар мисли оби нӯшокӣ, бунёди инфрасохторҳои саноатии Тоҷикистон, мубориза бар зидди терроризм рӯ биёрад.

### 3.2. Ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон доир ба об

Омилҳои геополитикӣ, махсусан, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва захираҳои табиӣ аз унсурҳои имиҷсозии давлат ба ҳисоб меравaнд. Бинобар ин, дар равиш (модел)-и геполитикии имиҷсозии давлатҳо, маҳз ба ҳамин ҷиҳатҳо эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Ҳар давлате, ки захираҳои ғании табиӣ дорад ва аз онҳо самаранок истифода карда метавонад, тавассути сарватҳои мушаххас номи худро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуда, дар тасаввуроти ҷомеаи ҷаҳонӣ образ ба вуҷуд меоварад. Ба вуҷуд овардани образу рамзи хосси давлат ҷанбаи дигари муҳимми имиҷсозист.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои басо ғании обӣ аст. Ба ишораи коршиносони соҳа ин давлат дорои «беш аз 25 ҳазор дарё ва дарёчаҳо, зиёда аз 10 000 пирях ва кӯлҳои зиёде, ки дар онҳо 20 км$^3$ обҳои нӯшокӣ захира шудаанд» [47], мебошад. Ҳамасола дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 64 млрд м$^3$ об ҳосил мешавад, ки 60%-и оби ҳавзаи баҳри Аралро ташкил медиҳад. Дар такя ба захираи ғании ин сарвати табиӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи ҷаҳон доир ба масъалаҳои об пешниҳодоти пайваста менамояд, ки ағлаби онҳо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамоҳангӣ пайдо кардаву мекунанд. Ташаббусҳои пайвастаи роҳбари давлат боис шуда, ки имрӯз Тоҷикистонро дар сатҳи ҷаҳонӣ чун муҳофизи об ва ташаббускори асосии масоили глобалӣ доир ба об мешиносанду Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмонро, чунончи Муовини Мунши умумии СММ Ша Тсу Кан гуфтааст (20.09.2010), «чемпиони ҷаҳон дар ҳалли масоили глобалии вобаста ба об» медонанд. Яъне Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Президент муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистааст аз ин сарвати табиӣ ба манфиати худу ҷомеаи ҷаҳонӣ босамар истифода барад.

Ҳанӯз соли 1993 дар Иҷлосияи XVШ Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба сиёсати хориҷии давлат ва роҳҳои муаррифии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуда, чунин масъалаи муҳимро

пеш гузошт: «Моро дар аввал лозим аст, ки як консепсияи томи сиёсати беруниро дар даст дошта бошем, то равшан тасаввур карда тавонем, ки вазъи воқеӣ дар ҷаҳон чӣ гуна асту фаъолияти давлатамон дар арсаи байналхалқӣ ба кадом тарафҳо ва ба чӣ тарзе сурат гирад» [124, с. 78] Таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки бо гузашти начандон вақти зиёд вазъи воқеии ҷаҳон хуб омӯхта шуда, усул ва воситаи хуби муаррифии Тоҷикистон дарёфт гардида, дар амал татбиқ шуданд. Ин нукта дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зайл омадааст: «...яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини нақши созандаи кишвар дар масъалаҳои марбут ба об дар минтақа ва дар арсаи байналмилалӣ мебошад, ки ҳам ба манфиатҳои миллӣ ва ҳам ба нафъи ҷомеаи ҷаҳонӣ созгор аст» [10].

Муҳаққиқону коршиносони соҳа низ ташаббусҳои ҷониби Тоҷикистонро дар масоили глабалии об воситаи воқеии муаррифии давлат ва ташаккули имиҷи Тоҷикистону роҳбари сиёсии он донистаанд: «Ҷумҳурӣ захираҳои бойи оби тозаи худро ҳамчун унсури асосии барномаи сиёсати берунии худ фаъолона истифода мебарад. Таваҷҷуҳи махсус ба ташаббусҳои марбут ба идоракунии устувори об дода мешавад, ки ин ба таҳкими мақоми кишвар ҳамчун пешвои минтақавӣ дар ҳалли масъалаҳои экологӣ мусоидат мекунад...» [19, с. 14].

Ташаббусҳои ҷаҳонии ҷониби Тоҷикистон доир ба об баъди расидан ба сулҳи комил оғоз шуда, қадами бузурги сарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар самти муаррифии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳисобида мешавад. Нахустин маротиба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 1-уми октябри соли 1999 дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмааи умумии СММ пешниҳоди худро дар бораи эълон намудани Соли 2003 – Соли байналмилалии «Оби тоза» изҳор дошт. Зимни суханронӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла, чунин таъкид намуд: «Ба ақидаи мо, вақти он расидааст, ки таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳон ба проблемаи оби тоза ва масъалаҳои ба он вобаста ҷалб карда шавад. Тоҷикистон бо ин мақсад пешниҳод менамояд, ки соли 2003

соли байналхалқии об эълон карда шавад. Ин ташаббуси мо бо хавфи муташанниҷ гардидани вазъияте вобаста мебошад, ки миллиардҳо одамон аз истеъмоли оби тоза маҳруманд».

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон пешниҳоди худро бо далелҳои қатъӣ исбот намуда, таваҷҷуҳи ҳозиринро ба масъалаи об ҳамчун масъалаи байналмилаливу ҳалталаб ҷалб карда, афзудааст: «Проблемаи об ҳамзамон ба ҷиҳатҳои соф гуманитарии он инчунин, ҷиҳатҳои дигар, аз ҷумла, ҷиҳатҳои иқтисодӣ ва экологӣ низ дорад. Обро ҳамчун сарвати умумӣ баррасӣ намуда, масъулияти ҳифзи онро барои наслҳои оянда ба зиммаи ҳамаи давлатҳо гузоштан зарур аст» [131, с. 195]. Кофи Аннан дабири кулли онвақтаи СММ пешниҳоди нахустини Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмонро муҳимму саривақтӣ дониста, чунин изҳор доштааст: «Набудани дастрасӣ ба оби тоза барои истеъмол ва инчунин, барои беҳдошт ва таъмини амнияти озуқаворӣ барои беш аз 1 миллиард аҳолии ҷаҳон мушкилоти бузург эҷод менамояд. Агар тамоюлҳои ҷорӣ идома ёбанд, ин боиси тундӣ ва рақобати шадид миёни кишварҳои ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ мегардад. Соли байналмилалии «Оби тоза» метавонад нақши муҳимро дар фароҳам сохтани шароити мусоид ҷиҳати қабули чораҳои зарурӣ на танҳо аз ҷониби ҳукуматҳо, балки ҷомеаи шаҳрвандӣ, соҳибкорон ва шахсони алоҳида саҳми арзанда гузорад» [81, с. 12] Дар заминаи пешниҳод ва таҳлилҳои дурбинонаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди як сол – 20-уми сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмаи умумии СММ соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза» эълон шуд.

Ба хотири ба дарки ҷомеа расонидани моҳият ва ҳадафҳои ин ташаббус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як зумра чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ баргузор гардид. Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза, ки аз 29-уми август то 1-уми сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе бо иштироки васеи коршиносони дохилу хориҷ баргузор шуд, аз зумраи намоёнтарини онҳост. Раванди он тариқи хабару гузориш дар барномаи иттилоотии «Ахбор»-и ТВ «Тоҷикистон» бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, гузоришҳои муфассал дар

барномаи иттилоотии «Тоҷикистон» ва тариқи пахши мустақим низ пешниҳоди бинандагон гардидааст, ки то имрӯз сабти пурраи онҳо, махсусан, суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ифтитоҳ ва ҷамъбасти форум, суханронии меҳмонон ва бардошти онҳо дар қолаби назарпурсию гузориш дар хазинаи телевизиони номбурда маҳфуз мебошад [288].

Ба ғайр аз ин, дар қолаби жанрҳои таҳлилӣ ва публитсистӣ-бадеӣ низ барномаҳои калонҳаҷм таҳия ва пешкаши бинандагон шудаанд. Гарчанде хазинаи телевизиони номбурда имкон надошт, ки ҳамаи онҳоро маҳфуз нигоҳ дорад, аммо аз саҳифаҳои ҳафтаномаи «Ҷаҳони паём»-и Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумуҳурии Тоҷикистон маълумот дар бораи баъзе барномаҳо низ ёфтан мумкин аст, ки инъикосгари ташаббусҳои Тоҷикистон дар самти об буданд. Аз ҷумла, соли 2003-юм таҳти унвони «Маъракаҳои муҳимми фарҳангиву сиёсии ҷумҳурӣ ва рафти инъикоси он дар садо ва симои Тоҷикистон» ҳисоботи роҳбарони шабакаҳои телевизионӣ ва радиоии кишвар оварда шудааст, ки чанд барномаи вобаста ба мавзуи об таҳияшуда шарҳ ёфтаанд. Масалан, дар барномаи «Гуфторҳои мустақими телевизионӣ» бо иштироки муовини аввали вазири мелиоратсия ва хоҷагии об Н. Ашӯров, сардори раёсати илм ва техникаи вазорат И. Холматов, сардори шабакаи обрасонии пойтахт С. Хидиров, сарвари лоиҳаи маблағгузории сохтмони шабакаҳои обии шаҳри Душанбе А. Сафаров бинандагон имкон доштанд, ки ба саволҳои худ вобаста ба масъалаи об тариқи телевизион мустақиман ҷавоб гиранд [235, с. 1].

Дар барномаи «Дидгоҳ» бошад, вобаста ба норасоии оби ошомиданӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар проблемагузорӣ карда шудааст. Суҳбат бо мутахассисони идораи «Душанбеводоканал» дар барномаи «Сарвати бебаҳо» ва мизи мудаввар бо иштироки муовини раиси шаҳри Душанбе С. Аминов, раиси идораи «Душанбеводоканал» Сайидраҳмон Хидиров ва сарвари идораи барқи пойтахт Файзуллохон Юсупов, ки фарогири масъалаҳои беҳбудсозии

инфрасохторҳои соҳаи мелиоратсия, таъмини об, ҳолати ташнобу корезҳо баргузор гардида, бинандаро дар баррасии масъала ҳамроҳ менамуд. Ҳадафи тавассути телевизион инъикоси ҳамаҷонибаи мавзуи об ва вобастагии он ба соҳаҳои гуногун дар он буд, ки ҷомеа аҳаммияти ташаббусҳои кишварро хуб дарк намуда, зарурати онро ҳис кунанд [235, с. 2].

Барномаҳои «Паҳно», «Амал», «Иқтисод ва истиқлол», «Ману дарё», «Ҳамсол», «Мизон» инъикосгари мавзуъҳои ҳифзи захираҳои обии кишвар ва истифодаи самаранокии об буданд, ки давраи соли 2003-юм тариқи ТВ «Тоҷикистон» пахш гардидаанд. «Баррасии Соли байналмилалии Оби тоза, ҳамчунин, тавассути як силсила лавҳаҳои телевизионӣ, ки пайваста таҳия мешаванд, дар зеҳни тамошобинон баробари тамошои бофароғати манзараҳои дилфиреби диёр, ба мисли Ромиту Варзоб, Сари Хосору Даштиҷум, Рашту Дарвоз ва Суғд ифтихори миллӣ ва эҳтироми хоссаро ба муқаддасоти диёр меафзояд» [232, с. 2].

Филми мустанади таҳиянамудаи идораи афкори умуми ТВ «Тоҷикистон» – «Обе, ки равон бахшад» барои инъикоси ҳамаҷонибаи масъала ва наворҳои беназир аз ҷониби Кумитаи ҳифзи табиати Ҷумҳурӣ ва Иттифоқи журналистони Тоҷикистон қадрдонӣ гардидаанд. Аз ин маълумот бармеояд, ки барои тарғиби ҳар чи бештари мавзуи об ва ташаббусҳои Пешвои миллат доир ба об аз ҷониби сохторҳои дахлдор озмунҳои гуногун гузаронида мешудааст, ки ҳадаф ҷалби ҳар чи бештари соҳибқаламон ба мавзуи мазкур буд.

Дар робита ба пешниҳоди аввалини Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ҷуз Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза дар солҳои гуногун Конференсияҳои дигари байналмилалӣ гузаштаанд, ки ҳамчунин, доираи васеи рӯзноманигоронро ба ҳам овард. Аз ҷумла, Конференсияи байналмилалӣ доир ба ҳамкориҳои минтақавӣ дар ҳавзаи дарёҳои байнисарҳадӣ (аз 30 май то 1 июни соли 2005), Конференсияи байналмилалӣ доир ба коҳиш додани офатҳои табиии марбут ба об (26-27 июни соли 2008), Конференсияи байналмилалии

сатҳи баланд оид ба баррасии фарогири миёнамуҳлати рафти татбиқи Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015 (8-10 июни соли 2010).

Инъикоси ин ва дигар чорабиниҳо тариқи ВАО ба таври васеъ сурат гирифта, минбаъд низ дар барномаҳои телевизионӣ хабару гузориш оид ба проблемаҳои обу иқлим пайваста пешниҳод гардиданд. Барномаҳои муаллифии гурӯҳи эҷодии «Симо» бо унвони «Нигоҳи Комил», «Номуси ватандорӣ», «Роғун» (муаллиф ва баранда К. Холов) [285], «Тоҷикистон – хонаи ман» (муаллиф ва баранда С. Салимов, коргардон Л. Пирмуҳаммад) [277], аз идораи «Телефилм» – «Об-муъҷизаи ҳаёт» (муаллиф М. Саид, коргардон С. Музафиршоева) [271], «Тараннуми диёр (Обшор)» (муаллиф Ш. Мустафоқулов, коргардон Н.Раҳмон) [257] намунаи он намоишу барномаҳоянд, ки то имрӯз дар хазинаи ТВ «Тоҷикистон» маҳфуз мебошанд.

Барномаҳои К. Холов бо банду баст, танзим, наворҳои ҷолиб, садои марғуладори ровӣ, формати замонавии давр, интихоби мусиқии мувофиқ, кулоҳи барнома ва ҳатто кулоҳи гурӯҳи эҷодии «Симо» бо вижагиҳои хоссаи худ бинандаро бедор намуда, дилхоҳ мавзуи баррасишавандаро чун мавзуи ҳаётан муҳим ва зарурӣ ба бинанда расонида тавонистааст. Мавзуъ ва масъалаи обро низ дар силсилабарномаҳои «Нигоҳи Комил» ва «Роғун» ҳамин гуна бомуваффақият баррасӣ намуда тавониста, ҳамчунин, мавқеи Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳон ва эҳтирому эътирофи Сарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмонро дар арсаи байналмилалӣ ба таври бояд инъикос намудааст. Бозтоби ташаббусҳои Президенти кишвар дар масъалаи об ва эҳёи НБО «Роғун» дар барнома пайвандии мантиқӣ пайдо намуд, андешаи мутахассисону собиқадорон, аз қабили Н. Г. Савченко – собиқадори соҳаи энергетика, Н. Ш. Шалашов – директори даври ҶШСК «Роғун», С. Сияҳмардов – директори «Роғун-ГЭСстрой», А. Ҳоҷиев-ронандаи булдозер, Т. Кабутов-ронандаи «экскватор», Н. Маҳмудов – муҳандис, нақбкан ва собиқадори меҳнат – М. Шарипов, рӯзноманигор Д. Сафар онҳоро пурра намудааст. Гуфтори бамавриди ровӣ дар навор (стенд-ап) дар вақту фазои лозимӣ бинандаро шоҳиди воқеа гардонида,

таъсири амиқ мегузорад. Мавриди зикр аст, ки гурӯҳи эҷодии «Симо» бо роҳбарии К. Холов дар солҳои 2007-2010 дастаи ҷавононеро мемонд, ки бо диди наву интихобу пешниҳоди хуби мавзуъ аз дигар идораҳо фарқ карда, имиҷи хосси худро ташаккул медоданд. Аҳли гурӯҳ С. Салимов, С. Бақозода, И. Аҳмадов, З. Сайидов, А. Муҳиддинов, Ҷ. Ҷалол ва дигарон бо пешниҳоди барномаҳои соҳавӣ, ролику лавҳаҳои ҷолиб ва ҳатто клипҳои ватандӯстона аудиторияи васеи худро ёфта буданд. Аз ин рӯ, барои тарғиботи идеологӣ аз неруи ин гурӯҳи эҷодӣ бештар истифода мешуд, ки самар ҳам меовард. Суруди машҳури «Қасам ба номат, эй Ватан», ки аз ҷониби Т.Ҳилолӣ сароида шуда, ҳамроҳи Ҷ.Ҷалол ба клипи таъсирбахше мубаддал гардид, маҳз дар гурӯҳи эҷодии «Симо» таҳия шуда буд. Тули чанд сол ва то имрӯз шунидану дидани ин суруд шунавандаро ба ваҷд оварда, ҳисси ватандӯстиро бедор мекунад.

Дар барномаи «Об – муъҷизаи ҳаёт» бо истифода аз андешаи масъулин (Н. Азизов – сардори Раёсати мониторинги обкашӣ ва объекти хоҷагии об, Ҳ. Маҳмадуллоев – корманди Вазорати милиоратсия ва захираҳои оби ҶТ) ва зиёиён (нависанда Темур Зулфиқоров) аз нигоҳи илмию фалсафӣ ва таҷрибаи ҳаррӯзаи зиндагӣ зарурат ва аҳаммияти обро дар ҳаёти инсон ва роҳҳои самаранок истифодабарии он бо далелҳои мушаххас гуфта дода шудааст, ки бинандаро сари андеша меорад.

Идораи «Телефилм» барномаву намоишҳои фарҳангӣ-фароғатиро бо истифода аз сурудҳои ватандӯстӣ таҳия менамуд. «Тараннуми диёр» аз зумраи ҳамин барномаҳо буд, ки дар ҳар бахш ровӣ сухан мекарду вобаста ба мавзуъ як суруд пешниҳод мегардид. Масалан, мавзуи барнома «Обшор» буда, дар он ровӣ Ш. Мустафоқулов дар бораи обҳои мусаффои Тоҷикистон, имконоти моҳипарварӣ, дар бораи «Гармчашма»-и Бадахшон далелҳои ҷолиб оварда, баъди ҳар сухан сурудҳои Х. Ширинова «Ману дарё», Н.Раҳматова «Тоҷикистони ман», Р. Дулоев «Республикаи ман» ва дигарон пешниҳоди бинанда мегардид. Барнома дар муқоиса бо барномаҳои гурӯҳи эҷодии «Симо»

ҷолибияти камтар дошт, аз ин рӯ, бештар дар вақтҳои нисфирӯзӣ пахш мегардид.

Ташаббусҳои дигари байналмилалии Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба об боз ҳам бештар инъикос мешуданд. Чунончи муҳаққиқон зикр мекунанд: «Бо ташаббуси ҷониби Тоҷикистон мавзуи «Об» ба рӯзномаи масъалаҳои ҳалталаб ба таври доимӣ дохил гардид [226, с. 64]. «Инъикоси он ҳатто дар бахшу сужаҳои барномаи субҳгоҳии «Субҳи Тоҷикистон» ба роҳ монда мешуд. Бахшҳои «Навигариҳои илм», «Об неруи ҳаёт», «Об ободӣ» махсус, ба мавзуи боло бахшида шудааст. Дар ин асно бахши иттилоотии «Паёми субҳ» низ аз инъикоси раванди чорабиниҳои бахшида ба Соли Оби тоза дар канор намемонданд. Барномаи субҳгоҳӣ «бо тарзи нави пешниҳоди барнома, истифодаи ҷилваҳои вижаи тасвир, унсурҳои ҷолибсозӣ, суҳбати мустақим ва озоди ровиён, инъикоси расму оини миллӣ дар муддати кӯтоҳ мақбули тамошобинон гардид» [99, с. 83]. Аз ин сабаб метавон гуфт, ки дар тарғибу ташвиқи масъалаи ташаббусҳои ҷониби Тоҷикистон низ саҳмгузорӣ карда тавонистааст.

Пешниҳоди дуюми муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2005-2015 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» нахустин маротиба дар соли 2003-юм дар Форуми сеюми ҷаҳонӣ доир ба захираҳои об дар шаҳри Киото садо дод. Ин пешниҳод низ аз тарафи давлатҳои зиёд ҷонибдорӣ шуда, нақшаҳои дурнамо доир ба ин даҳсола роҳандозӣ гардид. Дар доираи ташаббуси мазкур низ чорабиниҳои зиёди сатҳи байналмилалӣ гузаронида шуда, инъикоси он дар ВАО ба таври боз ҳам васеътар сурат мегирифт. Дар ин раванд барномаҳо бо забонҳои хориҷӣ пайдо шуданд. Аз ҷумла, барномаи «Проблемаи об ва зарурати ҳамкориҳо» (муаллиф К. Сафар) бо забони англисӣ таҳия гардида, соли 2013 дар ҳаҷми 28 дақиқаву 30 сония тариқи эфири ТВ «Тоҷикистон» пахш гардидаст. Дар он аз масъалаи асосӣ, яъне норасоии оби ошомиданӣ дар тамоми ҷаҳон ва зарурати дарёфти роҳҳои самаранок истифодабарии он, зарурати иқдому пешниҳодоти Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва дастгирии он аз ҷониби СММ сухан меравад. Наворҳо аз хазина буда, фарогири наворҳои дарёву кулҳо, пиряху чашмаҳои Тоҷикистон ва ҳамчунин, суханрониҳои Ҷаноби олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар минбари СММ, раванди Конференсияҳо мебошад [273]. Назари мутахассисони соҳаи ҷуғрофия Абдулҳамид Қаюмов, Қурбоналӣ Партоев, Анвар Ҳомидов, ки суханони онҳо низ бо забони англисӣ тарҷума гардидаанд, барномаро пурра мекунанд.

Дар ин раванд пешрафти технологияи муосир ва дастрасӣ ба интернет имкон медод, ки раванди Конференсияҳо дар баробари пахши мустақим тавассути сомонаҳои расмӣ ва шабакаҳои иҷтимоии телевизионҳо ба тариқи онлайн пахш гардад. Агар солҳои қаблӣ инъикоси чорабиниҳо тавассути ВАО-и анъанавӣ, яъне матбуоти даврӣ, радио ва телевизион сурат мегирифт, дар ин даҳсола барои инъикос имкониятҳои интернетӣ пайдо шуд, ки ин барои нуфузи Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ бетаъсир намонд. Аз ҷумла, сомонаи радиои «Озодӣ» ҷамъбасти Конференсияи байналмилалии об дар Душанберо пурра тариқи навор инъикос намуда, зери он шарҳи кӯтоҳе овардааст: «Конференсияи байналмилалии даҳсолаи «Об барои ҳаёт» дар шаҳри Душанбе ба охир расид. Дар поёни он сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода гуфт, ин Конференсия бо ширкати намояндагони сатҳи баланди 100 кишвар ва 80 созмони байналмилалӣ дурнамои кори ҳамоҳангро барои дастрасии бештари аҳолии ҷаҳон ба оби тоза рӯшан кард» [322].

Ташаббуси дигари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кардани соли 2013 Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» мебошад. «Бояд гуфт, бо ибтикори ҷониби Тоҷикистон «Соли ҳамкориҳо дар соҳаи об эълон шудани соли 2013 мафҳуми дипломатияи обро ба сатҳи амалӣ баровард ва ин нуктаро ба ҷаҳониён собит намуд, ки ғояи дипломатияи об аз фаҳмиши анъанавӣ ё классикии он фарқ дошта, роҳандозии чунин технологияҳои нави гуфтушунидро тақозо мекунад, ки ба анҷоми муваффақонаи ихтилофу муноқишаҳо оид ба идора ва истифодаи захираҳои оби дарёҳои фаромиллӣ мусоидат менамоянд» [29, с. 12].

Бахшида ба ин ташаббус низ дар сомонаҳои расмӣ маводди зиёди таҳлилӣ ба нашр расиданд. Аз ҷумла, 21-уми октябри соли 2013 дар сомонаи Созмони Милали Муттаҳид зери унвони «Ба пешвози Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013» («Навстречу Международному году водного сотрудничества, 2013 год») мақолаи С. Аслов (Сироҷиддин Муҳриддин) чоп шудааст, ки дар он зарурати ташаббусҳои Тоҷикистон шарҳу тафсир ёфтаанд. Аз ҷумла, муаллифи мақола қайд кардааст, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббускории қабули як қатор қатъномаҳои Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла, қатънома дар бораи Соли байналмилалии оби тоза эълон шудани соли 2003 ва қатънома оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» (2005-2015) мебошад. Дар соли 2010 Тоҷикистон ташаббуси қабули қатъномаи Ассамблеяи Генералиро пешбарӣ карда буд, ки ба ҳамоҳангӣ ва ҳамкорӣ дар ҳалли мушкилоти таъхирнопазири марбут ба оби ошомиданӣ мусоидат намуда, талошҳои ҳукуматҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, доираҳои тиҷоратӣ, олимон ва дигар намояндагони ҷомеаи шаҳрвандиро муттаҳид месозад. Моҳи октябри соли 2010 ҳайати Тоҷикистон лоиҳаи қатъномаи Ассамблеяи Генералиро оид ба эълони соли 2013-ро Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об муаррифӣ кард ва моҳи декабри соли 2010 чунин қатънома бо ризоият пазируфта шуд» [291].

Баргузории пайвастаи чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ вобаста ба об аз ҷониби Тоҷикистон ва инъикоси онҳо тавассути ВАО, ҳамчунин, баррасии масоили экологӣ ва норасоии оби ошомиданӣ аз ҷониби коршиносони соҳа таҷрибаи Тоҷикистонро дар самти бартарафсозии масоили глобалии вобаста ба об ғанӣ гардонида, пешниҳоди чаҳоруми ҷониби Тоҷикистон дар бораи эълони даҳсолаи дуюм, яъне солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» аз ҷониби СММ ба хушнудӣ пазируфта шуд. Номаи табрикотии Питер Томсон раиси Маҷмаи умумии СММ дар робита ба қабули ин пешниҳод, ки гувоҳи эҳтироми хоссаи роҳбарияти СММ ба сарвари давлати тоҷикон аст, дар аксари ВАО-и дохиливу хориҷӣ нашр шуда буд. Аз ҷумла, сомонаи расмии Президенти Тоҷикистон – https://president.tj, сомонаи АМИТ

«Ховар» – https://khovar.tj, сомонаи оҷонсии иттилоотии «Спутник» – https://sputnik.tj [346] онро дар шакли пурра чоп намуданд. Матни номаи табрикӣ чунин аст:

«Ҷаноби Олӣ,

Бо камоли ифтихор мехостам Шумо ва мардуми Шуморо бо қабули муваффақонаи қатъномаи «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028», ки рӯзи 21 декабри соли 2016 дар Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид сурат гирифт, табрик намоям.

Боварии комил дорам, Даҳсолаи нав, ки ба масъалаҳои рушди устувор ва истифодаи ҳамгироёнаи захираҳои обӣ, аз ҷумла, пешбарии ҳамкориҳо ва шарокат дар ҳама самтҳо таваҷҷуҳ дорад, метавонад ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои байналмилалии тасдиқшудаи марбут ба об, бахусус, он ҳадафҳое, ки дар Рӯзномаи Рушди Устувори 2030 инъикос шудаанд, мусоидат намояд.

Ҷаноби Олӣ, ин фурсатро ҷиҳати таҷдиди ғояти эҳтиром ғанимат мешуморам» [344].

Сафари нахустини дабири кулли Созмони Милали Мутаҳид Антонио Гутериш ба кӯли Сарез, ки бо коршиносону донишмандон, намояндагони ин созмони бонуфуз ва гурӯҳи журналистон сурат гирифта, раванди он тариқи ТВ «Тоҷикистон» пурра инъикос шуд, ташаббуси хубе барои муаррифии кишвар ва нуфузи давлат ба ҳисоб меравад. Ҳар қадар шахсиятҳои шинохтаву машҳур ба давлат таваҷҷуҳ карда, ҳузур оваранду тариқи ВАО андешаҳои худро изҳор кунанд, ҳамон қадар таваҷҷуҳи хориҷиён ба он кишвар бештар мегардад. Аз ин нигоҳ, ҳузури Гутеришро ба Тоҷикистон барои муаррифии давлат метавон манфиатовар донист. Суханони меҳмони воломақом нисбат ба Тоҷикистон низ ба бинанда бетаъсир намемонад:

«Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи об дар арсаи байналмилалӣ пешниҳодҳои муфид намуда, пешсафии худро дар ин ҷода собит кард, ки онро ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ намуданду, шоистаи таҳсину қадр медонанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба истифодаи самаранок, оқилона ва устувори

захираҳои обӣ ҳамчун намунаест. Хеле муҳим аст, ки ҷомеаи байналмилалӣ аз ин шеваву усули истифода сабақ биомӯзанд, ба он пайрав ва пуштибон бошанд. ...барои ташвиқу татбиқи ин ибтикор хеле муҳим аст, ки дар иттифоқ тадбирҳои муфид мавриди амал ва баҳрабардорӣ қарор дода шавад.

...Худованд ба кишвари шумо сарбандҳои табиӣ ато кардааст, ки ин шаҳодати ҳикматест, ки шумо мардуми назаркарда мебошед...» [274].

Гузориши мазкур дар ҳаҷми 7 дақиқаву 47 сония таҳия шуда, фарогири наворҳои ҷолиб буд. Бо наворҳои умумӣ, миёна ва наздик нишон додани зебоии табиати атрофи кӯл, аз баландии чархбол инъикос кардани кӯҳҳои барфпӯши сарбафалак, шаффофияти об, нишастани Гутериш дар қаиқ ва тамошои атрофи кул, суҳбат дар иҳотаи намояндагони ҳукумат дар назди кул наворҳои табиӣ ва таъсиргузоре буданд, ки зебоиҳои як гӯшаи Тоҷикистонро баръало инъикос менамуданд.

Идомаи гузоришро сафари Антонио Гутериш ва ҳайати ҳамроҳаш ба ноҳияи Дарвоз ташкил медод. Дар ин ноҳия намоиши ҳунарҳои мардумӣ баргузор шуда, ба Дабири кулллии СММ Антонио Гутериш тасвири расмашро дар қолин ҳадя намуданд. Ҳадафи асосӣ муаррифии фарҳангу ҳунари миллати тоҷик ба меҳмонони воломақом буд.

Таваҷҷуҳи воситаҳои ахбори дохиливу хориҷиро ташаббуси чоруми Президенти Тоҷикистон бештар ҷалб намуда, танҳо дар телевизиони СММ вобаста ба «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» бо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ду маротиба мусоҳиба ороста шудааст. Дар мусоҳибаи аввал, ки санаи 22-юми марти соли 2018 дар шаҳри Ню Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар мавсими кушодашавии чорабинии «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» баргузор гардид, аз саволҳои рӯзноманигори шабакаи телевизионии СММ бармеоянд, ки онҳо нисбат ба сиёсати хориҷии Тоҷикистон назари нек дошта, ташаббусҳои ҷониби кишвари моро лоиқи таҳсин медонад: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми ду даҳсола масъалаҳои марбут ба обро дар доираи СММ

ва дигар созмонҳо фаъолона пешбарӣ менамояд. Чунин сиёсати хориҷии фаъол ва накши Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳо ва мушкилоти глобалии марбут ба об бар чӣ асос меёбад?»

Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар посух мегӯяд: «...Ҳамаи ин ташаббусҳо ба таъсиси майдони густурда ва мусоид барои муҳокима ва ҷустуҷӯйи роҳҳои муносиб ва оқилонаи ҳалли мушкилот ва вазифаҳои марбут ба захираҳои об нигаронида шудаанд.

Ҳамаи талошҳо ва ташаббусҳои мо маҳз ба ташаккули муколамаи созандагии об нигаронида шудаанд, зеро ҳамагуна масъалаи обро метавон танҳо тавассути ҳамкорӣ ва ба роҳ мондани робитаҳои шарикӣ, боэътимод ва мутақобилан судманд ҳал намуд» [334].

Ҳамчунин, дар ҳошияи иҷлосияи 72-юми Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид мақолаи Ҷаноби олӣ Эмомалӣ Раҳмон бо унвони «Об барои рушди устувор» (Water for Sustainable Development) дар маҷаллаи «Нигориши СММ» ва сомонаи он нашр гардидааст. Дар ин мақола сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳадафҳо ва зарурати пешниҳоди Даҳсолаи нави байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018 – 2028», «таҳияи тадбирҳо ва натиҷаҳои ташаббусҳои қаблии ҷониби Тоҷикистон оид ба ҳалли масъалаҳои марбут ба оби ошомиданӣ бар нафъи аҳли башар, маълумоти дақиқу пурмуҳтаво ва таклифу пешниҳодҳои асосноку созандаро ба миён гузоштаанд» [342].

Чунин мусоҳибаҳои телевизионӣ аз ҷониби шабакаҳои телевизионии бонуфуз дар муаррифии Президенти мамлакат миллату давлати тоҷикон мусоидат намуда, андешаҳои манфӣ ва стереотипҳо аз қабили «Тоҷикистон давлати ҷангзада»-ро метавонад аз миён барад. Бояд зикр кард, ки то даҳсолаи аввали асри XXI меҳвари тамоми мусоҳибаҳои Сарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо рӯзноманигорони хориҷиро мавзуи расидан ба сулҳ ташкил медод. Аз ҷумла, дар радиои СММ низ чунин мусоҳиба соли 1999 қабл аз Иҷлосияи 54-уми СММ сурат гирифта, мавзуи асосии онро

пасомадҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва тақдири ояндаи норавшани Тоҷикистон ташкил медиҳад. Шакли чопии мусоҳиба дар китоби муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо номи «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат» пурра оварда шудааст. Аз ҷумла, рӯзноманигор бо нигаронӣ аз сиёсати хориҷии Тоҷикистон аз Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон пурсон шудааст: «Ҷаноби Президент, Шумо Тоҷикистонро дар системаи муносибатҳои байналхалқии асри XXI чӣ гуна тасаввур менамоед?» [124, с. 209].

Бо расидан ба сулҳу Ваҳдат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хосса Президенти кишвар кӯшиш намуданд, ки дар арсаи ҷаҳонӣ сиёсати созандагӣ ва гуманистии худро нишон диҳанд. Дар роҳи татбиқи ин мақсад, тадриҷан симои Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир тағйир ёфт. Имрӯз натиҷаи сиёсати байналмилалии Тоҷикистон барои кулли ҷаҳониён баръало аён аст. Муҳаққиқон низ бар он назаранд, ки «Ин ташаббус Тоҷикистонро чун яке аз кишварҳои калидӣ дар ҳалли масъалаҳои обу энергетика дар минтақа арзёбӣ намуда, барои гузариш ва ҳалли муҳимтарин масъалаҳои башарӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ дар арсаи муносибатҳои байналмилалӣ заминагузорӣ кард.

Бо ин ташаббус Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ на танҳо чун кишвари дорои таҷрибаи сулҳофарӣ, балки чун ташаббускори ҳалли масъалаҳои глобалӣ шинохта шудааст» [213, с. 5].

Дар тамоми мусоҳибаву мақола ва барномаҳои телевизионие, ки аз Тоҷикистон сухан меравад, ин кишвар ҳамчун ташаббускори масоили глобалии об муаррифӣ мегардад ва дар маркази онҳо Пешвои миллат чун роҳбари сиёсии Тоҷикистон қарор дорад. Мусоҳибаи мухбири шабакаи телевизионии «Ал-ҷазира»-и Қатар бо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як далели ин воқеият аст, ки зимни мусоҳиба хабарнигор аз ҷумла, чунин суол кардааст: «Ҷаноби Президент, мехостам оид ба он ташаббусҳое, ки ба СММ вобаста ба масъалаҳои об ва истифодаи ҳадди аксари оқилонаи дарёҳои бузурги

Тоҷикистон бар манфиати умум пешниҳод кардаед, назари худро ба мо баён кунед» [332].

Ҷаноби олӣ Эмомалӣ Раҳмон чун сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ имконоти муаррифии давлатро аз даст надода, зимни ҳар мусоҳибаву баромадҳо аз имкониятҳои Тоҷикистон ва табиати биҳиштосо хотиррасон шуда, меҳмононро барои тамошо даъват менамояд. Чунончи, дар поёни мусоҳибаи болозикр ба мухбири шабакаи ҷаҳонии «Ал-ҷазира» ва бинандагон муроҷиат карда мегӯяд: «Дар хотима ман шуморо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон хуш омадед мегӯям, ҳар вақте ки имконият доред, шумо метавонед ба Тоҷикистон сафар намоед, аз гӯшаҳою манзараҳои зебои мо дидан намоед, на ин ки дар вақти кушодашавии ягон иншоот. Аз пиряххои Тоҷикистон метавонед дидан кунед, аз зебоиҳои қисматҳои Бадахшон, аз ҳайвоноти нодири Тоҷикистон, аз набототи он метавонед дидан кунед. Тоҷикистон кишвари на он қадар бузург бошад ҳам, вале аз захираҳои табиӣ кишвари бой аст. Тоҷикистон на танҳо об, балки дигар захираҳои табиию минералии бисёр ғанӣ, ба истисноӣ нафту газ, дорад» [332].

Мусоҳибаи мазкур дар манзараи зебои табиӣ сурат гирифта, дар пасманзари он сарбанди «Роғун» дар миёни кӯҳҳои баланд намоён мебошад, ки ба бинанда таъсири мусбат расонида метавонад.

Мусоҳибаи дигари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар доираи Конференсияи оби Созмони Милали Муттаҳид – 2023 бо хабарнигори телевизиони СММ Шакунтала Санзиран сурат гирифтааст, ки рӯзноманигор ба омодагии Тоҷикистон барои пешбурди масоили об баҳои баланд дода, чунин афзудааст: «Омодагии Тоҷикистон барои пешбурди масъалаҳои об ва аз ҷумла, пайгирии натиҷаҳои ин Конференсия лоиқи таҳсин аст». Дар баробари ин, Эмомалӣ Раҳмонро пешвои сатҳи ҷаҳонӣ эътироф мекунад: «Дар сатҳи ҷаҳонӣ Шумо, воқеан, яке аз пешвоёни ҷаҳонӣ ҳастед, ки масъалаи обро пайваста пайгирӣ мекунед» [344].

Мусоҳибаи мазкур дар тамоми шабакаҳои телевизионии дохилӣ пахш шуд ва ҳамчунин, ин наворро дар сомонаҳои расмӣ ва саҳифаи расмии шабакаҳои иҷтимоии телевизионҳои дохилӣ ва вазорату корхонаҳо дидан мумкин аст.

Дар саҳифаи расмии YouTube-ии СММ навори пешниҳоду баромадҳои Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба пуррагӣ дастрас аст, ки бо забони тоҷикӣ ифроз мегарданд. Ҷой доштан дар шабакаҳои бонуфузи байналмилалӣ яке аз роҳҳои муҳимми муаррифии давлат ба ҳисоб меравад. Ҳар қадар дар ВАО-и дохилӣ ва хориҷии сербинанда дар бораи Тоҷикистон маводдҳои оҳанги мусбатдошта бештар пайдо шавад, ҳамон қадар нуфузи Тоҷикистон боло меравад. Ин аст, ки фурсатро аз даст надода, намояндагони Тоҷикистон дар раванди конференсияу чорабиниҳои гуногуни сатҳи байналмилалии давлатҳои хориҷа кӯшиш мекунанд, дар бораи давлати худ чун давлати ташаббускор ва дорои захираҳои бойи обӣ тавассути ВАО дарак диҳанд. Мусоҳибаи Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон С. Муҳриддин дар Конференсияи «Осиёи Марказии сабз» намунае аз чунин матолиб аст. Баромади С. Муҳриддин бо забони англисӣ сурат гирифта, дар бораи захираҳои бойи обӣ ва ташаббусҳои ҷониби Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ доир ба об маълумоти мухтасар додааст [333].

Ҳамчунин, дар ҳошияи Ҳафтаи ҷаҳонии об дар Стокҳолм (Шветсия) фиристодаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба об ва иқлим Раҳимзода Султон дар намоиши телевизионӣ бахшида ба Конференсияи оби СММ – 2023 иштирок ва суханронӣнамуд. Барномаи телевизионии мазкур бо унвони «Роҳ ба сӯйи Конференсияи оби СММ – 2023» [406] пешниҳод шуда, ҳадафаш ба бинандагон фаҳмонидани моҳияту ҳадафҳои Конференсияи оби СММ – 2023 будааст, ки дар 50 соли охир бори аввал баргузор гардидааст. Дар он намояндаҳои Тоҷикистон фаъолона суханронӣ карда, аз нақшаҳои минбаъда ва омодагӣ барои раванди оби Душанбе маълумоти муфид пешниҳод ва ба ин васила Тоҷикистонро чун давлати ташаббускор барои ҷаҳониён муаррифӣ намудааст.

На танҳо намояндагони Тоҷикистон, балки рӯзноманигорони хориҷӣ низ дар бораи ташаббусҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маводди таҳлилӣ таҳия намуда, ин амалро муҳимму саривақтӣ арзёбӣ намудаанд. Аз ҷумла, сармуҳаррири маҷаллаи «OIC TODAY «дар сомонаи расмии маҷалла зери унвони «Тоҷикистон: Ташаббусҳои об барои ояндаи шукуфон» («Таджикистан: водные инициативы, способствующие плодотворному будущему») чунин изҳори назар кардааст: «Ба шарофати ташаббусҳои Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи об таърифи дипломатияи об аҳаммияти амалӣ пайдо кард. Ин падида ба ҷомеаи ҷаҳонӣ собит кардааст, ки дипломатияи об аз фаҳмиши классикии дипломатия фарқ мекунад ва механизмҳои нави гуфтушунидро тақозо мекунад, ки барои ҳалли бомуваффақияти низоъҳо оид ба идоракунии об ва истифодаи захираҳои об, бахусус, дар ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ мусоидат мекунанд. Дар ин раванд ба таҳкими ҳамкорӣ ва танзими муносибатҳо, роҳандозии муколама оид ба ҳамдигарфаҳмӣ ва истифодаи захираҳои оби фаромарзӣ байни кишварҳои минтақа таваҷҷуҳ зоҳир гардида, таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар ҳалли низоъҳо оид ба идоракунии об истифода мешавад. Ин самт метавонад ба ҳамкориҳои ҷиддӣ ва густурда дар таҳия ва татбиқи созишномаҳои оқилона ва объективии байни кишварҳои ҳавзаҳои гуногуни дарёҳои фаромарзӣ мусоидат намояд. Бо пешбурди ташаббусҳои глобалии худ, Тоҷикистон идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои обро дар ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ ба нафъи ҳамаи кишварҳо дастгирӣ мекунад. Тоҷикистон пешрав ва ташаббускори фаъоли ҳалли мушкилоти об дар сатҳи байналмилалӣ буда, дар оянда низ ҷонибдори истифодаи самараноки захираҳои об хоҳад буд» [386].

Дар сомонаи расмии Бонки ҷаҳонӣ низ дар бораи имконот ва захираҳои обӣ, ташаббусҳои Тоҷикистон доир ба масоили об мақолаҳо мавҷуданд. Аз ҷумла, рӯзи 7-уми июни соли 2022 мақолаи Озан Севимлӣ – намояндаи доимии Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон ва Туркманистон ва Ю. Уинстон коршиноси масоили об таҳти унвони «Активизация действий и партнерства в

области водных ресурсов в Таджикистане» дар сомонаи мазкур нашр гардидааст. Дар он омадааст: «Об дар иқтисодиёти Тоҷикистон нақши ҳалкунанда дошта, ба рушди соҳаҳои муҳим мусоидат мекунад» [288].

Амали аз ҳама мухим дар доираи ҳамин даҳсола баргузории конференсияҳои Раванди оби Душанбе ба ба ҳисоб меравад. Маҳз дар доираи ҳамин се Конференсия журналистони зиёд ҷамъ омада, раванди онро ба пуррагӣ инъикос намудаанд. Рӯзҳои баргузории Конференсияҳо аз ҷониби журналистони шабакаҳои телевизионҳои сартосарӣ андешаи иштирокдорони Конференсия аз давлатҳои гуногун дар бораи раванди чорабинӣ, бардошти онҳо аз сафари Тоҷикистон, таассуроташон ва дигар андешаҳои мусбати онҳо доир ба кишвари мо дар шакли назарпурсӣ таҳия шуда, зуд-зуд тариқи шабакаи телевизионӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ пахш мешуданд. Аз ҷумла, зери кулоҳи махсус бо навиштаҷоти «Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор», 2018-2028» ва рамзи конференсия назарпурсии рӯзноманигор Фатҳиддини Замон бо вазири захираҳои оби Баҳрайн – Абдуқодир Муҳаммад, вазири захираҳои оби Бангладеш – Муҳаммад Назрулислом, вазири захираҳои оби Ҷумҳурии Серралеон – Ҷонатан Бонофа, намоянда аз Олмон – Марит Файф, муовини директори барномаи рушди СММ – Сони Бюнич, намоянда аз Ҷумҳурии халқии Хитой – Вей Гунг Ланг ва дигар иштирокдорони конференсия пешниҳод гардид. Маврид ба зикри хос аст, ки журналист дар барномаи муаллифии худ «Тоҷикистон ва ҷаҳон» низ ба масъалаи обу иқлим ва захираҳои обии Тоҷикистон эътибори ҷиддӣ зоҳир карда, раванди ин конференсияро низ бо назари таҳлил дар он барнома баррасӣ намудааст. Муваффақияти ин журналист дар баробари забондониаш донандаи хуби сиёсат ва назари таҳлилӣ доштани ӯст.

Ҳамчунин, дар ин раванд бо истифода аз сомонаҳои иҷтимоӣ аксари журналистон дар бораи пойтахти кишвари мо – Душанбе як маълумоти хосса пешниҳод карда, тасаввуроти худро дар бораи Тоҷикистон иброз доштаву

расме гузоштааст. Бо истифода аз ин гуна имконоти муаррифӣ Ҳукумати Тоҷикистон барои боз ҳам хубтару беҳтар шиносоӣ намудани Тоҷикистон меҳмонон, махсусан, рӯзноманигоронро барои сайру тамошо ба мавзеъҳои сайёҳӣ, инфрасохторҳои муҳим, маконҳои номдор сафарбар кардаанд. Сафари гурӯҳи рӯзноманигорон ба шаҳри Роғун барои дидани раванди сохтмони ин иншооти азим дар сужаи телевизионӣ батафсил инъикос гардид. Матни пасинаворӣ бо наворҳои рангоранг пурра гардида, андешаи меҳмонон сужаро комил намудааст. Дар фазои идона сабт ва пешниҳоди андешаи рӯзноманигорон ба манфиати кор буда, ҳадафи асосӣ, яъне тарғиби ин мавзеъ хуб инъикос шудааст. Рӯзноманигори ироқӣ дар бораи бойигариҳои табиии Тоҷикистон сухан карда, иброз медорад, ки «Барои ман ифтихор аст, ки иншооти азими энергетикии Тоҷикистонро аз наздик дидам» [243]. Намояндаи кишвари Урдун ба раванди кор баҳои баланд медиҳаду ба ҳукумати кишвар ташаккур мегӯяд, ки дар баробари ташкили Конференсияи сатҳи баланд, ба онҳо имкон фароҳам овардаанд, то аз мавзеъҳои зебои Тоҷикистон дидан кунанд [239].

Ба ҷуз ин, «барои кори самараноки хабарнигорон ҷониби Тоҷикистон шароити зарурӣ муҳайё намудааст. Аз ҷумла, дар ду толори «Кохи Сомон» маркази матбуотӣ ташкил шудааст, ки барои намояндагони воситаҳои ахбори омма ниҳоят мувофиқ мебошад. Дар маркази матбуотӣ барои хабарнигорон ҷойҳои кории мувофиқ омода гашта, компютерҳои ба интернет пайваст дар хизмати онҳо қарор дорад» [239]. Ба вуҷуд овардани фазои хуби иртиботӣ барои доираи кормандони ВАО худ қадами муваффақона дар роҳи муаррифии кишвар аст.

Барои омадани шумораи зиёди рӯзноманигорон ва дигар иштирокчиёни конференсия ба Тоҷикистон корҳои зиёди таблиғотӣ анҷом дода шуд. Ташкили платформаи махсусро барои маълумоти пурраву муфассал оид ба Раванди оби Душанбе воситаи муҳимму саривақтӣ донистан мумкин аст. Дар саҳифаи асосии платформи мазкур – https://dushanbewaterprocess.org/ рамзи «Даҳсолаи

байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» ҷой дошта, номи платформа ва ҳадафи он навишта шудааст. Маводди ин саҳифаро бо забони русӣ ва англисӣ мутолиа кардан мумкин мебошад. Расми манзараҳои зебои Душанбе ва гӯшаҳои гуногуни Тоҷикистон таваҷҷуҳи корбаронро ҷалб мекунад. Маълумоти пурра дар бораи чорабиниву Конференсияҳо вобаста ба даҳсолаи мазкур поёнтари саҳифа зери рубрикаҳои «В водном процессе Душанбе», «Душанбинские водные конференции» ва «Водная Конференция ООН 2023 года» гурӯҳбандӣ шудаанд. Пасон, «Хабарҳои охирин» ҷой гирифтаанд. Зери ин рубрика аз санаи 20-уми августи соли 2019 то 26-уми майи соли 2024 105 мавод ҷой дорад, ки аз тамоми чорабиниҳои сатҳи ҷаҳонӣ вобаста ба об иттилоъ медиҳад. Дар баробари ин, тарғиби мавзеъҳои сайёҳӣ ва фарҳанги миллии тоҷикон низ вомехӯрад. Барои ҷалби бештари иштирокдорон ба Конференсияи сеюми Раванди оби Душанбе чанд маводди дигар низ ба нашр расид, ки хислати тарғибу муаррифгарӣ низ дорад. Масалан, таҳти унвони «Уникальная возможность для участников конференции познакомиться с богатой историей, культурой и удивительной природой Таджикистана» дар бораи табиати зебои Тоҷикистон ва дарёфти имконият барои тамошои ин мавзеъҳо аз ҷониби иштирокдорон маводе нашр шуда, 10 расми зебо аз кӯҳҳои барфпӯш, дарёҳои соф, мавзеъҳои зебои пойтахт ва либоси зебои чакан ҷойгир карда шудааст [405]. Дар маводди дигар таҳти унвони «Присоединившись к глобальному обсуждению водных проблем на Душанбинской конференции, вы также окунетесь в богатую культуру таджикского народа» («Бо ҳамроҳ шудан ба баҳси ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои об дар Конфронси Душанбе, шумо инчунин, ба фарҳанги ғании мардуми тоҷик ғарқ хоҳед шуд») чунин омадааст: «Иштирокчиёни конфронс имкон доранд аз намоишгоҳҳои ҳунарҳои мардумиро тамошо кунанд, таомҳои миллии тоҷикиро бичашанд, намоишҳои гуногуни оби ошомиданиро бинанд, аз барномаи консертӣ бо иштироки ҳунармандони маъруфи кишвар, намоиши мудҳои либосҳои миллии тоҷикӣ ва дигар намоишҳо баҳра баранд» [361]. Дар

идомаи мавод, истифода аз фурсат дар бораи фалаку шашмақом ва чакан маълумоти мухтасар пешниҳод гардида, ҳамчунин, ба Рӯйхати осори умумиҷаҳонии фарҳангии башарият воридшудани онҳо низ зикр мегардад. Дар охири ин гуна маводди таблиғотӣ чунин даъват оварда шудааст: «Бо сабти ном дар Конфронси сеюми Душанбе оид ба Даҳсолаи об, шумо метавонед дар ин чорабиниҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ иштирок кунед ва бо фарҳанги ғании мардуми тоҷик шинос шавед» [304]. Ҳар қадар дар Конференсияу чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ, махсусан вобаста ба масоили глобалӣ иштирокчиён, хосса журналистон аз хориҷи кишвар иштирок дошта бошанд, ҳамон андоза кишвари мизбон имконоти муаррифии бештар пайдо мекунад. Аз ин лиҳоз, Ҳукумати Тоҷикистон ва сохторҳои масъул барои ҷалби меҳмонон ва ҷалби таваҷҷуҳи онҳо ба имконоти сайёҳии кишвар талош намуданд. Масъулин зикр кардаанд, ки «Конфронс дар ВАО, аз ҷумла тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, васеъ инъикос ёфт. Миллионҳо нафар дар Тоҷикистон ва берун аз он тавонистанд ин чорабинии муҳимми байналмилалиро пайгирӣ кунанд, маълумоти заруриро ба даст оранд, аз рӯзномаи ҷаҳонии об огоҳ бошанд ва то андозае ба он ҳамроҳ шаванд» [304].

Дар бештари сомонаҳои расмӣ гӯшаи алоҳида барои инъикоси масоили об ва ташаббусҳои байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар сомонаи АМИТ «Ховар» ин гӯшаи мавзуӣ «Ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон» унвон дорад. Ҳамчунин, тавассути радиои «Ховар» барномаи махсус бо унвони «Сарват» пешниҳоди шунавандагон мегардад, ки дар он бо коршиносони соҳаи экология, сиёсат, иқтисод ва намояндагони созмонҳои байналмилалӣ атрофи ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон ва масъалаҳои экологӣ суҳбат ороста мешавад. Муаллифи барнома муҳаққиқ Манижа Баҳромзода қисмати ин суҳбатҳоро ҷамъоварӣ карда, дар шакли китоб чоп намудааст, ки барои муҳаққиқону коршиносон ба сифати сарчашма хизмат карда метавонад [27].

Гузашта аз ин дастгирӣ ёфтани ташаббуси панҷуми Пешвои миллат вобаста ба масоили об бори дигар дар арсаи байналмилалӣ ҷойгоҳи хос ва мақому манзалати бениҳоят баланд доштани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро собит кард. 14-уми декабри соли 2022 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни иҷлосияи 77-ум қатъномаи соли 2025 – «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо»-ро, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ шуда буд, бо пуштибонии 153 кишвари аъзои СММ қабул кард.

Вобаста ба ин, 21-24 марти соли 2025 шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико сислсилаи чорабиниҳо, аз ҷумла, Намоишгоҳи «Таърихи рушди Тоҷикистон» дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид, тақдими туҳфаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Милали Муттаҳид, чорабинии «Об ва Наврӯз – ду сарчашмаи ҳаёти башар», Конференсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об – барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», чорабиниҳои канорӣ бо номи «Табдили институтҳои иқтисодии глобалӣ ба манфиати умум: Даъват барои бедоршавӣ аз ҷониби Комиссияи глобалӣ оид ба иқтисодиёти об» ва «Харитаи роҳ барои соли 2025: «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» доир гардиданд, ки дар боло бурдани нуфузи Тоҷикистон нақши муассир гузошт.

Дар онҳо Подшоҳи Нидерланд, Президенти Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид, президентҳои Ироқ, Ботсвана, Либерия, Словения, сарвазирҳои Тувалу, Намибия, Мали, муовинони сарвазирони Барбадос, Куба, Конго, Монтенегро, Эфиопия, Ветнам, 110 ҳайати расмии кишварҳои узви СММ бо роҳбарии вазирон, масъулини 100 созмони минтақавию байналмилалӣ ширкат варзиданду бори дигар шоҳиди ташаббускориҳои кишвари Тоҷикистон гардиданд. Дар баробари намояндагони ҳукуматӣ аз кишварҳои номбурда рӯзноманигорон ҳам ташриф оварда, аз иштироки роҳбарони кишвари худ хабар медоданд, ки дар ҳар кадоми он ахбор номи Тоҷикистон садо медиҳад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки ташаббусҳои глобалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба об дар боло бурдани нуфузи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ташаккули имиҷи он нақши бориз гузоштаву мегузорад. Маҳз ҳамин ташаббусҳо сабаб шуда, ки имрӯз дар ВАО-и сатҳи ҷаҳонӣ дар бораи Тоҷикистон чун давлати ташаббускор сухан меравад. Бояд зикр кунем, ки ҳоло ҳам аз ҷониби рӯзноманигорони дохилӣ ва хориҷӣ вобаста ба мавзуи болозикр маводди таҳлилӣ ба таври кофӣ таҳия намегардад. Аксари маводе, ки дар боло баррасӣ намудем, аз сомонаву телевизионҳое пешниҳод гардидаанд, ки манфиатҳои худро каме болотар мегузоранд. Масалан, вақте сомонаи Бонки ҷаҳонӣ дар бораи захираҳои бойи обии Тоҷикистон маводе таҳия мекунад, ишора менамояд, ки ин имконотро бе дастгирӣ ва маблағгузории Бонки ҷаҳонӣ амалӣ намудан ғайриимкон аст, аммо агар ин гуна маводдҳо аз ҷониби журналистони тоҷик таҳия гарданду дар сомонаҳои гуногуни давлатҳои хориҷу ҳамсоя нашр шаванд, бартариҳо ва манфиати давлатро болотар мемонанд.

Мавриди зикр аст, ки дар сомонаҳои расмии давлатҳои ҳамсояҳои дуру наздик ва давлатҳои шарик дар бораи ташаббусҳои байналмилалии ҷониби Тоҷикистон қариб ки чизе интишор намешавад. Аз ин бармеояд, ки бо вуҷуди ноил шудан ба ҷалби шумораи зиёди рӯзноманигорон ба ҳалли масоили об аз ҷониби масъулини ҳукумат, ҳоло ҳам барои натиҷаи кори онҳо (таҳия ва нашру чопи маводҳои гуногун дар ВАО) кӯшишҳо кифоя нестанд. Дар такя ба таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар ин самт дарёфти роҳи ҳалли он дар чорабиниҳои минбаъда ба манфиати ҷониби Тоҷикистон хоҳад буд. Аз ҷумла, ташкили озмуни мақолаи беҳтарин дар бораи ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон, захираҳои бойи обӣ, кӯшишҳои Тоҷикистон барои таъмини оби ошомиданӣ дар тамоми сайёра ва ғайра миёни рӯзноманигорони сатҳи ҷаҳонӣ ба чопи маводашон дар ВАО-и кишвари худи онҳо мусоидат карда метавонад.

### 3.3. НБО-и «Роғун» ва инъикоси он ҳамчун нишони ваҳдату ормони миллӣ дар ВАО

Яке аз ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон расидан ба истиқлолияти энергетикӣ мебошад, ки пешрафти соҳаҳои дигар низ ба он вобастагии зиёд дорад. Барои амалӣ намудани ин ҳадаф бо истифода аз имконоти табиии кишвар Тоҷикистон ба сохтани неругоҳҳои барқи обӣ рӯ овардааст. Бунёди бузургтарин неругоҳи барқи обии «Роғун» барои таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар пурра мусоидат менамояд ва ин барои боло бурдани нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ метавонад таъсири амиқ гузорад.

НБО-и «Роғун» бузургтарин неругоҳ на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар минтақа ба ҳисоб рафта, дар натиҷаи пурра ба кор даромадани он «...имконоти Тоҷикистон доир ба истеҳсол ва содироти неруи арзони барқ ба маротиб боло меравад ва аз ин сарвати аз ҷиҳати экологӣ безарар дигар кишварҳои ҳамсоя низ метавонанд баҳравар гарданд. Аз ин хотир бунёди ин иншооти тақдирсоз ба нафъи кулли минтақа аст» [134, с. 13].

Сохтмони НБО-и «Роғун» ҳанӯз соли 1976 дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ оғоз ёфтааст, ки дар ин бора дар адабиёти илмиву соҳавӣ ва маводди воситаҳои ахбори омма маълумоти пурраву мукаммал мавҷуд мебошад. Аз ҷумла, рӯзноманигор К. Сафаров дар такя ба маълумотҳои ҳуҷҷатӣ, дар нигориши «Роғун», ки соли 2011 тавассути ТВ «Тоҷикистон» пахш гардидааст, оғози корҳои ин сохтмони азимро чунин ташреҳи таърихӣ намудааст: «Имкони дар мавзеи Роғун бунёд кардани неругоҳи барқи обӣ ҳанӯз ҳаштод сол муқаддам – соли 1932 дар харитаи захираҳои обиву энергетикии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, ишорат шуда буд. Ин мавзеъ давоми 40 сол объекти омӯзиши олимон ва пажуҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотӣ қарор гирифтааст. Дар натиҷаи таҳқиқот ва баррасии амиқ соли 1972 аввалин тарҳи Асосноксозии техникӣ-иқтисодии неругоҳи барқи обии «Роғун», ки аз тарафи шуъбаи дар Тошканд будаи

Институти тадкиқотии «Гидропроект»-и собиқ Иттиҳоди Шуравӣ таҳия мешуд, пурра омода гардид. Баъди муҳокима ва баррасии ҳамаҷонибаи намояндагони салоҳиятдори тамоми ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ин тарҳ маъкул дониста шуд ва моҳи июли соли 1972, чор моҳ қабл аз истифодаи аввалин агрегати Неругоҳи барқи обии Норак корҳои омодагӣ ба сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» шуруъ гардиданд» [279]. Бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла, пош хурдани ИҶШС, сохтмони ин неругоҳи бузург ба итмом нарасида, дар даврони ҷанги шаҳрвандӣ қисме аз корҳои иҷрошуда низ вайрону валангор гардиданд.

Баъди расидан ба истиқлоли комил ва сулҳи устувор дар оғози асри нав бо иқдоми Президенти мамлакат сохтмони иншооти мазкур дубора эҳё гардид. 26 сентябри соли 2005 сохтмони бузургтарин неругоҳи аср аз нав оғоз шуд. Дар ин раванд барои сохтмони он баъзе нофаҳмӣ ва монеаҳо аз ҷониби давлати ҳамсоя – Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба миён омаданд, аммо онҳо садди роҳи сохтмон шуда натавонистанд, зеро чунончи, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудааст: «Тоҷикистон ҳамеша манфиати кишварҳои минтақаро ба эътибор мегирад ва лоиҳаҳои мо бар хилофи ин манфиатҳо нест. Баръакс, бо татбиқи ин лоиҳаҳо на танҳо минтақаро метавон бо барқи арзон ва аз лиҳози экологӣ тоза таъмин намуд, балки шароити дастрасӣ ба обро беҳтар кард, зеро иншооти гидроэнергетикӣ ба кам шудани партови газҳо бо атмосфера мусоидат мекунад, ки комилан ба протоколи Копенгаген ҳамоҳанг аст» [186]. Гарчанде ба бунёди дубораи НБО-и «Роғун» кам одамон эътимод доштанд, аммо бо кӯшишу талоши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иттиҳоду сарҷамъии миллати тоҷик 16-уми ноябри соли 2018 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вазъияти тантанавӣ чархаи якум ва 9-уми сентябри соли 2019 чархаи дуюми Неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро ба кор даровард, ки саҳифаи нав дар таърихи давлатдории тоҷикон гардид.

Имрӯз дар ин неругоҳ корҳои сохтмонӣ бомаром идома дошта, Пешвои миллат мунтазам ва бевосита аз ҷараёни корҳо хабардор гардида, бо кормандони ин сохтмони азим суҳбату вохӯриҳои таккондиҳанда менамояд. Аз

раванди боздиду вохӯриҳои сарвари давлат ВАО-и дохиливу хориҷӣ пайваста иттилоъ пешниҳод мекунанд, ки сарчашмаи аксари онҳо сомонаи Хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, дар он матн ва расму наворҳоро низ дарёфт кардан мумкин аст. Аз ҷумла, вобаста ба ҳузури Президенти кишвар ба неругоҳ дар соли 2016 иттилоъ дода мешавад, ки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи боздид ҳамзамон аз биноҳои идораи дарвозаҳои таъмирӣ, асосӣ ва садамавии нақбҳои сохтмонии 1 ва 2, дарвозаҳои таъмирии нақби обқабулкунии муваққатӣ ва камераи васлгарии нақби обқабулкунии муваққатӣ дидан намуд.

Корҳои сохтмонӣ дар қубурҳои обпартои агрегатҳои 5 ва 6 бошад, бо ҷӯшу хурӯш идома дорад. Дар ин ҷо мутахассисони ватанӣ 70 дарсади корҳои нақбканиро ба итмом расонидаанд. Корҳои оҳану бетонӣ низ дар қитъаи сохтмонӣ вусъат меёбад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки таконбахши асосии сохтмони НБО-и «Роғун» Сарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Чунончи муҳаққиқ Н. Кучарова навиштааст: «Сарчашмаи ин мардонагӣ, шуҷоатмандӣ, диловарӣ, қаҳрамонӣ, ватандӯстӣ маҳз ба фаъолияти пурсамари сарвари давлатамон, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иртибот мегирад. Аз ҷумла, Президенти муҳтарами мо маҳорати басо хуби суханварӣ доранд, ки ҳар як суханашон ба кас илҳом ва неру мебахшад ва шунавандаро водор менамояд, ки ҳарчи зиёдтар пайи ободӣ ва ҳифзи Ватан бошад» [68, с. 267].

Дар воқеъ, Муроҷиати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба халқи тоҷик дар мавриди саҳмгузорӣ дар сохтмони тақдирсоз боиси иттиҳоду сарҷамъии дигарбораи тоҷикон дар иҷрои кори боварнокарданӣ гардид. Чунончи, пажуҳишгарон зикр мекунанд: «Муроҷиати Президенти мамлакат аз ҷониби мардум хуш пазируфта шуд ва ҷиҳати дастгирии сохтмони НБО-и «Роғун» аҳли ҷомеа бо харидории саҳмияҳо ба ҷараёни бардавоми корҳо саҳми муносиб гузоштанд» [111, с. 392]. Таҳлилҳои амиқ, далелҳои санҷидашуда, иродаи қавӣ ва назари нек ба ояндаи дурахшони кишвар дар муроҷиатномаи сарвари давлат

садо медод ва шаҳрвандонро бароиояндаи дурахшон гирди роҳбари давлат сарҷамъ намуд. Чунонки, муҳаққиқ М. Муродӣ қайд мекунад: «Аҳли қалами ҷумҳурӣ ин даъвати пурҳикмати Президенти кишварро бо камоли майл пазируфтанд. Аз ҷумла, рӯзноманигорон ба бунёди чунин иншоотҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онро ба ҷузъи таркибии мундариҷаи ВАО табдил доданд» [92, с. 31].

Дар барномаҳои таҳлили телевизионӣ низ Мурочиатномаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонро муҳимму саривақтӣ арзёбӣ менамуданд: «Дар корҳои таъмиру барқарорсозии иншооти мавҷудаи Неругоҳи барқи обии «Роғун» Мурочиатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми Тоҷикистон аз таърихи 5-уми январи соли 2010 ва ба фурӯш баровардани саҳмияҳои Неругоҳи барқи обии Роғун таҳаввулоти бузург ба амал овард. Ин ду падидаиояндасоз боиси он гардид, ки хурду бузурги Тоҷикистон аҳаммияти иншооти мазкурро амиқан дарк намуданд» [282].

Раванди сохтмони НБО-и «Роғун» тавассути воситаҳои ахбори оммаи дохиливу хориҷӣ пайваста инъикос гардида, дар робита ба он номи Тоҷикистон пайваста дар матбуоти даврӣ, радио, телевизион ва сомонаҳои иттилоотӣ намоён мегардад. Гарчанде мавзуи сохтмони «Роғун» дар ВАО аз солҳои 70-уми асри гузашта оғоз шуда бошанд, аммо маҳз дар давраи эҳёи сохтмони он таваҷҷуҳи воситаҳои ахбори омма ба ин неругоҳ бештар гардид. Чунончи муҳаққиқон навиштаанд: «Сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» аз калонтарин НБО дар олам маҳсуб ёфта, дар матбуоти даврӣ, адабиёт ва публитсистикаи тоҷик ҷойи махсус дорад. Инкишофи минбаъдаи на танҳо Тоҷикистон, балки кишварҳои минтақа аз бисёр ҷиҳат ба ин сохтмони азим вобаста аст. Аз ин рӯ, раванди бунёди онро инъикос кардан, мушкилоташро ба баррасӣ кашидан, кори шарафманди бунёдкоронро нишон додан, симои коргарон – пешоҳангонро офаридан вазифаи фахрӣ ва муҳимми на танҳо публитсистика, балки адабиёти имрӯзаи тоҷик маҳсуб меёбад» [90, с. 83].

Воқеан, доманаи инъикос ва тасвири корзори ин неругоҳ васеъ гардида, дар тамоми шаклҳои эҷод ва ВАО ба он таваҷҷуҳи хос зоҳир карда мешавад. Аз ҷумла, телевизион аз оғози солҳои 2000-ум ин мавзуъро дар маркази диққат гузошта, дар қолабу жанрҳои гуногун пайваста барномаву намоишҳо таҳия ва пешниҳоди бинандагон мекунад. Чунончи, соли 2005 вақте миёни Ширкати «Русский алюминий» («Русал»)-и Федератсияи Россия ва Тоҷикистон оид ба сохтмони НБО-и «Роғун» шартнома ба имзо расид ва бо вуҷуди он ки амалӣ нагардиду аз ҷониби Тоҷикистон шартнома яктарафа бекор карда шуд, аммо дар ин раванд бо ҳамдастии ширкати номбурда дар ТВ «Тоҷикистон» раванди сохтмон инъикос гардида, ширкати «Русал» дар он барномаҳо чун саҳмдори асосӣ муаррифӣ шудааст. Аз ҷумла, дар филми мустанади «Энергия будущего» [291] бахшида ба оғози сохтмони НБО-и «Роғун», ки бо истифода аз наворҳои бойгонӣ – таърихи бунёди иншооти гидроэнергетикӣ дар Тоҷикистон таҳия гардидааст. Ин филм бевосита бо ташаббуси ширкати «Русский алюминий» таҳия гардида, дар он на бунёди неругоҳи «Роғун», балки тарғиби ширкат ҳадафи асосӣ қарор гирифтааст.

Филми «Иншооти аср» низ бахшида ба оғози сохтмони НБО-и «Роғун» таҳия гардида, як навъ бозтоби филми «Энергия будущего» бо забони тоҷикӣ аст, аммо ҳаҷман аз он калонтар аст. Агар филми аввал 10 дақиқаю 45 сонияро ташкил диҳад, филми дуюм дар ҳаҷми 21 дақиқаю 50 сония таҳия гардидааст. Дар раванди ҷустуҷӯ ва омӯзиш доир ба сохтмони НБО-и «Роғун» чанд барнома ба мушоҳида расида бошад ҳам, аммо давраи пурҷӯшу хурӯши тарғиботу инъикоси раванди сохтмони НБО-и «Роғун» баъди бекор кардани шартнома бо ширкати «Руский алюминий» ва ташкили саҳмияҳо барои шаҳрвандони кишвар ва тоҷикони бурунмарзӣ аст. Дар ин давра «Роғун» чун ормони миллӣ, нишони ҳуввияти волои ватандорӣ, рамзи сарҷамъию иттиҳоди миллати куҳанбунёд муаррифӣ мегардад. Имрӯз «Роғун»-ро арсае медонанд, ки «... дар он ваҳдати миллӣ, дӯстиву рафоқат, далериву шуҷоат тавлид ва кафшер мешавад» [41, с. 221].

Баъди роҳандозии саҳмияҳо барои сохтмони НБО-и «Роғун» бо мақсади ҷалби доираи васеи шаҳрвандон барои харидории саҳмияҳо, ба хотири ба вуҷуд овардани афкори умум дар бораи ихтиёрӣ ва ҳамзамон зарурӣ будани хариди саҳмияҳо ТВ «Тоҷикистон» дар тамоми намоишу барномаҳои худ ин маасъаларо роҳандозӣ намудааст. Тамоми идораҳои телевизион дар қолабу жанрҳои гуногун: аз хабари кӯтоҳ то филмҳои ҳуҷҷатӣ, намоиш таҳия кардаанд. Аз ҷумла, барномаи таҳлилии «Бо номи ватан»-и Ш. Муҳаммадиев [263] аз раванди саҳмияхарии сокинони вилояти Хатлон таҳия гардидааст. Дар оғоз муаллифи барнома Ш. Муҳаммадиев аз раванди сохтмони НБО-и «Роғун», аҳаммияти он, саҳми сокинон дар раванди бунёди иншооти бузург сухан карда, дар тақвияти суханони худ андешаи устодони Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа (имрӯза Донишгоҳи давлатии Бохтар), ректор Т. А. Шукурзода, омӯзгорон С. Лолахонов, Р. Тағоймуродов ва кормандони прокуратураи вилояти Хатлонро истифода намудааст. Аз забони шаҳрвандони одӣ ва кормандони давлат садо додани чунин суханон: «Ба хотири ояндаи дурахшони Тоҷикистон саҳми худро дар сохтмон мегузорем», «Хариди саҳмия барои мо ифтихор аст, зеро ба он ояндаи кишвари мо вобаста мебошад», «Мо бовар дорем, ки бо иттиҳоду сарҷамъӣ аз уҳдаи бунёди сохтмони аср мебароем» [258], далели ҳамовозӣ ва саҳмгузории мардум дар бунёди НБО-и «Роғун» аст. Ин гуна тарғибот бинандагонро ба хариди саҳмия водор карда метавонад, аммо тарғиби аз ҳад зиёд ва ба ифрот расонидани мавзуъ боиси кам шудани дараҷаи таъсирнокии он мегардад.

Ш. Муҳаммадиев, ҳамчунин, дар барномаҳои дигаре, ки дар солҳои 2010-2011 доир ба сохтмони НБО-и «Роғун» таҳия гардидаанд, ба сифати муаллиф ва ровӣ баромад намудааст. Хондани шеърҳои ватандӯстона дар мавзуи «Роғун» бо садои марғуладори Ш. Муҳаммадиев таъсирнок аст, ки дар охири баъзе барномаҳо садо медоданд. Барномаи «Корномаи бузург» [268] ва «Ватани хеш чароғон бикунем» [269] , ки аз ҷониби М. Пиров ва О. Ҳомид таҳия гардидаанд, намунаи онҳо мебошанд. Ин барномаҳо барои мавзуи рӯзмарра гардидани

сохтмони НБО-и «Роғун» мусоидат намуда, дар муаррифии тоҷикон чун миллат иттиҳоду иттифоқ дар заминаи сохтмони бузурги аср ҳисобида мешаванд.

Айёме, ки дар Тоҷикистон бо азми қавӣ пайи сохтмони бузургтарини аср тамоми кӯшишҳо равона гардида, ВАО, махсусан, телевизион ба тарғибу ташвиқи ҳамаҷонибаи он кӯшиш мекард, баъзе давлатҳои ҳамсоя сохтмони мазкурро барои минтақа хатарнок арзёбӣ намуда, мехостанд садди роҳи сохтмони он шаванд ва тавассути сомонаҳои иттилоотӣ маводди ғаразноку беасос нашр менамуданд. Аз ҷумла, сомонаи «Народное слово»-и Ӯзбекистон зери сарлавҳаи «Сохтмони неругоҳи барқи обии Роғун нақзи дағалонаи қонунҳои байналмилалӣ аст» чунин навишта буд: «Яке аз масъалаҳои мубрами замони мо масъалаи истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист ва ҳифзи мувозинати экологӣ мебошад. Дар ин замина, сарфи назар аз арзёбии дурусти оқибатҳои экологӣ ва иҷтимоии сохтмони неругоҳи барқи обии Роғун дар Тоҷикистон, на танҳо мамлакатҳои минтақа, балки як қатор коршиносони байналхалқиро низ ба ташвиш андохт» [377].

Сомонаи «Правда Востока» бошад, ба санҷишҳои Бонки ҷаҳонӣ дар мавриди бехатарии сохтмони «Роғун» нигоҳи шубҳанок намуда, чунин навиштааст: «Бонки Ҷаҳонӣ барои гузаронидани ташхис 15 миллион доллар ҷудо кардааст ва аҷибаш, фармоишгар Тоҷикистон аст. Дар ин ҷо бояд ёдовар шуд, ки сарпарасти асосии пажуҳиши мушкили кӯли Сарез низ Бонки Ҷаҳонӣ буд. Дар Тоҷикистон барои гузарондани таҳқиқоти маҷмуии Сарез мутахассисони соҳибихтисос нестанд. ... Натиҷаи кори шашсола тамоман барбод рафтани лоиҳаи Бонки умумиҷаҳонист. Маблағ сарф шуд, аммо бо он ягон таҳқиқот гузаронида нашуд» [423]. Дар ҳамин сомона ба навиштаҳои ҳамсони дигаре дучор шудем: «Бори дигар дар бораи дурнамои татбиқи лоиҳаи НБО-и «Роғун» («Еще раз о перспективах реализации проекта Рогунской ГЭС») [311], «Захираҳои обро ба манфиати мардум, бе зарар ба табиат истифода баред» («Использовать водные ресурсы во благо людей, без ущерба природе»)

[319]. Баъдан бо тағйир ёфтани муносибатҳо миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон чунин мавод аз сомона тоза карда шудаанд.

Дар баробари ин сомонаҳои дигари Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ ба ҳуҷумҳои иттилоотӣ гузаштаанд. Аз ҷумла, ИА «Жахон» [3878]. Албатта, дар ин мубориза ҷониби Тоҷикистон ҳам хомӯш наистода, бо далелҳои қатъӣ собит намуданд, ки лоиҳаи «Роғун» на танҳо аз нигоҳи экологӣ бехатар аст, балки ба манфиати Тоҷикистон ва минтақа мебошад. Ин буд, ки бештари давлатҳои минтақа сиёсати энергетикии Тоҷикистонро ҷонибдорӣ карданд. Аз ҷумла, дар Шурои коршиносони миллии давлатҳои ИДМ, ки дар шаҳри Алмаато бо ташаббуси СММ баргузор гардид, намояндаи Қазоқистон аз сиёсати энергетикии Тоҷикистон пуштибонӣ намуд. Дар ин бора «Азия-Плюс»чунин овардааст: «Бино ба иттилои вазорати энержӣ ва саноеъи ҶТ, дар ин нишаст раиси иттиҳодияи энергетикҳои Қазоқистон Герман Трофимов аз ҷумла, гуфт, ки 65 дарсади манобеи оби минтақа дар Тоҷикистон тавлид мешавад ва таъкид кардааст, ки худи ҷумҳурӣ ҳамагӣ 5 дарсади ин ҳаҷмро истифода мекунад. Вай гуфт, ки Тоҷикистон дар ҳоли ҳозир дар роҳи рушди энержии худ бо фишори ҳамсоягонаш рӯбарӯ аст.

...Дар ин робита раиси иттиҳодияи энергетикҳои Қазоқистон аз кишварҳои Осиёи Марказӣ даъват кард, ки сиёсати энержии пешгирифтаи раҳбарияти Тоҷикистонро дастгирӣ кунанд» [295] .

ТВ «Тоҷикистон» дар ҳамин давра бо таҳияи барномаву филмҳои таҳлилӣ муқобили ҳуҷумҳо истодагарӣ карда тавонист. Яке аз филмҳое, ки дар он зарурат ва аҳаммияти бунёди НБО-и «Роғун» бо далел ва собитсозиҳо инъикос ёфтааст, «Истиқлолият ва энерегетика» мебошад, ки ба 20-солагии Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Таҳиягарони филм котиби матбуотии Вазорати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рӯзноманигор З. Каримов мебошанд. Дар ин филм аз таърихи иншооти гидроэнергетии Тоҷикистон сухан рафта, дар мавриди бехатарӣ ва безарарии «Роғун» нуктаҳои хос зикр шудааст. Аз ҷумла: «Ҳанӯз соли 1989 мутахассисон ҳисоб карда буданд, ки ҳар як

киловатт неруи барқ, ки дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» истеҳсол мешавад, нисбат ба барқи дар истгоҳҳои гармӣ истеҳсолшаванда то 15-20 маротиба арзон аст. Инчунин, барқи обӣ ба муҳит низ зарар намерасонад, дар ҳолате ки барои ҳар киловатт барқи дар истгоҳҳои гармӣ истеҳсолшуда ба атмосфера то 250-300 грамм гази ангидриди карбон хориҷ мешавад» [253].

Таҳиягарони филм дар тақвияти шарҳу тавзеҳи худ, ба коршиносон рӯ оварда, андешаи онҳоро иқтибос кардаанд, ки ба қолибсозии сужаҳои филм ва пурмазмун шудани ғояи он таъсир гузоштааст. Барномаи мазкур баёнгари он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтани неругоҳҳои барқи обӣ таҷриба андӯхта, дар роҳи расидан ба истиқлоли энергетикӣ камари ҳиммат бастааст.

Дар барномаи муаллифии Абдулваҳҳоби Абдусаттор – «Нурофар» андешаи коршиносони саршиноси хориҷӣ бамаврид ва бо маҳорати хос истифода гардидааст. Масалан, суханони С. Стивенсон, ки дар раванди нофаҳмиҳо ва муборизаҳо ҷонибдори асосии сохтмони НБО-и «Роғун» будааст, дар барнома бо истифода аз эффекти компютерӣ бо титр навишта шудааст, ки мехонем. «Ин сохтмон бехатар буда, барои минтақа бисёр фоидаовар мебошад. Сарбанди Роғун аз сарбанди ба он айнан монанди Норак, ки дар даврони Шуравӣ бо ҳамин қадар баландӣ ва дар дарёи Вахш сохта шуда буд, фарқе надорад. Норак низ зиёда аз 300 метр баландӣ дошта, обанборро, ки 70 километр дарозӣ дорад, мустаҳкам нигоҳ медорад. Аммо ин сарбанди аз хок ва тахтасангҳо сохташуда дар давоми 40 сол садҳо заминларзаҳоро ба шарофати сохти тобовараш паси сар намудааст» [235]. Истифодаи чунин суханон аз ҷониби коршиноси хориҷӣ, ки муносибати холисона дорад, барои ташаккули имиҷи Тоҷикистон ҳамчун кишвари истеҳсолкунанда ва интиқолдиҳандаи неруи сабз заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Силсилабарномаи телевизионии «Набзи Роғун», дар заминаи омӯзиши маводди расонаҳои иттилоотии давлатҳои ҳамсоя ва истифодаи далелҳои раднашаванда, бо риоя аз одоби журналистӣ ва дипломатияи сиёсӣ таҳия гардида, эътимоди бинандаро ба бехатар будани лоиҳаи сохтмони НБО-и

«Роғун» мутмаин мегардонанд. Дар баробари ин шарҳу тавзеҳҳои муаллифи барнома Комрон Сафаров молики ҷанбаи қавӣ ва гуфтори мантиқӣ аст. Чунончи, «Раванди ташхиси байналмилалӣ таҳти сарпарастӣ ва назорати бевоситаи Бонки Ҷаҳонӣ бо иштироки кишварҳои манфиатдору ҳамсарҳад комилан шаффофу асоснок, бидуни додани тобишҳои сиёсӣ ба ин масъала ва ҷидду ҷаҳди ҳамаҷонибаи гурӯҳҳои коршиносони варзида комилан дар асоси меъёрҳои таҳқиқоти Асосноккунии техникӣ – иқтисодӣ ва баҳодиҳии таъсири экологиву иҷтимоӣ анҷом пазируфт. Холисона будани натиҷаҳои ташхиси чандсолаи тахассусиро ғайр аз корҳои ҳаҷман бузурги аз ҷониби мутахассисони байналмилалӣ бо истифодаи технологияҳои замонавӣ анҷомдода, инчунин, куллан бо хулосаҳои лоиҳаи НБО-и «Роғун», ки дар замони Шуравӣ таҳия шудаанд, мутобиқат кардани натиҷаҳои ташхис тасдиқ менамояд» [279]. Нақши муаллиф дар таҳияи барномаву филмҳои мустанади телевизионӣ дар бораи сохтмони НБО-и «Роғун» намоён буда, бо услуби хосси таҳияи барнома, истифодаи сатрҳо бо садои ҳуруфчинӣ, аниматсия, графикаи маълумотӣ, суханони таъсирбахши ватандӯстона, интихоби мусиқии мувофиқ ва, муҳимтар аз ҳама, далелҳои сареҳу санҷидашуда фарқ мекунад. Чунончи, муҳаққиқ Ҷ. Муқим қайд намудааст, истифодаи чунин усулҳо барномаро ҷолиб мегардонанд: «Дар барномаҳои телевизионӣ истифода кардани унсурҳои мултимедиавӣ, аз қабили инфографика, слайдшоу ва аниматсия таваҷҷуҳи тамошобинонро бештар ҷалб мекунад, ва аз ҷониби дигар, дарки мавзуъҳои мушкилфаҳмро осон менамояд» [83, с. 11].

Дар барномаи «Роғуни бузург» на танҳо ба таърихи сохтмони «Роғун» махсусан, натиҷаи санҷиш ва қарорҳо доир ба бехатарии сохтмони он дар минтақа, балки доир ба манфиати он ба иқтисоди Тоҷикистон ва давлатҳои ҳамсоя иттилоот дода шудааст. Муаллиф ба ҳайси ровӣ, бо шарҳу тавзеҳи воқеияти ҳол, маънидоди зарурат ва аҳаммияти бунёди ин иншооти азими аср ҳувияти миллии ҳар бинандаро бедор намуда, барои саҳмгузорӣ дар ин сохтмон водор мекунад. Ба далели фикр: «Ин неругоҳро тамоми халқи тоҷик месозад, на

сарватмандону на ширкатҳои хусусӣ. Ин сохтмони халқист. Деҳотиёни гӯшаҳои дуртарини кишвар як-ду, ҳатто то даҳ саҳмия доранд, ки онҳоро соҳибмулки неругоҳ мекунад. Ин кори умумии деринтизор аст, ки дороюю камбағал, пиру ҷавон, эътиқодманду беэътиқодро муттаҳид кардааст. Ин заҳмати ояндасоз мебошад, ки дар он халқ беҳбудии худ ва амалишавии ормонҳои созандаашро мебинад» [279].

Ҳамзамон, чунин оҳанги баён дар муаррифии тоҷикон чун миллати сарҷамъу иттиҳод мусоидат намуда, Тоҷикистонро бо роҳбарии Президенти кишвар чун давлати устувор ваояндабин мешиносонад. Қобилияти дарки хуби сиёсӣ ва таҳлилгарии К. Сафаров боис гардида, ки ӯ дар марҳилаҳои муборизаҳои иттилоотии муқобили «Роғун» дар баробари вазифаҳои сармуҳаррири идораи сиёсӣ ва муовинии директори ТВ «Тоҷикистон»-ро ба уҳда доштан, бо масъулият бештар ба ин масъала рӯ биёрад. Видеофилми мустанади «Боргоҳи нур» таҳияи дигари К. Сафаров аст, ки бо усули хосса таҳия шудааст. Чунончи, ҳангоми гузариш ба мавзуъ дигар муаллифон одатан аз кулоҳи барнома истифода мекунанд, аммо К. Сафаров ба ҳар бахши филм сарлавҳа гузошта, навиштаро дар навор ба тариқи ҳуруфчинӣ намо медиҳад ва бо садои пасинаворӣ қироат мекунад. Барнома аз қисматҳои зерин иборат буд: «Толори мошинҳо ва бинои трансформаторҳо», «Бинои круэ ва системаи элегазӣ», «Нақбҳои нақлиётӣ», «Пешдарғоти неругоҳи барқи обии «Роғун». Дар барнома нуктаҳои вижаи мусоидаткунанда ба оромии ҷомеа бештар садо медиҳад, зеро «..дар давоми зиёда аз ду даҳсола, сарфи назар аз фаровонии захираҳои об дар аксар шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ дар фасли зимистон нарасидани қувваи барқ мушоҳида мешавад» [268]. Журналист бо ин васила фаҳмонидан хостааст, ки камбудии асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фасли зимистон бо сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» бартараф хоҳад шуд: «Таҳлилҳои анҷомдодаи коршиносон исбот кард, ки Тоҷикистон дар мавсими сармо ба шаш-ҳафт миллиард кВт соат қувваи барқи иловагӣ ниёз дорад. Ин норасоӣ дар ҳоле бартараф карда мешавад, ки Неругоҳи барқи обии «Роғун» сохта ба

истифода дода шавад» [277]. Норасоии қувваи барқ дар фасли сармо мавзуи доғест, ки ба обрӯйи кишвар то ҳадде рахна мезанад, фаҳмонидани сабабҳои асосии ин норасоӣ ва пешбинии роҳҳои ҳалли он дар барномаҳои телевизионӣ баёнгари он аст, ки проблемаи мазкур мадди назари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои ҳалли он талошҳо мекунад. Гузашти солҳо собит намуд, ки ин талошҳо барабас нарафта, балки зина ба зина давлат ба истиқлоли энергетикӣ наздик мешавад.

Силсилабарномаҳое, ки аудиторияи худро ёфтаанд, дар нашрҳои алоҳида ба сохтмони НБО-и «Роғун» равшанӣ андохтаанд. Ҳамчунин, муаллифони барномаҳое, ки бо вижагии хоссаи пешниҳоди барномаҳо маъруф гардидаанд, пайваста ба масъала «Роғун» рӯ овардаанд. Чунончи, барномаи «Номуси ватандорӣ» [250] ва «Сарнавишт»-и Сайрам Бақозода [251]. Дар нашри барномаи «Номуси ватандорӣ», ки ба НБО-и «Роғун» бахшида шудааст, муаллиф аз сухани мусоҳибон, наворҳои хазина, суханони пасинавориву иштироки худ дар навор моҳирона истифода намудааст. Муҳтавои барномаро дурнамои сохтмони НБО-и «Роғун» ва манфиати он ба Тоҷикистон ташкил медиҳад. Барномаи «Сарнавишт» низ пайгири ин мавзуъ буда, дар шакли суҳбат сурат гирифтааст. Мусоҳиб доктори илмҳои фалсафа А. Шамолов аз чанд паҳлу ба масъала равшанӣ андохта, атрофи он дар муддати 18 дақиқа суҳбат мекунад. Аз ҷумла, аҳаммияти бунёди «Роғун»-ро ба иқтисоди Тоҷикистон ва минтақа бо далелҳо ироз дошта, бо ифтихор аз иттиҳоду сарҷамъӣ ва ҳувияти миллии тоҷикон ҳарф мезанад.

Барномаҳои мазкур дар ташаккули афкори омма доир ба аҳаммияти иттиҳоду сарҷамъӣ ва тавоноии миллати тоҷик мусоидат карда, аз чанд ҷониб барои сохтмони НБО-и «Роғун», ки муаррифгари кишвари мо гардидааст, кумаки ғоявӣ расонида метавонад.

То имрӯз таҳияи ин гуна барномаҳо идома ёфта, набзи «Роғун» пайваста мушоҳидаву омӯзиш шуда, инъикос мегардад. Яке аз журналистоне, ки дар инъикоси тамоми ҷузъиёти раванди сохтмони НБО-и «Роғун» саҳмгузор аст,

Мираҳмади Амиршоҳӣ мебошад. Барномаҳои «Роғун», «Об оташ мешавад», «Роғун шарафу сари баланди тоҷик», «Роҳи нур», «Набзи Роғун», «Наврӯзи Роғун», «Роғун чароғи дилҳо», «Қуллаи мурод», «Манбаи нур», «Бузургмайдони миллатзо», «Дар диёри орзу», «Ба истиқболи нур», «Бо хишти ҷони худ месозамат Роғун», «Пешбанд», ки тули солҳои 2010-2024 таҳия ва пахш гардидаанд, маҳсули кори Мираҳмади Амиршоҳӣ – корманди хадамоти матбуотии НБО «Роғун» мебошанд. Номбурда, тули солҳост, ки барои барномаҳои иттилоотӣ низ аз раванди сохтмони неругоҳ хабару гузоришҳо таҳия мекунад. «Набзи Роғун» барномаи доимиест, ки имрӯзҳо аз ҷониби М. Амиршоҳӣ пайваста таҳия мегардад. Ин барнома бештар бо истифода аз наворҳо ва садои табиии бидуни мусиқӣ ва шарҳу тавзеҳи пасинаворӣ таҳия гардида, раванди сохтмони неругоҳро дар ҳолати муқаррарӣ-табиӣ инъикос мекунад. Ин ҷо барои тақвияти фикр бахшеро, ки 12-уми феврали соли 2017-ум таҳия гардидааст, баррасӣ менамоем. Дар навор кӯҳҳои атрофи сохтмон, ки пурра барфпӯш шудаанд ва яххои овезони паҳлуҳои бино бидуни шарҳ нишон дода мешавад, сипас, фаъолияти бомароми сохтмончиён дар сардии зимистон намудор мегардад. Бо садои табиӣ (интершум) манзараҳои корӣ нишон дода мешаванд. Ҳамин тариқ, дар поёни барнома журналист дар навор падид омада, чунин мегӯяд: «Ин заҳматҳои шабонарӯзӣ нишонаи он аст, ки супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бе ягон шакку шубҳа дар вақти муайян иҷро мешавад ва моҳи октябри соли 2018 мо шоҳид мегардем, ки чархи аввали неругоҳ ба гардиш медарояд ва ба ҳар хонаи тоҷику тоҷикистонӣ нуру гармӣ ато мекунад...» Барномаи мазкур махсус дар рӯзи истироҳатӣ таҳия гардида, ҳадаф нишон додани корзори босамару бомароми кормандони «Роғун» мебошад, ки ба ин васила журналист хостааст азму иродаи миллати тоҷикро иброз намояд.

Дар аксари барномаву филмҳо иштироки бевоситаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ин сохтмон инъикос гардидааст. Махсусан, бо дастони худ бардоштани масолеҳи сохтмонӣ, кафшергарӣ ва хосса бевосита савори

булдозер шудану тули якуним соат рондани он ва бастани роҳи дарёи Вахш ба барномаҳо ҳусну шаҳомати хосса бахшида, руҳияи тарғиботиашонро пуртаъсир гардонидааст. Ин усул имкон додааст, ки симои Роҳбари тоҷикон ба ҷаҳониён чун роҳбари меҳнатқарин ва Президенти мардумӣ намоён гардад, ки дар боло бурдани нуфузи кишвар низ бетаъсир намемонад.

Аз чунин амалҳои ҷавонмардонаи Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва шукӯҳу шаҳомати НБО-и «Роғун» на танҳо ТВ «Тоҷикистон», балки расонаҳои дохилу хориҷ бо ҳавсалаи том нақл намуда, сохтмони асрро бо таасуроти амиқ дар ВАО инъикос мекунанд. Махсусан, шахсан рондани булдозер ва бастани маҷрои дарёи Вахш аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи ҷаҳониёнро ҷалб намуда буд. Аз ҷумла, ТВ «Мир» зери сарлавҳаи «Свет для всех! Рогунская ГЭС – стройка века» чунин навиштааст: «Соли 2016 Раисиҷумҳури Тоҷикистон шахсан дар паси чамбараки булдозер нишаста, ба маҷрои дарёи Вахш шағал рехт. Вай ба сохтмони сарбанд хамин тавр шуруъ намуд. Скептикҳо иддао карданд, ки Тоҷикистон барои иҷрои ин тарҳи бузург на пул дораду на мутахассис, аммо имконот пайдо шудаанд. Дар соли 2010 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсан ба мардум муроҷиат карда, онҳоро ба харидани саҳмияҳо ва кумак ба сохтмон даъват карда буд. Аз буҷаи давлатӣ мунтазам пул ҷудо карда мешуд. Дар охир 24 миллиард сомонӣ лозим буд – ин каме бештар аз 2,5 миллиард доллар аст» [376]. Дар маводди дигар зери сарлавҳаи пурсадо – «Таджикистан вписал Рогунскую ГЭС в историю» раванди инъикоси воқеаи таърихӣ – ба истифода додани агрегати «Роғун»-ро дар телевизион чунин тасвир намудааст: «Дар зали мошинсозӣ ғайр аз бинокорону инженерон меҳмонони хориҷӣ ҳозир буданд. Президенти кишвар тугмаи рамзиро пахш мекунад. Баъди пурра ба кор андохта шудани стансияи электрикии обӣ калонтарин стансияи электрикии Осиёи Миёна мегардад.» Ногуфта намонад, ки аксари маводҳои сомонаи «Мир» дар шабакаи телевизионии «Мир» низ дар формати видеоӣ пахш мегардад. Ин гузориш низ истисно нест. Бо чунин сарлавҳа ва суханон пешниҳод намудани мавод дар

сомона ва шабакаи телевизионии байнидавлатӣ барои шаклгирии имиҷи мусбати Тоҷикистони соҳибистиқлол таъсири амиқ гузошта метавонад.

Сомонаи оҷонсии иттилоотии «Спутник» низ баъзан дар бораи «Роғун» маводди муаррификунанда нашр мекунад. Ба хотири тасвири объективӣ вонамуд кардани навишта, бештар аз коршиносон иқтибос меоварад. Масалан, гуфтаи поён низ иқтибос аст: «Ин неругоҳ, дар баробари истеҳсоли неруи барқи «сабз» ва дастрас, инчунин, дар идораи устувори захираҳои об, коҳиш додани хавфи селу обхезӣ, хушксолӣ ва кам кардани партови газҳои гулхонаӣ ба атмосфера саҳми муносиб хоҳад дошт», - қайд кард кишвардори Тоҷикистон». Тавассути иқтибосҳо ҷонибдории худро низ иброз мекунад, зеро, агар журналист нахоҳад, аз суханони ба андешааш муқобил худдорӣ мекунад ва ё дар идомаи мавод онро инкор менамояд. Аммо дар сомона ин амал мушоҳида намешавад.

Баъди пурра исбот гардидани бехатарии сохтмони НБО-и «Роғун», балки ба манфиати минтақа будани сохтмони он воситаҳои ахбори оммаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ назари худро дар бораи ин сохтмони азим тағйир дода, мисли ҳама давлатҳои ҷонибдор барои қисман ба кор даромадани он мактубҳои расмии табрикотӣ низ дар ВАО чоп намудааст. Муҳаққиқ Р. Маҷидзода ба он назар аст, ки «Мубодилаи паёмҳои сарони ҳарду ҳукумат мавқеи устувори Тоҷикистонро дар азми комил ба анҷом расонидани сохтмони неругоҳи барқи обии Роғун равшан тасдиқ кард» [75]. Дар натиҷа азми устувори Тоҷикистон эътироф шуда, мактубҳои табрикотӣ ворид шуданд. Аз ҷумла, сомонаи https://www.gazeta.uz зери сарлавҳаи «Нурдинҷон Исмоилов Эмомалӣ Раҳмонро ба муносибати оғози кори Неругоҳи барқи обии Роғун табрик гуфт» («Нурдинжон Исмоилов поздравил Эмомали Рахмона с запуском Рогунской ГЭС») [345] аз табрикоти сухангӯйи палатаи Қонунбарори Ӯзбекистон ба муносибати ба кор даромадани нахустин агрегати НБО «Роғун» хабар медиҳад. Дар он суханони Н. Исмоилов айнан иқтибос шудаанд: «Ин рӯйдод дар таърихи навини Тоҷикистон сабт хоҳад шуд ва иҷрои ин тарҳ на танҳо барои мардуми

Тоҷикистон, балки барои мардуми тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ муҳим аст...» [3451] Аз ин бармеояд, ки азми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди сохтмони НБО-и «Роғун» қобили қабули давлатҳои дуру наздик буда, ба итмом расидани сохтмон Тоҷикистонро чун давлати истеҳсолкунандаи неруи сабз муаррифӣ мекунад.

Дар натиҷаи таҳқиқу омӯзиши инъикоси раванди сулҳофарии тоҷикон, ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон ва бунёди сохтмони НБО-и «Роғун» дар телевизион ва сомонаҳои интернетӣ ба чунин натиҷаву хулосаҳо расидем:

1. Фаъолияти телевизиони Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри гузашта, махсусан, нақши он дар раванди сулҳи тоҷикон ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст, гарчанде фаъолияти ин солҳо аз чанд ҷониб мавқеъ ва саҳми телевизионро дар равандҳои сиёсӣ майян карда метавонад.

2. Мавзуи асосии барномаҳои телевизионии Тоҷикистон дар 10-солаи аввали Истиқлоли давлатӣ даъват ба иттиҳоду сарҷамъӣ ва роҳи расидан ба сулҳ буда, сипас низ тарғибу ташвиқи он идома меёбад. ВАО, махсусан телевизион дар инъикоси раванди сулҳофарӣ ва ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаи сулҳи тоҷикон, дар фташаккули имиҷи сулҳофарии Эмомалӣ Раҳмон нақши намоён гузоштаанд.

3. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сафарҳои корӣ пайваста журналистони дохилӣ ва хориҷиро ҳамроҳ мегирифт, то ҷомеаи ҷаҳониро аз раванди сулҳи тоҷикон огоҳ намояд. Дар ин баробар роҳбари Хадамоти матбуотии Президенти Тоҷикистон пайваста мардумро аз раванди корҳо дар самти сулҳофарӣ ва мақсади сафарҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кишварҳои хориҷ иттилоъ медод, ки ин эътимоди ҷомеаи ҷаҳониро баояндаи дурахшони давлат афзун мекард.

4. Дар даҳсолаи аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ бештар ба масъалаи ҷанг ва баъдан, роҳи расидан ба сулҳи тоҷикон таваҷҷуҳ менамуданд, аммо баъди солҳои 2000-ум таваҷҷуҳи ВАО-и

хориҷиро ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон бештар ҷалб кард. Тадриҷан, имиҷи давлати ташаббускор шакл гирифт.

5. Ташаббусҳои пайдарпайи Тоҷикистон дар мавриди оби ошомиданӣ, ки беш аз ду даҳсола идома дорад, хоставу нохоста дар воситаҳои ахбори оммаи ҷаҳон тазаккур меёбад. Ҷамъомадҳои пуршукӯҳи гуногунсатҳ, ки дар мавзуи об дар Тоҷикистон баргузор гардиданд, на танҳо кишвари моро чун манбаи оби нӯшокии фаровон маъруф кард, балки ҳамчунин, аҳли олам ин сиёсатро эътироф кардаву пазируфт. Тоҷикистон имиҷи кишвари соҳибобро пайдо кард.

6. Аз таҳқиқ маълум гардид, ки ТВ «Тоҷикистон», дар инъикос раванди сохтмони «Роғун» саҳми назаррас дошта, муаррифсозандаи Тоҷикистон чун давлати истеҳсолкунандаи неруи барқ ва миллати сарҷамъу устувор мебошад.

7. Дар муборизаҳои иттилоотӣ вобаста ба сохтмони НБО-и «Роғун» ТВ «Тоҷикистон» фаъолона ширкат варзида, бо риояи тамоми меъёрҳои журналистӣ, далелҳои воқеӣ барномаву намоишҳо таҳия намуда, тавонист аҳаммият ва зарурати сохтмони НБО-и «Роғун»-ро ба дарки омма расонад.

8. Сохтмони НБО-и «Роғун» яке аз мавзуъҳои асосиест, ки боиси ҳар чи бештар корбаст шудани номи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расонаҳо мегардад. Бештари ин маводдҳо ҷанбаву характери мусбат дошта, симои Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ чун давлати истеҳсолкунандаи энергияи сабз, миллати тоҷикро чун миллати муттаҳиду қавиирода ва Пешвои миллатро чун роҳбари бунёдкор муаррифӣ мекунад.

# БОБИ IV
# РАВАНДИ ТАШАККУЛИ ИМИҶИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТЕЛЕВИЗИОН ВА СОМОНАҲОИ ИНТЕРНЕТӢ

## 4.1. Инъикос ва баррасии сиёсати давлатии Тоҷикистон дар барномаҳои телевизион

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди расидан ба сулҳи воқеӣ ва суботи сиёсӣ ба шаклгирии имиҷи давлат таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуд. Рушди соҳаи телевизион ва зиёд кардани теъдоди шабакаҳои телевизионӣ, аз як ҷониб, муқовимат ва истодагарӣ дар муқобили иттилои муғризона бошад, аз паҳлуи дигар, яке аз василаҳои имиҷсозӣ ба ҳисоб меравад. Тавассути як телевизиони сартосарӣ имиҷи кишварро ташаккул додан ғайриимкон аст. Ба ин манзур, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми 20 соли охир таъсиси шабакаҳои телевизионии соҳавиро ба роҳ монд. Муҳаққиқи соҳа С. Гулов дар таҳқиқоти худ оид ба журналистикаи даврони соҳибистиқлолӣ ба ин нукта ишора намуда, чунин менависад: «Имрӯз шабакаҳои ҷумҳуриявии телевизионӣ – «Тоҷикистон», «Сафина», «Ҷаҳоннамо», «Синамо», «Варзиш», «Футбол» ва ТМТ «Шаҳнавоз», дар тамоми вилоятҳои кишварамон телевизионҳои минтақавӣ ба мазмуну муҳтавои гуногун фаъолият доранд. Ин телевизионҳо сиёсиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ, соҳавӣ, кӯдакона, варзишӣ, мусиқӣ мебошанд. Телевизионҳои минтақавию ноҳиявӣ ва шаҳрии ғайриҳукуматӣ, аз ҷумла, «СМ-1», «Азия», «Гули бодом», «ТВ Регар», «СМТ» ва ғайра таъсис ёфтаву фаъолият доранд» [40, с. 17]. Муҳаққиқ Гулов С. ба он назар аст, ки «Ин расонаҳо барои боз ҳам комилтару рангоранг гардидани фазои иттилоотии кишвар дар руҳияи тоҷикият, худшиносию худогоҳӣ, зебоипарастӣ тарбия намудани насли наврас, боло бурдани маърифати ҷомеа, дастрасии бештари мардуми Тоҷикистон ба иттилои зарурӣ мусоидат менамоянд» [40, с. 17]. Гарчанде ин шабакаҳои телевизионӣ тавонистаанд то ҳадде фазои иттилоотии

кишварро пурра намоянд, аммо на ҳамаи онҳо қудрат ва имкони саҳм гирифтан дар шаклгирии имиҷи мусбати Тоҷикистон доранд. Аз ин рӯ, дар ин бахши пажуҳиш танҳо ба он шабакаҳои телевизионие рӯ овардем, ки дар самти имиҷсозӣ имкон ва нақши нисбатан намоён доранд.

ТВ «Тоҷикистон» то солҳои 2003-юм дар кишвари мо ягона телевизиони сартосарие буд, ки наздики 50 сол фазои иттилоотии кишварро дар ихтиёр дошт ва тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеа: сиёсат, иҷтимоъ, иқтисод ва фарҳангро инъикос менамуд. Аз таҳқиқоти олимони соҳа маълум мегардад, ки телевизиони номбурда нисбат ба имрӯз дар 40 соли аввали фаъолияташ аз уҳдаи ҳадафҳои дарпешгузошта ба хубӣ мебаромад ва аудиторияи доимии худро дошт. Баъди таъсиси шабакаҳои телевизионии гуногунсамт дар ҷумҳурӣ ТВ «Тоҷикистон» фаъолиятро пурра дар самти мушаххас – тарғиби сиёсати ҳукумат равона намуд. Ҳарчанд дар тамоми давраи фаъолияташ тарғиби сиёсати ҳукумат ҳадафи аслии ин телевизион буд, аммо имрӯзҳо он дар самти шаклдиҳии имиҷи сиёсӣ кӯшиши бештар менамояд.

Гарчанде солҳои охир фаъолияти ТВ «Тоҷикистон» танқиди зиёд мешавад, аммо мавқеи худро устувор нигоҳ дошта истодааст. Муҳаққиқ З. Эшматов дар заминаи омӯзиши таърихи шабакаи телевизионии мазкур ба чунин хулосае омадааст, ки: расидааст: «Дар роҳи бунёди телевизиони воқеии миллӣ монеаҳои зиёде аз байн рафтаанд, вале дар телевизиони Тоҷикистон ҳанӯз ҳам мушкилиҳо зиёданд. Пеш аз ҳама, усулу равишҳои инъикоси мавзуъҳои воқеии мушкилӣ ба талаботи журналистикаи касбӣ ҷавобгӯ нест. Дар конференсияу семинарҳои илмии мухталиф вазъи телевизиони тоҷик мавриди таҳлилу интиқод қарор гирифта, роҳу усулҳои такмили фаъолияти муҳаққиқон, ки дорои малакаю маҳорати мувофиқ, донишҳои бунёдӣ ва дигар сифатҳоест, ки онҳо бояд дошта бошанд, пешниҳод карда мешаванд. Инчунин, аксар вақт, барномаҳо ба ҷадвали барнома дохил карда мешаванд, ки расмиёти муайяни ҳатмиро нагузаштаанд. Борҳо таъкид шудааст, ки матнҳоро рӯзноманигорони

бесавод мехонанд ва ба хатоҳои зиёди грамматикӣ ва фонетикӣ роҳ медиҳанд» [23, с. 149].

Бартарии асосии ТВ «Тоҷикистон» он аст, ки кормандони эҷодии он дар баррасии ин ё он масъала аз неруи мутахассисону коршиносон истифода намуда, барнома ва филмҳои таҳиянамудаи худро бо далелҳои раднашаванда ва таъсиргузор асоснок менамоянд. Дар самти таҳияи барномаҳои таҳлилӣ-сиёсӣ кормандони ТВ «Тоҷикистон» таҷрибаи ғанӣ дорад. Ҳадафи аслии барномаҳои ин шабакаи телевизионӣ нишон додани дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол, муносибатҳои байналмилалии кишвар, фаъолияти роҳбари давлат, парламент, ҳокимияти судӣ ва ҳокимияти иҷроия мебошанд. То солҳои 2003-юм, яъне то замони таъсиси дигар шабакаҳои телевизионӣ ТВ «Тоҷикистон» инъикосгари тамоми самтҳои ҳаёт буд, сипас, бевосита ба масъалаҳои сиёсӣ рӯ овардааст. Барномаҳои «Меҳвари иттилоот» (муаллиф ва баранда К. Сафаров), «Соҳибватан» (муаллиф ва баранда Д. Сафаров), «Рукни чорум» (муаллиф ва баранда С. Шамсиддинов, гоҳе аз ҷониби журналистон К. Сафаров ва К. Холов таҳия мегардид), «Президенти мардумӣ» (муаллиф ва баранда С. Бақоева), «Дидгоҳ» (муаллиф ва баранда А. Камолов) аз зумраи барномаҳои таҳлиливу сиёсие мебошанд, ки аввали солҳои 2000-ум таҳия ва пешниҳод гардидаанд. Дар ин барномаҳо бештар коршиносоне даъват шудаанд, ки суханашон дар ҷомеа таъсиргузор будааст. Аз ҷумла, Сухроб Шарипов, Шермуҳаммад Шоҳиён, Зариф Ализода, Маҳмад Раҳимов, Худойбердӣ Холиқназаров, Шерхон Салимзода, Маҳмадшо Илолов, Бахтовар Сафарзода, Исмоил Талбаков, Аскар Ҳаким, Камол Насрулло, Абдулҳамид Самад, Қурбон Восеъ, Саидмуҳаммад Одинаев, Тоҷинисо Маҳмадова ва дигарон.

Ишитрокчиён ва қаҳрамонони барнома дар мавриди дастовардҳои Тоҷикистон, муборизаву ҷоннисориҳои роҳбари давлат дар роҳи расидан ба сулҳ ва талошҳои ҳукумати кишвар барои ободии ватан андешаҳои чолиб ва муассир баён намудаанд, ки ҳукумати кишвар ва Роҳбари давлатро аз чанд паҳлу мешиносонад. Аз ҷумла, барномаи «Президенти мардумӣ»-и С. Бақозода

аз зумраи ҳамон барномаҳои фарқунандае маҳсуб меёбад, ки бо диди ҷадид, қолаби нав ва ғояи созанда корномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро аз чанд паҳлу ба бинанда муаррифӣ кардааст. Махсусан дар ин барнома шахсияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, хислатҳои волои инсонӣ, пиндору рафтору гуфтори неки ӯ бо сужаҳои ҷолиб ва таваҷҷуҳбарангез ба намои шузошта шудааст, ки дар бунёди имиҷи Президенти мардумӣ нақшгузор мебошанд.

Барномаи мазкур соли аз соли 2013 то 2016 моҳе як маротиба тариқи ТВ «Тоҷикистон» пахш гардидааст. Қаҳрамонони барномаро намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа, ки дар ҳолату вазъияти гуногун бо сарвари давлат вохӯрда, аз ғамхориҳои падарона ва дастгириҳои бевоситаи ӯ баҳравар шудаву зиндагиашонро рангин намудаанд, ташкил медиҳанд. Дар баробари ин дпр барнома нафароне низ мавриди суҳбат ва гуфтугӯ қарор гирифтаанд, ки миёни дар ҷомеа шинохтаанд ва бо Президенти кишвар бевосита ҳамсуҳбат шудаву қадронӣ гардидаанд.

Шоири халқии Тоҷикистон Бозор Собир аз зумраи қаҳрамонони барномаи номбурда мебошад. Ӯ баъди солҳои зиёди дурӣ аз ватан бо даъвати бевоситаи Сарвари давлат ба Тоҷикистон баргашт ва ин бозгашти ӯ мардумро ба ҳайрат овард. Иштироки Бозор Собир дар ин барнома на танҳо нуфузи онро баланд бардошт, балки суханони пурмуҳтавою шоирона ва бо далелҳои ҳаётӣ тавъаманди ӯ хоҳу нохоҳ ба дили бинанда нисбат ба шаҳди ғарибӣ муҳаббату самимият ба ватан аланга меоварад ва симои Президенти кишварро чун роҳбари фарҳангдӯсту зиёипарвар ҷилвагар менамуд.

Барномаро журналист С. Бақозода оғоз намуда, чунин мегӯяд: «... Қаҳрамони навбатии барномаи мо нафареанд бисёр шинохта, хурду бузург ба ашъори баргузидаи ӯ таваҷҷуҳ доранд. Солҳои нобасомониҳои ба сари миллат омада чанд муддате ӯро дур аз ватан кард ва шоири халқии Тоҷикистон солҳои зиёд азоби дурии ватан дошт. Аҳли зиёи кишвар худ огоҳ ҳастанд, ки борҳо роҳбари давлат аз онҳое, ки бо устод робита доштанд, аз аҳволаш пурсон

мешуд. Ва моҳи марти соли 2013 бо даъвати расмии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шоири халқии Тоҷикистон ба ватани аҷдодӣ баргашт» [249].

Сипас, суруди «Ватан», шеъри Бозор Собир дар иҷрои ҳунарманд Саидқул Билол садо дода, шоир дар муҳити кишвар нишон ода мешуд. Суҳбати журналист бо шоир гоҳе дар студияи телевизион, гоҳе берун аз студия – дар зодгоҳи шоир сурат гирифта, барнома зиёда аз 1 соат идома намуд. Суҳбат саршор аз меҳри ёру диёр, муҳаббат ба ватан, азоби ғарибӣ, самимият ба зодгоҳ буда, дар ин баробар аз ободониву бунёдкориҳои Тоҷикистон ва фарҳангсолории ин кишвар сухан мерафт.

Дар барнома борҳо аз тавонмандиҳои Роҳбари давлат бидуни муболиға сухан меравад. Наворҳои нодир ва таъсирбахш пешниҳод шудаанд. Махсусан пешниҳоди лаҳзаи вохӯрии Президенти кишвар бо Бозор Собир ва хондани мисраъҳои зерин:

Бо нишоне, ки аз Шумо дорам,
Дар ҷаҳон бенишон нахоҳам монд...

таъсири амиқ гузошта, эътибору эҳтироми аҳли зиёро нисбат ба Сарвари давлат баён менамоянд. Лаҳзаи вохӯрӣ ва суҳбати муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шоири халқӣ самимона сурат гирифта, Роҳбари давлатро чун инсони фарҳангдӯсту бохирад инъикос менамояд. Ин гуна барномаҳо дар ташаккули имиҷи инфиродии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун Роҳбари сиёсӣ таъсири амиқ гузоштаанд.

Имрӯзҳо дар меҳвари барномаҳои сиёсӣ-таҳлилии ТВ «Тоҷикистон» Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ қарор дорад. Махсусан, дар арафаи иду ҷашнҳои сиёсиву миллӣ, ҳодисаҳои муҳимми таърихӣ намоишҳои таҳлилии зиёде пешниҳод карда мешаванд, ки бинандаро ба андешаи солим водор мекунанд. Хосса, чанд сол боз дар арафаи ҷашни Истиқлоли давлатӣ доир ба воқеаҳои аввали замони соҳибистиқлолӣ, вазъи ҷанги шаҳрвандӣ, талафоти ҷониву молӣ, талошҳои Ҳукумати Тоҷикистон барои сулҳу оромӣ ва зина ба

зина бо заҳмату ҷонфидоиҳои Пешвои миллат ба дастовардҳои нав ба нав ноил гардидани кишвар силсилафилмҳо намоиш медиҳанд, ки бинандаро шоҳиди бевоситаи таърихи начандон дур мегардад.

Дар баробари ин, бахшида ба солгарди Истиқлоли давлатӣ филмномаҳои зиёде аз қабили «Нишасте барои бархостан» (муаллиф А. Камол) «Имтиҳони таърих», «Ваҳдати миллат – бақои давлат», «Истиқлолият – ҷавҳари ҳастии миллат», «Сиёсати муваффақ» (муаллиф М. Назарзода), «Иқболи миллат» (муаллиф С. Охунов) намоиш дода шудаанд, ки дар ағлаби онҳо хизматҳои Пешвои миллат барои халқу давлат ба таври табиию воқеӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, дар филми «Нишасте барои бархостан» муаллиф аҳаммияти таърихии Иҷлосияи XVI Шурои Олиро бозгӯ намуда, пахши суханронии аввалини Эмомалӣ Раҳмон дар ин иҷлосияро, ки бо боавариву дилпурӣ сурат мегирад ва аз азми устувору ҳисси баланди ватандӯстиаш дарак медиҳад, ҳамчун фабула истифода мекунад. Аҳаммияти ин иҷлосия, ки дар таърихи муосири халқи тоҷик ҳамчун иҷлосияи тақдирсоз эътироф шудааст, бо нишон додани порчаҳои таърихӣ ва пахши андешаи шоҳидон – иштирокчиёни ҷаласа муассир мегардад. Дар баробари ин андешаи коршиносу мутахассисон доир ба он воқеаи муҳимми таърихӣ сужаҳои филмро пурра гардонидаанд. Вақте сухан дар бораи ин санаи муҳимми таърихӣ меравад, албатта, қаҳрамони асосии он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Навори ваъдаҳои далеронаи ин марди наҷиб дар Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз барнома берун намемонад, ки дар вуҷуди ҳар бинанда ҳисси боавариву эътимодро нисбат ба ин марди қавлу амал бештар мегардонад: «Ман ба ҳар яки шумо дар даврони барои Ватан хеле душвор муроҷиат карда, ба ақлу заковати шумо, ки ворисони фарзандони баруманди тоҷик ҳастед, бовар мекунам. Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар як хона ва ҳар оила барқарор намудани сулҳ равона карда, барои гул-гулшукуфии ватани азизамон садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар

лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман баояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам» [254].

Ҳарчанд дар бораи Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ барномаву филмҳои зиёде таҳияву пахш гардидаанд, аммо барномаҳои таҳиянамудаи Абдуғаффори Камол нисбатан фарқкунанда буда, аз нигоҳи мантиқ ва лаҳни гуфтор муассиру ҷолиб мебошанд.

Миёни филмҳои сиёсиву таҳлилии идораи барномаҳои сиёсӣ-таҳлилии ТВ «Тоҷикистон» филмҳои М. Назарзода аз назари муҳтаво ва мазмун нисбатан таъсиргузортаранд. Дар ҳар барнома ва филмҳои ӯ самтҳои мушаххасу мавзуъҳои муайян баррасӣ гардида, заҳматҳои сарвари давлат дар ҷодаҳои гуногун бо далелҳои раднашаванда нишон дода шудаанд. Масалан, дар филми «Имтиҳони таърих», ки ба бунёди Неругоҳи барқи обии Роғун бахшида шудааст, нақши таърихии Сарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди ин иншооти аср мунъакис гардидааст. Бахусус, истифода шудани навори лаҳзаҳои сари чамбараки булдозер нишастани Пешвои миллат ва бастани дарғот на танҳо ҷолибияти барномаро таъмин кардааст, балки самимияту ҷонфидоиҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро нисбат ба халқ ва талошҳои доимиашро дар пешрафти мамлакат бозтоб намудааст. Ба таъбири муҳаққиқ И. Ҳамидиён, «... аз савори булдозери вазнин шудани Президент аз соати 10 то 11:30 (якуним соат) бо пеш кардани сангу шағал, ки маҷрои дарёи Вахшро баста, ба бунёди сарбанди Неругоҳи барқи обии Роғун ҳусни оғоз бахшидаанд, то ба сиёсати дурандешона ва башардӯстонаи худ барои мардуми кишвар ғамхорӣ кардан дар телевизион намоиш дода шуд, ки, бешак, натиҷаи дилхоҳ дод» [177, с. 283]. Дар воқеъ, инъикоси чунин лаҳзаҳо ва корнамоиҳо дар шаклгирии имиҷи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва ҳамзамон ташаккули имиҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбат мегузорад. Дар бештари ҳолатҳо имиҷи кишвар аз имиҷи пешвоёни сиёсӣ, махсусан, сарвари давлат вобастагии зиёд дорад.

Дар филми «Ваҳдати миллат – бақои давлат» талошҳои Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба сулҳу Ваҳдат, ки кори саҳлу осон набуд, ба намоиш гузошта шудааст. Вижагии ин филм дар он аст, ки меҳвари онро амалҳои инсондӯстонаву сулҳпарваронаи Пешвои миллат ташкил медиҳад. Муаллиф барои инъикоси чунин хислатҳо кӯшида, мусоҳибони худро водор намудааст, ки барои татбиқи ҳадафи асосии ӯ мусоидат кунанд.

Дар филми «Истиқлолият – ҷавҳари ҳастии миллат» талошҳои Пешвои миллат дар самти пойдорӣ ва боз ҳам мустаҳкам намудани Истиқлоли давлатӣ мавзуи меҳварӣ маҳсуб меёбад. Ҳарчанд Тоҷикистон соҳибистиқлол гардидааст, аммо таҳдидҳо ба ин миллату ин давлат аз ҳар ҷониб намудор мегардиданд. Ҷанги таҳмилии шаҳрвандии бародаркуш, ки дар солҳои аввали Истиқлол ба вуқуъ омад, бо дахолати бегонагон буд. Хушбахтона, бо шарофати сиёсати сулҳпарваронаву талошҳои пайвастаи сарвари тозаинтихоб, Эмомалӣ Раҳмон паёмадҳои он бартараф карда шуданд. Дар он замон касе ҷуръат намекард, ки роҳбариро ба уҳда гирад, зеро ин кор ба қимати ҷон баробар буд. Танҳо қаҳрамони асили миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон ҷон ба каф гирифта, ба кумаки миллату давлату забону фарҳанг камар бубаст [260]. Чунин аст моҳияти филмномаи мазкур.

Дар иртибот ба суханони аз забони ровӣ – Обид Назариён садо дода, филм бо наворҳои гуногуни хазинавӣ пурра карда шудааст. Ҳамчунин, садои мусиқии пасманзари он таъсирашро дучанд гардонидааст. Наворҳои роҳпаймоиҳои ҷашну санаҳои гуногун филмро рангин кардааст. Он бо суханони зерини самимиву садои марғуладори Пешвои миллат анҷом меёбад: «...тамоми саъю талош ва ҳимммату ғайрати хешро ба хотири ҳифзу пойдории ин неъмати бебаҳо сафарбар месозам. Ман ба халқи азизи худ, яъне халқе, ки ватанашро баробари ҷонаш дӯст медорад, итминони комил дорам, халқи худро самимона дӯст медорам ва бо чунин халқи заҳматкашу матинирода ва сарбаланду ҳимматбаланд ифтихор мекунам!» [259]

Сиёсати дарҳои бози Тоҷикистон низ мадди назари таҳиягарони барномаҳои ТВ «Тоҷикистон» қарор гирифтааст. Аз ҷумла, дар барномаи «Сиёсати муваффақ» муносибати Тоҷикистон бо ташкилоту созмонҳои байналмилалию минтақавӣ инъикос гардидааст. Суханрониҳо, пешниҳоду ташаббусҳои башардӯстонаи Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди об маҳаки асосии барномаро ташкил дода, дастовардҳои Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ, ки муҳаррикии асосии онҳо низ маҳз Пешвои миллат маҳсуб меёбад, сохтор ва муҳтавои онро рангину пурмазмун гардонидааст.

Дар филми Садриддин Охунов бо номи «Иқболи миллат» фаъолияти Президенти кишвар аз рӯзи аввали ба сари ҳокимият омадан мунъакис шудааст. Дар филм соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат ба таври алоҳида таҳлил ва муваффақиятҳои онҳо сол ба сол хуб арзёбӣ гардидааст. Суханони шоҳидони воқеа, коршиносону сиёсатшиносон андешаҳои муаллифро такмил додаанд. Дар суханони ҳар мусоҳиб як андеша равшан ба гӯш мерасад. Яъне, ҳама ба он назаранд, ки пешравию дастовардҳои кишвар маҳз аз ҷоннисориву хизматҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегиранд.

Ҳаҷми филмҳои марбут ба Тоҷикистон ва дастовардҳои он, ки як андоза ба ташаккули имиҷи кишвар мусоидат мекунанд, аз 40 дақиқа то 1 соатро фаро гирифта, ҳар кадом мавзую муҳтавои мушаххас доранд, самтҳои гуногуни фаъолияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар бар мегиранд. Барои дарки маҳаки асосии барнома бинандаро мебояд бодиққат онро тамошо кунад. Аммо мутаассифона, аз сабаби зиёд ва такроран истифода шудани наворҳо аз хазинаи телевизион, аксарияти сужаҳо дар назар якрангу ба ҳам монанд менамоянд. Ягона тафовут дар интихоби мусоҳибон ё садои ровиён аст, ки он ҳам пушти наворҳои такрор пӯшида мемонад. Бо вуҷуди ин, бояд зикр кунем, ки дар барномаву филмҳои ТВ «Тоҷикистон» корнамоӣ ва қаҳрамониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ифодагари таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол аст, ба таври воқеӣ ва муассиру ҷолиб инъикос гардидааст. Метавон гуфт, ки ин

шабакаи телевизионӣ ба қадри кофӣ тавонистааст, ки шахсияти абармарди тоҷикро ба бинандагон муаррифӣ намояд.

Ҳарчанд барои бавуҷуд овардани афкори омма, тарғиби сиёсати ҳукумат, ташаккули имиҷи давлат дар дохили кишвар кӯшишҳои зиёде ба назар мерасанд, аммо таҳияи барномаҳо, усулҳои тарғиб, пешниҳоди мавзуъ ба талаботи замони муосир камтар мутобиқат мекунанд. Дар ин миён барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон», ки зиёда аз даҳ сол инҷониб рӯйи эфир аст, нисбатан фарқ мекунад. Барномаи мазкур дар интихоб ва баррасии мавзуъҳо маҳдудият надорад. «Масоиле аз қабили ҷангу ноороми̣, таъсири печидагиҳои сиёсӣ ба ҳаёти кӯдакон, ба харобазор табдил ёфтани кишварҳои зери сояи ҷанг, рукуди иқтисодию иҷтимоии мамолики ҷангзада ва ҳамчунон бухронҳои иқтисодию экологӣ ва терроризму экстремизми байналмилалӣ ба таври амиқу густурда таҳлилу баррасӣ мешаванд, ки, бегумон, дар андешаву афкори ҳар бинанда ангезаи мубориза бар зидди падидаҳои ғайриинсониро бедор месозад. Аз тарафи дигар, ба таври табиӣ бармало месозад, ки дар ҷаҳони муосир ҳуқуқи башар зери ҳадафҳои гуногуни сиёсӣ, геосиёсӣ, иқтисодӣ ва ғ. бо дағалона вайрон намудани тамоми асосҳои байналмилалии озодиҳои инсон поймол мешавад. Бо ин тарзи дид ва бозтоби масоили гуногунсамт Фатҳиддини Замон ба амалҳои ғайриинсонӣ вокуниши нарм, вале касбию ҳадафраси худро иброз дошта, аз ҷониби дигар, пешрафти кишвари азизамонро бо баррасии масоили гуногун ҳамчун нишони риояи қонуну қонуният ва ваҳдату иттиҳоди миллӣ барои тамошобин ошкор месозад. Дар баробари ин ташаббусҳои сатҳи байналмилалии Тоҷикистон дар симои Пешвои миллат ва қабули онҳо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ, назари ҷаҳониён нисбат ба Тоҷикистон, дастовардҳои кишвар дар сатҳи байналмилалӣ, имконоти сайёҳӣ ва дигар самтҳо низ мавриди назари ин барнома аст.

Дар тули солҳои фаъолият зиёда аз 700 нашри барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» тавассути телевизиони номбурда пахш шуда, бо хоҳишу дархости тамошобинон моҳе як маротиба тавассути шабакаҳои телевизионҳои давлатии

шаҳри Хоруғ ва Хуҷанд низ намоиш дода мешавад. Ҳамчунин, яке аз нашрҳои барнома, ки ба қатли духтари афғон – Фархунда марбут аст, дар ҳаҷми 45 дақиқа тавассути яке аз шабакаҳои бонуфузи Афғонистон – «Тулуъ» ҳам пахш гардидааст, ки ин аз таваҷҷуҳи бинандаи беруна ба барномаи мазкур дарак медиҳад. Инчунин, тарҷумаи чанд нашри барнома бо забонҳои англисиву арабӣ дар телевизионҳои Арабистони Саудӣ ва «Ал-ҷазира»-и Қатар низ роҳ ёфтаанд [430]. Ин аз маҳорати таҳлилгариву забондонии журналист дарак дода, қадами устуворе дар роҳи муаррифии журналистони кишвар барои бинандаи худиву хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

Нашри барномаҳое, ки дар мавзуи имкониятҳои сайёҳӣ, гидроэнергетика, сармоягузорӣ, экология ва об омода гардидаанд, нусхаҳои зиёдашон барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва сайёҳон аз кишварҳои дуру наздики сайёра, аз ҷумла, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Федератсияи Россия, давлати Қувайт, Аморати Муттаҳидаи Араб, Арабистони Саудӣ, Куриёи Ҷанубӣ, кишвари Ҷопон, Ҷумҳуриҳои Қазоқистону Ӯзбекистон ва ғайра аз ҷониби сафоратҳои Тоҷикистон ҳадя гардидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барномаи мазкур дар муаррифии симои Тоҷикистон дар кишварҳои дуру наздик нақши назаррас мегузорад. Мавқеи журналист Ф. Замон дар барнома таъсири мусбат мегузорад. Махсусияти гуфтор, забондонӣ, донишу фаҳмиши фарохи сиёсӣ, маҳорати таҳлил ва баррасиву муқоисаи вазъи кишварҳои ҷаҳону Тоҷикистон вижагиҳои хосси муаллифи барнома мебошанд. Чопи маводди зиёд доир ба ҳаёту фаъолияти Фатҳиддини Замон дар матбуоти даврӣ ва сомонаҳои иттилоотӣ ба он далолат мекунад, ки ӯ ҳамчун журналисти ҳирфаӣ дар ҷомеа мавқеи худро пайдо намудааст. Симои журналист дар барнома барои ҷалби аудитория шарти муҳим ҳисобида мешавад. Ф. Замон бо нигоҳи вижаи таҳлиливу воқеънигорӣ тавонистааст, ки ҷойгоҳи барномаашро миёни дигар намоишҳои ТВ «Тоҷикистон» на танҳо ҳифз, балки мустаҳкамтар намояд. Дар байни кормандон ва бинандагони телевизион маъруф гардидани барномаи журналист

Ф. Замон ишора бар он мекунад, ки ӯ тавассути ин барнома имиҷи худро шакл додааст.

Зиёд будани ин гуна барномаҳо ва ҳамкориҳои муштарак бо шабакаҳои телевизионии давлатҳои гуногун василаи хуби муаррифии давлат аст. Аз ин рӯ, вақте расидааст, ки чунин барномаҳо дар шабакаҳои телевизионӣ ва радиоии ҷумҳурӣ зиёд карда шаванд. Махсусан таҳияи ин гуна барномаҳо бо забонҳои хориҷӣ дар ТВ «Ҷаҳоннамо» ба манфиат аст. Барномаҳои «Геополитика» ва «Дидгоҳ»-и Б. Соҳибова дар ТВ «Ҷаҳоннамо» то андозае чунин рисолатро иҷро мекунанд.

Дар барномаи «Геополитика» ҳарчанд масъалаҳои муҳимми сиёсии ҷаҳон баррасӣ мегардад, аммо бо дарназардошти мавқеи дипломатии Тоҷикистон дар хусуси таъсири ин воқеаҳо ба кишвари мо умуман ҳарф намезанад. Масалан, барномае, ки дар он мавзуи «Музокироти Эрон ва Амрико»-ро таҳлилу баррасӣ гардид, ду нафар коршиноси масоили сиёсӣ Қосими Бекмуҳаммад ва Саъдӣ Юсуфӣ дар бораи музокироти ду давлат андешаронӣ намуда, дар бораи таъсири онҳо ба Тоҷикистон чизе нагуфтанд [374].

Барномаи «Дидгоҳ» ба мавзуи таҳқиқи мо бештар иртибот дорад, зеро ҳадафи асосиаш нишон додани мавқеи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон мебошад. Ин барнома дар жанри мусоҳиба таҳия гардида, журналист Барно Соҳибова бо коршиносони соҳа дар мавриди масъалаҳои муҳимми кишвар ва ҷаҳон, ки мавқеи Тоҷикистонро бозтоб медиҳанд, суҳбат мекунад. Масалан, дар бахши барномае, ки ба мавзуи амнияти Тоҷикистон бахшида шудааст, дар бораи ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандиҳои байналмилалӣ оид ба кишвари амн будани он бо коршиноси масоили сиёсӣ суҳбат сурат гирифт. Журналист дар студияи телевизион ва коршинос аз ҳуҷраи корӣ пайваст гардида, ба музокираи мавзуъ шуруъ намуданд. Зимнан, журналист Б. Соҳибова дар барномаҳои худ аз ин усул бештар истифода менамояд. Нахуст журналист барномаро оғоз амуда, мазмун онро чунин шарҳ дод:

«Тоҷикистон дуюмин кишвари амнтарини ҷаҳон дониста шуд. Маркази таҳлилии амрикоӣ дар пайи назарпурсии шаҳрвандони 142 давлати дунё кишварҳоро раддабандӣ карда, Тоҷикистонро дар зинаи дуюми ҷадвали амнтарин кишварҳои олам ҷой додааст... Ин мавзуи имрӯзаи барномаи мо аст ва меҳмони барномаи мо Абдураҳмон Хонов – коршиноси масоили сиёсӣ» [375].

Мусоҳиб дар бораи маркази амрикоии омӯзиши афкори омма, усули усули назарпурсии ин марказ ва натиҷагириҳо маълумот ироа намуд.

Саволи дуюми журналист Б. Соҳибова доир ба таъсири ин назарпурсӣ ба нуфузи Тоҷикистон буд. Мусоҳиб қайд мекунад, ки Тоҷикистонро воқеан зимни чандин назарсанҷиҳо яке аз кишарҳои амнтарин эътироф мекунанд. Ин дар ҳоле ҳаст, ки Тоҷикистон ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро аз сар гузаронидааст ва дар минтақаи бисёр ҳассос аз ҷойгоҳи геополитикӣ қарор дорад... Воқеан, кишвари мо кишвари амну босубот аст, вале вақте ин назарсанҷӣ ва ин таваҷҷуҳ аз берун садо медиҳад, эътимоду боварии тамоми аҳли сайёраро ба кишвари мо афзун мегардонад [375].

Мусоҳибаи Б. Соҳибова бештар ба масоили глобалие, ки ба Тоҷикистон иртибот дорад ва боиси ташаккули имиҷи байналмилалии Тоҷикистон мегардад, равшанӣ меандозад. Масъалаи обу пиряххо, конфронсҳои сатҳи минтақа ва ҷаҳон мавзуъҳои асосии ин барномаанд, ки мавқеи кишвари моро дар минтақа ва ҷаҳон боло бурда метавонанд. Бартарии муаллифи барнома дар он аст, ки баъзан бо забони русӣ низ пахш мегардад. Масалан, дар мавзуи «Конфернсияи сатҳи баланд доир ба ҳифзи пиряххо» бо дотсенти факултети гегрaфияи МГУ В. В. Поповнин бо забони русӣ мусоҳиба сурат гирифт. В. Поповнин аз шаҳри Москваи Федератсияи Россия бо студияи ТВ «Ҷаҳоннамо» пайваст шуд. Номбурда ташаббуси ҷониби Тоҷикистонро саривақтӣ арзёбӣ намуда, таъкид намуд, ки масъала бояд пайваста пайгирӣ шавад. Ҳамзамон пешниҳодоти Тоҷикистро дар мавриди масъалаҳои глобалӣ саривақтӣ ва оқилона номид [375].

Муассисаи давлатии ТВ «Ҷаҳоннамо», ки то ин дам ҷаҳонро ба тоҷикистониён нишон медод, имрӯз барои муаррифии Тоҷикистон ба ҷаҳониён қадамҳои устуворе мегузорад. Аз ҷумла, барномаи «Идеяи якҷоя» («Общая идея») миёни 7 давлат (Ӯзбекистон, Чин, Қазоқистон, Туркманистон, Озарбойҷон, Тоҷикистон, Қирғизистон) намунаи онҳост. Дар асоси ин барнома доир ба мавзуъҳои мушаххас сужаву гузориш дар масъалаҳои иқтисодиёти сабз, сайёҳӣ, фарҳанг, ҷашнҳои миллӣ таҳия ва тавасссути телевизиони CGTN-и Ҷумҳурии халқии Чин ва шабакаҳои телевизионии давлатҳои болозикр пахш гардидаанд. Масалан, дар баробари он ки сужа дар ҷашни байналмилалии Наврӯз тариқи эфири CGTN пешниҳод шуд, ҳамчунин, бо иштироки теъдоди зиёди мактаббачагон ва якчанд нафар намояндагони Ҷумҳурии халқии Чин дар Қалъаи Хисор соли нави чиниҳоро ҷашн гирифтанд, ки он ҳам тавассути шабакаи «Ҷаҳоннамо» ва ҳам бархе аз шабакаҳои телевизионии Чин намоиш дода шуд. Дар баробари ин сужаҳо аз мавзеъҳои зебои пойтахт, ки сайёҳон бештар тамошо меравaнд [263], аз ҷумла, дар бораи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гузариш ба иқтисодиёти сабз [264], таҷлили Рӯзи байналмилалии осорхонаҳо [265], тарғиби либосҳои миллӣ [266] дар шабакаҳои телевизиони Чин ва ТВ «Ҷаҳоннамо», ҳамчунин, сомонаҳои расмии онҳо, сомонаҳаи иҷтимоӣ, дар ҳаҷми то се дақиқа, пахш гардидаанд. Ин гуна муносибат дар самти ҳамкориҳои хориҷӣ дар муаррифии Тоҷикистон ва шаклдиҳии имиҷи давлати он бетаъсир намемонад.

Ҳамчунин, «Ҷаҳоннамо» бо шабакаи телевизионии «Ал-ҷазира»-и давлати Қатар, шабакаи телевизионии «Пресс-ТВ»-и Ҷумҳурии Исломии Эрон, «РашаТудей»-и Федератсияи Россия, шабакаҳои телевизионии «Нурин» ва «Тулуъ»-и Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, бахши форсии шабакаи «Би-Би-Си»-и Британияи Кабир ва ғайра робитаҳои ҳамкорӣ ба роҳ мондааст. Аммо ТВ «Ҷаҳоннамо» дар хориҷ аз кишвар бунгоҳи хабарӣ надошта, то кунун ин шабака имконияти молиявии фиристодани хабарнигорони худро ба хориҷа надорад, то бевосита ва ба таври фаврӣ гузориш омода намоянд. Надоштани

хабарнигор дар хориҷ камбудии асосии ин шабака аст. Иттилооти ҷаҳонӣ аслан аз шабакаҳои телевизионии «Euronews»-и Аврупо, «RBK» ва «Россия 24»-и Россия, «BBC Persian»-и Британия, «Хабар»-и ҶИЭ, «Ориёно»-и ҶИА дастрас гардида, дар ТВ «Ҷаҳоннамо» пахш карда мешавад. Бояд қайд намоем, ки давлатҳои пешрафта ба хотири тарғиби сиёсати давлати худ талош мекунанд, ки дар тамоми гӯшаву канори дунё шабакаҳои радиоиву телевизионӣ фаъол намоянд. Муҳаққиқ М. Муқимов дар ин марид таҳқиқоти зиде гузаронида, дар мисоли абарқудратҳо навиштааст: «ИМА аз ҷумлаи кишварҳоест, ки тавассути дастгоҳҳои тарғиботиаш ба мисли телевизион ва радиои «Садои Америка», Телевизиони «Ал-Ҳурра», Радиои «Сава» (барои кишварҳои Шарқи Наздик ва Африкаи Шимолӣ), Радио ва телевизиони «Мартӣ» (барои Куба), Радиои «Аврупои озод»/»Озодӣ», Радиои «Осиёи озод» ба 61 забони миллӣ ва ба 125 кишвари дунё ҷанги иттилоотии густурда мебарад. Ба ин мақсад масалан, соли 2014 аз буҷа 733 миллион доллар ва соли 2015 беш аз 750 миллион доллар ҷудо шуда буд. Аудиторияи расонаҳои мазкур ҳафтае ҳудуди 210 миллион нафарро ташкил медиҳанд. Ба ғайри ин Worldnet – шабакаи телевизионии Оҷонсии иттилоотии ИМА низ дар пахши иттилоъ ба хориҷа саҳм дорад» [82, с. 267].

ТВ «Ҷаҳоннамо» 24 соат бе таваққуф бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ барномаҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ пахш менамоянд. Самтҳои асосии фаъолияти муассисаро таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо иттилооти наву дақиқ, сареҳу саҳеҳ аз дохил ва хориҷи он, таблиғи ғояҳои ваҳдати миллӣ, афзалият додан ба арзишҳои миллию умумибашарӣ, демократия ва сулҳу субот ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ, тақрибан ҳудуди 80 дарсади барномаҳои ТВ «Ҷаҳоннамо» иттилоотӣ мебошанд. Аз 24 соати вақти эфири шабака танҳо 4 соати онро барномаҳои хабарии англисиву русӣ ташкил медиҳанд. Тақрибан 16 соати эфириро барномаҳои хабарӣ ва 8 соати боқимондаро барномаҳои таҳлиливу сиёсӣ, фарҳангиву маърифатӣ ва суҳбатҳо ташкил медиҳанд. ТВ «Ҷаҳоннамо» ба хотири огоҳ кардани шаҳрвандони кишвар аз воқеаву рӯйдоди ҷаҳон аз

нигоҳи коршиносони ватанӣ таъсис ёфтааст. Аз ин рӯ, дар ин телевизион чанд барномаҳои сиёсӣ-таҳлилие мавҷуданд, ки дар онҳо рӯйдоду воқеаҳои ҷаҳон бевосита таҳлилу баррасӣ мешаванд. Аз ҷумла, дар барномаҳои «Геополитика», «Дидгоҳ», «Таҳқиқ», «Нуқтаи назар», «Масъулият», «Ҷомеа ва ҷаҳон», «Ҷаҳони иртибот», «Суҳбати муҳим», «Суҳбати рӯз», «Иқтисод+» тағйирёбии иқлими сайёра, навгониҳои соҳаи илм, масоили рушди ҷомеа инъикос мешаванд. Дар барномаҳои «Рушди устувор», «Робита», «Амал», «Масири рушд», «Назари хос», «Бунёдкор», «Аз ҳар гӯшаи ҷаҳон», «Тандурустӣ», «Оё медонед?», «Шифои комил», «Фарҳанг», «Хати сабз», «Тозанашр», «Туризм», «Кишоварз», «Маориф ва илм», «Иқтисод», «Набзи сайёра» ва «Сифат» масъалаҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ баррасӣ гардид.

Ин шабака моҳи марти соли 2015 барои нишондоду дастовардҳо дар соҳаи идоракунӣ, баланд бардоштани сифати кору маҳсулот, ҷорӣ намудани технология ва инноватсияҳои ҷадид дар шаҳри Женеваи Швейтсария аз ҷониби ширкати байналмилалии «Би-Ай-Ди» ба дарёфти Ҷоизаи тиллоии байналмилалии «Тоҷ барои сифат» сазовор гардид. Ин гуна ҷоизаҳо на танҳо дар ташаккули имиҷи худи телевизион, балки дар муаррифии давлат низ таъсири мусбат гузошта метавонанд. Ҳарчанд ин шабакаи телевизионӣ бо истифода аз имконот дар самти ба роҳ мондани ҳамкориҳо, пешниҳоди иттилои саривақтӣ, таҳлили масоили минтақа ва ҷаҳон бо барномаҳои «Геополитика», «Прокуратура», «Дидгоҳ», «Суҳбати муҳим», «Ҷиноят ва ҷазо», «Нуқтаи назар», «Иртибот» то ҳадде муваффақ аст, аммо беҳтар мешуд, ки имрӯз Тоҷикистонро ба ҷаҳониён муаррифӣ намояд. Барои ин, чунончи муҳаққиқи соҳа қайд кардааст: «Ташкили пахши телевизиони ватанӣ бо забонҳои байналмилалии русӣ ва англисӣ, берун аз кишвар, ба хотири ошноии ҷаҳониён бо Тоҷикистон зарур аст. Бо дарназардошти мураккабии иҷрои ин вазифаҳо дар шароити имрӯзаи иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, ҳукумат метавонад барои ноил шудан ба ҳадафи пешбинишуда дар соҳаи сиёсати иттилоотӣ аз роҳҳои дигар истифода кунад» [218, с. 22]. Яъне кушодани

филиалҳои ТВ «Ҷаҳоннамо» дар давлатҳои хориҷа, фаъолияти он бо забонҳои русиву англисӣ ва ҳамкориву иртибот бо мақсади мубодилаи маводди видеоӣ бо шабакаҳои телевизионии машҳури ҷаҳонӣ боиси он мегардад, ки Тоҷикистон тавассути телевизиони ватанӣ имиҷи мусбати худро дар сатҳи байналмилалӣ ба вуҷуд орад.

Имиҷи байналмилалӣ танҳо аз самти сиёсат вобаста набуда, балки муаррифии дастовардҳои кишвар низ метавонад унсури асосии имиҷсозии давлат гардад. Ин аст, ки дар замони муосир дар ағлаби кишварҳои ҷаҳон ба рушди телевизиони соҳавӣ аҳаммияти хосса медиҳанд. Тоҷикистон ҳам аз ин раванд истисно набуда, кӯшиш мекунад, ки ба омма дастовардҳои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ холисона пешниҳод гарданд. Чун варзиш самти муҳиму афзалиятноки кишвари мо ба ҳисоб меравад, ташаккули журналистикиа варзишӣ ба манфиати давлат ҳисобида шуда, имрӯз телевизиони «Варзиш» муаррифгари асосии чеҳраҳои варзишии давлат гардидааст.

Муассисаи давлатии телевизиони «Варзиш» дар низоми шабакаҳои телевизионии кишвар аз шабакаҳои сербинандатарин ба ҳисоб меравад. Аз як ҷониб, ин далел аз зиёд будани дӯстдорони варзиш дар кишвар дарак диҳад, аз ҷониби дигар, бозгӯйи сифати хуби барномаву намоишҳои телевизиони мазкур мебошад.

Дар шароити муосир бахши варзиш муаррифгари асосии кишварҳо, аз ҷумла, Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ аст. Дар сатҳи баланд баргузор намудани чорабиниҳои варзишии сатҳи байналмилалӣ, дастоварди варзишгарони тоҷик дар сатҳи ҷаҳон, ҷалби варзишгарони шинохтаю машҳур ба мусобиқаҳои гуногун ва инъикоси ҳирфаии ҳамаи ин комёбиҳо тавассути телевизион ин андешаро собит менамояд. Мусобиқаи Grand Slam Dushanbe – 2024 ва иштироки меҳмонони фахрӣ Тедди Ринер (қаҳрамони секаратаи бозиҳои олимпӣ, 12 карат чемпиони ҷаҳон, 5 карат чемпиони Аврупо ва қаҳрамони бисёркаратаи Фаронса), собиқ варзишгари ҷопонӣ Оно Сёхэй

(қаҳрамони дукаратаи бозиҳои олимпӣ, қаҳрамони 7-каратаи ҷаҳон, барандаи Ҷоми ҷаҳон 5 карат чемпиони Аврупо ва қаҳрамони бисёркаратаи Фаронса), мусобиқаи CAFA оид ба футбол ва футзал, Чемпионати Осиё оид ба гӯштингирӣ, Шоми бокс IBA Night, Чемпионати минтақавии Осиё оид ба бадминтон, Слалом опен оид ба қаикронӣ, мусобиқаи парапланеризм; ғолибияти Дилшод Назаров, Мавзуна Чориева дар бозиҳои олимпӣ ва Расул Боқиеву Сомон Маҳмадбеков дар Чемпионати ҷаҳон оид ба ҷудо; роҳ ёфтани тими миллии футболи Тоҷикистон ба даври чорякниҳоии Ҷоми Осиё – 2023, ишғоли ҷойи чоруми дастаи мунтахаб оид ба футзали Тоҷикистон дар Ҷоми Осиё ва дигар дастовардҳои варзишӣ, таҷлили бошукӯҳи Рӯзи ҷаҳонии футбол дар пойтахти кишвар ва ҳузури меҳмони фахрӣ – Микел Ҷон Оби – яке аз чеҳраҳои намоёни футболи ҷаҳонӣ дар он, ки тавассути ТВ «Варзиш» ва дигар воситаҳои ахбори омма инъикос гардиданд, дар муаррифии кишвари мо ва ба ин васила ташаккули имиҷи мусбати он нақши арзада гузоштанд.

Кӯшиши кормандони ТВ «Варзиш» чун масъули асосии инъикоскунандаи раванди рӯйдодҳои варзишӣ ва ҳар чизи марбут ба он бараъло мушоҳида мегардад. Ба ғайр аз он ки дар мавриди рӯйдоди варзишӣ барномаҳои муаллифӣ таҳия ва пахш карда мешаванд, ҳамчунин, суҳбату мусоҳибаҳои ҳирфаӣ миёни кормандони телевизион ва варзишгарон ба таври озод ва табиӣ сурат мегирад.

Шиори умумии ба ғояи миллӣ табдилёфтаи мардуми тоҷик –»Тоҷикистон, ба пеш!», ки аввалин маротиба аз ҷониби сарвари давлат зимни ба кор андохтани агрегати якуми Неругоҳи барқи обии «Роғун» ҳамчун шиор бо эҳсоси баланд се маротиба такрор ёфт, бо шарофати тими миллии футболбозони тоҷик ва сармураббии он Петр Сегрт ба ҷаҳониён муаррифӣ гардид, ки инъикоси ин раванд тавассути ТВ «Варзиш» бисёр хуб ба роҳ монда шуд. Дар баробари он ки тамоми бозиҳои тими миллии Тоҷикистонро дар Ҷоми Осиё шореҳони телевизиони номбурда шарҳу тавзеҳ медоданд, ҳамчунин, қабл аз бозӣ бо мутахассисони соҳа пешгӯйиҳо ва баъди он таҳлилу баррасии бозӣ идома меёфт, ки таваҷҷуҳи бинандагонро ҷалб менамуд. Суҳбатҳо табиӣ сурат

гирифта, ба эҳсоси бинандагон таъсири мусбат мегузоштанд. Аз ҷумла, баъди бозии тими футболи Тоҷикистон бо Аморат дар студия журналист Алӣ Шариф бо ду тан коршиносон мусоҳибаи таҳлилӣ ороста, дар миёни суҳбат сужаву гузориши ҳамкоронашонро аз давлати Қатар пешниҳод кард, ки «инъикосгари ҳиссиёту ҳаяҷону истиқболи пирӯзии мунтахаби Тоҷикистон аз макони баргузорӣ» буд. Дар он корманди ТВ «Варзиш» Бобо Холмуродзода дар иҳотаи мухлисон бозии баргузоргардидаро шарҳу тавзеҳ дода, фикру андешаи шаҳрвандони давлатҳои гуногунро пурсон шуд, ки аксарият ба тими миллии мо аҳсан мехонданд. Наворҳои зиёде аз атрофи варзишгоҳ пешниҳод шуд, ки намояндаи миллатҳои гуногун баъзан бо лаҳни шикаста ҳам бошад, бисёр самимӣ ва бо овози баланд шиори миллии мо – «Тоҷикистон, ба пеш»-ро такроран ба забон оварданд.

Шаҳомати даври чорякниҳоии Ҷоми Осиё боз ҳам хубтар инъикос гардид. Раванди кушодашавии онро корманди телевизиони варзиш Аловиддин Буриев аз ҷойи воқеа ба тариқи мустақим шарҳу тавзеҳ дод. Дар студияи ТВ «Варзиш» Бобо Холмуродзода ба тариқи телемост аз Буриев ба саволҳои худ дар мавриди тамринҳо, омодагиҳои даста ҷавоб гирифт. Аз оғоз то охири бозӣ аз ҷониби мухлисону бозингарон, махсусан, мураббии тим Петр Сегрт шиори «Тоҷикистон, ба пеш» садо дод, ки як навъ муаррифгари миллати мо дар арсаи ҷаҳонӣ гардид.

Афзалияти дигари ТВ «Варзиш» дар он аст, ки журналистону кормандони он дар макони баргузории мусобиқаҳо бевосита иштирок мекунанд. Ин усул сифат ва таъсирнокии маводҳои таҳияшударо ҷолибу муассир мегардонад. Масалан, иштироки журналистон дар Ҷоми ҷаҳон – 2018, Бозиҳои олимпии Токио – 2020, Бозиҳои Осиёии Ҳангжо 2022, Ҷоми Осиё – 2023, Олимпиадаи Париж боиси ҷолиб ва диданӣ гардидани барномаҳои таҳиягардида шуд. Ин, аз як ҷониб, ба инъикоси табиии раванди мусобиқаҳо барои аудитория мусоидат кунад, аз ҷониби дигар, дар муаррифии Тоҷикистон ба бинандаи берун аз кишвар таъсири мусбат мегузорад.

Пешвози тими мунтахаби миллӣ дар фурудгоҳ, ки ибораи «таърихсозони миллат» хосси онҳо шуд, бо тамоми шаҳоматаш дар ТВ «Варзиш» инъикос ёфт. Ҳамаи наворҳо сарҷамъӣ, иттиҳод, ҳуввияти миллии шаҳрвандони тоҷикро баён мекард. Ҳама ба як садо шиори оммавигаштаро такрор менамуданд, дар маркази ҳамагон сармураббии даста қарор дошт ва бо лаҳну ҳаракатҳои ба худ хос – «Тоҷикистон, ба пеш!» – гӯён ҳамаро ба ваҷд меовард.

Пешвози меҳмонони фахрии Grand Slam Dushanbe – 2024 Тедди Ринет ва Оно Сёхэй низ ҳамин гуна сурат гирифт. Раванди пешвозгирии меҳмонони номбурда ва пӯшонидани тоқиву ҷомаи зардӯзии миллӣ дар даромадгоҳи фурудгоҳро журналист Муродалӣ Тешаев бо эҳсоси баланд инъикос намуда, водор намуд, ки ҳозирин шиори умумимиллии – «Тоҷикистон, ба пеш!»-ро такрор кунанд. Ҳамин гуна ҳам шуд. Тедди ва Оно шахсиятҳои машҳури ҷаҳонианду мухлисони бешумор доранд ва сафари онҳо ба Тоҷикистон аз хотири мухлисонашон дер боз зудуда нахоҳад шуд.

Ҳузури чеҳраҳои шинохта ба ватан як навъ воситаи муаррифӣ ва роҳ ёфтан ба ВАО-и ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ба ин ҷиҳат, яъне даъвати шахсиятҳои шинохта эътибори ҷиддӣ медиҳад. Ҳарчанд даъвати блогерони рус Максим Мартсинкевич ё худ Тесак (2012) ва Гусейн Гасанов (2023) он қадар натиҷаи судбахш надод, вале варзишгарони ҳирфаӣ ҳам таассуроти хуб гузоштанд ва ҳам бо худ бурданд.

Дар ТВ «Варзиш» чанд барнома бо забони русӣ низ таҳия ва пешниҳод мешавад, ки барномаҳои «За чашкой кофе» (муаллиф ва баранда Ш. Аминова), «Прогнозист» ва «Сирри ногуфта» (муаллиф ва баранда М. Кишвар) намунае аз онҳо мебошанд. Ду барномаи охир дар иртибот ба забондонии меҳмонон бо ду забон: русӣ ва тоҷикӣ пешниҳод мегардад. Ба ғайр аз ин, барномаҳои иттилоотии телевизиони номбурда бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ низ пешниҳод мегарданд. Аммо филмҳои мустанад ва очеркҳои телевизионӣ дар бораи ситораҳои варзиш, ки аз ҷониби кормандони телевизиони мазкур омода мегарданд, танҳо бо забони тоҷикӣ пахш мешаванд. Агар барномаҳои

чеҳракушо бо забони русиву англисӣ ё илова кардани субтитрҳо бо забонҳои ишорашуда таҳияву пешниҳод гарданд, дар муаррифии симои фарзандони миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ мусоидат мекунанд.

Тоҷикистонро имрӯз имконоти сайёҳӣ низ хуб муаррифӣ намуда истодааст. Тамоми шабакаҳои телевизионӣ ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ намоянд ҳам, аммо барои ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ин мавзуи марказӣ дониста мешавад.

Муассисаи давлатии ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» 1-уми апрели соли 2022 бо мақсади инкишоф додани иқтидори воқеии шаҳру деҳот, муаррифии манзараҳои зебои кишвар, мавзеъҳои сайёҳӣ, маконҳои таърихӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ба фаъолият шуруъ намуд. Бо пайваст шудан ба моҳвораи ЯҲСАТ (Yahsat) мавҷи ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ба давлатҳои хориҷи кишвар низ дастрас гардид. Шабакаи телевизионии номбурда бо мақсади тарғибу ташвиқи имконияти сайёҳӣ, ҷалби сайёҳони дохилию хориҷӣ ба ҷумҳурӣ, мусоидат ба рушди бемайлони ҳунарҳои мардумӣ дар мамлакат ва муаррифии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари барои сайёҳӣ мувофиқу дорои фарҳангу ҳунари волои таърихӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таъсис дода шудааст.

Тоҷикистон сарзаминест, ки аз нигоҳи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ дар мавзеи зебо ва табиати мусоид барои рушди соҳаи сайёҳӣ ҷойгир аст. Аз ҷониби дигар, захираҳои обӣ, таърихи ғаниву рангин, мавзеъҳои таърихи дорои чандҳазорсола, фарҳанги қадимаи тоҷикон, расму оин ва ҷашнҳои миллӣ барои шаклгирии имиҷи давлат ва миллати тоҷик шароиту имконоти хуб фароҳам меоварад. Чунонки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд, сарзамини тоҷиконро дар ҳақиқат метавонем осорхонаи таърихии зинда номем [132, с. 406]. Бо дарназардошти имконот ва манфиати соҳаи сайёҳӣ дар замони муосир, ки аз роҳҳои асосии рушди робитаҳои байналмилалӣ ва ҷалби сармоягузорон ба ҳисоб меравад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди

соҳаи мазкур аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ эътибори ҷиддӣ медиҳад. Ин боиси таваҷуҳҳ намудани шабакаҳои телевизион ба соҳаи сайёҳӣ мегардид.

Гарчанде, аллакай аз даврони шуравӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон заминаҳои уқуқӣ мавҷуд буд, аммо баъди Истиқлолияти давлатӣ баҳори соли 1996 бо мақсади ташкили инфросохтори соҳаи сайёҳӣ «Ширкати миллии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Таджиктуризм» таъсис дода шуд, ки ҳамчун сохтори давлатӣ дар асоси худмаблағгузорӣ фаъолият менамуд. Минбаъд номи ин ширкат ба «Сайёҳ» иваз карда шуд ва тобистони соли 2001-ум он ба «Корхонаи воҳиди давлатии сайёҳии «Сайёҳ» табдил дода шуд.

Минбаъд барои боз ҳам бештар рушд додани соҳаи сайёҳӣ як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, ҳамчунин, санадҳои ҳамкорӣ бо давлатҳои дигар ба имзо расиданд. Соли 2006-ум Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки яке аз шохаҳои муҳимми он бахши сайёҳӣ ба ҳисоб мерафт ва барои тарғиби соҳа бо шуъбаву идораҳои сайёҳии шабакаҳои телевизионӣ ҳамкориҳоро ба роҳ мемонд, вале бояд қайд кунем, ки тарғиби соҳаи сайёҳӣ дар телевизион кам ба назар мерасид.

Бо мақсади боз ҳам тавсеа бахшидани соҳаи сайёҳӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда дар ин самт, инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ, беҳтар кардани сифати хидматрасонӣ, густариши раванди танзими давлатӣ ва дастгирии сайёҳии дохиливу хориҷӣ, ҷалби ҳарчи бештари сармоя дар ин самт ва омода кардани кадрҳои болаёқат соли 2017 Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Ин қадами устуворе дар самти ташаккули имиҷи сайёҳии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Баъди таъсиси Кумитаи рушди сайёҳӣ минбаъд дар Ҷумҳурии Тоҷикстон барои пешрафти соҳа қадамҳои боз ҳам устувортаре гузошта шуд. Махсусан, бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ дар кишвар эълон шудани «Соли 2018 – Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» хеле бамаврид буд. Баъдан барои боз ҳам вусъат бахшидан ва бо дарназардошти зарурати инкишофёбии

инфрасохтори деҳот, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Парлумони мамлакат солҳои 2019-2021-ро «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунаҳои мардумӣ» эълон намуд, ки ин ҳам барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон ва ҳам ташаккули модели брендӣ, яъне таваҷҷуҳ намудан ба минтақаҳои алоҳида мусоидат намуд. Акнун, МД телевизиони «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» аз рӯйи вазифаҳои мушаххас фаъолиятро пеш мебарад. Тамоми мавзуъ ва мундариҷаи барномаҳои шабакаи мазкур пурра ба соҳаи сайёҳӣ ва тарғиби ҳунарҳои мардумии тоҷик, ҳамчунин, муаррифии махсусият ва зебоӣ, таъриху фарҳанги минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон равона гардидааст, ки дар рушди сайёҳии дохилӣ ва бренди минтақаҳо мусоидат мекунад.

Имрӯз Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишвар ва тарғибу муаррифии имконоти сайҳӣ бо ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ҳамкории зич доранд. Дар баробари ҳамкориҳои муштарак дар самти омода намудани барномаҳои муаллифӣ, ҳамчунин, озмунҳои гуногуни соҳавӣ низ мегузаронанд. Озмуни «Маъруфтарин блогери сайёҳӣ» намунае аз онҳост, ки аз ҷониби Муассисаи давлатии ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар ҳамкорӣ бо Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶММ «Diyor-Travel» (Саёҳати Диёр) барои ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ба тарғиби соҳаи сайёҳӣ равона гардида будааст. Ин озмун ба тарзи тантанавӣ ҷамъбаст гардида, ғолибон бо тухфаҳои арзишманд қадрдонӣ шуданд, ки тавассути телевизиони масъул инъикос гардид. Ин гуна озмунҳо низ дар тарғиби соҳа тавассути блогерон нақш мегузоранд.

Ҳарчанд аз таъсиси шабакаи мазкур вақти зиёде нагузаштааст, аммо мазмуну муҳтаво ва тарзи пешниҳоди барномаҳои он ҷолибу диданӣ буда, аудиторияаш тадриҷан зиёд мешавад. Хусусан, барномаҳои ин телевизион «Диёр», «Агротуризм», «Лаззати табиат», «Стратегия» (муаллиф – С. Охонов),

«Раҳ ба раҳ», «Нигоҳи сайёҳ», «Тарабхона» (муаллиф Н. Раҳимова), «Экотуризм», «Кӯҳнавардӣ» (муаллиф А. Ҳайдарзода), «Сайёҳии варзишӣ» (муаллиф М. Раҷабов), «Гардиш» (муҳаррир ва таҳиягар Ҳ. Ҳасанов), «Соҳибҳунар», «Асрори сангҳо» (муаллиф Ш. Кенҷаев), «Аз аҳди бостон» (муаллиф Ҷ. Каримиён) хеле ҷолибу тамошобоб буда, дар инъикосу баррасии масоили сайёҳӣ, тарғибу ташвиқи бахшҳои гуногуни сайёҳӣ нақши намоён мегузоранд.

Агар дар барномаи «Экотуризм» табиати зебои Тоҷикистон, ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ва дигар имкониятҳои мавҷуда барои рушд бахшидани саёҳати экологӣ дар мамлакат бо ҷалби мутахассисони соҳаи ҳифзи муҳити зист тарғиб гардида, доир ба риояи талабот зимни саёҳат дар мавзеъҳои табиӣ тавсия ва пешниҳодҳо ироа гардад, дар барномаи «Агротуризм» доир ба имкониятҳои мавҷуда дар иншооти сайёҳӣ ва ташкили саёҳати аграрӣ маълумот манзур карда мешавад.

Муаллиф ва барандаи барномаҳои «Раҳ ба раҳ», «Нигоҳи сайёҳ», «Тарабхона» Наҷиба Раҳимова бо услуби хосси гуфтор ва маҳорати сухандониаш пайваста андешаҳои мусбати сайёҳонро дар барномаҳои худ истифода менамояд. Ҳамчунин, инъикоси имкониятҳои сайёҳии сарироҳӣ, муаррифии нуқтаҳои истироҳатӣ, ошхонаҳои сарироҳӣ ва фурӯшгоҳу манзараҳои ҷолиб, инъикосгари яке аз ҳадафҳои муҳимми стратегӣ – раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ меҳвари чунин барномаҳо буда, аз бунёду навсозӣ шудани роҳҳо нақл мекунанд. Масалан, дар яке аз бахшҳои барномаи «Раҳ ба раҳ» минтақаи сайёҳии дараи Ромит муаррифӣ гардид, ки баранда ҳамчун роҳбалад барои бинанда аз дидаву таассуроташ дар бораи роҳи Ромит, бартарӣ ва камбудиҳои он нақл намуд. Махсусан, дар роҳ харидани меваҳои тару тоза, нишон додани табиати зебову нотакрор, пешниҳоди чойхонаҳои бартаридошта, осоишгоҳҳо, пешниҳоди андешаи сайёҳони дохиливу хориҷии минтақа ва дар баробари ин нишон додани роҳҳои таъмирталаб боиси рангорангии барнома гардида, таъсири иштироки журналист дар ҷойи воқеа, пайваста бо вижагии

рафтору гуфтор ҳузур доштан дар навор ва аз нигоҳи банду басту танзими муосир таҳия гардидани барнома басо ҷолибу диданӣ шудааст. Барномаи мазкур аз нигоҳи мазмуну муҳтаво ба барномаи «Қадам ба қадам»-и ТВ «Ҷаҳоннамо», ки солҳои қаблӣ пахш мешуд, монандӣ дошта бошад ҳам, аз вижагиҳои хос низ орӣ нест. Бартарии асосии Наҷиба Раҳимова дар он аст, ки объекти муҳимро интихоб намуда, онро дуруст ва боваринок муаррифӣ карда метавонад. Масалан, вақте ба ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон сафар мекунад, объекти инъикосаш мавзеи кӯҳсорест, ки дар болои он барои истироҳат ҷойҳои махсус омода шуда, аксари одамон барои хӯрдани замбурӯғ ба он ҷо мераванд. Журналист ин манзараро хубу табиӣ инъикос намуда, бо сокинон суҳбатҳо меорояд; бозори автомобилҳоро нишон дода, таъмиру азнавсозии лавҳаву навиштаҷоти даромадгоҳи вилояти Хатлонро баён мекунад, аз дуғоби сари роҳ суҳбаткунон менӯшад ва бо расидан ба маркази ноҳияи Хуросон бо сабаби мавҷуд набудани инфрасохтори сайёҳӣ барномаро ҷамъбаст мекунад, аммо аз ин тарафи масъала сухан намекушояд, зеро ба мақсадаш – шоҳид кардани бинанда ба табиат ва манзараҳои зебои роҳ ба ин ноҳия, расидааст. Ин гуна «роҳбаладӣ»-и журналист бинандаро ҷалб намуда, минтақаҳои гуногуни кишварро муаррифӣ менамояд.

Аз барномаҳои дигари муаллифи барномаи «Раҳ ба раҳ» маълум мегардад, ки ӯ забондони хуб аст. Агар ҳамин барномаи худро бо забони русӣ ё англисӣ низ пеш мебурд ё дар сатр бо забонҳои номбурда тарҷумаи суханҳояшро меовард, барои сайёҳони хориҷӣ низ роҳбалади хубе мегардид. Чун ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар баробари пайваст будан ба моҳвораи ЯҲСАТ, ки мавҷаш ба давлатҳои хориҷи кишвар низ дастрас гардидааст, ҳамчунин, сомонаи расмии интернетии фаъол дошта, наворҳои калонҳаҷмро низ он ҷо мегузорад. Инчунин, фаъолияти телевизион дар сомонаҳои иҷтимоӣ низ назаррас аст. Аз ҷумла, дар шабакаи YouTube дар нишонии https://www.youtube.com/results?search_query= тамоми бахшҳои барномаи «Раҳ ба раҳ» дастрас мебошад.

Дар телевизиони номбурда лавҳаву роликҳои тарғибгари ҳунарҳои мардумӣ ва имконоти сайёҳӣ низ зиёд пахш мегарданд, дар баробари ин пешниҳоди озмунҳои гуногун махсусияти ин телевизион гардидааст. Аз таҳқиқ маълум гардид, ки камбудии асосӣ дар фаъолияти телевизиони мазкур набудани барномаҳои муаррифгари инфрософтори сайёҳӣ бо забонҳои гуногун мебошад. Бо бартараф намудани ин камбудӣ ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар таблиғу муаррифии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар муваффақияти бештарро ба даст оварда метавонад.

## 4.2. Нақши сомонаҳои интернетӣ дар муаррифии Тоҷикистон

Интернет ҳамчун воситаи расонидани иттилоъ доираи пахши воситаҳои ахбори оммаи анъанавиро танг накарда, балки, баръакс, имконоти ҷадид ба бор овард. Акнун матбуоти даврӣ ва шабакаҳои радиоиву телевизионӣ тавассути сомонаҳои расмӣ дар вақту фазо маҳдуд нестанд. Агентиҳои иттилоотӣ бошанд, натанҳо ВАО-ро бо иттилоъ таъмин мекунанд, балки худ чун воситаи ахбори омма тавассути сомонаҳои расмӣ фаъолият пеш мебаранду бо аудиторияашон пайваста дар иртиботанд. Сомонаҳои иттилоотӣ бо истифода аз имконоти нав – шабакаҳои иҷтимоӣ аудиторияи худро ҷӯё мешаваду барои нигоҳдории онҳо пайваста усулҳои нав пайдо мекунад. Дар баробари ин корхона, муассисаву ширкатҳо имкон пайдо намуданд, ки дар сомонаҳои расмӣ иттилои саҳеҳу саривақтиро ба аудитория пешниҳод карда, робитаҳо ба роҳ монанд.

Аз фаъолияти интернет дар Тоҷикистон бармеояд, ки он дорои имконоти вижа аст:

– Маводди интернет мултимедиавӣ аст, яъне дар маводди интернетӣ тамоми форматҳое, ки дар ВАО-матбуот, радио ва интернет дар алоҳидагӣ истифода мегардад, дар ин ҷо дар як мавод бастабандӣ шуда метавонанд. Чунончи, муҳаққиқони соҳа С. Имомзода ва Ҷ. Садуллоев навиштаанд: «Мултимедиа ташкили дубораи муҳитҳои ҷисмӣ дар маҷмӯи ягонаи

барномавию техникӣ буда, инсон бо ёрии он бо ҷаҳон муошират мекунад, ба мисли садо, матн, графикаҳои оморию динамикӣ, мултипликатсия (тасвири муҳаррик) ва навор» [55, с. 19].

– Доманаи паҳншавии он номаҳдуд аст, яъне алоқамандони он ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар мавҷуд буда метавонанд. Имконияти паҳнкунӣ ва таъсиррасонии васеъро дорост.

– Ҷойи нашри интернет (редаксия) барои мақомҳо ва шахсони ҳавасманд дастрас аст, ки аз ин хатарнокии ахбор бармеояд.

Имконияту содагии дастрасӣ ба иттилои интернетӣ ва воридкунии мавод дар дилхоҳ формат ба аудитория имкон медиҳад, ки сарчашмаи иттилоъ бошанд. Акнун, ҳар нафар бо истифода аз телефони мобилии пайваст бо интернет контенти дилхоҳ омода карда, дар муҳлати муайян аудиторяашро ба миллион ва зиёда аз он мерасонад, ки баъзе воситаҳои ахбори омма дар тули фаъолияти чандинсола натавонистаанд чунин «дастовард» дошта бошанд. Ин раванд агар, аз як ҷониб, фаъолияти журналистонро осонтар ва имконоти фарогирии ВАО-ро бештар гардонад, аз ҷониби дигар, масъулияти баланд ва касбияти зиёдро талаб карда, ба рақобати шадид рӯбарӯ месозад.

Ҳамаи ин падидаҳо дар раванди ҷаҳонишавӣ ва муаррифии давлат имконоти бемисл ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар як муддати кӯтоҳ тамоми кишварҳо ба таъмини босуръати интернет ва фаъолияти босамари журналистон дар ин самт кӯшишу талош мекунанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аз ин раванд истисно нест, чун нақши интернет дар шаклдиҳии имиҷи Тоҷикистон баръало намудор мегардад. Ҳар қадар дар сарчашмаҳои интернетӣ дар бораи кишвар маълумот бештар бошад, ҳамон қадар имконоти муаррифӣ зиёдтар пайдо мешавад, зеро имрӯз интернет равзанаи асосӣ ба ҷаҳон буда, воситаи муҳимми имиҷсозии кишварҳо гардидааст.

Шумораи сомонаҳои хабарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле зиёданд ва ҳар кадоме дар фаъолияти худ кӯшиши пештозӣ мекунанд. Барои нишон додани нақши сомонаҳои иттилоотӣ дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон ба

сомонаҳои расмии шабакаҳои телевизионӣ ва агентиҳои иттилоотие рӯ овардем, ки дар самти муаррифии симои Тоҷикистон ва шаклгирии имиҷи кишвар дар сатҳи байналмилалӣ имконияти бештар доранд. Инҳо ТВ «Тоҷикистон» – https://www.tvt.tj/, МД ТВ «Ҷаҳоннамо» - jahonnamo.tj, «Варзиш» – https://www.varzishtv.tj/, МТ ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» – https://tvsayohi.tj/ , АМИТ «Ховар» – www.khovar.tj, «Азия-Плюс»– https://www.asiaplustj.info/tj мебошанд.

Сомонаи расмии ТВ «Тоҷикистон» – https://www.tvt.tj/0 барои шаклгирии имиҷи сиёсии Тоҷикистон имконияти васеъ дорад. Агар ин имконият хуб ва ба маврид истифода гардад, дар самти имиҷсозии давлат пештоз буда метавонад. Дар фаъолияти сомонаи мазкур махсусият ва бартариҳое мавҷуданд, ки дар ташаккули имиҷи давлат таъсиргузоранд, аммо дар ин баробар баъзе камбудиҳо низ вуҷуд доранд. Аз ҷумла, сомонаи мазкурро наметавонем сомонаи иттилоотӣ гӯем, чун он хусусияти оҷилӣ надорад. Баъзан дар се-чор моҳ як маротиба мавод пешниҳод мегардад, вақти мурожиати мо (1-уми июли соли 2024) охирин мавод се моҳ пеш ворид карда шуда буд. Гӯё аз моҳи март инҷониб (1.07.2024) сомона фаъолият надошт. Барои таҳлил ба хазинаи маводҳо рӯ овардем. Маълум гардид, ки ин сомона (https://www.tvt.tj/) бештар ба хазинаи иттилоотии бози воқеаву рӯйдодҳои муҳимми кишвар монанд аст. Он ба оҷилият эътибор намедиҳад, ки ин боиси дур шудани аудитория гардида метавонад, чунки сабаби асосии ба интернет рӯ овардани омма оҷилияти он аст.

Сипас, ин камбудӣ то ҳадде бартараф гардида, соли 2025 фосилаи воридкунии маводҳо аз 3-4 моҳ ба 2-3 рӯз поён шуд, ки ин ҳам барои сомонаи иттилоотӣ бояд камбудии ҷиддӣ дониста шавад. Эҳтимол сабаби чунин муносибати масъулини сомонаи ТВ «Тоҷикистон» дар он бошад, ки тамоми маводди расмии сатҳи ҳукуматӣ дар сомонаи https://www.president.tj/ ба таври оҷилӣ пешниҳод мегарданд ва ТВ «Тоҷикистон» дар такя ба маълумоти ин сомона мавод таҳия мекунад ва ҳоҷати бознашри онро дар сомонаи худ намебинад, аммо бо ду сабаб бояд ин камбудӣ бартараф гардад. Аввал ин ки

шабакаи телевизион «Тоҷикистон» шабакаи мустақили фаромилии кишвар аст ва бояд дар самти пешниҳоди мавод, таҳлилу баррасӣ, коркард ва шарҳу тавзеҳ фаъол бошад, маводди мукаммалу таҳлилӣ ва иттилои оҷилиро саривақт ба омма расонад. Дуюм, ҳар қадар иттилои мусбат дар бораи Тоҷикистон дар сомонаҳо бознашр гарданд, ҳамон қадар ба манфиат аст, чунки имкони паҳншавӣ ва фарогирии мавод зиёд мегардад.

Камбудии дигари сомонаи https://www.tvt.tj/ ин фаъол набудани қисми зиёди рубрикаҳои мавҷуда мебошад. Аз 10 рубрикае, ки дар сомона мавҷуд аст, дутои он – «Меъморӣ» ва «Телефилм» фаъол нестанд, дар дигар рубрикаҳо («Асосӣ», «Сохтори ТВТ», «Ахбор», «Сиёсат», «Иқтисод», «Фарҳанг», «Ҷавонон», «Сайёҳӣ») ба рӯйхати маводе дучор мешавем, ки қисме навиштаҷот ва қисми дигар навор мебошанд. Наворҳои видеоии аксарияти онҳо дастрас нестанд, ки ин ҳам бар зарари сомона аст. Сарчашмаи иттилои чопии сомонаи ТВ «Тоҷикистон» АМИТ «Ховар» ва сомонаи расмии Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон мебошад.

Бартарии асосии сомонаи https://www.tvt.tj/ дар он аст, ки наворҳои муҳимро дар саҳифаи асосӣ ҷой кардаанд. Аз ҷумла, гузориши ба имзо расонидани протоколи қатъи мунокишаи марзии Тоҷикистону Қирғизистон ҳам бо забони русӣ ва ҳам бо забони тоҷикӣ дар саҳифаи асосӣ гузошта шудааст. Раванди гуфтушунидҳои ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ва мусоҳибаи раиси Кумитаи давлатии Амнияти миллии Тоҷикистон Саймумин Ятимов ва раиси Кумитаи амнияти миллии Ҷумҳурии Қирғизистон Қамчибек Ташиев пурра нишон дода мешавад. Суханронии Қамчибек Ташиев ҳамагӣ 30 сония идома ёфта, Саймумин Ятимов наздики 4 дақиқа сухан мекунад. С. Ятимов аввал воситаҳои ахбори омма, блогерон ва ҷомеаи шаҳрвандиро ба эҳтиёткорӣ дар мавриди истифодаи истилоҳоту хулосабарорӣ даъват намуда, сипас, чанд маротиба ишора ба он кард, ки бандҳои раванди протокол бояд ҳатман риоя ва иҷро шуда, тамоми амалҳои дуҷониба дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ анҷом дода шавад. С. Ятимов дар

ин навор бо суханони нишонрасаш мавқеи Тоҷикистонро муайян намуда, чун намояндаи мақомоти қудратии кишвар дар шинохти Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ таассуроти мусбат гузошт. Мавриди қайд аст, ки дар ҳолатҳои зарурӣ раиси Кумитаи давлатии Амнияти миллии Тоҷикистон Саймумин Ятимов бо чопи мақолаҳои илмиву таҳлилӣ низ мавқеи Тоҷикистонро ҳимоя мекунад. Мавқеъгирии элитаи сиёсӣ бошад, дар ташаккули имиҷи сиёсии давлат унсури зарурӣ ба шумор меравад.

Навори мазкур яке аз наворҳои сербинандатарини сомонаи ТВ «Тоҷикистон» мебошад, ки 22 625 (гузориш бо забони русӣ) ва 5 644 (гузориш бо забони тоҷикӣ) маротиба тамошо шудааст [366]. Чи тавре ки аён мегардад, гузориши бо забони русӣ омодашударо 3 маротиба зиёдтар аз гузоришҳои бо забони тоҷикӣ таҳиягардида тамошо кардаанд. Аз ин рӯ, барои муаррифӣ намудани кишвар ба аудиторияи беруна бояд ба забонҳои хориҷӣ низ бартарӣ дода шавад, чун аудиторияи берунаро бо ҳамин роҳ метавонем бо иттилои сареҳ таъмин созем. Мутаассифона, дар сомонаи ТВ «Тоҷикистон» ин гуна мавод камтар аст. Ҳатто барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон», ки бо забонҳои гуногун тарҷума шуда, ба шабакаҳои телевизионҳои хориҷа пешниҳод мегардад, дар сомона ба мушоҳида намерасанд.

Навори дигаре, ки дар саҳифаи асосӣ омадааст, дастгирӣ ёфтани ташаббусҳои навбатии Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дар мавриди соли «2025 – Соли ҳифзи пиряххо» мебошад, ки раванди қабули ин пешниҳод аз ҷониби СММ бо забони асл (англисӣ) нишон дода мешавад ва шарҳу тавзеҳ, дурнамои ташаббусҳо бо забони тоҷикӣ дар идома садо медиҳанд. Дар умум, аз соли 2016 то июли 2024 тавассути саҳифаи асосӣ 241 навор пахш гардидааст, ки қисми зиёди наворҳои солҳои пештар дастрас нестанд. Наворҳои видеоӣ, аслан, иттилои мухтасар ё муфассал аз дастовардҳои Тоҷикистон мебошанд.

Наворҳои саҳифаи асосӣ вобаста ба вазъият баъзан тағйир мeёбанд. Ҳоло (28.12.2025) ҷойи наворҳои болозикрро чанд навор аз сафарҳои кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳру навоҳии ВМКБ аз санаҳои 25-27 июни соли 2025

ташкил медиҳад. Ин гуна мавод дар муаррифии минтақаҳои кишвар мусоидат менамояд, ки дар имиҷсозӣ онро равиши брендингӣ меноманд.

Чизи ҷолиби дигар дар сомона бахши «Ҳамватанони бурунмарзӣ» мебошад, ки дар тарафи рости сомона ҷойгир буда, бо чанд расми тоҷикони берун аз кишвар, ки ҳама либоси миллӣ пӯшидаанд, оро ёфтааст. Дар он низ хабару гузориш аз таҷлили ҷашнҳои миллӣ дар шаҳру вилоятҳои Федератсияи Россия ва воридоти меваву сабзавоти Тоҷикистон ба давлати мазкур ҷой дорад. Аз ҳаёти муҳоҷирон, ки мавзуи ҷолибу асосӣ ҳам барои шаҳрвандони дохил ва ҳам хориҷ мебошад, умуман, чизе ёфт намешавад. Дар ҳоле ки ВАО-и хориҷӣ имиҷи манфии муҳоҷирони тоҷикро месозанд, зарур аст, ки муқобили онҳо истодагарӣ карда шавад. Махсусан, баъди фоҷиаи «Крокус Сити Хол»-и вилояти Москваи ФР инъикоси ҳаёти муҳоҷирон дар гирдоби овозаҳо манфиатбахш аст.

Одатан, сомонаҳои расмии шабакаҳои телевизиону радио аудиторияро мустақиман бо шабака пайваст мекунанд. Маҳз ба ҳамин восита бинанда имкон пайдо мекунад, ки дар дилхоҳ нуқтаи дунё шабакаи дилхоҳашро тамошо кунад, аммо дар сомонаи ТВ «Тоҷикистон» ин имконият вуҷуд надорад. Набудани оҷилият дар пешниҳоди иттилоъ, камфаъолиятӣ ва якрангӣ боиси кам гардидани аудитория шуда метавонад. Бояд дар назар дошт, ки барои тарғиби ғоя, расидан ба мақсад, ташаккули имиҷи расона ва имиҷи давлат, пеш аз ҳама, ҷалби аудитория муҳим мебошад. Барои ҷалби аудитория тавассути сомона таҳия намудани маводди интернетӣ бо назардошти формати мувофиқ муҳиму зарурист.

Имконоти интернет бо таҳияи мавод дар сомонаҳои иттилоотӣ маҳдуд нагардида, дуруст истифода намудани онҳо ба манфиати кори воситаҳои ахбори омма мебошад. Гарчанде дар мавриди таъсири манфии шабакаҳои иҷтимоӣ (ШИ) баҳсҳои илмиву оммавӣ зиёд сурат мегиранд, аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳо ҳамчун сарчашмаи иттилоъ, майдони мубодилаи афкору мубоҳиса, воситаи муаррифӣ ва ҷалби таваҷҷуҳи аудитория дониста мешаванд. Ба ин мазмун, муҳаққиқ Ҷ. Муқим шабакаҳои иҷтимоиро майдони майдони мубодилаву андеша ва мубоҳисаҳо дониста чунин навиштааст:

«Интернет ба ташаккули шабакаҳои иҷтимоӣ мусоидат намуд. Ин шабакаҳо муштариёни зиёдеро аз тамоми сайёра гирд оварда, онҳоро бо ҳамдигар дар муколама қарор доаанд. Айни замон ба гурӯҳи шабакаҳои иҷтимоии фаромиллӣ «Фейсбук», «Ютуб», «В контакте», «Однаклассики» ва ғайра шомиланд. Дар ин шабакаҳо ба ғайр аз пазши иттилоъ мавзуъҳои доғи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ мавриди баҳс қарор мегиранд» [83, с. 32].

Рӯз то рӯз шумораи истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ дар кишвар афзун гардида, талаботи истеъмолгарон аз ҳар ҷиҳат қонеъ мегардад. Шуҳрати шабакаҳои иҷтимоӣ ва имконоти ҷадиди онҳо журналистонро водор мекунад, ки истифодабарандаи фаъол бошанд. Воситаи ахбори омма бо истифода аз ШИ метавонад аудиторияашро даҳчанд зиёд кунад. Бо дарназардошти ин бартариҳо кормандони ВАО, махсусан сомонаҳои иттилоотӣ, аз ШИ ба таври васеъ истифода мебаранд.

ТВ «Тоҷикистон» низ дар сомонаҳои иҷтимоии Facebook, Twitter, YouTube ва месенҷер-Telegram саҳифаи расмӣ дошта, дар сомонааш нишонии онҳо оварда шудааст. Саҳифаи Facebook-ии ТВ «Тоҷикистон» «Ахбори Тоҷикистон» унвон дорад ва нисбат ба сомонаи расмиаш фаъолтар аст. Он дорои 42 900 аъзо (то 30.12.2025) мебошад. Бештар хабарҳои расмӣ, махсусан, сафару вохӯриҳои Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонро инъикос мекунад. Баъзан хабарҳои дигар, аз қабили таъйиноти кадрӣ ва наворҳои тарғиботии зебоии кишвар низ дарҷ карда мешаванд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар ҶТ мавқеи Фейсбук аз рӯзҳои аввали пайдоиш устувор буд ва имрӯз низ миёни дигар шабакаҳои иҷтимоӣ он пешсаф аст. Бо ин сабаб, саҳифаҳои фейсбукии бештари сомонаҳои иттилоотӣ нисбатан фаъолтаранд. Фаъолмандии шабакаҳои телевизионӣ дар шабаҳои иҷтимоӣ низ боиси муаррифии давлат ва дастовардҳои ҳукумати кишвар маҳсуб мешавад. Пӯшида нест, ки имрӯз дар шабакаҳои иҷтимоӣ таблиғ ҳамчун қисми таркибии имиджмейкинг шинохта шудааст.

Саҳифаи YouTube-и ТВ «Тоҷикистон» (Телевизиони Тоҷикистон (TVT) - YouTube) дорои 16 600 аъзо буда, 1200 навор дорад. Наворҳо бештар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вохӯриву суханрониҳо ва сафарҳои кории Пешвои миллат, таҷлили рӯзҳои муҳим, ҷашнҳои миллӣ, лавҳаҳои тарғиботии мавзеъҳои сайёҳӣ, филмҳои истеҳсоли «Тоҷикфилм», клипҳои ватандӯстонаро фаро гирифтаанд. Баъзе аз нашрҳои барномаи «Ахбор», ки аз воқеаву рӯйдодҳои муҳимми сиёсӣ иборатанд, дар саҳифа ҷой дода мешавад. Барномаҳои муаллифӣ кам ба назар мерасанд. Аз рӯйи нишондод наворҳои дар YouTube ҷойдошта зиёд тамошо мешаванд. Масалан, нашри санаи 3.06.2022-и барномаи «Ахбор»-ро, ки фарогири сафари кории Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст, 6 239 нафар (то санаи 12.07.2024) тамошо кардаанд. Иштироки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамоиши нахустини Шурои сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои арабии Халиҷ ва подшоҳии Арабистони Саудӣ бошад, 41 316 маротиба тамошо гардидааст. Дар умум, сомонаи YouTubeи ТВ «Тоҷикистон» дар шаклгирии имиҷи Пешвои миллат таъсири мусбат мегузорад.

Дар саҳифаи Twitterии телевизион – twitter.com/ShabakaiAvval баъзе аз наворҳои YouTube бознашр мегарданд. Дар умум, он чандон фаъол нест. Охирин маводди он соли 2021 нашр гардидааст.

Саҳифаи Telegram-и ТВ «Тоҷикистон» бошад, оҷилиятро то ҳадде нигоҳ дошта, ҳамарӯза аз 2 то 5-6 хабар ё гузориш пешниҳод мекунад. Ин ҷо низ дар самти сохтани имиҷи Пешвои миллат талошҳо ба назар мерасад.

Шабакаи телевизиони «Ҷаҳоннамо» низ чун шабакаи иттилоотӣ аз имконоти шабакаҳои иҷтимоӣ истифода намуда, дар шабакаи YouTube нисбатан фаъол мебошад. Саҳифаи YouTube-ии ТВ «Ҷаҳоннамо» – https://www.youtube.com/@jahonnamotv746 аз соли 2014 фаъол гардида, имрӯзҳо (декабри соли 2025) 3 120 обуначӣ дорад. Тӯли ду сол мешавад, ин саҳифа ҳамагӣ 105 наворро нигоҳ медорад. Ин наворҳо барномаи «Геополитика», «Суҳбати муҳим», «Айём», «Дидгоҳ», роликҳои тарғиботии мавзеъҳои сайёҳӣ,

ҳамкориҳои Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷа, махсусан, Ҷумҳурии Халқии Чин, филмҳои мустанад дар бораи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ташкил медиҳанд. Аз рӯйи нишондодҳо наворҳои воридшударо кам тамошо мекунанд. Ҳадди миёнаи тамошобинон 200 то 600 нафарро ташкил медиҳад. Дар ин миён чанд наворе низ мавриди таваҷҷуҳи аудиторияи васеъ қарор гирифтааст, ки барои муайян намудани нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилал мусоидат карда метавонад. Инҳо барномаи «Дидгоҳ»-и Барно Соҳибова дар мавзуи сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Чин, ки дар муддати 2 сол 1 400 маротиба дида шудааст ва навори 3-дақиқаина аз ҳамкории Тоҷикистону Чин, ки 14 ҳазор маротиба тамошо гардидааст.

Дар саҳифаи шабакаи иҷтимоии Instagram-и ТВ «Ҷаҳоннамо»-tv_jahonnamo одатан, навори хабарҳои дар телевизион пахшшударо мебинем. Ин хабару гузоришҳо ифодагари муваффақияту дастоварди шаҳрвандон, махсусан, варзишгарони тоҷик, чорабиниҳои сатҳи баланд, сафарҳои кории Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳузури меҳмонони олиқадр ба Тоҷикистон ва амсоли ин мебошанд. Баъзан, суҳбат, андешаронӣ ва ибрози назари меҳмонони олиқадри Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯтоҳ пешниҳод мегардад.

Дар ин саҳифа, ҳамчунин, андешаи бузургону равшанфикрони ҷаҳон оид ба фарҳанг ва тамаддуни оламгири тоҷикон ва фарзандони фарзонаи он [294] низ ҷой дода мешавад, ки самимона ва бо далелҳои қатъӣ ибрози назар кардаанд. Ин наворҳоро дар саҳифаи шабакаҳои иҷтимоии АМИТ «Ховар» низ мебинем. Ҳамчунин, чанд наворе ба назар расид, ки дар онҳо аз забони шоҳиди воқеаҳои солҳои 1990 ободониҳои кишвар талқин мешаванд. Ин гуна наворҳо ҳисси худшиносӣ ва ифтихори миллии шаҳрвандонро боло бардошта, дар муаррифии тоҷикон чун миллати соҳибтамаддун нақш гузошта метавонанд. Аммо муаррифиҳо аудиторияи маҳдудро фаро мегиранд, зеро забони барномаҳо, асосан, тоҷикӣ аст. Камбудии асосии аксари сомонаҳои иттилоотии Тоҷикистон маҳз дар якзабона будани фаъолияти онҳо мебошад.

Саҳифаи ТВ «Ҷаҳоннамо» дар шабакаи иҷтимоии Facebook 2 700 обуначӣ дошта, навор ва маводҳои чопӣ пешниҳод мекунад. Баъзе маводҳо аз сомонаи АМИТ «Ховар» иқтибос шуда, қисми зиёди барномаро хабар гузоришҳое ташкил медиҳанд, ки тариқи шабакаи телевизионии «Ҷаҳоннамо» пахш гардидаанд. Дар ин саҳифа бештар ба тарғиби соҳаи сайёҳӣ таваҷҷуҳ мешавад. Қисми зиёди маводҳо дар моҳи марту апрели соли 2024 нашр шудаанд. Ба назар чунин менамояд, ки тули ҳамин моҳҳо супориши махсус оид ба санҷиши самаранокии фаъолияти телевизион дар интернет шуда бошад, ки Telegram-шабакаи (**teleg.one/Jahonnamo_tv**) он низ гарчанде аз моҳи январи соли 2024 фаъол гардида бошад, дар моҳи апрел маводди зиёд пешниҳод намудааст. Пас аз он дар ин месенҷер дигар маводди нав ба назар намерасад.

Бояд қайд кунем, ки барои ТВ «Ҷаҳоннамо» истифода намудан аз имконоти интернетӣ ба манфиат аст, аммо сомонаи расмии шабакаи мазкур фаъол нест. Ду сол мешавад, ки сомонаи аз фаъолият бозмондааст. Фаъолманӣ дар интернет имкон медиҳад, ки ТВ «Ҷаҳоннамо» вазифаи асосии худро хуб иҷро намояд, оҷилан иттилоъро дар дохил ва хориҷи кишвар паҳн карда, номи Тоҷикистонро дар сархати хабарҳои ҷаҳонӣ ҷой кунад, вале, мутаассифона, танҳо дар сомонаҳои иҷтимоӣ фаъолиятро роҳандозӣ кардааст. Баръакси ин шабака сомонаи расмии ТВ «Варзиш» – https://www.varzishtv.tj аз чанд ҷониб бартарӣ дорад. Он дар шабакаҳои иҷтимоии Instagram (дорои 609 ҳазор обуначӣ), YouTube (дорои 255 ҳазор обуначӣ), Facebook (дорои 53 ҳазоробуначӣ), Telegram (дорои 25 ҳазор обуначӣ) , Twitter, ВКонтакте (маълумоти соли 2025) низ хеле фаъол буда, дар фазои иттилоотии Тоҷикистон мавқеи хосса дорад.

Тавассути сомонаи расмии шабакаи «Варзиш» ва саҳифаҳои расмии шабакаҳои иҷтимоӣ варзишгарони тоҷик ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар муаррифӣ мегарданд. Сомонаи номбурда аудиторияи худро бо роҳҳои гуногун ҷуста, робита барқарор мекунад. Масалан, агар пештар бо аудитория тавассути мессенҷери Viber дар иртибот буд, имрӯз мувофиқи талаботи

аудитория ба Telegram рӯй овардааст. Дар ҳолати имконпазир аудиторияи худро дар сомонаҳои иҷтимоие, ки имрӯз ҷомеа ба онҳо кам таваҷҷуҳ мекунад, нигоҳ медорад. Барои нигоҳ доштани корбарони 82-ҳазора дар саҳифаи «Однаклассники», ки имрӯз ба он таваҷҷуҳ камтар аст, бозиҳои футболро мустақиман пахш мекунад.

Дар ин баробар сомонаи расмии телевизиони мазкур имкон медиҳад, ки ба тариқи онлайн бо ТВ «Варзиш» пайваст шуда, дар дилхоҳ ҷой намоишу барномаҳои онро тамошо кунем. Сомонаҳои расмии шабакаи телевизиони «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» чунин имкониятро ба аудиторияи худ надодаанд.

Дар сомонаи мазкур ва саҳифаи шабакаҳои иҷтимоии он фаврият риоя шуда, аз имконоти асосии интернет ба хубӣ истифода мегардад. Ҳамарӯза то 15 хабар пахш мешавад. Агар пахши мустақими ТВ «Варзиш» аз се як ҳиссаи эфирро ташкил диҳад, сомонаи он 24 соат бо аудитория дар иртибот аст. Масалан, ғолибияти Сомон Маҳмадбеков дар мусобиқаи Қаҳрамонии ҷудои ҷаҳон, ки дар шаҳри Абу-Дабии АМА баргузор гардид, ҳамон лаҳза зери сарлавҳаи «Пас аз 17 сол Сомон Маҳмадбеков умедҳои мардуми тоҷикро бароварда кард» [349] дар сомонаи расмии телевизион пахш шудааст. Ин рӯйдоди фараҳбахш дар саҳифаи Telegram, Facebook ва Instagram бо чунин сарлавҳа интишор гардидааст: «Сомон Маҳмадбеков (81 кг) барандаи медали биринҷии Қаҳрамонии ҷудои ҷаҳон 2024. Имрӯз Сомон таърих сохт ва саҳифаи наверо пас аз 17 сол дар таърихи ҷудои тоҷик боз кард...» [373]. Чунин фавряту гуногунрангӣ таваҷҷуҳи аудиторияро ҷалб намуда, дар муаррифии чеҳраҳои шинохтаи варзиши кишвар мусоидат менамояд.

Дар баробари фаврият як хусусияти дигари фарққунандаи шабакаҳои иҷтимоии ТВ «Варзиш» дар он аст, ки мувофиқи формати ҳар шабака мавод таҳия мекунад. Махсусан, роликҳои ҷолибу таъсирбахши тарғиботӣ, ки бештар дар саҳифаҳои иҷтимоии Instagram, Facebook ва Telegram гузошта мешаванд, таваҷҷуҳи аудиторияро ҷалб намуда, зиёд бознашр мегарданд. Масалан, навори

махсус барои Instagram омодагардида, инъикосгари муҳаббату самимияти як мухлиси миёнасоли футбол аст, ки баробари ҳар зарбаи тӯб эҳсосоти баландаш иваз мешавад, гоҳо мегиряду гоҳо механдад. Он бо мусиқии таъсирбахше танзим гардида, 239 ҳазор маротиба тамошо шуда, ба 5 488 (то соли 2025) нафар писанд омадааст.

Навори видоъ кардани Рустам Ятимов – дарвозабони асосии тими миллии футболи Тоҷикистон, ки ҳамакнун, ба ҳайати «Ростов» ҳамроҳ мешавад, 776 ҳазор маротиба тамошо гардида, 9 401 ишораи «писанд» (то санаи 13.07.2024) гузошта шудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Рустам Ятимов чун симои футболи тоҷик имрӯз мухлисони зиёд пайдо намудааст ва ҷомеа нисбат ба фаъолияти минбаъдаи ӯ бетафовут нест. Дар муаррифии Рустам Ятимов низ нақши ТВ «Варзиш» зиёд аст. Имрӯз Р. Ятимовро натанҳо дар Тоҷикистон, балки дар давлатҳои ҳамҷавору ҳамзабон ва Федератсияи Россия ҳамчун футболбози тоҷикистонӣ хуб мешиносанду эҳтиром мекунанд.

Дар умум, сомонаи расмии ТВ «Варзиш» ва шабакаҳои иҷтимоии он дар муаррифии варзишгарон ва дастовардҳои соҳа нақши назаррас дорад, ки он дар шаклгирии имиҷи мусбати Тоҷикистон бетаъсир намемонад. Яке аз унсурҳои муҳимми имиҷсозӣ муаррифии чеҳраҳои муваффақи кишвар, хосса варзишгарони номӣ аст. Хушбахтона солҳои охир бо шарофати варзишгарони тоҷик парчами Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ парафшонӣ мекунад. Сомонаи ТВ «Варзиш» бошад, дар шиносонидани ин чеҳраҳо дар арсаи ҷаҳон ҳамаҷониба талош менамояд. Дар саҳифаи аввали сомонаи ТВ «Варзиш» – афишаи сомона расми Пешвои миллат, Раиси Кумитаи олимпии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қаҳрамонони варзиш Дилшод Назаров, Мавзуна Чориева, Рустам Ятимов, Расул Боқиев, Темур Раҳимов инъикос гардидааст. Баъд аз он ба тариқи худкор саҳифаи дигар варақгардон мешавад, ки пайваста дар таҳаввулу тағйирёбист. Масалан, соли 2024 дар ин саҳифаҳо расми 12 нафар иштирокчиёни Олимпиадаи Париж – 2024 инъикос гардида, ду саҳифаи дигар расми ситораҳои футболро пешниҳод кард, ки яке аз санаи баргузории Ҷоми

Амрико ва дигаре аз Ҷоми Аврупо (соли 2025) дарак медод. Соли 2026 ҷойи онро рӯйхати бозиҳои дар пешистодаи футболи Тоҷикистон бо давлатҳои Ӯзбекистон, Ҷопон ва Австралия иваз намуд. Дар он расми се футболбози тими Тоҷикистон ҷой дода шудааст. Сомонаи ТВ «Варзиш» ҳамша ба назар мегирад, ки дилхоҳ соҳа бо чеҳраҳои мушаххас муаррифӣ мегардад, аз ин рӯ дар муаррифии чеҳраҳои варзишӣ аз камтарин имконият босамар истифода мебарад. Ташкил шудани рубрикаи «Шарҳи ҳол» дар сомона низ ҳамин мақсадро ифода мекунад.

Рубрикаи «Шарҳи ҳол»-и сомона – https://varzishtv.tj/tj/sharkhi-khol/ дар бораи муваффақтарин қаҳрамонони варзиши кишвар маълумоти шарҳиҳолӣ пешниҳод намуда, ҳамчунин, дастовардҳои муҳимми онҳоро ёдоварӣ мекунад. Масалан, дар бораи Рустам Ятимов – дарвозабони асосии тими миллии Тоҷикистон баробари маълумоти умумӣ инчунин, чанд далели ҷолиб оварда мешавад, ки ъттибори ӯро назди мухлисон бештар мегардонад: «Рустам Ятимов қаҳрамони 6-каратаи Тоҷикистон, 4-карата Ҷоми Тоҷикистон ва 4-карата Суперҷоми Тоҷикистон аз ҳайати «Истиқлол» мебошад. Ғолиби мусобиқаҳои «King's Cup-2022» ва «Ҷоми Мердека-2023» дар ҳайати тими миллии Тоҷикистон аст. Беҳтарин дарвозабони Тоҷикистон дар соли 2022 ва беҳтарин бозигари Тоҷикистон дар соли 2023 мебошад. Гаронтарин бозигари тоҷик 1,8 млн евро тибқи портали Transfermarkt буда, дар қатори шашгона гаронарзиштарин дарвозабонҳои қораи Осиё ҳоло қарор дорад ва рекорди мутлақро барои тамоми футболбозони тоҷик гузоштааст.

Ятимов соли 2025 дар ҳайати «Ростов» беҳтарин дарвозабони Ҷоми Россия донистa шуда, инчунин, беҳтарин бозигари Суперфинали Ҷоми Россия эътироф гардид. Инчунин, Рустам Ятимов беҳтарин бозигари моҳи майи соли 2025 дар Премйер-Лигаи Россия ҳайати «Ростов» гардид» [410]. Ин маълумотро расми Р. Ятимов бо ситораи футболи сатҳи ҷаҳонӣ Криштиану Роналдо ҳангоми бозӣ оро додааст, ки таваҷҷуҳро зиёдтар ҷалб менамояд.

Маълумотномаи паҳлавони номдори риштаи ҷудо Темур Раҳимовро бошад, расми ӯ бо ситораи варзиши ҷаҳонӣ Тедди Ринер ҳангоми мусобиқа ҷолиб гардонидааст. Ҳамин гуна, дар рубрикаи «Шарҳи ҳол» дар бораи варзишгарони шинохтаи риштаҳои гуногун Мавзуна Чориева, Баҳодур Усмонов, Давлат Болтаев, Дилшод Назаров, Зебунисо Рустамова, Комроншоҳ Устопириён, Расул Боқиев ва 9 нафари дигар маълумот ёфтан мумкин аст [410], ки дар муаррифии шаҳрвандони муваффақи Тоҷикистон таъсири амиқ мегузорад.

Дар баробари бартариҳо сомонаи ТВ «Варзиш» низ аз камбудӣ орӣ нест. Мисли сомонаҳои иттилоотии дигар ин сомона ҳам бештар бо як забон мавод таҳия ва паҳн менамояд. Дар соли 2024 фаъолияти он танҳо бо забони тоҷикӣ роҳандозӣ гардида, ҳоло (соли 2026) саҳифаи русиаш фарогири чанд маводди ночиз аст. Бо вуҷуди он ки имрӯз дастовардҳои варзишии мо марзҳоро убур мекунанд, аммо аудиторияи берун ба назар гирифта нашудааст. Махсусан дар саҳифаи русии сомонаи https://varzishtv, ҷой намудани рубрикаи «Шарҳи ҳол», ки фарогири маълумот дар бораи 16 варзишгари тоҷик буда, расмҳои таърихии ин варзишгарон маводро оро медиҳад, ба манфиат мебошад. Агар сомонаи https://varzishtv дар муаррифии соҳаи варзиш имкони бештар дошта ва то ҳадде ин имконро ба манфиат истифода мебарад, сомонаи https://tvsayohi.tj/ дар муаррифии самти сайёҳии кишвар ва фарҳангу ҳунарҳои мардумӣ талош менамояд.

Дар саҳифаи аввали сомонаи ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» – https://tvsayohi.tj/ мисли сомонаи https://varzishtv мустақиман барномаву намоишҳои телевизиониро тамошо кардан мумкин аст. Сомонаи мазкур сирф соҳавӣ буда, чунончи аз номаш маълум аст, ҳадафи асосиаш тарғиби имконоти сайёҳии кишвар ва ҳунарҳои мардумӣ мебошад. Сомонаи мазкур аз соли 2022 фаъолиятро оғоз намуда, дар ташаккули имиҷи сайёҳии Тоҷикистон ва бренди «Тоҷикистон – кишвари сайёҳӣ» нақши арзанда гузошта истодааст. Саҳифаи асосии ин сомона (соли 2024-2025) дар баробари иттилооти саривақтӣ, ки

манбаи асосии онҳо АМИТ «Ховар» ва сомонаи расмии Кумитаи сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, инчунин, аз 12 навор иборат мебошад, ки баёнгари мавқеи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон ва муаррифгари имконоти сайёҳии кишвар мебошанд. Аз ҷумла, мусоҳибаи таърихии Пешвои миллат дар ТВ СММ дар доираи Конференсияи об, ки моҳи марти соли 2023 дар шаҳри Ню-Йорк баргузор гардид, баромади Президенти Тоҷикистон аз минбари СММ дар мавриди офатҳои табиӣ ва муқовимат бо терроризм, лавҳа аз сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳри Ню-Йорк, маросими сарфарозгардонии Президенти ҶТ бо Ордени «Олтин Қаран» аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон, барномаи таҳлилӣ дар мавзуи тағйирёбии иқлим ва аҳаммияти мамнуъгоҳи «Бешаи палангон» бо забони русӣ ва сатри англисӣ, Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 30-юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, лавҳаи тарғиботии Боғи Парчами шаҳри Душанбе, анонси яке аз барномаи «Раҳ ба раҳ» ва навори муаррификунандаи портали сайёҳии Тоҷикистон бо се забон (англисӣ, тоҷикӣ, русӣ) ва ғайра. Портали миллии сайёҳӣ (https://traveltajikistan.tj/ қадами хеле зарурӣ барои таъмини сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ бо маълумоти босифат ва боэътимод дар бораи мавзеъҳои сайёҳии давлати мо мебошад. Дар ин ҷо барои дӯстдорони кӯҳсор, обу чашмаҳо, табиат, таърих, меъморӣ, дин, экология, ҷуғрофиё, этнография ва дигар соҳаҳо маълумоти зарурӣ мавҷуд аст. Дар партал маълумоти пурра оид ба имконоти сайёҳии Тоҷикистон, минтақаҳо (Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Хатлон, Суғд, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) ва равзанаҳои иттилоотӣ, аз қабили «Намудҳои сайёҳӣ», «Хатсайрҳо», «Чорабиниҳо/Ҷашнҳо», «Дастур барои сайёҳ» (асъор, нақлиёт, меҳмонхона, раводид) ҷойгир шудааст [352]. Аз ин рӯ, дар сомонаи ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» навори муарифкунандаи портали миллии сайёҳӣ дар саҳифаи аввал ҷой гирифтааст.

Портали миллии сайёҳӣ, Сомонаи Кумитаи рушди сайёҳии ҶТ, Президенти ҶТ, АМИТ «Ховар» шарикони доимии сомонаи https://tvsayohi.tj/ мебошанд.

Дар саҳифаи асосии сомона гӯшаи сайёҳӣ ва гӯшаи ҳунар мавҷуд аст, ки тамоми иттилооти ин самтро фаро мегирад. Зери рубрикаҳои «Президент», «Хабарҳо» («Парлумон») ва «Тоҷикистон» воқеаву рӯйдоди сиёсии кишвар аз назар дур намонад ҳам, аммо мавзуи асосии инъикосшаванда сайёҳӣ мебошад. Зери рубрикаи «Барномаҳо» муҳтавои барномаҳои ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» оварда шудааст, ки барои бинанда роҳбалад аст.

Фаъолияти сомонаи https://tvsayohi.tj/ тавассути сомонаҳои иҷтимоии Instagram, Facebook, YouTube хуб ба роҳ монда шудааст. Дар сомонаҳои иҷтимоии «Однокласники», «Вконтакте» обуначиён ниҳоят кам буда, тамошои наворҳо низ камтар сурат мегиранд. Масалан, «ВКонтакте» ҳамагӣ 15 нафар обуначӣ дошта, тамошобинони наворҳои гуногун 6-10 нафарро ташкил медиҳанд.

Саҳифаи Instagramи ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» – https://www.instagram.com/tv__sayohi/# 4001 обуначӣ дошта, наворҳои нашршуда 245-торо ташкил мекунанд, ки дар шакли кӯтоҳу ҷолиб аз ҷашну маросим ва воқеаҳои муҳимми кишвар омода шудаанд. Шарҳу бардоштҳои аудитория ва бознашри наворҳо то 6.07.2014 нисбатан кам аст. Маълум мегардад, ки сомона аз омилҳои ҷалби аудитория камтар кор мегирад.

Саҳифаи Facebook-ии сомона наздики 5 ҳазор обуначӣ дошта (соли 2025), ҳамарӯза на камтар аз 10 маводди чопӣ ва расму навор нашр мекунад. Наворҳои ин сомона нисбатан бинандаи зиёд дорад, бознашр ва шарҳи обуначиён низ намоён аст. Аз ҷумла, навори тарғиботии «Сари хосор»-ро 1 400 нафар тамошо карда, ба 98 нафар писанд омадааст, анонси барномаи «Меҳмонхона» низ бинандагони зиёд дошта (ба 3 ҳазор мерасад), то 20 нафар онро бознашр кардаанд.

Дар шабакаи иҷтимоии YouTube бо нишонии www.youtube.com/@tvsayohi наворҳои зиёде мавҷуданд. Махсусан лавҳаҳои тарғибгари мавзеъҳои сайёҳӣ ва барномаҳои муаррификунандаи инфрасохтори сайёҳии кишвар, наздик ба 2-3 ҳазор ва баъзан, зиёда аз он бинанда доранд. Маълум мегардад, ки ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар муаррифии кишвар тавассути ин саҳифаи иҷтимоӣ муваффақтар аст. Дар навор намунаи намоишҳое ҷой дода мешаванд, ки аз минтақаҳои гуногуни кишвар таҳия гардидаанду ба рушди сайёҳии минтақавӣ мусоидат менамоянд. Боиси таъкид аст, ки таваҷҷуҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи сайёҳии кишвар зиёд буда, барои ташаккули имиҷи сайёҳии худ ҳамаҷониба чораҳо меандешад. Фаъолияти босамари телевизиони номбурда тавассути интернет барои амалӣ гардидани ин ҳадафи Ҳукумати кишвар омили хуб буда метавонад. Дар умум, гуфта метавонем, ки сомонаи ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва саҳифаҳои иҷтимоии он дар ташаккули имиҷи сайёҳии кишвар нақши назаррасу мусбат гузошта истодаанд.

Сомонаи АМИТ «Ховар» дар домени тоҷикӣ бо суроғаи www.khovar.tj (Ховар.тҷ) ҷойгир аст. Ин сомона тобеи Агентии миллии иттилоотии «Ховар» мебошад, ки дар тӯли фаъолияти худ тавонистааст мақоми маркази давлатии иттилоотиро касб кунад. Чунончи, А. Сабуров ва собиқ директори АМИТ «Ховар» З. Сайидзода қайд кардаанд: «Аз моҳи декабри соли 1925 вай дар сафи пеши хадамоти иттилоотии кишвар аст ...» [136, с. 38]. Имрӯзҳо сомонаи он ҳам яке аз сомонаҳои пешсафи ҷумҳурӣ ба шумор меравад.

Вазифаи асосии он ҷамъоварӣ, паҳн намудани иттилоот доир ба масоили муҳимми ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии он дар ҷумҳурӣ ва хориҷи он мебошад. Ахборномаи махсуси «Набзи Ховар» («Пульс Востока») ҳамарӯза (ба истисноi рӯзҳои истироҳат) барои мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, созмонҳои ҷамъиятӣ, сафоратхонаҳои хориҷӣ ва сохторҳои байналмилалӣ омода мешавад. Ҳамчунин, АМИТ «Ховар» дорои радио мебошад, ки тавассути сомона ба мавҷи он – 101,5 FM пайваст шудан мумкин аст.

Мувофиқи маълумоти сомонаи он имрӯз АМИТ «Ховар» дар тамоми вилоятҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, дар Федератсияи Россия (ш. Москав), Туркия (ш. Анқара), Олмон (ш. Берлин) ва ИМА (ш. Ню-Йорк) шабакаи мухбирон дорад, ки дар муаррифии Тоҷикистон нақши босазо мегузорад.

Фаъолияти сомонаи khovar.tj аз соли 2002 оғоз гардида, бойгонии маводди худро аз соли 2008-ум фаъол намуд. Бартарии асосии сомонаи АМИТ «Ховар» дар он аст, ки маводдҳои ҷамъоварда бо забони тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, арабӣ ва ҳуруфи форсӣ нашр мегарданд. Дар бештари сомонаҳое, ки ба забонҳои хориҷӣ таваҷҷуҳ мекунанд, одатан фаъолияти сезабона – тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ба роҳ монда мешавад. Робита ва ҳамкории *khovar.tj*. бо агентиҳои миллии давлатҳои хориҷа баръало намудор аст. Аз ҷумла, дар саҳифаи асосии сомона чанд агентии иттилоотӣ ба сифати шарикон ишора гардидааст:

1. Агентии иттилоотии «Синхуа» — Агентии иттилоотии расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Чин ва бузургтарин маркази иттилоотию нишастҳои матбуотӣ дар Чин, нишонии электронӣ https://russian.news.cn/index.htm, фаъолият бо 12 забон;

2. «Агентии иттилоотии байналмилалии «КАЗИНФОРМ» — Агентии иттилоотии давлатии Қазоқистон, нишонии электронӣ https://www.inform.kz/, фаъолият бо 7 забон;

3. Агентии иттилоотии давлатии Туркманистон (TDH) –»Туркменистан сегодня», нишонии электронӣ https://tdh.gov.tm/tk#, фаъолият бо 3 забон;

4. ТАСС – агентии пешбари давлатии Россия, нишонии электронӣ https://tass.ru/ , фаъолият бо 2 забон;

5. АРМЕНПРЕСС – Агентии иттилоотии Арманистон, нишонии электронӣ Armenpress.am, фаъолият бо 10 забон;

6. АЗЕРТАДЖ – Агентии иттилоотии давлатии Озарбойҷон, нишонии электронӣ azertag.az, фаъолият бо 8 забон;

7. БелТА – бузургтарин Агентии иттилоотии Беларус, нишонии электронӣ, belta.by, фаъолият бо 7 забон;

8. Anadolu Ajansı – Агентии «Анадолу»-и Туркиё, нишонии электронӣ https://www.aa.com.tr/ , фаъолият бо 12 забон;

9. Агентии миллии иттилоотии Ӯзбекистон – УзА (uza.uz), фаъолият бо 11 забон.

10. Агентии иттилоотии Покистон – https://www.app.com.pk/, фаъолият бо 7 забон.

Инчунин, АМИТ «Ховар» аъзои Шурои роҳбарони агентиҳои иттилоотии кишварҳои узви ИДМ (Информсовет СНГ) (e-cis.info) ва Ассотсиатсияи агентиҳои миллии иттилоотии давлатҳои аъзои ИДМ – АНИА (ania-news.info) мебошад. Маълум мегардад, ки Сомонаи агентии иттилоотии «Ховар» барои густариши ҳамкориҳо ва паҳн намудани иттилоъ дар бораи Тоҷикистон дар ВАО-и ҷаҳонӣ амалҳои намоён ва шоён анҷом дода истодааст, зеро васеъ намудани доираи ҳамкориҳо бо агентиҳои иттилоотии минтақа ва давлатҳои хориҷа василаи хуби мубодилаи ахбор ва дар ин замина пахш намудани иттилооти зарурӣ дар саҳифаи агентиҳои шарикон мебошад. Ба роҳ мондани ин гуна мубодила барои муаррифии давлат дар сатҳи ҷаҳонӣ замина муҳайё карда, дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Сомонаҳои шарик дар навбати худ ба агентии «Ховар» ҳамчун агентии ҳамкор ишора карда, ҳангоми пахши иттилоъ дар бораи Тоҷикистон бештар ба АМИТ «Ховар» чун сарчашмаи асосии иттилоотӣ муроҷиат мекунанд. Аз ин сабаб, сомонаи «Ховар» маводдҳои худро бо назардошти муносиботи дипломатии давлатҳо интихоб ва пешниҳод менамояд. Аслан, ин сомона барои шакл додани имиҷи сиёсии Тоҷикистон кӯшиш менамояд.

Бо ворид шудан ба сомонаи АМИТ «Ховар» дар назари аввал чунин метобад, ки мавзуъҳои асосии инъикосшаванда дар ин сомона танҳо сиёсиანд, чун дар саҳифаи асосӣ ба ин мавзуъ бартарӣ дода мешавад, аммо дар асл, сомона фарогири тамоми самтҳо мебошад. Дар зери рубрикаҳои «Президент»,

«Парламент», «Пойтахт», «Сиёсати хориҷӣ», «Амният», «Иқтисодӣ» (иборат аз бахшҳои «Саноат» Бонкдорӣ», «Баҳогузории лоиҳаи НБО «Роғун»), «Иҷтимоӣ» (иборат аз бахшҳои «Маориф», «Фарҳанг», «Варзиш», «Танзим», «ТҲС»), «Сайёҳӣ», «Минтақа ва ҷаҳон» аз паҳлуҳои гуногуни ҳаёти кишвар маълумот пайдо намудан мумкин аст. Ҳамчунин, аз ҷониби рости сомона бахшҳои алоҳида вобаста ба санаҳои муҳим, ташаббус ва ибтикори Ҳукумат, шахсияти Президенти Тоҷикистон, иншооти бузурги кишвар мавҷуданд, ки ҳар кадоме вобаста ба самт дорои бойгонии иттилоотӣ мебошад. Чун сомона тобеи агентии миллии иттилоотии кишвар аст, ҳангоми тарҳрезии он кӯшиш гардидааст, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатро фарогир бошад ва ҳамин тавр ҳам шудааст. Унсурҳои муҳимме, ки дар ташаккули имиҷи дохиливу хориҷии Тоҷикистон мусоидат менамоянд, дар ин саҳифа мавҷуданд ва истифодабаранда пайваста бо ин дастовардҳо рӯбарӯ мешавад. Хоҳу нохоҳ рамзҳои асосии кишвар дар хотираш нақш мебандад. Хислати визуалӣ бахшидан ба рамзу нишони муаррифгари як давлат шарти асосии брендсозӣ ва ташаккули имиҷи он дониста мешавад. Дар сомонаи АМИТ «Ховар» ин шарт хубу касбӣ риоя мегардад.

Масалан, дар бахши «35 – соли Истиқлоли Тоҷикистон» 128 саҳифа мавод ҷой дода шудааст, ки ба ҷашни Истиқлолияти давлатӣ бахшида шудаанд. Ин бахш бо логотипи хосса, ки аз расми муҷассамаи асосгузори давлати тоҷикон шоҳ Исмоили Сомонӣ ва манораи рамзи 30-солагии Истиқлолият иборат мебошад, ишора гардидааст. Истифодаи пайвастаи рамзи давлатдории тоҷикон муҷассамаи Исмоили Сомонӣ ва манораи «30-солагии Истиқлолият» – иншооти муҳташам ва сайёҳии шаҳри Душанбе, ки дили сокинону меҳмонони пойтахтро тасхир кардааст [327], метавонад чун рамзи давлати тоҷикон шинохта шавад, монанди манораи «Эйфел»-и Париж ва манораи «Озодӣ»-и Ню-Йорк.

Чанд бахши дигар, ки махсус барои брендсозии Тоҷикистон ва муаррифии бренди миллӣ мусоидат мекунанд, аз ҷониби рости сомона ҷойгиранд. Махсусан, бахши сайёҳӣ бо рубрикаи «Тоҷикистон – сарзамини сайёҳӣ», ки дар

ҳамкорӣ бо Кумитаи рушди сайёҳии Тоҷикистон ташкил шудааст, дар сохтани бренди «Тоҷикистон – кишвари сайёҳӣ» мусоидат менамояд. Дар ин бахш тамоми иттилооте, ки дар самти сайёҳӣ аз ҷониби Кумитаи рушди сайёҳии Тоҷикистон анҷом дода мешавад, пешниҳод мегардад.

Блок ё бахши дигар, ки дар баробари хусусияти рекламавӣ доштан (рекламаи обҳои ташнашиканӣ «Сиёма»), ҳамчунин, муаррифгари молу маҳсулоти миллӣ ва тарғибгари Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028» мебошад, бо расми обҳои ташнашикани ширкати ватании «Сиёма», кӯҳҳои барфпӯши ватан ва расми гӯсфанди Марко Поло оро ёфтааст. Бояд гуфт, ки гӯсфанди кӯҳии Марко Поло бренди Тоҷикистон маҳсуб шуда, дар қатори дигар дастовардҳои ҷумҳурӣ диққати сайёҳони хориҷиро ба худ ҷалб менамояд. Сайёҳон аз Амрикою Аврупо на танҳо барои шикор, балки бо мақсади дидани он ба Тоҷикистон сафар мекунанд [330]. Ҷой додани рамз ва брендҳои миллӣ дар саҳифаи асосии сомонаи агентии иттилоотӣ «Ховар» ҳадафмандона буда, он дар муаррифии давлат хуб мусоидат мекунад, чунки бренди мувофиқи давлат на танҳо имкон медиҳад, ки эътибори сиёсати хориҷӣ ва дохилии кишвар боло равад, балки имиҷи сиёсии кишварро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардошта, ҳаҷми содироти молу хизматрасониҳои брендиро афзун мегардонад, робитаҳо ва шарикии байналмилалиро таҳким мебахшад, эҳсоси ҳувияти миллӣ ва рақобатпазирии умумии кишварро баланд мебардорад.

Мавзуи дигари ин бахш «Роғун – сохтмони аср» аст, ки расми асосии он инъикосгари Пешвои миллат дар муҳити сохтмончиёни НБО-и «Роғун» мебошад. НБО-и «Роғун» ҳамчун ормони миллӣ иншоотест, ки Тоҷикистонро чун ҷонибдори асосии иқтисодиёти сабз муаррифӣ намуда, ҳамчунин, барои расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ мусоидат мекунад. Дар баробари ин, он аз ирода ва устувориву сарҷамъии миллати тоҷикон гувоҳӣ медиҳад.

Дар умум, ба ғайр аз рубрикаҳои алоҳидае, ки дар сомонаи АМИТ «Ховар» мавҷуданд ва ҳамарӯза вобаста ба самт дар онҳо хабарҳои зиёде ҷойгир

мешаванд, инчунин, воқеаҳои муҳимми Тоҷикистон, ки муаррифгари асосии симои кишваранд, дар шакли лоиҳаҳои махсус дар сомона ҷой дода шудаанд.

Унсури дигари имиҷсозӣ, ки дар барномаву намоишҳои ТВ «Тоҷикистон» низ ба роҳ монда шудааст ва дар сомонаи АМИТ «Ховар» ҳам ба он эътибори хосса зоҳир карда мешавад, мусоидат ба ташаккули имиҷи сарвари сиёсӣ аст. Дар бахши «Истиқлолияти Тоҷикистон ва Пешвои миллат» дар бораи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳми ӯ дар пойдории сулҳу субот ва ободонии кишвар, андешаи «Шахсиятҳои саршиноси ҷаҳон дар бораи Эмомалӣ Раҳмон» [315] очерку мусоҳибаҳо дар бораи Пешвои миллат мавҷуданд, ки дар шинохти шахсияти Эмомалӣ Раҳмон чун сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд.

Ҳайати эҷодиву техникии сомонаи www.khovar.tj дар инъикоси масоили ҷаҳонӣ вобаста ба Тоҷикистон эҳтиёткорона муносибат намуда, кӯшиш мекунад, то дар муносибатҳои дипломатии давлатҳо халал ворид насозад. Ҳамзамон, тамоми иттилои нашршаванда бо дарназардошти ҳифзи манфиатҳои миллӣ, нигоҳдории нуфузу эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, муаррифии симои мусбати кишвар таҳия мегарданд. Масалан, дар робита ба фоҷиаи «Крокус Сити Холл»-и Москва, ки гунаҳкорони асосии он шаҳрвандони Тоҷикистон дониста шуда, симои онҳо чун террористон дар саҳифаи аввали воситаҳои ахбори оммаи ҷаҳонӣ чанд моҳ қарор гирифт, сомонаи www.khovar.tj вобаста ба фоҷеаи номбурда танҳо 5 хабари расмӣ чоп намуд, ки ҳамагӣ изҳороти ҳамдардии роҳбарияти давлату Ҳукумати Тоҷикистон ба роҳбарияти Ҳукумати Россия буда, амали ғайриинсонии террористони бемиллату бемазҳаб дар онҳо маҳкум гардидаанд. Хабарҳо зери сарлавҳаи «Тоҷикистон терроризму ифротгароиро қотеона маҳкум менамояд» [398], «Дар Москва бар асари ҳамлаи террористӣ 60 нафар ҳалок ва зиёда аз 100 нафар захмӣ шуданд» [300], «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин барқияи изҳори тасаллӣ ирсол намуданд» [357], «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти

Федератсияи Россия суҳбати телефонӣ анҷом доданд» [358], «Рустами Эмомалӣ ба Валентина Матвиенко ва Вячеслав Володин барқияи изҳори тасаллӣ ирсол намуданд«, «Роҳбарияти филиали Донишгоҳи давлатии Москва дар Душанбе ба пояи лавҳаи хотира дар назди Сафорати Россия гул гузошт» (https://khovar.tj/ ) нашр гардидаанд.

Сомонаи АМИТ «Ховар» фоҷеаи ҳангомадорро бо чунин хулоса ҷамъбаст намудааст: «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Россия суҳбати телефонӣ анҷом доданд. Ҷонибҳо, ҳамчунин, рағбати худро ҷиҳати идомаи ҳамкории зич дар мубориза алайҳи терроризм, экстремизм ва зуҳуроти тундгароии динӣ, ки хатари ҷиддиро ба амният ба бор меоранд, тасдиқ намуданд».

Дар мавриди воқеаҳои мусбати марбут ба Тоҷикистон бошад, сомонаи khovar.tj пайваста фаъол аст. Чунончи, аз ҷашни 815-солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, ки дар қароргоҳи Юнеско баргузор гардид, пайваста маълумоти муфассал пешниҳод шудааст: «Дар қароргоҳи ЮНЕСКО 815-солагии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ таҷлил мегардад«; «Намоиши ҷашнии Тоҷикистон дар қароргоҳи ЮНЕСКО ифтитоҳ гардид»; «Ҷон шаву аз роҳи ҷон ҷонро шинос»; «Тоҷикистон 815-солагии Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро дар қароргоҳи ЮНЕСКО таҷлил менамояд«; «Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва саҳми ӯ дар густариши фарҳанги ҷаҳон»**;** «Сурудҳои мондагор». «Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст»; «Тоҷикистон 815-солагии Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро дар қароргоҳи ЮНЕСКО таҷлил намуд«.Ҳар кадом хабар пайгири самтҳои гуногуни баргузории ҷашнвора буда, аз муаррифии фарҳангу забони тоҷикон ба ҷаҳониён ва таваҷҷуҳи хориҷиён ба фарҳангу санъати тоҷик дарак медод.

Агар таъриху фарҳанги гузаштагон муаррифгари миллати мо дар арсаи ҷаҳон аст гӯем, хато намекунем. Аз ин сабаб, Ҳукумати мамлакат барои муаррифии фарҳанг ба ҷаҳониён роҳҳои мусоид меҷӯяд. Дар замони ҷаҳонишавӣ рушд додани бартариҳои миллӣ ва муаррифии сазовори он дар

сатҳи ҷаҳон аз махсусияти милливу давлатдорӣ дарак медиҳад. Махсусан муаррифии фарҳангу тамаддун ва арҷгузори ба онҳо, имкон медиҳад, ки миллату давлат бо арзишҳои вижа муаррифӣ шавад. Дар ин замин худро аз хатарҳои раванди ҷаҳонишавӣ эмин нигоҳ дорад. Дар имиҷсозӣ рушди арзишҳои объект ва барҷаста нишон додану муаррифӣ намудани онҳо унсури асосӣ дониста мешавад.

АМИТ «Ховар» дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook, Instagram, YouTube, Telegram низ саҳифаҳои расмии худро дорад. Одатан, он чизе ки дар сомонаи иттилоотӣ нашр мегардад, дар шабакаҳои иҷтимоӣ бознашр мешаванд. Аксари навору расмҳое, ки АМИТ «Ховар» дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва саҳифаҳои расмии шабакаи иҷтимоӣ пешниҳод мекунад, бинандаи зиёд надоранд, зеро онҳо аз Сомонаи расмии Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон – http://www.prezident.tj/ гирифта мешаванд ва бидуни ягон тағйирот айнан бознашр мегарданд. Сомонаи http://www.prezident.tj/ оҷилан ҳам дар сомонаи худ ва ҳам дар тамоми шабакаҳои иҷтимоӣ иттилои расмиро пахш мекунад. Аз ин сабаб, бинанда ва хонандаи зиёд дорад. Масалан, навори «Маросими сарфарозгардонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мукофоти олии Ҷумҳурии Мардумии Чин – ордени «Дӯстӣ»-ро дар саҳифаи Instagram-ии Хадамоти матбуотии Президенти Тоҷикистон – https://www.instagram.com/emomalirahmontjk/reels/ 27,2 ҳазор, дар саҳифаи фейбукӣ 7 957, дар YouTube 272 маротиба (соли 2024) тамошо кардаанд. Айнан ҳамин наворро дар саҳифаи YouTubeи АМИТ «Ховар» - https://www.youtube.com/@niatkhovar/videosҳа ҳамагӣ 7 нафар тамошо кардаанд.

Сомонаи АМИТ «Ховар» дар доираи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии мардумии Чин ҳамон шабу рӯз иқтибосоти Си Ҷи Пинро дар мавзуъҳои сиёсӣ, идоракунӣ, роҳбарӣ дар шакли навор таҳия ва пешниҳод карда, ки тамошобини зиёд надошт. Шумораи тамошобинон дар давоми 1 ҳафта аз 4 то 15 нафарро ташкил намуд.

Дар умум, фаъолияти АМИТ «Ховар» дар интернет хуб ба роҳ монда шуда бошад ҳам, дар мавриди пахши иттилои расмӣ бештар маводди сомонаи Хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бознашр менамояд, ки дар натиҷа аудитория ба онҳо камтар таваҷҷуҳ мекунад.

Аз таҳлилу омӯзиши маводҳои интернетии АМИТ «Ховар» хулоса кардан мумкин аст, ки расона дар тарғиби сиёсати дохиливу берунаи Тоҷикистон, мавқеъ ва нуфузи Президенти Тоҷикистон дар миёни роҳбарони сиёсии давлатҳои хориҷии дуру наздик талошҳои зиёд мекунад. Дар баробари ин дар самти ташаккули имиҷи дохиливу берунаи Тоҷикистон натиҷаҳои судманд нишон дода истодааст. Дар ин самт фаъолияти сомонаи «Азия-Плюс» - https://www.asiaplustj.info низ бе таъсир нест. Тафовут ва бартарии ин сомона аз сомонаи «Ховар» дар он аст, ки он аз тамоми имконоти интернетӣ истифода намуда, маводди ҷолиб ва гуногунформат таҳия менамояд ва ба ин васила аудиторияро васеъ мегардонад. Чун аудиторияи васеъ дорад ва фаъолияташ бо забонҳои тоҷикиву русӣ ба роҳ монда шудааст, дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон таъсири амиқ гузошта метавонад ва дар ин самт бетафовут набуда, амали субманд нишон медиҳад.

Гурӯҳи расонаҳои мустақили Тоҷикистон – «Азия-Плюс» («Asia-Plus») аз се ширкати мустақил – агентии иттилоотӣ, нашрия ва ширкати телевизиону радио иборат мебошад, ки зери як тамға фаъолият мекунанд. Агентии иттилоотии номбурда аз соли 1995 дар Вазорати адлияи ҶТ ба қайд гирифта шуда, аз соли 1996 фаъолиятро оғоз намуд. Дар ҳоли имрӯз аудиторияи сомонаи ин агентӣ дар дохил ва хориҷи кишвар зиёд мебошад. Маводдҳои агентӣ бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таҳия ва пешниҳод мегарданд.

Сомонаи https://www.asiaplustj.info аз 7 рубрикаи доимӣ: «Асосӣ», «Тоҷикистон» («Ҳокимият», «Сиёсат», «Иқтисод», «Амният», «Ҳаводис», «Қонун ва тартибот», «Ҷомеа»), «Осиёи Марказӣ», «Ҷаҳон», «Варзиш», «Ақида», «Лоиҳаҳои махсус» таркиб ёфтааст. Маводдҳои зери ҳар рубрика пайгири мавзуъҳои мушаххас буда, қариб ягон воқеаву рӯйдод аз назар дур

намемонад. Аз сарфи маблағ барои сохтмони бинои нави Ҳукуматӣ ва Парлумони Тоҷикистон то дастгир шудани собиқ раиси ҲДТ Усмонзода [287] мадди назари кормандони «Азия-Плюс» буда, ҳамзамон пайгири амалу воқеаҳои бавуқуъомада мебошанд. Масалан, вақте «Дар асоси қонуни нави танзими ҷашну маросим... дар Тоҷикистон пӯшидани сатру ҳиҷоб, «абая»-ҳои дарозу сиёҳ, ҷинсҳои дарида, либосҳои хеле кӯтоҳ ва нимурён манъ» [374] карда шуд, «Азия-Плюс» кӯшиш кард, аз вакилони парлумон, ки ин қонунро баррасӣ кардаанд, шарҳи мафҳуми «либоси ба фарҳанги миллӣ мувофиқ»-ро дарёфт кунад. Натиҷаи ин кӯшишҳо зери сарлавҳаи «Сатру ҳиҷоб ва ҷинси даридаву либоси нимурён. Пӯшидани кадом либосҳо дар Тоҷикистон манъ шуд?» [374] нашр гардидааст. Аз ҷумла, дар он зикр шудааст: «Баъди талоши зиёд, Муҷибахон Ҷавҳарӣ, вакили парлумон дар суҳбат бо «Азия-Плюс» гуфт, зери мафҳуми «либоси бегона» дар баробари ҳиҷоб ва сатр, инчунин, болопӯш («абаяҳо»)-и дароз ва сиёҳ, ки аз кишварҳои арабӣ омадаанд, ҷинсҳои дарида ва либосҳои хеле кӯтоҳ ва нимурён дохил мешаванд, ки дар асоси қонуни нав пӯшидани онҳо манъ аст.

Ба ҷойи сатру ҳиҷоб ӯ пешниҳод кард, ки занони тоҷик метавонанд, рӯймол бо услуби тоҷикӣ – аз паси сар ва пушти гӯш баста, занҳои калонсол рӯймолҳои рӯшани зебо, ки як тарафи рӯймолро ба паҳлуи дигар мегузоштанд, ба бар кунанд.

Вакили парлумон гуфт, «ҳамаи ин чораҳо барои пешгирӣ кардани таъсири фарҳанги бегона равона шудаанд» [292].

Бояд қайд кунем, ки қабули қонуни мазкур, махсусан, манъи либоси бегона – сатру ҳиҷоб боиси нигаронии гурӯҳе аз шаҳрвандони дохилӣ ва берунӣ гардид. Баъзеҳо, онро нақзи ҳуқуқи инсон, маҳдудкунии озодӣ ва баъзеи дигар, махсусан, муллоҳои афғон ин амали Тоҷикистонро амали муқобили динӣ шарҳу тавзеҳ дода, ҳангоматарошӣ карданд, ки симои Тоҷикистони демократиро то ҳадде коста мегардонид, аммо маводди боло Тоҷикистонро чун кишвари муҳофизи арзишҳои фарҳангӣ ва дунявӣ муаррифӣ мекунад. Мутаассифона, баррасии ин гуна мавзуъҳо дар АМИТ «Ховар» умуман ба назар намерасанд. Масалан, вобаста ба қабули қонуни болозикр танҳо мақолаҳои

тарғибгари либоси миллӣ нашр шудааст. Аз ҷумла, «Либоси миллӣ – ҷузъе аз фарҳанги тоҷикон. Дар рушди либоси миллӣ ва ба насли оянда мерос гузоштани он саҳми занон назаррас аст», «Тоҷикона мепӯшем!», «Дар шаҳри Бӯстон оид ба тарғиби либоси миллӣ ҳамоиш доир гардид», «Гулҳои Ватан шукуфта дар рӯйи чакан. Дар Академияи идоракунии давлатӣ либоси миллиро тарғиб намуданд», «Ҳам адрасу ҳам чакан аз они ману туст. Либоси миллӣ як ҷузъи фарҳанг буда, ифодагари назокату малоҳат ва дунёи рангини бонувони тоҷик аст», «Беҳтарин тарғибгари либоси миллӣ – 2024». Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон даври ҷамъбастии озмун гузаронида шуд».

Ин гуна тарғибот, яъне бо такрори пайваста дар зеҳни аудитория ҷой намудани ғоя усули куҳнашуда аст. Истифодабарандаи имрӯз интихоби васеъ дорад ва ҷалб намудани таваҷҷуҳи ӯ кори саҳлу осон нест. Дар ин баробар ҳисси кунҷковии аудиторияи имрӯза зиёд буда, ҳар гуна иттилоотро зуд қабул намекунад, балки шарҳу тавзеҳи онро талаб карда, ба саволҳои сершумор ҷавоб ёфтан мехоҳад. Муҳаққиқ Қ. Мухторӣ дар мавриди хислати аудиторияи муосири ВАО чунин қайдҳо дорд: «Имрӯз, истеъмолкунандагони иттилоот имкон доранд, ки ҳангоми гирифтани иттилоот аз ҳама имконоти дарки худ ҳамзамон истифода баранд ва гирифтани маълумоти рангоранг, пурмазмуну аудиовизуалӣ муҳим мебошад. Ҳамзамон, барои онҳо муҳим аст, ки ҳангоми гирифтани иттилоот, фавран дурустии далелҳоро бо манбаъҳои гуногуни дастрас муқоиса кунанд» [10, с. 4]. Бартарии «Азия-Плюс» дар ҳамин аст, ки барои офаринади маводди ҷолибу рангин ҳамаҷониба кӯшиш намуда, ба сарчашмаҳои зиёди эътимодбахш такя мекунад.

Ба ғайр аз рубрикаҳои асосии сомонаи «Азия-Плюс»дар сатри дигар ба истилоҳи худи сомона «сюжетҳо» ҷойгиранд. Онҳо пайгири масоили асосии воқеаҳои марбут ба Тоҷикистон мебошанд, ки бо рубрикаҳои «Ҳамла ба «Крокус Сити Хол», «Афғонистон» ва «Тендеру ҷойҳои кори холӣ» номгузорӣ шудаанд. Рубрикаи аввал пайгири воқеаи «Крокус Сити Хол» ва паёмадҳои он буда, дар рубрикаи дуюм доир ба ҳамсоякишвари наздики мо пайваста

маълумот дарҷ мегардад, ки шаҳрвандони моро бетафовут гузошта наметавонад. Дар баробари ин, шаҳрвандони хориҷи кишвар низ мехоҳанд назари Тоҷикистонро нисбат ба ҳукумати нави Афғонистон донанд, аммо АМИТ «Ховар» дар бораи вазъи Афғонистони ҳамсоя иттилоъ камтар интишор мекунад. «Азия-Плюс» бошад, пайваста ба вазъи Афғонистон равшанӣ меандозад. Ин аз ҳар ҷониб ба манфиати Тоҷикистон мебошад, зеро аксари хориҷиён гумон мекунанд, ки вазъияти нooроми Афғониятон дар Тоҷикистон низ бетаъсир нест. Чунончӣ, баъзе сайёҳони бори аввал ба Тоҷикистон омада, изҳор менамоянд, ки андешаҳои мо дар мавриди нооромии Тоҷикистон бо сабаби ҳамсоягӣ бо Афғонистон дурӯғ баромад. Яъне нишон додани вазъияти давлати ҳамсоя, аз як ҷониб, муносибати ҳукумати моро нисбат ба вазъияти онҳо изҳор кунад, аз ҷониби дигар, нишон медиҳад, ки вазъияти кишвари ҳамсоя ба давлати мо ҳеҷ гуна таъсире надорад. Агар дошта бошад ҳам, ин танҳо дар сарҳад ва бо сабабҳои мушаххас рух медиҳад, ки сари вақт пешгирӣ мегардад.

Ҳангоми зер кардани қисмати «Ҳамла ба «Крокус Сити Хол» расми валангори ин бино ва маълумоти мухтасар дар бораи фоҷеа пайдо мешавад. Дар он аз ҷумла, кушоду равшан гуфта шудааст, чаҳор шаҳрванди Тоҷикистон ҳамчун гумонбари бевоситаи ҳамла ва чанд нафари дигар ҳамчун шарик ба ҳабси пешакӣ гирифта шудаанд. Баъди ҳамлаи террористӣ фишор болои муҳоҷирони тоҷик аз ҷониби мақомоти Россия ва бегонаситезӣ аз сӯйи афроди алоҳида бештар шуд. Ҷониби Тоҷикистон дар пайи фишорҳои ахир болои шаҳрвандонаш дар Россия чандин бор изҳори нигаронӣ кард ва ба сафири ин кишвар дар Тоҷикистон нотаи эътирозӣ супорид [409].

Аз оғози он воқеа зери сарлавҳаи «Кистанд ва чӣ гуна боздошт шуданд? Чаҳор ҳамлагари теракт дар «Крокус Сити Холл» расман эълон шуданд» [321] маводди хулосавие нашр шуд, ки муҳтавои онро маълумот дар бораи гумонбарон, андешаи ҷомеаи шаҳрвандиву блогерон ва матлабҳои воситаҳои ахбори омма

ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар охири мавод чунин омадааст: «Террористон миллат надоранд».

Пас аз хабарҳои эҳтимолияти даст доштани шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳамлаи террористӣ дар бахши русии шабакаҳои иҷтимоӣ навиштаҳо ва шарҳҳо бо даъвати ихроҷи кулли тоҷикон аз Россия, пеш кардани онҳо аз кор ва худдорӣ аз сафар дар таксӣ бо ронандагони тоҷик оғоз ёфт.

Аммо баъдан шахсиятҳои маъруф ва блогерон ба худдорӣ даъват карданд ва ёдовар шуданд, ки терроризм миллат надорад.

Президенти Федератсияи Россия яке аз аввалинҳо шуда дар паёми худ дар ин бора сухан кард: «Террористҳо, қотилон, ноодамоне, ки наметавонанд миллат дошта бошанд, бо як сарнавишти ҳасаднопазир – интиқом ва ба фаромӯшӣ дучор мешаванд. Онҳо оянда надоранд», – гуфт ӯ.

Ҳамчунин дар суҳбати телефонӣ бо Президенти Россия Владимир Путин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардааст, ки «террористон на миллат доранду на ватан ва на эътиқод».

Баъдтар овозхони машҳури рус Тимати бо нашри видео тоҷиконро ҳимоят карду даъват намуд, ки ба иғво набояд дода шуду ба низои миллию нажодӣ дар Россия замина гузошт. «Тоҷикон гунаҳкор нестанд, ки ин нобакорон бар ивази 500 ҳазор рубл ба теракт даст заданд», – қайд намуд.

Дина Саева, блогер ва модел пайгиронашро даъват кард, ки munoқишаи қавмиро барнаангезанд.

«Дар ин амали хушунатомезе, ки ҳеҷ тавҷеҳе надорад, даҳҳо миллион нафар тоҷикон гунаҳкор нестанд», – изҳор дошт Дина Саева.

Дигар шахсиятҳои маъруф, таъсиргузор ва блогнависони тоҷик низ ҳамин гуна изҳоротро баён доштанд» [321].

Сипас, пайи ҳам аз раванди тафтишот, вазъи муҳоҷирони тоҷик дар Россия баъди фоҷиаи даҳшатбор, маҳкуми шиканҷаи гумонбарон аз ҷониби созмонҳои ҳуқуқшиносии байналмилалӣ, тамдиди муҳлати боздошт, вазъи наздикону пайвандони гумонбарон дар Тоҷикистон ва бозпурсии онҳо маводҳои зиёде нашр

гардиданд [384]. Сомонаи «Азия-Плюс» дар мавриди робитаҳои Тоҷикистону Россия ва мавқеи Тоҷикистон дар муносибат бо муҳоҷирон маводҳо чоп намуда, ба ин васила бетафовут набудани Тоҷикистонро нисбат ба муҳоҷиронаш нишон додааст: «Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон сафири Россия дар кишвар Сергей Григоревро даъват карда, дар робита ба банд мондани садҳо шаҳрвандони Тоҷикистон дар фурудгоҳҳо ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадии Россия, инчунин, поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо нотаи эътирозӣ супорид. Дар ин бора Шоҳин Самадӣ, сухангӯйи ВКХ-и Тоҷикистон ба «Азия-Плюс» хабар дод.

Нашри ин гуна мавод эътиқоду эҳтироми шаҳрвандонро нисбат ба мақомоти давлатии Тоҷикистон бештар намуда, дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ чун муҳофизатгари муҳоҷирони худ муаррифӣ менамояд, аммо АМИТ «Ховар» дар пахши чунин хабарҳо бештар хомӯширо авлотар медонад.

«Азия-Плюс» то ҳол (моҳи июни соли 2024) маводди гуногунро вобаста ба фоҷиа даҳшатбор таҳия ва пахшу нашр менамояд. Санаи 3-июни соли 2024 зери сарлавҳаи «Гумонбари ҳамла ба «Крокус» гуфт, тавассути «Telegram» «ба дом афтод». Чӣ бояд кард, то «туъма»-и мубаллиғони ифротӣ нашуд?» [298] нашр гардид, ки ҷомеаро ба муносибати эҳтиёткорона дар шабакаҳои иҷтимоӣ даъват мекард.

Пайгирӣ намудани мавзуъҳои рӯз ва нашри тафсилоти бештари воқеаву ҳодисаҳо дар формати гуногун боиси зиёд шудани аудиторияи сомонаи мазкур гардидааст ва аз рӯйи шумори корбарон дар Интернет-паҳнои TJ партали иттилотии asiaplustj.info пешсаф аст.

Вобаста ба воқеаҳои фарҳангии Тоҷикистон бошад, «Азия-Плюс» нисбатан камтар мавод чоп мекунад. Масалан, дар мавриди ҷашни Ҷалолиддини Балхӣ дар қароргоҳи ЮНЕСКО баръакси АМИТ «Ховар» дар ин сомона умуман маводде мавҷуд нест. Аммо ҳангоми ҷустуҷӯйи калидвожаи «ЮНЕСКО» дар ин сомона бо чунин хабарҳо вохӯрдан мумкин аст: «Тоҷикистон имсол 12 ёдгории таърихӣ-фарҳангиро ба феҳристи умумибашарии ЮНЕСКО пешниҳод мекунад», «Ҷашни Сада, ҳунари бофтани атласу адрас ва зарҳалкорӣ ба Феҳристи

мероси ғайримоддии ЮНЕСКО ворид гардид», «Ёдгории Роҳҳои Абрешим ба Феҳристи ЮНЕСКО ворид гардид», «Чакани тоҷикӣ ба Рӯйхати мероси фарҳангии ЮНЕСКО ворид шуд», «Оши палави тоҷикӣ мероси умумибашарии ЮНЕСКО эътироф гардид», «Расму оинҳои Наврӯз дар феҳристи мероси фарҳангии ЮНЕСКО» [368]. Умуман, дар бораи эътирофи арзишҳои фарҳангии Тоҷикистон аз ҷониби ЮНЕСКО маълумот пешниҳод гардад ҳам, пайгири масъала мушоҳида намешавад.

Ширкати «Азия-Плюс» падидаҳои соҳаи журналистика ва технологияи муосирро дар фаъолияти амалӣ хуб истифода мебарад. Аудиторияи худро ба тарзи муосир меҷӯяд, қариб дар тамоми сомонаҳои иҷтимоӣ аз қабили Facebook, Instagram, Telegram, YouTube саҳифаи худро дорад. Бартарии фаъолияти интернетии ин агентӣ дар он аст, ки дар сомонаҳои иҷтимоӣ ҳам бо забони русӣ ва ҳам ба забони тоҷикӣ саҳифа дорад. Масалан, дар Telegram ҳам бо забони русӣ ва ҳам бо забони тоҷикӣ саҳифа кушодааст, ки ҳар кадом аудиторияи зиёд пайдо кардаанд.

Саҳифаи Facebook-ии «Азия-Плюс» – https://www.facebook.com/asiaplustj давоми 24 соат аҳолиро бо иттилои саривақтӣ дар мавзуъҳои гуногун таъмин намуда, дар форматҳои мухталиф мавод таҳия ва пешниҳод менамояд. Ҳамчунин, саҳифаи YouTube-ии ин агентӣ – https://www.youtube.com/@asiaplustj/featured низ пайваста наворҳои ҷолибу диданӣ дар мавзуъҳои гуногун омода карда, ба ин васила аудиторияи худро дар ҳар ҳолат нигоҳ медорад. Махсусан, силсилабахшҳои «Турист выходного дня», «Душанбе Сити», «Пурсидед, ҷавоб медиҳем», «Як хабар», барномаи «Парвоз», назарпурсиҳо дар мавзуъҳои мубрами рӯз писанди аудитория омадаанд, ки дар муддати кӯтоҳ то 10-15 ҳазор бинанда пайдо мекунанд.

Дар ин миён рубрикаи «Душанбе Сити» дар муаррифии пойтахти кишвар шаҳри Душанбе саҳмгузор аст. Дар он аз таърихи ягон мавзеи пойтахт иттилоъ пешниҳод мегардад ё аз навгониҳои рӯз маълумот дода мешавад. Масалан, таърихи таъсиси чойхонаи «Роҳат», бинои Опера ва балети ба номи Садриддин

Айнӣ, аввалин автобусу тролейбус дар шаҳри Душанбе ва ғайра. Ин наворҳо аз 1 то 3 дақиқа идома ёфта, махсус барои «насли интернетӣ» таҳия мегарданд. Умуман, «Азия-Плюс» вобаста ба таърихи Душанбе, дирӯз ва имрӯзи он бетафовут нест. Дар муаррифии пойтахти кишвар нақши сазовор дорад.

Рубрикаи «Турист выходного дня» бошад, бинандаро бо инфрасохтори сайёҳии пойтахт дар ҳаҷми наворҳои то 3-дақиқаина хуб ошно мекунад, ки бинандаи зиёд дорад. Масалан, навори муаррифии бозори «Меҳргон»-ро дар давоми 6 рӯз 2200 маротиба тамошо кардаанд. «Як хабар», ки атрофи иттилои муҳимме бо тафсил нақл мекунад, бинандаи зиёд пайдо намудааст.

Аз таҳлилу таҳқиқи сомонаи «Азия-Плюс» ва саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоии он чунин бардошт кардем, ки он барои нигоҳ доштани мавқеи худ дар фазои иттилоотӣ вазифаи асосӣ – расонидани иттилои саривақтиро хуб иҷро мекунад. Дар баробари ин дар пахши ахбори марбут ба Тоҷикистон эҳтиёткорона муносибат менамояд. Яке аз унсурҳои имиҷсозии давлати демократӣ фаъолияти озодонаи ВАО мебошад. Ҳар қадар воситаҳои ахбори оммаи кишвар мустақил бошанду касбӣ фаъолият намоянд, ҳамон қадар аудиторияи онҳо чи дар дохили кишвар ва чи дар хориҷи он зиёд мегардад. «Азия-Плюс» чунин имкон дорад ва он ба сифати медиахолдинг бренди худро пайдо карда, дар муаррифии кишвар саҳми назаррас ва муассир мегузорад.

### 4.3. Баррасии нуфузи Тоҷикистон дар ВАО-и кишварҳои ИДМ

Баъди пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ давлатҳои ҳайати он, ки солҳои тулонӣ дар фазои ягона муттаҳид буданд, ба хотири нигоҳ доштани робита ва мубодилаи иттилоот иттиҳоди дигаре – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бунёд намуданд. Ҳадафи асосии он сабук кардани паёмадҳои пошхурии иттиҳоди бузург буд [215]. Таъсиси ширкати радио ва телевизионии «МИР» дар аввали солҳои 90-уми асри гузашта аз ҷониби давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо мақсади ба вуҷуд овардани фазои ягона иттилоотӣ миёни ин

давлатҳо дар мавқеъгирии Тоҷикистон дар Осиёи Миёна саҳми арзанда гузошт ва имрӯз ҳам гузошта истодааст. Чунончи, дар сомонаи ширкат омадааст: «Мир» дар Тоҷикистон таваллуд шудааст. Моҳи апрели соли 1992 дар Душанбе нахустин ҷаласаи кории шурои ҳамоҳангсозии Ширкати байнидавлатии телевизион ва радиои «Мир» баргузор гардид. Ширкат номи худро дар пойтахти Тоҷикистон гирифтааст. Дар Тоҷикистон задухӯрди гражданӣ дар авҷ буд. Ва ҳадафи асосии «Мир» барои мо махсусан муҳим садо дод – таъмини ҳуқуқи ҳар як давлати соҳибистиқлол дар пахши иттилооти объективӣ дар мавҷ, бо риояи ҳуқуқи мардум, урфу одатҳои миллӣ ва динӣ. Ва имрӯз, пас аз чандин сол, филиал ба ҳамон принсипҳо – саривақт ва холисона инъикос намудани ҳамаи воқеаҳои муҳимми мамлакат риоя мекунад» [341].

Таърихи таъсиси телевизиони мазкур бо Тоҷикистони соҳибистиқлол пайвандии ногусастанӣ дошта, дар таҳқиқоти таърихии олимони дохиливу хориҷии соҳа вобаста ба ин ширкат номи Тоҷикистон чун ҷонибдори асосии таъсисёбии фазои иттилооти ягона миёни давлатҳои пасошуравӣ сабт гардидааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввал нақши воситаҳои ахбори оммаро дар давлатдории муосир хуб дарк карда, новобаста ба вазъияти ҷангӣ мувофиқи имкон барои ба вуҷуд овардани фазои иттилотӣ кӯшишҳо намудааст, ки он бенатиҷа нарафт. Телевизиони байнидавлатии «Мир» дар бораи Тоҷикистон, махсусан дастовард ва ҳамкориҳои хориҷӣ барномаҳо таҳия менамуд, ки дар муаррифии Тоҷикистон бетаъсир набуданд. Дар баробари бахши 10-дақиқаинаи барномаи «Утро»-и радиостансияи «Маяк» ва «Радио-1», ҳамчунин, барномаҳои калонҳаҷми гуногунжанр аз қабили «Таджикистан сегодня», «Президент: год спустя» таҳия ва пахш мегардиданд, ки арзиши хуб доштанд [431].

Имрӯзҳо ҳам телевизиони байнидавлатии «Мир» аз ҳаёти тоҷикону тоҷикистониён тамоми иттилооти заруриро новобаста аз самт инъикос мекунад: «Мавзуъҳои хабарҳои Тоҷикистон хеле гуногунанд. Пеш аз ҳама, он ба рушди ИДМ нигаронида шудааст – инъикоси кори саммитҳо дар сатҳи сарони

давлатҳо, мулоқотҳо дар сатҳи сарони ҳукуматҳои ИДМ, рӯйдодҳои сиёсӣ ва экологӣ (ҳамгирой бо дигар давлатҳои Иттиҳод, нишон додани мероси таърихию фарҳангии вай» [216, с. 17]. Ҳамаи ин маълумотро дар сомонаи расмии филиали ширкати радиову телевизионии «Мир» дар Тоҷикистон бо нишонии https://tj.mir24.tv/ бо забони русӣ дарёфт намудан мумкин аст. Ҳамчунин, тавассути ин нишонӣ мешавад, ки ба пахши телевизионӣ пайваст гардида, барномаҳои онро мунтазам тамошо намоем. Дар ин ширкат барномаву намоишҳои дорои изҳорот ё гуфторҳои ба истиқлоли кишварҳо, эҳсосоти миллии баъзе халқҳо ё гурӯҳҳои одамон таҳқиромезро иҷозат намедиҳад. Барномаҳое, ки аз рӯйи моҳияти худ ба таҳрики амалҳое нигаронида шудаанд, ки ба қонунгузории дохилии давлатҳо номувофиқанд ё метавонанд ба амнияти онҳо зарар расонанд, истисно карда мешаванд [137]. Монанди он ки дар рӯзҳои аввали таъсиси ин ширкат Тоҷикистонро барои таъмини фазои иттилоотӣ ҷонибдорӣ мекард, имрӯз фаъолияти он дар шаклгирии имиҷи давлат низ бетаъсир нест.

Охири солҳои 90-ум Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои барҳам задани стереотипҳо дар бораи давлат ҳамчун кишвари ҷангзада, нашъаҷаллоб, сулҳи ноустувор тасмим гирифт, ки тавассути маҷаллаи «Огонёк» симои Тоҷикистони баъдиҷангиро ба ҷаҳониён муаррифӣ кунад. Дар он шумораи маҷалла – № 5 (4680). – 2 феврал), ки зери унвони «Мир дому твоему, Таджикистан» («Сулҳ ба хонаи ту, Тоҷикистон») чоп шуд, аз сиёсати дарҳои бози Тоҷикистон, зебоиҳои табиат, фарҳанги ғанӣ сухан рафтааст. Маҷаллаи «Огонёк» миёни давлатҳои ИДМ мавқеи хосса дошта, дар амалигардонии ҳадафҳо бетаъсир намемонад. Гарчанде «он ҳама маъмулан бо талоши сохтани симои мусбати кишвар дар Россия ва паҳнои шуравии собиқ маҳдуд мешуд» [310], вале барои кишвари мо, ки акнун ба симосозӣ рӯ меовард, ин қадами устуворе буд ва соли 2001-ум шумораи дигари «Огонёк»-ро Тоҷикистон сарпарастӣ намуду то ҳадде аз худ ҳамчун давлати соҳбистиқлол ва рӯ ба рушд дарак дод. Дуруст аст, ки ҳар як кишвар саъй мекунад, ки дар бораш маълумоти бештар паҳн шавад, барои он

ки ин маълумот то ҳадди имкон пурра, гуногунранг ва мусбат бошад: дар ниҳоят, маҳз ҳамин муносибат ба ташаккули манзараи ҳамаҷонибаи вазъи иҷтимоию сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ин ё он кишвар мусоидат намуда, ба рушди муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳам дар сатҳи байнидавлатӣ ва ҳам дар сатҳи шахсӣ мусоидат мекунад [222]. Тоҷикистон ҳам аз ин зумра истисно нест ва барои роҳ ёфтан ба ВАО-и хориҷӣ минбаъд қадамҳои боз ҳам устувортар гузошт.

Ҳузури рӯзноманигорони хориҷӣ дар Тоҷикистон ва чопи навиштаҳои онҳо яке паси дигар пайдо шудан гирифт. Китоби ду рӯзноманигори рус Владимир Сухомлинов ва Геннадий Шалаев [152] бо номи «Дорога к согласию» («Роҳ ба сӯйи созиш») намунае аз чунин асарҳост. Гарчанде он очерк дар бораи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аст, аммо дар муаррифии Тоҷикистон низ бетаъсир нест. Аз ҷумла, муаллифон навиштаанд: «Умуман, Тоҷикистон ганҷинаи табиат аст. Ин ҷо тамоми унсурҳои ҷадвали Менделеев вуҷуд дорад, – боз кӯҳ-кӯҳ. Мисол, кӯҳи Хоҷа Муъмин яклухт кони намаки ошист. Ва намакаш ончунон фаровон аст, ки агар онро ба рӯйи замин паҳн бикунед, намаки тоҷик болои тамоми кураи арз ва баҳру уқёнусҳоро мисли қабати барф бо 10-сантиметрӣ рӯпӯш мекунад» [233, с. 74]. Дар баробари ин, расму русум, хусусияти вижа, фарҳангу таърих ва урфу одати тоҷикон, мавқеъгирии Тоҷикистон аз нигоҳи географӣ, талошҳои сарвари давлат барои некуаҳволии кишвар ва рушди ҳамаҷонибаи давлат мадди назари муаллифон қарор гирифтаанд, ки дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон бетаъсир намемонанд. Аммо миёни анбуҳи иттилои манфӣ дар бораи Тоҷикистон ин саъю талошҳо ночиз ба назар мерасанд.

Кӯшиши дигар дар самти муаррифии Тоҷикистон видеролики таблиғотӣ мебошад, ки дар шабакаи телевизионии «Euronews» аз 25-уми август то 9-уми сентябри соли 2011 (дар ҳаҷми 30 сония) пахш гардидааст. Онро муҳаққиқон як «шиносномаи Тоҷикистон дар миёни сокинони кишварҳои аврупоӣ» [200] донистаанд. Ролики мазкур барои ҷашни 20-солагии Истиқлоли Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз ҷониби ширкати алюминий ТАЛКО як навъ «туҳфа» будааст. Чунин «туҳфа»-ро касоне мекунанд, ки аз давлату ҳукумат манфиате доранд ва он беминнат анҷом намеёбад. Ишора ба ин, сухангӯйи ширкати номбурда дар мусоҳибае ба радиои «Озодӣ» гуфта буд, ки вазифаи асосии мо тавлиди алюминий аст. Ва ман ҳоло наметавонам замонат бидиҳам, ки мо ҳамоно ба ҳайси спонсор амал мекунем. Дар ин ҷо ширкатҳои дигари зиёде ҳаст, ки қодиранд ба ин ибтикори мо ҳамроҳ шуда, онро идома диҳанд. Мо дар оянда ҳам, албатта, аз чунин ибтикорҳо ҳимоят хоҳем кард, чунки ТАЛКО нисбат ба обрӯйи кишвар ва ин ки Тоҷикистон дар хориҷ, аз ҷумла дар Аврупо чи гуна муаррифӣ мешавад, бефарқ нест [310]. Имиҷсозӣ заҳмат, фаъолияти пайваста ва маблағи зиёд талаб мекунад. Роҳи хубу босамар дар ин самт ташкили сохтори махсуси имиҷсозии давлат ва ҷудо кардани сармояи муайян аз ҷониби ҳукумат мебошад, ки он имкон медиҳад раванди имиҷсозӣ бомаром идома ёбад.

Мусаллам аст, ки бо гузашти солҳо имрӯз ВАО-и байналмилалӣ дар бораи Тоҷикистон сухан гуфтанро дареғ намедоранд. Мусбат аст ё манфӣ – чизе гуфта мешавад. Ин аз он далолат мекунад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯз нисбат ба Тоҷикистон бетафовут нест. Махсусан, амалҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз оинаи воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ дур намемонад: ташаббусҳои сатҳи байналмилалӣ оид ба об, устуворӣ дар идомаи сохтмони НБО-и «Роғун», напазируфтани ҳокимияти толибон дар Афғонистон, дастфишории Доналд Трамп аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон аз сархати хабарҳои ВАО-и ҷаҳонӣ канор намондааст. Дар баробари воситаҳои ахбори оммаи минтақа «воситаҳои ахбори оммаи Аврупо, ба монанди медиа-холдинг ва шабакаҳои телевизионии «Euronews», «Big Media Group», нашрияи «The European Times», маҷаллаи Парлумони Аврупо «EP Today», медиа-холдинги бонуфуз «New Europe», маҷаллаи дипломатии Шоҳигарии Нидерландия «Diplomat Magazine» ва маҷаллаҳои умумиаврупоии «Diplomatic World» ва «The Brussels Times», маркази таҳқиқотии «Knowledge Center» ва нашрияи он

«Knowledge Center Review» барои ҳарчи бештар намоиш додани иқтидори иқтисодӣ, энергетикӣ, сармоягузорӣ ва сайёҳии кишвар, сиёсати дохиливу хориҷӣ ва пайдо намудани андешаҳои мусбати шаҳрвандони Аврупо нақши асосиро мебозанд [241].

Хабари пурсарусадое, ки боиси дар расонаҳои дунё гардиш кардани «жест»-и Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба Трамп гардид, дастфишории президенти ИМА аз ҷониби муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки дар саммити сарони давлатҳо дар пойтахти Арабистони Сауди Ар-Риад (21.05.2017) ба вуқуъ омад. Баъзеҳо Эмомалӣ Раҳмонро рақиби арзандаи Трамп номида, гурӯҳи дигар ин имову ишора (жест)-ро як навъ рақобат ҳисобиданд. Дар ВАО-и кишварҳои ИДМ ин воқеа чунин маънидод шуд: «Президент Таджикистана стал соперником Трампа по рукопожатиям» (Шабакаи телевизионии «Интер»-и Украина) [355], «Президент Таджикистана победил Трампа в битве рукопожатий» (АО «ТВ Центр»-и Москва) [364], «Трамп и Рахмон померялись силами в рукопожатии» (Агентии иттилоотии Тотористон «Татар-информ») [360], «Президент Таджикистана победил Трампа в «состязании по рукопожатиям» (РИА «Новости»-и Россия) [403], «Победил сильного Трампа»: Президент Таджикистана Э. Рахмон справился с крепким рукопожатием американского коллеги» (сомонаи «Программа»-и Арманистон) [351] «Кто-то наконец победил Трампа в игре в рукопожатия. Президент Таджикистана дёргает назад» («Meshable»-портали сайёҳии британӣ) [323].

Дар сомонаҳои иҷтимоӣ, махсусан, дар Twitter ин дастфишорӣ ба зудӣ паҳн шуда, мавриди ҳазли шахсони саршинос қарор гирифт. Журналисти машҳури рус Владимир Соловев низ ин мавзуъро дар барномаи худ таҳлилу баррасӣ намуда, «Washington Post» ҳам аз инъикоси он дар канор намонд. То ин дам Президенти ИМА Доналд Трамп ҳангоми вохӯрӣ дасти дигаронро фишурда, тарафи худ мекашид, аммо танҳо Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон ғайрат намуд, ки ин амалро нисбат ба Трамп такрор карда, бо ин восита, ки 7

сония давом намуду президенти ИМА-ро дар хиҷолат монд, устувории худ ва давлатҳои Осиёи Миёнаро нишон диҳад.

Ҷойи шубҳа нест, ки дар муаррифии кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ шахсиятҳо мавқеи асосӣ доранд. Махсусан, чеҳраҳо ва пешвоёни сиёсӣ симои давлат ҳисобида мешавад. Ба ин мазмун гуфтан мумкин аст, ки имиҷи ҳар президент имиҷи давлати ӯст. Дар баробари президент, тамоми чеҳраҳои муваффақи соҳаҳои гуногуни ҳаёт, аз ҷумла, сиёсатмадорон, варзишгарону фарҳангиён миллату давлатро муаррифӣ карда метавонанд. Муваффақияту дастовард ва амалҳои ватандӯстонаашон таваҷҷуҳи воситаҳои ахбори оммаи минтақаву ҷаҳонро ба худ ҷалб менамояд. Масалан, дастоварди Мавзуна Чориева дар Олимпиадаи Лондон – 2012 ва бо либоси миллии чакан барои қабули медали олимпиада баромадани ӯ, амали ғайричашмдоште буд, ки дар миёни анбуҳи иттилоот Мавзуна бо гулдӯзиҳои тоҷиконааш ҷилва менамуд. То имрӯз симои ин варзишгарбонуи тоҷик, ки идеали чандин варзишгардухтарон гардидааст, дар расонаҳо чун намояндаи кишвар мавқеъ дорад. Ҳамин тавр Расул Боқиев, Дилшод Назаров, Темур Раҳимов, Сомон Маҳмадбеков, ки аз чеҳраҳои муваффақи варзиши тоҷиканд, дар воситаҳои ахбори оммаи минтақаву ИДМ бо сарфарозӣ муаррифӣ гардидаанд.

Дар самти фарҳанг низ чеҳраҳои мусбати муаррификунандаи тоҷикон кам нестанд. Чеҳрае, ки дар сархати ахбори воситаҳои ахбори оммаи ҳам Осиё ва ҳам Аврупо чанд муддат бо либосҳои гулдӯзии чакани тоҷикона ҷой дошт, духтараки тоҷиктабор Манижаи Сангин буд, ки дар озмуни овозадори «Евровидение – 2021» баромади таъсирбахше кард. Дар бораи Манижа гоҳо бад мегуфтанд, гоҳо хуб, аммо ҷонибдоронаш ниҳоят зиёд буду, ҳама ҷо дастгириаш мекарданд. Бо вуҷуди он ки Манижаи Сангин Федератсияи Россияро муаррифӣ менамуд, аммо доимо аз тоҷик буданаш ёдовар шуда, бо либосҳои услуби тоҷикӣ ороёфта баромад мекарду гоҳо ба тоҷикӣ сухан мекард. Ин боис гардид, ки баъзе аз сиёсатмадорони рус нисбат ба ӯ изҳори бадбинӣ карда, воқеаи фарҳангиро обуранги сиёсӣ доданд. Навори баромади

Владимир Жириновский роҳбари ҳизби ЛДПР-и Россия аз зумраи онҳост. Жириновский бо эҳсоси хосса изҳор намуд, ки «Манижаро кӣ интихоб намудааст? Номаълум. Ӯ ба тамоми ҷаҳониён мегӯяд, ки занони рус бешавҳару кӯдаконашон бепадаранд. Обрӯйи миллати мо, занони моро паст мекунад» [306]. Ин ҳолат буда, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати носолими ҷомеаи ҷаҳонӣ ишора карда, дар мулоқот бо сокинони деҳоти Ворух бо ифтихор аз Манижаи Сангин чунин ёдовар шуд: «Манижа сари ҳамаро вайрон кард ва бархе ӯро чашми дидан надоранд. Аҳсан ба ӯ, ки ҳамеша аз тоҷик буданаш ёд мекунад, зебо месарояд, мо бо ӯ ифтихор мекунем» [381].

Расонаҳои Тоҷикистону Россия ифтихормандии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Манижаи тоҷиктаборро чанд рӯз инъикос намуданду ба таври худ шарҳу тафсир карданд [381]. Аз ҷумла, бо чунин сарлавҳаҳо дар сомонаҳои гуногун мавод ба табъ расид: «Тавсифи Раҳмон аз Манижа: сари ҳамаро вайрон кард, мо бо ӯ ифтихор дорем», «Эмомали Рахмон похвалил раскритикованную российскими властями певицу Манижу» [381]. Натиҷа он шуд, ки ҷаҳониён донистанд, Россияи бузургро духтараки тоҷиктабор муаррифӣ мекунад.

Моҳи октябри соли 2023 бошад, сарояндаи ҳаваскор Қадами Қурбон ба барномаи «Песня от всей души»-и шабакаи «Россия 1» [255] даъват шуд ва ки рӯзноманигори машҳури рус Андрей Малахов ин сарояндаи кӯчагиро «ҳунарпешаи мардумӣ», «ситораи дурахшони Тоҷикистон», «меҳмони асосии тамоми чорабиниҳои сатҳи баланди давлатӣ» муаррифӣ намуд. Қадами Қурбон бо сурудҳои «Лики-лики», «Зуби-зуби», «Сари паваротай» бо забони тоҷикиву ҳиндӣ, ки мавриди хандахариши мардум қарор гирифтааст, санъати тоҷиконро дар барнома муаррифӣ намуд. Ба назар чунин менамуд, ки ин сароянда махсус ба барнома даъват шудааст. Бо дидани сужае аз зиндагии «меҳмони асосии тамоми чорабиниҳои сатҳи баланди Тоҷикистон» [255] бинанда чунин мепиндорад, ки дар Тоҷикистон истеъдод қадр надорад ва ҳунармандон аз

нигоҳи иқтисодӣ мушкилот доранд. Дар тамоми расонаҳои кишвар сухан аз Қадами Қурбон буд, қисме баромади ӯро олӣ номида, ифтихор мекарданду қисме сарзаниш. Воқеияти асл ин аст, ки барои муаррифии Тоҷикистон ҳунарпешаҳои халқӣ, ситораҳои дурахшон ва меҳмонони доимии чорабиниҳои сатҳи баланд зиёданд, онҳо истеъдоди воло доранд ва аз номи Тоҷикистон бо сурудҳои классикиву эстрадӣ баромад карда метавонанд. Танҳо барои иштироки онҳо дар чунин барномаҳои сербинанда чораандешии сохторҳои марбута ба манфиати кор аст.

Баъзан, бидуни дахолати сохторҳои марбута ҳам шахсиятҳое пайдо мешаванд, ки дар ташаккули имиҷи миллати худ нақши устувор мегузоранд ва боиси барҳам задани андешаҳои манфӣ мешаванд. Фаррух Ҳасанов ва Ясмина Алидодова аз зумраи чунин истеъдодҳоянд, ки яке дар шоу-озмунҳои телевизиониии Россия («Ну-ка, все вместе!») ва дигаре дар Дубай («X Factor») аъзои ҳакамонро тасхир карданд. Махсусан, баромадҳои муваффақона ва охиран, ғолибияти Фаррух Ҳасанов дар озмуни машҳури телевизионии «Ну-ка, все вместе!»-и шабакаи «Россия 1» [262] тули чанд моҳ дар сархати хабарҳои Россияву Тоҷикистон буд. Махсусан, сухани Фаррух ҳангоми ба даст овардани ғолибият – «Ман мехоҳам, дунё донад, ки тоҷикон на танҳо сохтмончианд, балки тоҷикон истеъдоди воло ҳам доранд» – шунавандагонро ба ваҷд овард. Садо додани ин гуна суханон аз забони як шаҳрванд дар лаҳзаи ҳассостарин аз ҳувияти миллӣ ва ҳисси ватандӯстӣ дарак медиҳад. Пешвозгирии Фаррух Ҳасанов дар фурудгоҳи шаҳри Душанбе аз ҷониби муовини раиси шаҳр, муовини раиси Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон ва дигар масъулин, ки нишони эҳтиром нисбат ба истеъдод ва ҳунармандон дар кишвар аст, дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон бетаъсир намемонад. Баъди ин дастовард номи Фаррух Ҳасанов дар сархати хабарҳои ВАО-и давлатҳои ИДМ қарор гирифт, зеро миёни 64 нафар рақибони аз давлатҳои гуногун ғолиб омада буд. Аз ҷумла, сомонаи овозадори Россия «Комсомолская правда» зери унвони «Победитель телешоу «Ну-ка, все вместе!» получил приз 5 миллионов рублей: «Потрачу на

карьеру и на родителей» [362] маводди калонҳаҷме чоп карда, Фаррух Ҳасановро муаррифӣ намуд. Дар он мавод аз баромадҳои зебои Фаррух дар «Central Asia's Got Talent», ки соҳибистеъдодҳо аз Осиёи Миёна дар он ҷамъ мешаванд, ёдоварӣ намуда, Фаррухро «дарёфти наҷиби Тоҷикистон» номид.

Мавриди таъкид аст, ки ин шоу-озмуни телевизионии «Central Asia's Got Talent» низ дар муаррифии истеъдодҳои Тоҷикистон бетаъсир нест. Махсусан, мавсими 3-юми он, ки соли 2019 баргузор шуд ва тавассути ТВ «Сафина» низ раванди он намоиш дода шуд, барои Тоҷикистон дастоварди бузург овард. Аз миёни чандин ҳазор иштирокдорон аз давлатҳои Осиёи Миёна сарояндаи ҷавони тоҷик Чоршанбе Аловатов соҳиби шоҳҷоиза гардида, теат-рстудияи «Падида» бо рақси ҷаззоб ғолиби ҷойи сеюм дониста шуд, ки аз ин воситаҳои ахбори оммаи Осиёи Миёна хомӯш истода наметавонистанд.

Агар ҳадафи кишвар аз роҳ ёфтан дар воситаҳои ахбори оммаи ҷаҳонӣ шаклдиҳии имиҷи мусбати давлат бошад, пас дар ин самт ба назар гирифтани ташаббусу ҳамкорӣ ва сарфи маблағ ба манфиати кор аст. Дар акси ҳол муаллифони барнома он чиро инъикос мекунанд, ки мебинанд, барои инъикос мавзеъ ва макони арзандаи намоишро намеҷӯянд, яъне ҳадафи таблиғотӣ аз миён меравад. Чунончи, солҳои 2006 ва 2008-ум дар барномаи «Вокруг света»-и «СТБ» (шабакаи телевизионии умумимиллие, ки узви медиагурӯҳи бузурги StarLightMedia-и Украина) ин вазъ ба амал омад. Гарчанде дар ду бахши ин барнома сухан аз таърихи қадимаву ғании Истаравшан [294] ва пойдории расму русуми мардумии минтақаи Бадахшон мерафт, аммо Михаил Кажухов Тоҷикистонро як кишвари қашшоқ, ки даромаднокии асосиаш аз ҳисоби муҳоҷирон аст, муаррифӣ менамуду гӯё бо ҳасрат сухан мегуфт, ки ин шаҳрҳои қадима имрӯз вазъи табоҳ доранд [294]. Барномаи мазкур тамошобинони зиёд дошта, тавассути шабакаҳои телевизионии Россия ва шабакаи умумиҷаҳонии интернет низ ба намоиш гузошта шуд. Чунин нодурусту ғаразнок инъикос намудани симои кишвар роҳбарияти Ҳукумати Тоҷикистонро бетараф нагузошт ва «соли 2011 дар арафаи таҷлили ҷашни Наврӯз Кумитаи ҷавонон, варзиш ва

сайёҳӣ бо дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ ба мақсади тарғибу ташвиқи мавзеъҳои диданбоби мамлакат ҳайати эҷодии шабакаи байналмилалии ВГТРК «Россия-2»-ро иборат аз 3 нафар таҳти роҳбарии журналисти маъруф, муаллифи барномаи сайёҳии «Моя Планета» Андрей Панкратов ба Тоҷикистон даъват намуд. Гурӯҳи мазкур 14 рӯз доир ба манзараҳои зебо ва расму оини мардуми тоҷик силсилаи филмҳои тарғибӣ ба навор гирифт. Ин филмҳо чандин маротиб тавассути шабакаҳои «Моя Планета», «Россия-24» ва «Россия-2» намоиш дода шуданд». Ҳамчунин, бо дастгирии «Корхонаи алюминийи тоҷик» намоиши тарғиботӣ дар бораи Тоҷикистон таҳия шуда, дар Шабакаи якуми телевизиони Россия (ОРТ) ва шабакаи байналмилалии «Евронюс» пахш гардид.

Омадани Андрей Панкратов ба ҷашни миллии тоҷикон – Наврӯз, ки имрӯз чун бренди миллӣ шинохта мешавад, рост омад. Чунончи, муҳаққиқони тоҷик навиштаанд: «Яке аз заминаҳои иҷтимоии рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон эҳё ва таҷлили бошукӯҳи Иди байналмилалии Наврӯз маҳсуб меёбад. Ба ин мазмун метавон Наврӯзро бренди сайёҳии кишвар номид. Дар мавсими ин ҷашн ташкил намудани саёҳати наврӯзӣ анъана шуда, сайри кӯҳу дара, боздид аз ҷойҳои таърихӣ, мавзеъҳои дорои табиати зебо далолат аз он мекунад, ки ин ҷашн хусусияти саёҳатию фароғатӣ низ пайдо кардааст. Ин омилро метавон хусусияти этнографӣ – таърихӣ – фарҳангӣ ё саёҳатии Наврӯз номид» [91].

Воқеан, чунин хусусиятҳои Наврӯз имкон дод, ки А. Панкратов тамоми нозукиҳои ҷашни онро тариқи навор инъикос намояд. Одати меҳмоннавозии тоҷиконро зиёд тавсиф мекард [383]. Ӯ ба минтақаҳои сайёҳии кишвар, аз қабили Варзоб, Норак, «Хоҷа оби гарм» сафар карда, таассуроти худро изҳор мекунаду пойтахти кишварро «шаҳри фарҳангу адабиёт» [383] меномад.

Дар умум, барномаи мазкур барои муаррифии Тоҷикистон барои сайёҳон нақши созгор гузошта, андешаҳои қолабиро бартараф карда метавонад. Чунонки худи А. Панкратов дар мусоҳиба ба сомонаи «Би Би Си» гуфт, ӯ ҳам Тоҷикистонро дигаргуна тасаввур мекард: «Албатта, мо дар бораи Тоҷикистон дар Маскав аз расонаҳо танҳо иттилооти манфӣ мегирем, ки гӯё ин ҷо макони

транзити маводди мухаддир аст ва ин ки Тоҷикистон кишвари ноамну хеле фақир ва ақибмонда аст. Аммо аз зиндагии мардум, аз фарҳанги онҳо, аз ойину маросимашон ҳеҷ иттилое надорем. Кайҳо боз нияти сафар ба Тоҷикистонро доштам, аммо ҳамеша корҳои дигаре пеш меомаданд ва сафари моро ба таъхир меандохтанд. Ин навбат имконе фароҳам шуд, ки Кумитаи ҷаҳонгардии Тоҷикистон моро даъват кард ва мо бо камоли майл пазируфтем ва омадем ба Тоҷикистон [299].

Аз сухани охири Андрей Панкратов бармеояд, ки вақте аҳли эҷоди барнома даъват мешаванд, даъватро рад намекунанд ва барнома ранги дигар мегирад. Дар баробари ин, аз суханони боло бармеояд, ки расонаҳои сермуштарии хориҷӣ дар бораи Тоҷикистон иттилои мусбат қариб ки пешниҳод намекунанд.

Вақте бори аввал намояндагони барномаи «Орёл и решка» соли 2013 [347] ба Тоҷикистон омаданд, ба ҳама чиз аз нигоҳи танқид менигаристанд. Ин барнома яке аз травел-шоуҳои сербинандатарин ба ҳисоб меравад. Барандагони барнома ба расму оин (хӯрдани хӯрок бо даст) ва хӯрокҳои миллӣ (қурутоб) бо тамасхур менигаристанд, ки ин боиси норизогии қисми зиёд бинандагон гардид ва муаллифони барнома ахиран дар сомонаи расмии телевизион ҷавоб гуфтанд: «Ҳеҷ кас ба мо пул намедиҳад, мо таблиғ намекунем, мо ҳамеша реалист ҳастем» [347]. Ин ишора бар он аст, ки агар муаррифӣ ва реклама мехоҳед, пул диҳед, ҳамкорӣ кунед ва мо кишвари шуморо аз дигар паҳлу муаррифӣ мекунем. Дар имиҷсозӣ ин мубодилаи маъмулӣ ва қабулшуда аст. Имиҷсозӣ дурӯғ гуфтан нест, балки ҷиҳатҳои мусбатро дарёфта, дуруст дарк карда, нишон додан аст. Тоҷикистон ҳам бартариҳои зиёд дорад, танҳо онҳоро бояд шинохт ва ба дигарон шиносонид.

Аҳли эҷоди барнома вақте соли 2018 маротибаи дуюм ба Тоҷикистон омаданд, маҳз ҳамон ҷиҳатҳои мусбатро нишон доданд. Чунончи аз суханони муаллифони ин бахш бармеояд, Кумитаи рушди сайёҳӣ дар ин сафар онҳоро танҳо нагузошта, хуб пазироӣ кардааст: «тоҷикон бояд мафҳуми «сайёҳ»-ро лағв

намуда, номи Вазорати сайёҳиро ба «Вазорати меҳмоннавозӣ» иваз кунанд» [348]. Дар натиҷа бардошти муаллифон мусбат сурат гирифтааст. Аз ҷумла, барандагони барнома Антон Птушкин ва Настя Ивлеева изҳор кардаанд, ки мо омодаем Тоҷикистони боҳашамат ва пойтахти он – Душанберо ба шумо нишон диҳем! Ин ҷоест, ки шумо бояд дар бораи стереотипҳо фаромӯш кунед ва танҳо аз он чизе, ки мебинед, дар ҳайрат бошед. Ҳоло пойтахт торафт обод мешавад, дар шаҳр торафт биноҳои калонҳаҷми замонавӣ бештар пайдо мегарданд, - мегӯянд онҳо ва дар идома илова мекунанд, - аммо руҳияи замони Роҳи абрешим ба ҳеҷ куҷо нарафтааст. Бо ҳавас ба роҳгузарон нигариста, бо тааҷҷуб мегӯянд, ки мардон дар даст костюмҳои классикӣ ва смартфонҳо дар кӯчаҳои Душанбе гаштугузор мекунанд, аммо дар он ҷо, дар наздикӣ, занон бо либосҳои анъанавии дурахшон ва мӯйҳои сиёҳ то камарашон ҷилва менамоянд [348].

«Орёл и решка» аслан барномаи маърифатии украинӣ дар бораи сайёҳат буда, дар баъзе шабакаҳои телевизионии Россия низ нишон дода мешавад. Дар баробари ин тавассути шабакаи интерентии YouTube низ бинандагони зиёд пайдо намуда, аудиторияаи доимиаш ба 3,47 млн мерасад. Аксари бахши барномаҳо бо сатри англисӣ пешниҳод шуда, боиси зиёд гардидани аудиторияи гуногунмиллату забон гардида метавонад. Барномаи марбут ба Тоҷикистонро аз 26-ум августи соли 2018 то моҳи июли 2024 5 397 409 маротиба тамошо шуда, 35 ҳазор нафар ба он ишораи «писанд» гузоштаанд. Дар поёни барнома баъди унвони он чунин омадааст: «Ва саргузашти Настя Ивлеева ва Антон Птушкин аз пойтахти он — Душанбе оғоз меёбад. Дар бозори марказӣ ба мо аслан ғизо ҳадя карданд. Мо барои худ дар базаи лижаронии Сафед-дара таътили экстрималӣ ташкил кардем. Мо дар роҳи «Чилдухтарон» ё «Водии чилдухтарон» бисёр саргузаштҳои бебаҳоро аз сар гузарондаем. Ва мо мардуми бостониро, ки худро яғнобӣ меноманд ва воқеан яғнобианд, зиёрат кардем» [340].

Аз рӯйи оморҳои расмӣ баъди таҳияи чунин барномаҳо ҳузури сайёҳон ба Тоҷикистон зиёд гардида истодааст. Аз ин рӯ, сохторҳои марбута барои таҳияи чунин барномаҳои муаррифгар пайваста чораҳо меандешанд. Аз ҷумла, барои

ҳузури гурӯҳи эҷодии барномаи «Поедем, поедим»-и шабакаи телевизиони «НТВ» ва таҳияи силсилабарномаҳо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон се маротиба ташаббус нишон дода шуд.

Бори аввал соли 2018 журналисти шинохтаи британиёгӣ Джон Уоррен аз хӯрокҳои миллии тоҷикӣ дар ҳайрат монда, бо дастони худ мастоба пухту бо таассуроти амиқ баргашт [270].

Маротибаи дуюм моҳи апрели соли 2021 дар барнома аз асрори либосҳои тоҷикона, махсусан гулдӯзиву чакан, кандакорӣ, санъати меъмории қадима, хӯрокҳои миллӣ, махсусан, навъҳои оши тоҷикӣ ва бозори шарқиёна сухан рафт. Муаллифони барнома Федерико Арналди ва Габриела Да Силва ба сайёҳон исбот кардан мехостанд, ки ҳузури онҳо ба Тоҷикистон ҳатмист [270].

Сеюм маротиба Федерико Арналди соли 2023 ба Тоҷикистон омад. Барномаи навбатии ӯ аз барномаҳои пешин фарқ дошт. Ин дафъа барандаи барнома дар пеш мақсад гузошт, ки стереотипҳои интернетиро дар бораи Тоҷикистон барҳам зада, воқеиятро нишон диҳад. Ӯ дар оғози барнома шарҳҳои интернетиро пеш меораду мегӯяд, ки боварӣ дорам, ҳамаи ин дурӯғ аст. Фарқи асосӣ дар он аст, ки Федерикоро дар ҳар мавзеъ ягон чеҳраи шинохтаи кишвар, аз қабили Рафоэл Гулов (блогери тоҷик), Гулбаҳор (ҳунарпеша) ҳамроҳӣ мекарданду ба саволҳояш ҷавоб мегуфтанд [385].

Соли 2023 ҳамчунин, Жанна Бадоева travel-шоуи «Жизнь других»-ро аз сарзамини Тоҷикистон таҳия ва пешниҳоди аудиторияи васеъ гардид. Дар рӯзи аввали пахш барномаро дар шабакаи YouTube 140 ҳазор нафар тамошо кардаанд. Дар ин барнома Жанна чеҳраи тоҷикону тоҷикистониёнро аз чанд ҷиҳат нишон дод. Аз меҳмондории тоҷикона оғоз карда, то қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими анъана ва расму оинҳоро таҳлилу баррасӣ намуда, бевосита ба мактабу осорхона, хонаи шаҳрвандон, нонвойхона рӯ овард ва суҳбаткунон баъзе проблемаҳои мавҷударо низ ошкор кард, аммо дар охир Душанберо як кашфиёт дониставу дар саҳифаи иҷтимоии худ бо эҳсос навиштааст, ки Душанбе барояш кашфиёти нав буд. Интизор будаст, ки дар ин ҷо одамони самимӣ ва

меҳмоннавозро мебинад, аммо, эътироф мекунад, ки интизории ӯ то ин ҳад набуд. Интизор будаст, ки дар ин ҷо як шаҳри замонавиро бубинад, аммо на то ин дараҷа. Чунончи ишора мекунад, медонистааст, ки дар ин ҷо меҳмоннавозии шарқӣ ӯро интизор аст, аммо ин қадар самимият, ин қадар туҳфаҳоро интизор набудаву ин гунаашро ҳеҷ гоҳ надидааст [392].

Ба меҳмоннавозии аз ҳад зиёди тоҷикон Жанна нозукона эрод ҳам гирифта, изҳор мекунад, ки беҳуда қонуни танзим қабул нашудааст, барои як меҳмон ин қадар ташвишу масраф мешавад ва зикр мекунад, ки асоси проблемаҳо меҳмоннавозии аз ҳад зиёд аст [392].

Дар умум, дар муаррифии имконоти сайёҳии кишвар ва ташаккули имиҷи сайёҳии Тоҷикистон тавассути телевизион ва расонаҳои давлатҳои хориҷӣ корҳои зиёде то ин замон анҷом ёфтаанд ва нақшаҳои зиёде дар назар аст. Аксарияти онҳо дар конференсияу маҷлисҳо садо медиҳанд.

Ташкил ва гузаронидани конференсияву ҷамъомадҳои сатҳи байналмилалӣ низ барои муаррифии кишвар, дастовардҳо, муаррифии шаҳрвандон, махсусан, мутахассисон воситаи хубест. Он имкон медиҳад, ки дар раванди баррасии масъалаҳо захираҳои зеҳнии кишвар муаррифӣ гардида, ҳамзамон давлат ҳамчун ҷонибдори масоили муҳимми ҷаҳонӣ шинохта мешавад. Дар баробари ин, инъикоси раванди чорабинӣ аз ҷониби хабаргузориҳои машҳури ҷаҳонӣ боиси дар расонаҳои иттилоотии дунё бештар зикр гардидани номи Тоҷикистон ба сифати макони баргузорӣ мешавад. Ин аст, ки Тоҷикистон вобаста ба масоили об, экология, терроризм, ҷашнҳои миллӣ бо иштироки васеи намояндагии давлатҳо пайваста ҳамоишу конференсияҳо дар сатҳи баланд баргузор менамояд.

Ҳамоиши байналмилалии адибони ҳавзаи Наврӯз, ки соли 2016 дар доираи мулоқоти Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо аҳли зиёи кишвар баргузор шуд, таваҷҷуҳи ВАО-и кишварҳои форсизабонро ба худ ҷалб намуд. Аз ҷумла, дар шабакаҳои ТВ «Хабар», «Канали 6» ва IRIB, IR, маҷаллаи

«Бухоро», радиои «Садои Хуросон», шабакаҳои иҷтимоии «Толори Иронтоҷ», «Ватани форсӣ» ва «Telegram»-и Ҷумҳурии Исломии Эрон зикр шудааст, ки баъд аз ҷаҳонӣ гардидани Наврӯз ва пазируфтани он аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид дар кишварҳои ҳавзаи Наврӯз, Тоҷикистон тавонист чандин бор онро дар сатҳи баланд ва бо иштироки кишварҳои минтақа ва ҷаҳон баргузор намояд [371]. Ҳадафи ба Тоҷикистон даъват кардани шумораи зиёди донишмандону адибони маъруф аз кишварҳои мухталифи дунё ва баргузор кардани ҳамоиши адибонро Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон воситаи муҳимми тарғибу ташвиқи аҳаммияти фарҳангпарваронаи ин ҷашни ҷаҳонии Наврӯз ва ойини башардӯстонаи он ба оламиён арзёбӣ кард. Ҳамоиши байналмилалии мазкур низ ба таҳкими робитаҳои дӯстиву адабӣ мусоидат намуда, имкон фароҳам меорад, ки ширкаткунандагони он масъалаҳои муҳимми адабиётро баррасӣ намоянд ва барои рушди минбаъдаи он заминаи устувор муҳайё созанд [371].

Конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ доир ба масоили об, ки се маротиба дар Тоҷикистон дар сатҳи баланд гузаронида шуданд, бо ҷалби доираи васеи рӯзноманигорони ВАО-и ҷаҳонӣ сурат гирифт. Бори аввал 20-июни соли 2018 Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018 – 2028» оғоз ёфт. Дар маросими ифтитоҳи кори конференсия муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Луи Женмин, Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов, Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Мамнун Ҳусейн, Раиси иҷроияи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Абдуллоҳ Абдуллоҳ, Ноиби Президенти Бонки Ҷаҳонӣ оид ба минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ Сирил Мюллер, Раиси Шурои иқтисодию иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид хонум Мария Чотардова, Раиси Созмони Милали Муттаҳид – Роҳбари Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ Жилбер Унгбо ва ёвари Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид, ҳамоҳангсози ниҳоди назоратии масъалаи озуқаворӣ Герда Верберг суханронӣ карда, ба ташаббусҳои ҷаҳонии

Тоҷикистон ва пешсафии он дар баррасии масоили глобалии вобаста ба об баҳои баланд доданд. Ба ғайр аз ин, дар ин конференсияҳо маркази матбуотӣ ташкил гардида, барои намояндагони ВАО-и кишварҳои хориҷиву дохилӣ, ки дар конференсия номнавис шудаанд, шароитҳо фароҳам оварда мешавад. Масалан, барои инъикоси кори Конференсияи дуюми байналмилалии сатҳи баланд бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018 – 2028» таҳти унвони «Пешбурди амал ва шарикӣ дар соҳаи захираҳои об дар сатҳҳои маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ», ки 6-9 июни соли 2022 дар Душанбе баргузор мегардад, зиёда аз 500 нафар намояндагони ВАО аз маҳаллӣ ва хориҷӣ сабти ном шудаанд [361].

Дафъаи сеюм низ маркази матбуотӣ ташкил карда шуда, бо технологияҳои зарурӣ ва нав муҷаҳҳаз гардид, инчунин, ҷойҳои махсусе ташкил шуд, ки рӯзноманигорон тавонистанд бо мутахассисони соҳа, мансабдорони давлатӣ ва ҳайатҳое, ки дар кори Конференсия иштирок мекунанд, мулоқот кунанд. Намояндагони аккредитатсияшудаи ВАО имкон ёфтанд, ки чорабиниро аз ҷойи баргузории маҷлисҳои пленарӣ, сессияҳо, нишастҳои матбуотӣ ва форумҳои махсус инъикос намоянд.

Барои ҷалби таваҷҷуҳи бештари ҳам рӯзноманигорон ва ҳам ҷомеаи ҷаҳонӣ торнамо бо забонҳои русӣ, англисӣ ва тоҷикӣ сохта шуд, ки дар он метавон тамоми маълумоти заруриро дар бораи чорабинӣ, аз ҷумла, мавзуъҳо, сухангӯён, барнома, бақайдгирӣ ва имконияти ВАО пайдо намуд.

Шабакаҳои иҷтимоии Facebook, Twitter, Instagram барои пешбурди Конференсия бо истифода аз хэштегҳои #3rddushanbewaterconference, #WaterForAWateryWorld, #Dushanbewaterprocess фаъолона истифода шудаанд [361].

Дар доираи баргузории ин конференсия намояндагони ахбори омма ба мавзеъҳои сайёҳии кишвар сафарбар шуданд, ки дар саҳифаҳои интернетӣ, махсусан, сомонаҳои иҷтимоӣ саршор аз боздиди онҳо мегардад, ҳамагӣ мафтуни табиати Тоҷикистонанд. Бардошт аз сайёҳат ва бевосита аз ҷониби

сайёҳон изҳори эҳсос аз раванди сафар ба ҷомеа таъсири амиқ мегузорад, ки таваҷҷуҳи сайёҳон ба мавзеъҳои ташрифовардаи онҳо зиёд мегардад.

Форум ва Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии «Тоҷикистон – 2019» низ бо ҷалби васеи хабарнигорон баргузор гардида буд. «Ҷиҳати иштирок ва инъикоси баргузории ҳамоиши байналмилалии сайёҳӣ ҳамчунин, бардоштҳо аз имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон, рӯзноманигорон аз Франсия, Арабистони Саудӣ, Украина, Чин, намояндагони расонаҳои муътабари ҷаҳон, назири хабаргузории «РИА Новости», телевизиони «Мир», хабаргузории «Синхуа», шабакаи ҷаҳонии «Нейшнл Ҷеографик», хабаргузории «Рейтер» ба Тоҷикистон омаданд. Онҳо дар маҷмуъ беш аз 200 маводди хабарию таҳлилиро дар хабаргузориҳо, матбуот, телевизионҳо, радиоҳо ва сомонаҳои хабарии дохилу хориҷ аз ҷараёни баргузории Форуми байналмилалии сайёҳии «Тоҷикистон – 2019» пахшу интишор намуданд.

Бояд тазаккур дод, ки Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ баргузории Форум ва Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии «Тоҷикистон-2019»-ро тавассути шабакаҳои иҷтимоии «Facebook», «Twitter», «Instagramm», «lincdin» ва ҳамчун хабар дар веб-саҳифаи СУС дар Аврупо мунташир намуд [396].

Расонаҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла, «Тренд» – Портали хабарии маъруфи Озарбойҷон навиштааст: «Душанбе – пойтахти Тоҷикистон ба шаҳри ҷолиби сайёҳӣ табдил ёфтааст. Ба меҳмонону иштирокдорони Форум ва Намоишгоҳи мазкур автобусҳои дуошёна хизмат расониданд, ки ин аввалин рӯзи ба ҳаракат доромадани ин нақлиёти ҷамъиятӣ дар кӯчаҳои Душанбе низ мебошад. Тоҷикистон талош дорад хизматрасониҳои сайёҳиро ба сатҳи байналмилалӣ барорад» [403].

Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз ҳаракати террористҳо», ки рӯзҳои 18-19 октябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид,аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон котибот таъсис дода шуд. Намояндагон, аз ҷумла,

намояндагони расонаҳои хориҷӣ аз 50 кишвари ҷаҳон дар чорабинӣ ширкат намуданд.

«Конференсияи мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дафтари мубориза бар зидди терроризми СММ, Маркази минтақавии СММ оид ба дипломатияи пешгирикунанда барои Осиёи Марказӣ, Иттиҳоди Аврупо, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ва Давлати Қатар ташкил карда шудааст. Ҳадафи асосии конференсия рушди ҳамкориҳо оид ба ҳалли масъалаҳои муҳимми амнияти сарҳадӣ мебошад. Бо анҷоми конференсия изҳорот қабул карда мешавад ва тавассути он иштирокдорони кишварҳоро даъват мекунанд, ки ҳамкорӣ дар форматҳои дуҷониба, зерминтақавӣ, минтақавӣ ва байналмилалиро барои беҳтар кардани назорати сарҳадӣ ва гумрукӣ бо мақсади пешгирӣ ва ошкор намудани ҳаракатҳои террористӣ, инчунин, пешгирӣ аз муомилоти ғайриқонунии яроқу аслиҳа, моддаҳои тарканда, ядроӣ, химиявӣ, биологӣ ва радиологиро ошкор кунанд. Эъломия, ҳамчунин, аз кишварҳои узв даъват мекунад, ки талошҳои худро бар зидди таҳдиди террористон, аз ҷумла, ҷангҷӯёни хориҷӣ тавассути амнияти сарҳадӣ ва идоракунии мақсадноки он равона созанд» [300]. Бо ин мазмун дар аксари расонаҳои ҷаҳонӣ иттилоъ пешниҳод гардид, ки дар онҳо шаҳри Душанбе бевосита ба сифати макони баргузорӣ зикр мешуд. Дар баробари ин Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷонибдори сулҳу субот дар тасаввури хонанда нақш меёбад. Бо шарофати баргузории ин гуна конференсияҳо ва андешаи устувори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди терроризм – «террорист забон, миллат ва дин надорад!» дар воқеаи террористии «Крокус-сити» ҷомеаи шаҳрвандӣ аз шаҳрвандони тоҷикистонӣ пуштибонӣ намуда, террористонро бемиллату безабон медонистанд.

Имиҷи берунии давлат аз ҳайати дипломатии кишвар низ вобастагии зиёд дорад. Аз ин рӯ, муҳаққиқон муътақиданд, ки «Дипломатҳои ҳирфаӣ ҳамчун намояндаи кишвар дар сиёсати хориҷии давлат метавонанд манфиатҳои миллии кишвари худро дар сатҳи зарурӣ ҳифз намоянд. Аз ин рӯ, дар баробари дигар

бартариҳо дипломатия ва хизмати дипломатӣ дар раванди ташаккули имиҷи давлат мавқеи махсусро ишғол мекунанд» [193, с. 28]. Муҳаққиқи соҳа Э. Галумов бар он андеша аст, ки «Рушди ҳар як давлатро метавон ҳамчун раванди ҳамкорӣ бо фазои ҷаҳонӣ баррасӣ кард. Гуногунии анъанаҳо, расму оинҳо, тиҷорату фарҳанг, мавқеи геополитикӣ ва бисёр омилҳои дигар сохтори ҳамкорӣ бо давлатҳои атрофро муайян мекунанд» [36, с. 159].

Сафоратхонаҳои Тоҷикистон ба хотири рушди ҳамкорӣ ва муаррифии давлати худ дар арсаи ҷаҳон ташаббусҳои гуногун нишон медиҳанд. Ташкили рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон, таҷлили ҷашнҳои миллӣ, махсусан, Наврӯз, иштирок ва намояндагӣ дар чорабиниҳои гуногуни давлатҳои хориҷ, фаъол намудани сомонаҳои расмии сафоратҳо ва тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ роҳ ёфтан ба фазои иттилоотӣ, ҳамкорӣ бо ВАО-и хориҷӣ, ба воситаҳои гуногун роҳ ёфтан дар онҳо дар фаъолияти сафоратхонаҳо бараъло намудор гардида истодааст. Махсусан, барои дар сатҳи баланд таҷлил намудани ҷашни Наврӯз, ки дар он расму оинҳои миллӣ, фарҳанги ғанӣ, анъанаҳои ниёгон таҷассум меёбанд, сафоратхонаҳо кӯшишҳои зиёд мекунанд. Иттилои воситаҳои ахбори Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷ дар мавриди баргузории онҳо баёнгари гуфтаҳоянд: «Таҷлили Наврӯзи байналмилалӣ дар Берлин» [394]; Иштирок дар тантанаҳои Наврӯзӣ [322]; Таҷлили ҷашни Наврӯз дар Ашқобод [395]; Ҷашни Наврӯз дар Вашингтон [415]; Маросими ифтитоҳи «Рӯзҳои Наврӯз дар Арбати қадима» [331]; Иштироки Тоҷикистон дар Наврӯзи умумишаҳрии Москва [416]; Ҷашни Наврӯз дар Москва; Шоми фарҳангии «Навои Наврӯз» дар шаҳри Париж [417]; Таҷлили Иди байналмилалии Наврӯз дар шаҳри Минск [393]; Иштироки Сафири Тоҷикистон дар Қазоқистон дар иди байналмилалии Наврӯз [318].

Ҳамчунин, чорабиниҳои сатҳи баланд, рӯзҳои фарҳангӣ ва мусоҳиба бо сафирони Тоҷикистонро дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои хориҷа дарёфтан мумкин аст. Аз ҷумла, БЕЛТА бузургтарин агентии иттилоотии Белорус дар бораи Тоҷикистон маводди зиёд таҳия мекунад, ки ҳамагӣ дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон барои шаҳрвандони Беларус ва хонандагони берун аз

кишвар бетаъсир намемонанд, зеро агентӣ дар портали интернетии худ – BELTA ҳар рӯз то 250 маводди иттилоотиро ҷой мекунад. Он дар 180 кишвари ҷаҳон хонанда дошта, дар як рӯз 450 000 нафар онро мебинанд. Ин агентӣ, дар баробари он ки пайваста дар бораи муносибатҳои дӯстона ва ташаббусҳои Тоҷикистон дар мавриди робитаҳои дӯстӣ иттилоъ медиҳад, ҳамчунин, дар саҳифаи асосӣ расми намояндаи Тоҷикистон дар Беларус ва гуфтаву навиштаҳои ӯро дар сарлавҳаи маводдҳо ба гунаи («Сафири Тоҷикистон: Андозаи парлумонӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ хеле муҳим аст», «Сафири Тоҷикистон: Мавзуъҳои сулҳу амният дар шароити муосир дар мадди аввал қарор доранд»), ҷой медиҳад, ки симои миллати тоҷикро муаррифӣ мекунад. Ин усул низ дар ба вуҷуд овардани афкори омма бетаъсир нест. Бо чунин тарз фаъолият кардан ҳамкориҳои дуҷонибаро ба вуҷуд меорад. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ роҳи муҳимми ба хориҷиён муаррифӣ намудани Тоҷикистонро дар истифодаи самаранок аз воситаҳои ахбори омма, шабакаи Интернет, чопи китобу маҷаллаҳо ва дигар воситаҳои паҳн кардани иттилоот дониста, дар вохӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намудаанд: «Зарур аст, ки Вазорати корҳои хориҷӣ низ ҳамкории худро бо намояндагони воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои хориҷӣ беҳтар роҳандозӣ намуда, нуфузашро дар интернет ва шабакаҳои иҷтимоии он ба таври назаррас афзоиш диҳад» [339].

Аз таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар мавриди таъсиси воситаҳои ахбори омма дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо забони тоҷикӣ ба роҳ мондани фаъолият, сабақ омӯхтан ба манфиати кор аст. Аз ҷумла, Радиои «Озодӣ»-и ИМА ва оҷонсии иттилоотии «Спутник»-и Россия. Мо дар ин ҷо фаъолияти муғризонаи онҳоро сарфи назар намуда, танҳо фаъолияти тарғиботашонро дар назар дорем. Ҳадафи аслии ҳар ду расона ташаккулу густариши имиҷи кишвари худ дар Тоҷикистон мебошад. Дар саҳифаҳои русӣ ва англисии онҳо дар бораи Тоҷикистон маводде ёфтан мушкил аст, махсусан иттилои мусбат. Агар

маводде ҳам ёфт шавад, танҳо дар доираи ҳамкориҳои ИДМ буда, номи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар давлатҳо зикр мегардад.

Чунончи, дар Консепсияи сиёсати иттилоотии Тоҷикистон омадааст: «Аз ин рӯ, мақомоти дахлдорро зарур аст, ки «барои татбиқи сиёсати давлатии иттилоотию имиҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд чораҳои зерин андешанд:

– бо дастгирии давлат таъсиси рӯзномаи оммавӣ бо забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русӣ, қирғизӣ ва забонҳои дигар, бо нархи дастрас, ки он ба таври рамзи муайян ва ҳимоя карда мешавад;

– таҳия ва такомули воситаҳои эҷод ва муаррифии имиҷ, яъне маҷмуи технологияҳои рекламавӣ, сиёсӣ ва PR оид ба коркарди консепсияи сиёсати иттилоотию имиҷӣ барои хориҷиён бо назардошти хусусият ва навъҳои фарҳангҳои миллӣ» [8].

Дар ин раванд таъсиси расонаҳои давлатӣ бо назардошти фаъолият дар давлатҳои хориҷа бо забони ҳамон давлат ба манфиати кор аст. Чун татбиқи ин ҳадаф вақту маблағи зиёд талаб мекунад, муҳаққиқон пешниҳод мекунанд, ки як зумраи воситаҳои ахбори оммаи мо аз имконоти худ босамар истифода намуда, бо ВАО-и ҷаҳонӣ ҳамкориро ба роҳ монанд ба манфиат аст: «...Дар ин самт шабакаҳои телевизионии моҳвораии Тоҷикистон, бахусус, шабакаи иттилоотии «Ҷаҳоннамо», Оҷонсии иттилоотии «Ховар» ва радиои «Садои Тоҷикистон» («Овози тоҷик») метавонанд саҳми арзанда гузоранд» [219, с. 22].

Аз таҳлилу омӯзиши масъалаҳои дар ин боб баррасишуда ба хулосаҳои зерин расидем:

1. Шабакаҳои телевизионии давлатии Тоҷикистон, махсусан ТВ «Тоҷикистон», ТВ «Ҷаҳоннамо», ТВ «Варзиш», ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», Тоҷикистонро аз чанд ҷониб муаррифӣ намуда, имиҷи дохилии давлатро ташаккул дода истодаанд.

2. Шабакаҳои телевизионии номбурда имконоти мавҷударо ба таври зарурӣ истифода набурда, танҳо барои аудиторияи дохили давлат барнома таҳия мекунанд, аудиторияи бурунмарзӣ то ҳадде сарфи назар мешавад, зеро ба

забонҳои хориҷӣ дар шабакаҳои телевизионӣ қариб, ки намоишу барномаҳо мавҷуд нестанд, ба ҷуз чанд барнома бо забони русӣ ва англисӣ, ки саҳми онҳо барои ташаккули имиҷи кишвар ночиз мебошанд.

3. Ташкили намояндагиҳои шабакаҳои телевизионӣ дар давлатҳои дуру наздик ва ба роҳ мондани ҳамкориҳо воситаи судманду муҳим барои роҳ ёфтан ба ВАО-и хориҷӣ ва ташаккули имиҷи байналмилалии Тоҷикистон мебошад.

4. Аз таҳқиқ маълум шуд, ки шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон дорои сомонаҳои расмиии интернетӣ ва саҳифаҳои расмии иҷтимоӣ мебошанд, аммо имконоти мавҷударо хуб истифода намебаранд. Фаъолияти сомонаи интернетии шабакаҳои Телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» ғайриқаноатбахш буда, он хазинаи наворҳои расмии ҳукуматро мемонад.

5. Сомонаи ТВ «Варзиш», ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар муқоиса фаъолияти беҳтар дошта, агар дар баробари забони тоҷикӣ бо забонҳои хориҷӣ ҳам мавод пешниҳод кунанд, метавонанд ҳам дар ташаккули имиҷи дохилӣ ва ҳам берунии Тоҷикистон саҳми арзанда гузоранд.

6. Сомонаи АМИТ «Ховар» ва «Азия-Плюс» дар ташаккули имиҷи дохилӣ ва байналмилалии Тоҷикистон саҳми арзанда гузошта истодаанд. Дар мавриди касбият ва интихобу пешниҳоди ҳирфаии маводҳо «Азия-Плюс» бартарӣ дорад.

7. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва халқи тоҷик дар воситаҳои ахбори оммаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, махсусан шабакаҳои телевизионӣ ва сомонаҳои интернетӣ, чун кишвари сайёҳӣ, дорои таъриху фарҳанги ғанӣ ва миллати меҳмоннавоз инъикос гардида истодаанд.

8. Баргузории форуму конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ дар мамлакат боиси он мегардад, ки дар ВАО-и хориҷи кишвар номи Тоҷикистон ҳар чи бештар зикр гардад.

# БОБИ V
# ДАРЁФТ ВА ИНЪИКОСИ ВОҚЕИЯТҲОИ ИМИҶСОЗ ДАР ЖАНРҲОИ ПУБЛИТСИСТӢ

## 5.1. Истифодаи воқеиятҳои имиҷсоз ва ташреҳи онҳо дар жанрҳои хабарӣ

Журналист бо дарназардошти фазо, вақт, имконияти пешниҳоди далелу воқеа, ҳадафу мақсад ва маҳорати офаридаашро дар қолабу жанри муайян пешниҳод мекунад. Воқеан, низоми муайян ва рангиниву мушаххасии маҳсули эҷоди журналист маҳз тавассути қолабҳои жанрӣ амалӣ мегардад. Дар бораи жанрҳои журналистӣ ё публитсистӣ муҳаққиқони соҳа корҳои зиёди илмӣ ба анҷом расонида бошанд ҳам, то имрӯз фикрҳо гоҳо тағйир меёбанду гоҳо такмил. Ин раванди воқеист, зеро эҷод қолаби догмавиро намеписандад, балки пайваста дар таҳаввулу ташаккул қарор мегирад ва жанр ҳам «ба ҳунари эҷодӣ тааллуқ дорад» [166, с. 5]. Аз ин лиҳоз, тағйирпазирии он боиси нигаронӣ набуда, талаботи замон аст, ки ба пешрафти воситаҳои пахши иттилоъ ва талаботи аудитория вобастагӣ дорад.

Муҳаққиқи рус А. Тертичний андеша дорад, ки зери мафҳуми жанрҳои журналистӣ «гурӯҳҳои устувори асарҳоеро фаҳмидан лозим аст, ки омилҳои ташаккули жанрҳо доранд» [156, с. 200]. Муҳаққиқони тоҷик А. Саъдуллоев ва С. Гулов жанрро воситаи ҷолибу рангинсозии факт дониста, чунин зикр намудаанд: «Жанрҳо фактро, воқеаро ҷолибу рангоранг тавзеҳ медиҳанд ва ҳамзамон бо иттилоъ завқи эстетикӣ мебахшанд» [147, с. 4]. Андешаи муҳаққиқонро ба назар гирифта, ба фикри зерин метавон иктифо намуд: «Жанр гӯё хишт – масолеҳест, ки аз он биноҳои гуногунҳаҷму гуногунмавзуи журналистика бунёд мегардад. Устувории ин бино ба ҳунари бинокор-журналист вобаста аст» [147, с. 13]. Дар асл гуногунрангии жанрҳо ба маҳорати журналист вобастагии зиёд дорад. Журналисти соҳибқалам ва бомаҳорат

вобаста ба талаботи аудитория ва зарурати вақту ҳолат қолаби жанрро интихоб намуда, дар такя ба вижагиҳои он мавод стаҳия мекунад, ки гоҳо ба оҷилият, гоҳо таҳлил ва гоҳо бадеияту таъсиргузорӣ бартарӣ дода мешавад. Чунончи, муҳаққиқи рус В.В. Ворошилов, навиштааст: «Вобаста ба ҳадафҳои таъсиррасонӣ ба хонанда, фарохии инъикоси воқеият, умқи таҳлил ва фарохии умумӣ, воситаҳои баёнию визуалӣ жанрҳои публитсистӣ маъмулан ба се намуд – иттилоотӣ, таҳлилӣ ва бадей–публитсистӣ ҷудо мешаванд» [33, с. 218]. Тамоми муҳаққиқон дар такя ба ҳамин тақсимбандӣ жанрҳоро ба гурӯҳе нисбат медиҳанд: хабарӣ, таҳлилӣ ва публитсистӣ-бадеӣ.

Маълум аст, ки дар маркази тамоми жанрҳо факт меистад ва истифодаву муносибати эҷодкор ба факт аз қолаби жанрӣ вобастагӣ дорад. Муҳаққиқони соҳа бар он назаранд, ки «Муносибати жанр бо факт гуногун аст. Агар барои баъзе жанр (хабар) факт асос бошад, пас барои дигар жанр (мақола) таҳлили факт муҳим аст. Арзишдиҳӣ ба рӯйдод, воқеа ва факт низ аз вазифаҳои жанр бармеояд. Аз ин бармеояд, ки ҳар жанр бо факт бо тарзи хос муносибат менамояд» [40, с. 42] Ана ҳамин хусусиятҳо рангорангии жанрҳоро ба вуҷуд овардаву боиси гурӯҳбандии онҳо гардидаанд.

Дар ҳама давру замон, махсусан, дар замони мо ҷомеа ба иттилои сареҳу оҷилӣ бештар таваҷҷуҳ дорад. Аз ин рӯ, воситаҳои ахбори омма, махсусан шабакаҳои телевизионӣ, кӯшиш мекунанд, ки воқеаҳои муҳимми рӯзро дар қолаби жанрҳои хабарӣ саривақт пешниҳод намуда, аудиторияи худро нигоҳ доранд. Бо вуҷуди он ки дар замони муосир интернет барои дастрасии фаврӣ ва ҳамаҷонибаи иттилоот пешдастӣ дорад, аммо эътимоди бинанда ба барномаҳои иттилоотии телевизионӣ нисбатан зиёд аст.

Кормандони телевизион чун масъулини дастгоҳи пурқудрати таъсиррасонӣ, бо истифода аз мавқеъ ва имконот, дар амалисозии мақсади муассис ҳамаҷониба чораҳо меандешад. Дуруст аст, ки «ҳар гуна фаъолияте, ки мақсадаш таъсиррасонии мафкуравӣ аст, дар батни худ маънии таблиғро дорад. Яъне, мехоҳад мухотабонашро ба чизе бовар кунонад, ё аз чизе дилхунук

кунад. Ҳатто тарзи интихоб ва истифодаи ахбор низ хусусияти таблиғотӣ дорад» [169, с. 7]. Фазои иттилоотии ҷаҳонӣ якранг нест, зеро ҳар кас воқеаро аз нигоҳ ва манфиати худ шарҳу тавзеҳ медиҳад. Аз ин лиҳоз, кормандони эҷодиву техникии шабакаҳои телевизиони Тоҷикистон барои ҳимоя ва пуштибонии давлат аз ҳуҷумҳои сиёсӣ пайваста маводде таҳия ва пешниҳод менамоянд, ки баёнгари воқеияти имрӯзаи кишвар дар самти ободонӣ, бунёдкорӣ, беҳдошти некӯаҳволии кишвар буда, шаклдиҳандаи имиҷи мусбати Тоҷикистон бошанд. Барои бетаъхир амалӣ сохтани ҳадафҳо бештар аз жанрҳои хабарӣ – хабар, ҳисобот, репортаж, мусоҳиба истифода менамоянд.

Имиҷи давлат дар асоси воқеияти рӯз сохта мешавад. Воқеияти рӯз бошад, дар қолаби жанрҳои хабарӣ зудтар ба омма мерасад. Ҳар қадар ҳақиқат баёнгари пешрафти давлат бошад ва тавассути воситаҳои ахбори омма талошҳои ҳукумат барои некӯаҳволии кишвар ва ободонӣ инъикос гардад, ҳамон қадар эътимоду боварӣ, тасаввуроти мусбат дар бораи давлату ҳукумат дар афкори ҷомеа шакл мегирад. Аз ин нигоҳ, ТВ «Тоҷикистон» кӯшиш мекунад, ки дар ҳама ҳолат аудиторияи худро бо иттилои саривақтиву сареҳ таъмин намуда, бо ин васила дар боз ҳам муттаҳид намудани мардум ва яқинан бовар кардан ба ояндаи дурахшон талқин созад. Ҳатто дар даврони ҷанги шаҳрвандӣ, ки пешниҳоди иттилои оҷилӣ мушкилиҳои зиёд дошт, ТВ «Тоҷикистон» ба оҷилият бартарӣ медод. Дар он даврони ҳассосу мушкил, ки ба вуҷуд овардани фазои орому осудаи сиёсӣ муҳимму зарур буд, бештар ба иттилои сиёсӣ, вазъи кишвар дар минтақаҳо, сафарҳои дохиливу берунии роҳбари давлат, талошҳо барои расидан ба сулҳ, суханрониву вохӯриҳои аъзоёни ҳукумат дар қолаби жанрҳои хабар, гузориш, ҳисобот ва мусоҳиба пешниҳод мегардид. Жанрҳои мазкур, одатан, дар барномаи иттилоотии «Ахбор» мушоҳида мешаванд.

Барномаи «Ахбор» аз идораи барномаҳои иттилоотии ТВ «Тоҷикистон» пешниҳод гардида, ҳамарӯза аз ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, варзишӣ ва дигар мавзуъҳои рӯз аз манотиқи гуногуни кишвар хабару

гузоришҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ (ҳафтае як маротиба), англисӣ ва арабӣ таҳия менамоянд [309], ки ин боиси муаррифии манотиқи Тоҷикистон ва фаъолияти соҳаҳои гуногун мегардад. Шабакаи ТВ «Тоҷикистон» шабакаи сиёсӣ буда, самти асосии фаъолияти он тарғиби сиёсати давлату ҳукумат аст, ки бо инъикоси дастоварду муваффақиятҳо, пешравию ободкорӣ ва некӯаҳволии кишвар дар ташаккули имиҷи сиёсии Тоҷикистон ва имиҷи роҳбари давлат нақши арзанда гузоштаву мегузорад. Шабакаи мазкур бо назардошти вазифа ва уҳдадориҳои худ ба иттилои расмии ҳукуматӣ бартарӣ медиҳад. Ағлаби чунин иттилоот дар қолаби жанри хабар пешниҳоди бинанда мегардад. Жанри хабар беҳтарин василаест барои иҷрои вазифаи асосии журналист, ки сари вақт ба мардум иттилои навтаринро мерасонад.

Аввали солҳои 90-уми асри гузашта ҷанги шаҳрвандӣ Тоҷикистонро чун нуқтаи доғ, минтақаи даргир ва давлати ноамн дар фаҳми хориҷиён ҷой кард, барои бартараф намудани ин тасаввурот ягона шабакаи телевизионии сартосарии Тоҷикистон тамоми талошҳои ҳукумати кишварро дар роҳи сулҳҷӯйӣ ба таври оҷилӣ ба мардум мерасонд. Роҳбарияти олии кишвар, бо дарки зарурати саривақт хабардор намудани аҳолӣ аз воқеияти ҳол, дар минтақаҳо дар маҷлисҳои ҳукуматӣ кормандони воситаҳои ахбори оммаро вазифадор менамуд, то ҷомеаро аз вазъи минтақаҳо пайваста бохабар кунанд. Ин супоришҳо масъулияти журналистонро дучанд намуда, тамоми воқеаҳо оҷилан, тавассути телевизион инъикос мегардиданд. Аз ҷумла, сафарҳои хориҷии Раиси Шурои олии Тоҷикистон пайваста дар қолаби жанри хабар пешниҳод мешуд. Масалан, аз 7 то 9-уми марти соли 1993 барномаи «Ахбор» сафари кории роҳбари давлатро ба Ҷумҳурии Халқии Хитой пайгирӣ намудааст. Санаи 9-уми март аз «маросими ба имзо расидани як қатор санадҳои ҳуқуқии тарафайн» [242] хабари кӯтоҳ пешниҳод шуд. Аз раванди ин сафар чанд хабари дигар ҳам таҳия гардидааст: Боздид аз осорхонаи шаҳри Зансу ва гузоштани соядаст дар китоби меҳмонони фахрӣ, боздид аз корхонаи истеҳсоли фанер ва дӯзандагӣ. Хабари аввал васеъ буда, он шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Ба ғайр

аз ҳузури Роҳбарияти давлати Тоҷикистон ва намояндагони Хитой, ҳамчунин, дар бораи осорхонаи номбурда маълумоти таърихӣ низ оварда шуда, то ҳадде бардошти меҳмонон низ изҳор мегардад [243]. Қабули самимонаи роҳбарияти нави Тоҷикистон ва бастани шартномаҳои ҳамкорӣ дар вазъияти барои давлат мушкил баёнгари эҳтиром ба роҳбари ҷавон ва эътимод ба ояндаи дурахшони Тоҷикистон аст, ки ба андешаҳои ҷадид дар бораи кишвари мо замина мегузошт.

Сафарҳои дохилии роҳбари давлат низ бештар дар қолаби жанри хабар инъикос гардидааст. Чунончи, 22-юми январи соли 1996 аз сафари кории Президенти кишвар ба вилояти Суғд хабар пахш гардидааст, ки дар асной сафар ба фаъолияти хати дуюми Комбинати истихроҷи тиллои Зарафшон воқеъ дар шаҳри Панҷакент, оғоз бахшида шуда. Тавре ишора гардид, хабари васеъ «ба ғайр аз се саволи маъмулӣ боз ба чанд саволи дигар низ ҷавоб медиҳад» [57, с. 15]. Маводди мазкур ҳам дар қолаби хабари васеъ пешниҳод гардида, дар баробари иттилоъ додан дар бораи кушодани як корхона ҳамчунин, бинандаро аз натиҷаи фаъолият ва таъсири он ба ояндаи кишвар низ огоҳ мекунад. Аз ҷумла, гуфта мешавад: «Ифтитоҳи ин корхона имконият фароҳам овард, ки ду ҳазор нафар шаҳрвандон соҳиби ҷойи кор гардиданд. Бори нахуст дар таърих тиллои тоҷик бо тамғаи хосси худ ба бозорҳои байналмилалӣ ба фурӯш бароварда мешавад ва аз ин ба буҷети давлат ҳар сол то 20-30 миллион доллари амрикоӣ даромад ворид мегардад» [244]. Дар даврони мушкил, ки ҳоло Тоҷикистон ба сулҳи комил нарасида буд, пешниҳод намудани хабар доир ба сохтмон ва бунёди корхона, махсусан корхонаи истеҳсоли тилло, шаҳрвандонро ба ояндаи дурахшон ва бунёдкории сарвари давлат умедвор менамояд. Дар баробари ин, таваҷҷуҳи сармоягузорону ҳамкорони хориҷӣ ба Тоҷикистон ва захираҳои табиии он бештар мегардад. Хабари мазкурро наворҳои ҳузури Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ҳайати корӣ дар корхонаи мазкур, вазъи кории кормандон ва мушоҳидаи ҳайати ҳукумат, ба

роҳбари давлат супоридани пораи тиллои коркардшуда аз ҷониби кормандон ва хурсандона кафкӯбии ҳамроҳонаш пурра мекунад.

Дар замони имрӯз ҳам, ТВ «Тоҷикистон» бо таҳия ва пешниҳоди иттилои воқеии имиҷсоз дар қолаби жанри хабар вазифаи худро иҷро менамояд. Аз нигоҳи мавзуӣ барномаи иттилоотӣ ҳамоно қолаби пешинаро дорад. Хабарҳо аз сафарҳои Президенти кишвар, ҳузури меҳмонони хориҷӣ, махсусан сарони давлатҳо, ба Тоҷикистон ҳамеша дар сархати хабарҳо ҷой мегиранд. Дар қолаби анвои хабари васеъ ва кутоҳ муносибати дӯстонаи давлатҳо ва муносибати бародаронаи роҳбари давлати Тоҷикистон бо давлатҳои меҳмон инъикос мегардад. Аз ҷумла, инъикоси Шоми дӯстӣ ба ифтихори Сарони давлатҳои Созмони Ҳамкориҳои Шанхай ва Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, ки дар Бӯстонсарои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 16-уми сентябри соли 2021 аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташкил карда шуд, дар қолаби хабари васеъ пешниҳод гардидаст. Ин рӯйдодро муаррифгари муносибати дӯстонаи Тоҷикистон бо давлатҳои узви СҲШ ва САҲА, дастовардҳои кишоварзӣ, табиати сабзу ҳавои тоза, неъматҳои табиӣ, имконоти сайёҳиву хӯрокҳои миллӣ, меҳмоннавозии миллати тоҷик шумоpидан мумкин аст. Хабари бо ҳузури меҳмонони олиқадр – Президенти Ҷумҳурии Белорус Александр Лукашенко, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Тоқаев, Сарвазири Ҷумҳурии Арманистон Никол Пашинян, Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Имрон Хон, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров, ки дар даромадгоҳи бӯстонсаро онҳоро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пешвоз гирифт, оғоз шуд. Журналист бо садои пасинаворӣ маълумотро пурра кард: «Сайругашти меҳмонон дар фазои басо гарму самимӣ ва дӯстию бародарӣ ҷараён гирифт. Онҳо аз табиати сабзу ҳавои тозаи Тоҷикистони офтобӣ ҳаловат бурда, аз намоишгоҳи неъматҳои табиии диёри биҳиштосои мо боздид карданд...

Дар намоишгоҳ даҳҳо намуди маҳсулоти тару тозаи Тоҷикистон, навъҳои гуногуни полезиҳо, меваҳои аз лиҳозу таъму сифат беҳамто, ба мисли ангуру меваҳои донадор, хушкмеваҳои босифат, аз қабили мағзу бодом, мавизу писта ва меваҳои ситрусӣ ба маъраз гузошта шуда буд ва меҳмонони олиқадр ба ҳар як маҳсулоти ба намоиш гузошташуда ва намудҳои гуногуни таомҳои миллии мо таваҷҷуҳ зоҳир намуда, гоҳо таъмашонро чашиданд ва ба сифату маззаи ҳар як маҳсулот баҳои баланд доданд» [246]. Чеҳраву нигоҳи меҳмононро наворбардорон ҳадафмандона намоиш медоданд, ки таваҷҷуҳи хоссаи онҳоро баён менамуд. Ороиши махсуси меваҳо дар роҳрави бӯстонсаро, ки нақшу нигори миллиро мемонд, дар навор рангорангу ҷолиб менамуд. Ин манзара, беихтиёр таваҷҷуҳи бинандаро ҷалб мекард. Ин буд, ки баъдан ҳамин навор бо иваз намудани суханони журналист ба мусиқии мувофиқ дар шакли лавҳа, тули чанд рӯз, тариқи телевизион пахш гардид.

Чунин ташаббус, яъне ташкили Шоми дӯстӣ барои меҳмонони воломақом, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, зуд-зуд сурат мегирад, ки дар муаррифии кишвари мо нақши назаррасу муҳим мегузорад.

Барномаи иттилоотии «Ахбор»-и ТВ «Тоҷикистон» қолаби муайян дорад ва мисли барномаҳои иттилоотии аксар шабакаҳои телевизионӣ хабарҳоро ровиён пайиҳам пешниҳод мекунанд. Аслан, ровиён сархати хабарҳо ва фармону қарорҳоро мехонанд, аммо гоҳо хабарҳои муҳиме, ки бо сабабҳои маҳдудии вақт пурра танзиму омода нашудаанд, матни он аз ҷониби ровӣ хонда мешавад. Барои исбот яке аз бахшҳои барномаи мазкурро таҳлил мекунем. Рӯзи 18-уми июли соли 2023 барномаи «Ахбор»-и ТВ «Тоҷикистон» бо пешниҳоди хабар дар бораи сафари Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Подшоҳии Арабистони Саудӣ бо мақсади иштирок дар ҳамоиши нахустини Шурои сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои Арабии Халиҷ, оғоз гардид. Баъди кулоҳи барнома ровӣ Саидмукаррам Шарифзода, аз студияи ТВ «Тоҷикистон» дуруд гуфта, сипас сарлавҳаи хабар (подводка)-ро эълон намуд. Баъдан, хабари телевизионӣ дар ҳаҷми 1 дақиқаю 34 сония пешниҳод гардид.

Маълум аст, ки «Маълумоти кӯтоҳе, ки аз ҷузъиёти нав саршор аст» [82, с. 11], хабар номида мешавад ва маводди пешниҳодшуда низ иттилои нав аст. Хабар бо навори боли ҳавопаймо ва садои табиӣ (интершум) оғоз шуда, сипас бо садои пасинавории журналист Самариддини Айниддин идома ёфт. Дар навор пешвозгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби масъулини Подшоҳии Арабистони Саудӣ, болафшонии парчами давлатҳои иштирокчӣ, дастфишории Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо пешвозгирандагон, то савори мошинаи сабукрав шудани Пешвои миллат намо ёфта, сухани журналист ин воқеаи фараҳбахши имиҷсозро пурра кард. Аз ҷумла, суханони зерин, ки мавқею манзалати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар кишварҳои Арабии Халиҷ бозгӯ мекард, басо самимӣ ва ифтихормандона иброз гардиданд: «Ба хотири пазироии меҳмони олиқадр саҳни фурудгоҳ идона ороста шуда, аз ду канори роҳрави махсус аскарони қаровули фахрӣ саф кашида буданд» [241]. Хабари мазкур кӯтоҳ буда, бинандаро аз воқеаи нав – пешвозгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби масъулини Подшоҳии Арабистони Саудӣ шинос мекунад ва ба саволҳои «Чӣ?» «Кай?» «Дар куҷо?», «Чи гуна?» ҷавоби мухтасар медиҳад, чунки «дар хабари кӯтоҳ шарҳу тавзеҳ муҳим нест» [96, с. 101].

Баъди анҷоми иттилои боло ровӣ С. Шарифзода дар студия хабари дигарро мерасонад, ки идомаи сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бозгӯ мекунад. Дар ин сужаи хабарӣ дар бораи зиёрати қиблаи мусалмонон – Каъба аз ҷониби Пешвои миллат ва ҷузъиёти ба ҷо овардани маросимҳои дохили он маълумоти муфассал пешниҳод мегардад. Дар поёни хабар гуфта мешавад, пуштибонии пайваста аз номи поки дини мубини ислом дар арсаи минтақа ва ҷаҳон, чанд дафъа ба забони тоҷикӣ нашру дастрас кардани Қуръони Карим ва дар сатҳи миллию байналмилалӣ таҷлил намудани 1310-солагии Асосгузори мазҳаби таҳаммулпазирии ҳанафӣ Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит Имоми Аъзам аз ҷумлаи хизматҳои шоёни Пешвои миллати тоҷикон дар ҷаҳони ислом мебошад, ки ӯро ба шаъну эътибори баланд расонидаанд. Ба чунин шарафи

баланд даст ёфтани сарвари давлати Тоҷикистон ва пешвои тоҷикони ҷаҳон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бозгӯйӣ аз нуфузу эътибори шоистаи ӯ дар олами ислом аст. Ин аст, ки ӯ борҳо ба феҳристи 500 мусалмони соҳибнуфузи олам шомил гардидааст [245]. Бо изҳори чунин суханон ровӣ воқеияти имиҷсозиро шарҳу тавзеҳ намуда, хотиррасон менамояд, ки ин зиёрати 5-уми Эмомалӣ Раҳмон аст. Хабари мазкур тули 4 дақиқаву 30 сония пахш гардид. Аз рӯйи ҳаҷм ва тафсилоти бештар он хабари васеъ аст, зеро «шарҳ дорад ва ба ғайр аз се саволи маъмулӣ боз бо чанд саволи дигар низ ҷавоб медиҳад. Таҳлилу таҷзияи фактҳои хабар ба хонанда дар фаҳми масъала кӯмак мерасонад» [57, с. 15].

Матн зиёда аз 4 дақиқа аз ҷониби ровӣ хонда мешавад ва дар тули ин вақт бо вуҷуди дар наздаш коғазу қалам ва компютери дастӣ (ноутбук) мавҷуд будан, ягон маротиба чашмашро аз дурбини наворбардорӣ намеканад, баръало маълум мегардад, ки матнро тавассути суфлёр хонда истодааст. Хуб мешуд, агар як ё ду маротиба ба коғазҳо нигоҳ карда, саҳифагардонӣ мекард. Ин амалҳо боиси ҷалби таваҷҷуҳи бинанда гардида метавонанд. Садои Саидмукаррами Шарифзод гарчанде марғуладор асту ба барномаи «Ахбор» мувофиқ, аммо ҳангоми хондани хабар сохтагии садо ва тақлид эҳсос мешавад.

Иттилои сеюм, бо тағйир додани оҳанги садо ва суханони «идомаи барномаи «Ахбор» [246], ки дар ин фурсат журналист коғазҳои пешашро иваз мекунад, оғоз мешавад. Набояд фаромӯш кард, ки барои бинандаи телевизион 5 дақиқа нишон додани як навори умумӣ дилгиркунанда аст. Қабл аз хондани хабари сеюм, барои ҷалби бинанда, як маротиба кулоҳи барномаро ба сифати гузариш ба мавзуи дигар истифода кардан ба манфиат буд. Мусиқии баланди мувофиқ бо навори рангину ҷолиб таваҷҷуҳи бинандаро ҷалб карда, ӯро ба тамошо кардан водор мекунад.

Маводди дигар, ки аз ҷониби Нуралӣ Сафомиддин, Баҳодур Қурбонзода ва Мақсади Мақсад таҳия гардид, як навъ гузорише буд, ки аз ободониву бунёдкории боғҳои шаҳри Душанбе иттилоъ медод. Дар он суханони паси

навории журналист бо наворҳои сайру гашти одамон дар боғҳои шаҳри Душанбе, аз ҷумла, боғи ба номи Абулқосим Фирдавсии ноҳияи Фирдавсӣ ва дигар мавзеъҳои зебову дилфиребу пойтахт пурра гардид. Суханони мусоҳибон Сайдалӣ Шаҳобов – мудири бахши иттилоот, информатсия ва коммуникатсияи ноҳияи Фирдавсӣ, Сироҷиддин Каримзода – мудири бахши фарҳанги ҳамин ноҳия ва Тахмина Рауфова – омӯзгор мушоҳида ва гуфтаҳои журналистро дар хусуси ободониву гулгулшукуфоии пойтахти кишвар тасдиқ менамуд. Аз ҷумла, омӯзгор Рауфова мегӯяд: «Шукргузорӣ аз он мекунем, ки дар тамоми гӯшаву канори ҷумҳурӣ боғҳои фарҳангиву фароғатӣ хеле зиёд таъсис ёфтаанд ва мо метавонем, ки бо фарзандони худ озодона сайру гашт ва истироҳат намоем. Фарзандони мо дар майдончаҳои варзишӣ машғул мешаванд, ки ин барои инкишоф ва тарбияи онҳо таъсири хуб мерасонанд» [246].

Объекти жанри репортаж «таърихи воқеае мебошад, ки тасвири ҳодисаи содиршударо дар эҳсосоти бевоситаи журналист, шоҳид ва ширкаткунандаи он» [108, с. 97] инъикос мекунад. Ин гузориш бардошти журналист ва эҳсосоту таассуроти сокинону масъулин аз боғҳои бунёдшудаи шаҳри Душанбе аст, ки бо мақсади нишон додани симои зебои пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе ва оромиву осудагии мардум пешниҳод гардидааст.

Дар гузориши дигар мавзеъҳои сайёҳиву тамошобоби кишвар нишон дода мешавад. Он дар бораи Гармчашмаи ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон маълумот медиҳад. Журналист Моҳираи Тоҳир таъкид мекунад, ки дар ин мавзеъ шароити мусоид барои сайёҳон муҳайё аст ва «ҳамасола ба ин мавзеъ ҳазорон сайёҳони дохиливу хориҷӣ меоянд» [235]. Ин гузориш бо наворҳои гуногуни хазина пурра мегардад, ҳамчунин, андешаи як сайёҳи дохилӣ, ки он ҷо бо мақсади зиёрат рафтааст, илова карда мешавад. Ӯ аз ободиву осудагии ватан шукргузорӣ менамояд.

Жанри дигаре, ки дар шабакаҳои телевизиони давлатӣ дар самти ташаккули имиҷи Тоҷикистон васеъ истифода мегардад, ҳисобот мебошад. Ин жанр ҳам, дар тамоми шабакаҳои телевизионӣ маъмул аст. Муаллифи

ҳисоботро мебояд ба саволҳои дар маҷлис кадом масъала бозгӯ шуд?, вай чӣ гуна баррасӣ гардид?, чӣ гуна хулосаҳо ҳосил шуданд? ҷавоб дода тавонад [96, с. 103]. Раванди сулҳҷӯйии тоҷикон, бунёдкориву бозсозӣ, ташаббусҳои ҷониби Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ тақозо менамуд, ки конференсияу ҷаласаҳои сатҳи гуногун дар ҷумҳурӣ баргузор гардида, ҳамзамон намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳаллу фасли масъалаҳои гуногун дар ҷамъомадҳои сатҳи минтақаву байналмилалӣ фаъолона иштирок кунанд. Барои инъикоси раванди чунин воқеаҳо дар барномаҳои телевизионӣ бештар жанри ҳисобот истифода мегардад. «Дар ҳисобот тавассути усулҳои шаклӣ ба аудитория таъсир расонидан хос нест, балки он ба воситаи мустақиман ироа доштани мавқеъ амалӣ мегардад» [96, с. 104]. Баъди хабар ҳисобот серистифодатарин жанри хабарӣ дар ТВ «Тоҷикистон» ба ҳисоб рафта, дар инъикоси мавқеи Ҳукумати Тоҷикистон нисбат ба масъалаҳои мавҷуда, дарёфт ва пешниҳоди ҳалли онҳо, бартарафсозии саривақтии мушкилот мусоидат мекунад.

Иштирок ва суханронии ҳайати Тоҷикистон, махсусан, Роҳбари давлат дар ҷаласаҳои гуногуни сатҳи минтақавию байналмилалӣ аз нуфузу эътибори давлат дарак дода, тарғибу ташвиқи он тавассути телевизион, дар боло бурдани имиҷи кишвар мусоид менамояд. Ин аст, ки шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон, махсусан, шабакаи сиёсии кишвар дар ҳама давру замон дар инъикоси ин гуна чорабиниҳо таъхир намекунад. Аз ҷумла, иштирок ва суханронии роҳбари давлат дар мулоқоти сарони кишварҳои узви Созмони Амнияту ҳамкории Аврупо (4.12.1994) [247], Машварати сарони кишварҳои Осиёи Миёна дар мавзуи наҷоти Арал (3.03.1995) [248], Мулоқоти сарони давлату ҳукуматҳои мамолики ҷаҳон дар масъалаи рушди иҷтимоъ (12.03.1995) [248], Ҷаласаи шурои марзбонони Россия (31.03.1998) [237], Маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 1100-солагии давлати Сомониён ва 8-солагии Истиқлолияти давлатӣ (8.09.1999) [251], Форуми байналхалқии Душанбе оид ба Соли байналмилалии Оби тоза» (1.09.2003) [242], Конференсияи байналмилалии

инвеститсионии Бонки исломии рушд (25.09.2003) [236], Конференсияи байналмилалӣ оид ба ҳамкорӣ дар ҳавзаи дарёҳои сарҳадгузар (1.06.2005) [241] ва ғайра дар қолаби жанри ҳисобот таҳия гардидаанд. Аксари онҳо ҳисоботи мавзуӣ мебошанд, чунки дар онҳо «мухбир, асосан, ба як масъалаи муҳимму актуалӣ эътибор медиҳад» [96, с. 105].

Репортаж аз ҷолибтарин жанр дар гурӯҳи жанрҳои хабарӣ буда, чунин ба назар мерасад, ки гӯё маҳз хосси телевизион бошад. Муҳаққиқони соҳа низ бар ин назаранд: «репортаж аз ҳама жанри маъмултарин, таъсирбахштарин ва паҳншудатарини журналистикаи телевизионӣ аст» [148, с. 58]. Махсусияти асосиаш дар он мебошад, ки журналист аз ҷойи воқеа бардошт ва эҳсоси худро ба бинанда баён мекунад ва ин ба аудитория бетаъсир намемонад, эҳсоси бинанда ҳам бо бардошти журналист пайванд шуда, худро дар ҷойи воқеа тасаввур мекунад. Он навгониест, ки мисли дигар қолабҳои жанрӣ, аз қабили хабару ҳисобот якрангу маҳдуд нест, балки як навъ табиию рангин ва ҷолиб мебошад. Дар воқеаҳои имиҷсоз истифода намудан аз ин имконот ба манфиати кор аст. Дар шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон аз имконоти ин жанр фаровон кор мегиранд. Чанд репортажро, ки ба мавзуи пажуҳиш иртибот доранд, аз шабакаҳои «Ҷаҳоннамо» ва «Варзиш» баррасӣ менамоем. Таҳқиқ нишон дод, ки ТВ «Варзиш» дар таҳияи навъҳои гуногуни репортаж пешгомтар аст. Навъҳои гуногуни репортаж – сабтшуда, мустақим, ҷӯр, овоздорро дар ин шабака дидан мумкин аст, ки ҳар кадом дар мавриди мувофиқ таҳия гардидаанд. Таҳияи репортажи хуб аз иштироки варзишгарони тоҷик дар мусобиқаҳои гуногун дар муаррифии Тоҷикистон таъсири амиқ мегузорад. Кормандони ин шабака хуб дарк кардаанд, ки «бояд воқеа ба таври шавқовар тасвир карда шавад» [166, с. 139].

Ҳузури Раиси Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар бозии даври чорякниҳоии Ҷоми Осиё – 2023 байни дастаҳои мунтахаби Тоҷикистон ва Урдун ба шаҳри Давҳаи Қатар ба тариқи табиӣ дар қолаби

жанри репортаж бисёр таъсирбахш буда, таваҷҷуҳи роҳбарияти олии кишварро ба варзиш баён менамояд. Репортажи мазкур бидуни ҳузури журналист ва садои пасинаворӣ сурат гирифта, пурра тариқи навор ва садоҳои табиӣ таҳия шудааст. Гарчанде муҳаққиқон стенд-ап, сухани паси навор ва мусоҳибаро дар репортаж ҷузъи асосӣ [108, с. 137] медонанд, аммо репортажҳои бидуни иштироки журналист низ дар ТВ «Варзиш» вомехӯранд. Ба таъкиди муҳаққиқон А. Саъдуллоев ва М. Шоев репортажҳое, ки дар он «сару садоҳои табиӣ-эффектҳои овозӣ ҳам ба гӯш мерасад» [148, с. 59], репортажи ҷӯр ном доранд. Дар онҳо талаботи асосии жанри репортаж – ҳузури бевоситаи репортёр, инъикоси фазо, эҳсоси иштирокдорон баръало мушоҳида мешавад. Садои табиии наворҳо, бандубасти сужаҳо, суханони қаҳрамонони репортаж маводди мукаммалеро ташкил медиҳанд, ки ба шарҳ ва суханони пасинаворӣи журналист ва ҳузури ӯ ҳеҷ зарурате намемонад.

Ҷузъиёти ин репортаж аз наворҳои ҳозиршавии Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ назди футболбозони тоҷик, суханронӣ ва дастфишории ӯ бо ҳозирон, ба оғӯш кашидани дарвозабони даста Рустам Ятимов, ки дар бозӣ маҳорати хосса нишон дода буд, суханони самимӣ ва такконбахш бо аҳли тим, бо забони англисӣ суҳбат намудан бо мураббии даста Петр Сегрт, тақдими туҳфа – либоси рамзии гурӯҳ ба муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз ҷониби сардори даста таркиб ёфта, эҳсосоти фазоро пурра инъикос менамояд.

Репортажи дигар, бо суханони кӯтоҳи пасинаворӣи журналист Фаридун Сафарзода оғоз шуда, сипас, бо садои табиӣ идома меёбад. Ин репортаж аз фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе таҳия гардида, инъикосгари пешвозгирии ду тан ғолиби мусобиқаи Гран-слам Тошканд-2023 Эмомалӣ Нуралӣ ва Сомон Маҳмадбеков мебошад. Дар навори умумӣ навори суроғавӣ – даромадгоҳи фурудгоҳ нишон дода мешавад, ки одамони зиёд дар даст Парчами миллии Тоҷикистон ҷамъ омадаанд. Ҳанӯз субҳ надамидааст. Журналист ҳолату вазъияти фазоро шарҳ медиҳад: «Фурудгоҳи байнамилалии

шаҳри Душанбе. Дили шаб боз моломоли мухлисон буд. Ҳама ба пешвози таърихсозони миллат Эмомалии Нуралӣ ва Сомон Маҳмадбеков, ки дар Гран-слами Тошканд соҳиби нишони тилло ва биринҷӣ шуданд, омадаанд...» Пасон, мусоҳибон Нуралӣ Бобокалонов падари Эмомалии Нуралӣ эҳсосоти худро баён намуда, Эргаш Маҳмадбеков муовини якуми раиси Федератсияи ҷудо аз раванди мусобиқа натиҷагирӣ менамояд. Баъдан, фуруд омадани варзишгарони ғолиб аз тайёра, пешвозгирии онҳо бо расми тоҷикона, тақдими гулу гулчанбар аз ҷониби масъулини соҳа бо садои табиӣ дар эфир пахш мешавад. Суханронии парчамбардорон ва миннатдории онҳо ба Роҳбарияти давлат ва роҳбарияти федератсияи ҷудои Тоҷикистон репортажро ҷолибтар гардонидааст. Репортаж бо пешниҳоди чанд навори тасвиргари шаҳомати пешвозгирӣ ва шодии ҳозирин ҷамъбаст мегардад.

Репортаж миёни жанрҳои хабарӣ бо имконоти рангорангӣ ва таъсиргузории худ дар раванди имиҷсозӣ бештар мусоидат карда метавонад. Аз ин лиҳоз, дар таҳия ва пахши воқеаҳои фараҳбахши имиҷсоз бештар истифода кардан аз имкониятҳои ин жанр ба манфиати шабакаҳои телевизионӣ ва муассиси онҳо хоҳад шуд. Ин аст, ки ҳама шабакаҳои телевизионӣ ҳангоми пахши рафти баргузории чорабинии сатҳи баланд, аслан аз жанри репортаж истифода мекунанд.

Барои далел чанд репортажи зерин аз ТВ «Ҷаҳоннамо», ки пайгири мусобиқаи байналмилалии Dushanbe Grand Slam – 2024 мебошанд, таҳлил мекунем. Журналистон Тахмина Назрихуҷаева, Шаҳобиддини Ятимов ва Бахтовар Сатторзода раванди мусобиқаи мазкурро на танҳо инъикос намуданд, балки шаҳомати онро нишон додаву қувваозмоӣ ва махсусан, ғолибияти паҳлавонони тоҷикро ба таври хосса тасвир кардаанд. Оғози кушодашавии мусобиқаро Ш. Ятимов шарҳ дода, эҳсоси худ ва ҳозирини толорро иброз менамояд. Ӯ дар навор рӯбарӯйи наворбардор ба бинанда мурочиат намуда, аз иштироки меҳмони фахрӣ – Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ва суханронии директори

генералии Федератсияи ҷудои байналмилалӣ Влад Маринеско ва раиси Федератсияи ҷудои Тоҷикистон Исмоили Маҳмадзоир иттилоъ дод ва, сипас, порчае аз суханрониҳои онҳо, кафкӯбӣ ва изҳори хурсандии мухлисон бо садои табиӣ (интершум) пешниҳод гардид. Жураналист боз дар навор, ки пасманзараш ҳамоно майдони мусобиқа – ҷойи воқеа аст, пайдо шуда, шарҳашро идома дод: «Суханронии Влад Маринеско дар дили бинандаи тоҷик нақш хоҳад баст. Чаро ки ӯ ифтитоҳи мусобиқаи мазкурро маҳз бо забони тоҷикӣ оғоз бахшид». Барои исботи гуфтаҳои журналист дар навор суханронии В. Маринеско, ки бо забони тоҷикию аксенти англисӣ сухан меронд: «Гран-слами Душанберо кушода гуфта эълон мекунам» шунавонида шуд. Баъди қарсакзаниву намои эҳсоси бинандагони мусобиқа ва порчае аз оҳанги Суруди миллии Тоҷикистон, хониши суруд аз ҷониби мухлисони Тоҷикистон нишон дода мешавад. Дар идома журналист Ш. Ятимов номи ғолибони рӯзи аввали мусобиқаро хонда, дастоварди варзишгарони тоҷикро шарҳ дод. Ҳангоми хондани номи ғолибон журналист дар тарафи рост ва расми ғолибон дар паҳлуи чапи экран намоиш дода шуд, ки беихтиёр, таваҷҷуҳро ҷалб мекард.

Журналист лаҳзаи суханронии директори генералии Федератсияи ҷудои байналмилалӣ Влад Маринескоро хуб истифода намудааст, ки баёнгари эътирофи забону миллати тоҷикон аз ҷониби роҳбари як федератсияи бонуфуз мебошад.

Рӯзи дигар журналист Т. Назрихӯҷаева аз раванди мусобиқа репортажи навбатиро пешниҳод намуд. Журналист дар навор. Дар пасманзари ӯ гурӯҳи журналистону наворбардорон пайи кор. Маълум аст, ки ҳама барои инъикоси ин чорабинӣ омадаанд. Тахмина аз нахустин медали тиллои варзишгарони тоҷик дар мусобиқаи байналмилалии Grand Slam Dushanbe – 2024 иттилоъ дода, сипас, мусоҳибаи варзишгар бо устодаш пешниҳод мегардад. Дуруст аст, ки мусоҳиба чун воситаи ҷамъоварии маълумот дар ҳама жанрҳо васеъ истифода мегардад ва «барои равшан кардани кадом як хислати воқеаи асл лозим аст» [166, с. 39]. Дар ин репортаж низ мусоҳиба чун ҷузъи пуркунандаи жанрӣ

хидмат кардааст. Журналист дар идома аз имтиёз ва дастоварди варзишгарон, мавқеи ин мусобиқа миёни дигар мусобиқаҳо ва иштироки бонувону мардони варзишгар дар мусобиқа аз рӯйи вазнҳои муайян маълумот медиҳад. Ин гуна репортажҳо, аз мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ, дар муаррифии варзишгарон ва муваффақияти Тоҷикистон дар самти варзиш, тавағҷуҳу дастгирии Ҳукумати кишвар аз тарзи ҳаёти солим дарак медиҳанд. Чунин репортажҳо ҳар қадар бештар инъикос гарданд, ҳамон қадар ба манфиати нуфузу эътибори кишваранд.

Дар Телевизиони «Тоҷикистон» низ репортажҳое, ки дар заминаи воқеаҳои бузурги имиҷсоз таҳия гардидаанд, кам нест. Аксари чунин репортажҳо аз лаҳзаҳои ҷолиби корзори сохтмони НБО-и «Роғун» аз ҷониби рӯзноманигори Маркази матбуотии ин сохтмон Мираҳмади Амиршоҳӣ таҳия гардидаанд.

Жанри дигари хабарие, ки дар шиносоии шахсони саршиноси кишвар ва тавассути суҳбатҳои коршиносонаи онҳо муаррифӣ намудани захираҳои табиию маънавии кишвар мувофиқат мекунад, мусоҳиба аст. Омӯзиш ва таҳлилҳо нишон дод, ки дар баррасӣ ва намои дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол аз қолаби ин жанри дар назари аввал сода, аммо дар асл мураккаб, ба таври васеъ истифода шудааст. Аз ҷумла, дар шабакаҳои телевизиони Тоҷикистон аз ин жанр васеъ истифода менамоянд, зеро он, аз як тараф, заҳмати камтарро аз рӯзноманигор талаб кунад, аз ҷониби дигар, имкони баёни «сухан аз забони луқмон»-ро дорад. Баъзан мусоҳибагирандагон вазифаашонро танҳо дар тартиби саволҳо ва пешниҳоди онҳо дониста, дар фаъол ва ҳавасмандгардонии мусоҳибашон намекӯшанд. Бо иллати чунин пиндошт, аксар маврид мусоҳибаҳо қолабӣ гардида, таъсирашон ба аудитория камтар мешавад. Дар назар бояд дошт, ки чизи аз ҳама муҳим дар мусоҳиба донистани мавзуъ ва хислати мусоҳиб аст, ки ин вақти муайянро талаб мекунад. Бо ин мазмун, «мусоҳибагиранда бояд омодагӣ бигирад, адабиётро мутолиа кунад, аз маводди интернет огоҳӣ дошта бошад. Ҳаёти шахси мусоҳибро хуб донад» [148, с. 50].

Барои он ки бинанда журналистро ҷузъи мавзуъ пиндорад ва миёни журналисту мусоҳиб як синтез ба вуҷуд биояд, аз паҳлуҳои гуногуни мавзуъ бархӯрдор будани мусоҳибаоро зарур аст. Аз чеҳра, имову ишораи ӯ бояд дарк гардад, ки ҷавоби мусоҳиб барояш иттилоъ, навгонӣ, мужда ё шарҳи васеъ аст, эҳсоси худро ба бинанда расонад. Чизи муҳимми дигар ин таҳияи саволҳои лозимаву барои бинанда зарурӣ аст. Бо вуҷуди он ки жанри мусоҳиба ба саволу ҷавоб маҳдуд намешавад, аммо ҷавҳари он маҳз аз ҳамин унсурҳо вобаста мебошад. Раванди мусоҳиба маҳз тавассути саволҳои журналист маҷро гирифта, аз ҷавобҳои мусоҳиб бармеояд.

Ин ҷо, ба далели маълумот мусоҳибаи журналист Асадулло Раҳмонро бо котиби матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зафар Саидов, ки соли 2001 дар мавзуи гардиши ғайриқонунии маводди мухаддир таҳия гардидааст, баррасӣ менамоем. Саволҳои журналист мушаххасан, дар бораи мавқеи Тоҷикистон дар ин мубориза҇ҳо буда, мусоҳибро водор мекунад, то нақши Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин раванд бозу равшан шарҳу тавзеҳ диҳад. Мухбир мусоҳибашро ба таври кӯтоҳ муаррифӣ намуда, саволи нахустинро ироа медорад: «Зафар Шералиевич, чаро солҳои охир се ҷаласаи Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳз, ба мавзуи маводди мухаддир бахшида шуд?»

Мусоҳиб аввал, сабабҳои асосии ташкили ҷаласаҳои дар назарро шарҳ дода, нақши Тоҷикистон ва чораҳои амалии Ҳукуматро барои муқовимат бо маводди мухаддир иброз мекунад ва, аз ҷумла, мегӯяд: «Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин шуда дар миқёси ИДМ бо мадади СММ мақомоти махсуси оид ба мубориза алайҳи гардиши ғайриқонунии маводди мухаддир таъсис дод. Ман Агентии назорати маводди мухаддири назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар назар дорам...». Дар идома доир ба мусодираи маводди мухаддир, аз ҷониби мақомоти дахлдори кишвар, маълумоти оморӣ пешниҳод карда мешавад.

Сипас, саволи дуюми журналист чунин пешниҳод мешавад: «Зафар Шералиевич, хусусияти фарқкунандаи ҷаласаи охири Шурои амнияти Тоҷикистон аз ҷаласаҳои қаблӣ дар чӣ буд?».

Ба ин савол низ мусоҳиб ҷавоби мукаммал дода, мушаххасан, тафовути ҷаласаро изҳор мекунад, дарк мешавад, ки ӯ паҳлуҳои масъаларо хуб медонад. Яке аз муваффақияти асосии журналист дар ин мусоҳиба интихоби дурусти мусоҳиб аст. Усули шарҳу тавзеҳ ва собитсозиҳои мусоҳиб барномаро диданӣ ва шуниданӣ гардонидааст.

Журналист низ бо имои дасту чеҳра ва усули гузоштани задаҳои таъкидӣ дар саволҳо ҳадафро изҳор мекунад, яъне ба мусоҳиб мефаҳмонад, ки маҳз кадом паҳлуи савол муҳимтар аст. Масалан, дар саволи якуми журналист «Зафар Шералиевич, чаро солҳои охир се ҷаласаи Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз ба мавзуи маводди мухаддир бахшида шуд?» дар ибораи «се ҷаласа» ва «маҳз ба мавзуи...» зада гузошта шуд, ин ҳангом журналист бо ишораи дастон таъкиди хоссаро изҳор менамояд. Гарчанде мусоҳиба ҳамагӣ аз ду савол иборат аст, аммо моҳият ва ҳадаф ба бинанда расонида мешавад, зеро он мавзуи мушаххасро фаро гирифтааст ва муҳиммияти мусоҳиба низ дар ҳамин ҷиҳат мебошад: «...барои он ки суҳбат ба гапи хушку холӣ табдил наёбад, бояд мавзуи суҳбати худро дошта бошад, то дар навбати худ мавзуъро муайян карда, дар рафти он саволу ҷавоби мушаххас ба миён биёяд» [62, с. 307].

Мусоҳибаи мазкур дорои мавзуъ ва ҳадафи муайян буда, Тоҷикистонро чун муборизи асосӣ бо маводди мухаддир миёни давлатҳои ИДМ муаррифӣ кардан мехоҳад, ки ҳадаф нишонрас аст. Ин дар ҳолест, ки дар он солҳо баъзе воситаҳои ахбори омма дар бораи Тоҷикистон, чун кишвари транзити маводди нашъаовар менавиштанд. Ташкили чунин барномаҳо бо далелҳои қатъии мушаххаскунандаи мавқеи Тоҷикистон дар раванди муборизаҳо мусоидат мекунад. Чунонки, маълум аст, дар телевизион «Тамоми кӯшишҳо ба хотири як

чиз – таваҷҷуҳи бинандаро ҷалб кардан ва ба мафкураи онҳо таъсир расонидан аст» [171, с. 166]. Ин ҳадаф дар мусоҳибаи мавриди таҳлил равшан аст.

Барои он ки мусоҳиб мавзуи суҳбатро хуб баррасӣ кунад, бо таҳлилу баррасиҳои худ дар ташаккули имиҷи кишвар саҳм гирад, журналистро лозим аст, ки дар баробари донистани техника ва усули мусоҳибаоройӣ дар бораи мавзуъ тасаввуроти хуб дошта бошад, мусоҳибро ба суҳбат водор созад. Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки на дар ҳама мусоҳибаҳо ин ҷиҳат риоя мешавад. Барои тақвияти ин фикр мусоҳибаеро аз ТВ «Ҷаҳоннамо» таҳлил мекунем. Барномаи «Суҳбати рӯз» силсилабарнома буда, ҳафтае як мартиба асл ва ду-се маротибаи дигар такроран пахш мегардад. Дар он одатан шахсиятҳои шинохта даъват шуда, дар атрофи мавзуи муҳимми мушаххас гуфтугӯ мекунанд. Ба ин тариқ, дар яке аз бахшҳои ин барнома ҳамоҳангсози доимии СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум Сезин Синанолу даъват шудааст. Журналист Саида Раҳимӣ баъди салом ва муаррифии меҳмон дар бораи Созмони Миллали Муттаҳид маълумоти кӯтоҳ пешниҳод намуда, сипас мусоҳибро «хуш омадед» гуфт ва суханашро дар бораи ҳамасола 24-уми октябр дар тамоми ҷаҳон таҷлил намудани рӯзи СММ идома дод. Сипас, саволи нахустини худро пешниҳод кард: «Хонум Сезин Синанолу, мегуфтед, тули 75 соли фаъолият дар ҷаҳони муосир СММ то кадом андоза муваффақ гаштааст?».

Мусоҳиб ҳадафи СММ-ро фаҳмонида, дастовардҳои ин созмони бонуфузро бозгӯ намуд. Пасон, журналист саволи дуюмро пешниҳод кард ва афзуд: «Самтҳои афзалиятноки СММ дар Тоҷикистон кадомҳоянд ва нақшаҳои минбаъдаи он дар кадом роҳҳо равона карда шудааст?». Мусоҳиб дар бораи ҳамкорӣ ва кумаки СММ ба Тоҷикистон маълумоти таърихӣ пешниҳод намуда, аз ташаббусҳои Тоҷикистон дар масоили глобалии об хотирнишон шуда, аз ҷумла, чунин қайд кард: «Меҳоҳам ибтикори муҳиммеро қайд ва эътироф намоям, ки Тоҷикистон дар сартосари ҷаҳон дар пешбурди амалҳои қавӣ барои ҳифзи манбаъҳои об мубориза бо тағйирёбии иқлим анҷом медиҳад. Тоҷикистон таҳти роҳбарии Ҷаноби олӣ Президенти ҷумҳурӣ бисёр қарорҳо ва

амалҳои СММ-ро дар ин мавзуъ сарварӣ кардааст ва барои ин эҳтиром карда мешавад».

Изҳори ин гуна андешаҳо аз ҷониби намояндаи созмони бонуфузи байналмилалӣ дар баланд бардоштани мавқеи Тоҷикистон ва роҳбари давлат беаҳаммият нест. Зимнан, дар ин мусоҳиба меҳмон бо забони англисӣ ҳарф зад ва тарҷумаи он пешниҳод шуд. Ин имкон фароҳам меоварад, то бинандаи хориҷӣ ҳам таваҷҷуҳ кунад, аммо саволҳои журналист танҳо бо забони тоҷикӣ пешниҳод шуданд. Ҳарчанд дар мусоҳиба андешаҳои мусоҳиб муҳим буд, ки ин талаботи жанрист, аммо тарҷумаи суханони журнаилист бо забони англисӣ ва навиштани онҳо тариқи сатр ба бинандаи хориҷӣ кумак менамуд, то ба моҳияти суҳбат сарфаҳм равад. Дар хотима Саида Раҳимӣ ба меҳмон ташаккур гуфта, рӯ ҷониби наворбардор барномаро ҷамъбаст кард.

Ин мусоҳиба бо се саволи журналист интиҳо ёфт. Дар давоми 10 дақиқаи мусоҳиба намояндаи СММ дар бораи ташаббусҳои Тоҷикистон танҳо ду ҷумла гуфт. Журналист метавонист мусоҳибро водор кунад, то баробари кумакҳои СММ ба Тоҷикистон, ҳамчунин, аз ташаббусҳои кишвари мо бештар сухан гӯяд, аз ҷасорату матонат ва баромадҳои пайвастаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар минбари СММ ва даъвати доимиаш барои сулҳи минтақа ва ҷаҳон ҳарф занад, аммо «барои он ки саволҳои журналист барҷой, мақсаднок ва ҷолиб бароянд, ӯро тайёрии пешакӣ мебояд» [96, с. 108]. Аз ҷониби дигар, вақти он расидааст, ки журналистони соҳавӣ тарбия ёфта, доимо вобаста ба мавзуи мушаххас мавод таҳия кунанд. Тарбияи ин гуна мутахассисон, дар ҳама вазъ, дар ҳолати омодабош қарор доштани журналистонро бозгӯ мекунад. Дар натиҷа, мусоҳибаҳои хубу тахассусӣ таҳия гардида, муваффақияту дастовардҳои Тоҷикистонро аз чанд ҷониб, аз забони мусоҳибон, баён менамоянд, ки ин метавонад эътибори кишварро боло барад.

Бояд таъкид намуд, ки аксари барномаҳое, ки дар шабакаҳои телевизионии хориҷӣ доир ба Тоҷикистон таҳия мегарданд, дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон бетаъсир нестанд. Мусоҳибаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо

хабарнигори шабакаи телевизионии «Ал-Ҷазира»-и Давлати Қатар, ки 9-уми сентябри соли 2019 дар маҳалли сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва бо хабарнигори телевизиони СММ дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар доираи Конференсияи оби Созмони Милали Муттаҳид – 2023 баргузор карда шудааст, намунаи барҷастаи мусоҳибаҳоеанд, ки дар муаррифии Тоҷикистон ва шаклдиҳии имиҷи он таъсири мусбат гузошта метавонад.

Дар баробари мусоҳибаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хабарнигорони хориҷӣ, ҳамчунин, ҳамкорӣ ва баромади сафирону роҳбарияти консулгарии Тоҷикстон дар давлатҳои хориҷа тавассути ВАО-и хориҷӣ ба манфиат аст. Ин аст, ки намояндагони дипломатии Тоҷикистон дар робита бо санаҳои таърихӣ ё ҷашнҳои миллӣ тавассути ВАО-и хориҷӣ баромадҳо намуда, дар бораи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо давлатҳои дигар мулоҳиза меронанд, ки ин аз нуфузи Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷа дарак медиҳад. Аксари ин баромадҳо дар жанри мусоҳиба таҳия гардида, аз саволу ҷавоб иборат мебошанд. Аз ҷумла, мусоҳибаи Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Туркия А. Гулов бо мухбири агентии иттилоотии Ҷумҳурии Туркия М.Ш. Йилмаз бахшида ба 30-солагии Истиқлоли Тоҷикистон [427], мусоҳибаи Сафири Тоҷикистон дар Қазоқистон Х. Ибодзода бо мухбири «Казахстанская правда» Ю. Магер дар робита ба муносибати бародарона ва шарикии стратегии ду давлат [386], мусоҳибаи Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия И. Сатторов дар бораи афзалиятҳои роҳбарикунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СҲШ [312], мусоҳибаи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Белорус Б. Сафарзода бо мухбири агентии иттилоотии «Белта»-и Ҷумҳурии Белорус А. Гришкевич дар бораи уфуқҳои дӯстӣ ва афзалиятҳои раисии Тоҷикистон дар ИДМ [408], мусоҳибаи сафири Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Халқии Хитой П. Давлатзода бо мухбири «China Energy News» дар робита ба кушодашавии агрегати аввали НБО «Роғун» [311], мусоҳибаи сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Риёз А. Каримӣ дар шабакаи «Ал-Ихбория»-и телевизиони давлатии Подшоҳии Арабистони Саудӣ

бахшида ба 30-солагии Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон [336], мусоҳибаи Сафири Тоҷикистон дар Миср Х. Назирӣ бо сармуҳаррири маҷаллаи «Diplomacy» Абдулҳай Мухтор дар бораи робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳо [338] ва ғайра, ки дар боло бурдани нуфузи Тоҷикистон мусоидат намуда метавонанд. Тавассути ин мусоҳибаҳо дар ВАО-и хориҷӣ номи Тоҷикистон падидор мегардад ва мусоҳиб бо истифода аз имконот дар бораи бартариҳои кишвари худ маълумот медиҳад.

Аз таҳлили намоишу барномаҳои чанд шабакаи телевизионии давлатӣ – ТВ «Тоҷикистон», «Ҷаҳоннамо» ва «Варзиш» маълум гардид, ки шабакаҳои телевизионӣ дар муаррифии Тоҷикистон ва шарҳу тавзеҳи воқеаҳои муҳимму хосси кишвар аз қолабҳои жанрҳои хабарӣ – хабар, ҳисобот, мусоҳиба ва репортаж кор гирифтаанд.

## 5.2. Шеваи баррасии мавзуъ ва масъалаҳои имиҷсоз дар жанрҳои таҳлилӣ ва публитсистӣ-бадеӣ

Журналист аз ҳар офаридааш ҳадафи муайян дорад. Махсусан, вақте ҳадаф ташаккул додани имиҷ аст, воқеаву рӯйдод, факту далел ва таҳлилу баррасӣ ҳадафмандона интихоб шудаву ба амал меояд. Ҳарчанд жанрҳои иттилоотӣ дар воқеияти имиҷсозӣ нақши созгор доранд, аммо доман ва имконоти жанрҳои таҳлилӣ ва публитсистию бадеӣ дар самти ташаккули имиҷ, аз ҷумла, имиҷи давлат, фарохтар аст. Ҳангоми таҳияи мавод дар қолаби чунин жанрҳо «...маърифати адеквативии воқеияти иҷтимоӣ тақозо менамояд, ки эҷодкор дар ҷараёни таҳлил аз ғановати маънавиёти субъективӣ фаровон истифода барад. Дар ин ҳолат воқеияти мушаххас, факту арқоми муайян дар асар то андозае рангу таровати дигар пайдо намуда, ҷиҳати ҷолибӣ ва таъсирнокии он қавӣ мегардад» [96, с. 177]. Ҷолибияту таъсиргузорӣ бошад, василаи асосии расидан ба ҳадаф аст. Муҳаққиқ А. Азимов низ бар он назар аст, ки «Нақши таҳлилгари телевизион дар таъсирбахшии аудитория хеле бузург буд ва ҳоло ҳам ҳаст...

журналисти таҳлилгар, рафти воқеа, муҳиммияти мавзуъро дарк менамояд, суханро ҳамеша санҷида, баркашида, ба бинандагон гӯяд» [17, с. 40].

Гурӯҳи жанрҳои таҳлилӣ – мухбирнома, табсира, суҳбат, тақриз, хулосаи матбуот, мақола, нигориш, мактуб ҳар кадом дорои вижагии хос буда, онҳоро ҳадафу вазифаҳои дарпешгузошта ба ҳам муттаҳид мекунад. Ба андешаи муҳаққиқи рус В. В. Ворошилов «Жанрҳои таҳлилӣ аз рӯйи мавзуъ, тасвири предмет, мақсади мушаххас, вазифаҳои маърифатию тарбиявӣ, фарохии инъикоси воқеият, миқёси хулосаву умумӣ, хусусияти воситаҳои адабию услубии баён ва воситаҳои тасвирӣ фарқ мекунанд» [33, с. 224].

Таҳияи ин қолаби жанрӣ аз муаллиф масъулияти хоссаро талаб мекунад, зеро «дар ин гурӯҳи жанрҳо сатҳи донишу ҷаҳонбинии муаллифон заминаи асосӣ ба ҳисоб меравад» [57, с. 38]. Таҳлилгарӣ ва дар натиҷаи таҳқиқу баррасӣ то ҳадде пешгӯйӣ карда тавонистани дурнамои воқеа хоси муаллифи жанрҳои таҳлилӣ аст. Дар ин гурӯҳи жанрҳо далелҳои саршор истифода гардидаву пешорӯйи бинанда вогузор мешавад, то ӯ мустақилона хулосабарорӣ карда тавонад. Чунончи профессор И. Усмонов дар ишора ба жанрҳои таҳлилӣ таъкид мекунад: «фактҳои зиёде истифода мешаванд, онҳо айнан ё мазмунан ба кор мераванд, таҳлил мешаванд, аммо хулоса ва натиҷаҳо аз онҳо бароварда намешаванд, балки онҳо ҷузъе барои исботи фикри пешниҳодшуда маҳсуб мешаванд» [166, с. 64]. Бо вуҷуди ин, журналист паҳлуеро таҳлил менамояд, ки ба ҳадаф наздик аст ва агар муаллиф таҳлилгари хуб бошад, ба дарку фаҳм ва хулосабарории аудитория таъсири амиқ гузошта метавонад. Ин аст, ки дар воситаҳои ахбори омма аз ин гурӯҳи жанрҳо васеъ истифода мешавад.

Яке аз жанрҳое, ки дар ТВ «Тоҷикистон» дар вазъияти ҳассос пайваста истифода мегардад, табсира аст, зеро инъикоси чунин воқеаҳо дар ВАО, бо шарҳу тавзеҳ сурат мегирад. Ин амал дар қолаби жанри табсира, ки ҳадафи асосиаш «шарҳ додани моҳияти воқеа ва хислати он аст» [96, с. 119], нисбатан имконпазир мебошад. Махсусияти табсира ё ба тарзи дигар, шарҳия дар он аст, ки бештар мутахассис ва ё донандаи хуби соҳа мавзуъро баррасӣ намуда,

нозукиҳои масъаларо ба бинанда мефаҳмонад. Дар ин баробар, «Тафсиркунанда маъмулан донишмандтарин шахс дар самти муайян буда, шахси бонуфуз ҳисобида мешавад» [179, с. 249].

Таҳлили маводди хазинаи Телевизиони Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар солҳои 1995-2000-ум дар телевизион шарҳи сиёсӣ, дар баробари маъмул будан вобаста ба воқеа ва рӯйдоди баамаломада, саривақтӣ таҳия ва пешниҳод мегардидаанд. Чунки «вай як навъи пахши маводди таъҷилӣ (оперативӣ)-и таҳлилӣ аст, ки муҳтавои воқеаи актуалии ҷамъиятӣ, сиёсӣ, ҳуҷҷат, санад ва ғайраро шарҳу эзоҳ медиҳад» [148, с. 68]. Шарҳҳо он замон бештар аз ҷониби котиби матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зафар Сайидов (Зафар Сайидзода) сурат гирифт. Шарҳҳо дар шакли монолог дар назди дастгоҳи наворбардорӣ аз ҷониби сухангӯ садо медод. Шарҳи зерин намунае аз шарҳҳои З. Саидов аст, ки моҳи майи соли 1996 таҳия шуда, дар он таъсиси Агентии назорати маводди нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Аз ҷумла, гуфта шудааст: «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов борҳо тазаккур дода буд, ки агар якҷоя бо давлатҳои манфиатдор ва созмонҳои байналмилалӣ тадбирҳои қатъии муштарак андешида нашаванд, хавфи пайвастани мафияи байналхалқии нашъа бо гурӯҳҳои муташаккили ҷинояткоре, ки имрӯз дар Тоҷикистон ва кишварҳои дигари минтақа ташаккул меёбанд, ба миён омада метавонад» [307].

Дар идома дар бораи ташаббуси бевоситаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди ҳамкориҳо ба хотири пешгирии роҳи нашъамандию нашъаҷалобӣ ва самари он ҳамкориҳо, ки дар натиҷа амалҳои зиёде анҷом ёфтааст, шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Ҳамчунин, дар бораи баромади Президенти кишвар дар Иҷлосияи 8-уми комиссияи СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва адолати судӣ, ба имзо расидани як зумра санадҳо, заминаҳои таъсиси Агентии мубориза алайҳи муомилаи ғайриқонунии маводди нашъадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазифаҳои асосии агентии мазкур маълумот пешниҳод шудааст. Ин шарҳи сиёсӣ бо чунин хулоса анҷом пазируфтааст: «Ҳадафи фармони номбурдаи

сардори давлат пурзӯр ва пурсамар гардонидани мубориза алайҳи гардиши ғайриқонунии моддаҳои мухталифи нашъадор... мебошад» [307].

Таҳлилҳои амиқу баёнкунандаи моҳияти масъала, ки дар онҳо таъсири раванд ба пешрафти ҷомеа ва дар ин замина, мавқеи Тоҷикистон миёни дигар давлатҳои пешрафт бозгӯ гардида, сари вақт ба аудитория расонида мешаванд, тасаввуроти бинандаро дар бораи кишвар мусбат шакл медиҳад. Ба ин мазмун, шарҳҳои котиби матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он вазъият бетаъсир набуд.

Имрӯзҳо низ дар мавридҳои мувофиқ ва зарурӣ аз ҷониби шахсиятҳои саршиноси кишвар, ки вазъи баамаломадаро хуб дарк намуда, таҳлилҳои амиқу дурнамоёна карда метавонанд, шарҳҳои сиёсӣ пешниҳод мегардад. Тавре ишора шуд, «дар табсира таҳлил ҷузъи ниҳоят муҳим аст, вай барои исботи фикре зарур аст. Шореҳ имкони дар заминаи таҳлил ба воқеаҳо баҳо додан ва пешомади онҳоро гуфтан низ дорад» [166, с. 83]. Шарҳҳои Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон Саймумин Ятимов вобаста ба вазъияти сарҳади Тоҷикистону Қирғизистон намунаи онҳост, ки дар назди рӯзноманигорони ҳарду ҷониб бо забони русӣ изҳор гардидааст. Шакли кӯтоҳи вазъияти сарҳади Тоҷикистону Қирғизистон то ҳол дар саҳифаи YouTube-ии Телевизиони «Тоҷикистон» маҳфуз аст. Аз ҷумла, дар санаи 22-юми январи соли 2022 С. Ятимов вазъиятро чунин шарҳ додааст: «Ин муноқишаҳо ҳамеша бо ягон сабаб рух медиҳанд. Сабабҳои асосиро бартараф кардан лозим аст. Аз моҳияти масъала баромад кардан, қарорҳои қатъӣ қабул намудан зарур аст. Вақте ки мо дар бораи моҳият сухан меронем, мо қонунҳоро дар назар дорем. Сухан дар бораи санадҳои ҳуқуқӣ меравад… Ин санадҳои ҳуқуқӣ бояд дар асоси розигии тарафҳо ҳал карда шаванд» [366].

Шарҳҳои С. Ятимов вобаста ба масъалаи зикргардида мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд, зеро онҳо баъди хомӯшии зиёд дар шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон ба миён омадаанд. Дар ҳоле ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ муборизаҳои иттилоотӣ миёни фаъолони ҷамъиятӣ, журналистони

шаҳрвандиву ҳирфаии тоҷику қирғиз идома дошт, шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон хомӯширо пеша мекарданд. Баромадҳои С. Ятимовро дар он шабу рӯз ягона маводди телевизионӣ вобаста ба мавзуи сарҳадӣ номидан мумкин аст, гарчанде бинанда ба шарҳҳои бештаре ниёз дошт.

Истифодаи жанри табсира дар шабакаҳои дигари телевизионии Тоҷикистон камтар аст. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки жанри мазкур аз шореҳ ва журналист масъулияти зиёд талаб мекунад ва барои ба вуҷуд наомадани нофаҳмӣ аз таҳияи он худдорӣ карда мешавад. Бештари шарҳҳои сиёсии муҳим аз ҷониби ТВ «Тоҷикистон» таҳия гардида, дар шабакаҳои телевизиони давлатӣ такрори он пахш мешаванд.

Жанри дигаре, ки дар шаклгирии имиҷи Тоҷикистон бештар имконият дорад, хулосаи матбуотӣ аст, ки мутаассифона, дар шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон аз он кам истифода мебаранд. Дар ТВ «Ҷаҳоннамо» ин жанр маъмултар аст. Барномаи «Матбуоти ҷаҳон»-и ин шабака дар қолаби жанри хулосаи матбуот таҳия мегардад, ки он як навъ хулосаи рӯзномаҳои хориҷӣ мебошад. Дар хулосаҳои матбуотии ин шабакаи телевизионӣ, чунонки муҳаққиқон навиштаанд: «муносибати иттилоотӣ, шарҳу тавзеҳ ва моҷароҳои ҳамдигарӣ зиёдтар аст. Дар онҳо таҳлили амиқ камтар ба назар мерасад» [93, с. 145]. Агар дар телевизиони мазкур таҳлилу баррасии маводҳои ВАО-и хориҷии марбут ба воқеаҳои Тоҷикистон дар қолаби хулосаи ВАО-и мавзуӣ ё хулосаи таҳлили хабарҳо бештар пешниҳод гардад, ба бинанда таассуроти амиқ гузошта мешавад. Агар мавод характери мусбат дошта бошанд, ба нуфузи кишвар мусоидат намуда, дар ҳолати оҳанги манфӣ доштан дар муқоиса бо вазъияти воқеӣ журналист метавонад таассуроти манфиро аз миён барад. Бояд гуфт, ки ин қолаб дар матбуоти даврии Тоҷикистон, хосса нашрияи «Ҷумҳурият» хос аст. Чунончи рубрикаи «Аз дурбини расонаҳои хориҷӣ»-и ин рӯзнома. Масъули ин рубрика Шодмони Қурбон ҳар чи ки дар бораи Тоҷикистон дар расонаҳои хориҷӣ чоп мегардад, ҷамъоварӣ намуда, онҳоро вобаста ба мавқеи редаксия

таҳлилу баррасӣ мекунад. Дар ҳамин қолаб таҳия намудани хулосаҳои ВАО дар шабакаҳои телевизионӣ низ ба манфиати кор аст.

Жанри дигаре, ки имконоти таъсиррасониаш ба афкори аудитория зиёдтар аст ва дар самти имиҷсозӣ шакли хубе ҳисобида мешавад, нигориш аст. Нигориш жанри таҳлилиест, ки объекти таҳқиқаш воқеаҳои муҳимми давру замони муайян ва «мақсадаш муаррифии робитаи сабабу натиҷаи амал, ошкор намудани моҳият ва анъанаҳои инкишоф мебошад» [148, с. 70].

Дар шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон жанри нигориш ба таври маҳдуд бошад ҳам, мушоҳида мегардад. Яке аз барномаҳои сербинандаи ТВ «Тоҷикистон» – «Тоҷикистон ва ҷаҳон» маҳз дар жанри нигориш таҳия мешавад. Дар он воқеаҳои кайҳо рухдода, факту навгонии аллакай паҳншуда аз назари коршиносон ва баранда таҳлилу баррасӣ мегарданд. Барномаи номбурда бештар дар қолаби нигориши мавзуӣ таҳия гардида, дар он воқеаҳои муҳимми ҷаҳон, ки ба Тоҷикистон рабт дорад, аз чанд ҷанба таҳлилу баррасӣ карда мешавад. Дар барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» унсурҳои асосии жанри нигориш, ки муҳаққиқон муайян кардаанд, риоя мешавад, яъне «аввал нигориш ба факт такя мекунад, бар изофа далелҳо вобаста ба мақсади муаллиф силсилабандӣ мешаванд; дуввум, шореҳ далелҳоро дар пайванди узвӣ дида баромада, ҳамкории онҳоро дар пайванди ҳамдигар ошкор месозад; севум, нигориш ҳамеша бо фаррохии таҳлили мавод фарқ карда меистад; чаҳорум, маводди нигориш аксаран, дар чаҳорчӯбаи таъкиди маводди хронологӣ маҳдуд мегардад» [155, с. 159]. Бояд қайд кунем, ки донишу фаҳмиш, хислат ва муносибати журналист ба далел ва таҳлили иттилоъ вижагии жанрро муайян мекунанд. Муҳаққиқон А. Саъдуллоев ва П. Гулмуродзода муаллифи нигоришро чунин тавсиф намудаанд: « ...муаллифи нигориш ба эҳсос камтар кор дорад. Вай муҳаққиқест, ки обектро, рухдодро, одамони ба воқеа алоқаманд ва фаъолияти онҳоро аз диди шахсӣ омӯхта, вале натоиҷи рафторашонро объективона (табиист бо назардошти дурнамояш) ба қалам меорад» [146, с. 24-25].

Барои исботи фикр яке аз бахшҳои барномаи мазкурро, ҳамчун намуна баррасӣ мекунем. Ин бахш аз таҳлили рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвари Ҷопон сарчашма гирифта, дар доираи он таърих ва рушди ҳамкориҳои ду давлат таҳлилу баррасӣ шудааст. Баъди кулоҳи барнома ва саломи журналист бо садои пасинаворӣ сархати хабарҳо бозгӯ мешавад: «Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвари Ҷопон; Санъату ҳунари тоҷик дар кишвари тулуи офтоб муаррифӣ мешавад» [397]. Наворҳо аз раванди рӯзҳои фарҳангӣ ва шаҳрҳои Ҷопон иборат буда, баъди он журналист Фатҳиддини Замон дар навор пайдо мешавад, ки дар дохили студияи телевизионӣ ҳузур дорад. Журналист ба сухан оғоз мекунад: «Маҳз сиёсати дарҳои бози Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон фароҳам намудааст, ки кишвари мо дар самти сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи муосир ба дастовардҳои бузурге ноил гардад ва ҷаҳониён кишвари моро ба сифати давлати соҳибистиқлол ва мутамаддин эътироф намоянд. Таҳлилгарону коршиносон бар он ақидаанд, ки баргузории рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Ҷопон ва рӯзҳои фарҳанги Ҷопон дар Тоҷикистон худ баёнгари рушду таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба аст» [397].

Сипас, наворҳо аз шаҳри Токио, муносибату ҳамкориҳои дуҷониба, бо ҳам вохӯрдани роҳбарияти давлат дар чорабиниҳои гуногун аз хазина нишон дода шуда, журналист бо садои пасинаворӣ аз таърихи рушди муносибатҳо маълумот пешниҳод мекунад. Дар барнома чорабинии фарҳангӣ бахшида ба рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон қисман нишон дода шуда, бо матни пасинаворӣ, ки бештар хусусияти таҳлилӣ дорад, муҳтавои онҳо пурра мегарданд. Аз ҷумла, ҳамкориҳои имрӯза ва дурнамои ҳамкориҳои оянда то ҳадде таҳлилу баррасӣ мешавад.

Бахши дигари барнома муносибати гуногунҷанбаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ӯзбекистонро дар бар гирифта, он бо забони англисӣ пешниҳод гардидааст [397]. Пешниҳод намудани чунин барномаҳо муаррифсоз ва инъикосгари дӯстиву ҳамкории Тоҷикистон бо давлатҳои дигар буда, доираи

бинандагони бурунмарзиро бештар менамоянд ва дар боло бурдани эътибори давлат мусоидат мекунанд. Бахусус, барномаи мазкур, ки дар сомонаи YouTube гузошта шудааст.

Нигориш дар шабакаҳои телевизионии дигар низ ба мушоҳида мерасад. Вале бояд дар назар дошт, ки гулчини хабарҳои ҳафта нигориш нестанд, балки шакли такмилёфта ва таҳлилҳои пурраи иттилоъ метавонад нигориш бошад. Барномаи «Ҳафтаи варзиш»-и телевизони «Варзиш»-ро гузориш номидан мумкин аст. Муаллифи барнома Фаридун Сафарзода воқеаҳои муҳимми варзишии ҳафтаро ҷамъоварӣ ва таҳлил намуда, ба ин васила ба бинанда моҳияти онҳоро мефаҳмонад. Барои далели фикр пахши ин барномаро аз санаи 14-уми ноябри соли 2022 таҳлилу баррасӣ мекунем.

Дар кулоҳи барнома журналист Ф. Сафарзода салому паём гуфта, сархати хабарҳоро пешниҳод мекунад: «Истиқболи Темур Раҳимов, Муллораҷаб Халифаев ва Шавқат Раҳимов дар Душанбе»; «Мунтахабҳои дастаи футзали Тоҷикистон ва Россия аввалин маротиба дар Душанбе ду бозии рафиқона анҷом доданд»; «Ҳосилот»-и ноҳияи Фархор қаҳрамони Тоҷикистон миёни дастаҳои лигаи якум гардид ва пас аз панҷ сол дигарбора ба лигаи олӣ баргашт»; «Пас, аз якуним моҳи рақобатҳо миёни 26 даста ҷоми бошгоҳи «Истиқлол» соҳиби хешро пайдо кард»; «дар ноҳияи Рӯдакӣ мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба мототсиклронӣ бахшида ба 31-солагии таъсисёбии Ташкилоти Мададгори Мудофиа гузаронида шуд» [410].

Баъди пешниҳоди рӯйхати хабарҳо хулосаи аввалини журналист чунин шакл мегирад: «Бинандагони гиромӣ, ҳафтаи сипаришудаи кишварро ҳафтаи таърихӣ барои варзиши меҳан ҳам гӯем, хато намекунем, зеро аз оғоз то ба охири ҳафта мо шоҳиди рӯйдодҳои муҳимми таърихӣ шудем, ки дар идома барои шумо қисса мекунем» [410]. Дар такя ба сархати хабарҳо воқеаҳои варзишии ҳафта ба тафсил яке пайи дигар таҳлил мегарданд.Таҳияи чунин нигоришҳои мавзуӣ дар самтҳои гуногун дар бозгӯйии муваффақиятҳои кишвар мусоидат намуда, симоҳои варзиширо ба бинандагони «худиву бегона»

муаррифӣ месозад. Масалан, аз барнома маълум мегардад, ки дар бозии аввали дӯстонаи футзали Тоҷикистон ва Россия кишвари мо ба ҳисоби 7 бар 4 ва дар бозии дуюм 10 бар 7 ғолиб омад. Аз мураббии тими Россия ва чанд бозингари он тим мусоҳиба гирифта шуд, ки ба маҳорати футболбозони тоҷик баҳои баланд доданд. Бозиҳои мазкур тариқи шабакаҳои «Варзиш»-у «Футбол»-и Тоҷикистон ва «Матч»-и Россия мустақиман пахш гардидааст, ки он имкон медиҳад доираи бинандагон боз ҳам васеътар шавад. Аз тамошои нигориши мавриди таҳлил бардошти аудитория доир ба вазъи варзиши кишвар мусбат шакл гирифта метавонад. Ҳамчунин, маълум мегардад, ки дастгириҳои пайвастаи Ҳукумати кишвар боиси ба майдон омадани варзишгарони сатҳи ҷаҳонӣ гардида истодааст.

Барномаи «Стратегия»-и ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» низ дар ҳамин қолаб таҳия мегардад, ки дар шаклгирии имиҷи сайёҳии Тоҷикистон бетаъсир нест. Яке аз бахшҳои барномаи мазкурро, ки ҳадафаш таҳлили дастовардҳои яксолаи соҳаи сайёҳии Тоҷикистон мебошад, дида мебароем. Чунонки дар оғози барнома журналист Муҳаммадҷони Файзимад мегӯяд: «Мавзуе, ки имрӯз дар барнома таҳлил мегардад, инъикоси имконоти рушди сайёҳии Тоҷикистон тайи як соли охир мебошад» [414]. Дар навор кӯҳҳои баланду барфпӯши Тоҷикистон, мавзеъҳои зебои сайёҳӣ, табиати кишвар нишон дода мешавад. Бо садои пасинаворӣ аз стратегияи рушди соҳаи сайёҳӣ сухан рафта, он шарҳу тавзеҳ меёбад. Суханони журналистро мусоҳибон Абдукарим Қурбонзода – мудири бахши котиботи Кумитаи рушди сайёҳии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Зулфиқор Нурализода – масъули бахши рушди сайёҳии шаҳри Ҳисор, Шерзод Зиёдуллоев –масъули бахши рушди сайёҳии шаҳри Турсунзода, Дилшод Муҳибулло – мудири бахши рушди сайёҳии вилояти Хатлон пурра мекарданд. Ҳар мусоҳиб рушди соҳаро дар минтақаҳои гуногуни кишвар шарҳу тавзеҳ медиҳад.

Аз таҳлилу баррасиҳои журналист вобаста ба мавзуи баррасишаванда ва андешаи меҳмонону сайёҳон хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки дар заминаи

имтиёзҳои пешниҳоднамудаи Ҳукумати Тоҷикистон ва дар доираи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ якҷо бо мақомоту идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, соҳибкорон ва сокинони ҷумҳурӣ ҷиҳати бунёди инфрасохтори сайёҳӣ омода намудани кадрҳои сайёҳии экологию табобатӣ ва кӯҳнавардӣ, зиёд намудани номгӯйи хизматрасониҳои сайёҳӣ, боло бурдани мавқеи байналмилалии Тоҷикистон дар раддабандии ҷаҳонӣ ва ташаккули бренди миллии сайёҳӣ чораҳои амалӣ андешида мешавад. Дарвоқеъ, имрӯз рушди соҳаи сайёҳӣ барои Тоҷикистон яке аз воситаҳои асосии муаррифии давлат ба ҳисоб меравад ва пешниҳоди чунин барномаҳо на танҳо ба муаррифии дастовардҳо, балки зиёд шудани шумораи сайёҳон, ҷалби сармоягузорон мусоидат карда метавонад. Ба ин васила на танҳо соҳаи сайёҳӣ, балки нуфузи Тоҷикистон низ боло меравад.

Ташаккули имиҷи давлат дар барномаҳои телевизионӣ на танҳо дар қолаби жанрҳои таҳлилӣ, балки дар қолаби жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ низ сурат мегирад. Махсусият ва имконоти жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ низ ба табиати имиҷсозӣ созгор аст. Гурӯҳи жанрҳои публитсистию бадеӣ – лавҳа, очерк, сафарнома, фелетон, помфлет, луқма, эпиграмма бо услуби хоссаи худ, ки дорои унсурҳои публитсистӣ ва бадеӣ мебошанд, аз жанрҳои дигар фарқ мекунанд. Ба андешаи муҳаққиқи соҳа Мурод Муродӣ «Хусусияти фарқкунандаи жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ, пеш аз ҳама он аст, ки сохтори онҳоро синтез ва алоқамандии аносири ҳуҷҷативу бадеӣ ташкил медиҳад. Дар эҷоди ин гурӯҳи жанрҳо ҳам унсурҳои касбии журналистӣ ва ҳам бадеӣ – ҳунари тасвиргароӣ истифода мешаванд» [96, с. 223]. Маҳз ҳамин ҷиҳатҳо боиси ҷолибияти бештар ва таъсиргузории амиқ дар матни ин жанрҳо мегарданд. Истифодаи ин жанрҳо дар телевизион ҷолибияти дигар доранд. Наворҳои гӯё ва нафосату латофату зебоии атроф бадеияти суханро бештар намуда, шоҳиди бевоситаи далелу арқом мегардонад. Аммо бо сабаби ва заҳматталабии бештар кормандони телевизион ба он кам рӯ меоранд. Маъмултарин жанрҳои публитсистӣ-бадеие, ки дар шабакаҳои телевизионии

Тоҷикистон барои шаклдиҳии имиҷи кишвар истифода мебаранд, лавҳа, очерк ва сафарномаҳо мебошанд.

Лавҳа дар телевизион бештар аз ҷониби наворбардорону коргардонҳо таҳия мегардад, зеро «Аксар вақт матни публитсистӣ ба сохтори жанри очерки телевизионӣ умуман дохил намешавад; ҳама чиз бо тасвирҳо ифода меёбанд» [179, с. 266]. Лавҳаҳои телевизионӣ аксаран лирикӣ буда, дар муаррифии симои кишвар, махсусан пойтахи давлат – шаҳри Душанбе нақши бориз мегузоранд. Аслан, «табиат, олами ҳайвонот, ҷашну солгардҳо ва амсоли он мавзуи ин гуна лавҳаҳоянд, ки оҳанги амиқи иҷтимоиро соҳибанд» [56, с. 83].

Дар мавсими баҳор аз мавзеъҳои лолапӯши шаҳри Душанбе лавҳаҳои зиёд таҳия гардида, дар бунёди бренди «Душанбе – шаҳри сабз» мусоидат мекунанд. Зери унвони «Гулҳои Душанбе» пахш шудани силсилаи лавҳаҳо, иборат аз 10 қисм, тариқи ТВ «Тоҷикистон» намунаи онҳост. Ин силсилаи лавҳаҳо аз ҷониби Фирдавси Бобоназар, Умедҷон Қаюмов, Раҷабалӣ Маҳмадалӣ, Баҳодур Турсунов ва Ихтиёр Додобоев таҳия гардида, аз боғ ва дигар мавзеъҳои гуногуни шаҳри Душанбе, ки дар мавсими муайян лолагун мегарданд ва барои гузаронидани фестивал-озмуни «Сайри гули лола» маконҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд, омода шудаанд. Дар чунин силсилалавҳаҳо, ки дар сомонаи ТВ «Тоҷикистон» бо унвони «Гулҳои Душанбе»#1 [296] ишора гардидааст, зебоиҳои мавзеъҳои гулпӯши пойтахти кишварро инъикос намуда, «Гулҳои Душанбе» #2 [297] аз гулгашти атрофи фурудгоҳи байналмилалии Душанбе, ки аз гулҳои лола нақшу нигори аҷиб офарида шудааст, «Гулҳои Душанбе» #3 ва #4 аз маркази шаҳри Душанбе назди муҷассамаи шоҳ Исмоили Сомонӣ ва бинои парлумони кишвар таҳия гардидаанд, ки яке манзараҳои зебои рӯзона ва дигаре шабонаро инъикос мекарданд. «Гулҳои Душанбе» #5 аз майдони «Истиқлол», «Гулҳои Душанбе» #6 аз назди «Кохи Наврӯз»-у «Кӯли ҷавонон», «Гулҳои Душанбе» #7 аз назди маркази савдои «Садбарг», муҷассамаи Садриддин Айнӣ, ҳамин гуна боғҳои гулпӯши дигар низ дар ҳар лавҳаи алоҳида тасвир гардидаанд, ки аз як то 5 дақиқа ҳаҷм доранд. Лавҳаҳои боло бидуни

матн зери мусиқиҳои гуногунмазмун омода гардидаанд, зеро ин гуна лавҳаҳо ба матн эҳтиёҷ надоранд. Силсилалавҳаҳои «Гулҳои Душанбе» соли 2023 дар саҳифаи YouTube-ии ТВ «Тоҷикистон» – https://www.youtube.com/@AkhboriTojikiston/videos гузошта шудааст ва то имруз дарёфт ва тамошои онҳо имконпазир мебошад. Ҳамчунин, барои васеъ шудани доираи бинандагон лавҳаҳо бо забони англисӣ низ номгузорӣ гардидаанд (nature of Tajikistan), ки ин имкон медиҳад ҳангоми ҷустуҷӯйи интернетӣ тавассути калидвожаҳои англисӣ низ лавҳаҳои номбурда, пешорӯйи бинанда гардад.

Лавҳаҳои лирикии бематни телевизионӣ на танҳо тасвиргари гулҳои Душанбе, балки табиати минтақаҳои гуногуни кишвар, махсусан, мавзеъҳои сайёҳӣ, чорабиниву ҷашнҳои мутантани фарҳангӣ, ба монанди Наврӯзи байналмилалӣ, фестивали «Санд ранги чакан», «Сайри гули лола», аксияи «Тоҷикона мепӯшем» ва монанди инҳо, ки аксарият тарғибгари фарҳангу расму оинҳои миллӣ мебошанд ва дар муаррифии чандҷонибаи Тоҷикистон беаҳаммият нестанд. Чунончи дар лавҳаи «Тоҷикистон. Чакан» [399] ҳунари чакандӯзии бонувони тоҷик инъикос гардидааст. Дар он чодарҳои арусонаи чаканӣ, тоқиҳои гулдӯзии мардона, ҷузвдонҳои атласу чакандӯзӣ бо муди муосир ва тайёр кардани онҳо аз ҷониби гурӯҳи занон ва омӯзиши ин ҳунарҳои мардумӣ ба духтарони мактабхон дар ҳаҷми 2 дақиқаю 36 сония нишон дода мешавад.

Лавҳаи дигар «Сайри гули лола» [367] аст, ки ба лавҳаҳои «Гулҳои Душанбе» шабоҳат дорад. Аз таҳқиқ маълум шуд, ки дар он сохтакории зиёд ба мушоҳида мерасад. Ин сохтакорӣ дар иштироки одамон, хосса бонувони тоҷик, ки дар тан куртаҳои миллии атласу чакан доранд ва дар гирди гулҳо саф мекашанд, зоҳир мегардад. Дар назари аввал чунин ба назар мерасад, ки онҳо ба сайри гулҳо омадаанд, аммо дар навор бисёр карахту бетаъсир менамоянд.

Навъи дигари лавҳа, ки метавонад Тоҷикистонро муаррифӣ намояд, шакли клип бо сурудҳои ватандӯстона аст. Лавҳаи «Тоҷикистон, ба пеш» намунаи

чунин лавҳа аст, ки инъикосгари дастовардҳои кишвар дар соҳаҳои гуногун буда, бо суханони пурэҳсоси Пешвои миллат дар кушодашавии агрегати якуми НБО «Роғун» – «Тоҷикистон, ба пеш» оғоз мешавад. Суруд ҳам бо ҳамин унвон, яъне «Тоҷикистон, ба пеш» наворҳоро пурра менамояд.

Табиати Тоҷикистон ва минтақаҳои гуногуни таърихию сайёҳии он бештар тавассути телевизиони «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» инъикос мегардад, ки аксари мавод дар қолаби лавҳаи лирикӣ буда, танҳо бо навиштаҷоти номи мавзеъ аз тарафи чапи экран бо забони англисӣ тафовут доранд. Дар ин лавҳаҳо низ мусиқии мувофиқ таъсири наворҳоро бештар менамояд. Бино ба таъкиди муҳаққиқони соҳа лавҳаро тарзе бояд тасвир кард, ки хонанда ва ё бинандаву сомеъ ба зиндагӣ дилгармӣ пайдо кунад, дар дил амалҳои неки одамият, меҳнатдӯстӣ, ватанпарвариро парварад ва ҳамеша ба амали хайр кӯшад» [96, с. 181]. Ҳамин ҷиҳатҳо дар лавҳаҳои «Ҳавзи Кайнар. Нозкӯл», «Чорчаман. Дарвоз», «Искандаркӯл», «Кӯли морон, хонаи Восеъ», «Тоҷикистон – биҳишти рӯйи замин», «Дараи Ромит», «Сафеддара – макони сайёҳӣ», «Наврӯзи Душанбе», «Ба қадри обҳои ҷорӣ бояд расид» ва амсоли инҳо ба хубӣ мушоҳида мегардад. Дар баробари ин, эҳсос мешавад, ки бо пешниҳоди лавҳаҳои инъикосгари табиат ва имконоти сайёҳӣ ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» барои ташаккули имиҷи сайёҳии Тоҷикистон ва бренди «Тоҷикистон – кишвари сайёҳӣ» саҳм мегирад. Ин ҳадаф на танҳо дар қолаби жанри лавҳа, балки дар жанри очеркҳои сафарӣ ва сафарнома низ мушоҳида мегардад. Силсилабарномаҳои «Ривоят ё ҳақиқат», «Роҳ ба роҳ», «Экотуризм»-и телевизиони номбурда аз зумраи очеркҳои сафарианд, ки дар онҳо махсус мавзеву инфрасохторҳои сайёҳии кишвар ва табиати мусоид барои саёҳат тарғибу ташвиқ мегардад.

Дар ҳар се барнома унсурҳои жанрии очерки сафарӣ ва сафарнома мушоҳида гардида, аз рӯйи банду басти мавзуъ, тарзи пешниҳод ва тарғибу ташвиқ дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон таъсир гузошта метавонанд.

Очерки телевизионӣ вижагӣ ва таъсирнокии хосса дорад. «Яке аз ҷузъиёти барҷастасозии очерк ин иштироки мустақили журналист дар саҳнаҳои навор аст. Пайдо шудани ӯ дар кадр далели муътамадии воқеа ва шиносоии деринаи вай бо қаҳрамон мебошад» [148, с. 108]. Дар барномаҳои «Ривоят ё ҳақиқат», «Роҳ ба роҳ», «Экотуризм» низ ин ҷузъиёт ошкоро эҳсос гардида, ҷолибияти барномаро бештар намудааст. Масалан, рафтани журналист Манзура Шарипова дар миёни кӯҳу таппаву ғорҳое, ки атрофашон ривоятҳои зиёд мавҷуданд, таваҷҷуҳи бинандаро ҷалб намуда, бевосита ва бо тафсир маълумот додан дар бораи онҳо ва ворид шудан ба мавзеъҳои «афсонавӣ» бинандаро ба сайёҳати он мавзеъҳо бештар водор мекунад. Вақте журналист М. Шарипова дар доманаи кӯҳ истода, аз муъҷизаҳои «Чанорон»-и ноҳияи Ёвон дар бораи чанори азиме, ки болои сангҳои бузург рӯйидааст, ривоятҳо нақл мекунаду сипас атрофи он чанор даврзанон далелҳои ба ривоят мувофиқро нишон медиҳад, беихтиёр таваҷҷуҳи бинанда ба ҷолибияти намоиш ва макони тасвиршаванда дучанд мегардад, дар қалби ӯ хоҳиши бевосита дидани он мавзеъҳо пайдо мешавад.

Наҷиба Раҳимова низ бо ҳузури пайваста ва мувофиқи худ дар навор, ки дар аснои сафар ба макони муайян сурат мегирад, барномаро диданитар мегардонад. Раҳораҳ харид кардани меваю сабзавот, хушкмева ва дигар маҳсулот ба сифати тӯшаи роҳ ва ҳамзамон муаррифӣ намудани маҳсули дасти деҳқон аз вижагиҳои барномаи мазкур аст. Ҷиҳати дигари фарққунандаи барномаи «Раҳ ба раҳ» дар бозгӯйии камбудӣ аст, ки ин ҳам хоси очерк мебошад. Ба таъкиди муҳаққиқони соҳа «Очерк хусусияти тадқиқӣ дорад. Дар он хислати қаҳрамон, ҳолати воқеа ва хусусияти тазодҳо баррасӣ карда мешаванд. Муаллиф ба василаи тадқиқу хулосаҳо проблемаро ба миён мегузорад ва ҳаллашро тақозо мекунад. Бо роҳи тадқиқ предмети инъикос ҳаматарафа омӯхта шуда, муҳиммияти масъалаи ба миёнгузошташуда ошкор мегардад ва сухани гӯянда устуворӣ пайдо мекунад» [96, с. 191].

Ҳангоми сафар ба ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон журналист Н. Раҳимова дар маконе, ки аз оғози вилояти Хатлон дарак медиҳад, истода,

ҳолати таъмирталабии онро нишон дода изҳор мекунад: «Ана, аз ҳамин ҷо шуруъ мегардад вилояти Хатлон... Мутаассифона, ин мавзеъ ба таъмир ниёз дорад, зеро дар ин ҷо аллакай, ном, лавҳаву шиор, ки номи маконро муайян мекунад, пок гардидааст» [363]. Ин гуна сужаҳои ифшокунандаи камбудиҳо дар бахшҳои дигари барнома низ ба мушоҳида мерасад.

Барномаи «Экотуризм» бо вуҷуди очерки сафарӣ будан аз ду барномаи дигари дар қолаби ҳамин жанр таҳиягашта – «Ҳақиқат ё ривоят» ва «Раҳ ба раҳ» тафовут дорад. Ҳамин гуна ҳам бояд бошад, яъне маҳз тафовут ва махсусияти барномаҳост, ки зарурати таҳияи онҳо пеш меояд. Чунонки муҳаққиқон қайд мекунанд: «Очерки телевизионӣ намоиши мустақилест, ки дорои сужети хосса ва доираи мавзуъҳои муайян мебошад» [69, с. 17]. Ин барнома ҳам мавзуи муайянро фарогир аст. Муаллиф ва ровии барнома Садриддини Сироҷиддин маконҳоеро интихоб мекунад, ки табиӣ буда, аз берун таъсир ва халале надидаанд. Чунончи, худи муаллиф мегӯяд, «Экотуризм» як сафари аз ҷиҳати экологӣ масъулиятнок ба минтақаҳои табиии вайронношуда бо мақсади омӯхтан ва лаззат бурдан аз табиат мебошад, ки ҳифзи табиатро таъмин намуда, ба муҳити зист таъсири мусбат мерасонад. Ин намуди саёҳат дар ҷойҳое сурат мегирад, ки табиати нисбатан осебнодида дорад. Бо таъсири тараққиёти текхикаву технология, зиёд шудани заводу корхона ва нақлиёт боду ҳавои шаҳру навоҳӣ иваз шуда, инсоният ба ҳавои тоза ва мавзеъҳои табиӣ майл мекунад. Ин аст, ки экотуризм соҳавӣ рӯ ба рушд аст. Барномаи мазкур дар ин самт Тоҷикистонро муаррифӣ намуда, ҳамчун кишвари дорои табиати аз нигоҳи экологӣ тоза муаррифӣ месозад.

Бояд зикр кунем, ки ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» нисбатан шабакаи ҷавон буда, қабл аз таъсиси он дар телевизионҳои дигар низ очеркҳои сафарии тарғиб ва муаррификунандаи имконоти сайёҳии Тоҷикистон мавҷуд буданд. Аз ҷумла, барномаи «Сайёҳ»-и ТВ «Тоҷикистон» яке аз барномаҳои сербинандаи телевизиони номбурда мебошад. Чун барномаи «Сайёҳ» ягона очерки сафариест, ки тули солҳои зиёд аз ТВ «Тоҷикистон» таҳия ва пахш мегардад,

фарогири тамоми самтҳои сайёҳӣ мебошад. Масалан, агар дар «Экотуризм» аз сайёҳии экологӣ, «Раҳ ба раҳ» танҳо аснои сафар то мавзеи муайян ва «Ҳақиқат ё ривоят» аз мифу асотирҳои дар бораи ин ё он мавзеъ нақл кунад, аммо барномаи «Сайёҳ» ин ва дигар паҳлуҳои сайёҳии кишвар ва имконоти минтақаҳоро дар самти рушди соҳа инъикос мекунад. Масалан, дар бахши барномае, ки дар бораи ноҳияи Балҷувони вилояти Хатлон таҳия гардидааст, аввал журналист Дилбар Наҷмиддин боғи навбунёди ноҳияро муаррифӣ мекунад, баъдан дар маконе бо номи «Панҷа» истода, дар навор ва пушти навор дар бораи имконоти сайёҳии экологии ин ноҳия маълумот медиҳад. Сипас, ба Сари Хосор рафта, дар бораи чинорҳои ҳазорсолаи он ҷо ривоятҳо нақл мекунад, дар ин раванд аз парандаҳо, олами набототу ҳайвоноти нодир ҳам сухан меравад.

Нисбат ба барномаҳое, ки аз тариқи ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» пахш мешаванд, дар барномаи «Сайёҳ»-и ТВ «Тоҷикистон» услуби бадеӣ ва тавсифҳои образнок бештар ба мушоҳида мерасанд, ки ин махсусияти жанрии очерки сафарӣ ба ҳисоб рафта, аз маҳорату сухандонии журналист дарак медиҳад. Ба таъбири муҳаққиқ В. Свик «Очерк ба муқоисаҳои образнок асос ёфта, бо тасвирҳои бойи бадеӣ, унсурҳои маърифатӣ пур шудааст, баҳоҳои инфиродиро дарбар мегирад, ки боиси умумиятҳои амиқ мегардад» [179, с. 23]. Ба ин мазмун, журналист Д. Наҷмиддин дар васфи шаршараи Сари Хосор чунин мегӯяд: «Тамошои шаршараи Сари Хосор чӣ қадар ҷолиб аст. Дар ҳар резиши об мо зебогии хосси оби мусаффоро эҳсос менамоем. Чашми касро ин манзара тасхир мекунад...

Кӯҳсорони кишвар ҷолибу дилфиреб бунёд шудааст. Қудрати табиат бо кӯҳсорони диёр дар ҳар гӯшае моро дар ҳайрат мегузорад. Он чӣ ки табиат эҷод мекунад, эъҷози инсон оҷиз аст» [370].

Аз нигоҳи ҷолибият барномаҳои ТВ «Сайёҳӣ» диданӣ мебошанд ва таваҷҷуҳро бештар ҷалб мекунанд. Зуд-зуд иваз шудани наворҳо, мусиқиҳои зарбдори бо навор мувофиқ, стенд-апҳои гуногун ва гуфтори озод сужаҳоро ба

талаботи бинандаи имрӯз мувофиқ кардаанд. Масалан, дар барномаи «Сайр», ки боғи истироҳатии ноҳияи Балҷувон тули 7 дақиқа нишон дода мешавад, ҳолатҳои такрор ва дарозии наворҳо зиёд аст, аммо дар бахшҳои дигари барнома чунин камбудӣ вуҷуд надорад.

Бояд қайд кунем, ки пешниҳод шудани Соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» боис гардид, ки журналистон ба мавзуи сайёҳӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд. Бо тақозои ин, дар ин давра жанри очерк (очерки сафарӣ) дар шабакаҳои телевизионӣ рушд намуд. Дар ТВ «Ҷаҳоннамо» низ лоиҳаҳои зиёде роҳандозӣ гардиданд, ки аксар дар қолаби очерки сафарӣ пешниҳоди бинанда мегарданд. Аз ҷумла, барномаҳои «Сарзамини сайёҳӣ» ва «Сайру саёҳати Тоҷикистон», ки муаллиф ва барандаи он Ҳофиз Абасаев мебошад, дар муаррифии имконоти сайёҳӣ нақши бориз мегузоранд. Барномаи мазкур ҳафтае як маротиба пахш мегардад.

Агар пештар муҳаққиқон аз камии жанри очерк, махсусан навъи сафарии ин жанр дар шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон дар ташвиш буданд, аммо тадриҷан ин камбудиҳо бартараф шуданд. Аз ҷумла, муҳаққиқ Ҷумъа Қудус қайд мекунад: «Мутаассифона, бо сабаби камии имконоти моддӣ ва техникӣ дар ТВ «Тоҷикистон» очерки сафарӣ аҳён-аҳён таҳия мешавад ва ҷавобгӯйи талабот нестанд» [70].

Таҳлилҳо нишон дод, ки дар робита бо шароити хуби техникӣ ва таъмини моддии шабакаҳои телевизионӣ қариб дар тамоми шабакаҳо очеркҳои сафарӣ мавқеъ пайдо намудааст, ки ин ба пешрафти соҳаи сайёҳии кишвар бетаъсир намемонад.

Аз солҳои 2000-ум ин ҷониб дар шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон филмҳои телевизионӣ ё филмҳои мустанад бештар гардид. Махсусияти филмҳои мустанади телевизионии шабакаҳои миллии мо дар он аст, ки дар онҳо образнокӣ ва бадеият зиёд истифода мешавад. Аз ин лиҳоз, онҳоро ба гурӯҳи жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ ворид мекунанд. Асоси ин филмҳоро

воқеаҳои муҳимми таърихӣ ва рӯйдодҳои аҳамияти иҷтимоидошта ташкил менамояд. Мавзуи асосии ин мустанадҳо ватан, сулҳу осоиш, истиқлолият, ваҳдат, корномаи Президент, Иҷлосияи тақдирсоз мебошад, ки бештар дар арафаи ҷашнҳои миллӣ, санаҳои муҳимми таърихӣ таҳия мегарданд. Масалан, дар соли 2000-ум филмҳои «Аз ҷашн то ҷашн» [236] ба ифтихори 9-солагии Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Тоҷикистон: самараҳои ҳамкорӣ» [282] бо забони англисӣ, «Тоҷикистон ба асри XXI бо Эмомалӣ Раҳмонов» [281] бахшида ба муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соли 2000-ум; соли 2001 филмҳои «Даҳ қадами устувор» бахшида ба 10-умин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аз 10 қисм [252], соли 2002 филми «Оташи ҷанг ва парчами нанг» бахшида ба даҳумин солгарди Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати 12, дар 10 қисм, муаллиф ва ровӣ С.Шамсиддинзода ва «Сулҳи бебозгашт» бахшида ба 5-солагии имзои Созишномаи умумии Истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [280] аввалин намунаи филмҳои телевизионӣ будаанд, ки дар ташаккули имиҷи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва шаклгирии имиҷи сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон чун роҳбари сиёсии сулҳпарвару роҳкушо нақш гузоштанд. Баъдан, таҳияи ин гуна филмҳо бо унвонҳои гуногун дар ҷашнҳои милливу давлатӣ анъана гардид. Мундариҷаи онҳоро маводди хазинаи ТВ «Тоҷикистон» ва хазинаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намуда, матни пасинаворӣ бо садои ровиёни шинохта ва журналистон Фирӯз Умаров, Самариддини Шамсиддин, Қурбони Собир, Қурбони Ҳомид, Худойдод Орифӣ, Шоҳрух Тошев, Ғаниҷон Олим, Амирхудо Иматхудо, Дилшод Алсамадов, Ҳошимҷон Раҳимов хонда мешавад. Усули мусоҳиба дар филмҳои телевизионӣ маъмул буда, андешаи шоҳидони воқеа, роҳбарони мақомотҳои давлатӣ дар филмҳо пайваста истифода мегарданд.

Филмҳои зикргардида ба очерки портретӣ қаробати зич дошта, дар маркази онҳо қаҳрамони асосӣ қарор дорад, ки зина ба зина шахсияти ӯ намудор гашта, симояш дар назари бинанда барҷаста ҷилва мекунад. Яъне, дар

филмҳои телевизионие, ки аз оғози соли 2000-ум дар шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон намоиш дода мешаванд, ташаккули шахсияти қаҳрамони асосӣ – Эмомалӣ Раҳмон чун роҳбари сиёсӣ ва Пешвои миллат нишон дода мешавад. Махсусан, дар филмҳое, ки дар сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисмати «филмномаҳо» мавҷуданд, паҳлуҳои гуногуни корномаҳои Эмомалӣ Раҳмон боздоб гардидааст. Ин ҷо баъзе аз онҳоро мавриди таҳлил қарор медиҳем. Ин филмномаҳо зери машварат ва роҳбарии Асадулло Раҳмон, Абдуфаттоҳ Шарифзода, Эмомалӣ Насриддинзода, Носирҷон Салимӣ, Нуриддин Саид, Азим Иброҳим, Субҳиддин Шамсиддинзода аз ҷониби Абдуфаттоҳ Шарифзода, Раҳмоналӣ Миралиизода, Сафархуҷа Ризозода, Аҳлиддин Тоҳир, Зубайдуллои Убайдулло, Нозир Ёдгорӣ (муаллифон), Марям Қаюмова, Сайфиддин Каримов, Ёрмуҳаммад Аралев, Музаффар Раҳматов, Алишер Қаландаров, Сайфиддин Каримзода, Абдушукур Саломов, Убайдулло Ғоибзода, Султон Ниёзӣ (коргардон), Шабнам Бачамардова, Раҳмоналӣ Шералиев, Фаридун Саъдиев, Насимҷон Раҳимов, Алиҷон Акбаров, Убайдулло Ғоибзода (танзимгарон) таҳия гардидаанд.

Филми «Марде аз сарнавишт» соли 2014 дар ду қисм таҳия гардидааст. Дар қисми якум воқеаҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар солҳои 90-уми асри гузашта, оқибатҳои сахту сангини он, талошҳои фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба сулҳу ваҳдати пойдор инъикосу тасвир гардидааст. Фидокориҳо ва ҷонбозиҳои Қаҳрамони Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки дар он рӯзгори раҳгумзадагӣ ва парешонӣ мардуми Тоҷикистонро ба рӯзи 27 июн – ба Рӯзи ваҳдат, рӯзи хушбахтӣ ва саодат расонд, воқеъбинона инъикос ёфтааст. Қисми дуюми ин филм идомаи мантиқии мазмуну муҳтавои қисми якум буда, дар он раҳоии мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ, роҳи расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, ҳалли масоили мубрами иқтисодӣ, тадбирҳои байналмилалии Президент оид ба масъалаҳои обу пиряххо барҷаста нишон дода шудааст [329].

Дар филми «Эмомалӣ Раҳмон – нури маърифат», ки аз ду қисм иборат аст, иқдомҳои Президенти Тоҷикистон дар самти густариши фарҳанги миллӣ, маориф, илму технология, такя ба неруҳои ақлонӣ – зиёиёни кишвар, эҳтирому арҷгузорӣ ба фарҳанги диёри куҳанбунёд ва гиромидошти аҷдодони некном бо пахши сужаҳои ҷолиб бозтоб гардидааст [423]. Дар он, махсусан, ба кӯшишу талоши Президенти мамлакат барои ҷалби насли наврас ба омӯзиши илму фан, ҷалби духтарони деҳоти дурдаст ба идомаи таҳсил, дастгирии истеъдодҳо ва амсоли ин таваҷҷуҳ бештар шуда, Эмомалӣ Раҳмон чун шахси маорифпарвар, ки дар меҳвари сиёсати давлатдориаш илму фарҳанг қарор дорад, пешкаши бинанда мегардад.

Дар филми дигар – «Эмомалӣ Раҳмон – пайвандгари марзҳову дилҳо» [424] иқдомҳои созандаи Пешвои миллат дар самти ба танзим даровардани шабакаҳои нақлиётӣ, ба давлати воҳид ва кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегӣ – баромадан аз бунбасти коммуникатсонӣ ба намоиш гузошта шудааст. Роҳҳои қаблан валангору зина ба зина таъмир шудани онҳо, кандани нақбҳо, иштироки бевоситаи роҳбари давлат дар раванди роҳсозиҳо наворҳои асосии филмро ташкил намуда, шарҳу тавзеҳи ровӣ бо садои пасинаворӣ, мусоҳиба бо шоҳидони воқеа чун далел ба ғояи асосии филм – талқини истиқлоли коммунитатсионӣ солорӣ бахшидааст. Аз ҷониби мусоҳибон изҳор мегардад, ки дар 70-соли давраи Шуравӣ камбудиҳои коммуникатсионии Тоҷикистон бартараф нашуданд, ҳарчанд ки имконоти зиёд вуҷуд дошт. Тоҷикистон бо мушкилоти коммуникатсионии худ истиқлол ба даст овард ва ин мушкилот боз чанд соли дигар таъсири худро ба иқтисоди давлат ва иҷтимоии мардум расонд [422].

Шарҳу тавзеҳи коршиносон доир ба аҳаммияти татбиқи ин сиёсат муҳтавои ғоявии филмро пурқувват намудааст. Чунончи Академики академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1991) Бобо Сангинов иброз медорад: «...тифоқ набудан, наздик набудани ноҳияҳо аз ҳамин иборат буд. Барои он ки 6 моҳ якдигарро намебинанд. Шаш моҳ набинӣ, агар

худӣ ҳам бошӣ, бегона мешавӣ. Пул буд, одам буд, техника буд, чаро ҳамин кор ҳал нашуд? Дар ин рӯзҳои мушкилӣ аз ҳама проблемаҳои вазнинро ба зиммаи худ гирифт роҳбари давлат. Ин осон не!». Андешаҳои вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1994-2006) Талбак Назаров низ ба дарки моҳият ва аҳаммияти мавзуи филм ёрӣ мерасонад.

Табиист, ки имиҷи роҳбари сиёсӣ бе ҳадафи муайян шакл намегирад. Дар ин роҳ нақшаи дарозмуддат мусоидат карда метавонад. Агар раванди имиҷсозӣ аз рӯйи чунин нақша сурат гирад, хислату рафтор ва гуфтори шахс такмил ёфта, барои эътироф ва эътимоди мардум ҳамчун омили имиҷсоз хидмат мекунад. Дар ин раванд ВАО нақши муҳим мебозад. Ин кор – бовар кунонидани аудитория ба «шахсияти иделӣ» будани имиҷшаванда заҳмати интеллектуалӣ мехоҳад. Дар раванди сохтани имиҷ технологияе, ки ба инҳисори шуури омма асос ёфтааст ё тавассути таъсири бевосита ба шуури шаҳрвандон ва ё тавассути додани иттилооти таҳрифшуда барои мақсадҳои мушаххас коркард шудааст, истифода мегардад. «Дар натиҷаи ин ба роҳбар сифатҳоеро нисбат медонанд, ки ба вай иртибот надорад, вале шаҳрвандон чунин тасвирро хақиқат мешуморанд» [198, с. 18]. Ин андеша дуруст аст, аммо барои ташаккули имиҷи Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон заҳмати зиёдатӣ – сохтакорӣ ва нақшаи инҳисоркунӣ зарурат надорад, зеро истеъдоди фитрии роҳбарӣ ба ӯ имкон додааст, ки ба ҷомеа мақбул гардад ва воситаҳои ахбори омма низ наворҳои бударо он гуна ки ҳаст пешниҳод мекунанд, коркарди зиёдатӣ лозим нест. Дар имиҷсозӣ ин гуна одамонро инсонҳои харизматикӣ меноманд. Онҳо дар роҳи мақсуд ҳамеша муваффақ мегарданд. Харизма вижагӣ ва нотакрории шахсияти пешворо муайян мекунад. Пешвои дорои хислатҳои харизматикӣ қодир аст, ки пайравони худро илҳом бахшад ва ҳавасманд кунад, то онҳо сарфи назар аз монеаҳои мавҷуда амал кунанд ва аз имкониятҳои муқаррарии худ бартарӣ дошта бошанд. Ин қобилият заминаи пурқуввати эмотсионалӣ дорад, ки на танҳо ба ақл, балки ба эҳсосоти тобеон низ таъсир мерасонад.

Воқеан, ҳамин гуна Сарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо амалҳои худ тавонист эътимоди мардумро ба даст оварда, ҷомеаро дар гирдаш ҷамъ кунад ва ба ободиву бунёдкорӣ водор созад. Дар филмҳои телевизионӣ то рафт дар гирди Ҳукумати мамлакат ҷамъ омадани неруҳои мухолифи сиёсиву ҷамъиятӣ инъикос гардидааст, ки бо тамошои онҳо ҷомеаи ҷаҳон ба устувории сулҳи тоҷикон, тараққиёти босуръат ва ташаккули симои нави кишвар мутмаин мегардад.

Яке аз хислатҳои хуби муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба эҳсоси ҷомеа бетаъсир намемонад, раҳмдилӣ ва ятимпарастии ӯст. Дастгирии ятимону бепарастдорон аз рӯзҳои аввали ба сари ҳокимият омаданаш аён аст. Қариб дар тамоми суханрониву вохӯриҳо ба ин масъала эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Ин хислати сарвари давлат дар филми «Эмомалӣ Раҳмон – ятимпарвар» [425] бозтоб гардидааст. Сужаҳои филм, бахусус, мусоҳибаҳои ятимону маъюбон дар бораи бевосита дастгирӣ ёфтанашон аз ҷониби Президенти кишвар таъсири филмро бештар намуда, симои Эмомалӣ Раҳмонро чун роҳбари ятимпарвар барҷаста намо медиҳад.

Яке аз самтҳои муҳимме, ки моро ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунад, фарҳанги ғанӣ ва қадимаи миллат аст. Роҳи муаррифии он низ осон набуда, заҳмат металабад. Заҳматҳои зиёде лозим аст, ки ҷаҳониён фарҳанги моро аз дигар форсизабонон ё фарҳанги дигар давлатҳои Осиё фарқ карда, қадр намоянд. Дар ин самт ҳам талошҳои Эмомалӣ Раҳмон бенатиҷа намондааст, ки филми «Эмомалӣ Раҳмон: Фарҳанг – ҳастии миллат аст» [426] бозгӯйи он аст.

Филми мазкур аз 7 қисм иборат буда, дар бораи таъриху фарҳанги бою қадимаи миллати соҳибтамаддун ва давраҳои ташаккули давлату миллати тоҷик нақл мекунад. Дар филм порчаҳо аз офаридаҳои синамогарони кишварҳои Афғонистон, Британияи Кабир, Италия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Лаҳистон, Озарбойҷон, Тоҷикистон, Туркманистон, Туркия, Федератсияи Россия, Чин, Эрон ва мамлакатҳои арабӣ низ истифода шудааст.

Бо тамошои ин филмҳо эътимоди бинанда ба талошу ҷонбозӣ ва ободкориву бунёдкориҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд мегардад, дар назараш симои Эмомалӣ Раҳмон чун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ ва бунёдгузори давлати навини тоҷикон ҷилвагар мегардад. Дар филм наворҳои воқеӣ ва далелҳои боэътимод истифода шуда, суханони ровӣ ва шоҳидони воқеа ҷанбаи ғоявии филмро пурқувват намудааст.

Дар филми мустанад, чунонки муҳаққиқ И. Усмонов қайд мекунад: «исбот намудан лозим аст, то бинанда як мушкилоти фикриро аз сар дур кунад» [168, с. 89]. Ба ин манзур, филми мавриди назар ва ҳамчунин, филмҳои дигар, аз шубҳаву фикрҳои духӯра орӣ аст. Аз ҷумла, дар филми «Эмомалӣ Раҳмон – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ» (иборат аз се қисм), ки дар бораи тадбирҳои Пешвои миллат баҳри таъмини сулҳу ваҳдат дар мамлакат, баргардонидани гурезаҳои иҷборӣ аз хориҷ, ҷараён ва натиҷаҳои мулоқоту музокирот бо собиқ неруҳои мухолиф баҳри истиқрори сулҳу ваҳдат дар Тоҷикистон нақл мекунад, назари Талбак Назаров собиқ вазири корҳои хориҷии ҶТ, Қаҳҳор Маҳкамов Президенти ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1990-1991), Зариф Ализода ёрдамчии президенти ҶТ оид ба масоили ҳуқуқӣ, Абдунабӣ Сатторзода муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1999-2006), Шермуҳаммад Шоҳиён раиси Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Музаффар Ашуриён вазири адлияи ҶТ, Рафиқа Мӯсоева Раиси Кумитаи Шурои олии ҶТ оид ба сохтори давлат (1990-1995), Раҳимзода Рамазон вазири корҳои дохилии ҶТ талошҳои Эмомалӣ Раҳмон ва ҷонбозиҳои ӯро дар роҳи расидан ба ҳаёти осоишта асоснок ва боварибахш гардонидааст. Дар гуфтаҳои онҳо хислатҳои инсондӯстӣ, ватанпарварӣ ва фидоии роҳи сулҳ будани Эмомалӣ Раҳмон равшану баръало ифода ёфтааст. Махсусан, пахши порчаҳо аз суханрониҳои Президенти кишвар доир ба сулҳу ваҳдат дар макон ва лаҳзаҳои гуногун пур аз самимияту эҳсоси баланди ватанхоҳӣ буда, ҷанбаи ҳассос ва ифтихории филмро қавӣ гардонидааст. Бо тамошои ин филм, ба вижа, боварӣ ба халқ муҳаббату эътимоди шаҳрвандон ба роҳбари давлат самимона намудор мегардад. Чунин

суханони Эмомалӣ Раҳмон, ки пайваста садо медиҳад, ҷомеаро ба иттифоқу якдигарфаҳмӣ водор месозад: «Қаҳрамон халқи Тоҷикистон аст. На ягон ҳизб на ягон шахси дигар. Худи мардуми Тоҷикистон сиёсати пешгирифтаи сулҳофариро дастгирӣ кард ва мо миллати тоҷик сарҷамъ гаштем. Ваҳдати миллии тоҷикон осон ба даст наомадааст» [422].

Аз таҳлили барномаҳои шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон, махсусан, ТВ «Тоҷикистон», ТВ «Ҷаҳоннамо», ТВ «Варзиш» ва ТВ «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», аён мешавад, ки кормандони эҷодиву техникӣ бо истифода аз имконоти жанрҳои таҳлилӣ ва публитсистӣ-бадеӣ барномаҳоеро таҳия ва паҳн намудаанд, ки барои муаррифӣ ва ташаккули симои Тоҷикистони соҳибистиқлол аз аҳаммият холӣ нестанд. Истифодаи қолабҳои жанрӣ, хусусан, жанрҳои таҳлилии табсираву нигориш, публитсистиву бадеии очерку лавҳа, сафарнома ва филмҳои телевизионӣ имкон додааст, ки рӯзноманигорону публитсистон воқеияти таърихии даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистонро бо намои симои Сарвари сулҳовару бунёдкори тоҷикон бозтоб намоянд, ҳамзамон, имиҷи Президенти кишвар ва имиҷи Тоҷикистони соҳибистиқлолро ташаккул диҳанд.

## 5.3. Вижагиҳои маводди сомонаҳои интернетӣ

Журналистика бо суръати кайҳонӣ пеш меравад, ҳамасола тамоюлҳои нав падид омада, доираи омӯзиш ва фаъолияти журналистӣ, махсусан, журналистикаи интернетӣ васеъ шуда, бо ихтисосу ҳунар ва ҳатто илмҳои гуногун бар мехӯрад. Вазифаи муқаррарии журналисти муосир ба унсурҳои имиҷсозиву брендинг торафт умумият пайдо мекунад. Замони технологӣ, интернетӣ, мобилӣ аз журналист талаб мекунад, то маводди ҷолиб офарад ва дар рақобатҳои иттилоотӣ дастболо бошад. Журналист имрӯз аудиторияро меҷӯяд: ба восита, усул ва услубҳои гуногун. Бо насли Y ва Z кор карда, бояд ҳам воситаҳои пахши классикӣ ва ҳам воситаҳои пахши муосири журналистиро

корбарӣ карда тавонад. Ин ду насл дӯстдори контенти дастрас, маводди кӯтоҳ, формати мултимедӣ ҳастанд. Донистану омода намудани ин гуна мавод кори асосии журналисти муосир ба ҳисоб меравад. Сохтани маводди мултимедӣ аз журналист маҳорати эҷодӣ, фаҳмиши техникӣ ва дониши журналистиро талаб мекунад. Дар баробари ин аудиторияи нозуку серинтихоби имрӯза тафаккури интиқодӣ дорад, ба ҳар чиз ба шубҳа менигарад, на ба ҳар хабар эътибор медиҳад. Барои таваҷҷуҳи ин аудиторияро ҷалб намудан, пеш аз ҳама, аз далелҳои саршор ва маводди таъсирнок бояд кор гирифт.

Барои расидан ба ин ҳадаф воситаҳоии ахбори омма аз имконоти худ истифода менамоянд. Ҳар қадар имконияти воситаи ахбори омма васеъ бошад, ҳамон қадар ҷалб намудани таваҷҷуҳи аудитория ва амалӣ намудани ҳадафҳои пешгузошта осон мегардад. Дар ин раванд матну амалҳои имиҷсозӣ вусъат ёфта, ҷолибият ва муассирии мавод таъмин мегардад.

Дар шароити имрӯза интернет ҳамчун воситаи пахши иттилоот ва иртиботи иттилоотии мардум имконоти зиёд дорад. Аз ҷумла, дар интернет имкониятҳои васеи таъмин намудани иштироки узвҳои ҳисси инсон мавҷуд аст. Бахусус, маводди мултимедиавӣ фарогири расм, матн, садо, навор, графика, слайд ва дигар унсурҳо буда, дар раванди бархӯрдор шудан аз ин гуна мавод, биниш (навору расму матн), шунавоӣ (садо), ламс (ҳангоми болову пойн кардани саҳифа, интерактив) васеъ истифода гардида, таваҷҷуҳ низ ба он банд мешавад. Бо чунин тарз дар қолаби жанрҳои гуногун пешниҳод намудани мавод ҳам ҷолибиятро таъмин менамояду ҳам таъсирнокиро меафзояд. Муҳаққиқ М. Муродӣ дуруст зикр мекунад, ки «Агар радио имкони бештари пахши чи рух додан, телевизион чи гуна рух додан ва матбуот барои чи рух доданро дошта бошанд, интернет ин се имконият ва ё бартариро дар худ таҷассум мекунад. Дар натиҷа, ба аудитория маҳсулоти тамоман нав пешниҳод мешавад, ки хусусияти ҳам матбуотӣ (матн, акс, карикатура), ҳам радиоӣ (садо), ҳам телевизионӣ (намоиш, слайд-шоу) ва ҳам интернетӣ (иртиботи мустақим, овоздиҳӣ, шарҳ, мавқеъгирӣ)-ро дорад» [89, с. 161]. Ҳамин аст, ки

таҳияи маводди интернетӣ аз журналист маҳорату заҳмати зеҳниву техникиро талаб намуда, водор месозад, ки аз махсусияти кори тамоми воситаҳои ахбори омма бархӯрдор бошад.

Табиист, ки пайдоиши воситаи ахбори оммаи ҷадид боиси зуҳури падидаҳои нави эҷодӣ мегардад. Ба ин мазмун, имконот ва талаботи интернет ва аудиторияи он водор менамояд, ки усулҳои нави ба шакл даровардани маҳсулоти иттилоотӣ коркард ва маъмул гардад. Ба ин монанд, рушди телевизион ва дигар шудани муносибатҳои иҷтимоӣ ба пайдоиши жанри ток-шоу замина фароҳам овард. Ин падидаҳои нав миёни муҳаққиқон баҳсҳоро ба вуҷуд оварда, ки маводди интернетиро баъзеҳо жанри мустақил ва баъзеҳо танҳо формат медонанд. Ба назари мо, ин гуногунандешиҳо асос дорад. Аз як тараф, чунончи муҳаққиқон зикр кардаанд: «Агар мо дар бораи рӯзноманигории онлайн, на танҳо ҳамчун технологияи истеҳсол ва паҳн кардани иттилоот, балки ҳамчун қисми иҷтимоию фарҳангии муосир бо асолати адабӣ ва санъат, андеша ронем, таҳлили хусусиятҳои жанрии он низ муҳим аст» [57, с. 89], аз ҷониби дигар, шинохти нодурусти жанрҳои нав ва омехта кардани анвои жанрӣ бо формат духӯрагӣ ва андешаҳои баҳснокро бармеангезанд. Чунончи: «Ба жанрҳои матнӣ ҳамон жанрҳои урфии матбуот аз хабар сар карда, то очерк дохил мешаванд.... Ба жанрҳои чандрасонаӣ жанрҳои тасвирӣ, аудиоӣ ва видеоӣ дохил мешаванд. Зери мафҳуми жанрҳои синтетикӣ мутаҳҳид кардани ҷузъҳои гуногун – матн, тасвир, садо, интерактивро мефаҳманд» [83, с. 43].

Ба адешаи мо жанрро на аз рӯйи шакли пешниҳод – матнию чандрасонаӣ ҷудо бояд кард, балки хислати вижаи жанрҳоро бояд ба назар гирифт. Масалан, мо медонем, ки лавҳа ба очерк наздикӣ дорад, дар ин жанрҳо зиндагиномаи шахс тасвир мегардад ва ҷанбаи тарбиявиашон бештар аст. Аммо дар лавҳа маъмулан, як лаҳзаи ҳаёти шахс инъикос мегардад, ки дар ифшои симои ботинии ӯ мусоидат мекунад.

Лавҳа метавонад дар шакли матн, садо, навор ё маводди чандрасонаӣ пешниҳод гардад. Аз тарзи пешниҳод аломатҳои жанрӣ тағйир наёфта, танҳо бо

имконоти воситаи пахши иттилоъ матни лавҳа дар форматҳои гуногун таҳия ва нашру пахш мешавад. Чунончи, лоиҳаи «Тоҷикистон, ба пеш»-и сомонаи «Азия-Плюс»аз рӯйи махсусияти жанрӣ лавҳа буда, матни он дар қолаби чандрасонаӣ бастабандӣ шудааст. Ин лоиҳа асосан дар «бораи варзишгарони номдори ҷумҳурӣ, инчунин, онҳое, ки ба ояндаи пуршарафи варзиши тоҷик умед мебахшанд, нақл мекунанд. Ҳамаи қаҳрамонҳо ифтихори мамлакатанд, ки ба онҳо нигариста хитоб мекунем: Тоҷикистон, ба пеш! Тоҷикистон, ба пеш!» [401]. Аз ин бармеояд, ки маводди ин лоиҳа на танҳо дар бораи ғолибияти касе иттилоъ медиҳад, балки барои бинанда намунаи ибрат мегардад. Тамошои он шавқу ҳаваси ҷомеаро ба варзиш бештар намуда, бинандагон, бахусус, наврасону ҷавононро барои ба чунин натиҷаҳо ноил гардидан таккон мебахшад. Ба ибораи дигар, маводди лоиҳаи «Тоҷикистон, ба пеш» иттилоотӣ набуда, балки публитсистӣ-бадеӣ мебошад, ки бештар дар қолабҳои жанрии лавҳаву очерк ба шакл даровардa мешавад. Азбаски дар ин барнома дастовардҳои алоҳидаи варзишгарон бештар инъикос мегардад, имконоти корбурди аносири жанри лавҳа мувофиқтар аст. Чунончи, муҳаққиқ И. Усмонов қайд намудааст: «вазифаи лавҳа фақат маълумот додан нест, балки ба таври таъсирбахш, зебо ва дилкаш дар хусуси одамҳо нақл кардан аст» [166, с. 89]. Имконоти воситаи пахш, яъне интернет ба таҳиягарон имкон додааст, ки лавҳаро дар шакли наву ҷолиб пешниҳоди аудитория намоянд ва аз расм, матну навор дар формати кэпшн-видео (Caption video) васеъ истифода кунанд. Барои тақвияти фикр, яке аз бахшҳои ин барномаро, ки дар бораи фаъолияти варзишии ғолиби бозиҳои олимпии Лондон – 2012 Мавзуна Чориева нақл намуда, олами ботинии ӯро ҳамчун зани қавиирода, устувор, ҷасур ва серталош ифшо менамояд [326], мавриди таҳлил қарор медиҳем. Дар мавод баъд аз сарлавҳа акси қаҳрамон, ки дар толор бо либосҳои варзишӣ нишастааст, ҷой дода шудааст. Сипас, порчаи матнӣ бо маълумот дар бораи Мавзуна ва зинаҳои муваффақияти ӯ мазмуни лавҳаро пурра мекунад. Ҳамин маълумотро аз кепшэн-видео низ гирифтан мумкин аст, ки қисме аз забони қаҳрамон садо медиҳад ва қисми дигари он дар

поёни навор дар сатр навишта мешавад ва он хусусияти асосии ин формат ба ҳисоб меравад. Навор ҳамагӣ 3 дақиқаю 33 сония идома ёфта, бидуни матни муаллиф, бо мусиқии хосса таъсирнокии он бештар гардидааст. Таҳқиқ нишон дод, ки аз соли 2019 то соли 2022 дар ҳамин қолаб 21 лавҳа интишор гардидааст, ки ҳамагӣ фаъолияти варзишгарони муваффақи Тоҷикистонро инъикос мекунанд. Пешниҳоди чунин лавҳаҳо дар қолаби ҷолиб тавассути интернет имконоти муаррифии чеҳраҳои муваффақи кишварро бештар мегардонад. Шахсиятҳои шинохта бошад, муаррифгари асосии давлат ба шумор мераванд. Мутаассифона, ин қолаб ва усулҳои замонавии хосси интернет, дар сомонаҳои интернетии Тоҷикистон камтар истифода мешавад. Эҳтимол сабаб дар талаби вақти зиёд ва заҳмати тулонӣ бошад, ки дар таҳияи маводди сомонаӣ имконоти интернетӣ васеъ истифода нагардида, бештари маводҳо дар қолабҳои маъмулии ВАО-и анъанавӣ таҳия гардида, айнан дар сомонаҳои интернетӣ гузошта мешаванд.

Барои сомонаҳои интернетӣ бастабандии чандрасонаӣ (мултимедийная упаковка) воситаи ҷолибу хуб маҳсуб меёбад. Тавассути шаклҳои ҷолиб ба аудитория маълумоти зиёди муҳиммро пешниҳод намудан мумкин аст. Масъалаи қобили мулоҳиза он аст, ки чунин шаклҳои ҷолиб барои баъзеҳо формат ва бархи дигар жанр аст. Дар ин мухталифшинохтӣ, як нуқта аз назари аксар дур мемонад, ки он дар қолаби чандрасонаӣ пешниҳод намудани дилхоҳ жанр, махсусан, жанрҳои таҳлилӣ ва публитсистию бадеӣ аст. Дар баробари ин омезиши жанрҳо ва имконоти интернет боиси тавлид ва шаклгирии жанрҳои нав гардидааст, ки тарзи пешниҳодашон қолаби чандрасонаиро талаб мекунад. Яке аз намунаи чунин жанрҳо лонгрид аст, ки дар муҳити касбии рӯзноманигорӣ барои баъзеҳо жанр ва барои дигарон ҳамчун формат шинохта мешавад. Чунончи, муҳаққиқи рус А.В. Колесниченко лонгридро жанр номида, хислати хосси жанриашро дар омӯзиши пурраи мавзуъ ва матн, истифодаи сарчашмаҳои зиёди иттилоъ ва матни ҳаҷман калон медонад [63]. Баръакси ин, муҳаққиқон М.Н. Булаева [32], Г.В. Лазутина [71] ва дигарон онро формат

меҳисобанд. Ба назари мо, шинохти А. В. Колесниченко дурусттар аст, яъне лонгрид жанрест, ки дар дохили он форматҳои гуногуни мултимедиавӣ истифода мешавад [63]. Лонгрид аслан, матнест, ки далелҳои зиёдро дар худ мегунҷонад ва матни он вобаста ба воқеаҳо чунон ба қисматҳо тақсим мешавад, ки бо хондани ҳар қисмат хоҳиши идома додани мутолиа фузун мегардад. Форматҳои мултимедиавӣ муҳтавои матнро боз ҳам такмил дода, ҷолибу диданӣ ва хонданӣ мегардонад, истифодабаранда шоҳиди воқеаҳо мешавад. Дуруст аст, ки дар лонгрид унсурҳои жанрҳои гуногун ё монандиро мушоҳида кардан мумкин аст, аммо набояд фаромӯш кард, ки аксари жанрҳои классикӣ низ вижагиҳои умумӣ ва хосса доранд. Бо вуҷуди он ки тамоми жанрҳои махсусият ва вижагиҳоро доро ҳастанд, дар ин баробар унсурҳое доранд, ки онҳоро умумӣ мегардонаду бо ҳам наздик менамояд. Ҳатто ин умумият миёни жанрҳои хабариву таҳлилӣ низ вуҷуд дошта метаовнад.

Дар шинохти лонгрид тавсифи М.Н. Булаева нисбатан мувофиқтар аст. Ба дарки ӯ, «Асоси лонгридро матни ҳаҷман калоне ташкил дода, унсурҳои дигар: расм, навор, инфографика ва ғ. матнро пурра мекунанд. Ҳамин тавр лонгридро лоиҳаи мултимедие номида метавонем, ки ба ягон проблемаи муҳим ё санаи воқеӣ бахшида шудааст» [32, с. 122]. Унсурҳои гуногуне, ки дар лонгрид истифода мешаванд, яъне расм, графика, графики иттилоотӣ, навор, садо, слайд-шоу, харита ва ғ. барои ба қисмҳо ҷудо намудани матн ва ҷолиб сохтани мавод ёрӣ мерасонанд. Ин унсурҳо ҷузъи иловагӣ набуда, балки қисматҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд. Дар сурати сарфи назар кардани яке аз унсурҳо мазмун тағйир намеёбад, аммо таъсирнокии асар камтар мегардад. Дар аксар маврид мазмун ҳам то ҳадде тағйир меёбад, зеро муҳтавои ҳар кадом унсур мантиқан идомаи дигаре мебошанд. Ин маъноеро надорад, ки дар омодасозии лонгрид тамоми унсурҳо (навор, садо, расм, слайд-шоу, харита ва ғ.) ҳатман бояд истифода гарданд, аммо унсури истифодашуда бояд бомаврид ва саривақтӣ бошад. Масалан, садо такрори матни навишташуда не, балки мазмунест, ки иттилои наву тозаро ба аудитория пешниҳод намояд. Ба мисли

ин, расм танҳо барои рангорангӣ набуда, маъно ва ҳатто таърихчаеро бозгӯй мекунанд. Графикҳои иттилоотӣ метавонанд ба ҷойи матни оморӣ ё маълумоте, ки рақами зиёдро ифода мекунаду хонандаро дилгир менамояд, истифода шаванд. Ба ҳамин монанд бо назардошти бартариҳо ҳар кадом формат дар ҷойи муайян истифода мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки лавҳаҳои дар доираи лоиҳаи «Тоҷикистон, ба пеш» дар қолаби чандрасонаӣ таҳия гардида, аз ин қолаб фарқ мекунанд. Масалан, бо гирифтани расму матн мазмуни навор коста намегардад, зеро ҳама маълумоти матнро аз навор гирифтан мумкин аст, ё баръакс матну расм бидуни навор ҳам маълумоти мақсаднокро расонида метавонанд.

Дар назарияи журналистикаи тоҷик ба лонгрид кам эътибор дода шудааст. Танҳо профессор Ҷ. Муқим дар воситаи таълимии худ бо номи «Журналистикаи чандрасонаӣ» дар бораи лонгрид ва дигар падидаҳои замон дар соҳаи журналистика маълумот додааст. Номбурда лонгридро чунин тавсиф мекунад: «Лонгрид аз якчанд «боб»-и бо ҳам алоқаманд иборат буда, онҳо аз рӯйи драматургия ва сужа сохта шудаанд. Дар он воқеа ба таври хронологӣ нақл гардида, хонандаро пайдарпай бо он шинос мекунад. Яъне, лонгрид бо сабки классикӣ иншо гардида, драматургияи он дар атрофи ҳолатҳои вақту имкон сохта мешавад» [83, с. 76].

Ҳамчунин, дар амалияи журналистӣ ин жанр дар ягон сомонаи расмӣ вонамехӯрад. Барои ташаккули имиҷи Тоҷикистон офаридани лонгрид аз таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки маълумоти комил аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ, давраи ҷанги таҳмилӣ, талошҳо барои сулҳ, раванди сулҳофарӣ, таҳкими сулҳ, ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон ва дастовардҳои имрӯзаи он аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд. Дар фасли пешини ин боб дар ҳамин мавзуъҳо мо чандин филмҳои телевизиониро таҳлил кардем, ки бо сабаби ҳамсон будан таваҷҷуҳро камтар ҷалб менамоянд, аммо лонгрид шакли пешниҳоди ҷадид ва ҷолибест, ки дар қолаби он метавон достони ҳузнангези Тоҷикистони тозаистиқлол ва ҷоннисориҳои миллату роҳбари

давлат бо таассуроти хосса пешниҳоди аудитория намуд. Зеро дар ин жанр имконияти бештари истифодаи унсурҳои мултимедиавӣ мавҷуд аст. Чунончи муҳаққиқи рус Д. Кулчитская навиштааст: «Дар асл маводди мултимедиавӣ воситаҳои гуногуни ҳисси инсонро ба инобат мегирад» [203, с. 17]. Журналистон ба воситаи ин жанр ба узвҳои гуногуни ҳисси инсон таъсир мерасонанд. Пеш аз ҳама, ба матни пурэҳсос ҳисси раҳму шафқат, бадбинӣ ё баръакс, меҳрубониро дар вуҷуди хонанда метавон ба вуҷуд овард. Наворҳо аз ҷойи воқеа хонандаро бевосита шоҳиди он мегардонанд ва садои пуртаъсири иштирокдорон воқеаро ба ӯ аз забони шахси якум мерасонад. Расмҳои гуногун, слайд-шоу манзараи зиндаро пешорӯ намоён мекунанд. Истифодаи воситаҳои интерактивӣ бошад, хонандаро водор мекунад, ки дар сохтани мавод бевосита иштирок кунад, ё худ шакли маводро интихоб намояд. Ҳамаи ин боиси он мегардад, ки хонанда ба мавод вобаста гардад ва онро то ба охир мутолиа намояд. Ба андешаи Н. Ткачук ва А. Горбунова «Аз боло ба поён назар давонда, лаззати лонгридро фаҳмида намешавад. Дар ин сурат он филмеро мемонад, ки аввалу охирашро тамошо кардаему қаҳрамонон, сужаҳо ва воқеаҳо нодида монданд» [234]. Хислати дигари лонгрид он аст, ки мавзуи он куҳна намешавад. Баъди чандин солҳо низ онро монанди китоб метавонем дубора саҳифагардонӣ кунем ва маънӣ бардорему аз воқеаҳо огоҳии пурра пайдо намоем, зеро лонгрид дар мавзуе навишта мешавад, ки аз он аллакай ҷомеа хабар дорад. Таърихи давлатдории Тоҷикистони навин мавзуи хубест барои таҳияи лонгрид.

Яке аз вижагиҳои асосии итернет, ки аудитория ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд, ҷустуҷӯ тавассути калидвожаҳост. Вақте нафаре ба Тоҷикистон мутаваҷҷеҳ мешавад, ҳатман тавассути сомонаҳои ҷустуҷӯйӣ дар бораи ин кишвар маълумот мегирад. Воқеист, ки маводди видеоӣ аз матн дида ҷолибтар аст ва ҳам бинандаро шоҳиди бевосита мекунад, аз ин сабаб наворро бештар интихоб менамоянд. Сомонаи маъмул дар пахш намудани маводди видеоӣ ин YouTube аст ва мо низ барои дастрас намудани маводди ба мавзуи

мо дархӯр маҳз инҷо ҷустуҷӯ намуда, навори бадастомадаро аз нигоҳи жанрӣ таҳлил кардем. Ҳангоми ҷустуҷӯ (16.05.2025) бо калимаи «Тоҷикистон» чанд навор пешорӯ мегардад, ки бештарашон очеркҳои сафарӣ ва сафарнома мебошанд. Ин гуна мавод, аслан аз ҷониби журналистон ва блогероне, ки ба саёҳат машғуланду контенти сайёҳӣ пеш мебаранд, омода гардидааст.

Маводди дарёфтшуда дар ташаккули имиҷи мусбат ва манфии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Ҳарчанд барномаҳои дарёфтшуда аз ҷониби журналистони ҳирфаӣ таҳия нагардидаанд, аммо унсурҳои жанрии очерк ва сафарнома дар онҳо ба осонӣ мушоҳида мегардад. Масалан, маводди таҳиянамудаи ду тан блогнавис аз Калининград –Игор ва Анастасия [340], ки сафари ғайриинтизори худро дар бораи Тоҷикистон бозгӯй мекунанд, аз чанд ҷиҳат жанри сафарномаро мемонад. Чунончи, муаллифон мегӯянд: «Мо аслан, ба Ӯзбекистон омадем ва дидем, ки Тоҷикистон он қадар дур нест. Дар Telegram-и худ навиштем, ки ба Тоҷикистон меравем ва моро аз роҳ мезананд. Мегуфтанд, ки онҷо хатарнок аст, ҳама валангор, онҳо ҳамсарҳади Афғонистонанд, ба ҷони худ ҷабр накунед, аммо мо омадем. Бубинед! Магар инҷо хатаре ҳаст. Инҷо зебоӣ, ободӣ ва табиати нотакрор дорад» [340]. Аз ин бармеояд, ки сафари «меҳмонон» ғайринақша буда, барномаи онҳо дар заминаи дидаву мушоҳидаҳои сафар таҳия шудааст. Ин хислати асосии сафарнома мебошад. Ба андешаи муҳаққиқ Н.Ш. Бозорзода «Дар сафарнома муаллиф ҳатман аз ҷое ба ҷое сафар мекунад ва таассуроти сафари хешро бомаҳоратона инъикос менамояд» [195, с. 25].

Барномаи мазкур Тоҷикистонро аз бисёр ҷониб муаррифӣ карда, муаллифон борҳо таассуроти мусбати худро тавассути сухан иброз мекунанд: «Дар Душанбе нефт ёфта бошанд? Бовар кунед, дар ҳайрат мемонӣ. Ин ҳама зебоиҳоро кай офаридаанд. Ин шаҳри тамоман нав аст!» [325]. Суханони ба ин монанд аз ҷониби блогерон зиёд садо медиҳанд. Махсусан, онҳо кӯшиш мекунанд, ки стереотипҳои мавҷударо дар бораи Тоҷикистон бартараф созанд. Вақте Игор аз Настя мепурсад, ки тасаввуроти ту дар бораи Душанбе чӣ хел

буд, қоил шав. Ӯ ҷавоб медиҳад, ки зери таъсири анбуҳи маълумоти беасос ман фикр мекардам, ки мо ба ягон шаҳри вайрона меравем ва бо таассуроти на он қадар хуб бармегардем, аммо бовар кунед, ба кӯчаҳои шаҳр ворид шуда, дар ҳайрат мондам. Ҳамчунин, дар тааҷҷуб аз он аст, ки чаро дар интернет маълумоти мусбат дар бораи ин кишвар кам буда, ҳамаи ин аз фазои интернетӣ дур мемонанд. Таъкид менамояд, ки ин зебоиҳоро мардум бояд сурат намегиранду навор бардоранд ва ба ҷаҳониён пешниҳод кунанд. Аз тамошои ин мавод чунин хулоса кардан мумкин аст, ки бо вуҷуди кӯшишҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилои зарурӣ дар бораи Тоҷикистон тавассути интернет кам интишор мешавад. Лозим ва зарур аст, ки дар ин самт корҳои боз ҳам зиёдтар анҷом дода шаванд.

Дар сомонаҳои интернетӣ дар баробари сафарнома очеркҳои сафарӣ низ ба назар мерасад, ки аксар аз ҷониби блогнависони машҳур омода гардидаанд. Аз ҷумла, таҳияи сарошпаз ва блогнавис Коте Оганезов зери унвони «Таджикистан: Правда о таджикской еде и рынках, о стране и людях. Невероятное гостеприимство Душанбе» [389] дар шабакаи YouTube (@koteoganezov) [389] намуна аз чунин очеркгунаҳо аст. Коте бо наворҳои ҷолиб, маҳорати суханварии хосса, назари нек, ки аз табассуми доимӣ ва чеҳраи кушодаш аён аст, маҳорати баланди пазандагӣ, тавонистааст таваҷҷуҳи бинандагонро хуб ҷалб намояд. Махсусан, барномаи аз Тоҷикистон таҳияшудаи ӯ дар муддати 1 сол 2.3 млн маротиба тамошо гардидааст. Хатти инъикосу тасвир дар барнома аз бозори «Меҳргон» оғоз гардида, муаллиф мавзеъҳои зебои шаҳри Душанберо тамошокунон ба тарабхонаи «Помир» ворид мешавад ва бо сарошпаз самбӯса тайёр мекунад. Сипас, дар деҳаҳои кишвар ҳамроҳи бонувон чаппотӣ ва кулча мепазад, ки ниҳоят ҷолибу диданӣ аст. Ба назар чунин мерасад, ки мавод аз ҷониби гурӯҳи калони эҷодии ҳирфаии телевизионӣ таҳия гардидааст.

Таассуроти муаллиф дар поёни навор низ таъсиргузор аст: «Тоҷикистон барои ман як орзуи дерина ва пурасрор буд, вале дар ниҳоят ин кишвар беш аз

тасаввуру интизориҳои ман гардид. Кишваре, ки дар оғӯши кӯҳҳои хокистарранг, дар Помири бузургу хирад, дар саҳроҳои гулҳо печонда шудааст» [389]. Дар идома изҳор мекунад, ки Тоҷикистон барояш бегона нанамуда, балки чун зодгоҳ буд. Обу ҳавои Тоҷикистон дар назараш аҷиб намуда, таомҳои болаззат ва одамони олиҷанобро дарёфтааст, ки бо ӯ самимӣ муносибат кардаанд. Ӯ ба аудиторияи худ тавсия медиҳад, ки дар Душанбе сайру гашт кунанд ва мегӯяд, ки ин шаҳри хурдакакро боғҳои бепоён фаро гирифта, шуморо ба сайру гаштҳои дуру дароз даъват мекунад ва мардуми ин ҷо мисли гулҳои ҳақиқӣ бо либосҳои дурахшонтарин ва нақшдор печонида шудаанд. Бозори марказии шаҳрро зиёд тавсиф намуда, ташрифи сайёҳонро ба он ҷо ҳатмӣ медонад, зеро аз одамони он ҷо маълумоти зиёд ҷамъоварӣ намудан мумкин будааст. Ҳамчунин, дар охир нимшухиву нимҷиддӣ изҳор менамояд, ки тавсия медиҳам, бо меъдаи холӣ равед, зеро ҳама кӯшиш мекунанд, ки ба шумо ғизо диҳанд!

Таъсири рафтору гуфтори баранда ба бинанда ниҳоят зиёд аст. Маҳорати Коте ва назари неки ӯ боиси он гардидааст, ки дар поёни навор зиёда аз панҷ ҳазор шарҳ навишта шавад, дар ағлаби онҳо Тоҷикистон, мардуми тоҷик, меҳмоннавозиву меҳмондӯстии шаҳрвандон тавсиф шудааст. Воқеан, маҳорати гуфтору рафтори баранда дар раванди таҳияи мавод ҷузъи муҳим маҳсуб меёбад. Чунончи, муҳаққиқ М Муродӣ зикр мекунад: «Табиист, ки журналист тавассути матн ва гуфтор ба шуури омма таъсир мерасонад, барои дарки масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ва ҳалли онҳо мусоидат мекунад, оммаро ба фаъолмандӣ ва дахолат намудан ба ҳаёти иҷтимоӣ, саҳм гузоштан дар инкишофи ҷомеа даъват менамояд» [96, с. 71-72]. Гуфтаҳои муҳаққиқ Б. Камолиддинов низ ин ҷо бамаврид мебошад: «Бидуни риояи пурраи талаботи сабки публитсистика, мо рӯзноманигорон ҳеҷ гоҳ вазифаи ҷамъиятии хешро ба таври бояду шояд иҷро нахоҳем кард» [60, с. 4].

Маълум аст, ки шуғли блогерӣ аз фаъолияти журналистӣ фарқ мекунад ва маводди блогнависон дар интернет ҳеҷ гоҳ бо матолиби ВАО дар як сатҳ қарор

надорад, чунки фаъолияти блогерон касб нест, балки шуғл аст, ки ба хотири фоида анҷом мешавад. Аммо мушоҳидаву таҳлилҳои фазои интернетӣ нишон медиҳад, ки бинандагони саҳифаи блогнависон аз истеъмолгарони маводди воситаҳои ахбори омма зиёдтар аст. Албатта, дар ин муқоиса, сухан сари он блогнависоне меравад, ки аз сабку услуб ва кори журналистӣ бохабар буда, бо контенти мушаххас, аудиторияи муайян, ҳадафу мақсадҳои дақиқ, ҷолибияти кор фаъолияти худро пеш мебаранд. Дар ана ҳамин фазо контенти сайёҳӣ рушд намуда, жанри очерки сафари ва сафарнома дар фазои интернетӣ мавқеи хосса пайдо кардааст. Ин ҳодиса дар замоне ба миён омад, ки аудиторияи интернетро дӯстдори иттилои кӯтоҳ меҳисобем, аммо рӯз то рӯз рушд намудани сафарномаҳои видеоӣ дар интернет ва ҳатто тариқи силсила пешниҳод намудани чунин матолиб шаҳодати он аст, ки ҷомеаи имрӯза на аз пушти маводди кӯтоҳ, балки думболи маводди самимӣ, ҳаётӣ ва воқеӣ аст. Ба аудиторияи имрӯза суханварии беэҳсос, навори сохта, мусоҳиби ҳисоботдиҳанда, маводди аз воқеият дур писанд нест. Аудиторияи имрӯз шавқманди маводест, ки муаллифи он бевосита иштирокдори воқеа гардидаасту бо матолиби худ бинандаро шоҳиди воқеа мекунад. Дар меҳвари чунин мавод доимо инсон меистад ва боварии аудиторияи имрӯза, маҳз тавассути бренди фардии муаллифи матлаб ба роҳ монда мешавад. Он чизе ки дар воситаҳои ахбори оммаи тоҷик, махсусан, телевизион намерасад, ин чеҳраҳои мушаххаси муаррифгари ВАО, бренди фардии журналист ва баранда аст, ки иртиботу боварииро миёни бинандагон ва телевизион ба роҳ монад.

Мавқеи шахс, имиҷ ва бренди инфиродии блогнависони сайёҳ сабаб шудааст, ки ба маводди таҳиянамудаашон таваҷҷуҳ бештар шуда, барои ҳузури онҳо ба ҳар кишвар ва таҳияи сафарномаҳо аз дидаву шунидаҳо пурра мусоидат карда мешавад. Ҳузури ду нафар сайёҳи форсзабон Ҳусейну Ника дар рӯзҳои ҷашни Наврӯзи Тоҷикистон (соли 2025) ва таҳияи силсилаи очеркҳои сафариву анонсҳои тарғиботӣ, ки бо истилоҳ онҳоро дар интернет «shorts» меноманд, далели гуфтаҳои болост. Ин блогнависон Тоҷикистонро дар 12 барнома, ки ҳар

кадомаш аз 40 дақиқа то 2 соатро фаро мегирад ва 6 shorts-у лавҳаи кӯтоҳ таърих, анъана, расму русум, фарҳанг, зебоиву имконоти шаҳру деҳот, мавзеъҳои сайёҳӣ, меҳмоннавозии тоҷиконро пурра инъикос намудаанд. Ҳусейну Ника аввал ҷашни Наврӯзи тоҷиконро бо тамоми анъанаву махсусияташ дар шаҳри Душанбе наворбардорӣ намуда, сипас, ба шаҳру навоҳӣ ва инфросохторҳои сайёҳии кишвар рафта, бинандаро шоҳиди дидаву шунидаҳои сафараш мекунанд. Ин вижагиҳои жанри очерки сафарӣ буда, муҳаққиқон дар ин бора васеътар шарҳ додаанд: «...очерки сафарӣ бо он ки як соҳаи васеи маконӣ ва муддати замониро дар бар мегирад, вале дар тули ҳама замону макон фақат ва фақат ба матолибе сару кор мегирад, ки ҳадафи мушаххаси нависандаи очеркро иброз дорад. Ва ин ҳадаф ғолибан дорои ҳадафи иҷтимоӣ ва манофеи миллӣ мебошад, ки ҳамин мушаххас будан мавзуи онро аз сафарнома ҷудо мекунад» [146, с. 53].

Саҳифаи блогнависони номбурда (@PersianExplorers) соли 2021 таъсис ёфта, то (18.05.2025) 55, 1 ҳазор аъзо дорад. Чунончи, дар шарҳи саҳифаашон навиштаанд, мақсад муаррифӣ ва ба роҳ мондани дӯстӣ миёни кишварҳост: «Дар ин шабака дур аз таассуби миллӣ, нажодӣ, мазҳабӣ ва сиёсӣ, фарҳанг, таърих ва ҷозибаҳои кишварҳо ва миллатҳои гуногунро ба намоиш мегузорему нуқтаи назар ва таҷрибаи мардумро инъикос мекунем. Орзую ҳадафи мо тарғиби дӯстиву ваҳдат дар ҷаҳон ва аз байн бурдани таассуб аст. Мо Ҳусейн ва Ника, як ҷуфти сайёҳем, ки ба ғайр аз кори пурраи худ дар ин соҳа, ҳеҷ гоҳ имкони саёҳат дар ҷаҳон ва густариши таҷрибаи худро аз даст намедиҳем ва мо аз мубодилаи ин таҷрибаҳо бо шумо хурсандем». Омадани ин ду нафар форсзабон ба Тоҷикистон баъди сафари Президенти Ҷумҳурии исломии Эрон ба Тоҷикистон сурат гирифта, мақсад густариши дӯстӣ буда, дар баробари ин имкони хуби муаррифии Тоҷикистон миёни форсзабонони дунё ба шумор меравад. То ин дам дар бораи Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ асосан онҳое, ки забони муошırати байнидавлатӣ – русӣ балад буданд, ҳарф мезаданд. Дар фазои интернетӣ Тоҷикистонро аз маводди блогерони русзабон мешинохтанд.

Ҳузури Ҳусейну Нико равзанаи Тоҷикистон ба форсизабонони дунё гардида метавонад, ки ҳам дар Эрон ва ҳам дар Амрикою Аврупо хеле реша давондаанд.

Дар баробари сафарномаву очеркҳое, ки дар муаррифии Тоҷикистон ва ташаккули имиҷи мусбати он мусоидат мекунанд, ҳамчунин, маводди танқидӣ низ дар бораи Тоҷикистон дар қолаби жанрҳои номбурда кам нестанд. Бояд қабул кард, ки гузоштани проблема ва танқиди созанда барои ҳама жанрҳои публитсистӣ ва аз ҷумла, очерку сафарнома низ хос аст, яъне ҳадаф танҳо таъриф нест, камбудиҳоро ҳам бояд дид ва инъикос кард. Бахусус, дар сафарнома нишон додани ҳақиқати сафар аз вижагии асосӣ дониста мешавад. Ба ин мазмун, «Хосияти асосӣ дар баъзе аз ин гуна сафардидаҳо он аст, ки муаллифи зирак ҷузъиёти нодир ва падидаҳои номатлубро низ ошкор менамояд» [56, с. 126]. Инъикоси камбудиҳо ва танқиди созанда имкон медиҳад, ки проблемаҳои барои дигарон аён аз ҷониби мо бартараф шавад. Масалан, он чи ки дар бораи Хоруғи Бадахшони Тоҷикистон ва дигар навоҳии ин минтақа Миша Ронкаинен дар навори худ бо номи «Треш-трип в Таджикистан: автостоп ишака, афганский рынок и жизнь в горячем источнике» [404] инъикос кардааст, шаҳодати он аст, ки имрӯз Тоҷикистонро дар ҷаҳон бештар бо номи Помир ҳамчун боми ҷаҳон мешиносанд ва бештари сайёҳони кӯҳнавард фатҳи қуллаҳои Бадахшонро орзу доранд, аммо аз инъикоси аснои сафар ва аз ишораву шарҳҳои дидаву шунидаҳои Миша аён аст, ки ин минтақа ба боздиду рушди инфрасохторҳои сайёҳӣ эҳтиёҷ дорад. Таваҷҷуҳи хосса ба рушди бренди «Помир – боми ҷаҳон», ки аллакай дар тасаввури шаҳрвандони кишварҳои пасошуравӣ мавҷуд аст, барои Тоҷикистон манфиати зиёд оварда метавонад. Чун ин минтақаи Тоҷикистон ҳамсарҳад бо Афғонистон аст, мифҳо дар бораи хатарҳои ин минтақа бештар паҳн мегарданд, худи Ронкаинен ҳам Хоруғро ҳамчун нуқтаи хатарнок интихоб намудааст, чунончи дар шарҳи блоги худ навиштааст, ӯ ба ҷойҳои хатарноктарини ҷаҳон қадам мемонад: «Ман инстинкт барои худҳифзкунӣ надорам..., бинобар ин сафарҳо ба кишварҳои хатарноктаринро интихоб мекунам» [404].

Сафарномаи блогер-сайёҳи дигар Сергей Прусаков зери унвони «Таджикистан. Памир. Путешествие на крышу мира» аз он далолат мекунад, ки таваҷҷуҳи сайёҳонро маҳз кӯҳҳои сарбафалаки Бадахшон ҷалб менамояд. Сергей чанд маротиба изҳор мекунад, ки ба «Боми ҷаҳон» баромадан орзуи деринааш аст. Бо эҳсоси зиёд изҳор мекунад, ки дар ин ҷо яке аз роҳҳои баландтарини кӯҳсор — роҳи Помир мегузарад. Ин ҷо омада, дар назди худ мақсад гузоштааст, ки ба нуқтаи баландтарини он – ағбаи Ак-байтал - ба баландии 4655 метр барояд. Бо таъкидҳои пайваста изҳор менамояд, ки ҳадафи асосии сафари имрӯзааш маҳз расидан ба ана ҳамин баландиҳост.

Дар аснои сафар ҳама дидаву шунида бозтоб мешавад, аммо блогнавис шарҳу тавзеҳ надода, хулосаро ба бинанда ҳавола менамояд, зеро мақсади сафараш ҳамин аст. Сергей одатан, дар охири барнома хулоса мекунад ва дар поёни навор хулосаҳояшро менависад. Дар бораи Тоҷикистон низ аз бардоштҳояш менависад, ки аён аст, на ҳар кадоми шумо Тоҷикистонро барои истироҳат интихоб мекунед. Ва... беҳуда. Охир, дар Тоҷикистон зебоӣ, маданияти бой ва меҳмоннавозӣ ниҳон аст. Дар ин ҷо яке аз роҳҳои баландтарини кӯҳсор – роҳи Помир мегузарад... [385].

Аз таҳлилҳои маводди интернетӣ бармеояд, ки жанрҳои публитсистию бадеӣ дар интернет рушд намуда, тадриҷан мавқеъ пайдо мекунанд. Бо вуҷуди ин бояд эътироф кунем, ки оҷилият хислати асосӣ ва муҳимми интернет ба шумор меравад. Маҳз ҳамин хислат боиси зиёд шудани ҳаводорони шабакаву сомонаҳои интернетӣ мегардад. Интернет имкон медиҳад, ки аз иттилои рухдода аз дилхоҳ гӯшаву канори дунё ҳамон лаҳза бохабар бошем, балки тариқи онлайн шоҳиди раванди ҳодиса гардем. Ин аст, ки жанрҳои иттилоотӣ дар интернет вижагӣ ва имконоти бештар пайдо намудаанд.

Сомонаи ширкати телевизионии байнидавлатии «Мир», ки шабакаи асосии телевизионӣ миёни давлатҳои ИДМ мебошад, дар бораи Тоҷикистон хабарҳои зиёд нашр мекунад. Маводди иттилоотии сомонаи мазкур кишвари моро аз ҳар ҷониб миёни ИДМ муаррифӣ намуда метавонад. Муваффақияту пешравиҳои

тамоми соҳаҳои кишвар мадди назари сомонаи мазкур буда, бештар дар қолаби жанри хабар мунъакис мегарданд. Матни хабар бо иловаи расми мувофиқ ба мавзуъ чоп мешавад, ки муаллифи расм дар бисёр маврид кормандони ШТ «Мир» мебошанд. Масалан, 16-уми декабри соли 2018 зери унвони («Руҳи таърих: Гулдӯзии миллии Тоҷикистон ба феҳристи ЮНЕСКО шомил намуданд») «Дух истории: национальную вышивку Таджикистана внесли в список ЮНЕСКО» [301] хабари кӯтоҳ нашр гардидааст, ки аз пазируфта шудани чакан ба рӯйихати ЮНЕСКО иттилоъ дода, дар баробари ин аз нозукиҳои ҳунари дастии мардуми тоҷик сухан меравад. Дар расм тарроҳи машҳури тоҷик Хуршед Сатторов бо коллексияи чакании худ инъикос шудааст. Услуби пешниҳоди хабар дар сомонаи ШТ «Мир» аз сомонаҳои давлатии дохили кишвар фарқ мекунад. Барои муқоиса хабари қабул гардидаи чаканро ба рӯйхати мероси фарҳангии ЮНЕСКО дар сомонаи «Мир» ва «Ховар» дида мебароем. Сомонаи АМИТ «Ховар» ин итилоъро нисбати ШТ «Мир» барвақттар – санаи 30-юми ноябри соли 2018 зери унвони «Чакан ба рӯйхати мероси ғайримоддии башарият ворид карда шуд! Дар ин бора 29 ноябр қарори ЮНЕСКО ба тасвиб расид» [412] нашр намуда, дар он расми се бонуи тоҷики чаканпӯш ва дар пасманзарашон чодари чакандӯзӣ тасвир шудааст. Хабарҳои «Ховар» ҷузъиёти такрор доранд. Баъди сарлавҳа ҳамоно як сухан аз забони шахси сеюм ва баъдтар аз ҷониби шахси якум гуфта мешавад: «ЮНЕСКО – Идораи илму фарҳанги Созмони Милали Муттаҳид дар иҷлосияи солонааш дар Маврикий «чакан» – як навъи гулдӯзии тоҷикиро ба Рӯйхати мероси фарҳангии ғайримоддии башарият шомил кард. Дар ин бора имрӯз вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО Шамсиддин Орумбекзода ба АМИТ «Ховар» хабар дод.

Кумитаи ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии ЮНЕСКО – Идораи илму фарҳанги Созмони Милали Муттаҳид 29 ноябр дар ҷаласаи солонааш

дар Маврикий чакан – як навъи гулдӯзии маъмул дар ҷануби Тоҷикистонро ба Рӯйхати мероси фарҳангии ғайримоддии башарият шомил кард...».

Оғози хабари сомонаи «Мир» ҷолибтар буда, сархати дуюми он баръакси иттилои такрории сомонаи «Ховар» маълумоти тозаест, ки дар сомонаи «Ховар» мавҷуд нест [412]: «Чакан гулдӯзии тоҷикӣ ба феҳристи ЮНЕСКО шомил шуд. Нақши миллиро садҳо сол боз дар байни занони минтақаҳои кӯҳсори ҷумхурӣ истифода мебаранд, хабар медиҳад мухбири МИР 24 Заррина Абдуназарова.

Ороиши дурахшон, кори дастӣ. Тарроҳ Хуршед Сатторов дар либосҳои худ аз гулдӯзии миллӣ истифода мекунад. Коллексияи нави ӯ ба қарибӣ дар ҷазираи Маврикий, ки дар он ҷо сессияи ЮНЕСКО барпо гардид, пешниҳод шуд. Ба мутахассисон махсусан рӯйпӯш таассуроти калон бахшид. Дар замонҳои пеш ҳар тоҷикдухтар барои тӯй чунин гулдӯзӣ мекард».

Дар идомаи ҳарду хабар дар бораи чакан маълумоти мухтасар пешниҳод мешавад, аммо ҳар кадом бо услуби хосса. Масалан, сомонаи «Мир» маълумотро аз забони тарроҳ Хуршед Сатторов, ки бевосита дар намоиш иштирок доштаасту ба дӯхтани либосҳои чаканӣ машғул аст ва роҳбари бахши либосҳои ансамбли рақсии миллӣ Сайдалӣ Гадоев меорад. Сомонаи «Ховар» бошад, ишора мекунад, ки сомонаи ЮНЕСКО дар бораи чакан чи гуфтааст. Аз ин бармеояд, ки кормандони сомонаи «Мир» барои таҳияи хабари кӯтоҳ ҳам заҳмат мекашанд. «Ховар» бошад, дар такя ба маълумоти дастрасшуда мавод омода мекунад. Дар баробари ин дар таҳияи хабарҳо имконоти интернет аз ҷониби кормандони сомонаи «Мир» фарох истифода мешавад. Масалан, чанд калимаи хабар, ки калимаҳои калидии хабарҳои ҳамсонанд, бо ранги сабз намудор шудааст, бо интихоби калимаҳо метавонем хабари дигари ба ин монандро, ки бевосита дар бораи Тоҷикистон аст, дастрас намоем. Дар ҷумлаи «Қаблан палави суннатии тоҷикон – оши палав ба феҳристи ЮНЕСКО шомил шуда буд.» Калимаи «ворид шуд»-ро интихоб намуда, метавонем, дар бораи ба рӯйхати ЮНЕСКО ворид шудани хӯроки миллии оши палов маълумот гирем

[395]. Тавассути он хабар калимаи «плов»-ро интихоб намуда, бо хабари «Дар Тоҷикистон ҷашнвораи оши палов оғоз мешавад», ки соли 2015 нашр шудааст, рӯ ба рӯ мешавем. Ин усул имкон медиҳад, ки дар бораи урфу одат, анъана ва расму русуми тоҷикон хонанда маълумоти силсилавиро ба даст биёрад, ки дар муаррифии кишвар беаҳаммият нест. Амалӣ намудани ин таҷриба дар сомонаи «Ховар» ва таҷрибаҳои дигаре, ки сомонаи «Мир» ва «Спутник» дар пешниҳоди жанрҳои хабарӣ истифода мебарад, манфиати бештар дорад, зеро хазинаи иттилоотии муаррификунандаи АМИТ «Ховар» нисбатан васеъ буда, хонанда метавонад силсилаи маълумотро яке паси дигар пайдо намояд. Ҳар қадар дар бораи самтҳои гуногуни кишвар маълумот бештар пешниҳод гардад, ҳамон қадар имконияти муаррифии он зиёд мешавад.

Сомонаи «Спутник» усули болоро дар таҳияи хабарҳо васеъ истифода бурда, дар баробари ин барои хонанда вобаста ба иттилои мавриди таваҷҷуҳаш маводди зиёд пешниҳод менамояд. Барои тақвияти фикр чанд хабарро таҳлил мекунем. Хабари кушода шудани Академияи Кембриҷ дар Тоҷикистонро сомонаи ОИ Спутник (https://tj.sputniknews.ru/) зери унвони «Рахмон открыл в Душанбе Кембриджскую академию» [420] дар қолаби жанри хабари кӯтоҳ нашр кардааст. Баъди сарлавҳа, ки дар боло овардем, расми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо толибилмон дар лаборатория – синфхонаи академияи мазкур лид ҷой дорад, ки аз масоҳат ва имконоти фарогирии шумораи хонандагон иттилоъ медиҳад. Пас аз он иттилои асосӣ, яъне кушодани Академияи Кембриҷ аз ҷониби Президент ва раиси шаҳри Душанбе зикр гардида, порчае аз суханронии ҷаноби олӣ ҳангоми кушодашавии академия, ки аз матни асосӣ ҷудо шуда меистад, иқтибос шудааст: «Сарвари давлат зимни суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Академия зикр намуд, ки Ҳукумати кишвар тамоми имкониятҳоро истифода бурда, барои таҳсилу тарбия шароити мусоид фароҳам меорад, то насли наврас соҳиби донишу касбу ҳунарҳои замонавӣ гарданд» [420]. Аз мазмуни ин иқтибос

бармеояд, ки роҳбарияти кишвар ба сармояи инсонӣ таваҷҷуҳи хосса дошта, баҳри тарбияи ҳамаҷонибаи захираҳои зеҳнӣ талош менамояд.

Ба ғайр аз матн дар мавод чор расми дигар пайиҳам ҷой дода шудааст, ки ҳангоми зер намудани ишораи давомнокӣ метавонем расмҳои дигарро бинем. Дар поёни расмҳо ба сарчашма – «Пресс-служба Президента Республики Таджикистан« ишора гардидааст. Бо интихоби ин сарчашма якбора ба сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шуда метавонем. Сомона ба қавле вазифаи сафарбариву роҳбаладиро иҷро мекунад.

Хабар бо таъкиди зерин анҷом меёбад: «Дар мактаб тибқи стандартҳои давлатии таълимии Тоҷикистон ва Британияи Кабир таълим ба забони англисӣ ба роҳ монда шуда, раванди таълим бо истифода аз технологияҳои пешрафтаи иттилоотӣ сурат мегирад» [420].

Махсусияти пешниҳоди мавод дар сомонаи Спутник дар он аст, ки дар робита ба хабари интихобгардида, дар мобайн поёни мавод чанд хабари ҳамсон пайдо мешавад. Масалан, дар поёни хабари таҳлилшуда, расми зебои нахустин гузаргоҳи сеқабата дар Душанбе ҷой дорад, ки таваҷҷуҳро якбора ба худ мекашад ва зери он унвони хабар оварда шудааст: «Рахмон открыл первую в Таджикистане трехуровневую эстакаду» («Раҳмон нахустин гузаргоҳи сеқабатаро дар Тоҷикистон ифтитоҳ кард»). Баъди он сарлавҳаи ду хабари дигар ҷой дорад, ки бо интихоби онҳо бо шакли пурраи хабар метавонем шинос шавем: «К 1 сентября готовы: Рахмон открыл новую школу в Душанбе«, Китайская компания безвозмездно построит в Таджикистане три школы« («Омодагӣ ба 1 сентябр: Раҳмон дар Душанбе мактаби нав боз кард», «Ширкати чинӣ дар Тоҷикистон се мактабро ройгон месозад»)

Дар дохили матн баъзе калимаҳои калидӣ бо рангҳои фарқкунанда ишора мешаванд, ки бо интихоби онҳо низ хабарҳои тоза пешорӯ пайдо мегарданд. Чунончи, дар поёни ин ду хабар боз анонси зерин оварда шудааст: «Хатмкунандагон ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи таҳсили онҳоро тибқи стандартҳои давлатии Британияи Кабир ва Тоҷикистон мегиранд. Онҳо

метавонанд таҳсили худро дар донишгоҳҳои Аврупо, ИМА ва Ҷопон идома диҳанд.

Тавре дар хабари матбуотии дафтари матбуотии раисҷумҳур гуфта мешавад, беҳтарин омӯзгорон аз Тоҷикистон ва Британиёи Кабир барои тадрис ба ин Академия даъват шудаанд.

Раисиҷумҳури Тоҷикистон ёдовар шуд, ки ахиран дар Хоруғ Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ифтитоҳ ёфт.» Бо интихоби ибораи ишоратии «в Хороге» хабари дигаре бо унвони «Эмомалӣ Раҳмон, Раисиҷумҳури Тоҷикистон, дар шаҳри Хоруғ ду бинои нахустини Донишгоҳи Осиёи Марказиро ифтитоҳ кард», «Президент Таджикистана Эмомали Рахмон открыл в Хогоре первые два здания Университета ЦА» [356] падид меояд. Бо хондани ин хабар бо хабарҳои дигар ва калидвожаҳои дигаре рӯ ба рӯ мешавем ва ин занҷираи хабарҳо силсилавор идома ёфта, дар бораи Тоҷикистон маълумоти васеътар пешниҳод мегардад. Ин имконоти интернет ва истифодаи васеъ аз усули силсилавӣ аз ҳар ҷониб Тоҷикистонро муаррифӣ менамояд.

Аз гурӯҳи жанрҳои хабарӣ дар самти муаррифии давлат дар баробари жанри хабар, мусоҳиба нисбатан серистифода аст. Мусоҳибаҳо дар интернет ҳам дар формати видеоӣ ва ҳам дар шакли матн пешниҳод мешаванд. Дар формати видео бештар дар сомонаи расмии шабакаҳои телевизионӣ пешниҳод мегарданд, чунки мусоҳибаи таҳияшуда аввалан, дар телевизион пахш мешавад, сипас, дар сомонааш. Аз ҷумла, мусоҳибаи таърихии Пешвои миллат дар ТВ СММ маҳз барои телевизиони СММ таҳия гардида, сипас, сомонаи расмии шабакаҳои телевизионӣ онро дар саҳифаи худ бознашр намуданд. Аз ҷумла, ТВ «Сафина» (https://www.youtube.com/watch?v=BP1yte_4UO4), ТВ «Синамо» (https://sinamo.tv/video/377-musoibai-tarihii-peshvoi-millat-bo-habarnigori-televizioni-smm.html).

Аз матолиби дар қолаби жанрҳои хабарӣ таҳияшуда, сомонаҳои расмии иттилоотӣ, ки онҳо дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон таъсир гузошта метавонанд, камтар истифода мебаранд. Аз ҷумла, дар қолаби чандрасонаӣ кам

андар кам мавод ёфтан мумкин аст, махсусан, маводде ки дар муаррифии Тоҷикистон таъсиргузор бошад. Ин гуна маводдро танҳо дар сомонаи «Азия-Плюс» метавон дарёфт. Дар бахши «Лоиҳаҳои махсус»-и [325] ин сомона вобаста ба мавзуъҳои гуногун лоиҳаҳои хос мавҷуд аст, ки дар қолаби мултимедиавӣ омода гардидаанд. Ҳарчанд дар чунин мавод ба навор бартарӣ дода шудааст, аммо унсурҳои дигари формати мултимедиавӣ низ кам нест. Дар ин формат пешниҳод намудани жанри репортаж, ки тавонад дар ташаккули нуфузи Тоҷикистон нақш гузорад, ҷолибу тамошобоб мебошад. Аз ҷумла, лоиҳаи «Made in Tajikistan – что мы производим, куда отправляем» [325] , ки дар қолаби жанри репортаж таҳия гардида, дар формати мултимедиавӣ пешниҳод мешавад, дар муаррифии молу маҳсулот ва хизматрасониҳои ватанӣ бетаъсир нест. Инро аз рӯйи шумораи бинандагони мавод маълум намудан мумкин аст. Масалан, бахши аввали барнома, ки дар бораи фаъолияти ширкати ватании истеҳсоли нушокиҳо «Сиёма» нақл мекунад, 325 ҳазор маротиба тамошо шудааст. Ин аз он далолат мекунад, ки таваҷҷуҳи аудитория ба маводди мултимедиавӣ зиёд аст ва бо истифода аз ин ҳолат журналист метавонад таъсирнокии маводдашро бештар намояд. Агар мавзуи онҳо аз пешравиҳои давлат бошад, дар ташаккули имиҷи кишвар бетаъсир намемонад. Лоиҳаи номбурда аз соли 2020 роҳандозӣ шуда, то соли 2024 11 бахш пешниҳод гардидааст. Чунонки, аз номаш маълум аст, он муаррифгари ширкатҳои ватанӣ мебошад. Дар 11 бахш ширкати «Сиёма», истеҳсоли пойафзол аз бренди «Azam», ширкати «Оби Зулол», корхонаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонии «LEGA», сехи «ОРТЕКС», ширкати истеҳсоли орду равғани «Фаровон», системаи «MIT», корхонаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокаи «Sardor», фабрикаи нассоҷии «Арвис», корхонаи истеҳсоли тилло ва нуқра, маҳсулоти ватанӣ бо бренди «Юникорн» ва раванди кор дар онҳо аз ҷониби блогнавис Рафоэл Гулов, журналистон Субҳон Ҷалилов ва Алина Валаматзода нишон дода мешавад. Чунончи маълум аст, иштироки бевоситаи журналист дар раванди репортаж ҷолибияти онро дучанд мегардонад. Дар репортажҳои сомонаи «Азия-Плюс»

ин ҷиҳат хуб кор гирифта мешавад. Масалан, дар бахше, ки фаъолияти фабрикаи нассоҷии «Арвис» муаррифӣ мегардад, Субҳон Ҷалилов бевосита ба дохили корхона даромада, тамоми нозукиҳои раванди омодашавии маҳсулотро нишон медиҳад, сатҳу сифат ва ҳаҷми онҳоро аз мутахассисон ва кормандон мепурсад. Ӯ маҳсулоти омодашударо ба бинанда муаррифӣ намуда, таъкидан хотиррасон мекунад, ки онҳо аз ашёи хоми ватанӣ дар дохили кишвар омода мешаванд. Ин усул имкон медиҳад, ки Тоҷикистон чун давлати саноатӣ муаррифӣ гардад. Дар оғози репортаж журналист Субҳон Ҷалилов бо мақсади таблиғи маҳсулоти ватанӣ бо истифода аз матни таблиғотӣ изҳор мекунад, ки саноати нассоҷӣ дар Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятнок ва манфиатовар аст ва дар Тоҷикистон ҳамагуна шароит барои истеҳсол, барои равнақ додани соҳа вуҷуд дорад: «Мо ҳоло дар даромадгоҳи фабрикаи нассоҷии «Арвис» қарор дорем ва ин ҷо намунаи хуби маҳсулоти нассоҷӣ истеҳсол мешавад, ки фикр мекунам барои бозори ҷаҳонӣ низ маҳсулоти комилан рақобатпазир аст» [290]. Маводди дар доираи лоиҳаи «Made in Tajikistan – что мы производим, куда отправляем» таҳияшуда, ба ғайр аз маводди видеоӣ, ҳамчунин, матнҳои кӯтоҳ ва расм низ доранд. Матнҳо асосан, ба хроника, ки «кӯтоҳтарин шакли хабар аст» [166, с. 89], монандӣ доранд, аммо моҳияти репортажро бозгӯй мекунад. Репортаж, хроника ва расм як маводди хуби мултимедиро ташкил кардаанд.

Чи тавре ки маълум аст, жанрҳои таҳлилӣ ва публитсистӣ-бадеӣ хосияти бештари боваркунонӣ ва таъсиррасонӣ доранд. Хусусияти таъсиррасонии ин гурӯҳи жанрҳо ва табиати таъсиргузории маводди чандрасонаӣ журналистро ба ҳадаф боз ҳам наздиктар менамояд. Дар ин қолаб офаридани мавод барои имиҷсозии давлат манфиати зиёде ба бор оварда метавонад, аммо дар фазои интернетии Тоҷикистон аз ин қолаб ками дар кам кор мегиранд.

Аз таҳлилу таҳқиқ ва омӯзиши хусусиятҳои жанрии барномаҳои телевизионӣ самти имиҷсозӣ, таҳлили маводди сомонаҳои интернетӣ ва муқоисаи онҳо бо шабакаҳои телевизионӣ моро чунин хулоса овард:

1. Барои баланд бардоштани имиҷи кишвар ТВ «Тоҷикистон» бештар аз жанрҳои иттилоотии хабару ҳисобот ва Телевизиони «Ҷаҳоннамо»-ю Телевизиони «Варзиш» аз репортажу мусоҳиба бештар истифода мекунанд.

2. Миёни гурӯҳи жанрҳои хабарӣ репортаж дар тарғибу ташвиқи воқеа ва руйдодҳои имиҷсоз имконоти бештар дорад, аммо истифодаи он дар телевизион камтар аст.

3. Жанри табсира дар фавран ташкил намудани шарҳҳои сиёсӣ доир ба масъалаҳои муҳим ва ҳассоси имиҷсоз мувофиқ ва созгор мебошад, аммо имрӯз дар телевизионҳои кишвар ин жанр қариб, ки во намехӯрад.

4. Дар таҳияи филмҳои ҳуҷҷатӣ ва мустанад аз усулҳои касбии замонавӣ бояд бештар истифода кард. Корбурди усулҳои нав мебояд майлу завқи аудиторияро ба дидани филмҳо бедор намуда, аз як тараф, ба баланд гардидани ҳисси хештаншиносӣ, ватандӯстӣ ва ҳувияти миллии ҷавонон, аз ҷониби дигар, барои муаррифии Тоҷикистон ва ташаккули имиҷи давлат таъсир расонанд. Навори аксари филмҳои телевизионии, ки мавриди таҳлили мо қарор гирифт, такрорӣ буда, таваҷҷуҳи бинандаро кам ҷалб мекунанд ва миёни онҳо тафовут гузоштан душвор аст. Аз ин рӯ, филмсозонро зарур аст, ки дар таҳияи филмҳои телевизионӣ, хусусан, филмҳои муаррификунандаи дастовардҳои кишвар ва иқдомҳои сарвари давлат бо диди ҷадид ва ҳирфаӣ муносибат кунанд.

5. Имконоти интернет аз дигар воситаҳои ахбори омма бештар бошад ҳам, масъулини сомонаҳои давлатӣ талабот ва услуби вижаи маводдсозиро дар интернет ба назар нагирифта, матолибро дар қолабҳои анъанавӣ дар сомонаҳо мегузоранд.

6. Сомонаҳои «Азия-Плюс», «Мир», «Спутник» дар таҳияи мавод дар қолаби жанрҳои гуногун аз тамоми имконоти интернетӣ истифода намуда, истифодабарандаро якбора ба дунёи иттилоот ворид карда, таваҷҷуҳашро ба даст мегирад.

# ХУЛОСА

Баъд аз пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ ҷумҳуриҳои дар ҳайати он буда Истиқлолияти сиёсӣ ба даст оварданд. Аксари ҷумҳуриҳо рӯ ба ташаккули давлати мустақил ниҳода, арзишҳои миллии худро эҳё ва шаклу шеваҳои муаррифии онҳоро ҷӯё шуданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ шуруъ гардид. Ин ҷанг вазъиятеро ба вуҷуд овард, ки Тоҷикистони тозаистиқлол дар воситаҳои ахбори оммаи ватаниву хориҷӣ ҳамчун давлати ҷангзадаву бесубот, транзити маводди мухаддир, нуқтаи даргири терроризму экстремизм, миллати гурезаву қашшоқ муаррифӣ мешуд. Дар ВАО, бахусус, расонаҳои сатҳи байналмилалӣ дар хусуси дорои таъриху фарҳанги ғанӣ будани тоҷикон сухане садо намедод. Ба ин тариқ, то сулҳи тоҷикон зуҳури имиҷи Тоҷикистон ба таври стихиявӣ сурат мегирифт.

Ҳарчанд дар даҳсолаи аввали соҳибистиқлолии кишвар ниҳодҳои масъул ва воситаҳои ахбори омма барои ҳифзи эътибори кишвар талош кардаанд, аммо дар самти имиҷсозӣ стратегия ва консепсияи мушаххасе набудааст. Танҳо баъд аз солҳои 2000-ум дар самти имиҷсозии давлат қадамҳои устувор гузошта шуд, ки дар саргаҳи он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон меистад.

Дар замони муосир таваҷҷуҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди имиҷсозӣ ва ташаккули имиҷи давлат зиёд гардида, равишҳои мушаххас дар ин самт муайян шуданд. Имиҷи мусбати давлат тадриҷан шакл гирифта, эътимоду эътиқоди ҷомеаи ҷаҳонӣ ба кишвари мо нисбатан баланд гардид. Дар самти ҳамкориҳо имконоти васеъ ба даст омад. Дар ин раванд воситаҳои ахбори омма, махсусан, телевизион ва сомонаҳои интернетӣ нақши муҳим доранд. Дар асри иттилоот телевизион ва сомонаҳои интернетии давлатӣ кӯшиш намудаанд, ки бо намоишҳои босифат ва нақшаи муайяни стратегии имиҷсозӣ фазои иттилоотии дохили кишварро таъмин ва ба ин васила дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ мавқеъ пайдо кунанд. Дар натиҷаи талошҳо маълумот дар бораи

Тоҷикистон аз дасти якум пешниҳоди ҷомеаи ҷаҳонӣ гардида, ба арзишҳо ва имконоти кишвар таваҷҷуҳи бештар зоҳир мешавад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи нақши воситаҳои ахбори омма дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон ба мо имкон дод, ки ба чунин натиҷаҳо расем:

1. Имиҷ ва имиҷсозӣ мисли ҳама падидаҳои замон аз умқи таърих сарчашма гирифта, ҳанӯз аз давраҳои қадим ҳар давлат барои боло бурдани мавқеъ ва манзалати худ роҳҳои гуногунро интихоб менамудааст. Дар замони муосир барои боло бурдани нуфузу эътибори давлатҳо консепсияи мушаххас ва усулҳои ҳирфаӣ коркард шудааст, ки бо истилоҳ имиҷелогия ё имиҷсозӣ ном дорад. Дар муаррифии тамоми давлатҳо аз ин илм ба таври васеъ истифода мекунанд. Ҳарчанд дар давлатдории Тоҷикистон унсурҳои имиҷсозӣ ва равишҳои мушаххас мушоҳида мегардад, аммо дар фазои илмии кишвари мо моҳияту мафҳуми имиҷ ва имиҷсозии давлат аксар маврид бо PR ва тарғиботи ошкоро омехта мегардад [1-М; 7-М; 9-М 26-М].

2. Телевизион ва интернет чун воситаи муқтадири таъсиррасон, дар раванди имиҷсозии давлат нақши намоён доранд. Махсусан, амалисозии вазифаҳои иттилоотӣ, иҷтимоӣ ва тарғиботии воситаҳои ахбори омма имкон медиҳад, ки ҳадафҳои имиҷсозӣ хуб ва босифат анҷом ёбанд. Ин аст, ки аз ҷониби ҳукумати кишварҳои гуногун ба рушди соҳаи телевизион ва интернет эътибори ҷиддӣ зоҳир мегардад [2-М; 4-М; 10-М; 11-М; 13-М; 14-М; 15-М; 17-М; 23-М].

3. Дар раванди ташаккули имиҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон имконоти геополитикӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ, захираҳои табиӣ ба назар гирифта мешаванд ва дар такя ба он равишҳои гуногуни имиҷсозӣ истифода мегарданд [2-М; 6-М; 9-М; 16-М; 19-М; 28-М].

4. Сиёсати имиҷии Тоҷикистон дар як зумра санадҳои меъёриву ҳуқуқии кишвар ифода ёфта, барои ташаккули имиҷи кишвар заминаҳои ҳуқуқиро фароҳам овардааст. «Муроҷиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон», ки аз ҷониби Раиси Шурои Олии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 19-уми ноябри соли

1992 ироа гардид, сарчашмаи чунин аснод аст. Минбаъд заминаҳои ҳуқуқӣ дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтаанд. Ҳамчунин, қонунҳои соҳаи ВАО аз қабили Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳимояи иттилоот» ва ғайра ҳамчун асноди ҳуқуқӣ фаъолияти воситаҳои ахбори оммаро дар пахши арзишҳои миллӣ ва гиромидошти эътибору нуфузи давлат ба низом медароранд [1-М; 6-М; 10-М; 16-М; 19-М; 28-М; 30-М;].

5. Дар даҳсолаи аввали соҳибистиқлолии кишвар мавзуи муҳимме, ки доир ба Тоҷикистон дар ВАО инъикос гардидааст, сулҳ ва расидан ба он буд. Маҳз дар ҳамин давра журналистон чун сипоҳи пуштибони ватан тавонмандии неруи суханро нишон додаанд. Аз ҷумла, ягона шабакаи телевизиони давлатӣ-«Тоҷикистон» бо сареъияти пахш ва пурмуҳтавоии барномаҳои таҳлиливу публитсистӣ тавонистааст, афкори оммаро ба иттиҳоду сарҷамъӣ ва ормони расидан ба сулҳи воқеӣ майл диҳад [1-М; 4-М; 6-М; 8-М; 10-М; 19-М; 21-М].

6. Аккредитатсияи журналистони хориҷӣ ва имкон додан ба фаъолияти намояндагиҳои ВАО-и хориҷӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон ва раванди бобарори сулҳофарӣ боиси он гардидааст, ки иттилои воқеияти замон аз «дасти аввал» пешниҳоди ҷомеаи ҷаҳонӣ гардад. Дар ин замина эътиқоду боварӣ нисбат ба ҳукумати нав ва эҳтиром ба сарвари давлат – Эмомалӣ Раҳмон тадриҷан афзун гардидааст [5-М; 11-М; 14-М; 24-М; 27-М; 30-М].

7. Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари сулҳофар, башардӯст, ташаббускор, бунёдкор ва фарҳангсолор дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон нақши меҳварӣ дорад. Аксари иттилооти расонаҳои хориҷӣ, ки дар бораи Тоҷикистон таҳия ва пахш гардидаанд, ба корнамоӣ, ташаббус ва фаъолиятҳои босамари Президенти кишвар алоқаманданд [1-М; 5-М;10-М; 11-М; 12-М; 21-М; 22-М; 27-М; 30-М].

8. Баъди солҳои 2000-ум дар ВАО-и дохилӣ ва хориҷии кишвар мавзуи дигар тавъам бо номи Тоҷикистон маъмул гардид, ки он ташаббусҳои байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масоили об мебошад. Ташаббусҳои байналмилалӣ, ки зиёда аз ду даҳсола аз ҷониби Тоҷикистон идома дорад, давлати моро ҳамчун давлати ташаббускору муҳофизи сарватҳои табиӣ муаррифӣ менамояд. Талошҳои Ҳукумати кишвар барои дар сатҳи баланд гузаронидани конференсияву ҷаласаҳои гуногуни сатҳи минтақа, ҷаҳон ва ҷалби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаи муҳимми глобалии норасоии об боис гардидааст, ки дар телевизион ва сомонаҳои интернетӣ имиҷи Тоҷикистон чун давлати ташаббускор шакл гирифтааст [5-М; 6-М; 11-М; 19-М; 25-М; 27-М; 29-М; 30-М;].

9. Бунёди сохтмони НБО-и «Роғун», ки ҳамчун иншооти азими аср шинохта мешавад, аз мавзуъҳои асосии фазои расонаӣ гардидааст. Агар солҳои аввали эҳёи корҳои сохтмонӣ дар воситаҳои ахбори омма доир ба идома додани ин сохтмон муборизаҳои иттилоотӣ рух дода бошад, аммо баъдан бо талошҳои Ҳукумати Тоҷикистон, бевосита Президенти кишвар, ба кор андохтани агрегатҳои якуму дуюм тамоми монеаҳо аз миён рафта, дар телевизион ва сомонаҳои интернетии давлатҳои хориҷа нисбат ба ин сохтмони азим назарҳо нек гардида, ба истифода додани он на танҳо ба манфиати Тоҷикистон, балки барои минтақа арзёбӣ мешавад [4-М; 6-М; 11-М;12-М; 13-М; 27-М; 30-М].

10. Шабакаи ТВ «Тоҷикистон» пайваста сиёсати Ҳукумати кишварро тарғиб кунад ҳам, аммо дар таҳияи барномаҳо баъзан ба камбудиҳои касбӣ роҳ медиҳад, ки ба таҷриба ва донишу малакаи сиёсии журналистон вобаста мебошад. Махсусан, набудани шореҳони сиёсӣ дар шабакаҳои телевизионии ватанӣ, ки тавонанд вазъияти кишвар, минтақа ва ҷаҳонро саривақт бо далелҳои дақиқ шарҳ диҳанд. Набудани шореҳони худӣ боиси он мегардад, ки аудитория ба вазъи сиёсии замони худ тавассути назари дигарон воқиф шавад. Имиҷи сиёсии кишвар унсури асосии ташаккулдиҳандаи имиҷи давлат аст ва

шаклдиҳии он тавассути шабакаҳои телевизионӣ ва ҳамчунин, сомонаҳои интернетии дохилӣ манфиатовартар мебошад [1-М; 17-М; 20-М; 24-М; 29-М;].

11. Дар фазои интернетӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон чун кишвари сайёҳӣ муаррифӣ гардида истодааст. Ҳамчунин, инъикоси фарҳанг, хосса, меҳмоннавозӣ, либоси миллӣ, ҳунарҳои мардумии дастӣ ва ҷашнҳои миллӣ, аз ҷумла, Наврӯз, бартарӣ дорад ва вусъат меёбад [9-М; 12-М; 14-М; 25-М; 26-М; 28-М; 30-М].

12. Дар сомонаҳои интернетии кишварҳои ҳамсоя ва давлатҳои шарикони стратегӣ дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон кам мавод чоп мегардад. Он ширкатҳои телевизионие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагии худро фаъол кардаанд, танҳо дар саҳифаҳои тоҷикии сомонаҳои интернетӣ маводди кӯтоҳ нашр мекунанд. Дар саҳифаҳое, ки барои аудиторияи васеъ пешбинӣ гардидааст, доир ба арзишҳои кишвари мо мавод тамоман кам аст [5-М; 9-М; 11-М; 12-М; 18-М; 29-М].

13. Дар инъикос ва тарғиби воқеаҳои имиҷсоз аз қолаби жанрҳои хабарӣ, аз ҷумла хабару ҳисобот дар ТВ «Тоҷикистон» ва репортажу мусоҳиба дар шабакаҳои ТВ «Варзиш» ва «Ҷаҳоннамо» бештар кор бурда мешавад. Аз муқоисаи маводди иттилоотӣ дар контексти имиҷи давлат муайян гардид, ки дар раванди имиҷсозӣ жанри репортаж имконоти васеътар дорад [1-М; 15-М; 24-М; 29-М;].

14. Аз таҳлилу баррасиҳо бармеояд, ки бо вуҷуди имконоти бештари жанрҳои таҳлилӣ дар шабакаҳои телевизионӣ ба таҳияи намоишҳо дар қолаби ин гурӯҳи жанрҳо, бавижа табсира ва хулосаи матбуот кам таваҷҷуҳ мегардад. Дар замони муосир истифода аз имконоти ин жанрҳо ба мақсади ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва андешаи ҷомеа аз иттилои муғризона манфиатовар аст [2-М; 10-М; 15-М; 27-М].

15. Таҳияи филмҳои мустанад вобаста ба воқеаву ҳодисаҳои муҳимми таърихӣ дар шабакаи телевизионҳои кишвар тадриҷан мавқеи хосса пайдо кардааст. Чунин филмҳо дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон имконоти бештар ва

нақши муҳим доранд, танҳо дар таҳияи онҳо муносибати ҳирфаӣ ва заҳмати зиёдтар мебояд. Аз таҳлили муқоисавӣ муайян гардид, ки дар аксари ин филмҳо наворҳо такрор омада, боиси рух додани якрангӣ гардидааст [9-М; 13-М; 15-М; 17-М; 27-М].

16. Бо вуҷуди дарки он ки интернет дар фазои иттилоотӣ мавқеи хосса дорад, дар фазои Тоҷикистон имконоти он васеъ истифода намегардад, ки ин ба дониш ва фаҳмиши техникии кормандони сомонаҳои интернетӣ вобаста аст. Бештари мавод, ки аз матн иборатанд, дар қолаби жанру рӯзноманигории матбуотӣ пешниҳод шуда, наворҳо бошанд, айнан тарҳи телевизионианд. Ин усул вижагии мавoдди интернетиро рӯпӯш намуда, барои аудитория дилгиркунанда аст [4-М; 6-М; 7-М; 18-М; 20-М; 23-М; 24-М].

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз таҳқиқ ва арзёбиҳои анҷомгирифта бармеояд, ки доир ба нақши ВАО ва сомонаҳои интернетӣ дар ташаккули имиҷи давлати Тоҷикистон чанд мақола ва маърӯзаҳои илмӣ дар маҷмӯаҳои гуногун чоп шуда бошанд ҳам, то ҳол паҳлуҳои гуногуни мавзуи баррасишаванда мавриди омӯзиши монографӣ қарор нагирифтааст. Бояд қайд кунем, ки доираи баҳси мавзуи имиҷсозии давлат васеъ буда, месазад, ки атрофи он таҳқиқоти мукаммали илмӣ гузаронида шавад. Бо назардошти мушаххасоти мавзуи таҳқиқ дар диссертатсия кӯшиш шудааст, ки ҷанбаҳои назарӣ ва амалии имиҷ ва имиҷсозӣ дар заминаи маводди илмӣ ва матолиби ВАО мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шавад. Бинобар ин, дар заминаи натиҷагириҳо аз таҳқиқи мавзуъ барои истифодаи амалии он тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:

1. Ташаккули имиҷи давлат танҳо бо пахши иттилоъ муяссар намегардад, он равандест, ки дар натиҷаи омӯзиши ҳамаҷонибаи имконоти кишвар бо стратегияи мушаххаси муаррифии бартариҳо ба таври динамикӣ сурат мегирад. Ин усул зарурати таъсиси ниҳоди махсуси имиҷсозии давлатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён мегузорад. Бо неруи ин ниҳод консепсияи мушаххаси имиҷсозии Тоҷикистон таҳия ва татбиқи он дар ҳамкорӣ бо сохторҳои давлатӣ самаранок хоҳад шуд.

2. Маълум аст, ки дар раванди шаклдиҳии имиҷи давлат воситаҳои ахбори омма нақши муҳим мебозанд. Аз ин рӯ, дар факултету шуъбаҳои журналистика ба тайёр намудани журналистони ҳирфаии имиҷсоз таваҷҷуҳи хос намудан ва дар барномаҳои таълимии ихтисосҳои рӯзноманигорӣ ҷорӣ намудани фанни «ВАО ва имиҷи давлат»-ро зарур медонем.

3. Ба мақсади огоҳ шудан шудан аз раванди омодасозии кадрҳо дар самти имиҷсозии муосир, ташкил намудани мубодилаи таҷриба ва такмили ихтисоси омӯзгорони факултету шуъбаҳои журналистика дар марказҳои омӯзишии

хориҷи кишвар, махсусан давлатҳое, ки ба ташаккули имиҷи кишвари худ эътибори хосса медиҳанд, зарур мебошад.

4. Ба вуҷуд овардани шароит ва имконот барои такмили донишҳои сиёсии журналистон, сатҳи забондонӣ ва маҳорати касбии онҳо, баланд бардоштани малакаҳои техникии кормандони телевизион ва сомонаҳои интернетӣ барои дар сатҳи баланди касбӣ таҳия намудани барномаҳои ҳувиятсоз мусоидат мекунад.

5. Ташкили марказҳои намояндагии шабакаҳои телевизионии ватанӣ дар хориҷи кишвар ва таъмин намудани онҳо бо рӯзноманигорони забондон, дорои маърифати сиёсӣ ва касбӣ дар муаррифии дастовардҳои кишвар ва тарғиби ғояҳои мусбати имиҷсоз аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд.

6. Бознигарӣ ва такмили низоми фаъолияти шабакаи ТВ «Ҷаҳоннамо» ё таъсиси шабакаи телевизионии фаромиллӣ бо мақсади ҳамкориҳои пайваста бо расонаҳои хориҷӣ ва таҳияи мавод бо назардошти аудиторияи беруна бо ҳадафи ташаккули имиҷи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозои замон аст.

7. Бо забонҳои гуногуни хориҷӣ фаъол намудани саҳифаҳои сомонаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионӣ ва агентиҳои иттилоотӣ боиси васеъ гардидани доираи аудитория ва динамикаи имиҷи давлат хоҳад шуд.

8. Дар шакли рисолаи алоҳидаи диссертатсионӣ мавриди таҳқиқ қарор додани самтҳои гуногуни имиҷсозии давлат, махсусан, ташаккули имиҷи сулҳофарӣ ва ташаббускории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чун Пешвои сиёсӣ, нақш ва мавқеи расонаи мушаххас дар инъикос ва баррасии воқеиятҳои имиҷсоз ва тарғиби ғоя ва андешаҳои миллӣ арзишнок мебошад.

Дар маҷмуъ, нақши воситаҳои ахбори омма, бахусус, телевизион, сомонаҳои интернетӣ ва оҷонсиҳои иттилоотӣ дар инъикоси воқеиятҳо ва андешаҳои имиҷсоз қобили мулоҳиза мебошад. Кори диссертатсионии мо ибтидои таҳқиқи мушаххас дар ин самт маҳсуб ёфта, таҷриба бояд мавриди таваҷҷуҳи донишмандон, унвонҷӯён ва алоқамандони соҳа қарор гирад. Он чи ки дар доираи таҳқиқ ба анҷом расонида шуд, аз масъалаҳои мубрами соҳа буда, дурнамои мавзуи таҳқиқии диссертатсияро собит менамояд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## А) РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

### I. Қонунҳо ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ:


1. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ [Матн] // Маҷмуаи «Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон дар соҳаи воситаҳои ахбори омма». – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 7
2. Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар [Матн] // Маҷмуаи «Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон дар соҳаи воситаҳои ахбори омма». – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 7.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mmk.tj/
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» [Манобеи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mmk.tj/
5. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» [Матн] // Маҷмуаи «Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон дар соҳаи воситаҳои ахбори омма». – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 24-35.
6. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз 24.02.2017 с., №1407 [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/Legislation/961_tj.pdf
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ» аз 02.01.2019 с., №1574 [Манобеи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mmk.tj/
8. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, таҳти №451 [Манобеи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mmih.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=32904#:~:text=

9. Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2012, таҳти №755 [Манобеи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mmih.tj/SEARCH/DocumentView? DocumentId =118607
10. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 [Манобеи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/main/view/4255/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston
11. Сратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Манобеи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/main/view/2104/strategiyai-millii-rushdijumhurii-tojikiston-baroi-davrai-to-soli-2030

**II. Адабиёти илмӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ:**

12. Абдуллоев, М.А. Таджикская публицистика и национальная идентичность (посл. четверть XIX – первая половина XX века [Матн] / М.А. Абдуллоев. – Душанбе, 2014. – 309 с.
13. Абдуллозода, М.А. Средство массовой информации арабских стран. Учебное пособие [Текст] / М.А. Абдуллозода, Н.Н. Салихов, А.А. Рахимов, Ш.Б. Муллоев. – Душанбе: РТСУ, 2019. – 156 с.
14. Абдусаломова, Р. Телевизион оинаи зиндагист [Матн] / Р. Абдусаломова. – Душанбе, 2002. – 143 с.
15. Азимов, А. Воқеияти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Сино, 2000. – 185 с.
16. Азимов, А. Таърихи ташаккули радиои тоҷик [Матн] / А. Азимов – Душанбе: Матбуот, 2005– 26 с.
17. Азимов, А. Маҳорати журналисти таҳлилгари телевизион [Матн] / А. Азимов. – Душанбе, 2013. – 88 с.
18. Азимов, А. Публитсистика ва воқеият [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Шарқи озод, 2020. – 143 с.

19. Азимов, А. Информационное сопровождение внешней политики (на примере Республики Таджикистан) [Текст] / А. Азимов, Ф. Салимов. – Душанбе: Шарқи озод, 2025. – 39 с.
20. Акинина, Р.Д. Продвижение итальянских брендов в мире: инновационные приемы [Текст] / Р.Д. Акинина. – Бо-Бассен – Роз-Хилл: LAP LAMBERT Academic publishing, 2020. – 89 с.
21. Ализода, А.Х. Нақши баранда дар барномаҳои радио ва телевизион (Дастури таълимӣ) [Матн] / А.Х. Ализода. – Душанбе: Балоғат, 2019. – 280 с.
22. Ализода, С. Маслаки мо ҳақ [Матн] / С. Ализода. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 160 с.
23. Аскар, З. Таджикское телевидение от первых опытов до цифрового вещания [Текст]: монография / З. Аскар. – Душанбе: ТНУ, 2023. – 181 с.
24. Асрорӣ, В. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик (фолклори тоҷик) [Матн] / В. Асрорӣ, Р. Амонов. – Душанбе: Маориф, 1980. – 304 с.
25. Атоев, А. Инфокоммуникационный анализ транзитного потенциала Таджикистана [Текст] / А. Атоев, М. Зафаров // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2015. – №2 (45). – С. 144-156.
26. Баротов, И.И. Роҳҳо ва воситаҳои баланд бардоштани имиҷи байналхалқии давлат [Матн] / И.И. Баротов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №6. – С. 276-283.
27. Баҳромзода, М.З. Бозтоби масъалаҳои об дар радиои «Ховар» [Матн] / М. З. Баҳромзода. – Душанбе: Истеъдод, 2024. – 240 с.
28. Берд, П. Социально-психологические факторы профессиональной подготовки государственных служащих [Текст] / П. Берд. – М., 1998. – 112 с.
29. 25 қадам дар паҳнои олам [Матн] / зери назари С. Аслов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 220 с.

30. Бжезинский, З. Великая шахматная доска [Текст] / З. Бжезинский. – М.: АСТ, 2014. – 702 с.
31. Бозаджиев, В.Л. Политическая психология [Текст]: учебное пособие для студентов высших учебных заведений / В.Л. Бозаджиев. – М.: Издательский дом Академии Естествознания, 2015. – 391 с.
32. Булаева, М.Н. Мультимедийный лонгрид как новый журналистский формат [Текст] / М.Н. Булаева // Журналистский ежегодник. – 2015. – №4. – С. 121-123.
33. Ворошилов, В.В. Журналистика. Базовый курс [Текст]: учебник / В.В. Ворошилов. – СПб.: Издательство Михайлова В. А., 2004. – 5-е издание. – 704 с.
34. Гавра, Д.П. Анализ и обобщение существуещих концептуальных методологических подходов в сфере государственного имиџирования для различных целевых аудиторий (аналитическая записка) [Текст] / Д.П. Гавра, И.Д. Демидова, Е.С. Савицкая [и др.]. – СПб., 2008 – 245 с.
35. Галумов, Э.А. Имидж и дипломатия [Текст] / Э.А. Галумов // Информация. Дипломатия. Психология. – М.: Известия, 2002. – С. 159-170.
36. Галумов, Э.А. PR в международных отношениях [Текст] / Э.А. Галумов // Информация. Дипломатия. Психология. – М.: Известия, 2002. – С. 171-184.
37. Галумов, Э.А. Имидж против имиджа [Текст] / Э.А. Галумов. – М.: Известия, 2005. – 551 с.
38. Гринберг, Т.Е. Образ страны или имиџ государства: поиск конструктивной модели / Т.Е. Гринберг // Медиаскоп. – 2008. – №2. – С. 43-47
39. Грушин, Б.А. Социология массовых коммуникаций [Текст] / Б.А. Грушин. – М.: Наука, 1979. – 350 с.

40. Гулов, С. Истиқлолият ва журналистикаи тоҷик [Матн] / С. Гулов. – Душанбе: Маориф, 2025. – 168 с.
41. Давлатов, Р. Ваҳдату ягонагӣ – омили пешрафти ҷомеа [Матн] / Р. Давлатов // Ваҳдат, давлат, Президент. – Душанбе: Истеъдод, 2020. – Ҷ. 32. – С. 219-224.
42. Давронов, Д. Ҷаҳони муосир: мавқеи симо ва садо [Матн] / Д. Давронов, Ҷ. Раҳмонова. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 156 с.
43. Дефлюр, М. Теория массовой коммуникации [Текст] / М. Дефлюр, С. Болл-Рокеач. – М.: Гардарики, 2000. – 528 с.
44. Джанджугазова, Е. Маркетинг туристических территорий [Текст] / Е. Джанджугазова. – М., 2006. – 224 с.
45. Достиев, А. Тоҷикистон – шикастанҳо ва бастанҳо [Матн] / А. Достиев. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 224 с.
46. Еременко, А.Ю. Современные теоретические подходы к построению имиҷа государства в российской политической науке [Текст] / А.Ю. Еременко // Проблемный анализ и государственно-управленческое проектирование. – 2012. – №1. – С. 133-136.
47. Забиров, Р. Гидроэкология [Текст] / Р. Забиров. – Душанбе, 2014. – 232 с.
48. Замятин, Д. Н. Гуманитарная география: Пространство и язык географических образов [Текст] / Д. Н. Замятин. – СПб.: Алетейя, 2003. – 331 с.
49. Замятин, Д.Н. Культура и пространство. Моделирование географических образов [Текст] / Д. Н. Замятин. – М., 2006 – 795с.
50. Зверинцев, А.Б. Коммуникационный менеджмент: Рабочая книга менеджера PR [Текст] / А.Б. Зверинцев. – 2-ое изд., испр. – СПб.: Союз, 1997. – 576 с.
51. Зелинский, С.А. Информационно-психологическое воздействие на массовое сознание [Текст] / С А. Зелинский. – СПБ., 2008. – 404 с.

52. Зокиров, Г.Н. Сиёсатшиносӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. Нашри сеюми такмилёфта. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 520 с.
53. Имиджелогия. Как нравиться людям [Текст] / под редакцией В.М. Шепеля. – М.: Народное образование, 2002. – 576 с.
54. Имомзода, М. С. Усули таҳқиқ [Матн] / М. С. Имомзода, С. Маҳдӣ, Б. Қутбиддин. – Душане, 2019. – 200 с.
55. Имомзода, М.С. Роҳнамои ҷомеаи иттилотӣ [Матн] / М.С. Имомзода, Ҷ. Садуллоев. – Душанбе, 2021. – 80 с.
56. Информация. Дипломатия. Психология [Текст] / ответственный редактор Ю.Б. Кашлев. – М.: Известия, 2002. – 616 с.
57. Исмоилзода, З.Б. Жанрҳо ва баъзе қолабҳои нав дар журналистика [Матн] / З.Б. Исмоилзода. – Душанбе, 2019. – 172 с.
58. Кайковус, У. Қобуснома [Матн] / У. Кайковус. – Душанбе: Маориф, 2016. – 240 с.
59. Калмыков, А.А. Интернет-журналистика [Текст] / А.А. Калмыков, Л. А. Коханова. – М., 2005. – 90 с.
60. Камолиддинов, Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд (нуқсонҳои забони аҳли матбуоти тоҷик). [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Нашриёти «Дунёи дониш», 2015. – 400 с.
61. Кенҷаев, С. Табаддулоти Тоҷикистон [Матн] / С. Кенҷаев. – Душанбе: Фонди Кенҷаев, 1993. – 496 с.
62. Ким, М.Н. Журналистика: методология профессионального творчества [Текст] / М.Н. Ким. – СПб.: Издательство Михайлова В. А., 2004. – 495 с.
63. Колесниченко, А.В. Длинные тексты (лонгриды) в современной российской прессе [Текст] / А.В. Колесниченко // Медиаскоп. – 2015. – Вып. 1.
64. Коммуникация. Социологические аспекты [Текст] / редактор М. С. Кармин. – М.: Прогресс, 1975. – 272 с.

65. Корконосенко, С.Г. Теория журналистики: моделирование и примирение [Текст] / С.Г. Корконосенко. – М.: Логос, 2010. – 244 с.
66. Котлер, Ф. Основы маркетинга / Ф. Котлер; перевёл на русский язык: В. Б. Бобров. – М.: Прогресс, 1990. – 657 с.
67. Краткий психологический словарь [Текст]: сборник / под редакцией А.В. Петровского, М.Г. Ярошевского. – М.: Политиздат, 1985. – 431 с.
68. Кучарова, Н.А. Эмомалӣ Раҳмон – таконбахши НБО-и «Роғун» [Матн] / Н.А. Кучарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №10. – С. 267-271.
69. Қуддус, Ҷ. Жанрҳои журналистикаи телевизион [Матн] / Ҷ. Қуддус. – Душанбе, 2003. – 48 с.
70. Қуддус, Ҷ. Асосҳои журналистикаи телевизион [Матн] / Ҷ. Қуддус. – Душанбе, 2008. – 62 с.
71. Лазутина, Г.В. Жанр и формат в терминологии современной журналистики [Текст] / Г.В. Лазутина // Вестник Московского университета. Серия 10: Журналистика. – 2010. – №6. – С. 20-21.
72. Лассуэл, Г. Структура и функции коммуникации в обществе. [Текст]: Коммуникация. Социологические аспекты / Г. Лассуэл. – М.: Прогресс, 1975. – С. 37-58.
73. Лебедева, Т.П. Имидж государства в мировом политическом пространстве: структурные модели формирования [Текст] / Т.П. Лебедева, Т. А. Михайленко // Вестник Московского университета. Серия 21: Управление (государство и общество). – 2011. – №1. – С. 13-27.
74. Лябухов, И.В. Формирование позитивного имиджа Российской Федерации на международной арене: возможности и потенциал МИД России [Текст] / И.В. Лябухов // Вестник Томского государственного университета: Философия. Социология. Политология. – 2012. – №3. – С. 14-28.

75. Маджидзода, Р. Отображение развития таджикско-узбекских отношений в СМИ Республики Таджикистан [Текст] / Р. Маджидзода – Душанбе: Дониш, 2024. – 120 с.
76. Маккуэл, Д. Теория массовой коммуникации [Текст] / Д. Маккуэл. – 5 изд. – М.: Весь мир, 2008. – 624 с.
77. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд – Ҷ. II. Фасли 4 [Матн]. – Душанбе, 2021. – 424 с.
78. Маслова, В.М. Сфера PR в маркетинге [Текст]: учебное пособие / В.М. Маслова, И.М. Синяева, В.В. Синяев. – М.: Юнити-Дана, 2017. – 384 с.
79. Медовкина, Л.Ю. Роль СМИ в формировании имиджа государства [Текст] / Л.Ю. Медовкина // Журнал исторических, политических и международных исследований. – Донецк, 2015. – №1(55). – С. 122-129.
80. Мирзоалӣ, С. Нақши журналистикаи байналхалқӣ дар ташаккули имиҷи мусбати давлат [Матн] / С. Мирзоалӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №8. – С. 259-265.
81. Музаффарзода, М. Ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат дар ҳалли мушкилоти глобалии марбут ба об [Матн] / М. Музаффарзода, У. Давлатзода. – Душанбе: КВД «Тоҷикдипсервис», 2017. – 63 с.
82. Муқим, Ҷ. Мақоми жанрҳо дар радиои «Озодӣ» [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе: Деваштич, 2000. – 76 с.
83. Муқим, Ҷ. Журналистикаи чандрасонаӣ [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2019. – 167 с.
84. Муқимов, М.А. Ҷанги иттилоотӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотӣ / М.А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – Душанбе: Сино, 2017. – 4/2. – С. 266.-271

85. Муқимов, М.А. Инъикоси нафратангезӣ ва миллатгаройӣ дар ВАО [Матн] / М.А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – №2. – С. 275-287.
86. Муллоев, Ш.Б. СМИ как инструмент реализации информационной политики Таджикистана на современном этапе (на примере газеты «Минбари халк») [Текст] / Ш.Б. Муллоев, И.Г. Божко // Вестник Педагогического университета. – 2018. – №4 (76). – С. 156-160.
87. Муллоев, Ш.Б. Модель личности таджикского журналиста: характерные черты и особенности [Текст] / Ш.Б. Муллоев // Вестник университета (Российско – Таджикский (Слявянский) университет). – Душанбе, 2023. – №1 (79). – С. 131-139
88. Муродӣ, М. Публитсистикаи тоҷик [Матн] / М. Муродӣ. – Душанбе: Аржанг, 2021. – 574 с.
89. Муродӣ, М.Б., Салимзода О. Асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ [Матн]: китоби дарсӣ / М.Б. Муродӣ, О. Салимзода. – Душанбе: Донишварон, 2022. – 360 с.
90. Муродӣ, М. Таҳқиқи публитсистии НБО-и Роғун (дар заминаи маводди «Садои Шарқ» – 1974-1990) [Матн] / М. Муродӣ // Паёмномаи фарҳанг. – 2023. – №2 (62). – С. 83-95.
91. Муродӣ, М.Б. Тарғиби Наврӯз ҳамчун бренди сайёҳӣ дар матбуоти даврии тоҷик [Матн] / М.Б. Муродӣ, М. Абдуллоева // Пайванд. Номаи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон. – 2023. – №1 (51). – С. 69-74.
92. Муродӣ, М. Таҳлили хулосавии асарҳои публитсистӣ доир ба кандани нақб ва таҷдиди шоҳроҳҳо [Матн] / М. Муродӣ // Бозтоби бунёди иншоотҳои азим ва ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар публитсистикаи муосир. – Душанбе: Истеъдод, 2024. – С. 28-62.
93. Муродӣ, М.Б. Сотсиологияи журналистика (Китоби дарсӣ) [Матн] / М. Б. Муродӣ. – Душанбе: Мулквар, 2025. – 252 с.

94. Муродов, М.Б. Сотсиологияи журналистика [Матн] / М. Б. Муродов. – Душанбе: Истеъдод, 2012. – 192 с.
95. Муродов, М. Журналистикаи чандрасонаӣ: масъалаҳои таълим ва омодасозии мутахассисон [Матн] / М. Муродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2013. – №4/3 (113). – С. 259-263.
96. Муродов, М. Асосҳои эҷоди журналист [Матн] / М. Муродов. – Душанбе, 2014. – 325 с.
97. Муродов, М. Б. Сотсиологияи журналистика (Воситаи таълимӣ) [Матн] / М. Б. Муродов. – Душанбе: Истеъдод, 2020. – 240 с.
98. Муродов, М.Б. Асосҳои эҷоди журналистӣ (Китоби дарсӣ) [Матн] / М.Б. Муродов. – Душанбе, 2021. – 360 с.
99. Мусо, Ш. Телевизион ва радиои Тоҷикистон дар масири таърих (чашмандозе ба таърихи Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн] / Ш. Мусо. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – 196 с.
100. Мухтори, К. Социальная коммуникация и СМИ: формирование общественного мнения [Текст] / К. Мухтори. – Душанбе, 2021. – 140 с.
101. Мумъинҷонов, З. Жанрҳои хабарии журналистикаи телевизион [Матн] / З. Муъминҷонов. – Душанбе, 2011. – 66 с.
102. Муъминҷонов, З. Махсусияти жанрҳои иттилоотию таҳлилии телевизион [Матн] / З. Муъминҷонов. – Душанбе, 2015. – 120 с.
103. Назария ва методологияи ваҳдати миллӣ [Матн]. – Душанбе: Дониш, 2007. – 376 с.
104. Назаршоева, С.Ф. Политика Республики Таджикистан по формированию международного имиджа страны и особенности его восприятия в России [Текст] / С.Ф. Назаршоева // Дневник Алтайской школы политических исследований. – 2017. – №33. – С. 151-162.
105. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими Истиқлолияти давлатӣ [Матн]. – Душанбе, 2019. – 384 с.

106. Нгуен, Т. Образ России во вьетнамской сетевой журналистике (2001-2015 гг.) [Текст] / Т. Нгуен. – М., 2017. – 22 с.
107. Низомулмулк. Сиёсатнома [Матн] / Низомулмулк. – Душанбе: Адиб, 1998. – 200 с.
108. Нуралиев, А. Жанрҳои ахбории матбуот [Матн] / А. Нуралиев. – Душанбе, 2009. – 146 с.
109. Нурӣ, С.А. Оштинома [Текст] / С. А. Нурӣ. – Душанбе, 2001. – 360 с.
110. От книги до интернета. Журналистика и литература на рубеже нового тысячелетия [Текст] / редакторы: Я. Н. Засурский, Е.Л. Вартанова. – М., 2000. – 256 с.
111. Охунзода, Н. Таҷассуми корзори НБО-и «Роғун» дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» [Матн] / Н. Охунзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №10. – С. 389-400.
112. Панасюк, А.Ю. Я – ваш имиджмейкер и готов помочь сформировать ваш профессиональный имидж [Текст] / А.Ю. Панасюк. – 2-е изд., испр. – М.: Дело, 2004. – 240 с.
113. Панасюк, А.Ю. Формирование имиджа: стратегия, психотехнологии, психотехники [Текст] / А.Ю. Панасюк. – 3-е изд., стер. – М.: Омега-Л, 2009. – 265 с.
114. Панкрухин, А.П. Имидж страны: смена парадигмы. Взгляды из Канады, России, Великобритании и Латвии [Текст] / А.П. Панкрухин, А.Ю. Игнатьев // Корпоративная имиджелогия. – 2008. – №02 (03). – С. 8-15.
115. Панфилов, О. Таджикистан: журналисты на гражданской войне (1992-1997) [Текст] / О. Панфилов. – М.: Права человека, 2003. – 564 с.
116. Пешвои миллат – Лидер нации (Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ) [Матн]. – Душанбе, 2016. – 256 с.
117. Пешвои муаззами миллат. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими Истиқлолияти давлатӣ [Матн]. – Душанбе, 2019. – 384 с.
118. Платон. Государство [Текст]. – М.: Либроком, 2012. – 538 с.

119. Почепцов, Г.Г. Имиджелогия [Текст] / Г. Г. Почепцов. – М.: Смарт Бук, 2009. – 575 с.
120. Прохоров, Е.П. Введение в теорию журналистики (Учебник для студентов ВУЗов, обучающихся по направлению и специальности «журналистика») [Текст] / Е.П. Прохоров. – М.: Издательство МГУ, 2005.
121. Райт, Ч. Функциональный анализ и массовая коммуникация [Текст] / Ч. Райт // Социология массовой коммуникации. – М.: Наука, 1975. – С. 209-230.
122. Рахмонов, Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации [Текст] / Э. Рахмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – Том 4. – 568 с.
123. Раҳмон, Э. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 1995. – 208 с.
124. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди аввал [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 512 с.
125. Раҳмон, Э. Мурочиат ба халқи шарифи Тоҷикистон, аз 12.12.92 // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2002. – С. 4-7.
126. Раҳмон, Э. Суханронӣ дар мубоҳисаҳои умумии сиёсии Иҷлосияи 54-уми Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид, сентябри соли 1999 [Матн] // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷ. 3. – С. 194-203
127. Раҳмон, Э. Ҷавоб ба саволҳои радиои СММ, сентябри соли 1999. Ҷ. 3 [Матн] // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: Ирфон, 2002. – С. 204-212.
128. Раҳмон, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (китоби сеюм) [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 259 с.
129. Раҳмонзода, А. Ҳаёт, адабиёт, воқеият [Матн] / А. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – 388 с.

130. Раҳмонов, А. Пиндорҳои асотирӣ дар адабиёти тоҷикӣ (Маҷмуаи мақолаҳо) [Матн] / А. Раҳмонов. – Душанбе: Диловар ДДМТ, 1999. – 196 с.
131. Раҳмонов, Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, Ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди 1 [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 512 с.
132. Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикистон: даҳ соли Истиқлолият, Ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз 3 ҷилд [Матн] / Э. Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 704 с.
133. Ризоён, Ш. Малакаи таҳлилӣ барои журналистон: имконият ва дурнамо [Матн] / Ш. Ризоён // Таҳлили журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад (Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ). – Душанбе, 2022. – С. 19-23.
134. Роғун (Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ) [Матн] / мураттиб Х. А. Сафарзода. 2016. – 47 с.
135. Рожков, И.Я. Бренды и имиджи: страна, регион, город, отрасль, предприятие, товары, услуги [Текст] / И.Я. Рожков, В.Г. Кисмерешкин. – М.: РИП-холдинг, 2006. – 255 с.
136. Сабуров, А. Информационное измерение внешнеполитического процесса в Таджикистане (1993-1995 г.г.) [Текст] / А. Сабуров, З. Сайидзода. – Душанбе: НИАТ «Ховар», 2007. – 59 с.
137. Саибназарова, Ш.М. Периоды становления и развития Национального филиала МТРК «Мир» в Республике Таджикистан [Текст] / Ш.М. Саибназарова // Актуальные проблемы журналистики. – Душанбе: РТСУ, 2012. – С. 101-110.
138. Саидов, З.Ш. Агенство «Ховар» – центральный государственный информационный орган суверенного Таджикистана [Текст] / З.Ш. Саидов, А. З. Сабуров, – Душанбе: Авесто, 2007. – 20 с.

139. Саидов, З.Ш. Таджикистан: межгосударственные отношения в период становления внешней политики [Текст] / З.Ш. Саидов.– Душанбе: Контраст, 2013. – 636 с.
140. Сайидзода, З.Ш. Таджикистан: информационный ресурс, внешняя политика, имидж государства [Текст] / З.Ш. Сайидзода, Ф. Саидов. – Душанбе: ООО «Иттилоот ва муошират», 2008. – 71 с.
141. Сафарзода, М.А. Барномасозӣ дар телевизион (Воситаи таълимӣ) [Матн] / М. А. Сафарзода. – Душанбе, 2021. – 100 с.
142. Сафарзода, М.А. Вижагиҳои таҳлили маводди сомонаӣ дар қолаб ва жанрҳои публитсистӣ [Матн] / М.А. Сафарзода // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмию назар дар мавзуи «Масъалаҳои илм ва таҳсилоти журналистӣ дар шароити ташаккули рӯзноманигории чандрасонаӣ». – Душанбе, 2021. – С. 137-144.
143. Сафарзода, М.А. Имиҷсозӣ ва бренд дар журналистика [Матн]: дастури таълимӣ / М.А. Сафарзода. – Душанбе, 2023. – 76 с.
144. Сафарова, М.А. Таъсири телевизион ба афкори умум [Матн] / М.А. Сафарова. – Душанбе: КВД «Матбаа», 2018. – 170 с.
145. Сафарова, М.А. Мавқеи телевизион дар муборизаҳои иттилоотӣ [Матн] / М.А. Сафарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №4. – С. 284-288.
146. Саъдуллоев, А. Жанрҳои таҳлилии матбуот [Матн] / А. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода. – Душанбе, 1998. – 60 с.
147. Саъдуллоев, А. Жанрҳои журналистикаи радио [Матн] / А. Саъдуллоев, С. Гулов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 72 с.
148. Саъдуллоев, А. Асосҳои журналистикаи телевизион [Матн] / А. Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе, 2010. – 112 с.
149. Синяева, И. М. Маркетинг (Учебник для вузов) [Текст] / И. М. Синяева, О. Н. Жильцова. – М.: Юрайт, 2023. – 495 с.

150. Солиев, Р. А. Таджикистан – Европейский союз: Взаимовыгодное партнерство [Текст] / Р.А. Солиев. – Душанбе – Брюссель, 2016. – 102 с.
151. Соловьев, А. И. Политическая идеология – логика исторической эволюции [Текст] // Политическое исследования. – 2001. – №2. – С. 6-8
152. Сухомлинов, В. Дорога к согласию [Текст] / В. Сухомлинов, Г. Шалаев. – М.: Собеседник, 2002. – 159 с.
153. Сэмпсон, Э. Имиджелогия [Текст] / Э. Сэмпсон. – М., 1995. – 40 с.
154. Табатадзе, Г.С. Международный имидж государства: вопросы теории и методологии [Текст] / Г. С. Табатадзе // Философия социальных коммуникаций. – 2013. – №3 (24). – С. 126-132.
155. Телевизионная журналистика [Текст]. – М.: МГУ, 2002. – 195 с.
156. Тертычный, А. Аналитическая журналистика: познавательно-психологический подход [Текст] / А. Тертычный. – М., 1998. – 256 с.
157. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1995. – 208 с.
158. Тулупов, В.В. Журналистика как социальный институт [Текст] / В.В. Тулупов. – М.: Аспект Пресс. – 224 с.
159. Тюкаркина, О.М. Роль национального брендинга в формировании внешнеполитического имиджа современной России [Текст] / О.М. Тюкаркина // Власть. – 2011. – №12. – С. 111-114.
160. Тюкаркина, О.М. Имиджевая стратегия России в контексте мирового опыта [Текст] / О.М. Тюкаркина, И.А. Василенка, А.Н. Люлько. – М., 2013. – 359 с.
161. Умарова, Г. Телевизион ва воқеияти Тоҷикистон [Матн] / Г. Умарова. – Душанбе: Шуҷоат. – 2011. – 168 с.
162. Усмонов, И. Соли Набиев [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 1995. – 114 с.
163. Усмонов, И. Асноди сулҳ [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 1997. – 41 с.
164. Усмонов, И. Сулҳнома [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 552 с.

165. Усмонов, И.К. Воситаҳои ахбори омма ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон [Матн] / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2003. – 64 с.
166. Усмонов, И. Жанрҳои публитсистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 139 с.
167. Усмонов, И. Журналистика. Қ. 4 [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2011. – 474 с.
168. Усмонов, И. Савганди сулҳофаринӣ [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе: Бебок, 2017. – 132 с.
169. Усмонов, И.К. Системаи воситаҳои ахбори омма ва таблиғ (комплекси таълимӣ-методӣ) [Матн] / И.К. Усмонов, Р.М. Бобоҷонова. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – 168 с.
170. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. Ҷилди I [Матн] / А. Фирдавсӣ. – Душанбе: Шарқи озод, 2025. – 792 с.
171. Хамидиён, И. Содержательное и жанровое многообразие на таджикском телевидении [Текст] / И. Хамидиён, Б. Абдурахим. – Душанбе, 2019. – 265 с.
172. Хамидов, И.И. Место корпоративной прессы в современной таджикской журналистике [Текст] / И.И. Хамидов. – Саарбрюккен: LAP Publishing, 2011. – 168 с.
173. Хатунцев, Б.Н. О природе власти. Опыт исследования социально-психологических основ власти [Текст] / Б.Н. Хатунцев. – Саратов: Издание автора, 1925. – 149 с.
174. Хоҷазод, С. Ташаккули низоми нави шабакаҳои телевизионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Воситаи таълимӣ) [Матн] / С. Хоҷазод. – Душанбе: ДДОТ, 2024. – 123 с.
*175.* Ҳамидиён, И. Андар зарурати тақвияти усулҳои ташвиқ дар шароити Тоҷикистони муосир [Матн] // Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад: маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ / И. Ҳамидиён. – Душанбе, 2022. – С. 163-167.

176. Ҳамидиён, И. Журналистикаи интернетӣ дар Тоҷикистон: ташаккул, мушкилот ва дурнамо (Монография) [Матн] / И. Ҳамидиён, Ф. Низом (Абдуҷалилов Ф.Н.). – Душанбе, 2022. – 268 с.
177. Ҳамидов, И. Имиҷмейкинг ва нақши телевизион дар шаклгирии он (дар мисоли заҳматҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар даврони Истиқлолият) [Матн] / И. Ҳамидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе. – 2017. – №4/5. – С. 280-283.
178. Ҳусейнзода, Ш. Адабиёти тоҷик [Матн] / Ш. Ҳусейнзода. – Душанбе, 1965. – 233 с.
179. Цвик, В. Л. Телевизионная журналистика: История, теория, практика (Учебное пособие) [Текст] / В. Л. Цвик. – М.: Аспект Пресс, 2004. – 282 с.
180. Черёмушникова, И. К. Имиджелогия (Учебное пособие) [Текст] / И.К. Черёмушникова, И.А. Петрова, И. В. Чернышева. – Волгоград: ВолгГМУ, 2013. – 180 с.
181. Чумиков, А.Н. Связи с общественностью: теория и практика [Текст] / А. Н. Чумиков, М.П. Бочаров. – М., 2006. – 370 с.
182. Шарафутдинова, Э.В. Роль информационного фактора в формировании имиджа государства на международной арене [Текст] / Э.В. Шарафутдинова // Вестник Санкт – Петербургского университета. – Серия 6: Философия. Культурология. Политология. Право. Международные отношения. – 2011. – №1. – С. 46-51.
183. Шепель, В.М. Имиджелогия. Секреты личного обаяния [Текст] / В.М. Шепель. – М., 1997. – 382 с.
184. Шепель, В.М. Имиджелогия. Как нравиться людям [Текст] / В.М. Шепель. – М.: Народное образование, 2002. – 345 с.
185. Шепель, В.М. Менталитет руководителя [Текст] / В.М. Шепель. – М.: Народное образование, 2010. – 351 с.

186. Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 272 с.
187. Эмомалӣ Раҳмон – эҳёгари Роғун. Нашри сеюм [Матн]. – Душанбе, 2018. – 416 с.
188. Эшматов, З. Ҷанги шаҳрвандӣ ва ТВ «Тоҷикистон» [Матн] / З. Эшматов // Дар моварои сухан (Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2018. – С. 92 – 96.
189. Якубкина, М.В. Роль средств массовой информации в формировании международного имиджа государства [Текст] / М.В. Якубкина // Вестник современных исследований. – 2019. – №2 (29). – С. 122 – 129.
190. Ятимов, С.С. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ [Матн] / С.С. Ятимов. – Душанбе, 2019. – 208 с.

## III. Диссертатсия ва авторефератҳо:

191. Абдукадыров, А.А. Освещение общественно-политической жизни Таджикистана на страницах русскоязычной прессы (1990-1995 гг.) [Текст]: автореф. дис… канд. ист. наук: 07.00.02 / А.А. Абдукадыров. – Душанбе, 1997. – 25 с.
192. Айдоган, Х.Д. Медиаобраз Турции в российских СМИ: особенности формирования имиҷа [Текст]: автореф. дис... канд. филолог. наук.: 10.01.10 / Х.Д. Айдоган. – М., 2015. – 22 с.
193. Баротов, И.И. Повышение международного имиджа государства в условиях изменяющегося мира: на примере Республики Таджикистан [Текст]: дис... канд. полит. наук: 23.00.04 / И.И. Баротов. – Душанбе, 2021. – 162 с.
194. Бободжанова, Р.М. Освещение политической жизни Таджикистана на страницах периодической печати России (1990-1995 гг.) [Текст]: автореф. дис… канд. ист. наук: 07.00.02 / Р.М. Бободжанова. – Худжанд, 1998. – 22 с.

195. Бозорзода, Н.Ш. Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назариявӣ, таърих ва амалия) [Матн]: дис... д-ри илм. филол.: 10.01.10 / Н.Ш. Бозорзода. – Душанбе, 2021. – 309 с.
196. Бокиева, Л.Ф. Формирование общественного мнения *в* русскоязычных СМИ в Интернет-ресурсах Республики Таджикистан [Текст]: дис… канд. филол. наук.: 10.01.10 / Л.Ф. Бокиева. – Душанбе, 2015. – 163 с.
197. Глинская, И.Ю. Политические механизмы формирования позитивного имиджа России [Текст]: дис… д-ра полит. наук: 23.00.02 / И.Ю. Глинская. – М., 2010. – 391 с.
198. Давыборец, Е.Н. Формирование имиджа лидера современного государства: на примере президентов России и США [Текст]: автореф. дис… канд. полит. наук.: 23.00.02 / Е.Н. Давыборец. – СПб, 2008. – 29 с.
199. Драгачёва, О.С. Внешнеполитический имидж государства и его лидера: технологии формирования и позиционирования [Текст]: дис... канд. полит. наук: 23.00.02 / О.С. Драгачёва. – М., 2006. – 190 с.
200. Зардова, О.Н. Русскоязычные СМИ Республики Таджикистан в контексте связей с общественностью в условиях государственной независимости [Текст]: дис… канд. филол. наук: 10.01.10 / О.Н. Зардова. – Душанбе, 2014. – 158 с.
201. Киуру, К.В. Имиджевый медиатекст в политической коммуникации: дискурсный анализ [Текст]: диссертация ... док. филол. наук: 10.01.10 / К.В. Киуру. – Санкт-Петербург, 2008. – 391 с.
202. Кузина, К.А. Роль СМИ в формировании имиджа Каспийского региона [Текст]: автореф. дис… канд. полит. наук: 23.00.02 / К.А. Кузина. – Краснодар, 2008. – 26 с.
203. Кульчицкая, Д.Ю. Отображение предметно-чувственного мира в журналистских произведениях: от печати до мультимедиа [Текст]: автореф. дис… канд. филол. наук: 10.01.10 / Д.Ю. Кульчицкая. – М., 2013. – 24 с.

204. Қувватзода, С.З. Водная политика РТ в годы государственной независимости: проблемы и перспективы [Текст]: дис... канд. полит. наук: 23.00.02 / С.З. Қувватзода. – Душанбе, 2018. – 161 с.
205. Мартынова, Л.Г. Современный имидж России: проблемы и перспективы [Текст]: автореф. дис… канд. полит. наук: 23.00.02 / Л.Г. Мартынова. – 2011. – 20 с.
206. Матвеев, М.Ю. Имидж библиотек как социокультурный феномен [Текст]: автореф. дис… д-ра педагог. наук: 05.25.03 / М.Ю. Матвеев. – СПб, 2009. – 45 с.
207. Махкамова, Д.Ю. Отображение политического противостояния и миротворческого процесса в книжной публицистике Таджикистана [Текст]: дис... канд. филол. наук: 10.01.10 / Д.Ю. Махкамова. – Душанбе, 2012. – 160 с.
208. Мруг, К.В. Формирование имиджа власти в региональных СМИ: пиар-методы и технологии (на примере Краснодарского края) [Текст]: автореф. дис. … канд. филол. наук: 10.01.10 / К.В. Мруг, 2025. – 26 с.
209. Муродов, А. Освещение политической ситуации Таджикистана 1989-1997 гг. в периодической печати Республики [Текст]: дис. канд. ист. наук: ... / А. Муродов. – Душанбе, 2004. – 175 с.
210. Нарзуллозода, И.Ҳ. Вазифа ва масъулияти муҳаррири телевизион (дар мисоли ТВ «Тоҷикистон» ва «Сафина») [Матн]: дис… номзади илмҳои филология: 10.01.10 / И.Ҳ. Нарзуллозода. – Душанбе, 2023. – 189 с.
211. Оксамытный, В.В. Правомерное поведение личности [Текст]: дис... д-ра юрид. наук: 12.00.01 / В.В. Оксамытный. – Киев, 1990. – 374 с.
212. Петрушкова, Е.А. Имидж трудового мигранта в средствах массовой информации Республики Таджикистан и Российской Федерации (сопоставительный анализ 2008-2013 гг.) [Текст]: автореф. дис... канд. филолог. наук.: 10.01.10 / Е.А. Петрушкова. – Душанбе, 2017. – 24 с.

213. Раҳмонова, Р.Э. Ҳамкориҳои байналмилалии СММ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди дигаргуниҳои ҷаҳони муосир [Матн]: дис... ном. илм. сиёсӣ: 23.00.04. / Р.Э. Раҳмонова. – Душанбе, 2018. – 123 с.
214. Сабуров, А.З. Роль средств массовой информации в освещении международной деятельности Республики Таджикистан (1991-1995 годы) [Текст]: автореф. дис... канд. ист. наук: 07.00.02 / А.З. Сабуров. – Душанбе, 1997. – 22 с.
215. Садуллаев, Д.М. Межгосударственная телерадиокомпания «Мир» как новый тип межгосударственного средства массовой информации в контексте интеграционных процессов СНГ [Текст]: дис… док-ра филол. наук. 10.01.10 / Дж.М. Садуллаев. – Душанбе, 2013. – 313 с.
216. Саибназарова, Ш.М. Роль и место межгосударственной телерадиокомпании «Мир» в информационном пространстве Республики Таджикистан [Текст]: дис... канд. филол. наук: 10.01.10 / Ш.М. Саибназарова. – Душанбе, 2012. – 147 с.
217. Сафаров, Б.А. История воплощения концепций международных стандартов в области прав человека в правовую систему Республики Таджикистан [Текст]: автореф. дис. д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Б.А. Сафаров. – Душанбе, 2015. – 370 с.
218. Сафаров, Х.Х. Место средств массовой информации России в информационном пространстве Республики Таджикистан [Текст]: автореф. дис... канд. филол. наук: 10.01.10 / Х.Х. Сафаров. – 2013. – 155 с.
219. Смирнова, Е.В. Специфика перцепции внешнего имиджа организации в интернете [Текст]: автореф. дис… канд. психол. наук: 19.00.05 / Е.В. Смирнова. – М., 2008. – 24 с.
220. Соломотин, А.Н. Коммуникативные стратегии формирования международного имиджа России: на примере телеканала RT-Rusia Tuday: автореф. дис… канд. филол. наук: 10.01.10 / А.Н. Соломатин, 2014. – 31 с.

221. Улитина, М.О. Формирование международного имиджа России в условиях информационной глобализации [Текст]: дис… канд. полит. наук: 23.00.04 / М.О. Улитина. – М., 2015. – 199 с.
222. Хасанова, Т.Г. Печатные СМИ о миротворческом процессе в Таджикистане [Текст]: дис… канд. филол. наук: 10.01.10 / Т.Г. Хасанова. – Душанбе, 2011. – 173 с.
223. Чан, Т.Х. Имидж Вьетнама в российской прессе XX-XXI вв. [Текст]: дис... канд. филол. наук: 10.01.10 / Т.Х. Чан. – Воронеж, 2014. – 133 с.
224. Черёмушникова, И.К. Имидж в смысловом пространстве культуры [Текст]: автореф. дис… д-ра филос. наук: 24.00.01 / К.Ч. Ирина. – Волгоград, 2011. – 48 с.
225. Черёмушникова, И.К. Феномен имиджа: социально-философский анализ [Текст]: дис… канд. филос. наук: 09.00.11 / И.К. Черёмушникова. – Волгоград, 2002. – 147 с.
226. Якубов, Д. Журналистика и экология: проблемы и перспективы: на примере материалов СМИ Республики Таджикистан [Текст]: дис... канд. филол. наук: 10.01.10 / Дж.Н. Якубов. – Душанбе, 2009. – 170 с.

## IV. Адабиёт ба забони хориҷӣ:

227. Boulding, K.E. National Images and International Systems [Text] / K. E. Boulding // Journal of Conflict Resolution, 1959. – №3. – P. 120-131.
228. Nurtazina, R. Definition, structure and core functions of the state image [Text] / R. Nurtazina, Y. Zhumashov, M. Tomanova // International journal of humanities and social sciences, 2014. – №2. – Vol. 8. – P. 486-489.

## V. Сарчашма

### а) мақолаҳои оммавӣ:

229. Задорожный, В.Н. Влияние политического имиджа государства на экономический рост / В.Н. Задорожный. [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://www.pr info.ru/stvlpolimagenaeconom5072007.htm

230. Қуддус, Ҷ. «Ахбор» маро ба мардум шиносонд [Матн] / Ҷ. Қуддус // Ҷаҳони паём. – 2001. – № 15 (51). – 20 апрел.
231. Мардуми Тоҷикистон ҳақ доранд бо сари баланд зиндагӣ карда, аз Ватани азизи худ ифтихор намоянд. Барномаи номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов [Матн] // Ҷумҳурият. – 1994. – 15 октябр.
232. Маъракаҳои муҳимми фарҳангиву сиёсии ҷумҳурӣ ва рафти инъикоси он дар садо ва симои Тоҷикистон [Матн] // Ҷаҳони паём. – 2003. – № 16 (52). – 1 май.
233. Роҳ ба сӯйи созиш [Матн] // Садои Шарқ. – 2020. – №9. – С. 15-79.
234. Ткачук, Н. Длинные формы. Культура чтения в эру цифровой журналистики. Частный корреспондент [Текст] / Н. Ткачук, А. Горбунова [Электронный ресурс] // https://boreme.gpntbsib.ru/jour/article/view/29

**б) барномаҳои телевизионӣ:**

235. Абдусаттор, А. Нурофар [Навор]. – Душанбе: ТВ «Тоҷикистон»
236. Аз ҷашн то ҷашн [Навор]: Хазина: Ҳомили 565, Ветасам SP-60.
237. Ахбор / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]. – 1992. – 5 сентябр.
238. Ахбор / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]: –1996. – 22 январ.
239. Ахбор / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]. – 2018. – 22 июн.
240. Ахбор / ТВ «Тоҷикистон» [Навор] – 2023. – 19 июл
241. Ахбор / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]. – 2021. – 16 сетябр
242. Ахбор / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]: Хазина. Ҳомили №009, Ветасам SP-30.
243. Ахбор / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]: Хазина. Ҳомили №015, Ветасам SP-30.
244. Ахбор / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]: Хазина. Ҳомили №017, Ветасам SP-30.
245. Ахбор / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]: Хазина. Ҳомили №132, Ветасам SP-30.
246. Ахбор / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]: Хазина. Ҳомили №269, Ветасам SP-60.
247. Ахбор / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]: Хазина. Ҳомили №437, Ветасам SP-60.

248. Ахбор / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]: Хазина. Ҳомили №452-Б, Ветасам SP-60.
249. Бақозода, С. Президенти мардумӣ / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]. – 2014. – 16 январ.
250. Бақозода, С. Номуси ватандорӣ / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]: Хазина. Дафтари гурӯҳи «Симо», ҳомили DVD 60 №94.
251. Бақозода, С. Сарнавишт / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]: Хазина. Дафтари гурӯҳи «Симо», ҳомили DVD 60 №93.
252. Даҳ қадами устувор [Навор]: Хазина. Ҳомили 557-562. Ветасам SP-60.
253. Ёдгорӣ, Н., Каримов, З. Истиқлолият ва энергетика [Навор]: Хазинаи шахсии Сафаров К.
254. Камол, А. Нишасте барои бархостан / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]. – 2022 – 16 июн.
255. Малахов, А. Песня от всей души / ТВ «Россия 1». [Видео]. – 2003. – 29 октября.
256. Мустафоқулов, Ш. Во ғарибӣ / ТВ «Тоҷикистон» [Сабт]: Хазина. Ҳомили №49. – Афғонистон, 1993-1994.
257. Мустафоқулов, Ш. Тараннуми диёр / ТВ «Тоҷикистон» [Сабт]: Хазина. Дафтари «Телефилм». Ҳомили №588, DVD-60.
258. Муҳаммадиев, Ш. Ба номи Ватан / ТВ «Тоҷикистон» [Матн]: Хазина. Дафтари «Телефилм». Ҳомили №88, DVD 60.
259. Назарзода, М. Ваҳдати миллат – бақои давлат / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]. – 2022. – 19 июн.
260. Назарзода, М. Истиқлолият – ҷавҳари ҳастии миллат / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]: – 2022. – 7 сентябр.
261. Назаров, Э. Шинохти дигар [Матн] / Э. Назаров // Ҷаҳони паём. – 2001. – №15 (51). – 20 апрел.
262. Ну-ка все вместе / ТВ «Россия 1» [Текст]. – 2023. – 24 ноябр.
263. Общая идея / ТВ «CGTN» [Навор]. – 2024. – 6 май.

264. Общая идея / ТВ «CGTN» [Навор]. – 2024. – 4 июл.
265. Общая идея / ТВ «CGTN» [Навор]. – 2024. – 4 апрел.
266. Общая идея / ТВ «CGTN» [Навор]. –2024. – 1 апрел.
267. Орел и решка / ТВ «Пятница» [Навор]. – 2018. – 20 август.
268. Пиров, М. Корномаи бузург / ТВ «Тоҷикистон» [Матн]: Хазина. Дафтари «Телефилм». Ҳомили №432, DVD 60
269. Пиров, С., Ҳомид, О. Ватани хеш чароғон бикунем / ТВ «Тоҷикистон» [Матн]: Хазина. Дафтари «Телефилм». Ҳомили №432, DVD 60
270. Поедем, поедим! // ТВ «НТВ», 2018, 24 ноября, 2018.
271. Саид, М. Об-муъҷизаи ҳаёт / ТВ «Тоҷикистон» [Матн]: Хазина. Дафтари «Телефилм». Ҳомили №468, DVD-60.
272. Салимов, С. Тоҷикистон – хонаи ман / ТВ «Тоҷикистон» [Матн]: Хазина. Дафтари «Симо». Ҳомили №87, DVD-60.
273. Сафар, К. Проблемаи об ва зарурати ҳамкориҳо / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]: Хазинаи шахсии Сафаров К.
274. Сафари Антонио Гуттериш ба Тоҷикистон / Ахбор / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]. – 2017. – 13 июл.
275. Сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Халқии Хитой / Ахбор // ТВ «Тоҷикистон» [Навор]: Хазина. Ҳомили №002, Ветасам SP-60.
276. Сафаров, К. Роғун / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]: Хазинаи шахсии муаллиф
277. Сафаров, К. Боргоҳи нур / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]: Хазинаи шахсии муаллиф
278. Сафаров, К. Набзи Роғун. / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]: Хазинаи шахсии муаллиф
279. Сафаров, К. Роғуни бузург / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]: Хазинаи шахсии муаллиф
280. Сулҳи бебозгашт / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]: Хазина. Ҳомили 563-564, Ветасам SP-60.

281. Тоҷикистон ба асри XXI бо Эмомалӣ Раҳмонов / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]: Хазина. Ҳомили 567, Ветасам SP-60.
282. Тоҷикистон: самараҳои ҳамкорӣ / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]: Хазина. Ҳомили 566, Ветасам SP-60.
283. Форуми байналхалқии Душанбе оид ба «Соли байналмилалии оби тоза» / Ахбор, ТВ «Тоҷикистон» [Навор]: Хазинаи. Ҳомили №435-446. Ветасам – SP 60.
284. Хоки ватан / Радиои «Тоҷикистон» [Садо]. – 1994. – 16 январ.
285. Холов, К. Роғун / ТВ «Тоҷикистон» [Матн]: Хазина. Дафтари «Симо». Ҳомили №97, DVD-60.
286. Энергия будущего / ТВ «Тоҷикистон» [Видео]: Архив. Касета №534, Ветасам- SP30.

**в) сарчашмаҳои интернетӣ:**

287. Аз соҳибкорӣ ва ноустуворӣ дар сиёсат то вакиливу боздошт. Усмонзода кист ва чаро боздошт шуд? [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://asiaplus.news/tg/2024/06/22/az-so%d2%b3ibkor%d3%a3-va-noustuvor%d3%a3-dar-siyosat-to-vakilivu-bozdosht-usmonzoda-kist-va-charo-bozdosht-shud/
288. Активизация действий и партнерства в области водных ресурсов в Таджикистане. [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://blogs.worldbank.org/ru/europeandcentralasia/aktivizaciya-deystviy-i-partnerstva-v-oblasti-vodnykh-resursov-v-tadzhikistane
289. Андешаи бузургону равшанфикрони ҷаҳон оид ба фарҳанг ва тамаддуни оламгири тоҷикон ва фарзандони фарзонаи он! [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.facebook.com/watch/?v=401957576100746
290. Арвис: как производят качественные полотенца и халаты в Душанбе [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://www.instagram.com/p/C1bOIHyhWGd/

291. Аслов, С. Навстречу Международному году водного сотрудничества, 2013 год. [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://mfa.tj/ru/main/view/241/vystuplenie-ministra-inostrannykh-del-na-spetsialnom-meropriyatii-posvyashchjonnomu-podvedeniyu-itogov-mezhdunarodnogo-goda-vodnogo-sotrudnichestva-2013

Ахбор / ТВ «Тоҷикистон» [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.youtube.com/watch?v=Pq0mBmSCl90

292. Бинои нави ҳукумат ва парлумони Тоҷикистон аввали моҳи июл ифтитоҳ мешаванд [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://asiaplustj.info/news/tajikistan/society/20240625/binoi-navi-ukumat-va-parlumoni-toikiston-avvali-moi-iyul-iftito-meshavand

293. В Таджикистане появился свой аналог передачи «Орёл и решка» [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://asiaplustj.info/ru/news/life/culture/20190124/v-tadzhikistane-poyavilsya-svoi-analog-peredachi-oryol-i-reshka

294. Вокруг света [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://www.vokrugsveta.ru/

295. Глава Союза энергетиков Казахстана призывал страны ЦА поддержать энергетическую политику РТ [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/economic/20120530/glava-soyuza-energetikov-kazakhstana-prizval-strany-tsa-podderzhat-energeticheskuyu-politiku-rt

296. Гулҳои Душанбе #1. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.youtube.com/watch?v=2l4ZcDtUZX4&t=25s.

297. Гулҳои Душанбе #2 / nature of tajikistan /https [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.youtube.com/watch?v=vFeGkTiejXs

298. Гумонбари ҳамла ба «Крокус» гуфт, тавассути «Telegram» «Ба дом афтод». Чӣ бояд кард, то «Тӯъма»-и мубаллиғони ифротӣ нашуд? | Хабарҳои Тоҷикистон ASIA-Plus. [Манбаи электронӣ] // Низоми

дастрасӣ: https://asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/security/20240527/gumonbari-amla-ba-krokus-guft-tavassuti-telegram-ba-dom-aftod-ch-boyad-kard-to-tma-i-muballioni-ifrot-naaftod

299. Гуштигирӣ дар Душанбе. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.bbc.com/tajik/news/2011/04/110408_zm_tajentertainment

300. Дар Москва бар асари ҳамлаи террористӣ 60 нафар ҳалок ва зиёда аз 100 нафар захмӣ шуданд. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2024/03/dar-moskva-bar-asari-amlai-terrorist-60-nafar-alok-va-ziyoda-az-100-nafar-zahm-shudand/

301. Дух истории: национальную вышивку Таджикистана внесли в список ЮНЕСКО. [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://mir24.tv/news/16339808/duh-istorii-nacionalnuyu-vyshivku-tadzhikistana-vnesli-v-spisok-yunesko.

302. Душанбе – Таджикистан. Часть 1 / Жизнь других. [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://yandex.kz/video/preview/12074321152711391778

303. Душанбе дар маркази таваҷҷуҳи ВАО-и ҷаҳон. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://vot.tj/tj/?p=15697

304. Душанбинский водный процесс. [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://dushanbewaterprocess.org/2nd-dushanbe-international-con ference /#1678530130089-3c6298cb-b2a2

305. Еще раз о перспективах реализации проекта Рогунской ГЭС / Правда Востока. [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://press.natlib.uz/ru

306. Жириновский: разобрал текст песни Manizha «Русская женщина». [Электронный ресурс] // Режим доступа: https:// www. youtube. com/ watch?v=GohL-jt-0wk.

307. Зафар Сайидов дар бораи таъсиси Агентии назорати маводди нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1999) [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.youtube.com/watch?v=q1dTpxZZK4c

308. ИА «Жахон» [Электрон манба]. – Кириш тизими: https: //www. uzbekembassy.in.

309. Идораи Ахбор. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://tvt.tj/node/9777

310. Имиҷсозии Тоҷикистон. Аз «Огонёк» то «Евронюс» [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: http://ruzgor.tj/siyosat/7682-imijsozii-tojikiston-az-ogonjok-to-evronyus-6841.html

311. Интервью Посла Таджикистана в Китае Парвиза Давлатзода с корреспондентом газеты «China Energy News» по случаю пуска первого агрегата Рогунской гидроэлектростанции [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://vkh.tj/ru/main/view/3700/intervyu-posla-tadzhikistana-v-kitae-parviza-davlatzoda-s-korrespondentom-gazety-china-energy-news-po-sluchayu-puska-pervogo-agregata-rogunskoi-gidroelektrostantsii.

312. Интервью с Послом Таджикистана в России о приоритетах председательства Республики Таджикистан в ШОС [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://www.youtube.com/watch?v=Uur3h_lLT7I

313. Использовать водные ресурсы во благо людей, без ущерба природе / Правда Востока [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://press.natlib.uz/ru

314. Истаравшан Вокруг Света: Таджикистан [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://www.youtube.com/watch?v=krFRjpJfFoE

315. Истиқлолияти Тоҷикистон ва Пешвои миллат. Муаррифии бахши нави АМИТ «Ховар» ба ифтихори 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2020/09/isti-loliyati-to-ikiston-va-peshvoi-millat-muarrifii-bahshi-navi-amit-hovar-ba-iftihori-30-solagii-isti-loliyati-davlatii-um-urii-to-ikiston1/

316. Иштирок дар тантанаҳои Наврӯзӣ [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/tashkent/view/12745/ishtirok-dar-tantanahoi-nav ruzi

317. Иштироки Пешвои миллат дар Ҳамоиши байналмилалии адибони ҳавзаи Наврӯз ва мулоқот бо зиёиёни кишвар [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2016/03/ishtiroki-peshvoi-millat-dar-amoishi-bajnalmilalii-adiboni-avzai-navr-z-va-mulo-ot-bo-ziyoiyoni-kishvar
318. Иштироки Сафири Тоҷикистон дар Қазоқистон дар иди байналмилалии Наврӯз [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/nur-sultan/view/7264/ishtiroki-safiri-tojikiston-dar-qazoqiston-dar-idi-bainalmilalii-navruz
319. Как относятся к русским в Таджикистане. Душанбе деревня или мегаполис [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://www.youtube.com/watch?v=vaY2rCJ9oLQ
320. Калюков, Е. Бренд «Россия» за год подешевел более чем на треть триллиона долларов [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://patentmsk.ru/news/novosti/natsionalnyy-brend-rossiya-poteryal-za-god-bolee-130-mlrd/
321. Кистанд ва чӣ гуна боздошт шуданд? Чаҳор ҳамлагари теракт дар «Крокус Сити Холл» расман эълон шуданд [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/security/20240325/ono-kistand-chaor-sozmondiandai-amlai-terrorist-dar-krokus-siti-holl-rasman-elon-shudand.
322. Конференсияи байналмилалии об дар Душанбе хотима ёфт [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.youtube.com/watch?v=wV6xZeD_imo
323. Кто-то наконец победил Трампа в игре в рукопожатия. Президент Таджикистана дёргает назад [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mashable.com/article/donald-trump-handshake-tajikistan-emomali-rahmon
324. Лавҳаҳо [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.youtube.com/watch?v=jF2-3hSgGLk&list=PLqE9KAvFjydvnsmmH2gdHthvhm_0vKZdn

325. Лоиҳаҳои махсус [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://asiaplustj.info/tj/projects
326. Мавзуна Чориева: как стать национальной героиней после потери надежды [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://www.asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20191121/mavzuna-chorieva-kak-stat-natsionalnoi-geroinei-posle-poteri-nadezhdi
327. Майдони истиқлол. Ин иншооти муҳташам ва сайёҳии шаҳри Душанбе аст, ки дили сокинону меҳмонони пойтахтро тасхир кардааст [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2024/05/majdoni-isti-lol-in-inshooti-mu-tasham-va-sajyo-ii-sha-ri-dushanbe-ast-ki-dili-sokinonu-me-mononi-pojtahtro-tashir-kardaast/.
328. Ман аз пахши барномаи хабарии телевизиюни Эрон розӣ набудам [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.bbc.com/tajik/institutional/2011/08/110817_mm_komilzodah
329. Марде аз сарнавишт [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.president.tj/president/films/filmography/56.
330. Марко Поло – бренди Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.vkd.tj/index.php/tj/tojikiston/27319-marko-polo-brendi-to-ikiston. – Санаи муроҷиат: 2024
331. Маросими ифтитоҳи «Рӯзҳои Наврӯз дар Арбати қадима» [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https:// mfa.tj/ tg/ moscow/ view/ 7906/ marosimi-iftitohi-ruzhoi-navruz-dar-arbati-qadima
332. Мусоҳиба бо хабарнигори шабакаи телевизионии «Ал-ҷазира»-и Давлати Қатар дар НБО «Роғун» [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/main/view/4992/musohiba-bo-khabarnigori-shabakai-televizionii-al-jazira-i-davlati-qatar-dar-nbo-rogun.
333. Мусоҳибаи Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон дар Конференсияи «Осиёи Маркази сабз» [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ:

https://mfa.tj/tg/main/view/5747/musohibai-vaziri-korhoi-khorijii-tojikiston-dar-konfronsi-osijoi-markazii-sabz

334. Мусоҳибаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо хабарнигори телевизиони СММ (22.03.18) [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2018/03/muso-ibai-prezidenti-um-urii-to-ikiston-emomal-ra-mon-bo-habarnigori-televizioni-smm/

335. Мусоҳибаи сафири Тоҷикистон дар Миср бо маҷаллаи «Diplomacy» [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https:// khovar.tj/ 2015/09/ muso-ibai-safiri-to-ikiston-dar-misr-bo-ma-allai-diplomacy/

336. Мусоҳибаи Сафири Тоҷикистон дар телевизиони давлатии Арабистони Саудӣ [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/ashgabat/view/8567/musohibai-safiri-tojikiston-dar-televizioni-davlatii-arabistoni-saudi

337. Мусоҳибаи Сафири Тоҷикистон дар телевизиони давлатии Арабистони Саудӣ [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https:// www.alekhbariya.net/ar/news/CORE9500F0774C4A4A66985572BE6A83D978

338. Мусоҳибаи таърихии Пешвои миллат дар ТВ СММ [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https:// www. youtube.com/ watch?v=BP1yte_4UO4

339. Нақши дипломатияи иттилоотӣ дар пешбурди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2017/10/na-shi-diplomatiyai-ittiloot-dar-peshburdi-siyosati-hori-ii-um-urii-to-ikiston/

340. Настоящий Таджикистан: столица сияет, провинция в средневековье. Путешествие через всю страну [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://www.youtube.com/watch?v=VcVscLmpQ9w

341. Национальный филиал Межгосударственной телерадиокомпании «Мир» в Республике Таджикистан [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://tj.mir24.tv/about/about_us

342. Нашри мақолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷаллаи «Нигориши СММ» таҳти унвони «Об барои рушди устувор» (Water for Sustainable Development) [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2018/03/nashri-ma-olai-prezidenti-um-urii-to-ikiston-dar-ma-allai-nigorishi-smm-ta-ti-unvoni-ob-baroi-rushdi-ustuvor-water-for-sus tainable-development/.

343. Нигаронии ҷиддӣ аз нақзи ҳуқуқ ва озодиҳои тоҷикон. Тоҷикистон ба сафири Россия нотаи эътирозӣ супорид [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://asiaplustj.info/news/tajikistan/politics/20240429/nigaronii-idd-az-nazi -uu-va-ozodioi-toikon-toikiston-ba-safiri-rusiya-notai-etiroz-suporid

344. Номаи табрикотии Раиси Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид Питер Томсон ба Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.mfa.tj/tg/main/view/1897/nomai-tabrikotii-raisi-majmai-umumii-sozmoni-milali-muttahid-ba-munosibati-qabuli-qatnomai-dahsolai-bainalmilalii-amal-ob-baroi-rushdi-ustuvor-2018-2028

345. Нуридинжон Исмоилов поздравил Эмомали Рахмона с запуском Рогунской ГЭС [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://www.gazeta.uz/ru/2018/11/21/tj/

346. Об барои рушди устувор: Питер Томсон пешниҳоди Тоҷикистонро қабул кард [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://sputnik.tj/20161222/ob-dahsola-rushd-sozmon-qabul-1021363364.html . – Санаи мурочиат:2025

347. Орел и Решка 7.14 Выпуск (Назад в СССР. Душанбе) [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://www.youtube.com/watch?v=C4jTDnFoXI0. –

348. Орёл и решка [Электронный ресурс] // Режим доступа:https://tv.ua/multimedia/video/887882-orel-i-reshka-v-dushanbe-bednyakov-i-korotkaya-otvetili-obizhennym-video

349. Пас аз 17 сол Сомон Маҳмадбеков умедҳои мардуми тоҷикро бароварда кард [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://varzishtv.tj/tj/news/pas-az-17-sol-somon-ma-madbekov-umed-oi-mardumi-to-ikro-barovarda-kard-/
350. Первый раз в Таджикистане. Мы в шоке. Не побоялись приехать в неизведанную страну [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://www.youtube.com/watch?v=PysqD4LO-tI
351. Победитель телешоу «Ну-ка, все вместе!» получил приз 5 миллионов рублей: «Потрачу на карьеру и на родителей» [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://pressa.tj/pobeditel-teleshou-nu-ka-vse-vmeste-farruh-hasanov-priz-potrachu-na-kareru-i-na-roditelej
352. Портали миллии сайёҳии Тоҷикистон дар таҳрири нав мавриди истифода қарор дода шуд [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://ctd.tj/
353. Президент Таджикистана победил Трампа в битве рукопожатий. – [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://www.youtube.com/watch?v=3NAuiasC8kY
354. Президент Таджикистана победил Трампа в «состязании по рукопожатиям» [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://ria. ru/ 20170524/1494983643.html
355. Президент Таджикистана стал соперником Трампа по рукопожатиям. [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://ria.ru/20170524/1494983643.html
356. Президент Таджикистана Эмомали Рахмон открыл в Хороге первые два здания Университета ЦА [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://tj.sputniknews.ru/20180914/rahmon-otkryl-universitet-central-asia-khorog 1026780885.html?_ga=2.68231378.2125217102.1746979218-99506007.1696016682.
357. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин барқияи изҳори тасаллӣ ирсол

намуданд [Электронный ресурс] // Режим доступа: https:// khovar.tj/2024/03/prezidenti-um-urii-to-ikiston-emomal-ra-mon-ba-prezidenti-federatsiyai-rusiya-vladimir-putin-bar-iyai-iz-ori-tasall-irsol-namudand-3/

358. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Россия суҳбати телефонӣ анҷом доданд [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://president.tj/event/'calls/26659

359. Присоединившись к глобальному обсуждению водных проблем на Душанбинской конференции, вы также окунитесь в богатую культуру таджикского народа [Электронный ресурс] // Режим доступа:https://dushanbewaterprocess.org/prisoedinivshis-k-globalnoj-diskussii-po-vodnym-problemam-na-tretej-dushanbinskoj-konferenczii-vy-takzhe-poluchite-vozmozhnost-pogruzitsya-v-bogatuyu-kulturu-tadzhikskogo-naroda/?lang=ru

360. Раванди оби Душанбе. Дар Конференсияи сеюми байналмилалии сатҳи баланд беш аз 100 намояндаи ВАО сабти ном гардид [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2024/05/ravandi-obi-dushanbe-dar-konfronsi-seyumi-bajnalmilalii-sat-i-baland-besh-az-100-namoyandai-vao-sabti-nom-gardid/

361. Раванди оби Душанбе. Зиёда аз 500 нафар намояндагони ВАО барои инъикоси кори Конференсияи дуюми байналмилалии сатҳи баланд номнавис шудаанд [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https:// khovar.tj /2022/06/ravandi-obi-dushanbe-ziyoda-az-500-nafar-namoy anda go ni-vao-baroi-inikosi-kori-konfronsi-duyumi-bajnalmilalii-sat-i-baland-nomnavis-shudaand/

362. Расму оинҳои Наврӯз дар феҳристи мероси фарҳангии ЮНЕСКО [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://asiaplustj.info/news/tajikistan/society/20161201/233862

363. Раҳ ба раҳ. Аз Душанбе то Хуросон/The way to way. Dushanbe-Khuroson [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.youtube.com/watch?v=bgFXwBcV6V0.-
364. Сайёҳ – Балҷувон / Тоҷикистон вилояти Хатлон / Кулоб / Baljuvon [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https:// www. youtube. com/ watch?v=LcWSRFniVSQ&list=PLkfeQ28Qae-uMk_kjz0zDZBv4m-_rvwwU. –
365. Саймумин Ятимов призвал политиков и СМИ осторожно комментировать события. Таджикистан и Киргизия [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.youtube.com/shorts/eDhwmzyZlo0.
366. Саймумин Ятимов: Эти конфликты всегда происходят по поводу [Электронный ресурс] // Режим доступа: https:// www. youtube. com/shorts/tTwAHmtqiwk I.
367. Сайри гули лола [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.youtube.com/watch?v=eKVX9CSFyGE
368. Сатру ҳиҷоб ва ҷинси даридаву либоси нимурён. Пӯшидани кадом либосҳо дар Тоҷикистон манъ шуд? [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://old.asiaplustj.info/news/tajikistan/laworder/20240626/satru-iob-va-insi-daridavu-libosi-nimuryon-pshidani-kadom-liboso-dar-toikiston-man-shud
369. Сатру ҳиҷоб ва ҷинси даридаву либоси нимурён. Пӯшидани кадом либосҳо [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https:// www.youtube. com/ watch?v=l-AXj0fM0NI&t=1s.
370. Свет для всех! Рогунская ГЭС – стройка века [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://mir24.tv/articles/16335729/svet-dlya-vseh-rogunskaya-ges-stroika-veka.
371. Ситоиши Ҳамоиши байналмилалии адибони ҳавзаи Наврӯз дар ВАО-и Эрон [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2016/04/sitoishi-amoishi-bajnalmilalii-adiboni-avzai-navr-z-dar-vao-i-eron/

372. Соли талошҳо барои сулҳу осоиш 1996 [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.youtube.com/watch?v=WjLLA8UbUXE&t=1145s
373. Сомон Маҳмадбеков (-81 кг) барандаи медали биринҷии Қаҳрамонии ҷудои ҷаҳон 2024 [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.facebook.com/tvvarzishhd/posts
374. Соҳибова, Б. Геополитика [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.youtube.com/@barnosohibova7116
375. Соҳибова, Б. Дидгоҳ [Навор] – Низоми дастрасӣ: https://www.youtube.com/@barnosohibova7116
376. Стратегическое партнерство и братские связи [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://kazpravda.kz/n/strategicheskoe-partnerstvo-i-bratskie-svyazi/
377. Строительство Рогунской ГЭС – грубейшее нарушение международного права [Электронный ресурс] // Режим доступа:https://www.uzdaily.uz/ru/stroitelstvo-rogunskoi-ges-grubeishee-narushenie-mezhdunarodnogo-prava/
378. Строительство Рогунской ГЭС может привести к страшной катастрофе в регионе / ИА «Жахон» [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://www.stanradar.com/news/full/6760-stroitelstvo-rogunskoj-ges-zaplanirovannaja-katastrofa-ljavlinskij.html
379. Сухангӯи Сарвари давлат Зафар Саидов дар бораи давлати дунявӣ (с. 1998) [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.youtube.com/watch?v=VG4vIHv3DiM&t=12s
380. Ҳамла ба «Крокус Сити Ҳолл» / Хабарҳои Тоҷикистон ASIA-Plus. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ:: https://asiaplustj.info/tj/stories/20240429/amla-ba-krokus-siti-oll
381. Тавсифи Раҳмон аз Манижа: сари ҳамаро вайрон кард, мо бо ӯ ифтихор дорем [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ:

https://sputnik.tj/20210409/tavsifi-rahmon-az-manizha-sari-hamaro-vayron-kard--mgo-bo-u-iftihor-dorem-1035181515.html

382. Таджикистан, Ходжа-Обигарм, г. Нурек, г. Душанбе [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www. youtube.com/ watch?v=Z1 6H4KGt1SI.

383. Таджикистан. Навруз. Андрей Понкратов [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.youtube.com/watch?v=pIxVx9VwaYA

384. Таджикистан. Орёл и Решка. Перезагрузка-3. (English subtitles) [Электронный ресурс] // Режим доступа: https:// www.youtube. com/ watch?v=Dskn1VDQ2qo.

385. Таджикистан. Памир. Путешествие на крышу мира [Электронный ресурс] // Режим доступа: https:// www.youtube. com/ watch ?v=_ aA2JF LDUYw.

386. Таджикистан: водные инициативы, способствующие плодотворному будущему [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://www.oictoday.biz/business-details.php?id=3/tajikistan-water-initiatives-that-promote-a-fruitful-future

387. Таджикистан: курутоб, Варзобское ущелье, лепешка-кульча, все виды плова и» Таджикское море» [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://www.ntv.ru/peredacha/poedem_poedim/m24320/o728478/

388. Таджикистан: остране и людях. Невероятное гостеприимство Душанбе [Электронный ресурс] // Режим доступа:https://www.youtube.com/watch?v=lN3yawGuce4

389. Таджикистан: правда о таджикской еде и рынках, о стране и людях. Невероятное гостеприимство Душанбе [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://www.youtube.com/watch?v=lN3yawGuce4

390. Таджикистан: секреты чакана, древняя архитектура, восточный базар и особый плов [Электронный ресурс] // Режим доступа: https:// www.ntv. ru/peredacha /poedem_poedim/m24320/o655386.

391. Таджикский и узбекский плов вошли в список наследия ЮНЕСКО [Электронный ресурс] // Режим доступа: https:// mir24.tv/ news/15389978 /tadzhikskii-i-uzbekskii-plov-voshli-v-spisok-naslediya-yunesko
392. Такой у нас менталитет: каким Жанна Бадоева показала Душанбе в travel-шоу «Жизнь других» [Электронный ресурс] // Режим доступа: https:// asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20231204/takoi-u-nas-mentalitet-kakim-zhanna-badoeva-pokazala-dushanbe-v-travel-shou-zhizn-drugih
393. Таҷлили Иди байналмилалии Наврӯз дар шаҳри Минск [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/minsk/view/14910/tajlili-idi-bainalmilalii-navruz-dar-shahri-minsk
394. Таҷлили Наврӯзи байналмилалӣ дар Берлин [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/berlin/view/12347/tajlili-navruzi-baina lmilali-dar-berlin
395. Таҷлили ҷашни Наврӯз дар Ашқобод [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.youtube.com/watch?v=iQ0ekbFxjYA
396. Тоҷикистон аз назари расонаҳои иттилоотии ҷаҳон. Нашри 200 маводди хабарӣ аз ҷараёни нахустин Форум ва Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии «Тоҷикистон-2019» дар расонаҳои бонуфузи дунё [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2019/08/to-ikiston-az-nazari-rasona-oi-ittilootii-a-on-nashri-200-mavodi-habar-az-arayoni-nahustin-forum-va-namoishgo-i-bajnalmilalii-sajyo-ii-to-ikiston-2019-dar-rasona-oi-bonufuzi-dunyo/
397. Тоҷикистон ва Ҷопон бори аввал. Тоҷикистон ва Ҷаҳон бо Фатҳиддини Замон [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https:// www.youtube.com/watch?v=Ds7R16l4VN4
398. Тоҷикистон терроризму ифротгароиро қотеона маҳкум менамояд [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2024/03/to-ikiston-terrorizmu-ifrotgaroiro-oteona-ma-kum-menamoyad/

399. Тоҷикистон Чакан / Таджикистан Чакан / Tajikistan Chakan [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.youtube.com/watch?v=l-AXj0fM0NI
400. Тоҷикистон. Саёҳат ба Душанбе, пойтахти муосир ва боҳашамати Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.youtube.com/watch?v=5eHWf9yfWrU
401. Тоҷикистон, ба пеш! – проект о чести и гордости страны [Манбаи электронӣ] // Режим доступа: https://asiaplustj.info/projects/sport_tajikistan
402. Трамп и Рахмон померялись силами в рукопожатии [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://www.tatar-inform.ru/news/tramp-i-rah mon-pomeryalis-silami-v-rukopozhatii-554588
403. Тренд – Портали хабарии Озарбойҷон [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.trend.az/casia/tajikistan/
404. Треш-трип в Таджикистан: автостоп ишака, афганский рынок и жизнь в горячем источнике [Электронный ресурс] // Режим доступа:https:// www.youtube. com/watch?v =bWk0Jlut6 W4&t= 551s
405. Уникальная возможность для участников конференции «Познакомиться с богатой историей, культурой и удивительной природой Таджикистана» [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://dushanbewaterprocess.org/unikalnaya-vozmozhnost-dlya-uchastnikov-konferenczii-oznakomitsya-s-bogatoj-istoriej-kulturoj-i-voshititelnoj-prirodoj-tadzhikistana/?lang=ru
406. Участие в теле – и интернет-шоу в Стокгольме [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://dushanbewaterprocess.org/participation-in-a-tv-and-online-show-in-stockholm/.
407. Хабарҳои Тоҷикистон ASIA-Plus (asiaplustj.info) [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://asiaplustj.info/tj
408. Холод ледников и тепло сердец. Посол Таджикистана о горизонтах дружбы с Беларусью и приоритетах председательства в СНГ

[Электронный ресурс] // Режим доступа: https:// belta.by/ interview/view/holod-lednikov-i-teplo-serdets-posol-tadzhikistana-o-gorizontah-druzhby-s-belarusjju-i-prioritetah-9510/. –

409. Ҳамла ба «Крокус Сити Ҳолл» [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https:// www.asiaplustj.info/tj/stories/20240429/amla-ba-krokus-siti-oll. – Санаи муроыиат: 2025. – 20 май.

410. Ҳафтаи варзиш (эфир аз 14.11.2022) [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.youtube.com/results?search_query.

411. Ҳисоботи Кумитаи рушди сайёҳӣ дар тайи соли 2022 / Стратегия развития туризма [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https:// www.youtube. com/watch?v=CHSWy9ThV58&t=308s.

412. Чакан ба рӯйхати мероси ғайримоддии башарият ворид карда шуд! Дар ин бора 29 ноябр қарори ЮНЕСКО ба тасвиб расид [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2018/11/chakan-ba-r-jhati-merosi-ajrimoddii-bashariyat-vorid-karda-shud-dar-in-bora-29-noyabr-arori-yunesko-ba-tasvib-rasid1/ .

413. Ҷаласаи нахустини Комиссияи доимоамалкунанда оид ба баррасӣ ва арзёбии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радабандиҳои байналмилалӣ [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https:// mfa. tj/tg/ main/view/11512/jalasai-nakhustini-komissiyai-doimoamalkunanda-oid-ba-barrasi-va-arzjobii-mavqei-jumhurii-tojikiston-dar-radabandihoi-bainalmilali

414. Ҷаҳонгардӣ: пешрафтҳо ва монеаҳо [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://peshina.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=8838.

415. Ҷашни Наврӯз дар Вашингтон [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https:// mfa.tj/tg/washington/view/13818/navruz-2021

416. Ҷашни Наврӯз дар Москва [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mfa.tj/ru/moscow/view/7333/jashni-navruz-dar-moskva

417. Шоми фарҳангии «Навои Наврӯз» дар шаҳри Париж [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/paris/view/4422/shomi-farhangii-navoi-navruz-dar-shahri-parizh
418. Эгамзод, М. Се муҳимтарин ҳодисаи таърихи навини тоҷикон. Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ марҳилаи аввал ва заминагузори равандҳои баъдии Тоҷикистони соҳибистиқлол аст [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://tajsohtmon.tj/tj/navidho/15927-se-muimtarin-odisai-tarihi-navini-toikon-ilosiyai-hvi-shroi-ol-marilai-avval-va-zaminaguzori-ravandoi-badii-toikistoni-soibistilol-ast.html
419. Эксперты: От строительства Рогунской ГЭС придется отказаться. Правда Востока [Электронный ресурс] // Режим доступа: https:// press. natlib.uz/ru
420. Эмомали Рахмон открыл в Душанбе Кембриджскую академию [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://asiaplustj.info/tj/node/259106
421. Эмомали Рахмон похвалил раскритикованную российскими властями певицу Манижу [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://fergana.agency/news/121932/#google_vignette
422. Эмомалӣ Раҳмон – асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ. – Қисми 1 [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https:// www.president. tj/president/films/filmograph y/67
423. Эмомалӣ Раҳмон – нури маърифат. Филми 1 [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.president.tj/president/films/filmography
424. Эмомалӣ Раҳмон – пайвандгари марзҳову дилҳо [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www. president.tj/ president /films /filmography /77
425. Эмомалӣ Раҳмон – ятимпарвар [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.president.tj/president/films/filmography.
426. Эмомалӣ Раҳмон: Фарҳанг – ҳастии миллат аст [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.president.tj/president/films/filmography/59

427. Tacikistan'ın Ankara Büyükelçisi Gulov, ülkesinin bağımsızlığının 30. yılını AA'ya değerlendirdi. – [Elektronik kaynak]. – Erişim modu: https://www.aa.com.tr/tr/dunya/tacikistanin-ankara-buyukelcisi-gulov-ulkesinin-bagimsizliginin-30-yilini-aaya-degerlendirdi/2357661

**г) мусоҳиба:**

428. Суҳбати инфиродӣ бо профессор Усмонов Иброҳим Кенҷаевич. – Душанбе, 2024. – 18 сентябр.
429. Суҳбати инфиродӣ бо дотсент Гулов Сангин Нурович. – Душанбе, 2024. – 25 ноябр.
430. Суҳбати инфиродӣ бо журналист Фатҳиддини Замон. – Душанбе, 2024. – 23 июн.
431. Суҳбати инфиродӣ бо собиқ муовини директори ШТР «Мир», профессор Садуллоев Ҷамшед Мулокомилович. – Душанбе, 2024. – 28 август.

# Б) РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

## I. Монография

[1-М]. Сафарзода, М.А. ВАО ва ташаккули имиҷи Тоҷикиситони соҳибистиқлол [Матн]: монография / М. А. Сафарова. – Душанбе, 2025. – 190 с.

## II. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[2-М]. Сафарова, М.А. Мавқеи телевизион дар муборизаҳои иттилоотӣ [Матн] / М.А. Сафарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №4. – С. 284-288.

[3-М]. Сафарова, М.А. Нигоҳи илмие ба фаҳмиши бренд-журналистика дар Тоҷикистон [Матн] / М.А. Сафарова // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2021. – №1. (013) . – С. 218-223.

[4-М]. Сафарзода, М.А. Бозтоби симои Пешвои миллат дар барномаҳои ТВ «Тоҷикистон» [Матн] / М.А. Сафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2023. – №1/4 (116) – С. 29-32.

[5-М]. Сафарзода, М.А., Кучарова, Н.А. Имиҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сомонаҳои иттилоотии ИДМ [Матн] / М.А. Сафарова, Н.А. Кучарова // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2023. – №4/2 (64). – С. 442-448.

[6-М]. Сафарзода, М.А. Пешвои миллат, бренди давлат ва заминаҳои стратегии амалишавии он [Матн] / М.А. Сафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2024. – №2 (35). – С. 201-205.

[7-М]. Сафарзода, М.А. Реклама, PR ва бренд – журналистика: умумият ва тафовут [Матн] / М.А. Сафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2024. – №3 (36). – С. 153-157.

[8-М]. Сафарзода, М.А. Инъикоси раванди сулҳҷӯйӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М.А. Сафарова // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2024. – №4-3 (71). – С. 478-487.

[9-М]. Сафарзода, М.А. Унсурҳои асосии имиҷсозӣ дар раванди шаклгирии имиҷи давлат [Матн] / М.А. Сафарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №10. – С. 383-389.

[10-М]. Сафарзода, М.А. Кӯшишҳои сулҳофарии Эмомалӣ Раҳмон ва инъикоси он дар телевизиони «Тоҷикистон» [Матн] / М.А. Сафарова // Паёми Китобхонаи миллӣ. – Душанбе, 2024. – №4 (8). – С. 97-105.

[11-М]. Сафарзода М.А. Бозтоби симои Тоҷикистон дар воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ [Матн] / М.А. Сафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2025. – №3-2 (41). – С. 231-236.

[12-М]. Сафарзода М.А. Нақши агентиҳои иттилоотӣ дар муаррифии Тоҷикистон [Матн] / М.А. Сафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2025. – №3-1 (40). – С. 265-274.

[13-М]. Сафарзода, М.А. Инъикоси раванди сохтмони НБО «Роғун» дар Телевизиони «Тоҷикистон» [Матн] / М.А. Сафарова // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2025. – №3 (74). – С. 578-584.

[14-М]. Сафарзода, М.А. Вижагиҳо ва имконоти маводди интернетӣ аз манзари муаррифии кишвар [Матн] / М.А. Сафарова // Паёми Китобхонаи миллӣ. – Душанбе, 2025. – №3 (11). – С.129-137.

[15-М]. Сафарзода, М.А., Муродӣ М. Б. Имконоти жанрҳои публитсистию бадеӣ дар намои имиҷи давлат [Матн] / М.А. Сафарова, М.Б. Муродӣ // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2025. – №3 (71). – С. 98-106

[16-М]. Сафарзода, М.А. Имиҷсозии давлат ва заминаҳои ҳуқуқии он дар Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. – №3 (19). – С. 149-154.

[17-М]. Сафарзода, М.А. Таъйиноти тарғиботӣ ва усулҳои имиҷсозӣ дар ВАО // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2025. – №1/3 (137). – С. 224-228.

**III. Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[18-М]. Сафарова, М.А. Омилҳои объективии таъсири журналист ба аудитория дар заминаи барномаҳои муаллифӣ ва нақши маҳорати суҳбатнигорӣ дар Youtube [Матн] / М.А. Сафарова // Маводди конференсияи байналмилалии илмию амалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо». Бахшида ба 85-солагии профессор Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2020. – С. 117-122.

[19-М]. Сафарзода, М.А. Пешвои миллат ва имиҷи давлат [Матн] / М.А. Сафарова // Воситаҳои ахбори омма ва ташаккули давлатдории миллӣ. – Душанбе: ҶДММ «Нушбод», 2021. – С. 182-188.

[20-М]. Сафарзода, М.А. Бренд-журналистика дар Тоҷикистон ҳамчун усули ташаккули ВАО [Матн] / М.А. Сафарова / Маводди конференсияи ҷумҳуриявии апрелии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 126-131.

[21-М]. Сафарзода, М.А. Заминаҳои амаливу назариявии худсозии Пешвои миллат дар шароити муосир – намуна барои ҷавонон [Матн] / М.А. Сафарова // Иштироки ҷавонон дар идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ. – Душанбе. – С. 31-38.

[22-М]. Сафарова, М.А. Нигоҳе ба равзанаи мактаби суханварии Пешвои миллат ва нишонрасу таъсиргузор будани он [Матн] / М.А. Сафарова // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон – 5-6 октябри 2021 // Маҷмуаи мақолаҳо, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон. – Данғара, 2021. – С. 204-211.

[23-М]. Сафарзода, М.А. Вижагиҳои таҳияи маводди сомонаӣ дар қолаб ва жанрҳои публитсистӣ [Матн] / М.А. Сафарова // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи матбуот. Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои илм ва таҳсилоти журналистӣ дар шароити ташаккули рӯзноманигории чандрасонаӣ». – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С.137-144.

[24-М]. Сафарзода, М.А. Шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун заминаи шаклгирии имиҷи журналист дар Тоҷикистон [Матн] / М.А. Сафарова // Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад (маҷмуаи мақолаҳои конфренсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ, 18 марти соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 171-176.

[25-М]. Сафарзода, М.А. Эмомалӣ Раҳмон ва шаклгирии унсурҳои нави имиҷи ҷавонон тавассути озмунҳои ҷумҳуриявӣ [Матн] / М.А. Сафарова // Мактаби сиёсии Пешвои милллат. Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ – 10-11 июни 2022, ҲХДТ, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон. – Бохтар, 2022. – С. 161-165.

[26-М]. Сафарзода, М.А. Пажуҳиши масъалаҳои назариявии имиҷ ва имиҷсозӣ дар журналистика // Маводди конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи

«Нақши ВАО дар таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2023. – С. 33-36.

[27-М]. Сафарзода М. А. Внешний имиҷ Республики Таджикистан на информационных сайтах стран СНГ [Текст] / М.А. Сафарова // Zamonaviy elektron ommaviy axborot vositalari faoliyatining taraqqiyot tendensiyalari («Тенденция развития деятельности современных электронных СМИ». – Toshkent «Mashhur-Press», 2024. – С. 64-71.

[28-М]. Сафарзода, М.А. Заминаҳои ташаккули имиҷи сайёҳии Тоҷикистон [Матн] / М.А. Сафарова // Маводди Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Услубшиносӣ ва медиалингвистика: проблема ва дурнамо. – Душанбе, 2024. – С. 237-241.

[29-М]. Сафарзода, М.А.Ташреҳи воқеияти имиҷсоз дар қолаби жанрҳои иттилоотӣ [Матн] / М.А. Сафарова // Маводди Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назарӣ ва амалии публитсистикаи тоҷик дар замони муосир». – Душанбе, 2025. – С. 180-198.

[30-М]. Сафарзода, М.А. Симои Тоҷикистон дар ВАО-и хориҷӣ [Матн] / М.А. Сафарзода // Воситаҳои ахбори омма ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ. – Душанбе: Меҳроҷ Граф, 2025. – С. 104-116.